# НИЗОМНОМАҲОИ
# РАЁСАТ, ШУЪБА, МАРКАЗ ВА БАХШҲОИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Душанбе – 2023**

-

**Қарори**

Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 26 ноябри соли 2022, № 04 шаҳри Душанбе

Дар хусуси тасдиқ намудани «Низомномаҳои раёсат, шуъба ва бахшҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон»

Шурои олимони донишгоҳ пешниҳоди мудири шуъбаи ҳуқуқ Н.И.Муминзодаро «Дар хусуси тасдиқ намудани «Низомномаҳои раёсат, шуъба, марказ ва бахшҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» шунидаю баррасӣ намуда,

қарор кард:

1. Пешниҳоди мудири шуъбаи ҳуқуқи донишгоҳ Н.И.Муминзода «Дар хусуси тасдиқ намудани «Низомномаҳои раёсат, шуъба, марказ ва бахшҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ба инобат гирифта шавад.
2. Низомномаҳои раёсат, шуъба, марказ ва бахшҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ ва ба мавқеи иҷро вогузор карда шавад.
3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи ректори донишгоҳ Қ.Х. Хушвахтзода вогузор карда шавад.

Раиси Шурои<br>олимони ДМТ — Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шурои<br>олимони ДМТ — Солеҳзода Г.Д.

Бо қарори Шурои олимони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
аз «26» ноябри соли 2022, №04
тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАҲОИ
# РАЁСАТ, ШУЪБА, МАРКАЗ ВА БАХШҲОИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## Низомномаи Шурои олимон

## 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минъбад - Низомнома) санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки ба таври дақиқ вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби ташкил, фаъолият, ҳайат, ваколат, ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳайат ва дигар масъалаҳои Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро (минъбад – Шурои олимон), ки мақоми олии идоракунии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минъбад - Донишгоҳ) мебошад, муайян менамояд.

2. Шурои олимон бо мақсади баррасӣ ва ҳаллу фасли саривақтии масълаҳои асосии раванди таҳсилот, корҳои тарбиявӣ, илмию таҳқиқотӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, фаъолияти молиявию хоҷагидории Донишгоҳ таъсис дода мешавад.

3. Шурои олимон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи намунавии Шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

4. Шурои олимон мақоми коллегиалӣ буда, роҳбарии умумии Донишгоҳро таъмин менамояд.

5. Шурои олимон фаъолияти худро дар асоси принсипҳои ошкорбаёнӣ ва муҳокимаи дастаҷамъонаи масъалаҳо ба роҳ мемонад.

6. Шурои олимон метавонад намояндагони гурӯҳҳои гуногун, кормандон ва донишҷӯён, инчунин, дигар бахшҳои сохторҳои Донишгоҳро дар бар гирад.

## 2. ҲАЙАТИ ШУРОИ ОЛИМОН

5. Шумораи ҳайати Шурои олимон, меъёрҳои намояндагӣ аз воҳидҳои сохторӣ (квотаҳо) ва тартиби интихобот аз ҷониби ҷаласаи васеи кормандони илмӣ – педагогӣ, инчунин, намояндагони гурӯҳҳои дигари кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳ (минбаъд – ҷаласаи васеи кормандони Донишгоҳ) муайян карда мешавад.

6. Ба ҳайати Шурои олимон муовинони ректор, декани факултетҳо, мудирони кафедраҳои умумидонишгоҳӣ ва тахассусӣ, директорони воҳидҳои таркибӣ, сардорони раёсати таълим ва илм, намояндагони тамоми гурӯҳҳои кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳ, намояндагони иттифоқи касаба ва созмони ҷавонон интихоб шуда метавонанд.

7. Тартиби интихоби ҳайати аввали Шурои олимон дар ҷаласаи васеи кормандони Донишгоҳ муайян карда мешавад.

8. Квотаи намояндагӣ аз воҳидҳои сохторӣ ва тартиби интихоби ҳайат ба ҷаласаи васеи кормадони Донишгоҳ аз ҷониби Шурои олимони амалкунанда муайян карда мешавад. Аъзои Шурои олимон бидуни пешбарӣ ва овоздиҳии иловагӣ вакили ҷаласаи васеи кормандони Донишгоҳ маҳсуб меёбанд. Зимнан, шумораи онҳо набояд зиёда аз 50%-и шумораи умумии аъзои ҷаласаи васеи кормандони Донишгоҳро ташкил диҳад.

9. Ҳайати Шурои олимон бо фармоиши ректори Донишгоҳ дар асоси қарори ҷаласаи васеи кормандони Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

10. Аъзои Шурои олимон дар мавриди аз кор озод шуданаш аз ҳамон лаҳза аз ҳайати Шурои олимон хориҷ мегардад.

11. Аъзои нави Шурои олимон тибқи тартиби муқарраргардида интихоб гардида, бо фармоиши ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

12. Муҳлати ваколатҳои Шурои олимон наметавонад аз 5 сол зиёд бошад. Аз нав ва пеш аз муҳлат интихоб намудани аъзои Шурои олимон бо тарафдории на камтар аз нисфи аъзои Шурои олимон гузаронида мешавад.

13. Тағйир додани ҳайат ва шумораи аъзои Шурои олимон дар доираи ваколатҳо дар ҳолатҳои зерин имкон дорад:

- ҳангоми дар Донишгоҳ таъсис ёфтани воҳидҳои сохториву зерсохтории нави сатҳи умумидонишгоҳӣ бо теъдоди ҳадди ақали квотаҳои муқаррарнамудаи ҷаласаи васеи кормандони Донишгоҳ барои сохтори мавҷуда, ки ҳангоми интихоботи Шурои олимон ба амал омадааст;
- ҳангоми ба амал омадани тағйироти назаррас дар сохтори мавҷудаи воҳидҳои сохтории таълимӣ илмӣ (таъсиси сохтори нав ё ихтисоршавӣ);
- бо хоҳиши худаш ва муроҷиати хаттӣ аз аъзогии Шурои олимон даст кашидани аъзои Шурои олимон;
- дар сурати фавти аъзо.

14. Дар ҳама ҳолатҳои зикршуда гузаронидани интихоботи такрорӣ ва ё бозхонди аъзои Шурои олимон аз ин сохторҳо дар муҳлатҳои ваколати Шурои олимони аз ин сохторҳо дар муҳлатҳои ваколати Шурои олимони амалкунанда мувофиқи квотаҳои муқарраршуда ногузир мебошад.

15. Ваколатҳои аъзои Шурои олимонро пеш аз муҳлат қатъ кардан мумкин аст:

- бо сабаби ба охир расидани муҳлати шартномаи меҳнатӣ ва ба муҳлати нав интихоб нагардидан;
- бо хоҳиши худ ба унвони ректори Донишгоҳ ариза пешниҳод кардан;
- дар робита ба бозхонди воҳиди сохторӣ;
- бинобар имконнопазир будани иҷрои вазифаҳои аъзои Шурои олимон (бемории тулонӣ, сафари хизматии тулонӣ);
- зиёда аз 2 маротиба бесабаб дар ҷаласаҳои Шурои олимон иштирок накардан;
- дар сурати аз кор озод шудани аъзои Шурои олимон.

## 3. ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ШУРОИ ОЛИМОН

16. Вазифаҳои асосии Шурои олимон аз инҳо иборат мебошанд:

- амалисозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм, аз ҷумла консепсия, барномаҳои давлатӣ, лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва таҳияи пешниҳод оид ба такмили онҳо;
- муттаҳид намудан ва самаранок истифода бурдани неруӣ илмӣ, таълимӣ ва методии ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони Донишгоҳ, инчунин, захираҳои моддӣ;
- назорат ва баррасии ҷараён ва натиҷаи фаъолияти солонаи таълиму тарбия, корҳои илмию таҳқиқотӣ, эҷодию ҳунарӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, молиявӣ ва хоҷагидорӣ;
- шунидани ҳисоботи ректори Донишгоҳ, муовинони ректор, сардорони раёсатҳо, деканҳо ва роҳбарони дигар сохторҳои зертобеъ, ташкилотҳои ҷамъиятии назди Донишгоҳ оид ба фаъолияти таълимӣ, илмию таҳқиқотӣ, корҳои тарбиявӣ ва омода кардани мутахассисон;
- дастгирии ташаббусу навгониҳо оид ба баланд бардоштани мазмуну мундариҷаи таҳсилоти олӣ ва вусъат бахшидан ба раванди стандартҳои ҷаҳонии таҳсилот дар Донишгоҳ;
- баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои хусусияти бунёдидоштаи раванди таълиму тарбия;
- таҳлили вазъи татбиқи технологияҳои инноватсиониву коммуникатсионӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ;
- баррасии баргузории конференсияҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои таълимию илмӣ оид ба масъалаҳои таҳсилоти олӣ ва илм бо мақсади такмили ихтисос ва баланд бардоштани сатҳи донишу ҷаҳонбинии кормандони Донишгоҳ;

- баррасии масъалаҳои дигари марбут ба фаъолияти Донишгоҳ.

## 4. ВАКОЛАТҲОИ ШУРОИ ОЛИМОН

17. Ба ваколаҳои Шурои олимон дохил мешаванд:

- тасдиқ ва тағйир додани Оиннома, Низомнома ва таъсисдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии сохторҳои Донишгоҳ;
- тасдиқи ҳисоботҳои се, шаш, нуҳ, солона ва тавозуни муҳосибавии Донишгоҳ;
- пешниҳод оид ба такмил ва вориднамудани тағйирот дар нақша ва барномаҳои таълимии омода кардани мутахассисон;
- танзими масъалаҳои ташкили раванди таълим, аз ҷумла тағйири таносуби машғулиятҳои гуногуни таълимӣ, корҳои мустақилона ва амалии донишҷӯён;
- номгӯи ихтисосҳо, тахассусҳо, курсҳои омӯхташаванда ва шумораи онҳо, шаклҳои назорати дониши донишҷӯён, вақти оғоз ва анҷоми давраҳои таҳсили семестрҳои таълимӣ ва сессияҳои санҷишу имтиҳониро муайян мекунад;
- нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимиро муҳокима менамояд, тибқи талаботи муқарраршуда ба онҳо тағйирот ворид менамояд;
- номгӯи ихтисосҳоро, ки аз рӯйи он таҳсилот дар Донишгоҳ сурат мегирад, тасдиқ мекунад;
- тағйир ва пуррагардонии меъёрҳои намунавии вақт барои ҳисоби хаҷми умумии корҳои таълимӣ;
- тавсияи номзадҳо ҷиҳати дарёфти стипендияи донишҷӯён;
- тасдиқи захираҳои молиявӣ ва меҳнатӣ;
- тасдиқи нақшаи корҳои илмӣ таҳқиқоти ва эҷодии кормандони илмию омӯзгорӣ;
- ташкили озмун барои ишғоли вазифаҳои холии профессорӣ, дотсентӣ, муаллими калон ва мудирони кафедраҳо;
- мутобиқи тартиботи муқарраршуда номзадҳоро барои интихоб ба ҳайати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои педагогии Тоҷикистон пешбарӣ менамояд;
- унвони доктори фахрии Донишгоҳро ба арбобони давлатӣ, ходимони ҷамъиятӣ, олимони ватанӣ ва давлатҳои хориҷӣ медиҳад;
- бо тартиби муқарраршуда пешниҳод манзур намудан ҷиҳати гирифтани унвони илмии профессор ва дотсент;
- пешбарии номзад барои соҳиб гардидан ба мукофотҳои давлатӣ;
- додани унвонҳои ифтихорӣ ва стипендияҳои номии Донишгоҳ;
- масъалаҳои тайёр намудан, такмили ихтисос ва ҳавасмандгардонии кадрҳоро баррасӣ намуда, барои дохил шудан ба аспирантура, докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD) докторантура, коромӯзӣ ва гузаронидани омӯзгорон ба вазифаи ходими илмӣ ва анҷом додани рисолаҳои докторӣ тавсияҳо медиҳад;

- масъалаҳои асосии дурнамои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Донишгоҳро баррасӣ менамояд;

- дар хусуси ба омӯзгорон ва кормандон додани рухсатии эҷодӣ, фиристодан ба докторантура ва курсҳои такмили ихтисос розигӣ медиҳад;

- бо пешниҳоди ректор аз 2/3 ҳиссаи аъзои кафедра масъалаи пеш аз муҳлат аз вазифа озод намудани мудири кафедраро баррасӣ менамояд;

- тасдиқи харҷномаи даромад ва хароҷоти Донишгоҳ;

- харҷномаи даромад ва хароҷоти маблағҳои махсуси Донишгоҳро муҳокима ва тасдиқ намуда, ҳисоботи солонаи иҷрои нархномаи мазкурро баррасӣ ва хулосагирӣ менамояд;

- таъсиси гурӯҳҳои кории муваққатӣ ва доимӣ ҷиҳати таҳияи таклифу пешниҳод барои иҷрои вазифаҳои ба Шурои олимон вогузоршуда;

- муайянкунии принсипҳои тақсимоти захираҳои молиявӣ, моддӣ ва меҳнатӣ;

- ҳаллу фасли масъалаҳои муҳими таълимӣ, тарбиявӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва фаъолияти истеҳсолӣ;

- масъалаҳои такмили идора ва сохтори Донишгоҳ, аз ҷумла, ташкил (барҳамдиҳи)-и институтҳо, марказҳо, пажӯҳишгоҳҳо, донишкада, факултетҳо, кафедраҳо, раёсатҳо, шуъбаҳо, лабораторияҳо ва дигар ҷузъҳои таълимӣ, илмӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасониро баррасӣ намуда, ба муассис пешниҳод менамояд;

- қабули қарорҳо оид ба баланд бардоштани сифати омода намудани мутахассисон ва дараҷаи таҳқиқотҳои илмӣ;

- тасдиқи мавзуъҳо ва роҳбарон (мушовирон)-и илмии рисолаҳои докторантони ҳабелитат, (докторантони анъанавӣ), докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD), унвонҷӯён, магистрон, инчунин, мавзуъҳои рисолаҳои хатм ва роҳбарони зинаи бакалавриат;

- дигар ваколатҳое, ки қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

## 5. РОҲБАРИИ ШУРОИ ОЛИМОН

18. Шурои олимон аз раис, муовини раис, котиби Шурои олимон ва аъзо иборат мебошад.

19. Раиси Шурои олимон ректори Донишгоҳ мебошад. Муовини раиси Шурои олимон муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим мебошад, ки аз ҷониби раиси Шурои олимон таъин гардида, ҳангоми иштирок надоштани раис ваколатҳои ӯро иҷро менамояд.

20. Раиси Шурои олимон ваколатҳои зерин дорад:

- ба ҷаласаҳои Шурои олимон раисӣ менамояд;
- ҷаласаро аз руйи рӯзномаи тасдиқшуда баргузор менамояд;
- риояи низом (реҷаи корӣ, регламент)-ро назорат менамояд;
- Нақшаи корӣ, рӯзномаи маҷлис ва рӯйхати ба маҷлиси Шурои олимон даъватшударо тасдиқ менамояд;

- ба протоколи маҷлиси Шурои олимон имзо менамояд;
- масъалаи баргузории маҷлиси навбатӣ ва ғайринавбатии Шурои олимонро ҳал менамояд;
- ба рузномаи маҷлиси Шурои олимон масъалаҳое, ки баррасии фавриро талаб мекунанд, ворид менамояд;
- оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ҳайати Шурои олимон ва Низомномаи он таклиф пешниҳод менамояд.

21. Ваколатҳои муовини раиси Шурои олимон:
- дар мавриди набудани раиси Шурои олимон ҷаласаи Шурои олимонро раисӣ менамояд;
- дар ташкили кори Шурои олимон ва омода намудани Нақшаи кори он иштирок менамояд;
- иҷрои дигар супоришҳои раиси Шурои олимонро таъмин менамояд.

22. Ташкили фаъолияти Шурои олимон ба зиммаи котиби Шурои олимон вогузор мегардад, ки ректори Донишгоҳ онро аз ҷумлаи аъзои Шурои олимон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

23. Ба вазифаи котиби Шурои олимони Донишгоҳ шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олӣ, дараҷаву унвони илмӣ, малакаи кор дар компютер, озодона гуфтугӯ кардан ва қобилияти таҳияи хуҷҷатҳоро бо забонҳои давлатӣ ва русӣ ва собиқаи корӣ дар Донишгоҳ на камтар аз 5 солро дошта бошад.

24. Ваколатҳои котиби Шурои олимон:
- лоиҳаи протоколҳои маҷлиси Шурои олимон ва дигар ҳуҷҷатҳои содиротиро омода менамояд;
- як ҳафта пеш аз ҷаласаи навбатии Шурои олимон лоиҳаи қарорҳои масъалаҳои баррасишавандаро ба аъзои Шурои олимон тариқӣ электронӣ ирсол менамояд;
- аъзои Шурои олимонро доир ба баргузории ҷаласаи Шурои олимон огоҳ менамояд;
- таҳия ва ворид намудани пешниҳодро ба Нақшаи кории Шурои олимон ташкил менамояд;
- ҷараёни иҷрои Нақшаи корӣ ва протоколҳои ҷаласаи Шурои олимонро назорат менамояд;
- дар 5 моҳ як маротиба оид ба иҷрои қарорҳои Шурои олимон дар ҷаласаи Шурои олимон ҳисобот медиҳад;
- фаъолияти ташкилию техникӣ ва иттилоотии Шурои олимонро таъмин менамояд;
- аъзои Шурои олимонро, ки дар ҷаласаи Шурои олимон ҳузур доранд, ба қайд мегирад;
- протоколи маҷлис ва овоздиҳиро ташкил мекунад;
- протоколи ҷаласаро тартиб медиҳад ва аз қарорҳои Шурои олимон иқтибос меорад;

- парвандаҳои шахсиро барои додани унвонҳои илмӣ ба низом медарорад;
- бо парвандаҳои озмунии ҳайати омӯзгорон кор мебарад;
- аз болои кори шуроҳои олимони факултетҳо ва котибони онҳо назорат ва машварат менамояд;
- иҷрои вазифаҳои дигари ба самти ӯ вобастадоштаро таъмин менамояд.

25. Ҳуқуқҳои аъзои Шурои олимон:
- дар ҷаласаҳои Шурои олимон шахсан бо ҳуқуқи овози ҳалкунанда иштирок менамоянд;
- ба рӯзномаи ҷаласа ва Нақшаи кории Шурои олимон таклиф пешниҳод менамоянд;
- ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи Шурои олимон номзадии кормандони Донишгоҳ ва шахсони алоҳидаро пешниҳод менамоянд;
- дар омода кардани ҳуҷҷатҳои ҷаласаҳои Шурои олимон иштирок менамоянд;
- дар баррасии масъалаҳои муҳокимашаванда иштирок карда, фикру андешаи хешро оид ба он баён менамоянд;
- оид ба масъалаи ташкили комиссиҳо ва гурӯҳҳои корие, ки Шурои олимон созмон медиҳад, пешниҳод манзур менамоянд;
- маводи ҷаласаҳои Шурои олимонро, ки ба онҳо вобастагӣ дорад ва ё бо ташаббуси онҳо ба баррасӣ пешниҳод гардидаанд, таҳия менамоянд;
- маълумоти заруриро бо дархости раиси Шурои олимон ё муовини ӯ оид ба масъалаҳои дахлдор пешниҳод менамоянд.

26. Аъзои Шурои олимон уҳдадоранд:
- дар ҷаласаҳои Шурои олимон иштирок намоянд;
- дар овоздиҳии (кушода ё пинҳонӣ) иштирок намоянд;
- пеш аз оғози ҷаласа ва ҳангоми гирифтани бюллетенҳои овоздидии пинҳонӣ дар рӯйхати ҳозирон сабти ном шаванд;
- оид ба кори худ дар бахшҳое, ки дар Шурои олимон намояндагӣ мекунанд, ҳисобот диҳанд;
- супоришҳои дигари раиси Шурои олимонро иҷро намоянд.

## 6. ТАРТИБИ КОРИ ШУРОИ ОЛИМОН

27. Шурои олимон фаъолияти худро дар асоси Нақшаи корӣ, ки он дар ҷаласаи якуми Шурои олимон ба муҳлати як соли таҳсил қабул ва аз ҷониби раиси он тасдиқ карда мешавад, ба роҳ мемонад.

28. Нақшаи кории Шурои олимон дар асоси пешниҳоди ректор, муовинони ректор, деканон ва аъзои Шурои олимон таҳия карда мешавад.

29. Нақшаҳои фаъолияти комиссиҳои назди Шурои олимон, ки дар асоси Нақшаи кори Шурои олимон тартиб дода мешаванд, аз ҷониби раисони комиссияҳо тасдиқ мегарданд.

30. Шакли асосии фаъолияти Шурои олимон ҷаласаи Шурои олимон мебошад, ки тибқи Нақшаи кории Шурои олимон, инчунин, қарори раиси Шурои олимон гузаронида мешавад.

31. Тартиби кори Шурои олимон аз ҷониби раиси Шурои олимон ва ё бо супориши ӯ аз ҷониби муовини раиси Шурои олимон муайян карда мешавад.

32. Ҷаласаи Шурои олимонро раиси Шурои олимон ва ё бо супориши ӯ муовини раиси Шурои олимон мегузаронад.

33. Ҷаласаи Шурои олимон дар як моҳ на камтар аз як маротиба ба истисноӣ рӯзҳои таътили тобистона (июл, август) баргузор карда мешавад. Дар ҳолати зарурӣ Шурои олимон метавонад, ҷаласаи ғайринавбатии худро баргузор намояд, ки дар он танҳо масъалаҳое баррасӣ карда мешаванд, ки асоси даъвати Шурои олимон гардидаанд.

34. Ҷаласаи Шурои олимон дар мавриде салоҳиятдор ҳисоб карда мешавад, ки дар кори он аз 2/3 ҳиссаи аъзои Шурои олимон иштирок намоянд. Аъзои Шурои олимон дар кори ҷаласаи он бидуни ҳуқуқи ивазшавӣ ширкат меварзанд.

## 7. ТАШКИЛИ КОРИ ШУРОИ ОЛИМОН

35. Шурои олимон дар ҳайати пурраи худ ва тавассути комиссияҳои доимӣ ё муваққатӣ фаъолият менамояд.

36. Раиси комиссияи доимиро Шурои олимон интихоб намуда, комиссияи доимӣ ва кори онро ташкил менамояд.

37. Вазифаҳои комиссияҳои Шурои олимон:

- таҳияи пешакии масъалаҳое, ки ба ҷаласаи Шурои олимон пешниҳод карда мешаванд;
- иштирок дар омода кардани қарорҳои Шурои олимон;
- назорати иҷрои қарорҳои Шурои олимон.

38. Шурои олимон метавонад ҳуқуқи қабули қарор аз рӯйи баъзе масъалаҳоро ба шуроҳои олимони факултетҳо, комиссияҳои Шурои олимони Донишгоҳ вогузор намояд.

39. Аъзои Шурои олимон, ки барои таҳияи масъала масъул аст, бояд на дертар аз 10 рӯз то баргузории ҷаласаи Шурои олимон лоиҳаи қарори бо комиссияи дахлдор мувофиқашударо ба котиби Шурои олимон пешниҳод намояд.

## 8. ТАРТИБИ КОР ВА ҚАБУЛИ ҚАРОРҲО

40. Ҷаласаҳои Шурои олимон аз ҷониби раиси Шурои олимон тибқи Нақшаи кории Шурои олимон на камтар аз як маротиба дар як моҳ ба истисноӣ рӯзҳои рухсатии меҳнатӣ (моҳи июл, август) даъват карда мешаванд. Дар мавриди зарурат раиси Шурои олимон ҳуқуқ дорад, ки ҷаласаҳои ғайринавбатии Шурои олимонро даъват намояд.

41. Пеш аз оғози ҷаласа бақайдгирии аъзои Шурои олимон гузаронида мешавад.

42. Ҷаласа бо тасдиқи рӯзномаи ҷаласа оғоз меёбад. Шурои олимон ваколатдор аст, ки агар дар ҷаласа на камтар аз 2/3 ҳиссаи ҳайати комиссия ҳозир бошанд, қарори дахлдор қабул намояд.

43. Раиси Шурои олимон ва муовини ӯ дар ҳама ҳолат ҳуқуқи баромад карданро доранд.

44. Дар ҷаласаи Шурои олимон тартиби корӣ (дастур) қабул карда мешавад.

45. Ба музокира бо қабули аксарияти овози аъзои Шурои олимон, ки дар ҷаласа иштирок доранд, хотима дода мешавад.

46. Баъд аз анҷоми музокира маърӯзачӣ ва ҳаммаърӯзачӣ ҳуқуқ доранд, ки бо сухани хотимавӣ баромад намоянд.

47. Раисикунанда пеш аз оғози овоздиҳӣ шумораи пешниҳод барои гузоштан ба овоздиҳиро баён ва шаклу қолаби онҳоро муайян менамояд.

48. Қарорҳои Шурои олимон чун анъана бо овоздиҳии кушод қабул карда мешаванд. Қарори Шурои олимон дар мавриде қабулшуда ҳисобида мешавад, ки ба ҷонибдории он аз нисф зиёди аъзои Шурои олимон, ки дар маҷлис иштирок доранд, овоз дода бошанд.

49. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ қарори Шурои олимонро дар ҳолатҳои зерин бекор карда метавонанд:

- агар қарори қабулшуда хилофи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бошад;
- агар қарори қабулшуда берун аз салоҳияти Шурои олимон бошад;
- агар қарори қабулшуда ба ҷараёни таълиму тарбия ва фаъолияти илмию методии Донишгоҳ таъсири манфӣ расонад;
- агар қарори қабулшуда аз ҷониби суд беэътибор дониста шавад.

50. Ҷаласаҳои Шурои олимон бо протокол ба расмият даровarда шуда, аз ҷониби раиси ҷаласа ва котиби Шурои олимон имзо ва бо фармоиши ректори Донишгоҳ амалӣ карда мешаванд.

51. Қарори Шурои олимон ба тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳолатҳои зерин қабул карда мешавад:

- зимни баргузор намудани интихоби озмуни вазифаи профессор, дотсент ва мудири кафедра;
- пешниҳод барои додани унвонҳои илмии профессор ва дотсент (тибқи тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ»);
- пешбарии асарҳо ба озмуни ҷоизаҳои давлатӣ;
- аз рӯйи масъалаҳои дигар дар асоси қарори махсуси Шурои олимон гузаронида мешавад.

52. Овоздиҳии пинҳонӣ бо додани бюллетенҳои овоздиҳӣ гузаронида мешавад.

53. Барои гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ ва муайян кардани натиҷаҳои он аз ҳисоби аъзои Шурои олимон комиссияи ҳисоб (на камтар се нафар) интихоб карда мешавад, ки он:

- раиси комиссияи ҳисобро интихоб менамояд;
- бюллетенҳоро барои овоздиҳии пинҳонӣ ба аъзои Шурои олимон бо гирифтани имзои онҳо медиҳад;
- қуттии интихоботиро дар хонаи алоҳида мекушояд ва овозҳоро ҳисоб мекунад;
- аз рӯйи натиҷаҳои овоздиҳӣ протоколи маҷлиси комиссияи ҳисобро таҳия ва имзо менамояд;
- раиси комиссияи ҳисоб дар ҷаласаи Шурои олимон матни протоколро мехонад.

54. Протокол бо овоздиҳии кушода бо аксарияти овозҳои аъзои дар ҷаласаи Шурои олимон иштирокдошта тасдиқ карда мешавад.

55. Бюллетенҳои овоздиҳии пинҳонӣ баъди тасдиқи протоколи маҷлиси комиссияи ҳисоб дар лифофа бо гузоштани муҳри ректор ва дар парвандаи довталаб нигоҳдорӣ карда мешаванд.

## 9. КОМИССИЯҲОИ ШУРОИ ОЛИМОН

56. Дар ҳайати Шурои олимон оид ба самтҳои асосии фаъолияти Донишгоҳ комиссиҳои зерин таъсис дода мешаванд:
- оид ба корҳои таълимӣ-методӣ;
- оид ба корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ:
- оид ба иқтисодиёт, молия ва рушди иҷтимоӣ;
- оид ба кадрҳо, одоби касбӣ ва назорати иҷроиши Қарорҳои Шурои олимони Донишгоҳ;
- оид ба корҳои ҳуқуқӣ ва робита бо ҷомеа;
- оид ба корҳои тарбиявӣ;
- оид ба робитаҳои байналмилалӣ.

57. Рӯйхат ва ҳайати комиссияҳо, инчунин, раисони он бо қарори Шурои олимон тасдиқ карда мешаванд.

58. Ҳар як аъзои Шурои олимон бояд дар кори ақаллан як комиссияи Шурои олимон иштирок намояд. Аъзои Шурои олимон ҳуқуқ дорад, ки аъзои на бештар аз ду комиссия ва раиси на зиёда аз як комиссия бошад.

59. Самти асосии фаъолияти комиссияҳо тайёрӣ ва баррасии пешакии масъалаҳои рӯзномаи Шурои олимон мебошад. Комиссияҳо масъалаҳои баррасишаванда ва лоиҳаи қарорҳои Шурои олимонро таҳия ва омода менамоянд.

60. Аъзои Шурои олимон, ки барои баррасӣ дар ҷаласаҳои Шурои олимон масъала пешниҳод менамоянд, бояд лоиҳаи қарорро пешакӣ дар ҷаласаи комиссияи дахлдори Шурои олимон муҳокима намоянд.

61. Қарори комиссия дар ҷаласаи он бо овоздиҳии кушода бо аксарияти овозҳо қабул карда мешавад.

62. Ҷаласаи комиссия дар сурате салоҳиятнок дониста мешавад, ки дар кори он на камтар аз 2/3 ҳиссаи ҳайати комиссия иштирок дошта бошад.

63. Аъзои Шурои олимон ҳуқуқ доранд, ки дар кори ҷаласаи ҳар як комиссия бо овози машваратӣ иштирок намоянд.

## 10.САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ КОМИССИЯҲО

64. Комиссия оид ба корҳои таълимӣ - методӣ ваколатҳои зерин дорад:

- омодагӣ ба ҷаласаи Шурои олимон оид ба масъалаҳои марбут ба корҳои таълимӣ;
- дастгирии экспертӣ барои таҳияи самтҳои асосии сиёсати таълимии Донишгоҳ;
- баррасии дархостҳои шуроҳои олимони факултетҳо ва таҳияи пешниҳод ба Шурои олимони Донишгоҳ дар бораи таъсис додани барномаҳои нави таҳсилотӣ, инчунин, ташкил, азнавташкилдиҳӣ, барҳам додан ва иваз кардани номи кафедраҳо;
- таҳлили вазъи таҳия ва такмили васоити таълимӣ, нашри китобҳои дарсӣ ва маводи методӣ;
- ташхиси хуҷҷатҳои меъёрии фаъолияти таълимӣ, ки дар Шурои олимони Донишгоҳ баррасӣ мегарданд;
- якҷоя бо дигар комиссияҳо таҳия намудани низомномаҳои шуъбаҳои асосии Донишгоҳ;
- баррасии номзадҳо ба мукофотҳои соҳавӣ ва давлатӣ пешниҳодгардида, пешниҳоди онҳо ҷиҳати тасдиқ ба Шурои олимон ва дар бораи онҳо ба мақомоти дахлдор пешниҳод кардани тавсиянома оид ба додани мукофот.

65. Комиссия оид ба корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ваколатҳои зерин дорад:

- таҳияи масъалаҳои фаъолияти илмӣ дар Донишгоҳ;
- шиносоӣ бо самтҳои асосӣ ва дастовардҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар сохторҳои асосии Донишгоҳ;
- баррасии ҳисоботи солона оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар Донишгоҳ;
- баррасии нақшаҳои солона ва чорабиниҳои илмӣ оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳ;
- баррасӣ ва назорати омодагӣ ва баргузории олимпиадаҳои фаннии донишҷӯёни Донишгоҳ;
- баррасии корҳои олимони ҷавон ва донишҷӯён, ки ба озмунҳои илмии Донишгоҳ пешниҳод гардидаанд ва таҳияи пешниҳод ба Шурои олимон ҷиҳати ҳавасмандгардонии онҳо (стипендияҳои номӣ);
- ташхиси ҷоизаҳои асноди меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҷиҳати баррасӣ ба Шурои олимон пешниҳод шудаанд, хусусияти дохилӣ доранд ва ба масъалаҳои фаъолияти илмӣ — таҳқиқотии Донишгоҳ марбут мебошанд;
- манзур намудани пешниҳод ҷиҳати баррасӣ дар Шурои олимон оид ба таъсиси мукофотҳои номӣ, стипеидияҳо, ифтихорномаҳои Донишгоҳ, нишонҳои хотиравӣ ва дигар мукофотҳо барои омӯзгорону

кормандон ва донишҷӯёне, ки дар соҳаи илм ба комёбиҳои назаррас ноил гардидаанд.

66. Комиссия оид ба иқтисодиёт, молия ва рушди иҷтимоӣ ваколатҳои зерин дорад:

- баррасии буҷети Донишгоҳ;
- таҳлили вазъи молиявию иқтисоди (буҷети)-и Донишгоҳ;
- таҳияи принсипҳо ва меъёрҳои умумии худидоракунии молиявии кафедраҳо ва дигар сохторҳои воҳидии Донишгоҳ, тартиби муқаррар намудани маоши иловагӣ ва кумакпулӣ ба музди меҳнати омӯзгорону кормандони Донишгоҳ;
- арзёбии самаранокии хароҷот ва таҳияи пешниҳод оид ба сарфаи захираҳо;
- таҳия ва баррасии нақшаҳои стратегӣ ва барномаҳои рушди иҷтимоии Донишгоҳ;
- таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба тартиби тақсимоти маблағҳои буҷетӣ, дар бораи фаъолияти ғайрибуҷетии сохторҳо (кафедраҳо), дар бораи низоми тадбирҳо оид ба баҳисобгирӣ, ҳифз ва афзун гардондани захираҳои моддии Донишгоҳ;
- таҳияи механизмҳои иқтисодии ҳамкории сохторҳои дохилии Донишгоҳ.

67. Комиссия оид ба захираҳои кадрӣ, одоби касбӣ ва назорати иҷроиши Қарорҳои Шурои олимони Донишгоҳ ваколатҳои зерин дорад:

- гузаронидани таҳлил ва коркарди таклифу пешниҳод оид ба беҳтар намудани сиёсати кадрӣ дар Донишгоҳ;
- муоина ва баррасии пешакии корҳои номзадҳо барои ишғоли ҷойҳои кории холӣ ва парвандаҳои пешниҳодшудаи номзадҳо барои гирифтани мукофотҳои соҳавӣ ва давлатӣ;
- пешниҳоди таклифҳо вобаста ба сифати коргузорӣ дар Донишгоҳ;
- назорат бурдан оид ба иҷрои қарорҳои Шурои олимони Донишгоҳ дар сохторҳои Донишгоҳ, факултетҳо, кафедраҳои умумидонишгоҳӣ.

68. Комиссияи оид ба масъалаҳои ҳуҷҷатҳо ва робитаҳои ҷамъиятӣ ваколатҳои зерин дорад:

- таҳияи механизмҳои ҳуқуқии ҳамкорӣ дар байни сохторҳои Донишгоҳ;
- ташхиси ҳуқуқии пешниҳод оид ба тағйирот дар сохторҳои Донишгоҳ, барҳам додан ва аз нав ташкил кардани сохтору зерсохторҳои Донишгоҳ;
- ташхиси ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки барои баррасӣ ба Шурои олимон пешниҳод шудаанд ва таҳияи тавсияҳо оид ба ҳамкории Донишгоҳ бо дигар шахсони ҳуқуқӣ;
- таҳлили ҳуқуқии лоиҳаҳои қарорҳои қабулшуда.

69. Комиссия оид ба корҳои тарбиявӣ ваколатҳои зерин дорад:

- таҳияи Консепсияи сиёсати ҷавонони Донишгоҳ;

- баррасии масъалаҳои ташкил ва баргузории корҳои тарбиявӣ, фарҳангию оммавии Донишгоҳ;

- омода намудани масъалаҳои некуаҳволии иҷтимоӣ, имтиёзҳо ва кафолатҳои иҷтимоӣ;

- ҷудо намудани самтҳои афзалиятноки корҳои тарбиявӣ ва иҷтимоӣ бо донишҷӯёни Донишгоҳ;

- таҳияи таклифу пешниҳод оид ба истифодаи самараноки маблағҳои молиявӣ ва воситаҳои моддию техникии чорабиниҳои тарбиявӣ, фарҳангию оммавӣ ва варзишию тандурустӣ;

- таҳлили самаранокии кор дар Донишгоҳ ва факултетҳои он вобаста ба самти корҳои тарбиявӣ, фарҳангию оммавӣ ва варзишию тандурустии донишҷӯён;

- иштирок дар рушди анъанавӣ ва шаклҳои нави худидоракунии донишҷӯён, омӯзиши талабот, дархост, манфиатҳои донишҷӯёни Донишгоҳ;

- баррасии санадҳои меъёрии дохили Донишгоҳӣ дар бораи ташкили таълим, истироҳат ва ҳифзи иҷтимоии донишҷӯён.

70. Комиссияи муносибатҳои байналмилалӣ ваколатҳои зерин дорад:

- таҳлили вазъ ва ҳамкориҳои самараноки байналмилалии Донишгоҳ;

- иштирок дар муайян намудани самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои байналмилалӣ;

- таҳияи пешниҳод оид ба рушди самтҳои стратегӣ дар соҳаи робитаҳои байналмилалии илмӣ - техникӣ ва таълимӣ;

- ташхиси номзадии олимони хориҷӣ ва ходимони ҷамъиятию сиёсӣ, ки ба Шурои олимон ҷиҳати додани унвони «Доктори фахрии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» пешниҳод гардидаанд.

## 11. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

71. Дар матни Низомномаи мазкур бо тартиби муқарраргардида тағйироту иловаҳо ворид карда мешавад.

72. Низомномаи мазкур аз рӯзи қабул ва тасдиқ шуданаш эътибори ҳуқуқӣ пайдо менамояд.

73. Дар мавриди вайрон кардани меъёрҳои Низомномаи мазкур шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо тартиби муқарраргардида ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

## НИЗОМНОМАИ
## ШУРОИ ИЛМИЮ МЕТОДӢ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Шурои илмию методии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ», Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таълимии маълумоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

2. Фаъолияти Шурои илмию методӣ ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ, қарори Шурои олимон ва фармоишу дастурҳои ректори Донишгоҳ ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим ва маҳорати касбии омӯзгорон, ҷустуҷӯйи роҳҳо ва усулҳои пешқадами таълим, инчунин истифода технологияи инноватсионӣ дар ҷараёни таълим нигаронида шудааст.

3. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур тибқи тавсияи Шурои илмию методӣ бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ ворид карда мешавад.

## II. ВАЗИФА ВА САЛОҲИЯТҲОИ ШУРОИ ИЛМИЮ МЕТОДӢ

4. Муайян кардани дурнамо ва самтҳои фаъолияти таълимию методӣ ва илмию тарбиявии донишгоҳ;

5. Ҳамоҳангсозии фаъолияти таълимию методии омӯзгорону кормандони факултетҳо, кафедраҳо ва сохторҳои таркибии Донишгоҳ дар самти таҳияи нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ, силлабус ва саволномаҳои имтиҳонию санҷишӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методӣ, тавсияҳои методӣ ва коркарди меъёри баҳодиҳӣ ба дониши донишҷӯён;

6. Таҳияи тавсияҳои боэътимоди илмӣ доир ба масъалаҳои ташкил ва такмили корҳои таълимию методӣ аз рӯйи равияҳо, ихтисосҳо ва тахассусҳои роиҷи донишгоҳӣ;

7. Таҳия ва таъмини тавсияҳои методӣ оид ба мураттаб сохтани ҳуҷҷатҳои меъёрии донишгоҳӣ роҷеъ ба корҳои таълимию методӣ (лоиҳаи талаботи ҳадди ақалли мазмуну мундариҷаи Стандартҳои давлатии таълимии маълумоти олии касбӣ, лоиҳаи нақшаҳои корӣ, намунавӣ ва таҷрибавии таълимӣ, таҳияи барномаҳои таълимии фанни (силлабусҳо, маҷмуи саволу ҷавобҳои тестӣ (санҷишӣ), саволу ҷавобҳои рейтингӣ), таҳияи ҳуҷҷатҳои ҳисоби воҳиди штатҳо ва тақсими сарбориҳои таълимии омӯзгорон, низомномаҳо ва дастурамалҳои донишгоҳӣ);

8. Ширкат дар таҳияи тавсияҳо оид ба такмили таснифоти ҷумҳуриявии ихтисосҳо, равияи ихтисосҳо ва тахассусҳое, ки аз рӯйи онҳо мутахассисони дорои таҳсилоти олии донишгоҳӣ тайёр карда мешаванд;

9. Таъмини таҳияҳои илмию методӣ ҷиҳати татбиқи технологияи инноватсионӣ дар раванди таълим ҷиҳати мутобиқ намудани ҷараёни таълими донишгоҳӣ ба фазои умумиҷаҳонии таҳсилот (низоми таҳсилоти кредитӣ, усули фосилавии таълим, истифодаи технологияи компютерӣ ва интернет дар ҷараёни таълим, шиносоӣ бо нанотехнология ва дигар воситаҳои иттилоотӣ – иртиботӣ);

10. Таҳлилу натиҷагирии сатҳи донишазбаркунии донишҷӯён, таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба маниторинг ва назорати сифати таълим ва аттестатсияи донишҷӯён;

11. Таҳлили натиҷаи корҳои илмию методии омӯзгорону кормандони факултетҳо, кафедраҳо, сохторҳои таркибӣ, омӯзгорони алоҳида ҷиҳати бозсозии раванди таълим ва татбиқи таҳияҳои илмӣ дар ҷараёни таълим;

12. Омӯзиши таҷрибаи пешқадами омӯзгорону кормандони факултетҳо, кафедраҳо, омӯзгорони алоҳидаи донишгоҳӣ ва муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ва хориҷӣ доир ба ташкили раванди корҳои таълимию тарбиявӣ ва татбиқи он тавассути чорабиниҳои илмию методии донишгоҳӣ (баргузор кардани конференсияҳо, семинарҳои илмӣ – методӣ, таҳияи маҷмуаи илмӣ – методии донишгоҳӣ, хабарномаи методӣ, намоиши эҷодии омӯзгорон);

13. Омӯзиш, натиҷагирӣ ва назорати ҷараёни таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, омӯзгорӣ, истеҳсолӣ, илмӣ – технологӣ, илмӣ – истеҳсолӣ, пешаздипломии донишҷӯёну магистрантҳо (назарпурсиҳои сотсиологӣ, анкетагирӣ, конференсияҳои методӣ ва ғ.);

14. Таҳияи тавсияҳо оид ба такмили сатҳи тайёрии назариявӣ ва амалии мутахассисони донишгоҳӣ;

15. Таҳлили таъмин будани донишҷӯёну омӯзгорон бо адабиёти илмӣ – методӣ;

16. Омӯзиши масъалаҳои психологию педагогии маҳорати касбии омӯзгорон, таҳияи тавсияҳо вобаста ба нақшагирии сарбории таълимии ҳайати профессорону омӯзгорон;

17. Таъмини таҳия, нашр ва низоми мувофиқи паҳнкунии маводи тавсиявии илмӣ – методӣ;

18. Омодасозии мавод оид ба масъалаҳои муҳимми илмию методӣ барои баррасӣ ба Шурои олимон ва Маркази таълимӣ-методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

19. Шурои илмию методӣ фаъолияти Шурои илмию методии факултетҳо ва Комиссияҳои методии кафедраҳои умумидонишгоҳиро назорат менамояд. Зерсохторҳои мазкур дар таъмини корҳои таълимию методӣ ва назорати сифати таълим дар назди Шурои илмию методии Донишгоҳ ҳисоботдиҳанда мебошанд;

20. Шурои илмию методӣ дар назди Шурои олимони Донишгоҳ мақоми ҳисоботдиҳанда мебошад.

## III. ҲАЙАТ ВА ТАРКИБИ ШУРОИ ИЛМИЮ МЕТОДӢ

21. Шурои илмию методӣ бо фармоиши ректори Донишгоҳ дар ҳайати муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим (раис), муовини ректор оид ба илм, директорони институтҳои назди донишгоҳ, сардорони раёсатҳои таълим, илм ва навоварии техникӣ, мудирони шуъбаҳои раёсати таълим, котиби Шурои илмию методӣ, раисони Шурои илмию методии факултетҳо ва омӯзгорони соҳибтаҷрибаю собиқадор таъсис дода мешавад;

22. Шурои илмию методӣ вазифаҳои худро тавассути комиссияҳо ва гурӯҳҳои доимамалкунандаи корӣ, ки дар назди он созмон дода мешаванд, татбиқ мекунад. Вазифаи раисии комиссия ва гурӯҳҳои корӣ ба уҳдаи яке аз аъзои Шурои илмию методӣ вогузор мегардад. Дар назди Шурои илмию методӣ комиссия ва гурӯҳҳои кории зерин амал мекунанд:

– комиссия оид ба баррасии лоиҳаи нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ ва силлабусҳо;

– комиссия оид ба мониторинг ва назорати сифати таълим;

– комиссия оид ба омӯзиши усулҳои фаъоли таълим ва татбиқи технологияи нав дар раванди таълим;

– комиссия оид ба муоина ва ба нашр тавсия намудани пажуҳишҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ ва дастурҳои таълимӣ-методӣ;

– гурӯҳи корӣ доир ба мониторинги таъминоти илмию методӣ ва техникии ҷараёни таълим;

– гурӯҳи корӣ оид ба назорати таъмини нашрии раванди таълим, маҳфилҳои илмӣ ва озмунҳои зеҳнии донишҷӯён.

– комиссияҳои Шурои илмию методӣ масъалаҳои муайяни таълимию методӣ ва илмию тарбиявиро омӯхта, барои муҳокима ба Шурои илмию методӣ тавсияю хулосаҳо пешниҳод менамоянд;

– маҷлисҳои Шурои илмию методии факултетҳо ва комиссияҳои кафедраҳои умумидонишгоҳӣ дар як моҳ на камтар аз як маротиба гузаронида мешаванд;

– шурои илмию методӣ дар доираи салоҳияти худ тибқи фармоиши ректори Донишгоҳ комиссияҳо ва гурӯҳҳои корӣ таъсис медиҳад ва ба сохтор ва ҳайати комиссия ва гурӯҳҳи кории Шурои илмию методӣ тағйирот ворид мекунад;

– шурои илмию методӣ аз рӯйи нақшаи корӣ, ки бо фармоиши ректори Донишгоҳ барои як соли хониш ва ё нимсолаи соли хониш тасдиқ карда мешаванд, фаъолият мекунад;

– маҷлисҳои Шурои илмию методӣ на камтар аз як маротиба дар ду моҳ гузаронида мешавад. Дар сурати зарурат ҷаласаҳои ғайринавбатии Шурои илмию методӣ низ баргузор мегардад.

## IV. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ УЗВИ ШУРОИ ИЛМИЮ МЕТОДӢ

23. Узви Шурои илмию методӣ ҳуқуқ дорад, ки дар маҷлисҳои Шурои илмию методӣ, комиссияҳо ва гурӯҳҳои кории он иштирок намуда, оид ба рӯзномаи маҷлис фикру ақидаи худро иброз намояд;

24. Ҷаласаҳои Шурои илмию методӣ, Шурои илмию методии факултетҳо ва комиссияҳои методии кафедраҳои умумидонишгоҳӣ дар протокол сабт карда шаванд;

25. Оид ба натиҷаи масъалаҳои баррасишудаи рӯзномаи маҷлис Шурои илмию методӣ, Шурои илмию методии факултетҳо ва комиссияҳои методии кафедраҳои умумидонишгоҳӣ метавонад қарор қабул кунад;

26. Шурои илмию методӣ қарорҳои худро метавонад бо аксарияти овозҳои аъзо қабул намояд ва ба он раис ва котиб имзо гузорад;

27. Санадҳои Шурои илмию методӣ ба муҳлати 5 сол нигоҳ дошта мешавад ва ба он котиб масъул аст;

28. Шурои илмию методии факултетҳо ва комиссияҳои методии кафедраҳои умумидонишгоҳӣ уҳдадоранд, ки татбиқи қарорҳо ва тавсияҳои Шурои илмию методии Донишгоҳро дар факултет ва кафедраҳо ба роҳ монанд;

29. Сохторҳои таркибии Донишгоҳ доир ба фаъолияти таълимию методӣ ва илмию тарбиявии худ дар назди Шурои илмию методӣ ҳисоботдиҳанда ва масъул мебошанд ва барои иҷрои қарорҳои он ҳисобот (гузориш, маълумотнома) манзур менамоянд.

# НИЗОМНОМАИ РАЁСАТИ ТАЪЛИМ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи раёсати таълими Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф, аз ҷумла Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳия гардидааст;

2. Раёсати таълими донишгоҳ (минбаъд Раёсат) банақшагирии фаъолияти таълимӣ, ташкил, мониторинг, ҳамоҳангсозӣ ва назорати сифати таълимро дар донишгоҳ мутобиқ ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаи таҳсилотӣ ва нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи донишгоҳ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои тайёр кардани мутахассисон, ворид кардани усулҳои муосири таълим, роҳҳои нави таҳлили сифати раванди таълим ва тағйироти сифатию миқдорӣ дар асоси Оинномаи донишгоҳ ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад;

3. Фаъолияти Раёсат барои татбиқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар  бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, Оинномаи донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии донишгоҳ, Қарорҳои Шурои олимон, фармоишу супоришҳои ректор, қарорҳои Шурои илмию методӣ, инчунин, барои амалӣ намудани талаботи Низомномаи мазкур нигаронида шудааст.

## II. ҲАЙАТ ВА СОХТОРИ РАЁСАТ

4. Раёсат воҳиди сохтории Донишгоҳ мебошад.

5. Ҷадвали воҳидҳои кории раёсат бо пешниҳоди сардори раёсати таълим (минбаъд сардор) дар мувофиқа бо муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим аз ҷониби ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад;

6. Сардор барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи раёсати таълим вогузоргардида масъул мебошад;

7. Сардор дар асоси пешниҳоди муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, тибқи фармоиши ректори донишгоҳ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад;

8. Сардор дар доираи салоҳияти худ, тибқи қонун ва ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда, доир ба вазифаҳои ба зиммаи раёсат вогузоргардида тавсияҳо дода, вазифаҳои кормандонро муайян ва тартиби иҷрои онҳоро назорат менамояд;

9. Муовини сардор, сармутахассисон, мутахассисони пешбар, мутахассисон, нозирон ва котиб – коргузори раёсат бо пешниҳоди сардор ва дар мувофиқа бо муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим аз ҷониби ректори донишгоҳ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд;

10. Ҳангоми набудани сардор вазифа ва салоҳияти ӯ ба зиммаи муовини сардор вогузор карда мешавад;

11. Раёсати таълим аз воҳидҳои зерини сохторӣ таркиб ёфтааст:

– маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ;

– литсейи равияи табиӣ– риёзӣ;

– шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият;

– шуъбаи назорати сифати таҳсилот;

– шуъбаи дуюм;

– кафедраҳои умумидонишгоҳӣ;

12. Раёсат вобаста ба самти фаъолият, ҳаҷми кор ва теъдоди кормандон (бо фармоиши ректори донишгоҳ) метавонад дорои дигар зерсохторҳои таркибӣ (секторҳо, марказу шуъбаҳо ва ғ.) бошад.

## III. САМТҲО ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ РАЁСАТ

13. Самтҳои асосии фаъолияти раёсат аз инҳо иборат аст:

14. Таъмини методии ҷараёни таълим:

– омӯзиш ва татбиқи амалии ҳуҷҷатҳои меъёрии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– назорати ҷараёни иҷрои меъёрҳои литсензионӣ ва аккредитатсионӣ (сарбории таълимии омӯзгорон, асосҳои таълимӣ-методӣ ва моддӣ-техникии ҷараёни таълим, ҷорӣ кардан ва истифодаи технологияи муосири таҳсилотӣ дар ҷараёни таълим, мувофиқати барномаҳои

таълимӣ ба Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ.);

– назорат аз болои ҳолати ҳуҷҷатҳои таълимӣ-методии сохторҳои таълимии Донишгоҳ дар мувофиқа бо ҳуҷҷатҳои меъёрии тасдиқшуда;

– таҳияи мавод оид ба масъалаҳои самтҳои омодасозии ихтисосҳо ва тахассусҳое, ки дар Донишгоҳ татбиқ карда мешаванд;

– таҳия ва таҷдиди ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки ҷараёни таълимро ба танзим медароранд;

– ҷамъбаст ва таҳлили натиҷаи фаъолияти таълимӣ-методии факултетҳо, кафедраҳо, озмоишгоҳҳо.

15. Таъмини ташкили ҷараёни таълим:

– ҳисоби андозаи кори таълимии сохторҳои таркибии донишгоҳ (фа – култет ва кафедраҳо);

– баҳисобгирӣ ва назорати истифодаи фонди соатбайъ дар сохторҳои таълимӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳои зарурӣ оид ба музди меҳнати соатбайъ;

– баҳисобгирӣ ва назорати соатҳои таълимии кафедраҳо;

– иштирок дар банақшагирии ҷорӣ ва дурнамои қабули донишҷӯён, назорат аз болои ҳаракати донишҷӯёне, ки дар донишгоҳ таҳсил мекунанд ва хатми онҳо;

– таҳияи мавод барои тақсими фонди стипендия ва таҳияи ҳуҷҷатҳо оид ба стипендияҳои номӣ ва давлатӣ;

– ташкил ва пешбурди назорат аз болои иҷроиши нақшаҳои таълимӣ ва ҷадвалҳои ҷараёни таълим, инчунин, таҳлили натиҷаи назорати фосилавии донишазхудкунӣ ва аттестатсияи ҷории донишҷӯён;

– иштирок дар таъини ҳайати Комиссияи аттестатсионии хатм (КАХ), пешниҳоди номзадии раисони КАХ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили натиҷа ва таҳияи пешниҳод оид ба ҷамъбасти фаъолияти КАХ;

– таҳияи ҳисоботи оморӣ, пешбурди баҳисобгирии нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти таълимӣ-методии донишгоҳ ва сохторҳои таркибии он;

– таҳияи масъалаҳо оид ба раванди таълим барои баррасӣ дар Шурои олимон, Шурои илмию методӣ, ҷаласаи раёсати Донишгоҳ, машварати роҳбарони сохторҳои таълимии Донишгоҳ;

–таъмини иҷрои супоришҳои дурнамо ва ҷории Шурои олимон, раёсат ва ректори Донишгоҳ.

16. Ҳамоҳангсозии таъмини кадрии ҷараёни таълим:

– таҳияи пешниҳод ва лоиҳаи фармоишҳо оид ба вобаста кардани фанҳои тадрисии нақшаи таълим ба кафедраҳои донишгоҳӣ;

– таҳияи мавод ва пешниҳод ҷиҳати муайян кардани ҷадвали воҳиди штатҳои ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳои донишгоҳӣ;

– коркарди тавсияҳои меъёрӣ ва лоиҳаи фармоиши ректор оид ба таҳия ва тасдиқи сарбории таълимии ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳои донишгоҳӣ;

– ба роҳ мондани банақшагирӣ, ҳисобкунӣ, таҳияи лоиҳаи фармоиши ректор оид ба сарбории таълимии ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳои донишгоҳӣ ва назорати иҷрои онҳо;

– санҷиш ва назорати тақсими соатҳои захиравӣ ва иловагӣ дар байни ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳои донишгоҳӣ.

17. Раёсат вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

– банақшагирӣ, ташкил ва назорати раванди таълим;

– ташкил ва идоракунии фаъолияти таълимӣ-методии Донишгоҳ оид ба татбиқи барномаҳои асосӣ ва иловагии таълимӣ мувофиқи Иҷозатнома (литсензия)-и давлатӣ оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ;

– назорати иҷрои талаботи литсензионӣ ва аккредитатсионӣ нисбат ба татбиқи барномаҳои таҳсилотӣ;

– ташкил ва амалисозии чорабиниҳо оид ба беҳдошти ҷараёни таълим ва таъмини сифати таҳсилот;

– таҳлили фаъолияти сохторҳои таркибии Донишгоҳ ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар ҳалли мушкилоти умумӣ, паҳнкунии таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ;

– ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли зиддият ва мушкилоте, ки дар ҷараёни ташкил ва идоракунии раванди таълим ба миён меоянд;

– муайян кардани самтҳои асосии такмили самаранокӣ, санҷиши донишандӯзӣ (мониторинг) ва назорати сифати таълим дар Донишгоҳ;

– таҳияи таснифоти номгӯи ихтисосҳо, тахассусҳо, фанҳои таълимии кафедравӣ аз рӯи фаъолияти таълимии донишгоҳӣ, таъмини ҳаддалимкони сохторҳои донишгоҳӣ (факултетҳо, кафедраҳо, шуъбаҳо) бо маводи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва назорати татбиқи онҳо;

– таҳияи лоиҳаи нақшаҳои таълим, омода намудани хулосаҳо ба Шурои олимони Донишгоҳ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба нақшаҳои амалкунандаи таълим ва санҷиши мутобиқати барномаҳои таҳсилотӣ ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳои таҳсилотӣ;

– назорати таҳияи ҷадвалҳои раванди таълим доир ба шакл ва зинаҳои таҳсили рӯзона, фосилавӣ, таҳсилоти олии дуюм ва магистратура;

– назорати таҳияи ҷадвалҳои машғулиятҳои дарсӣ дар шуъбаҳои рӯзона, фосилавӣ, таҳсилоти олии дуюм ва магистратура;

– назорати таҳияи фармоишҳо ва хулосаҳои ҳисоботӣ оид ба натиҷаи сессияҳои санҷишию имтиҳонии даврӣ ва аттестатсияҳои хатм (сатҳи донишазбаркунӣ дар сессияҳои ҷорӣ, дифои корҳои тахассусии хатмкунӣ, рисолаҳои дипломӣ ва магистрӣ, инчунин, натиҷаҳои супоридани имтиҳонҳои давлатӣ оид ба ихтисосҳо).

18. Ҳамоҳангсозии фаъолияти кафедраҳо ва садорати факултетҳо:

– тибқи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ кардани барномаҳои таҳсилотӣ;

– коркард ва тасдиқи фанҳо ва курсҳои интихобии донишҷӯён;

– ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, омӯзгорӣ, истеҳсолӣ, пешаздипломӣ ва омодасозии пешниҳодҳо доир ба макони баргузории онҳо;

– таҳлили тағйирёбӣ ва беҳдошти давомоти донишҷӯёни ҳама шаклҳои таҳсилот ба машғулиятҳои дарсӣ;

– оид ба тақсими фонди синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо, кабинетҳои таълимӣ ҷиҳати таъмини ҷараёни муътадили таълим;

– эълони озмуни ишғоли вазифаҳои мудир, профессор, дотсент ва муаллими калони кафедраҳоро дар воситаҳои ахбори омма;

19. Коркарди тавсияҳо оид ба ҷустуҷӯи усулҳои нави таълим, такмили сифати таълим ва татбиқи тадриҷии низоми таҳсилоти кредитӣ (бо ташкили силсилаи чорабиниҳои илмию методӣ ва машваратҳои методӣ ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим ва такмили нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ);

20. Таҳия ва ҷиҳати тасдиқ ба раёсат ва Шурои олимон пешниҳод намудани хулосаҳо оид ба ворид намудани тағйирот ба сохтори Донишгоҳ (кушодани тахассусҳо, ихтисосҳо, кафедраҳо, факултетҳо ва зерсохторҳои раёсати таълим);

21. Таҳия ва барои тасдиқ ба раёсат ва Шурои олимон пешниҳод намудани ҷадвали воҳиди штатҳо ва сарбории таълимии ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳои донишгоҳ барои соли таҳсил (бо назорати иҷрои сарбориҳои таълимӣ ва таҳияи лоиҳаи фармоишҳо оид ба тасдиқи сарбориҳои таълимӣ, ба кор қабул кардани омӯзгорони ҳамкору соатбайъ, санҷиши нақшаҳои инфиродии омӯзгорон ва нақшаҳои кори кафедраҳо);

22. Фароҳам овардани шароит барои таъмини ҳуҷҷатҳои меъёрии донишҷӯён (дафтарчаҳои имтиҳонӣ, билети донишҷӯӣ, диплом доир ба хатм, заммимаи диплом, маълумотнома оид ба тасдиқи таҳсил ва хатм);

23. Таҳияи лоиҳаи фармоиш ва ҷадвали тартиби баргузории кори Комиссияҳои донишгоҳӣ оид ба гузаронидан ва барқароркунӣ, оид ба қабули магистратура, оид ба Комиссияҳои аттестатсионии хатм, оид ба

хатми магистрантҳо, оид ба сессияҳои санҷишию имтиҳонии даврии донишҷӯёни шуъбаҳои рӯзона, фосилавӣ ва шакли таҳсили магистратура.

## IV. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ КОРМАНДОНИ РАЁСАТ

24. Ҳайати кормандони раёсат вазифадоранд, муқаррароти низомномаи мазкур, Оинномаи донишгоҳ, фармоишу дастурҳо ва санадҳои дигари дохилиро, ки мухолифи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур нестанд, риоя намуда, малакаи касбии худро пайваста баланд бардоранд;

25. Сардори раёсат бояд дорои маълумоти олии касбӣ, дараҷаи илмӣ, таҷрибаи илмӣ-омӯзгорӣ ва малакаи корӣ оид ба раванди таълим бошад;

26. Вазифа ва уҳдадориҳои сардор:

– амалӣ сохтани роҳбарии умумии раёсати таълим;

–назорати мунтазами раванди таълим, истифодаи самарабахши биноҳо, синфхонаҳо, озмоишгоҳҳои таълимӣ, кабинетҳои методӣ, риояи ҷадвали таълимӣ ва барномаҳои кори таълимӣ;

– иштирок дар дарсҳои таълимӣ (лексияҳо, семинарҳо, машғулиятҳои амалӣ) барои таҳлил ва натиҷагирӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи сифати таълим;

– аз сохторҳои таркибӣ талаб кардани ҳуҷҷатҳо, маълумотномаҳо, маводи зарурии таълимию методӣ, ахбори оморӣ ва банақшагирии чораёни корҳои илмию методӣ;

– ба роҳ мондани банақшагирӣ, ташкили мониторинг, такмил ва назорати раванди таълим, назорати ҷиҳати фаъолияти самаранок дар коркардҳои илмию методии раванди таълим;

– мутобиқ намудани корҳо доир ба татбиқи усулҳо ва технологияи нави таълимӣ дар раванди таълим;

– ташкил, такмил, мониторинг ва назорати сифати таълим дар донишгоҳ;

– банақшагирӣ ва таъмини ҷараёни муътадили раванди таълим;

– таъмини сохторҳои донишгоҳӣ бо маводи аввалиндараҷаи меъёрии таълимӣ;

– таҳияи гузоришҳо, маълумотномаҳо, ҳисоботҳо ва ҷамъоварии мавод оид ба фаъолияти таълимию методии донишгоҳ;

– мураттабсозии ҳуҷҷатҳои заминавии меъёрӣ, ки фаъолияти мунтазами таълимию методии донишгоҳро, бо назардошти талаботи муосир, ба роҳ мемонанд;

– омодасозии мавод барои баррасӣ дар раёсат, Шурои илмию методӣ ва Шурои олимони донишгоҳ;

– ба раёсати донишгоҳ манзур намудани маълумотнома оид ба фаъолияти таълимию методӣ дар Донишгоҳ;

– иҷрои саривақтӣ ва босифати супоришҳои раёсати Донишгоҳ.

27. Барои иҷрои саривақтии вазифаҳои кории ҳайати кормандони раёсат, ки дар Низомномаи мазкур омадааст, масъул аст.

28. Ҳайати кормандони раёсати таълим барои иҷрои уҳдадориҳои худ ҳуқуқ доранд:

– барои коркарди ҳуҷҷатҳои раванди таълим ва гузаронидани таҳлилҳои дохилӣ дар доираи салоҳияти худ ба гурӯҳҳои корӣ ва озмоишӣ ворид гарданд;

– дар доираи салоҳияти худ дар санҷиши фаъолияти сохторҳои таркибӣ иштирок кунанд;

– дар сохторҳои Донишгоҳ (баъд аз мувофиқа бо муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим) чорабиниҳои нақшавӣ ва берун аз нақшаро, ки ба татбиқи уҳдадориҳои таҳлилӣ ва назоратии раёсат вобаста аст, ташкил ва амалӣ намоянд;

– аз сохторҳои таркибии Донишгоҳ оид ба масъалаҳои дар доираи салоҳияти раёсат буда маълумот талаб намоянд;

– оид ба чорабиниҳои гузаронидашуда хулосабарорӣ карда, тавсияҳо дода, татбиқи онҳоро назорат намоянд;

– ба раванди таълим дар сохторҳои таркибӣ ва ба сифати иҷрои корҳо аз ҷониби онҳо дар доираи ваколатҳои худ баҳогузорӣ намоянд;

– бо лоиҳаи қарорҳои роҳбари муассиса шинос шаванд, дар музокираи масъалаҳо оид ба фаъолияти раёсат иштирок кунанд;

– барои сохтори таркибии Донишгоҳ (баъд аз мувофиқа бо муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим) маводи иттилоотие, ки ба самти фаъолияти раёсат мувофиқ аст, омода ва таксим намоянд;

– ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо ва озмунҳое, ки хусусияти таълимию иттилоотӣ доранд;

– оид ба беҳтар гаштани фаъолияти раёсат, ҳавасмандгардонии кормандони фаъол ва эълони муҷозоти интизомӣ ба вайронкунандагони интизоми корӣ барои баррасӣ ба раёсат пешниҳод манзур намоянд;

– ҳангоми зарурат, дар доираи ваколатҳои худ, омӯзгорон ва кормандони муассисаро барои иҷрои вазифаҳо ҷалб намоянд;

– барои гузаронидани чорабиниҳои умумидонишгоҳӣ, мувофиқи самти фаъолияти худ, ташаббус нишон диҳанд;

29. Муовини сардори раёсати таълим бояд дорои маълумоти олии касбӣ, дараҷаи илмӣ, таҷрибаи илмӣ-омӯзгорӣ ва малакаи корӣ оид ба раванди таълим бошад;

30. Сармутахассиси раёсати таълим бояд дорои маълумоти олӣ буда, маҳорату малакаи кор бо коллективи кормандонро дошта бошад;

31. Сармутахассис ҳуқуқ дорад:

– дар самти сифати таълим фаъолияти илмӣ – методӣ барад;

– маҳорати касбии худро баланд бардорад;

– ба роҳбарият, омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ бо мақсади ҷамъоварии маълумот вобаста ба мушкилоти сифати таълим муроҷиат намояд.

32. Сармутахассис барои иҷрои корҳои зерин уҳдадор аст:

– банақшагирӣ, ташкил ва иҷрои фарогири самтҳои фаъолияти худ;

– ташкили ҷамъоварии маълумот, коркард, таҳлил, баҳогузории он ваояндабинӣ;

– коркарди маводи методӣ барои кормандони Донишгоҳ вобаста ба мушкилоти сифати таълим;

– иҷрои вазифаҳои дигар, ки аз ҷониби роҳбарият дода мешаванд.

33. Сармутахассис барои амиқияти иттилоотӣ ва воқеияти натиҷа, сифати кори иҷрошуда, самаранокии истифодаи захираҳои пешниҳодшуда масъул аст;

34. Мутахассис бояд дорои маълумоти олӣ, малакаи кор дар соҳаи барномасозии компютерӣ ва маҳорати баланди фаҳмиши техникӣ бошад.

35. Мутахассис ҳуқуқ дорад:

– дар самти сифати таълим фаъолияти илмӣ – методӣ барад;

– маҳорати касбии худро баланд бардорад;

– ба роҳбарият, омӯзгорон, донишҷӯёну магистрон ва дигар кормандони донишгоҳ бо мақсади ҷамъоварии маълумот вобаста ба мушкилоти сифати таълим муроҷиат намояд.

36. Мутахассис уҳдадор аст:

– банақшагирӣ, ташкил ва иҷрои ҳамаҷонибаи фаъолияти худро дар доираи Низомномаи раёсат ба роҳ монад;

– амалисозии фаъолияти раёсатро дар асоси нақшаи корӣ таъмин намояд;

37. Мутахассис барои амиқияти иттилоотӣ ва воқеияти натиҷаҳо, сифати кори иҷрошуда, самаранокии истифодаи захираҳои пешниҳодшуда масъул аст.

## V. МУНОСИБАТ ВА ҲАМКОРИҲО БО ДИГАР СОХТОРҲОИ ТАРКИБӢ

38. Дар доираи ҳуқуқҳои худ кормандони раёсати таълим бо садорати факултетҳо, мудирон ва омӯзгорони кафедраҳо, мудирон ва

кормандони озмоишгоҳҳои илмию таълимӣ, синфхонаҳои компютерӣ, кабинетҳои лингофонӣ ва кормандони дигар сохторҳои таркибӣ ҳамкорӣ менамоянд;

39. Дар ҷаласаҳои раёсат (дар сурати даъват шудан), Шурои олимон, Шурои илмию методии Донишгоҳ, маҷлисҳои садорат ва кафедраҳои факултетҳо, кафедраи умумидонишгоҳӣ, дигар сохторҳои таркибӣ (дар сурати зарурат ва даъват) ва семинарҳои илмӣ – методӣ, ҷаласаҳо, ки барои такмили ихтисос, банақшагирӣ, ташкил, мониторинг, такмил ва назорати сифати таълим гузаронида мешаванд, иштирок менамоянд;

40. Барои омӯзиши таҷрибаи касбӣ бо сохторҳои таълимии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ (бо ризоияти ректор, муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ё сардори раёсати таълим) робита барпо менамоянд.

## VI. ТАШКИЛ ВА ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ РАЁСАТ

41. Давомнокии рӯз ва ҳафтаи корӣ, тартиби кор, инчунин, рӯзҳои истироҳат ва идҳо барои кормандони раёсати таълим дар асоси талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ сурат мегирад;

42. Фаъолияти раёсат мувофиқи Низомномаи мазкур, Оиннома ва Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, бо назардошти чорабиниҳои нақшавии раёсати Донишгоҳ дар самти раванд ва сифати таълим, ба роҳ монда мешавад. Фаъолияти раёсати таълим мувофиқи нақшаи кории қаблан таҳия ва тасдиқшуда сурат мегирад;

43. Вазифаҳои сардорро муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ва тақсими вазифаҳои функсионалии кормандони раёсатро (вобаста ба теъдоди кормандон, ҳаҷми кор ва иҷрои нақшаи корӣ) сардор ба роҳ мемонад;

44. Сардор нақшаи кори раёсати таълимро барои ҳар нимсолаи таҳсил, дар мувофиқа бо муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, таҳия ва барои тасдиқ ба раёсат манзур менамояд. Ҳамаи кормандони раёсати таълим барои иҷрои нақшаи кории тасдиқшуда мувазза ф ҳастанд;

## ФЕҲРАСТИ ҲУҶҶАТГУЗОРӢ ДАР РАЁСАТИ ТАЪЛИМ БА ТАРТИБИ ЗАЙЛ СУРАТ МЕГИРАД:

1. Қонуну санадҳои зерқонунию қарорҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба соҳаи маориф ва фаъолияти ДМТ

2. Мактубу фармонҳои мақоми роҳбарии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба раёсати таълим ворид шудаанд

3. Мактубу фармонҳо ва асноди Комиссияҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба раёсати таълим ворид шудаанд

4. Низомномаи раёсати таълим, тақсими вазифаҳо байни кормандони раёсат

5. Қарорҳо Шурои олимони ДМТ доир ба раванди таълим

6. Қарорҳои Шурои илмию методӣ доир ба сохтори факултетҳо, кафедраҳо ва дигар воҳидҳои ДМТ, инчунин доир ба раванди таълим

7. Фармоишҳои ректор доир ба сохтори факултетҳо, кафедраҳо ва дигар воҳидҳои ДМТ

8. Фармоишҳои ректор доир ба ҳисоботи воҳиди штатҳо, сарбории таълимии омӯзгорон ва ҳайати кадрӣ

9. Асноди Комиссияҳои санҷишии Шурои олимон ва раёсати ДМТ

10. Ҳисоботи раисони Комиссияҳои аттестатсионии хатм (КАХ)

11.Ҳисоботи садорати факултетҳо аз натиҷаи кори

12. Нақшаи қабул ва хатми ДМТ

13. Квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

14. Ҳайати донишҷӯёни ДМТ

15. Ҳайати донишҷӯёни рӯзона

16. Ҳайати донишҷӯёни фосилавӣ

17. Пешниҳоди садорати факултетҳо, мудирони кафедраҳо ва омӯзгорони алоҳида доир ба мундариҷаи нақшаҳои таълимӣ

18. Нақшаҳои таълимии амалкунанда дар ДМТ

19. Нақшаҳои кории Раёсати таълим

20. Нақшаҳои таълими дараҷаҳои «бакалавр»

21. Нақшаҳои таълими магистратура

22. Нақшаҳои таълими таҳсилоти фосилавӣ

23. Стипендияҳои номии ДМТ

24. Дархостҳои раёсати таълим

25. Нақшаҳои чорабиниҳои донишгоҳӣ

26. Мактубҳои раёсати таълим ба садорати факултетҳо, мудирони кафедраҳо ва воҳидҳои сохторӣ

27. Маълумотномаҳо дар хусуси ба дарс ҳозир нашудани муаллимон ва фармоишҳои ректор доир ба муҷозоти интизомӣ

28. Ҳисоботи нимсола ва солона оид ба натиҷаҳои корҳои таълимию методӣ

29. Маълумотномаҳо роҷеъ ба иҷрои сарбории таълимӣ аз ҷониби ҳайати профессорону омӯзгорон

30.Супоришҳо оид ба тартиби таҳияи ҷадвали дарсӣ ва фармоишҳои ректор оид ба сессияҳои санҷишию имтиҳонии даврӣ

31. Номгӯи курсҳо, семинарҳо, лабораторияҳои махсус ва КИД (бл. 1 – 4)

32. Мавод доир ба давомоти донишҷӯён

33. Маводи Комиссияҳо доир ба гузаронидан ва барқароркунӣ

35.Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

36.Барномаҳои таҳсилотии таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

41.Пешниҳод, арзу шикоятҳои омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба раванди таълим

42. Ҳуҷҷатҳои бойгонишудаи раёсати таълим

43.Санадҳо (шартномаҳои ДМТ бо мактабҳои олии касбии хориҷӣ)

44. Мавод оид ба мониторинг ва назорати сифати таълим

45. Феҳрасти ҳуҷҷатҳои раёсати таълим

# НИЗОМНОМАИ
# РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи мазкур дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи шуъбаи кадрҳои муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардидааст;

2. Низомномаи мазкур ҳуқуқу уҳдадориҳои Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати кадрӣ, инчунин, ташкили кор бо кадрҳо масъул мебошад, муайян мекунад;

3. Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси донишгоҳ (минбаъд Раёсат) сохтори таркибии донишгоҳ буда, барои амалӣ намудани вазифаҳо ё уҳдадориҳои худ дар доираи салоҳияте, ки «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва Низомномаи мазкур муқаррар кардааст, масъул мебошад ва дар фаъолияташ меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ ва фармоишҳои ректори донишгоҳро ба роҳбарӣ мегирад;

4. Сохтор ва теъдоди воҳидҳои кории раёсати кадрҳо ва корҳои махсусро, тибқи тартиби муқараргардида, ректори донишгоҳ тасдиқ мекунад;

5. Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ (минбаъд Сардор) ба ректори донишгоҳ итоат мекунад;

6. Вобаста ба ҳаҷми кор дар назди раёсати кадрҳо ва корҳои махсус шуъбаҳо ва бахшҳои алоҳида ташкил карда мешавад.

## II. ВАЗИФАҲОИ РАЁСАТ

7. Раёсат ташкили низоми самараноки идоракунии кадрҳо ва шароити онҳоро барои фаъолияти ташаббускорона ва эҷодкорона, бо назардошти хусусиятҳои инфиродӣ ва малакаҳои касбии онҳо, ба роҳ монда, сиёсати кадрӣ ва ҳавасмандгардонии моддию маънавиро татбиқ менамояд;

8. Мақсади асосии фаъолияти Раёсат баланд бардоштани савияи касбӣ, шароити касбию моддӣ, ҳифзи сиҳатӣ ва таъмини бехатарии ҳар як корманд мебошад;

9. Фаъолияти Раёсат барои таъмини вазифаҳои зерин равона карда шудааст:

– мувофиқати касбии ҳар як корманд ба вазифаи ишғолкарда, инчунин, фароҳам овардани шароити зарурӣ баҳри инкишофи қобилиятнокӣ ва қонеъ гардонидани талаботи ҳар як корманд;

– муайян намудани талаботи ҷорӣ ва банақшагирии талаботи дурнамо доир ба кадрҳо, манбаъҳои қонеъ гардонидани онҳо дар асоси омӯзиши сохторҳои иҷтимоию демографӣ, касбию тахассусии кормандони донишгоҳ ва тарбияи мутахассисон бевосита дар муассисаҳои таълимии соҳавӣ;

– таҳияи низоми ишғоли мансабҳо ва ҷойҳои холии корӣ, истифодаи усулҳои илмии омӯзиши сифатҳои корӣ ва касбии кормандон ҳангоми интихоб, ҷоба ҷогузорӣ ва банақшагирии пешрафти тахассуси онҳо;

– ташкили захираи амалкунандаи кадрҳо дар тамоми зинаҳои идоракунӣ ва мақсаднок тайёр намудани онҳо аз рӯи нақшаи алоҳида;

– таҳия ва ҷорӣ намудани низоми илман асосноки пешравии вазифавӣ ва тахассусии бо кафолатҳои иҷтимоӣ зич алоқаманд, ки саҳми ҳар як корманд, давомоти кори ӯ ва омилҳои дигарро дар бар мегирад;

– иҷрои корҳо оид ба мутобиқгардонии касбии кормандони нав, омӯзиши сабабҳои ҷойивазкунии кадрҳо, тамоюли тағйирёбии ҳайати кадрӣ, коркард ва пешниҳоди чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани савияи кормандон;

– таҳияи сохтори Раёсат ва интихоби кормандони баландихтисос барои кор бо кадрҳо дар воҳидҳои сохтории донишгоҳ;

– тадқиқоти илмию методӣ ва таъмини иттилоотии кори кадрҳо, истифодаи дастовардҳои сотсиологӣ, психологӣ ва илмҳои дигар, кор бо кадрҳо;

– таҳлили мунтазами ҳолати кори кадрӣ, татбиқи мониторинги касбӣ дар донишгоҳ ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба баланд бардоштани натиҷаи он;

– назорати иҷрои санадҳои меъёрию ҳуқуқии Раёсат оид ба масъалаҳои кадрҳо;

– таҳия ва пешниҳод намудани речаи озмуни ишғоли вазифаҳои ҳайати профессорону дотсентон, омӯзгорон ва мудирони кафедраҳо;

– баҳисобгирии ҳайати шахсии кадрҳо ва пешниҳоди ҳисоботи муқарраршуда, пешбурди манбаи маълумотҳои захиравии ҳайати шахсӣ, ҷорӣ кардани шаклҳои замонавии идоракунӣ бо истифода аз зернизоми

автоматикунонидашудаи НАР (низомномаи автоматикунонидашудаи раёсат) ва зернизоми автоматикунонидашудаи кормандони Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус;

– мустаҳкам намудани интизоми муташаккилӣ, фароҳам овардани шароити мусоид дар воҳидҳои сохтории донишгоҳ.

## V. ҲУҚУҚҲОИ САРДОР

10. Сардор ҳуқуқ дорад:

– аз роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва кормандони донишгоҳ оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти раёсат дохиланд, маълумот талаб намояд;

– дар ҳолати зарурӣ кормандони дигар сохторҳоро бо розигии роҳбарҳояшон барои иҷрои вазифаҳое, ки ба зиммаи раёсати кадрҳо ва корҳои махсус гузошта шудааст, ҷалб намояд;

– дар раёсат интихоб ва ҷоба ҷогузории кадрҳоро амалӣ намояд ва барои тасдиқ ба роҳбари донишгоҳ дастурҳои вазифавии кормандони раёсат ва нақшаи кории онҳоро таҳия ва пешниҳод намояд;

– бо тартиби муқарраршуда маҷлисҳо ва семинарҳо даъват намояд, инчунин, дар маҷлисҳое, ки маъмурияти донишгоҳ ва дигар сохторҳои он дар хусуси масъалаҳои кадрҳо мегузаронанд, иштирок намояд;

– лоиҳаҳои  фармоишҳо, дастурамалҳо ва дигар санадҳои мансуб ба масъалаи кадрҳоро дар донишгоҳ таҳия намояд;

– ба Раёсати донишгоҳ дар хусуси ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани кормандони раёсати кадрҳо ва корҳои махсус маълумот пешниҳод намояд;

– дар мавриди ҳуҷҷатгузорӣ дастур диҳад, баҳри амалӣ сохтани танзими ҳуҷҷатҳо ва аризаҳои шаҳрвандон назорат барад.

– аз сохтори соҳавӣ танзими ҳуҷҷатҳо, аризаҳои шаҳрвандон ва ҳисобот талаб намояд.

## IV. УҲДАДОРИҲОИ САРДОР

11. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, Низомномаи раёсати илм, Дастурамали мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, шартномаҳои коллективӣ ва санадҳои меъёрии дохилиро риоя намояд;

12. Барои иҷрои талаботи муқаррарнамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии

Тоҷикистон оид ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, бехатарии сӯхтор ва санитарию гигиенӣ мусоидат намояд;

13. Ҳар як корманди раёсатро бо Оинномаи Донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, шартномаи меҳнатӣ, шартномаҳои коллективӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии раёсати донишгоҳ, ки ба фаъолияти корманд алоқаманд мебошанд, шинос намояд;

14. Тибқи муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, шартномаҳои коллективӣ фароҳам овардани шароити мусоиди кориро аз раёсати донишгоҳ талаб намояд.

15. Ба корманд аз ҷумла ба корманди собиқ, аз рӯи хоҳишаш дар бораи кор дар ҳамин ташкилот бо нишон додани ихтисос, дараҷаи касбӣ, вазифа (мансаб), вақти кор ва андозаи меҳнат маълумотнома диҳад.

16. Раёсат долрои муҳр бо нишондоди номи раёсат мебошад.

## III. СОХТОРИ РАЁСАТ

17. Раёсат сохторе мебошад, ки бо назардошти амалисозии вазифаҳои ДМТ ташкил карда мешавад. Ба раёсати кадрҳо ва корҳои махсус зерсохторҳо ва воҳидҳои кории зерин дохил мешаванд:

**Сардори раёсат** – 1 нафар;
Мудир – 1 нафар;
Сармутахассис – 2 нафар;
Мутахассис – 2 нафар;
**Шуъбаи кадри донишҷӯён:**
Мудир – 1 нафар;
Мутахассис – 1 нафар;
Нозир – 1 нафар;
**Бахши бойгонии донишгоҳ:**
Мудир – 1 нафар;
Мутахассис – 1 нафар;
Нозир – 1 нафар;
**Бахши бақайдгирии дипломҳо:**
Сармутахассис – 1 нафар;
Мутахассис – 1 нафар;

## IV. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО

18. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи Раёсат бо қарори Шурои олимони донишгоҳ ворид карда шуда, аз ҷониби ректор тасдиқ карда мешаванд.

## НИЗОМНОМАИ РАЁСАТИ ИЛМ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Раёсати илм (минбаъд Раёсат) ҳамчун воҳиди сохтории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Донишгоҳ) таъсис дода шудааст.

2. Низомномаи раёсат мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», «Дар бораи мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», фармон ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия гардида, фаъолияти раёсати илми Донишгоҳро танзим менамояд;

3. Раёсат яке аз сохторҳои таркибии Донишгоҳ буда, роҳбарӣ ва назорати корҳои илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорон, кормандони илмӣ ва донишҷӯён, омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ, докторантони Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, докторантони анъанавӣ ва унвонҷӯёнро ба роҳ мемонад;

4. Раёсатро сардори раёсати илм (минбаъд Сардор) роҳбарӣ менамояд, ки бо пешниҳоди муовини ректор оид ба илм ва инноватсия аз тарафи ректори Донишгоҳ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Сардор аз рӯйи вазифаҳои ба зиммаи раёсати илм гузошташуда масъулият дорад;

5. Фаъолияти Раёсат аз ҳисоби маблағҳои Донишгоҳ (маблағҳои буҷетӣ ва махсус) ба роҳ монда мешавад;

6. Ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар Донишгоҳ омӯзгорон, кормандони илмӣ, докторантони Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, докторантони

анъанавӣ, унвонҷӯён, донишҷӯён, коромӯзон, инчунин, шахсоне, ки барои иҷрои корҳои илмӣ аз дигар ташкилотҳо бо мақсади таҷрибаомӯзӣ, такмили ихтисос ё бозомӯзӣ сафарбар гардидаанд, ҷалб карда мешаванд;

7. Раёсат аз натиҷагирии фаъолияти худ дар доираи талаботе, ки Низомномаи мазкур муқаррар намудааст, масъул мебошад.

## II. СОХТОРИ РАЁСАТИ ИЛМИ ДОНИШГОҲ

8. Дар сохтори Раёсат котиботи шуроҳои диссертатсионӣ, шуъбаи ахбори илмию техникӣ, маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ, китобхонаи илмӣ, маркази иттилоотӣ – таҳлилӣ (нашрияи «Ба қуллаҳои дониш»), ҷамъияти илмии донишҷӯён, шурои ҳамоҳангсозӣ ва ташхисӣ, корҳои патентию иттилоотӣ ва Шурои олимони ҷавони Донишгоҳ (вазифаи ҷамъиятӣ) фаъолият мекунанд.

## III. ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ РАЁСАТ

9. Ҳадафҳои асосии Раёсат банақшагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, тарбияи кадрҳои илмӣ, илмӣ-омӯзгорӣ, ҳифзи манфиатҳои илмии Донишгоҳ, ба вуҷуд овардани инфрасохтори моддӣ-техникӣ ва иқтисодии илм дар Донишгоҳ, инчунин, ҳимояи ҳуқуқҳои истисноӣ ба асарҳои илмӣ, техникӣ, адабӣ, фарҳанг ва санъат, ки моликияти зеҳнии Донишгоҳ мебошанд, маҳсуб меёбанд;

10. Раёсат ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафҳои зикршуда вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

– муайян намудани самтҳои асосӣ ва афзалиятноки корҳои илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорон, докторантони Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, докторантони анъанавӣ, унвонҷӯён ва донишҷӯёни Донишгоҳ;

– ҳамоҳанг сохтани корҳои илмие, ки дар кафедраҳо бо мақсади иҷрои корҳои мукаммали бунёдӣ, иктишофӣ ва амалӣ сурат мегиранд;

– таҳияи лоиҳаи шартномаҳои хоҷагидорӣ оид ба корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ ва шартномаҳо оид ба татбиқи дастовардҳои илмӣ – техникӣ бо муассиса ва ташкилотҳо;

– таҳия ва танзими шартномаҳо оид ба ҳамкориҳои эҷодӣ;

– таъмини сатҳи зарурии илмӣ – техникии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва самаранокии онҳо, татбиқи онҳо дар истеҳсолот ва раванди таълим;

– назорати иҷрои нақшаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳ, факултетҳо, кафедраҳо ва нақшаҳои инфиродии омӯзгорон дар бахши корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;

– тибқи тартиби муқаррааргардида, баҳогузории фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорони кафедраҳо;

– ташкил ва баргузории семинарҳо, конференсияҳо, симпозиумҳо ва дигар чорабиниҳои илмии сатҳи гуногун;

– ба табъ расонидани маҷмуи мақолаҳо ва асарҳои илмии ҳайати омӯзгорону кормандони илмии Донишгоҳ, инчунин, маводи илмии конференсияҳо ва симпозиумҳои илмӣ;

– ба роҳ мондани корҳои иктишофӣ, патентӣ, литсензионӣ ва иттилоотӣ – маълумотӣ;

– назорат аз ташхиси илмӣ ва аслият (антиплагиат) гузаронидани номгӯйи мавзуъҳои рисолаҳои хатм, дипломӣ, магистрӣ, ва номзадию докторӣ ҷиҳати мубрам будан ва такрор нашудани онҳо;

– назорат фаъолияти шуроҳои диссертатсионие, ки дар назди Донишгоҳ таъсис ёфтаанд;

– ҳамоҳангсозии фаъолияти Шурои олимони ҷавон, семинарҳои илмии назди кафедраҳои тахассусию умумидонишгоҳӣ, ҷамъияти илмии донишҷӯён ва маҳфилҳои илмии донишҷӯён;

– назорат аз болои маҳфилҳои илмию фарҳангии «Зеҳн», маҳфили «Хирадманд» ва маҳфилҳои инфиродии профессорону омӯзгорони факултетҳо ва кафедраҳои тахассусию умумидонишгоҳӣ;

– назорат аз болои иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён ва фаъолияти илмии докторантони Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, докторантони анъанавӣ ва унвонҷӯён;

– дар доираи талаботи низомномаи тафриқавӣ танзим ва пешниҳод намудани мавод оид ба ҳавасманд гардонидани ҳайати устодону омӯзгорон барои бомуваффақият анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, иштироки фаъолонаи онҳо дар кори конференсияҳо, семинарҳо, симпозиумҳо, олимпиадаҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ;

– ташкили намоишгоҳҳо, озмунҳо ва намоиши дастовардҳои илмӣ–таҳқиқотии омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳ;

– назорати фаъолияти китобхонаҳои илмии анъанавӣ ва электронии Донишгоҳ;

– омода кардани ҳисоботҳои илмӣ ва маълумотномаҳо тибқи тартиботи муқарраргардида;

– дар якҷоягӣ бо Раёсати Донишгоҳ мусоидат намудан ба таъсиси пойгоҳи муосири илмӣ ва озмоишӣ барои гузаронидани таҳқиқоти илмӣ аз тарафи ҳайати омӯзгорон, докторантони Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос ва унвонҷӯён доир ба мавзуъҳои интихобкардаашон ва ба роҳ мондани намудҳои дигари фаъолияти илмӣ.

## III. ҲУҚУҚҲОИ САРДОР

11. Сардор дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад:

– аз садорати факултетҳо, кафедраҳо ва дигар воҳидҳои сохтории Донишгоҳ маълумоти зарурӣ ва ҳисобот талаб намояд;

– ба маҷлисҳои Раёсат ва Шурои олимони Донишгоҳ дар бораи натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, докторантураи Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, докторантураи анъанавӣ ва унвонҷӯён ҳисобот пешниҳод намояд;

– намояндагии Донишгоҳро дар муассисаҳо, ташкилотҳо, корхонаҳо, маҷлисҳои дахлдор оид ба масъалаҳои алоқаманд ба фаъолияти раёсати илм амалӣ намояд;

– маҷлисҳои раёсати илмро оид ба масъалаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ баргузор намояд;

– оид ба ҳавасмандгардонии омӯзгорони фаъол, ки дар муҳлати муайяншуда корҳои илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додаанд ва ҳамчунин, дар бораи татбиқ намудани ҷазои интизомӣ нисбат ба омӯзгороне, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиро дар муҳлати муқарраршуда иҷро накардаанд, дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба илм ва инноватсия ба ректори Донишгоҳ пешниҳод манзур намояд;

– дар маҷлисҳои аттестатсионии докторантони Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, докторантҳои анъанавӣ ва унвонҷӯён дар кафедраҳо ва факултетҳо иштирок намуда, аз онҳо иҷрои нақшаҳои инфиродиро талаб намояд, инчунин, аз болои сифати таҳсил ва фаъолияти докторантони Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, докторантони анъанавӣ ва унвонҷӯён назорат барад;

– роҳбарони илмии докторантони Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, докторантони анъанавӣ ва унвонҷӯёнро барои ҳаллу фасли масъалаҳои баҳсталаб даъват намояд;

– аз ҷараёни супоридани ҳисоботҳо оид ба корҳои иктишофӣ, патентӣ, литсензионӣ ва иттилоотӣ – маълумотӣ, ки ба Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот» – и назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон равона мегарданд, назорат барад;

– тартиби интихоб ва қабули довталабонро ба докторантураи Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, аз ҷумла аз ҳисоби хатмкунандагони Донишгоҳ, дар кафедраҳо ва факултетҳо назорат намояд;

12. Сардор барои риояи муқаррароти Низомномаи мазкур масъул аст.

## V. УҲДАДОРИҲОИ САРДОР

13. Сардор уҳдадориҳои зерин дорад:

– муайян намудани самтҳои асосӣ ва афзалиятноки корҳои илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорон ва докторантони Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, докторантони анъанавӣ, унвонҷӯён ва донишҷӯёни Донишгоҳ;

– ҳамоҳанг сохтани корҳои илмие, ки дар факултетҳо ва кафедраҳои донишгоҳ бо мақсади иҷрои корҳои мукаммали бунёдӣ, иктишофӣ ва амалӣ сурат мегиранд;

– сарфаҷӯёна истифода бурдани маблағҳои пулӣ бо мақсади рушди пойгоҳҳои моддӣ-техникии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;

– тарғиби дастовардҳои илмӣ-техникии Донишгоҳ тавассути ташкил намудани симпозиумҳо, конференсияҳо, семинарҳо, мизҳои гирд ва дигар чорабиниҳои илмӣ, намоишгоҳҳо ва нашри асарҳои илмӣ;

– санҷиши иҷрои фармоишҳо, дастуру супоришҳои Раёсати Донишгоҳ оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;

– ҳамоҳанг сохтани фаъолияти Шурои олимони ҷавони Донишгоҳ, ҷамъияти илмии донишҷӯён ва маҳфилҳои илмии донишҷӯён;

– назорат аз болои манбаъҳои молиявии мавзуъҳои кафедравӣ ва риояи муҳлати иҷрои онҳо;

– танзими ҳуҷҷатнигорӣ ва назорати иҷрои саривақтии он;

– ташкил ва баргузории конференсияҳои солонаи илмӣ – амалӣ ва илмӣ – назариявии донишгоҳ;

– назорат аз болои ба табъ расонидани мақолаҳои илмӣ, монографияҳо, маҷмуаи мақолаҳои илмии омӯзгорон ва унвонҷӯён;

– ҳамоҳанг сохтани ширкати ҳайати омӯзгорон, докторантони Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, докторантони анъанавӣ ва унвонҷӯён дар конференсияҳои илмӣ ва методии умумидонишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;

## VI. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО

14. Тағйиру иловаҳо ба Низомномаи раёсати илм бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ ворид карда шуда, аз ҷониби ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

## VII. МАВРИДИ АМАЛ ҚАРОР ГИРИФТАН ВА АЗ ЭЪТИБОР СОҚИТ КАРДАНИ НИЗОМНОМА

15. Низомномаи мазкур аз рӯзи ба тасвиб расиданаш мавриди амал қарор дода мешавад;

16. Низомномаи Раёсат ҳангоми тағйир ёфтани сохтори Донишгоҳ, тасдиқи Низомномаи нави раёсати илми Донишгоҳ ва дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз эътибор соқит дониста мешавад.

# НИЗОМНОМАИ
# РАЁСАТИ ИННОВАТСИЯ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Раёсати инноватсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ», Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, «Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия гардида, тартиби фаъолияти Раёсати инноватсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро муайян менамояд;

2. Раёсати инноватсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Раёсат) яке аз сохторҳои таркибии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Донишгоҳ) буда, роҳбарӣ ва назоратро аз болои фаъолияти инноватсионӣ дар Донишгоҳ ба роҳ мемонад;

3. Раёсат фаъолияти худро дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур, фармоишҳои ректори Донишгоҳ, супоришҳои муовини ректор оид ба илм ва инноватсия ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи илм, маориф ва инноватсия ба роҳ мемонад;

4. Раёсатро сардори Раёсати инноватсия (минбаъд Сардор) роҳбарӣ менамояд, ки бо пешниҳоди муовини ректор оид ба илм ва инноватсия аз тарафи ректори Донишгоҳ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Сардор аз рӯйи вазифаҳои ба зиммаи Раёсат гузошташуда масъул мебошад;

5. Фаъолияти Раёсат мутобиқи фармоиши ректори Донишгоҳ дар асоси қарори Шурои олимони Донишгоҳ метавонад созмон ва ё қатъ карда шавад;

6. Раёсат дар тобеияти муовини ректор оид ба корҳои илм ва инноватсия қарор дорад;

7. Фаъолияти Раёсат аз ҳисоби маблағҳои харҷномаи Донишгоҳ (маблағҳои буҷетӣ, суратҳисоби махсус ва дигар сарчашмаҳо, ки тибқи

қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ нашудаанд) ба роҳ монда мешавад;

8. Ба корҳои инноватсионӣ дар Донишгоҳ Парки технологӣ, Маркази биотехнологӣ, Маркази инноватсионӣ, инчунин, омӯзгорон, докторантон аз рӯи ихтисос, докторантон, унвонҷӯён, магистрантон, донишҷӯён, шахсоне, ки барои иҷрои корҳои илмӣ аз дигар ташкилотҳо бо мақсади таҷрибаомӯзӣ, такмили ихтисос ё бозомӯзӣ сафарбар гардидаанд, ҷалб карда мешаванд;

9. Раёсат аз натиҷагирии фаъолияти худ дар доираи ҳуқуқ ва тартибе, ки Низомномаи мазкур муқаррар намудааст, масъулият ва ҷавобгариро ба зимма дорад.

## II. СОХТОР ВА ҲАЙАТИ РАЁСАТ

10. Дар сохтори Раёсат Парки технологӣ, Маркази биотехнологӣ ва Маркази инноватсионӣ фаъолиятмекунад. Дар назди Раёсат метавонад шуъба ва ё бахшҳо оид ба фаъолияти инноватсионӣ таъсис дода шаванд.

## III. ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ РАЁСАТ

11. Ҳадафҳои асосии Раёсат:

– таҳияи ва татбиқи механизмҳои самарабахши рушд ва ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба татбиқи навовариҳо дар Донишгоҳ, аз ҷумла дар самти таълим ва илм;

– омӯзиш, таҳлил ва татбиқи навовариҳо дар соҳаи техника, технология, кор, хизматрасонӣ ва идоракунӣ, дар асоси истифодаи комёбиҳои илм ва технологияҳои пешқадам;

– ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии муосир дар фаъолияти Донишгоҳ.

12. Раёсат масъули иҷрои вазифаҳои зерин мебошад:

– ҳамоҳангсозии корҳо оид ба ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии аз ҷиҳати илмӣ ва технологӣ асоснок барои баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ;

– омода намудани пешниҳодҳо оид ба татбиқи технологияҳои муосир ва самарабахш дар такмили бизнес равандҳо ва амалияи Донишгоҳ;

– ташкил ва ҳамоҳанг сохтани корҳои инноватсионӣ ва назорати татбиқи онҳо дар раванди таълим ва истеҳсолот;

– такмил ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ;

– тарғиби натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ ва паҳн намудани инноватсия;

– ҳамкории инноватсионӣ – таҳқиқотӣ ва техникӣ бо муассиса ва ташкилотҳо;

– назорати иҷрои нақшаҳои корҳои илмӣ – инноватсионии Донишгоҳ;

– ҳамкорӣ бо воҳидҳои сохтории Донишгоҳ дар ташкил ва гузаронидани конференсияҳо, семинарҳо, симпозиумҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ – инноватсионӣ;

– назорати фаъолияти воҳидҳои сохтории Раёсат;

– гузаронидани озмун барои корҳои беҳтарини инноватсионӣ дар байни хонандагони литсей, донишҷӯён, унвонҷӯён, докторантони Ph.D, докторантон ва ҳайати устодону профессорони Донишгоҳ;

– андешидани тадбирҳо оид ба ташкил ва такмили истеҳсолоти маҳсулоти воридотивазкунанда;

– ҷалби профессорону омӯзгорон ва унвонҷӯёну донишҷӯён барои ҳамкории илмию инноватсионӣ;

– мусоидат ба ташаккули низоми тайёр кардани мутахассисон, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси онҳо дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ;

– ҳамкорӣ бо шуроҳои диссертатсионие, ки дар назди Донишгоҳ таъсис ёфтаанд.

## IV. ВАЗИФАҲОИ САРДОР

13. Сардор масъули иҷрои вазифаҳои хизматии зерин мебошад:

– муайян намудани самтҳои асосӣ ва афзалиятноки фаъолияти инноватсионии Донишгоҳ;

– ҳамоҳанг сохтани фаъолияти инноватсионие, ки дар факултет ва кафедраҳо бо мақсади иҷрои корҳои мукаммали бунёдӣ, иктишофӣ ва амалӣ сурат мегиранд;

– сарфаҷуёна истифода бурдани маблағҳои пулӣ бо мақсади рушди заминаи моддӣ-техникии фаъолияти инноватсионӣ;

– тарғиби дастовардҳои илмӣ – инноватсионии Донишгоҳ тавассути иштирок дар конференсияҳо, семинарҳо, симпозиумҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ, намоишгоҳҳо, нашри мақолаҳои илмӣ;

– санҷиши иҷрои амру фармоишҳо, дастуру супоришҳои роҳбарияти Донишгоҳ оид ба фаъолияти инноватсионӣ;

– танзими ҳуҷҷатнигорӣ ва назорати иҷрои саривақтии он;

– иштирок дар конференсияҳои солонаи илмӣ – инноватсионии

Донишгоҳ;

– ҳамоҳанг сохтани ширкати ҳайати устодону омӯзгорон, таълимгирандагон ва унвонҷӯён дар конференсияҳои илмӣ ва инноватсионии Донишгоҳ, байнидонишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ.

## V. ҲУҚУҚҲОИ САРДОРИ РАЁСАТ

14. Сардори Раёсат ҳуқуқ дорад:

– аз факултетҳо, кафедраҳо ва дигар воҳидҳои сохтории Донишгоҳ маълумоти зарурӣ ва ҳисобот талаб намояд;

– дар маҷлисҳои раёсат ва шурои олимони Донишгоҳ ва факултетҳо барои баррасии масъалаҳо оид ба корҳои илмӣ – инноватсионӣ, докторантура аз рӯи ихтисос докторантони Ph.D ва докторантура пешниҳодҳо манзур намояд;

– ҳамкории инноватсионии Раёсатро бо тамоми сохторҳои марбутаи Донишгоҳ ба роҳ монад;

– намояндагии Донишгоҳро дар ташкилотҳо, корхонаҳо, маҷлисҳои дахлдор оид ба масъалаҳои Раёсат амалӣ намояд;

– маҷлисҳои хизматӣ ва техникиро дар робита масъалаҳои инноватсионӣ даъват намояд;

– оид ба ҳавасмандкунии кормандон, устодону омӯзгорони фаъол, ки саривақт корҳои инноватсиониро анҷом додаанд, ба ректори Донишгоҳ пешниҳод манзур намояд;

– дар якҷоягӣ бо Раёсати Донишгоҳ ба таъсиси заминаи муосири илмӣ – инноватсионӣ ҷиҳати гузаронидани корҳои илмӣ – инноватсионӣ аз тарафи устодону омӯзгорон, докторантон аз рӯи ихтисос Ph.D, докторантҳо ва кормандони Донишгоҳ мусоидат намояд;

– назоратро аз болои хароҷоти воситаҳои пулии буҷети Донишгоҳ, ки барои фаъолияти илмӣ – инноватсионӣ ҷудо шудаанд, анҷом диҳад;

## VI. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМАИ РАЁСАТ

15. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи Раёсат бо қарори Шурои олимони донишгоҳ ворид карда шуда, аз ҷониби ректор тасдиқ карда мешавад.

# НИЗОМНОМАИ
# РАЁСАТИ МАЪМУРИЮ ХОҶАГӢ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМИ

1. Низомномаи Раёсати маъмурию хоҷагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Раёсат) фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ», амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ мемонад.

2. Ҷадвали воҳидҳои кории раёсат бо пешниҳоди муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт аз ҷониби ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

3. Сардори раёсат барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи раёсат вогузоргардида масъул мебошад.

## II. ҲАЙАТ ВА СОХТОРИ РАЁСАТ

*4.* Раёсат воҳиди сохтории Донишгоҳ мебошад.

– сардори раёсат дар асоси пешниҳоди муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт, бо фармоиши ректори донишгоҳ ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда мешавад;

– сардори раёсат дар доираи салоҳияти худ, тибқи қонун ва ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда, дойр ба вазифаҳои ба зиммаи раёсат вогузоргардида тавсияҳо дода, вазифаҳои кормандонро муайян ва тартиби иҷрои онҳоро назорат менамояд.

5. Раёсати маъмурию хоҷагӣ аз воҳидҳои зерини сохторӣ таркиб ёфтааст:

– шуъбаи сохтмони асосӣ;
– шуъбаи муҳофизати меҳнат;
– шуъбаи мудофиаи шаҳрвандӣ;

– шуъбаи хобгоҳҳои донишгоҳ;
– бахши таъминот;
– бахши хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ;
– бахши хӯроки умумӣ;
– фароғатгоҳи «Ҷавонӣ» (воқеъ дар ш.Ваҳдат), Зимчуруд (воқеъ дар н.Варзоб);
– пойгоҳҳои таҷрибаомӯзии «Такоб ва Зидеҳ»;
– осоишгоҳ– дармонгоҳи «Шифо»;
– мудирони бинои таълимӣ ва хобгоҳҳо;
– бошишгоҳи нақлиётӣ;
– мудири анбор;
– техникаи бехатарӣ;
– сехи дуредгарӣ.

6. Раёсат вобаста ба самти фаъолият, ҳаҷми кор ва теъдоди кормандон (бо фармоиши ректори донишгоҳ) метавонад дорои дигар зерсохторҳои таркибӣ (секторҳо, марказу шуъбаҳо ва ғ.) бошад.

## III. ВАЗИФАҲОИ АСОСӢ ВА САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТ

7. Вазифаҳои асосӣ ва самтҳои фаъолияти Раёсат чунин аст:

– таҳили вазъи иқтисодӣ, муайян намудани принсипҳо ва усулҳои танзими соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ, пешгӯии натиҷаҳо ва оқибатҳои дигарсозии иқтисодиёт;

– аз рӯи самтҳои асосии сиёсати қарзу пулӣ таҳияи пешниҳодҳо оид ба беҳсозии ҳолати ҳисобу китоб ва пардохт дар иқтисодиёти донишгоҳ;

– танзими қонунии шумораи кормандон, сатҳи тахассуси онҳо, шароити меҳнатӣ ва маишӣ, муносибати кормандон ба моликият интзоми меҳнат, ҳавасмандкунии меҳнатӣ, низоми имтиёзҳо, кумакпулиҳо, ҷубронпулиҳо ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқаманде, ки хилофи қонунгузории амалкунанда намебошанд;

– таъмини биноҳои таълимй ва ташкил намудани шароити мусоиди корӣ ва тадрисӣ барои донишҷӯёну кормандони донишгоҳ дар рафти таҳсил;

– таъмини вазъи санитарию гигиении биноҳои таълимй ва тадбирҳои фароҳам овардани шароити мусоид барои таълим;

– таъмир ва тармими биноҳои таълимӣ ва хобгохдои донишгоҳ;

– таъмиру таҷҳизонидани синфхонаҳои лингофонй ва тадриҷан таъмин намудани озмоишгохдои таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва кабинетҳои методӣ бо ашёю лавозимоти таълимию техникӣ ва илмӣ – методӣ;

– таъмин ва назорати фаъолияти нуқтаҳои хӯроки умумӣ.

– тақвият бахшидан ба дастрасии маводи электронии иттилоотию таълимӣ, илмию методӣ, ташкил ва ба истифода додани синфхонаҳои компютерӣ синфхонаҳои лингофонӣ, марказҳои интернетӣ, китобхонаҳои электронӣ дар донишгоҳ;

– муҳайё намудани шароити мусоиди хониш дар толорҳои дарстайёркунии китобхонаи илмӣ ва дар кабинетҳои методии кафедраҳои донишгоҳ.

## IV. УҲДАДОРИҲОИ САРДОР

8. Сардор уҳдадор аст:

– таъминоти моддию техникии раванди таълиму тарбия ва корхои илмию таҳқиқотӣ, инчунин, таъминоти моддию техникии донишгоҳро, дар маҷмуъ, назорат менамояд;

– нигохдории вазъи биноҳо, иншоотҳо ва ҳудуди биноҳои таълимӣ, хобгоҳҳоро дар мувофиқа бо қоидаҳо ва меъёрҳои нигохдории истеҳсолотӣ ва бехатарии зидди сӯхтор таъмин намояд;

– аз рӯи вазъи дурусти равшанидиҳӣ, маҷмуи хатҳои гармигузаронӣ, хатҳои истифодаи об, хатҳои обу корезй ва маҷмуи ҳавокашӣ назорат барад;

– таъмири иншоотҳоро таъмин намуда, аз рӯи сифати гузаронидани онҳо назорати амалӣ барад;

– аз рӯи тозагии биноҳои таълимӣ, хобгоҳҳо, пойгоҳҳои таҷрибаомӯзӣ таъминоти онҳо бо мебел, асбобу анҷоми хоҷагӣ таъминот бо лавозимоти дафтардорӣ, асбобу анҷоми зарурии хоҷагидорӣ назорат бурда, хароҷоти онҳоро доим зери назорат гирад;

– аз рӯи ободонӣ ва кабудизоркунӣ дар ҳудуди биноҳои таълимӣ назорат бурда, барои бартараф намудани камбудиҳо чораҳо андешад;

– ба кори мудирони биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳо сарварӣ намояд.

– маводҳоро оид ба масъалаҳои корношоям гардидани иншоотҳо ва асбобу анҷоми дар биноҳои таълимӣ бударо ба тартиб дароварда, ба муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт ба таври хаттӣ гузориш диҳад;

– сафи фаррошҳо, ҳавлирубон ва дигар кормандонро дар ҳар як бинои таълимӣ ва хобгоҳҳо таъмин намояд;

– тартиби бадастдорӣйва истифодабарии мебел, асбобу анҷоми хоҷағидорӣ, қоида ва меъёрҳои амалкунанда оид ба ҳифзи меҳнат, нигохдории истеҳсолотӣ, асосҳои қонунгузории меҳнатӣ, амалкунии доимии назорат аз рӯи тартиби фаъолияти меҳнатии мудирони биноҳо ва хобгоҳҳо ва ҳайати хурди хизматрасонро назорат кунад.

– раёсати хоҷагӣ, фарҳангию маишӣ, таъмини беҳдошти ҳолати санитарию гигиениии синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо, пойгоҳҳои таълимӣ, варзишӣ, хобгоҳҳо, ошхонаҳҳо ва ғайраро роҳбарӣ намояд;

– ҷиҳати таъмини тамоми сохторҳо бо таҷҳизоти муносиб тадбирҳо андешад;

– нақшаи хариди молу амволро таҳия сохта, вобаста ба масъалаҳои иқтисодию молиявӣ шартномаҳо мебандад.

– истифодаи дурусти молу амволро назорат намуда, вобаста ба харчи сарватҳои моддӣ ҳуҷҷат мураттаб месозад;

– фаъолияти хобгоҳҳоро назорат менамояд;

– барои такмил додани шаклҳои бехатарии меҳнат ба кормандони техникии донишгоҳ курсҳо ва семинарҳои омӯзишӣ ташкил менамояд.

## V. ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФАҲОИ САРДОР

9. Сардор дар доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ:

– аз номи Донишгоҳ доир ба масъалаҳои маъмурию хоҷагӣ ва иқтисодию молиявӣ баромад ва онро муаррифӣ мекунад;

– ба беҳтар намудани самти корҳои иқтисодию молиявӣ ба ректори донишгоҳ таклифҳо пешниҳод намояд;

– бо роҳбарони сохторҳои таркибии донишгоҳ ҳамкориҳои дуҷониба роҳандозӣ карда, барои иҷрои вазифаҳои хидматии худ ҳуҷҷат ва маводи зарурӣ дастрас менамояд;

– барои иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои худ аз ректори донишгоҳ мусоидат мепурсад;

– фаъолияти сохторҳои таркибии донишгоҳро дойр ба ташкили корҳои иқтисодию молиявӣ назорат намояд;

– барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии донишгоҳ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб намояд;

– ба Шурои олимони донишгоҳ баррасии банақшагирӣ, назорат ва таҳкими корҳои иқтисодию молиявӣ пешниҳод манзур месозад;

– дар доираи салоҳияти худ ба ҳайати кормандони раёсати хоҷагӣ дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад;

– тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, китобхони электронӣ, фондҳои иттилоотӣ, васоити техники таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад;

– тахассуси касбии худро такмил медиҳад;

– ҳайати кормандони раёсат вазифадоранд, муқаррароти низомномаи мазкур, Оинномаи донишгоҳ, фармоишу дастурҳо ва санадҳои дигари дохилиро, ки мухолифи қонунҳои амалкунандаи

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур нестанд, риоя намуда, малакаи касбии худро пайваста баланд бардоранд;

– назорати мунтазами раванди хоҷагӣ, истифодаи самарабахши биноҳо, синфхонаҳо, озмоишгоҳҳои таълимӣ, кабинетҳои методӣ ва дигар;

– аз сохторҳои таркибӣ талаб кардани ҳуҷҷатҳо, маълумотномаҳо, маводи зарурӣ ахбори оморӣ ва банақшагирии ҷараёни корҳои хоҷагӣ;

– ба роҳ мондани банақшагирӣ, ташкили мониторинг, такмил ва назорати раванди хоҷагӣ, назорати таъмини зарурат ҷиҳати фаъолияти самаранок дар раванди хоҷагӣ;

– мутобиқ намудани корҳо доир ба татбиқи усулҳо ва технологияи нави хоҷагӣ;

– банақшагирӣ ва таъмини ҷараёни муътадили раванди хоҷагӣ

– таъмини сохторҳои донишгоҳӣ бо маводи аввалиндараҷа;

– таҳияи гузоришҳо, маълумотномаҳо, ҳисоботҳо ва ҷамъоварии мавод оид ба фаъолияти донишгоҳ;

– мураттабсозии ҳуҷҷатҳои заминавии меъёрӣ, ки фаъолияти мунтазами хоҷагӣ донишгоҳро, бо назардошти талаботи муосир, ба роҳ мемонанд;

– омодасозии мавод барои баррасӣ дар раёсат, Шурои илмию методӣ ва Шурои олимони донишгоҳ;

## VI. НАЗОРАТ ВА ҲАМОҲАНГСОЗИИ ФАЪОЛИЯТИ КОРҲОИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОИЁТ

10. Назорати умумиро доир ба ташкил ва ҳамоҳангсозии фаъолияти корҳои иқтисодиву иҷтимои ва маъмурию хоҷагиро дар тамоми сохторҳои таркибии ДМТ қисми иқтисодӣ ва иҷтимои ба уҳда дорад.

11. Самтҳои фаъолият, вазифа ва уҳдадориҳои қисми иқтисод ва иҷтимоии донишгоҳро Низомномаи раёсат, ки дар Шурои олимони ДМТ тасдиқ мегардад, роҳандози мекунад.

12. Назорати танзими қонуни шумораи кормандон, сатҳи тахассуси онҳо, шароитҳои меҳнатӣ ва маишӣ, муносибати кормандон ва донишҷӯён ба моликият, интизоми меҳнат, ҳавасмандкунии меҳнатӣ, низоми имтиёзҳо, кӯмакпулиҳо ва ҷубронпулиҳо ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқаманде, ки хилофи қонунгузорӣ намебошанд.

13. Дар донишгоҳ назорати фаъолияти корҳои иқтисодӣ ва иҷтимоёт, маъмурию хоҷагӣ ба зиммаи декани факултет ва мудирони бинои таълимӣ ва кафедраҳои умумидонишгоҳӣ назорати фаъолияти корҳои иқтисодӣ ва иҷтимои, маъмурию хоҷагӣ мудири кафедра ба уҳда дорад.

14. Садорати факултетҳо, мудирони кафедраҳои умумидонишгоҳӣ ва дигар сохторҳо вазифадоранд, ки тамоми фармоишҳои ректор, қарору супоришҳои раёсат, қарорҳои Шурои олимон, дархостҳои корҳои иқтисодӣ ва иҷтимои, маъмурию хоҷагиро, ки ба корҳои маъмурию хоҷагӣ ва иқтисодӣ алоқаманд аст, дар ҷаласаҳои худ мавриди муҳокима қарор дода, сари вақт ба иҷро расонанд ва аз натиҷаи он ба муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт маълумот ва ахборот пешниҳод намоянд.

15. Ҳангоми аз ҷониби шахсони ба ин  масъул иҷро нагардидани талаботҳо мутобиқи санадҳои амалкунанда нисбати онҳо чораҳои маъмурӣ ва интизомӣ дида мешавад.

# НИЗОМНОМАИ
# ШУЪБАИ БАҚАЙДГИРИИ ҲУҶҶАТҲО

1. Низомномаи шуъбаи бақайдгирии ҳуҷҷатҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», «Дар бораи табъу нашр», «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ», «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», «Дар бораи фарҳанг», «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», фармон ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

2. Шуъбаи бақайдгирии ҳуҷҷатҳо (минбаъд шуъба) сохтори мустақили Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, фаъолияташро дар асоси Оиннома ва Қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва Низомномаи мазкур дар ҳамкорӣ бо раёсатҳо, шуъбаю бахшҳо ва дигар сохторҳои таркибии донишгоҳ ба роҳ мемонад;

3. Шуъбаро мудир, ки аз тарафи ректори донишгоҳ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад, роҳбарӣ менамояд;

Шуъба дар фаъолияти худ ҳуҷҷатҳои зеринро ба роҳбарӣ мегирад:

– қарору фармонҳо ва мактубҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарору фармоишҳо ва мактубҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мактубҳои дигар ташкилоту корхонаҳо, арзу шикоятҳои шаҳрвандон, арзу шикоятҳои устодону донишҷӯён, дархосту пешниҳодҳои факултету кафедраҳои умумидонишгоҳӣ ва бинои марказӣ, фармоишҳои ректор;

– қоидаҳо ва нишондодҳои Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ҳуҷҷатҳои амрдиҳандаи ташкилотҳои болоӣ.

## II. СОХТОРИ ШУЪБА

4. Шуъба мувофиқи ҷадвали корӣ дар сохтори худ 9 воҳиди корӣ дорад:

– мудир – 1;

– мутахассис – 7;

– нозир – хаткашон – 1;

5. Шуъба дорои муҳри мудаввари бенишон буда, он дар ихтиёри мудири шуъба қарор мегирад.

## III. ВАЗИФА ВА УҲДАДОРИҲОИ ШУЪБА

6. Шуъба дар донишгоҳ вазифаҳои корбариро бо ҳуҷҷатҳо ба амал мебарорад ва он дар сохтори донишгоҳ мустақил мебошад.

7. Вазифаи асосии шуъба ин таъмини ташкили дақиқу мунтазами кор бо ҳуҷҷатҳо дар донишгоҳ мебошад;

8. Барои иҷро кардани вазифаи номбаршуда ба шуъба чунин уҳдадориҳо вогузор карда мешаванд:

– таъмини сари вақт дида баромадани ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ (дохилӣ), ки барои ба раёсати донишгоҳ арз намудан пешниҳод шудаанд;

– назорати мунтазам аз болои иҷрои ҳуҷҷатҳо;

– ташкили кори маҷлисҳои раёсати донишгоҳ ва назорати иҷрои қарорҳои қабулнамудаи он;

– ба расмият даровардан, равон кардан, назорати мунтазам аз болои дуруст ва саривақт тартиб додан ва парвандакунии ҳуҷҷатҳо;

– қабул кардан, ба қайд гирифтан, нигоҳ доштан, баҳисобгирӣ, ба сохторҳои дахлдор расонидан, равон кардани мактубҳои содиротӣ, ҳамчунин, омода кардани парвандаҳо барои нигоҳдорӣ.

9. Тамоми ҳуҷҷатҳоеро, ки муҳлати истифодабариашон дар шуъба ба итмом расидааст, барои ба бойгонӣ супоридан ба танзим медарорад.

## IV. САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

10. Шуъба мувофиқи вазифаҳои ба зиммааш вогузоргардида дар самтҳои зерин фаъолият менамояд:

– ворид ва содир намудани мактубҳо ба шуъба;

– сари вақт дастрас намудани мактубҳо ба раёсат ва сохторҳои таркибии донишгоҳ;

– назорати ҷиддӣ бурдан аз иҷрои мактубҳои воридшаванда;

– мувофиқи талабот сари вақт ҳисобот додан ба раёсати донишгоҳ.

## V. ҲУҚУҚҲОИ МУДИРИ ШУЪБА

11. Ҳуқуқу вазифаҳо ва масъулияти мудири шуъба:

12. Мудири шуъба ба тамоми фаолияти шуъба роҳбарӣ мекунад ва барои иҷрои вазифаҳо функсияҳои пешбинишуда ҷавобгар аст;

13. Мудири шуъба ҳуқуқ дорад:

– аз кормандони раёсати донишгоҳ ва сохторҳои тобеи он маълумот ва дигар маводҳои ба раёсати донишгоҳ зарурӣ, инчунин, иттилоотро оид ба иҷрои супоришҳои ректори донишгоҳ талаб намояд;

– бо мувофиқа бо сардорони сохторҳои марбутаи донишгоҳ кормандони алоҳидаро барои омодасозии лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳо барои раёсати донишгоҳ ҷалб намояд;

– ба ректори донишгоҳ оид ба беҳтар намудани корҳои шуъб таклифу пешниҳод ва дархостҳо ирсол намояд;

– шуъбаро дар ҳамаи ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ намояндагӣ кунад;

– дастури вазифавии кормандони шуъбаи бақайдгирии ҳуҷҷатҳоро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намояд;

– кормандони шуъбаро барои ҳавасмандгардонӣ ё ба онҳо эълон кардани муҷозоти интизомӣ ба раёсати донишгоҳ пешниҳод намояд;

14. Мудири шуъба вазифадор аст:

– корро бо ҳуҷҷатҳо дар раёсати донишгоҳ ташкил намояд;

– ҳамаи мактубҳо ба унвони ректор воридшавандаро дида барояд;

– сифати омодасозӣ ва ба расмиятдарории ҳамаи ҳуҷҷатҳои барои имзо ба ректори донишгоҳ пешниҳодшавандаро тафтиш намояд;

– иҷрои фармоишҳои махсуси ректорро, ки ба кормандони раёсати донишгоҳ дахл доранд, тафтиш намояд;

– бо супориши ректори донишгоҳ омода кардани лоиҳаҳои фармоишҳои алоҳида, мактубҳо, маълумотномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо, инчунин, бо сохторҳои марбутаи донишгоҳ, кумитаҳои иттифоқи касабаи устодону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ мувофиқакунонидани онҳоро ташкил намояд;

15. Мудири шуъба масъул аст:

– барои иҷрои вазифаҳои ба шуъба вогузоршуда;

– барои дуруст ташкил намудани фаъолияти шуъба;

– кормандони шуъбаро аз руи талабот (маълумот, ихтисос, касбият, донистани забонҳо, таҷрибаи корӣ, сину сол ва ғайра) дуруст интихоб кардан ва ҷо ба ҷо гузоштани онҳо;

– барои сари вақт ва бо маҳорати баланд иҷро намудани супоришҳои додашуда;

– барои тартибу интизом дар шуъба;

16. Кормандони шуъбаи бақайдгирии ҳуҷҷатҳо ҳуқуқ доранд:

– аз кормандони донишгоҳ оид ба иҷрои супоришҳои ректор иттилоотро талаб намоянд.

## VI.ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМАИ РАЁСАТ

16. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи шуъба бо қарори Шурои олимони донишгоҳ ворид карда шуда, аз ҷониби ректор тасдиқ карда мешавад.

# НИЗОМНОМАИ ШУЪБАИ ҲУҚУҚ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи шуъбаи ҳуқуқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Низомнома) ҳамчун воҳиди сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

2. Шуъба ҳуқуқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд шуъба) фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ мемонад.

3. Шуъбаро мудир роҳбарӣ менамояд, ки аз тарафи ректори донишгоҳ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Мудири шуъба аз рӯйи вазифаҳои ба зиммаи шуъба гузошташуда масъул мебошад.

4. Шуъба фаъолияти худро дар ҳамкорӣ ба раёсатҳо, шуъбаҳо ва дигар бахшҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба роҳ мемонад.

5. Дархосту супоришҳои ҷамъиятӣ, додани ахбор, маълумот ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии тасдиқшударо шуъба танҳо дар мувофиқа бо ректори донишгоҳ иҷро менамояд.

## II.ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

6. Мувофиқи ҷадвали корӣ дар сохтори шуъба се нафар корманд фаъолият менамояд:

мудир;

мушовир – ҳуқуқшинос;

мушовир – ҳуқуқшинос.

7. Мудири шуъба тамоми фаъолияти кории шуъбаро роҳбарӣ намуда, аз номи шуъба баромад менамояд.

## III. САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

8. Фаъолияти худро дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва талаботи принсипи волоияти қонун дар соҳаи маориф ба амал мебарорад.

9. Лоиҳаи фармоишҳо ва қарорҳои Шурои олимони донишгоҳро таҳия менамояд.

10. Шуъба риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва супоришҳои хизматиро зимни ба амал баровардани уҳдадориҳои вазифавӣ таъмин менамояд.

11. Ҳимояи ҳуқуқу озодии, кормандони раёсат, шуъба, бахшҳо ва муассисаҳои тобеи донишгоҳро таъмин мекунад.

12. Қабул, коркарди саривақтии ҳуҷҷатҳо ва барои имзо омода намудани онҳоро таъмин менамояд.

13. Дар бораи масъалаҳои дахлдори дар салоҳияташ буда, мактубҳои дастурӣ ва ҳуҷҷатҳои дигарро интишор менамояд.

## III. ВАЗИФАҲОИ ШУЪБА

14. Шуъба масъалаҳоро дар асоси пешниҳоди раёсатҳо, шуъбаҳо ва бахшҳои донишгоҳ таҳия намуда, о барои баррасӣ ба маҷлисҳои назди ректор ба нақшаи корӣ ворид месозад;

15. Ба кормандони донишгоҳ, шаҳрвандони корафтода дар мавриди масъалаҳои бамиёномада маслиҳатҳои ҳуқуқӣ медиҳад;

16. Мактубу аризаҳо ва дархосту шикоятҳои ба шуъба воридшударо сари вақт дида баромада, ҷавоб омода менамояд;

17. Таҳияи босифати муҳлатноки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои хизматии раёсат, шуъба, бахшҳо ва сохторҳои тобеи донишгоҳро таъмин менамояд;

18 Баррасӣ, таҳрир ва барои имзо пешниҳод намудани фармоишҳои ректор, ҳисоботҳо, нақшаҳои корӣ, маълумотнома, аризаю мактубҳои раёсат, шуъба, бахшҳои донишгоҳ ва сохторҳои тобеи донишгоҳро таъмин менамояд.

## IV. ҲУҚУҚҲОИ ШУЪБА

19. Мувофиқи вазифаҳои хизматӣ ва тартиби муқарраршуда бо раёсат, шуъба ва бахшҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мукотиба карда, барои иҷрои супоришҳои ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон онҳоро сафарбар карда метавонад.

20.Шуъба аз сохторҳои марбутаи Донишгоҳ маълумоти заруриро талаб менамояд.

21. Ваколати иштирок дар мурофиаҳои судиро дорад.

22. Риояи талаботҳои қонунгузории соҳаи ҳифзи меҳнат, интизоми меҳнат ва Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро талаб менамояд.

23.Шуъба нусхаҳои қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онро эътироф кардааст, маҳфуз медорад.

24. Шуъба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шакли хаттӣ ва электронӣ ташкил мекунад.

25. Ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ додани маълумотҳоро дар доираи салоҳияташ ба амал мебарорад.

26. Барои беҳбудии кормандони донишгоҳ ба ректор пешниҳодҳо манзур намояд.

## V. УҲДАДОРИҲОИ ШУЪБА

27. Шуъба уҳдадор аст:

– Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, Низомномаи раёсати илм, Дастурамали мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, шартномаҳои коллективӣ ва санадҳои меъёрии дохилиро риоя намояд;

– барои иҷрои талаботи муқаррарнамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, бехатарии сӯхтор ва санитарию гигиенӣ мусоидат намояд;

– ҳар як корманди шуъбаро бо Оинномаи Донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, шартномаи меҳнатӣ, шартномаҳои коллективӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии раёсати донишгоҳ, ки ба фаъолияти корманд алоқаманд мебошанд, шинос намояд;

– тибқи муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, шартномаҳои коллективӣ фароҳам овардани шароити мусоиди кориро аз раёсати донишгоҳ талаб намояд;

– аз факултетҳо, кафедраҳои умумидонишгохи ва дигар воҳидҳои сохтории донишгоҳ маълумоти зарурӣ ва ҳисобот дар доираи салоҳияти худ, талаб намояд;

– намояндагии донишгоҳро бо ваколатнома дар ташкилотҳо, корхонаҳо, маҷлисҳои дахлдор оид ба масъалаҳои донишгоҳ амалӣ намояд;

– маҷлисҳои хизматиро оид ба масъалаҳои стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳо даъват намояд;

– оид ба ҳавасмандкунии кормандони фаъол, ки сари вақт корҳои шуъбаро анҷом додаанд, ҳамчунин, дар бораи дидани чораҳои интизомӣ нисбат ба кормандоне, ки корҳои шуъбаро иҷро накардаанд, ба ректори донишгоҳ пешниҳод манзур намояд;

– манфиатҳои донишгоҳро дар қисмати иҷрои вазифаҳои ба зиммаи шуъба гузошташуда дар ташкилотҳои дигар ҳимоя намояд;

– оид ба такмили фаъолияти шуъба ба роҳбарияти донишгоҳ пешниҳодҳо ироа кунад;

– ҷиҳати таъмини фаъолияти мунтазаму босамари шуъба аз компютерҳо, нусхаафзо ва техникаву захираҳои дигари дар донишгоҳ мавҷуда истифода намояд.

– такмил ва рушди фаъолияти шуъбаро мунтазам таъмин созад;

– қарорҳои раёсат, Шурои олимон, фармоиш ва супоришҳои ректори донишгоҳро дар муҳлатҳои муқарраршуда амалӣ созад.

## VI.ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМАИ ШУЪБА

28. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи шуъба бо қарори Шурои олимони донишгоҳ ворид карда шуда, аз ҷониби ректор тасдиқ карда мешавад.

**ФЕҲРАСТИ**
**ҲУҶҶАТГУЗОРИИ ШУЪБАИ ҲУҚУҚИ ДМТ**

1. Конститутсия
2. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
3. Фармонҳо, Қарорҳо ва Паёмҳои Президенти ҶТ
4. Мактубҳо аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
5. Ҳуҷҷатҳо аз судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
6. Варақаҳои иҷроия ва дигар санадҳои судӣ
7. Ҳуҷҷатҳо аз Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
8. Ҳуҷҷатҳо аз Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон

9. Ҳуҷҷатҳо аз Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ

10. Ҳуҷҷатҳо аз дигар вазорату кумитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

11. Оинннома, сохтори Донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ ва Шартномаи коллективӣ

12. Нақшаи корӣ Шурои олимон ва қарорҳои ҷаласаи раёсати Донишгоҳ

13. Фармоишҳои ректори Донишгоҳ

14. Мактубҳо

15. Пешниҳодҳо, гузоришҳо ва дархостҳо

16. Аризаҳо, шикоятҳо

17. Созишномаҳо ва шартномаҳо

18. Санадҳо

19. Низомнома, Дастурамали вазифавӣ, Нақшаи корӣ, Протокол, Қарор ва Ҳисоботи шуъба

20. Ҳуҷҷатҳо ва санадҳои меъёрии мутахассисони ҷавон

21. Ҳуҷҷатҳои хобгоҳҳои Донишгоҳ

22. Ҳуҷҷатҳои гуногун

23. «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар ҶТ барои солҳои 2021 – 2025» *(Фармони Президенти ҶТ аз 01.06.2021, №187)*

24. «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар ҶТ барои давраи то соли 2030» *(Фармони Президенти ҶТ аз 03.08.2021, №222)*

25. «Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ барои давраи то соли 2030» *(Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2021, №24)*

26. «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018 – 2028»

*(Фармони Президенти ҶТ аз 06.02.2018, №1005)*

27. «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони ҶТ барои солҳои 2020 – 2025» *(Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2019, №599)*

28. «Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар ҶТ барои солҳои 2021 – 2030» *(Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №265)*

29. «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022 – 2026»

*(Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, таҳти № 565)*

30. «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар ҶТ барои солҳои 2022 – 2024»

*(Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.02.2022, таҳти №55)*

31. «Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2020 – 2025»

32. «Нақшаи кори Шурои миллии муқовимат ба коррупсияи ҶТ барои соли 2023»

33. Дафтари воридот ва содироти мактубҳо, аризаҳо ва ғайра.

# НИЗОМНОМАИ
# ЛИТСЕЙИ РАВИЯИ ТАБИӢ – РИЁЗИИ НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи литсейи равияи табиӣ – риёзии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Низомномаи литсей дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудаас.

2. Низомнома бо мақсади танзими фаъолияти литсейи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Литсей) таҳия шуда, дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳ аз 06.07.2009, суратмаҷлиси №14 баррасӣ ва қабул карда шудааст.

3. Муассиси Литсей Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Литсей) буда, бо фармоиши ректори Донишгоҳ, дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ва дар асоси Иҷозатномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти мавҷудияти базаи моддию техникӣ ва таълимию методӣ ташкил карда шудааст.

4. Литсей бо мақсади баланд бардоштани сатҳи тайёрии таҳсилоти умумии наврасон аз рӯи малакаю истеъдод ва майлу рағбаташон бо мақсади мукаммал омӯхтани фанҳои табиӣ – риёзӣ, техникӣ ва технологӣ ва тайёр намудани онҳо барои дохил шудан ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар асоси худмаблағгузорӣ ташкил карда шудааст. Литсей фаъолияти худро дар заминаи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф оид ба таҳсилоти умумӣ, Низомномаи мазкур ва Оинномаи Литсей ба роҳ мемонад ва таҳти назорати бевоситаи раёсати Донишгоҳ қарор дорад;

5. Литсей барномаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва таҳсилоти иловагии касбиро доир ба фанҳои табииву риёзӣ, технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад. Барномаҳои таълимӣ бо мақсади аз худ кардани фанҳои табиӣ – риёзӣ ва техникӣ – технологӣ, инкишофи тарбияи ахлоқӣ, ҷисмонӣ, эстетикӣ, интихоби касб, фаъолияти эҷодкорӣ, ҳамгироии фанҳои ҷамъиятиву гуманитарӣ ба роҳ монда мешавад;

6. Андоза ва пардохти музди машғулиятҳои иловагиро Шурои педагогии литсей ҳаллу фасл менамояд;

7. Литсей барои рушди ҳаматарафаи  шахс новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди  динию мазҳабӣ, мавқеи сиёсӣ кӯшиш менамояд;

8. Фаъолияти литсей аз амалӣ намудани барномаҳои  таълимӣ (иловагӣ ва инфиродӣ), баланд  бардоштани савияи дониши хонандагон, таҳияи нақшаю  барномаҳо ва китобҳои дарсӣ, воситаҳои аёнӣ,  маводи методӣ – илмӣ, ташкили семинар, конфренсия, озмунҳои илмӣ, инчунин ташкили сексияҳои фаннӣ, гурӯҳҳои тадқиқотӣ ва илмӣ – ихтирокорӣ иборат аст;

9. Литсей барои иҷрои бандҳои 1,2,3,4,5 ва инчунин ҳифзи ҳаёт ва саломатии хонандагон дар ҷараёни таҳсил масъул аст;

10. Литсей дар интихоби китобҳои дарсӣ, нақшаю барномаҳои таълимӣ вобаста ба шароиту имконият бо назардошти талаботи нақшаи таълимӣ ва барномаҳои таълимии фаннии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибихтиёр мебошад;

11. Ба хатмкунандагони литсей тибқи талаботи моддаи 24 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»  Шаҳодатнома  дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9) ва дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 11 (12)), ки аз тарафи Вазорати  маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, дода мешавад;

12. Тартиби тасдиқ ва тағйирот ба Низомномаи мазкур бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ  сурат мегирад.

## II. СОХТОР, РОҲБАРӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ЛИТСЕЙИ ДОНИШГОҲ

13. Литсейи Донишгоҳ шахси ҳуқуқӣ буда, дорои ном, мухр, суратҳисоб ва дигар ҳисобҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, мебошад;

14. Ҳайати кормандони литсей аз директори литсей, муовини директор, танзимгар, оператори компютер ва ҳайати омӯзгорон иборат мебошад. Дар ҳолатҳои зарурӣ сохтор ва ҳайати маъмурият, омӯзгорон ва кормандони литсей аз ҷониби муассис тағйир дода мешавад. Музди меҳнати директор, кормандон ва омӯзгорони литсей мувофиқи музди меҳнати тасдиқнамудаи Донишгоҳ барои ҳайати омӯзгорону кормандон аз ҳисоби маблағҳои бадастовардаи литсей пардохт карда мешавад;

15. Литсей бо марказҳои таълимию методии ҷумҳуриявӣ, идораю шуъбаҳои маориф дар шаҳрҳо, вилоятҳо, ноҳияҳо, мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, барои ба таҳсил ҷалб намудани хонандагон ва ҷорӣ намудани усулҳои пешқадами таълим, сифатан беҳтар гардонидани корҳои таълимию методӣ ҳамкорӣ менамояд. Дар заминаи ҳамкориҳо

масъалаҳои таъмини хонандагон бо барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ, асбобу анҷоми хониш ҳаллу фасл мегарданд;

16. Роҳбарии умумии фаъолияти литсейро директор ва маҳоми худидораи литсейро Шурои педагогӣ ба уҳда дорад.

17. Ваколатҳои директори литсей аз инҳо иборатанд:

– манфиати литсейро дар маҳомоти давлатӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳо ҳимоя менамояд;

– ҷадвали дарсиро назорат ва тасдиқ мекунад;

– роҳбарони синфро таъин мекунад;

– воҳидҳои кории литсейро барқарор ва тағйир медиҳад;

– ба кор қабул кардан ва аз кор озод кардани кормандони педагогӣ ва хизматрасониро ба уҳда дорад;

– дар доираи ҳуқуқҳои муайяншуда нисбат ба амволи литсей ғамхорона муносибат намуда, дар муассисаҳои бонкӣ суратҳисоб кушода, дар ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ва ҳуҷҷатҳои ба маблағ алоқаманд имзо мегузорад ва оид ба истифодаи дурусти ин маблағҳо ба ректори Донишгоҳ маълумот пешниҳод менамояд.

18. Дар литсей Шурои педагогӣ, Шурои илмӣ – методӣ, Шурои ҷамъиятӣ, Ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорон, Созмони талабагӣ фаъолият менамоянд.

Шурои педагогӣ масъалаҳои зеринро ҳал менамояд:

– фаъолияти литсейро муайян мекунад;

– Оинномаи литсейро таҳия мекунад ва барои тасдиқ ба Шурои олимони Донишгоҳ пешниҳод менамояд;

– реҷаи кории литсей ва тартиботи онро муайян мекунад;

– комиссияҳои гуногунро ташкил карда, ба онҳо тавсияҳо медиҳад;

– санҷиш гузаронида, натиҷаи таҳсилро баҳогузорӣ мекунад;

– нақшаю барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, шакл ва усулҳои таълимро муҳокима ва интихоб менамояд;

– доир ба хориҷ кардани хонандагон қарор қабул мекунад;

– доир ба самти корҳои тадқиқотию таҷрибавӣ ва баланд бардоштани тахассуси кормандон чораҳои зарурӣ меандешад.

19. Роҳбарии методии фаъолияти литсей аз тарафи Шурои методии Донишгоҳ ба роҳ монда мешавад;

20. Литсейи Донишгоҳ дорои ошхона, хобгоҳ ва нуқтаи хизматрасонии тиббӣ мебошад.

21. Директори литсей аз ҳисоби омӯзгорони соҳибтаҷриба ва унвондор бо фармоиши ректори Донишгоҳ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад;

22. Директори литсей ҳамчун узви раёсат, Шурои олимон ва шурои илмию методии Донишгоҳ дар ҷаласаҳо иштирок намуда, дар бораи фаъолияти литсей гузориш медиҳад;

23. Вазифаҳои директори литсей аз инҳо иборатанд:

– ба корҳои таълимию тарбиявии литсей бевосита роҳбарӣ менамояд;

– санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаро дар литсей амалӣ намуда, риоя ва иҷро гардидани онҳоро назорат ва таъмин менамояд;

– машғулиятҳои дарсиро аз рӯйи нақшаву барномаҳои тасдиқшудаи таълимӣ ташкил ва баргузор мекунад;

– ҷараёни таълимро таъмин ва мунтазам назорат менамояд;

– ҷадвали машғулиятҳои дарсиро таҳия ва барои тасдиқ ба муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим пешниҳод менамояд;

– роҳбарони синфро ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод мекунад;

– воҳидҳои кории литсейро дар мувофиқа бо ректори Донишгоҳ барқарор ва тағйир медиҳад;

– ба кор қабул ва аз кор озод кардани кормандони педагогӣ ва хизматрасониро дар мувофиқа бо ректори Донишгоҳ ба уҳда дорад;

– дар доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ нисбат ба сарфи маблағҳо, таҷҳизот, ашёҳои литсей оқилона муносибат намуда, дар бораи истифодаи дурусти маблағҳои барои литсей ҷудошуда ба ректори Донишгоҳ ахбор манзур менамояд;

– барои ҳимояи ҳуқуқ ва саломатии хонандагон масъул буда, оид ба сифат ва самаранокии ҷараёни таълим ҷавобгар мебошад;

– бо садорати факултетҳо, кафедраҳои умумидонишгоҳӣ, марказҳои таълимию методии ҷумҳуриявӣ, озмоишгоҳҳои илмию таълимӣ, китобхонаҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, Пажуҳишгоҳи илмҳои педагогии Академияи илмҳои педагогии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таълимию методӣ робитаи мунтазамро нигоҳ медорад;

– барои хориҷ намудани хонандагон аз литсей (бо сабабҳои давомоти нокифоя, вайрон кардани интизоми меҳнати Донишгоҳ ва дигар қоидаҳои тартиботи дохилӣ) ба ректор маълумот пешниҳод менамояд;

– барои хонандагон ҳуҷҷатҳои лозимиро таҳия ва омода менамояд.

## II. ТАРТИБИ ҚАБУЛИ ХОНАНДАГОН ВА ТАШКИЛИ ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ

24. Ба литсейи Донишгоҳ хонандагони синфҳои 5 – 11 – и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мувофиқи майлу хоҳиш ва қобилияту завқашон бо хоҳиши падару модари (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) наврасон дар асоси озмун қабул карда мешаванд.

25. Шахсони ба литсей қабулшаванда ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:

– ариза ба номи директор;

– маълумотнома аз ҷои зист;

– 6 дона сурати 3х4;

– маълумотномаи тиббӣ дар бораи вазъи саломатӣ;

– маълумотнома оид ба пардохти ҳаққи таҳсил;

– маълумотнома аз маъмурияти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумие, ки хонанда қаблан дар он таҳсил мекард;

– шаҳодатномаи хатми синфи 9.

26. Қабул ба литсей тавассути озмун аз тарафи комиссия дар ҳайати намояндаи раёсат (раис), директори литсей ва омӯзгорони фанҳои таълимӣ дар асоси фармони ректори Донишгоҳ мувофиқи нақшаи қабул аз ҳисоби хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба тариқи озмуни хаттӣ ва шифоҳӣ ба роҳ монда мешавад;

27. Дохил шудан ба литсей аз рӯйи натиҷаи озмун ва пардохти ҳаққи таҳсил (дар асоси талаботи шартномаи тарафайн) бо фармоиши ректори Донишгоҳ амалӣ карда мешавад;

28. Нархнома ва харҷномаи таҳсил дар литсей аз тарафи Шурои педагогии литсей муқаррар ва бо фармоиши ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад;

29. Пардохти ҳаққи таҳсил мувофиқи қарордоди тарафайн байни директори литсей ва падару модари (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) хонанда муайян карда мешавад. Падару модар (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) ухдадоранд, ки маблағи муқарраршударо тибқи талаботи шартномаи тарафайн барои таҳсил ба хазинаи Донишгоҳ пардохт намоянд. Дар сурати (бе сабабҳои узрнок тарки таҳсил кардан, давомоти нокифоя, мунтазам ба дарсҳо бе тайёрӣ омадан ва дар ҷамъбасти чоряк гирифтани баҳои ғайриқаноатбахш, вайрон кардани интизоми таълим) аз литсей хориҷ гардидани хонанда маблағи барои таҳсил супоридаи падару модари ӯ (ва ё шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) баргардонида намешавад;

30. Хонандагони литсей ҳуқуқ доранд аз синфхонаҳо, озмоишгоҳҳои илмию таълимӣ, кабинетҳои методӣ, толорҳои қироатӣ, толорҳои варзишӣ, китобхонаҳо, пойгоҳҳои таҷрибавию таълимӣ ва фароғатӣ, аз тановули ройгони анвои хӯрокҳо (се маротиба дар як рӯз) аз ошхонаҳои Донишгоҳ истифода намоянд;

31. Хонандагон вазифадоранд, ки талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Оинномаи Донишгоҳ», «Низомномаи

литсей дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ» ва талаботи Низомномаи мазкурро риоя намоянд;

32. Ҳуқуқ ва вазифаҳои падару модари (шахсоне, ки онҳоро иваз менамоянд) хонандагони литсейи Донишгоҳ дар доираи талаботи моддаи 42 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» амалӣ карда мешаванд;

33. Донишгоҳ бо назардошти имконияти хонандагонро бо хобгоҳ таъмин менамояд;

34. Литсей корҳои таълиму тарбиявии хонандагонро бо назардошти майлу хоҳиш ва шавқу завқи хонандагон ва эътирофи тарафайн, ҳамкории омӯзгор ва хонанда ба роҳ мемонад;

35. Дар литсей омӯзиши васеи фанҳои математика, физика, химия, биология, экология, география ва асосҳои техникаи компютерӣ ба роҳ монда мешавад;

36. Давомнокии соли таҳсил дар литсей 34 (сиву чор) ҳафта буда, ҷараёни таълим аз 1 – уми сентябр оғоз ёфта, 30 – юми июн ба анҷом мерасад ва давомнокии таътилҳои фосилавӣ 30 (сӣ) рӯзро ташкил медиҳад;

37. Дар литсей баробари машғулиятҳои таълимӣ, ҳамчунин лексия, семинар, корҳои лабораторӣ бо усулҳои навтарин ва воситаҳои ҷадиди таълим ташкил карда мешаванд;

38. Омӯзгорони литсей бо назардошти майлу хоҳиши падару модар (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) ба хонандагон барои машғулиятҳои иловагӣ ё ба тарзи илова омӯзонидани фанҳои алоҳида ва ташкил намудани маҳфилҳои гуногун метавонанд музди иловагӣ гиранд;

39. Дар литсей хонандагони болаёқат ва ахлоқи намунавидошта ба таҳсил фаро гирифта мешаванд;

40. Хонандагони литсей ҳуқуқ доранд, ки новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба муассисаи дигари таълимӣ гузаранд;

41. Хонандагоне, ки дар ҷараёни таълим натиҷаҳои назаррас ба даст меоранд, бо дастгирии Шурои педагогии литсей ва раёсати Донишгоҳ ҳавасманд карда мешаванд;

42. Фарзандони шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат доранд, ба литсей дар асоси талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд;

43. Интихоби низоми баҳогузорӣ, шакл ва тартиби гузаронидани аттестасияи фосилавии хонандагон тибқи талаботи санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии соҳаи маориф, Оинномаи Донишгоҳ ва қарори Шурои илмию методии Донишгоҳ амалӣ мегардад;

44. Хонандагони литсей баҳри қонеъ гардонидани талаботи эҷодӣ ва тадқиқотӣ назарияҳои андӯхтаи худро метавонанд дар таҷриба бисанҷанд.

## IV. ТАРТИБИ ТАЪСИС ВА БАРҲАМДИҲИИ ЛИТСЕЙИ ДОНИШГОҲ

45. Литсей бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам дода мешавад;

46. Дар мавриди азнавташкилёбӣ ва ё қатъ гардидани фаъолияти литсейи Донишгоҳ Оинномаи Донишгоҳ, Низомномаи Шурои олимони Донишгоҳ ва Низомномаи Шурои илмию методӣ ректори Донишгоҳ барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ҳайати омӯзгорон ва кормандони Литсей тадбирҳо андешида, онҳоро ба сохторҳои дигари Донишгоҳ ба кор ҷалб менамояд.

# НИЗОМНОМАИ
# ШУЪБАИ МАГИСТРАТУРА

## I.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи шуъбаи магистратура (минбаъд Низомнома) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, «Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи магистратураи вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм шудааст.

2. Шуъба бо фармоиши ректори донишгоҳ дар сохтори таркибии ДМТ таъсис дода мешавад;

3. Низомномаи мазкур фаъолияти шуъбаро ба танзим даровада, вазифа, уҳдадорӣ, ҳуқуқ ва масъулиятҳои шуъба ва кормандони он, инчунин, ҳамкории шуъбаро бо сохторҳои дигари ДМТ муайян мекунад;

4. Шуъба дар фаъолияти худ санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм, ҳамчунин, муқаррароти Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад;

5. Шумораи кормандон ва тағйирот ба ҷадвали воҳидҳои кори шуъбаро ректори тасдиқ мекунад;

6. Шартҳои меҳнати кормандони шуъбаро қоидаҳои тартиботи дохилии донишгоҳ шартномаҳои меҳнатии бо ҳар як корманд басташуда ва санадҳои дигари меъёрӣ муайян мекунанд;

7. Уҳдадориҳои меҳнатии кормандони шуъба тибқи Кодекси меҳнати ҶТ ва муқаррароти дастурамалҳои дар ДМТ тасдиқшуда муайян карда мешавад;

8. Ба ҳуҷҷатҳои шуъба, дар баробари кормандони, инчунин, ректор, муовинони ӯ, сардорони раёсатҳо (шуъбаҳо)-и таълим ва илм, деканони факултет, шахсони ба санҷиши фаъолияти шуъба салоҳиятдошта, инчунин, шахсони дигар мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи дастрасӣ доранд;

9. Низомнома дар бораи шуъба ва тағйироту иловаҳое, ки ба он ворид карда мешаванд, аз ҷониби ректор тасдиқ карда мешаванд.

## II.ВАЗИФАҲОИ ШУЪБА

10. Вазифаи асосии шуъба иборатан аз:

– роҳнамоии барномаҳои магистрӣ бо мақсади баланд бардоштани донишҳои касбии мутахассисон, такмили сифатҳои кори онҳо баҳри иҷрои вазифаҳои нави меҳнатӣ;

– ҳамоҳангсозии корҳои таълимӣ, ташкилӣ- методӣ ва илмӣ-тадқиқотии ҳайати профессорону омӯзгорон ҷиҳати таъмини ягонагии низоми талабот ба ташкил, шартҳои татбиқ ва баҳодиҳии сифати барномаҳои тайёр кардани магистрантон;

– банақшагирӣ ва ташкили раванди таълими магистрантон;

– ташкил ва баҳисобгирии ҳаракати ҳайати магистрантон.

11. Мутобиқи вазифаҳо шуъбаи магистратура корҳои зеринро анҷом медиҳад:

– дар ДМТ фаъолияти таълимии магистрантонро мутобиқ ба Стандартҳои давлатии таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, нақшаҳои таълимии самти магистратура, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсат ва Шурои олимони ДМТ муқаррар кардааст, ташкил мекунад;

– оид ба такмили раванди таълим ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии магистрантон пешниҳод таҳия намуда, ба баррасии Шурои олимони ДМТ манзур месозад;

– ташкил ва баргузории машғулиятҳои таълимии магистрантон, қабули санҷиш ва имтиҳоноти онҳоро назорат мебарад;

– тибқи дархости раёсати донишгоҳ аз фаъолияти магистратура маълумот пешниҳод мекунад;

– сари вақт ба мудирони кафедраҳо дар бораи қарорҳои раёсати донишгоҳ оид ба масъалаҳои амалигардонии барномаҳои магистрӣ маълумот ирсол менамояд;

– назоратро аз болои ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ва малакаандӯзии магистрантон ба роҳ мемонад;

– корҳои ташкилӣ- методиро ҷиҳати барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои ҷорӣ ва хатмии магистрантон амалӣ месозад;

– манбаи маълумот оид ба магистрантонро ташкил ва сари вақт нав месозад, баҳисобгирии ҳаракати ҳайати магистрантонро пеш мебарад;

– бо дигар сохторҳои донишгоҳ дар мураттабсозии ҳисоботҳои даврӣ ва якдафъина ҳамкорӣ мекунад;

– якҷоя бо кафедраҳо доир ба васеъ кардани феҳристи барномаҳои магистрӣ аз рӯйи самтҳои иҷозатномадошта кор мебарад;

– тавассути сомонаи ДМТ ба ҳайати омӯзгорон ёрии иттилоотӣ мерасонад;

– дар кори таблиғоти касбӣ оид ба ҷалби хатмкунандагони бакалавриат ба магистратура ширкат меварзад ва иттилооти таблиғотӣ таҳия месозад;

– дар ташкил ва баргузории конференсияҳои илмӣ – амалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳои илмӣ (эҷодӣ)-и магистрантон иштирок менамояд;

– интихоби хатмкунандагон ва натиҷаҳои қабул ба магистратураро арзёбӣ ва таҳлил мекунад;

– банақшагирии раванди таълимро дар асоси нақшаҳои таълимии таҳия ва тасдиқшуда амалӣ сохта, аз болои фаъолияти таълимӣ-методӣ ва илмӣ-тадқиқотии магистрантон назорат мебарад;

– омода кардани варақаҳои имтиҳонӣ ҷиҳати такроран супоридани санҷишу имтиҳонот, ҷадвали ҳимояи корҳои тахассусии хатм, инчунин, ҳуҷҷатҳои барои магистратура заруриро омода месозад;

– иштирок дар ташаккули рейтинги магистрантон тибқи қоидаҳои дар донишгоҳ тасдиқшуда, аз ҷумла, бо истифодаи низоми кредитии фанҳои нақшаҳои таълимӣ;

– барои тасдиқ пешниҳод кардани лоиҳаи санадҳоро аз рӯйи самтҳои фаъолияти худ омода сохта, барои тасдиқ пешниҳод мекунад.

## III. МАҚОМ, ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲО

12. Шуъба сохтори таркибии ДМТ буда, ба ректори донишгоҳ тобеъ мебошад.

13. Ҳуқуқои шуъба:

– барои амалисозии вазифаҳои шуъба аз тамоми сохтор ва хадамот, сарфи назар аз тобеият, маълумоти заруриро дастрас намояд;

– дар ДМТ аз болои иҷрои барномаҳои магистрӣ назорат барад;

– дар машғулиятҳои таълимӣ, ҷаласаи кафедраҳо ва Шурои олимони ДМТ ҳангоми баррасии масъалаҳои вобаста ба иҷрои барномаҳои тайёр кардани магистрантон иштирок намояд;

– фармоишҳои ба фаъолияти магистратура дахлдорро, ки иҷрои онҳо барои факултетҳо ва кафедраҳо ҳатмист, интишор кунад;

– якҷоя бо шурои илмӣ – методии донишгоҳ нақшаи нашри адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ барои магистрантонро бо факултетҳо ва кафедраҳо ҳамоҳанг кунад;

– лоиҳаи санадҳои меъёрии донишгоҳро дар самти фаъолияти магистратура таҳия созад;

– манфиатҳои донишгоҳро дар қисмати иҷрои вазифаҳои ба зиммаи шуъбаи магистратура гузошташуда дар ташкилотҳои дигар ҳимояд кунад;

– оид ба такмили фаъолияти шуъба ба роҳбарияти ДМТ пешниҳодҳо ироа кунад;

– ҷиҳати таъмини фаъолияти мунтазаму босамари шуъба аз компютерҳо, нусхаафзо ва техникаву захираҳои дигари дар донишгоҳ мавҷуда истифода намояд.

14. Уҳдадориҳои шуъба:

– такмил ва рушди фаъолияти бахшро мунтазам таъмин созанд;

– вазифаҳои ба зиммаи шуъба гузошташударо бо сифат ва пурра иҷро кунад;

– қарорҳои Шурои олимон, амру фармоиш ва супоришҳои ректори донишгоҳро дар муҳлатҳои муқарраршуда амалӣ созад.

## IV.РОҲБАРИИ ШУЪБА

15. Шуъбаро мудир, ки бо фармоиши ректори ДМТ ба вазифа таъин ва озод карда мешавад, роҳбарӣ мекунад.

16. Мудири шуъба вазифаҳои зеринро амалӣ месозад:

– ба фаъолияти шуъба роҳбарӣ мекунад, ташкили кор, иҷрои вазифа ва масъулиятҳои онро, ки Низомномаи мазкур муайян кардааст, инчунин, иҷрои амру фармоиш ва супоришҳои роҳбарият, қарорҳои ДМТ -ро таъмин месозад;

– оид ба такмили фаъолияти шуъба, баланд бардоштани самаранокии кори он ба ректори донишгоҳ пешниҳод манзур мекунад;

– лоиҳаи санадҳои меъёриву методии марбут ба ташкили фаъолияти шуъбаро таҳия месозад;

– якҷоя бо раёсати таълими донишгоҳ такмили ихтисоси кормандони шуъбаро ташкил медиҳад;

– бо мақсади такмили маҳорати касбӣ ҷиҳати фиристонидани кормандон ба семинарҳо ва чорабиниҳои дигари ба масъалаҳои фаъолияти магистратура дахлдор ташаббус нишон медиҳад;

– ба риояи қоидаҳои тартиботи дохилӣ, ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ аз ҷониби кормандон назорат мебарад.

17. Мудири шуъба ҳуқуқ дорад:

– аз кормандони шуъба иҷрои пурра ва босифати уҳдадориҳои дар дастурамали вазифавӣ муайяншударо талаб намояд;

– аз кормандони шуъба риояи муқарраротои Оинномаи ДМТ, Қоидаҳои тартиботи дохилӣ, ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ, иҷрои амру фармоишҳои ректори донишгоҳро талаб кунад;

– аз роҳбарони сохторҳои дигари донишгоҳ маводҳо ва иттилоотӣ барои иҷрои вазифа ва пешбурди фаъолияти муассиса маълумотҳои заруриро дархост ва дарёфт кунад.

## V.ҲАМКОРӢ БО ДИГАР СОХТОРҲОИ ДОНИШГОҲ

19. Ҳамкории шуъба бо дигар сохторҳои донишгоҳ дар асоси вазифа ва корҳое, ки низомномаи мазкур ба уҳдаи шуъба вогузор кардааст, муайян карда мешавад.

20. Шуъба ҳамкорӣ мекунад:

– бо комиссияи қабули ДМТ оид ба масъалаҳои қабули довталабон ва парвандаҳои шахсии онҳо;

– бо кафедраҳои пешбар, садорати факултетҳо ва сохторҳои дигари ДМТ аз рӯйи масъалаҳои умумӣ ва масоили пешбурди барномаҳои магистрӣ;

– бо шуъбаҳои хизматрасонии муздноки таълим оид ба масъалаҳои бастани шартнома ҳангоми қабул, барқарорсозӣ, интиқол ва хориҷкунӣ;

– бо муҳосиботи ДМТ оид ба масъалаҳои ҳисобӣ кардани маблағи пардохти таҳсилоти магистрантон дар ҳолатҳои барқароршавӣ, интиқол ва хориҷшавӣ;

– бо раёсатҳо (шуъбаҳо)-и илм ва таълимӣ-методӣ оид ба масъалаҳои ҳуҷҷатгузорӣ ва омодасозии ҳуҷҷатҳо, ташкил ва банақшагирии раванди таълим, истифодаи фонди аудиторӣ ва ҷадвалҳои дарсӣ;

– бо шуъбаи кадрҳои донишгоҳ дар хусуси баҳисобгирии ҳайати магистрантон ва кормандони бахш;

– бо китобхонаи донишгоҳ оид ба масъалаҳои хизматрасонии фавриву китобхонавӣ ва иттилоотӣ – библиографии магистрантон;

– бо кумитаи иттифоқи касабаи донишгоҳ оид ба масоили хусусияти иҷтимоӣ – маишӣ, инчунин, бо сохторҳои дигар ҷиҳати иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои ба зиммаи бахш вогузоршуда;

– бо матбааи ДМТ вобаста ба масъалаҳои чопи ҳуҷҷатҳо ва адабиёти методӣ.

## VI.ТАҶДИД ВА БАРҲАМДИҲӢ

21. Шуъбаи магистратура дар асоси қарори Шурои олимон бо фармоиши ректори ДМТ таҷдид ва ё барҳам дода мешавад.

## НИЗОМНОМАИ
## ШУЪБАИ РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ қисми таркибии сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад ва фаъолияти худро дар асоси қонунгузории амалкунанда, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур ва фармоишу супоришҳои ректори Донишгоҳ амалӣ менамояд.

2. Мақсади созмон додани шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ ин таъмини ташкилӣ, техникӣ ва иттилоотию методии фаъолияти байналмилалии Донишгоҳ, ташкил ва назорати чараёни ба таҳсил фаро гирифтани шаҳрвандони хориҷӣ ва раванди таҳсили онҳо дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, рушди ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимию илмии хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, мукаммалсозии чараёни маълумотнокӣ ва баландбардории сифати ҳамкориҳо дар асоси истифодаи эҷодии таҷрибаи байналмилалӣ мебошад.

## II. ВАЗИФАҲОИ АСОСӢ ВА УҲДАДОРИҲОИ ШУЪБА

1. Ба роҳ мондан ва рушди робитаҳои самараноки ҳамкории муфид бо муассисаҳои таълимии олии касбӣ ва илмии хориҷӣ, омода намудан ва амалисозии барномаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи ҳамкорӣ дар соҳаи илм, таҳсилот ва фарҳанг, аз ҷумла:

– иштирок дар таҳия ва мувофиқасозии созишномаҳо, нақшаҳои ҳамкорӣ, барномаҳои корӣ, лоиҳаҳо бо шарикони хориҷӣ, назорат аз рӯи иҷрои онҳо;

– ташкил ва баргузор намудани конфронсҳои илмию амалӣ, симпозиумҳо, семинарҳо ва намоишгоҳҳо дар пояи Донишгоҳ бо иштироки ҳамтоёни хориҷӣ;

– ба роҳ мондани раванди қабули шаҳрвандони хориҷӣ ба Донишгоҳ;

– ба роҳ мондани ҳамкории гуногунсамт бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва марказҳои илмии хориҷӣ ва табодули академӣ;

– даъват намудани мутахассисони баландихтисоси хориҷӣ барои гузаронидани лексияҳо, машваратҳо ва тадқиқотҳои муштараки илмӣ, расонидани ёрии методӣ дар мукаммалсозии сохтор ва низоми таълим;

– расмикунонӣ ва баҳисобгирии даъват ва қабули мутахассисони хориҷӣ, ташкили қабули ҳайати созмонҳои байналмилалӣ, сафоратхонаҳои давлатҳои хориҷӣ, ки ба Донишгоҳ ташриф меоранд,

тайёр намудани барномаҳои боздид ва лоиҳаи хароҷотҳо доир ба қабули ҳайати меҳмонон;

– таҳия намудани протоколи қабули меҳмонон.

2. Татбиқи чораҳо оид ба васеъсозии содироти хидматгузориҳои иттилоотӣ, аз ҷумла:

– ба роҳ мондани ҳамкории мутақобила бо мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шахсони воқеӣ аз рӯи масъалаҳое, ки ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳ алоқамандананд;

– анҷом додани фаъолияти иттилоотию таблиғотӣ ҷиҳати ҷалби шаҳрвандони хориҷӣ барои таҳсил дар Донишгоҳ;

– таҳияи саривақтии ҳуҷҷатгузорӣ ҷиҳати даъват, қабул ва дар қайди ХШБ ВКД ҶТ мондани шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар Донишгоҳ таҳсил менамоянд (ва ё ба он дохил мешаванд);

– омода намудани пешниҳод оид ба татбиқи чорабиниҳо бо мақсади эътирофи баробарарзиш будани ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот, ки аз тарафи Донишгоҳ дода мешаванд;

– анҷом додани чорабиниҳо ҷиҳати сари вақт гирифтан ва тамдид намудани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба донишҷӯёну докторантон.

3. Таъмини ҳамкориҳои мутақобила бо қисматҳои сохтории Донишгоҳ дар соҳаи ҳамкории байналмилалӣ, аз ҷумла:

– таҳлил, ҷамъбаст ва паҳнкунии иттилоъ оид ба масъалаи ҳамкории байналмилалӣ дар асоси усулҳои муосир ва воситаҳои иттилоотӣ;

– таҳия ва манзури пешниҳод оид ба муайянсозии самтҳои афзалиятноки фаъолияти байналмилалии Донишгоҳ;

– таҳия, мувофиқа ва таҳлили ҳуҷҷатҳое, ки фаъолияти байналмилалии Донишгоҳро муқаррар менамояд (низомномаҳо, фармоишҳо, тавсияҳои методӣ ва ғайра);

– манзур намудани пешниҳод дар хусуси асоснокии сафарҳои хизматӣ ба хориҷа;

– мутобиқгардонии фаъолияти ниҳодҳои Донишгоҳ дар хусуси иштирок дар барномаҳо ва лоиҳаҳои байналмилалӣ;

– дар асоси омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ расонидани ёрии методӣ ба қисматҳои сохтории Донишгоҳ оид ба коркарди барномаҳо ва нақшаҳои таълимию методӣ, масъалаҳои тайёр кардани мутахассисони баландихтисос барои Донишгоҳ ва МТОК ҳамкори хориҷӣ, инчунин гузаронидани чорабиниҳои байналмилалӣ.

## ҲУҚУҚҲОИ ШУЪБА

4. Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ ҳуқуқ дорад:

– тамоми ҷанбаҳои фаъолияти Донишгоҳро дар самти робитаҳои байналмилалӣ роҳбарӣ ва мувофиқа намояд.

– масъалаи ҳамкориҳои байналмилалии Донишгоҳро бо намояндагони мақомоту муассисаҳои салоҳиятдори идораи давлатӣ, сафоратхонаҳои давлатҳои хориҷии муқими Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, марказҳои илмӣ, корхонаҳо, фондҳо ва дигар ташкилотҳои хориҷӣ ба роҳ монда, бо онҳо гуфтушунидҳо, мулоқот ва мукотиба гузаронад;

– аз факултетҳо, раёсатҳо ва шуъбаҳои Донишгоҳ маълумотҳои зарурӣ ва ахбор оид ба иҷрои ҳуҷҷатҳои амрдиҳанда, дастурҳо, низомномаҳо, супоришҳоеро, ки ба ташкил ва амалисозии робитаҳои байналмилалӣ ва таълими шаҳрвандони хориҷӣ алоқаманданд, талаб намояд;

– ба роҳбарияти Донишгоҳ оид ба масъалаҳои рушди боэътимоди алоқаҳои байналмилалӣ, иштирок дар конфронсҳо ва дигар чорабиниҳо марбут ба равобити байналмилалӣ таклифҳо пешниҳод манзур намояд;

– қабули шахрвандони хориҷиро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба роҳ монда, ҳуҷҷатгузорӣ ҷараёни давомот ва буду боши онҳоро назорат намояд.

## III. МУНОСИБАТИ МУТАҚОБИЛАИ ШУЪБА

5. Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ дар тобеияти бевоситаи муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ қарор дорад.

6. Барои ҳалли масъалаҳои донишгоҳие, ки ба салоҳияти шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ дахл дорад, кормандони дигар ниҳодҳои Донишгоҳ бо тартиби муайянгардида ҷалб карда мешаванд.

7. Шуъба дар ҳудуди салоҳияти худ алоқаи бевоситаро бо Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсат ва сохторҳои воҳидии Донишгоҳ, раёсати равобити байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти идораи ҳокимияти давлатӣ, ки макотиби олӣ ба он тобеияту иртибот менамояд, бо қисматҳое, ки оид ба робитаҳои байналмилалӣ дар дигар муассисаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъуланд, амалӣ менамояд.

## IV. БАҲОГУЗОРИИ ФАЪОЛИЯТ ВА ҶАВОБГАРӢ

8. Баҳогузории фаъолияти шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ дар асоси иҷрои қисматҳои мувофиқи нақшаи рушди Донишгоҳ, динамикаи нишондиҳандаҳои рушди ҳамкории беруна, ки барои макотиби олӣ муқаррар карда шудааст, анҷом дода мешавад.

9. Ҷавобгарии пурра оид ба сифат ва иҷрои саривақтии вазифаҳо ва фаъолияти шуъба ба дӯши мудири шуъба вогузошта мешавад.

10. Дараҷаи ҷавобгарии дигар кормандони шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ мувофиқи қонунгузории амалкунанда ва дастурҳои фаъолияти меҳнатӣ муқаррар карда мешавад.

## V. СОХТОРИ ШУЪБАИ РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

–Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ аз се бахш иборат мебошад:

– бахши кор бо шаҳрвандони хориҷӣ;

– бахши идоракунии лоиҳаҳо;

– бахши кор бо ҳамкорони хориҷӣ ва табодули академӣ.

## VI. БАХШИ КОР БО ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ

11. Бахши кор бо шаҳрвандони хориҷӣ қисми сохтории шуъбаи робитаҳои байналмилалии Донишгоҳ мебошад ва фаъолияти худро дар асоси Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, низомномаи мазкур, фармоиш ва дастурҳои Раёсати Донишгоҳ амалӣ менамояд.

12. Бахши кор бо шаҳрвандони хориҷӣ дар сурати таҳсил намудани зиёда аз 100 нафар муҳассили хориҷӣ (шунавандагони шуъбаи тайёрӣ, донишҷӯён, магистрантон, докторантон, коромӯзон, шунавандагони курсҳои такмили ихтисос) дар ҳама шаклҳои таълим ташкил карда мешавад.

## VII. ВАЗИФАҲОИ АСОСӢ ВА УҲДАДОРИҲОИ БАХШ

13. Вазифаҳои асосӣ ва уҳдадориҳои бахши кор бо шаҳрвандони хориҷӣ қабул, банақшагирӣ, ташкил ва назорати ҳамагуна шакли корҳои таълимӣ ва тарбиявӣ бо шаҳрвандони хориҷӣ мебошад.

14. Ба уҳдадориҳои бахши кор бо шаҳрвандони хориҷӣ фаъолияти иттилоотӣ, ташкилӣ – техникӣ оид ба раванди қабул ва баҳисобгирии муҳассилини хориҷӣ дохил мешавад, аз ҷумла:

– гузаронидани санҷиши мувофиқати ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсили шаҳрвандони хориҷӣ ва мувофиқати он ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳияи саривақтии ҳуҷҷатҳо барои гирифтани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– нигоҳдошт ва батартибдаронии ҳуҷҷатҳои шаҳрвандони хориҷӣ дар раванди таҳсил;

– ташкили базаи зарурии маълумотҳо дар бораи муҳассилини хориҷӣ;

– назорат дар самти ҷараёни супоридани санҷишу имтиҳонҳо дар раванди сессияи имтиҳонӣ;

– ташкили амалисозии мутақобила бо хатмкунандагони Донишгоҳ аз ҳисоби шаҳрвандони хориҷӣ.

15. Ба уҳдадориҳои бахши кор бо шаҳрвандони хориҷӣ дар самти ташкили банақшагирӣ ва назорати фаъолияти таълимию тарбиявии кафедраҳо ва сохторҳои факултетҳо бо муҳассилини хориҷӣ дохил мешавад, аз ҷумла:

– назорат ва иҷрои ҷадвали таълимӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ;

– ташкил ва назорати гузаштани таҷрибаомӯзиҳо аз ҷониби муҳассилини хориҷӣ;

– ташкил ва назорати кори илмӣ-тадқиқотии донишҷӯёни хориҷӣ, ки дар кафедраҳо ва маҳфилҳои илмии донишҷӯён амалӣ карда мешавад.

16. Ба уҳдадориҳои бахши кор бо шаҳрвандони хориҷӣ ташкил ва назорат аз рӯи гузаронидани корҳои иҷтимоию тарбиявӣ бо муҳассилини хориҷӣ дар ҷараёни таълим ва дар вақтҳои берун аз машғулиятҳо дохил мешавад, аз ҷумла:

– шинос намудани муҳассилини хориҷӣ бо Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, хобгоҳ, ҷараёни таълим ва назорати риояи онҳо;

– гузаронидани кор оид ба пешгирии қоидавайронкуниҳо, ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои варзишӣ, фарҳангию оммавӣ, ташкили сафарҳои сайёҳӣ, ки ба ҷашнҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои онҳо бахшида шудаанд;

– саривақт таҳия намудани даъватнома барои гирифтани раводид;

– дар муҳлати муайяншуда пешниҳоди ҳуҷҷат барои тамдиди раводид ва дар қайди ХШБ ВКД гузоштани муҳассилини хориҷӣ.

## VII. ҲУҚУҚҲОИ БАХШ

17. Бахши кор бо шаҳрвандони хориҷӣ ҳуқуқ дорад:

– муҳокимаи масъалаҳои хидматгузориҳои иттилоотӣ ва таҳсилотии шаҳрвандони хориҷиро зери назорат гирад;

– дар раванди тайёр намудани нақшаҳои рушди Донишгоҳ, инчунин, пешниҳод оид ба беҳдошти шароити таълим ва шароитҳои иҷтимоӣ – маишӣ дар хобгоҳҳои муҳассилини хориҷӣ иштирок намояд;

– дар намоишгоҳҳои байналхалқии таълимӣ ва дигар чорабиниҳои байналмилалӣ, ки ба масъалаҳои кор бо шаҳрвандони хориҷӣ ва тайёрии

мутахассисон барои мамлакатҳои хориҷӣ бахшида шудааст, ширкат варзад,

– қабули довталабон, интиқоли донишҷӯён аз муассисаҳои таҳсилотии шарикии Донишгоҳро ба роҳ монад;

## IX. МУНОСИБАТҲОИ МУТАҚОБИЛА

18. Бахши кор бо шаҳрвандони хориҷӣ бевосита ба муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ ва мудири шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ итоат менамояд.

19. Барои ҳалли масъалаҳое, ки ба ташкили раванди таълиму тарбия бо муҳассилини хориҷӣ вобаста аст, кормандони бахш метавонанд, маълумоти барояшон заруриро аз дилхоҳ ниҳодҳои сохтории Донишгоҳ талаб ва дастрас намоянд.

20. Ҳангоми ташкили кор бо муҳассилини хориҷӣ бо тартиби муқаррааргардида кормандони дигар ниҳодҳои сохтории Донишгоҳ ҷалб карда мешаванд.

## X. БАҲОГУЗОРИИ ФАЪОЛИЯТ ВА ҶАВОБГАРӢ

21. Баҳогузории фаъолияти бахши кор бо шаҳрвандони хориҷӣ дар асоси иҷрои қисматҳои нақшаи рушди Донишгоҳ, саривақт анҷом додани вазифаҳои хидматӣ, ки Донишгоҳ муқаррар карда аст, анҷом дода мешавад.

22. Ҷавобгарии пурра оид ба сифат ва иҷрои саривақтии вазифаҳо ва уҳдадориҳои бахш ба зиммаи мудири бахш гузошта мешавад.

23. Дараҷаи ҷавобгарии дигар кормандони бахши робитаҳои байналмилалӣ бо дастурҳои мувофиқи хидматӣ муқаррар карда мешавад.

## XI. БАХШИ ИДОРАКУНИИ ЛОИҲАҲО

24. Бахши идоракунии лоиҳаҳо қисми сохтори шуъбаи робитаҳои байналмилалии Донишгоҳ буда, фаъолияти худро дар асоси қонунгузории амалкунанда, Оинномаи Донишгоҳ, Низомномаи мазкур, фармоишҳои раёсати Донишгоҳ амалӣ мекунад.

25. Мақсади ташкили бахши идоракунии лоиҳаҳо – таъмини ташкилӣ, техникӣ ва иттилоотӣ – методии фаъолияти Донишгоҳ оид ба таҳия, асосноккунӣ ва ҷалб намудани грантҳо (бурсияҳо), дарёфти сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва бо ин васила воридсозии Донишгоҳ ба фазои байналмилалии таҳсилотӣ ва бозори байналмилалии хизматгузории таҳсилотӣ, ҷалби воситаҳои иловагӣ барои рушди базаи моддӣ-техникии Донишгоҳ мебошад. Бахши идоракунии лоиҳаҳо дар

сурати ҷалб намудани грантҳо ва дарёфти сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар ҳаҷми на камтар аз 200 000 (ду сад ҳазор) сомонӣ дар як сол ташкил карда мешавад.

## XII. ВАЗИФАҲОИ АСОСӢ ВА УҲДАДОРИҲОИ БАХШИ ИДОРАКУНИИ ЛОИҲАҲО

26. Вазифаи асосии бахши идоракунии лоиҳаҳо таъминоти ташкилӣ, техникӣ ва иттилоотӣ – методии фаъолияти Донишгоҳ мебошад.

27. Ба уҳдадориҳои бахш фаъолияти ташкилӣ – техникӣ оид ба коркарди лоиҳаҳо ва пешниҳодҳо бо мақсади ба даст овардани грантҳо (бурсияҳо) дохил мешавад, аз ҷумла:

– ҷустуҷӯ ва ба даст овардани грантҳо (бурсияҳо), таҳия ва пешниҳоди лоиҳаҳо ва барномаҳои байналмилалӣ;

– таҳия, асосноккунӣ, дарёфт ва коркарди ибтидоии лоиҳаҳо ва грантҳо (бурсияҳо);

– тартиб додан ва пешкаш намудани пешниҳодҳои грантӣ (бурсияҳо) ва лоиҳаҳо;

– ҷалб намудани грантҳо, дарёфти сарчашмаҳои маблағгузорӣ;

– ҷалб намудани воситаҳои иловагӣ барои рушди базаи моддӣ-техникии Донишгоҳ.

28. Ба уҳдадориҳои бахши идоракунии лоиҳаҳо, дар баробари ташкили банақшагирӣ ва назорат аз рӯи татбиқи лоиҳаҳо ва грантҳо аз ҷониби факултетҳо, кафедраҳо ва дигар қисматҳои Донишгоҳ боз дохил мешаванд:

–тартиб додан ва иҷрои нақшаи чорабиниҳо аз рӯи лоиҳа;

–мониторинг ва таҳлили раванди татбиқи лоиҳаҳо;

–назорати молиявӣ, моддӣ ва ташкилии раванди татбиқи лоиҳаҳо;

– тартиб додани ҳисоботҳои ниҳоӣ ва тавсифӣ барои донорҳо ва ҳамкорон.

## XIII. ҲУҚУҚҲОИ БАХШИ ИДОРАКУНИИ ЛОИҲАҲО

29. Кормандони бахши идоракунии лоиҳаҳо ҳуқуқ доранд:

– масъалагузорӣ ва муҳокима намудани масъалаҳои дарёфт ва ҷалби грантҳо, маблағҳои иловагӣ ва сармоягузорӣ бо намояндагиҳои ташкилотҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ, фондҳо ва сафоратхонаҳо, бурдани гуфтушунид ва мукотиба;

– иштирок дар конфронсу семинарҳо ва нишасту мулоқоти гуногунсатҳи иттилоотӣ, ки ба масъалаҳои ташкил ва ҷустуҷӯйи ҳамкорон, дастгирӣ ва маблағузории лоиҳаву грантҳо бахшида шудааст.

## XIV. МУНОСИБАТҲОИ МУТАҚОБИЛА

30. Бахши идоракунии лоиҳаҳо бевосита ба муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ ва мудири шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ итоат менамояд.

31. Барои ҳалли масъалаҳое, ки ба таҳия ва коркарди лоиҳаҳо, пешниҳоди онҳо, барқарорсозии робитаҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ алоқамандand, кормандони бахш метавонанд маълумоти барояшон заруриро аз ҳамаи қисматҳои сохтории Донишгоҳ талаб ва дастрас намоянд.

32. Ҳангоми ташкили кор оид ба таҳия ва коркарди лоиҳаҳо ва пешниҳодҳо бо тартиби муаяйнгардида бояд кормандони дигар қисматҳои сохтории Донишгоҳ ҷалб карда шаванд.

## XVI. БАҲОГУЗОРИИ КОР ВА ҶАВОБГАРИИ БАХШИ ИДОРАКУНИИ ЛОИҲАҲО

33. Баҳогузории кори бахши идоракунии лоиҳаҳо дар асоси иҷрои самтҳо вобаста ба нақшаи рушди Донишгоҳ, пешниҳод ва ба дастовардани грантҳо ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар ҳар соли ҳисоботӣ анҷом дода мешавад.

34. Ҷавобгарӣ барои сифатнокӣ ва иҷрои саривақтии вазифаҳо ва уҳдадориҳои Бахши идоракунии лоиҳаҳо ба зиммаи мудири бахш гузошта мешавад.

## XVII. БАХШИ КОР БО ҲАМКОРОНИ ХОРИҶӢ ВА ТАБОДУЛИ АКАДЕМӢ

35. Бахши кор бо ҳамкорони хориҷӣ ва табодули академӣ қисми сохтории Донишгоҳ буда, фаъолияти худро дар асоси қонунгузории ҶТ, Оинномаи Донишгоҳ, Низомномаи мазкур, фармоиш ва дастурҳои ректори ДМТ амалӣ мекунад.

36. Мақсади ташкили бахши кор бо ҳамкорони хориҷӣ ва табодули академӣ ба роҳ мондани ҳамкории Донишгоҳ бо муассисаҳои таълимии олии касбии хориҷӣ, марказҳои илмии хориҷӣ, таъмини ташкилӣ, техникӣ ва иттилоотӣ – методии фаъолияти Донишгоҳ оид ба таҳия ва ба тасвиб расонидани шартномаҳо, ба роҳ мондани барномаҳои гуногуни табодулӣ, таҳия ва роҳандозии барномаҳои муштарак мебошад.

## XVIII. ВАЗИФАҲОИ АСОСӢ ВА УҲДАДОРИҲО

37. Вазифаҳои асосии бахши кор бо ҳамкорони хориҷӣ ва табодули академӣ аз таъминоти ташкилӣ, техникӣ ва иттилоотӣ – методии фаъолияти Донишгоҳ, ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва муносибатҳои шартномавӣ бо шарикон ҷиҳати амалигардонии лоиҳаҳои муштараки таълимӣ ва илмию тадқиқотӣ мебошад.

38. Ба уҳдадориҳои бахш дар баробари фаъолияти таъмини амалигардонии доираи васеи барномаҳои хориҷӣ ва табодули академӣ барои устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳ дар чорчӯбаи созишномаю шартномаҳои батасвибрасонидаи байни Донишгоҳ бо шарикони хориҷӣ боз дохил мешавад:

– иштирок дар таҳия, коркард ва иҷрои барномаи рушди фаъолияти байналмилалии Донишгоҳ;

– мусоидат намудан дар таҳия, коркард ва амалигардонии барномаҳои таълимии муштарак бо шарикони хориҷӣ;

– амалигардонии шаклҳои гуногуни табодули академии донишҷӯён, докторантону устодон, амалисозии лоиҳаҳо ва барномаҳои байналмилалӣ, мувофиқи созишномаҳо дар бораи ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ;

– мусоидат намудан ба факултетҳо, кафедраҳо ва дигар ниҳодҳои Донишгоҳ ҷиҳати амалисозии ҳамкорӣ бо макотиби олии хориҷӣ;

– иштирок дар ташкил, омодасозӣ ва гузаронидани чорабиниҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дар конфронсҳо, семинарҳо, форумҳо ва конгрессҳои байналмилалӣ дар самтҳои афзалиятноки илмӣ-тадқиқотии Донишгоҳ.

39. Ба уҳдадориҳои бахши кор бо ҳамкорони хориҷӣ ва табодули академӣ, баробари ташкили фаъолияти бахш ва истифодаи самараноки маводи мавҷудбудаи он боз дохил мешавад:

– таҳия, назорат ва иҷрои нақшаи чорабиниҳо;

– ташкили табодули академии устодону муҳаққиқон ва донишҷӯёни Донишгоҳ, тибқи созишнома ва шартномаҳои дутарафа дар бораи ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимии олии касбӣ, таълимӣ – илмӣ ва тадқиқотии хориҷӣ;

– ёрии машваратӣ ҷиҳати ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои дахлдор барои иштирок дар озмунҳо ва таҳсил дар хориҷи мамлакат;

– таҳия ва ба тасвиб расонидани шартномаҳо;

– ҳамоҳангсозии ҳамкорӣ бо сафорату намояндагии давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ;

– иштирок дар қабули ҳайати байналмилалӣ, раванди мулоқоту вохӯриҳо ва таҳияи протокол.

## XIX. ҲУҚУҚҲОИ БАХШ

40. Кормандони бахши кор бо ҳамкорони хориҷӣ ва табодули академӣ ҳуқуқ доранд:

– дар хусуси ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо шарикони хориҷӣ ва табодули академӣ масъалагузорӣ намоянд;

– бо ниҳодҳои Донишгоҳ дар самти табодули академии воридшуда ва содиршуда ҳамкорӣ намоянд;

– байни донишҷӯён барои таҳсил дар хориҷи кишвар озмун ташкил кунанд;

– мониторинги давомоти донишҷӯёнро дар муҳлати таҳсилот дар хориҷи кишвар амалӣ намоянд;

– ҳуҷҷатгузории барномаҳои табодули академии донишҷӯён (омодасозии фармоишҳо, ҳисоботҳо ва ғ.) –ро таъмин намояд;

– дар конфронсҳои байналмилалии маълумотнокӣ, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои байналмилалӣ, ки ба масъалаҳои ташкил ва ҷустуҷӯйи ҳамкорон ва маблағузорӣ бахшида шудааст, ширкат намоянд.

## XX. МУНОСИБАТҲОИ МУТАҚОБИЛА

41. Бахши кор бо ҳамкорони хориҷӣ ва табодули академӣ бевосита ба муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ ва мудири шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ итоат менамояд.

42. Барои ҳалли масъалаҳое, ки ба фаъолияти бахш иртибот доранд ва бо муассисаҳои таълимии олии касбӣ ва марказҳои илмӣ алоқаманданд, кормандони бахш метавонанд маълумоти барояшон заруриро аз дилхоҳ қисматҳои сохтории Донишгоҳ талаб ва дастрас намоянд.

43. Ҳангоми ташкили кор оид ба тартиб додани лоиҳаҳо ва пешниҳодҳо бо тартиби муайянгардида бояд кормандони дигар қисматҳои сохтории Донишгоҳ ҷалб карда шаванд.

## XXI. БАҲОГУЗОРИИ КОР ВА ҶАВОБГАРӢ

44. Баҳогузории кори бахш дар асоси иҷрои қисматҳои вобаста ба нақшаи рушди Донишгоҳ, дастовардҳои аз рӯи вазифаҳои бахш анҷом дода мешавад.

45. Ҷавобгарӣ барои сифатнокӣ ва иҷрои саривақтии вазифаҳо ва уҳдадориҳои бахши кор бо ҳамкорони хориҷӣ ва табодули академӣ ба зиммаи роҳбари бахш гузошта мешавад.

## НИЗОМНОМАИ
## ШУЪБАИ МУЗДИ МЕҲНАТ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Шуъбаи музди меҳнати Донишгҳи миллии Тоҷикитон (минбаъд – Низомнома) ҳамчун воҳиди сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

2. Низомномаи мазкур дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.06.2018, №306 «Дар бораи Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.05.2017, №7/36 «Дар бораи тасдиқи Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2018, №94 «Дар бораи Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №11/38, «Низомнома оид ба ташкили раванди низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи пардохти музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ки 28.11.2018 аз ҷониби Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст ва бо мақсади иҷрои банди 6 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2018, №438 «Дар бораи тадбирҳои татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14 августи соли 2018, №1084 таҳия карда шудааст;

3. Низомнома оид ба пардохти музди меҳнати кормандон ва омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Донишгоҳ) бо мақсади ба танзим даровардани шакл ва намудҳои пардохти музди меҳнати кормандон ва омӯзгорони Донишгоҳи миллии Точикистон таҳия гардидааст;

4. Андозаи музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Маблағгузории музди меҳнат дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва маблағҳои махсус амалӣ карда мешавад.

5. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, Низомномаи пардохти музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва Низомномаи мазкур мустақилона шакл ва низоми пардохти музди меҳнат, андоза ва намуди иловапулӣ, мукофотпулӣ, кумакпулӣ ва дигар намуди ҳавасмандгардонии моддии кормандону омӯзгоронро дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи фонди музди меҳнат аз ҳисоби маблағҳои махсус пешбинигардида муайян менамояд;

6. Пардохти музди меҳнати воҳидҳои сохтории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба низоми пардохти музди меҳнати соҳаи маориф ва илм дар асоси муқаррароти тартиби пардохти музди меҳнати тасдиқгардида сурат гирад.

7. Шуъба фаъолияти худро дар ҳамкорӣ ба раёсатҳо, шуъбаҳо ва дигар бахшҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба роҳ мемонад;

8. Дархосту супоришҳои ҷамъиятӣ, додани ахбор, маълумот ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии тасдиқшударо шуъба танҳо дар мувофиқа бо ректори донишгоҳ иҷро менамояд.

9. Мувофиқи ҷадвали корӣ дар сохтори шуъба се нафар корманд фаъолият менамоянд:

– мудир;

– муҳосиби пешбар;

– муҳосиб.

10. Шуъбаро мудир роҳбарӣ менамояд, ки аз тарафи ректори донишгоҳ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Мудири шуъба аз рӯйи вазифаҳои ба зиммаи шуъба гузошташуда масъул мебошад.

## II. УСУЛҲОИ АСОСИИ ҲИСОБКУНИИ ПАРДОХТИ МУЗДИ МЕҲНАТ

11. Ҳангоми тахия ва муқаррар намудани низоми пардохти музди меҳнат тавсия дода мешавад, ки омилҳои зерин ба инобат гирифта шавад:

– таъмини вобастагии музди меҳнат аз ихтисосмандии кормандону омӯзгорон, тахассуснокии онҳо, мушкилии коре, ки иҷро карда мешавад, миқдор ва сифати корҳои бо андозаи ниҳоии он бе маҳдуд сарфшуда;

– мураттабсозии пардохтҳо барои иҷрои кор дар шароити махсус ва дар шароити аз шароити муқаррарӣ фарққунанда, таъмини ягонаи усулҳои истифодаи онҳо дар ДМТ;

– истифодаи навъҳои гуногуни пардохти ҳавасмандгардонӣ асосан аз ҳисоби татбиқи дорои хусусияти иловагии ҳавасмандгардонии ба тарифи меъёрҳои музди меҳнат муқарраршуда;

– нигоҳ доштани фазои ягонаи тартиби аттестатсия ва тахассусноккунии кормандону омӯзгорон барои гурӯҳҳои дахлдори касбӣ – тахассусӣ муқарраршуда;

– ба назар гирифтани нақшаҳои муқаррарнамудаи тарификатсионии кормандону омӯзгорон;

– таъмини баланд бардоштани сатҳи воқеии музди меҳнати кормандону омӯзгорони ДМТ аз ҳисоби маблағҳои махсус (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.02.1996 №77).

## IV. САРБОРИИ КОРМАНДОНУ ОМӮЗГОРОНИ ДМТ

12. Меъёри музди меҳнат барои фаъолияти педагогии омӯзгорони литсейи назди ДМТ барои ҳаҷми муайяншудаи меъёри сарбории таълимӣ 22 кредит (ҳаҷми сарбории фаъолияти педагогӣ) пардохт карда мешавад;

13. Музди меҳнати моҳонаи омӯзгорони Донишгоҳ то саршавии соли таҳсил бо роҳи тақсим намудани ҳосили зарби меъёри барои як соат муайянгардида ба ҳаҷми сарбории солонаи омӯзгор ба 10 моҳи таҳсил муайян мешавад.

14. Меъёри муайянгардидаи музди меҳнат ба омӯзгор дар тамоми муҳлати соли таҳсил ва давраи таътил, ки ба рухсатӣ рост намеояд, пардохт мешавад.

15. Андозаи музди меҳнати роҳбарият ва дигар кормандони Донишгоҳ тибқи ҷадвали муқарраршуда муайян карда мешавад.

## V. ТАРТИБИ ТАШАККУЛИ ҶАДВАЛИ БАСТИ ВАЗИФАҲО ВА МАОШИ ВАЗИФАВИИ ҲАЙАТИ ПРОФЕССОРОНУ УСТОДОНИ ДМТ

16. Таъин намудани мансаби профоссорию устодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ», Тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои илмӣ (дотсент, профессор) ва Тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои илмии ҳимояшуда» ва «Низомнома дар бораи ба таври озмун ишғол намудани вазифаҳои холии профессорию омӯзгорӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, амалӣ карда мешавад;

17. Сарбории таълимии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои як соли таҳсил дар асоси нақшаи таълимии кории самт (ихтисос), ки бо назардошти натиҷаи таҳлил ва баҳисобгирии нақшаҳои таълимии фардии донишҷӯён таҳия шудааст, ҳисоб карда мешавад;

18. Сарбории умумии ҳайати профессорону устодон дар як соли таҳсил бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ барои як воҳиди корӣ новобаста аз дараҷа ва унвони илмӣ дар литсейи назди Донишгоҳ ба 54 кредит (1296 соат) аз ин сарбории фаъол 22 кредит (528 соат) ва дар худи Донишгоҳ ба миқдори 64 кредит (1536 соат) аз ин сарбории фаъол 23 кредит (552 соат) муқаррар карда мешавад, ки 1 кредит ба 24 соати дарсӣ баробар мебошад.

19. Сарбории таълимӣ дар ҳаҷми як воҳиди корӣ соатҳои фаъол (лексия, амалӣ, семинарӣ, лабораторӣ) ва соатҳои ғайрифаъолро (соатҳои барои корҳои мустақилонаи донишҷӯ, қабули имтиҳонҳои фосилавӣ ва ниҳоӣ, гузаронидани мусоҳибаҳо, роҳбарии корҳои курсӣ) дар бар мегирад;

20. Сарбории таълимии кормандони маъмурии ДМТ ва худи Донишгоҳро мувофиқ ба ҳаҷм ва вақти корӣ Шурои олимони Донишгоҳ муайян менамояд;

21. Муайян намудани таносуби соатҳои сарбории таълимии фаъол ва ғайрифаъоли ҳайати профессорону устодон барои як воҳиди корӣ ба салоҳияти Донишгоҳ гузошта мешавад;

22. Дар ворид намудани соатҳо барои роҳбарии таҷрибаомӯзиҳо, кори курсӣ, кори хатмкунии бакалаврӣ, рисолаи илмии магистрӣ ва рисолаи номзадӣ (докторантураи Ph.D ба сарбории таълимии омӯзгор дар ҳаҷми воҳиди корӣ ё дар шакли соатбайъ муайян намудани он, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мустақил мебошад;

23. Меъёри сарбории таълим (бо соат) дар соли таҳсил дар кафедраҳо аз тарафи Раёсати таълим муқаррар гардида, бо фармоиши ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад. Шумораи ниҳоии соати солонаи сарбории таълимии омӯзгор дар Донишгоҳ на зиёда аз 96 кредит ё 2304 соат муқаррар карда мешавад;

24. Ҷадвали басти вазифаҳои ҳайати профессорону устодон, дар доираи воҳидҳои Донишгоҳ ва Донишгоҳ вобаста аз сарбории таълимии солона ва бо дарназардошти меъёрҳои вақти муқаррарнамуда барои ҳайати профессорону устодон сохта шуда, аз тарафи ректори Донишгоҳ дар муҳлати на дертар аз 31 августи соли таҳсили ҷорӣ тасдиқ ва бо Ҳукумати ҶТ мувофиқа карда мешавад.

Ҷадвали 1.

Музди меҳнати ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Профессор (унвони илмӣ) | 1588,00 |
| 2. | Профессор (доктори илм) | 1518,00 |
| 3. | Дотсент (унвони илмӣ) | 1508,00 |
| 4. | Дотсент (номзади илм) | 1422,00 |
| 5. | Омӯзгори калон (номзади илм) | 1350,00 |
| 6. | Омӯзгори калон | 1312,00 |
| 7. | Ассистент (номзади илм) | 1284,00 |
| 8. | Ассистент | 1270,00 |

*Эзоҳ: Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар сурати пеш омадани зарурат метавонад дар доираи маблагҳои ҷадвали мазкур музди меҳнати дигар зинаҳои профессорону устодони муассисаҳои худро мутаносибан муайян намоянд (масалан профессор – доктори илм, профессор – номзади илм, дотсент – доктори илм ………………).*

Ҷадвали 2.

Музди меҳнати ҳайати омӯзгорони литсейи назди Донишгоҳ аз ҳисоби маблағҳои махсус

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Омӯзгор (олӣ) | 1845,36 |
| 2. | Омӯзгор (дараҷаи якум) | 1560,24 |
| 3. | Омӯзгор (дараҷаи дуюм) | 1418,40 |

25. Маоши вазифавӣ (меъёрӣ) ба омӯзгор барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии онҳо ва корҳои дар нақшаи таълимӣ, шартномаи меҳнатӣ ва дастурамали вазифавӣ пешбинишуда пардохта мешавад.

26. Андозаи маоши вазифавии (меъёрҳои) профессорону устодон аз ҳисоби маблағҳои махсус дар асоси қарори Шурои олимони Донишгоҳ бо назардошти вазифа ва дараҷаи унвони илмии онҳо муқаррар карда мешавад.

## VI. ИЛОВАПУЛИҲО БАРОИ ДМТ ВА ЛИТСЕЙИ НАЗДИ ДОНИШГОҲ

27. Ба ғайр аз маоши вазифавӣ (меъёрӣ) ба ҳайати профессорону устодон иловапулии ҳатмӣ, инчунин, мукофотпулии ҳавасмандкунанда, бо фармоиши ректори ДМТ, шартномаҳои коллективӣ ва қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ муқаррар карда мешавад.

28. Ба иловапулии ҳатмӣ дохил мешавад:

– иловапулӣ барои мавҷудияти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм ба андозаи 30 фоизи маоши вазифавӣ (аз ҷойи кори асосӣ) тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 01.06.1999, №250 «Дар бораи муқаррар кардани иловапулӣ ба маоши дорандаи унвони илмӣ»;

– иловапулӣ барои корҳои зарарнок пас аз гузаронидани аттестатсияи ҷойҳои корӣ, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014, №429 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани аттестатсияи ҷойҳои корӣ аз рӯи шароити меҳнат».

29. Ба мукофотпулии ҳавасмандкунанда дохил мешаванд:

– мукофотпулӣ аз рӯи меъёрҳои арзёбии самаранокии фаъолияти кормандон;

– мукофотпулӣ аз рӯи таносуби иштироки меҳнатӣ;

– мукофотпулӣ барои навиштан ва нашри монография, китобҳои дарсӣ, маҷаллаҳо, маҷмуаи корҳои илмӣ, таълимӣ ва дастури таълимӣ-методӣ;

– мукофотпулӣ барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, роҳбарии корҳои илмӣ ва машварати илмии докторантҳо;

– мукофотпулӣ барои таҳкими ташкилӣ ва роҳбарии илмӣ– методии барномаҳо оид ба расонидани хизматрасонии таълимии иловагӣ, такмили ихтисос, бозомӯзии касбӣ;

– мукофотпулӣ вобаста ба ҷашнҳои расмӣ;

– дигар мукофотпулиҳо вобаста ба тахассусият (тиб ва фарҳанг).

– донишгоҳ метавонад мукофотпулию иловапулиҳои гуногунро, ки дар банди 23 омадааст, ҷорӣ намояд;

– шакл, тартиб ва андозаи пардохти мукофотпулию иловапулиҳо бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ дар мувофиқа бо иттифоқи касабаи Донишгоҳ ва розигии Ҳукумати ҶТ пардохт карда мешавад;

– Донишгоҳ дастурамал ва ё низомнома оид ба пардохти иловапулӣ ва мукофотпулиро таҳия намуда, дар Шурои олимон мавриди баррасию муҳокима қарор дода, баъд аз қабул кардани қарори дахлдор аз чониби ректор тасдиқ мегардад;

– андозаи иловапулию мукофотпулиҳои сархати 4 банди 22 ва банди 23 дар як моҳ аз андозаи маоши вазифавии моҳона зиёд буда наметавонад;

– иловапулӣ барои кор дар рӯзҳои истироҳат, ид, изофакорӣ мутобиқи моддаи 154 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иловапулӣ барои кори шабона, тибқи моддаи 156 Кодекси зикршуда, пардохт карда мешаванд;

– ба кормандоне, ки дар Донишгоҳ дар баробари кори асосии бо шартномаи меҳнатӣ тасдиқшудаи худ аз рӯи ихтисос, дараҷа ва вазифа

(мансаб) дар муддати бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии муқарраркардаи давомнокии рӯзи корӣ (басти корӣ) бе озодшавӣ аз кори асосӣ корҳои иловагиро аз рӯи дигар ихтисос иҷро мекунанд, барои якҷоякунии касбҳо (вазифаҳо), васеъ шудани доираи хизматрасонӣ (зиёд шудани ҳаҷми корҳои иҷрошаванда) ё иҷрои уҳдадории кормандони муваққатан ба кор ҳозирнабуда иловапулӣ (ба андозаи 30%-и кор ва хизмати иҷрошуда) аз ҳисоби маблағҳои махсус дода мешавад;

– дар ҳар як ҳолати мушаххас масъалаи имконпазирӣ ё ба мақсад мувофиқ будани якҷоякунии касбҳо (вазифаҳо) ва муваққатан иҷро намудани уҳдадории кормандони ба кор ҳозирнабуда бо асосноккунии аз ҷониби роҳбари воҳиди сохтор ё муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим муайян карда мешавад, барои қабули фармоиш ба ректор пешниҳод менамояд;

– андозаи иловапулӣ барои якҷоякунии касбҳо (вазифаҳо), васеъ шудани доираи хизматрасонӣ (зиёд шудани ҳаҷми кори иҷрошаванда) ё иҷрои уҳдадории кормандони муваққатан ба кор ҳозирнабуда аз тарафи ректор бо розигии корманд, анҷом дода мешавад. Дар чунин ҳолатҳо миқдори иловапулӣ аз ҳисоби маблағҳои махсус бояд на камтар аз 15 ва на зиёда аз 50% маоши вазифавӣ (ставкаи маош аз буҷет) кори якҷояшавандаро ташкил диҳад;

– шароити меҳнати вазнин ва зараровар дар асоси аттестатсияи ҷойҳои корӣ аз рӯи шароити меҳнате, ки ҳолати воқеии омилҳои хатарнок ва зараррасони истеҳсолиро дар ҷойҳои кор муайян менамояд, муқаррар карда мешавад. Тартиби гузаронидани аттестатсияи ҷойҳои холии корӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014, №429 тасдиқ шудааст, гузаронида мешавад. Андозаи иловапулӣ барои корҳои вазнин ва зарраровар вобаста ба шароит аз 12 то 20 фоизи маоши вазифавӣ (ставкаи тарифӣ) муайян карда мешавад;

– пардохти иловапулию мукофотпулиҳо дар ҳолати мавҷуд будани сарфаи музди меҳнат аз ҳисоби ҷойи кории холӣ, инчунин аз ҳисоби маблағҳои махсус муқаррар карда мешавад;

– иловапулии ҳайати роҳбарикунанда ба роҳбари мақоме, ки дорои ҳуқуқи моликият буда, шартномаи меҳнатӣ бо ӯ баста мешавад, ҳуқуқ дода шавад, ки барои ичрои кори махсусан муҳим ба андозаи то 50 фоизи маоши хизматӣ иловапулӣ муқаррар намояд. Ин иловапулӣ дар сурати саривақт ичро накардани супоришҳо, бад шудани сифати кор, инчунин дар сурати вайрон кардани интизоми меҳнат бекор ва ё кам карда мешавад.

## VII. ТАРТИБИ СОХТАНИ ҶАДВАЛИ БАСТИ ВАЗИФАҲО ВА МАОШИ ВАЗИФАВИИ (МЕЪЁРӢ)-и ҲАЙАТИ МАЪМУРӢ –

## ИДОРАВӢ, ТАЪЛИМӢ ЁРИРАСОН ВА ДИГАР КОРМАНДОНИ ТЕХНИКИИ ДМТ

30. Ҷадвали басти вазифавии соли тақвимии кормандон ва музди меҳнати маъмурӣ – идоравӣ, таълимӣ, ёрирасон ва дигар кормандони техникии ДМТ аз тарафи Ҳукумати ҶТ на дертар аз 10 январ тасдиқ карда мешавад;

31. Ҷадвали басти вазифаҳои категорияҳои кормандони номбаршуда тибқи сохтори тасдиқгардидаи ДМТ, вобаста ба эҳтиёҷоти воқеии воҳидҳо, ҳаҷми иҷрои корҳои онҳо, инфрасохтори ташаккулёфта, минтақаҳои хизматрасонӣ, иншоот ва таҷҳизот, мавҷудияти китобҳо ва маҷмуаҳои осорхона, сохтори идоракунии амалкунанда ва оинномаи тасдиқнамудаи ДМТ тартиб дода мешавад;

32. Андозаи маошҳои вазифавӣ (меъёрҳои) категорияҳои кормандони номбаршуда, ҳамчунин аз ҷониби ШУрои олимони ДМТ бо дарназардошти мураккабии кор ва тахассуси кормандон, на камтар аз ҳадди музди меҳнати муқаррар намудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррар карда мешавад;

33. Маоши вазифавӣ (меъёрӣ) ба кормандон барои иҷрои уҳдадориҳои вазифаи тасдиқгардида, пардохт карда мешавад;

34. Ҳангоми тартиб додани басти вазифаҳои кормандон аз рӯи вазифаҳои хизматӣ ба категорияҳои сардори раёсат, мудири шуъба ва ё бахш, сармутахассис, мутахассиси пешбар ва мутахассис тақсим мешаванд. Тавсия дода мешавад, ки ҳиссаи кормандони мансабдор (сардори раёсат, мудирони шуъба, марказ ва ё бахш) набояд аз 25 фоизи шумораи умумии кормандон зиёд бошад. Шумораи сармутахассисон низ набояд аз 25 фоизи кормандон зиёд бошад;

35. Кормандони баландихтисоси соҳаҳои илмию тадқиқотӣ ва дигар ташкилотҳо метавонанд ба кори педагогӣ дар литсей ва донишгоҳ ба таври соатбайъ ҷалб карда шаванд, агар ҳаҷми кори педагогии онҳо дар соли таҳсил аз 240 соат 10 кредит зиёд набошад. Агар ҳаҷми кори педагогӣ дар соли таҳсил аз 240 соат (10 кредит) зиёд шавад, кори зиёда аз 240 (10 кредит) кори муштарак ҳисоб меёбад ва мутобиқи замимаи 1 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 апрели соли 1998 №122 ба расмият даровард мешавад;

36. Ҳайати кормандони маъмуриву идоравӣ, таълимию тарбиявӣ, илмӣ ва маъмурию хоҷагии литсей ва ДМТ, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ, ҳайати штатии профессорию омӯзгории литсейи назди Донишгоҳ ва ДМТ мебошанд, бо иҷозати Раёсат зимни кори асосӣ метавонанд вақти кори зиёда аз 6 соатро аз рӯи вазифаи асосии кори таълимӣ, кори

педагогӣ оид ба баланд бардоштани тахассуси кормандони роҳбарикунанда ва муҳандисию техникӣ ва кормандони сохторҳои давлатӣ дар худи Донишгоҳ, инчунин, дар бахшҳои тайёрӣ барои дохил шудан ба мактаби олӣ дар шароити ҳаққи соатбайъ дар ҳадди 360 соат дар як сол пеш баранд.

Ҷадвали 3.

Басти вазифаҳо ва маоши вазифавӣ (меъёрӣ)-и ҳайати маъмурӣ, ёрирасон ва техникии ДМТ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ

| Кормандон | Ҳаҷми музди меҳнат барои як ставка, сомонӣ |
|---|---|
| Ректор | 1904,00 |
| Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, муовини ректор оид ба тарбия, илм, иқтисод, байналмилалӣ ва ғ. | 1746,00 |
| Сардори муҳосибот | 1746,00 |
| Сардори раёсат, мушовири ректор | 1746,00 |
| Муовини сардори раёсат, декани факултет | 1508,00 |
| Мудири шуъба, сардори марказҳо | 1508,00 |
| Муовини мудири шуъба, мудири бахш | 1312,00 |
| Сармутахассис, ёвари ректор, ҷонишини декан, эдвайзер, ҳуқуқшинос | 1242,00 |
| Мутахассис | 1032,00 |
| Лаборанти калон | 793,00 |
| Кормандони ёрирасон (лаборант, кормандони таъминоти барқ, кормандони таъминоти об, муҳандиси техникаи бехатарӣ) | 715,00 |
| Кормандони ёрирасон (фаррош, дарбон таъминотчӣ, кормандони бахши шиноснома ва дигар кормандони ёрирасон) | 596,00 |

Ҷадвали 4.

Нақшаи музди меҳнати роҳабирия литсейи назди Донишгоҳ тибқи басти воҳидҳои намунавӣ аз ҳисоби маблағҳои махсус

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Директор | 1165,68 |

| | | |
|---|---|---|
| 2. | Ҷонишини директор корҳои таълим | 986,40 |
| 3. | Ҷонишини директор корҳои тарбия | 897,12 |

## VIII. ТАРТИБИ БАҲИСОБГИРӢ ВА ПАРДОХТИ МУЗДИ МЕҲНАТ. ПАРДОХТИ МУЗДИ МЕҲНАТ АЗ ҲИСОБИ МАБЛАҒҲОИ МАХСУСИ ДМТ

37. Фаъолияти маблағҳои махсуси ДМТ дар асоси моддаи 6 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хазинадорӣ» ва фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2010, №16 «Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал «Оиди баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷети давлатӣ» ҷорӣ карда мешавад;

38. Андозаи умумии маоши вазифавии кормандони литсей ва ДМТ, тибқи Низомномаи мазкур, бо назардошти маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои махсус мустақилона таҳиякарда шуда, бо қарори Шурои олимон ва аз тарафи ректор дар мувофиқа бо иттифоқи касабаи ДМТ тасдиқ карда мешавад. Ҷадвали басти вазифаҳои кормандон аз тарафи Ҳукумати ҶТ, ДМТ тасдиқ карда мешавад;

39. Музди меҳнати хизматии директори литсей ва ректори ДМТ аз ҳисоби маблағҳои махсус, метавонад вобаста ба теъдоди кормандони литсей ва Донишгоҳ ва музди меҳнати минималӣ дар ДМТ тибқи ҷадвали зерин муқаррар карда шавад. Музди меҳнати дигар кормандон дар доираи ҳудуди мазкур бо назардошти таносуб муайян карда мешавад;

Ҷадвали 5

Ҷадвали муайян намудани музди меҳнати ректори директори литсей ва ДМТ

| Шумораи кормандон (нафар) | Маротиба нисбати андозаи ставкаи тарифии коргари дараҷаи 1 касби асосӣ дар ДМТ |
|---|---|
| То 100 | то 10 |
| Аз 100 – 1000 | то 12 |
| 1000 – 5000 | то 16 |
| Зиёда аз 5000 | то 20 |

40. Дар асоси банди 18 Дастурамал «Оид ба баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои Буҷети давлатӣ» ДМТ дар ҳолати норасоии пардохти музди меҳнат аз ҳисоби

маблағҳои буҷетӣ метавонад дар мувофиқа бо Ҳукумати ҶТ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои махсуси худ истифода намояд;

41. Тақсимоти маблағе, ки ба суратҳисоби махсуси ДМТ ворид мешавад, бо назардошти эҳтиёҷоти Донишгоҳ сурат мегирад. Тавсия дода мешавад, ки то 60% маблағҳои воридшуда барои пардохти фонди музди меҳнат (музди меҳнат ва пардохти маблағҳои иҷтимоӣ) равона карда шавад.

## IX. ПАРДОХТИ МУЗДИ МЕҲНАТИ СОАТБАЙЪ

42. Соатбайъ ҳаҷми фаъолияти омӯзгорие мебошад, ки то 10 кредит ё 240 соат барои литсей ва ДМТ, тибқи шартнома муайян шудааст;

43. Андозаи музди меҳнати соатбайъ барои сарбории таълимӣ дар бораи литсей ва Донишгоҳ ба андозаи музди меҳнати омӯзгорон вобаста ба дараҷа ва унвони илмӣ дар Донишгоҳ барои як соат муайян мешавад;

44. Пардохти музди меҳнати соатбайъ ба кормандони омӯзгории ДМТ аз ҳисоби соатбайъ, ки бо роҳи тақсими ставкаи моҳонаи омӯзгори ивазшаванда ба меъёри моҳонаи соатҳои кори омӯзгорӣ, пардохта мешавад.

## X. ПАРДОХТИ МУЗДИ МЕҲНАТ ДАР ДАВРАИ ҶОНИШИНИИ МУВАҚҚАТӢ

45. Музди меҳнати иловагӣ бо ҷонишини директори литсей ва муовини ректор барои иҷрои вазифаи директор ва ректор, ки муваққатан дар кор ҳозир нест, пардохт карда намешавад;

46. Вақте ки омӯзгор дарси омӯзгори дигареро иваз менамояд, сарбории ивазшаванда ба сарбории асосӣ ҷамъ шуда, музди меҳнат барои соатҳои ҳақиқӣ пардохт карда мешавад.

## XI. ПАРДОХТИ МУЗДИ МЕҲНАТ ДАР ДАВРАИ ТАЪТИЛ

47. Музди меҳнати омӯзгорон дар давраи таътили тобистона ва зимистона аз ҳисоби музди меҳнати тибқи ҷадвали музди меҳнати ҳайати профессорону устодони донишгоҳ муқарраршудаи давраи пеш аз таътил, бе иловапулӣ пардохт карда мешавад.

## XII. ҚОИДАҲОИ ХОТИМАВӢ

48. ДМТ дар асоси Низомномаи пардохти музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, «Низомнома

дар бораи пардохти музди меҳнат ва ҳавасмандгардонӣ» – и Донишгоҳро таҳия намудааст;

49. Низомнома дар мувофиқа бо Кумитаи иттифоқи касабаи донишгоҳ аз тарафи ректори донишгоҳ тасдиқ карда шудааст;

50. Дар ҳолати нарасидани фонди музди меҳнат, хароҷот барои пардохти музди меҳнат аз ҳисоби маблағҳои махсус пардохт карда мешавад;

51. Дигар тартиб, шартҳо вобаста ба муносибатҳои меҳнатии кормандони ДМТ, ки дар Низомномаи пардохти музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба танзим дароварда нашудааст, бо қонунгузории дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад.

52. Низомномаи мазкур аз лаҳзаи тасдиқ гардидан мавриди амал қарор гирифта, ба он дар ҳолатҳои зарурӣ бо тартиби муқарраргардида тағйироту иловаҳо ворид карда мешавад.

# НИЗОМНОМАИ
# ШУЪБАИ БАНАҚШАГИРӢ ОЯНДАБИНӢ ВА ТАТБИҚИ БУҶЕТ

## I.МУҚАРРАРОТИ УМУМИ

1. Низомномаи шуъбаи банақшагирӣ, ояндабинӣ ва татбиқи буҷети Донишгохи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) воҳиди сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, (минбаъд Донишгоҳ) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти баъд аз муассисаи олии таълими», амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ, Низомномаи мазкур, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи таҳия карда шудааст;

2. Шуъбаи банақшагирӣ, ояндабинӣ ва татбиқи буҷети (минбаъд шуъба) шуъбаро мудири он роҳбари мекунад, ки аз тарафи ректор ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

3. Шуъба фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо раёсатҳо ва шуъбаву бахшҳои Донишгоҳ ба роҳ мемонад.

4. Шуъба фаъолияти худро дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, фармоишҳои ректори Донишгоҳ, Низомномаи мазкур, супоришҳои ректори донишгоҳ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи илм, маориф ба роҳ мемонад.

5. Ба дархосту супоришҳои дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ додани ахбор, маълумот ва ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии тасдиқкардаи донишгоҳро шуъба фақат бо иҷозати ректор амалӣ менамояд.

## II.СОХТОРИ ШУЪБА

6. Дар сохтори шуъба 3 корманд: сардори шуъба, иқтисодчии пешбар ва иқтисодчии дараҷаи 1 фаъолият мекунад.

7. Сардори шуъба тамоми фаъолияти кори шуъбаро роҳбарӣ намуда, аз номи шуъба маълумотнома пешниҳод менамояд.

## III.ВАЗИФАҲОИ ШУЪБА

8. Шуъба дар таҳияи нақшаи кори солонаи донишгоҳ саҳм гузошта, нақшаи корро барои баррасӣ ба ҷаласаҳои Шурои олимон ва раёсати Донишгоҳ пешниҳод мекнад.

9. Буҷети солонаи Донишгоҳро таҳия ва дар муҳлатҳои муқарраршуда ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

10. Ҷиҳати пардохти саривақтии маоши вазифавии кормандон ва иловапулиҳо чораҳои зарурӣ меандешад.

11. Назорати истифодаи маблағҳои ҷудогардидаро барои нигоҳдории донишгоҳ пурзӯр карда, самаранок истифодабарии онҳоро таъмин менамояд.

12. Мактубу аризаҳо ва дархосту шикоятҳои ба шуъба воридшударо дар муҳлати пешбинишудаи қонуни баррасӣ карда, ҷавоб омода менамояд.

## III. САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

13. Иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илм, Вазорати молия ва фармоишҳои ректорро, ки ба зиммаи шуъба гузошта шудааст, назорат намуда, аз рафти иҷрои онҳо ба сардори раёсати муҳосибот ва ректор маълумотнома пешниҳод менамояд.

14. Дар ҳамкорӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буҷети донишгоҳро тартиб дода, доир ба самаранок ва мақсаднок истифодабарии маблағҳо ба роҳбарият ахборот пешниҳод менамояд.

15. Ба раёсат оид ба ҳисобу китоби муҳосибӣ, беҳтар намудани сифати ҳисобот таклифу дархостҳо пешниҳод мекунад.

16. Шаъну шараф ва эътибори кормандони шуъбаро ҳимоя менамояд.

## IV. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

17. Баҳсҳои меҳнати байни кормандони шуъба ва Муассис дар асоси Қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл мегарданд.

18. Тағйироту иловаҳо ба Низомнома метавонад дар асоси тағйиру иловаҳое, ки ба Оиннома ва Қиодаҳои тартиботи дохилии меҳнатии донишгоҳ ворид мешавад, сурат гирад.

# НИЗОМНОМАИ
# ШУЪБАИ КОР БО МАБЛАҒҲОИҒАЙРИБУҶЕТӢ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи шуъбаи кор бо маблағҳои ғайрибуҷетӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, «Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», низомномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия гардидааст.

2. Шуъбаи кор бо маблағҳои ғайрибуҷетии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд шуъба) яке аз сохторҳои таркибии раёсати муҳосиботи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Донишгоҳ) буда, дар тобеияти раёсати муҳосибот қарор дорад.

3. Шуъба фаъолияти худро дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, фармоиш ва супоришҳои ректори Донишгоҳ, Низомномаи мазкур, супоришҳои ректори донишгоҳ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи илм, маориф ба роҳ мемонад.

4. Шуъбаро мудир роҳбарӣ менамояд, ки бо пешниҳоди сардори раёсати муҳосибот аз тарафи ректори Донишгоҳ ба ин вазифа таъин ва озод карда мешавад.

5. Кормандони шуъба фаъолияти худро дар ҳамкорӣ ба раёсатҳо, шуъбаҳо ва дигар бахшҳои донишгоҳ ба роҳ мемонанд;

6. Дархосту супоришҳои ҷамъиятӣ, додани ахбор, маълумот ва ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии тасдиқшуда аз ҷониби кормандони шуъба танҳо дар мувофиқа бо сардори раёсати муҳосибот сурат мегирад;

## II.ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

7. Мувофиқи ҷадвали корӣ дар сохтори шуъба 5 нафар корманд фаъолият менамоянд:

– мудир;

– муҳосиб;

– муҳосиб;

– муҳосиб;

– хазинадор.

8. Мудири шуъба тамоми фаъолияти кории шуъбаро роҳбарӣ намуда, аз номи шуъба баромад менамояд;

9. Сохтор ва воҳидҳои кори шуъба бо пешниҳоди сардори раёсати муҳосибот аз ҷониби ректори донишгоҳ муқаррар ва тасдиқ карда мешавад;

10. Барои мудири шуъба талаботи зерин муқаррар карда мешавад:

– таҳсилоти олии касбӣ иқтисодчӣ (муҳосиб);

– 4 сол собиқаи умумии корӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

– донистани забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ;

– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои вазифавии мудири шуъбаро ба танзим медароранд;

– мавҷудияти дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

– мавҷудияти малакаи хуби муошират;

– на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;

– кор карда тавонистан бо компютер;

– ба вазифаи муҳосиб корманде таъин карда мешавад, ки дорои маълумоти олии касбӣ (иқтисодӣ) ва собиқаи корӣ дар вазифаи муҳосиби на камтар аз 3 сол мебошад.

## III .ВАЗИФАҲОИ ШУЪБА

11. Кормандони шуъба вазифадоранд;

– талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, Низомномаи раёсати илм, Дастурамали мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, шартномаҳои коллективӣ ва санадҳои меъёрии дохилиро риоя намояд;

– барои иҷрои талаботи муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои

меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, бехатарии сӯхтор ва санитарию гигиенӣ мусоидат намояд;

## IV. ҲУҚУҚҲОИ ШУЪБА

12. Ҳуқуқҳои шуъба:

– аз мақомоти зерсохтор талаб ва қабул намудани маводи зарурии ба масъалаҳои таъмини фаъолияти шуъба тааллуқдошта;

– пешниҳод шудани кормандон ба гирифтани мукофотҳои давлатӣ ва имтиёзҳои аз тарафи қонунгузории ҷумҳури муайяншуда;

– ҳолати маблағгузорӣ ва нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии рушди донишгоҳро ҳар сол таҳлил карда, пешниҳодҳои зарурӣро барои бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида ба ректори донишгоҳ манзур намояд;

– истифодаи дурустии қонунгузории амалкунанда, фармонҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавсияҳоро оид ба масъалаҳои банақшагирию молиявӣ дар донишгоҳ назорат кунад;

– аз махзани маълумоти дар ихтиёри воҳидҳои сохтории донишгоҳ ва сохторҳои ҳудудии он қарордошта истифода намояд;

– дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯйи масъалаҳои ба уҳдадориҳои шуъба дахлдошта иштирок намояд;

– маводи дар ихтиёри донишгоҳ қарордоштаро омӯзад;

– дар бораи таҳия, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва ё беэътибор донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқи дохилии ба фаъолияти шуъба дахлдошта таклиф пешниҳод намояд;

– дар гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти шуъба дахл доранд, иштирок намояд;

– нақшаҳои солона ва нимсоларо тартиб дода, бо нақшаҳои дигар бахшҳои шуъба мутобиқ созад. Дурнамои хароҷотҳоро тартиб дода, дар таҳияи шаклҳои нави музди меҳнати кормандон дар якҷоягӣ бо вазоратҳои молия, маориф ва илм, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ иштирок намояд.

## V. УҲДАДОРИҲОИ МУДИР

13. Мудир шуъба уҳдадор аст:

– ҷиҳати таҳияи нақшаи донишгоҳ, шуъба ва нақшаи кории солонаи худ ба сардори раёсати муҳосибот пешниҳод намояд;

– лоиҳаи санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии дохилӣ, ки аз тарафи донишгоҳ пешниҳод карда шудаанд, мустақилона ё дар якҷоягӣ бо дигар кормандони шуъба баррасӣ намуда, хулоса омода намояд;

– мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, баррасӣ намуда, ҷавоб омода намояд;

– бо супориши роҳбарият дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои донишгоҳ ва берун аз он иштирок намуда, ба сардори раёсати муҳосибот гузориш ва ҳисобот пешниҳод менамояд;

– ба кормандону устодон, донишҷӯён ва корафтодагоне, ки ба шуъба мурочиат менамоянд, ҳалимона муносибат карда, дар доираи имконият дархостҳоро иҷро кунад;

– ҳар се моҳ ба раёсати муҳосибот оид ба корҳои анҷомшуда ҳисобот диҳад.

– аз рӯйи иҷрои қарорҳои ҷаласаи Шурои олимон, ҷаласаи раёсат, фармоишҳои ректор, ки ба зиммаи шуъба гузошта шудааст, назорат бурда, аз рафти иҷрои он ба сардори раёсати муҳосибот гузориш омода намояд;

14. Шуъбаи дорои чунин масъулият мебошад:

– мудир ва кормандони дигари шуъба барои ичро накардан ва ё ба таври дахлдор ичро накардани уҳдадориҳои вазифавӣ, интизоми меҳнат ва Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷазои интизомӣ кашида мешавад.

## НИЗОМНОМАИ
## ШУЪБАИ МОЛУ МАВОД

Низомномаи шуъбаи молу мавод (минбаъд Низомнома) асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

### I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Шуъбаи молу маводи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – шуъба) ҳамчун воҳиди сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис дода шудааст;

2. Кормандони шуъба фаъолияти худро дар ҳамкорӣ ба раёсатҳо, шуъбаҳо ва дигар бахшҳои донишгоҳ ба роҳ мемонанд;

3. Дархосту супоришҳои ҷамъиятӣ, додани ахбор, маълумот ва ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии тасдиқшуда аз ҷониби кормандони шуъба танҳо дар мувофиқа бо ректори донишгоҳ сурат мегирад;

### II. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

5. Мувофиқи ҷадвали корӣ дар сохтори шуъба 3 нафар корманд фаъолият менамоянд:

– мудир;

– муҳосиб;

– муҳосиб.

6. Мудири шуъба тамоми фаъолияти кории шуъбаро роҳбарӣ намуда, аз номи шуъба баромад менамояд;

7. Барои мудири шуъба талаботи зерин муқаррар карда мешавад:

– таҳсилоти олии касбӣ иқтисодчӣ;

– 4 сол собиқаи умумии корӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

– донистани забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ;

– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои вазифавии мудири шуъбаро ба танзим медароранд;

– мавҷудияти дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

– мавҷудияти малакаи хуби муоширатa;

– на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;

– кор карда тавонистан бо компютер.

## III. ВАЗИФАҲОИ ШУЪБА

8. Мудир вазифадор аст:

– тавсифи вазифавии мазкур уҳдадориҳои функсионалӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муҳосиби донишгоҳро муайян кунад;

– мудир тибқи фармоиши ректори донишгоҳ бо пешниҳоди сардори раёсати муҳосибот ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад;

– мудир бевосита ба сардори раёсати муҳосибот итоат мекунад;

9. Муҳосиб бояд донад:

– санадҳои қонунгузорӣ, қарорҳо, фармоишҳо, дастурҳо, маводи методологӣ ва меъёри оид ба ташкили баҳисобгирии амвол, уҳдадориҳо ва муомилоти хоҷагӣ ва ҳисобот;

– шаклу усулҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ дар донишгоҳ;

– нақша ва мукотибаи ҳисобҳо;

– ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо дар соҳаҳои ҳисобдорӣ;

– тартиби ба расмият даровардан ва инъикос намудан дар баҳисобгирии муомилоти баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба ҳаракати воситаҳои асосӣ, инвентаризатсия;

– усулҳои таҳлили иқтисодии фаъолияти хоҷагию молиявии корхона;

– қоидаҳои кори техникаи компютерӣ;

– иқтисодиёт, ташкили меҳнат ва идоракунӣ;

– усулҳои идоракунии бозор.

10. Вазифаҳои бухгалтери разряди 1.

Муҳосиби шуъбаи молу мулк:

– корҳоро оид ба пешбурди баҳисобгирии амвол, уҳдадориҳо ва амалиёти хоҷагидорӣ (баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, захираҳо, хароҷоти истеҳсолот, фурӯши маҳсулот, натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва молиявӣ, ҳисоббаробаркуниҳо бо таъминкунандагон ва фармоишгарон, инчунин, барои хизматрасонӣ ва ғайра) анҷом медиҳад;

– дар таҳия ва татбиқи чорабиниҳое, ки ба нигоҳ доштани интизоми молиявӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо нигаронида шудаанд, иштирок менамояд;

– қабул ва назорати ҳуҷҷатҳои ибтидоиро оид ба соҳаҳои дахлдори баҳисобгирӣ амалӣ намуда, онҳоро барои коркарди ҳисоб омода менамояд, дар суратҳисобҳои муомилоти баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ба ҳаракати асосӣ вобастаанд, инъикос менамояд, маблағҳо, сарватҳои молӣ ва пулӣ, сметаҳои ҳисоби бухгалтерии арзиши аслии маҳсулот (кор, хизматрасони)-ро тартиб медихад, манбаъҳои талафот ва хароҷоти ғайриистеҳсолиро муайян карда барои пешгирии онҳо таклифҳо пешниҳод менамояд;

– нақшаи кории баҳисобгирии муҳосибӣ, шаклҳои ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ, ки барои ба расмият даровардани муомилоти тиҷорӣ истифода мешаванд, ки шаклҳои стандартии онҳо пешбинӣ нашудаанд, инчунин шаклҳои ҳуҷҷатҳои ҳисоботи молиявии дохилиро таҳия менамояд, дар муайян кардани мундариҷаи усулҳо ва усулҳои асосии баҳисобгирӣ иштирок мекунад;

– дар таҳлили иқтисодии фаъолияти хоҷагию молиявии донишгоҳ аз рӯи маълумотҳои ҳисоби бухгалтерӣ ва ҳисоботӣ бо мақсади ошкор намудани захираҳои дохилихоҷагӣ, ҷорӣ намудани режими сарфаю сариштакорӣ ва тадбирҳои беҳтар намудани рафти кор, дар кор карда баромадан ва ворид намудани шаклу усулҳои кор иштирок мекунад;

– маълумотро оид ба самтҳои дахлдори баҳисобгирии муҳосибавӣ барои ҳисобот омода менамояд, нигоҳдории ҳуҷҷатҳои баҳисобгириро назорат мекунад, онҳоро бо тартиби муқаррааргардида барои супурдан ба бойгони омода менамояд;

– корҳоро оид ба ташаккул, нигоҳдорӣ ва нигоҳдории маҳзани маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ анҷом медиҳад, ба маълумоти маълумотӣ ва меъёрии ҳангоми коркарди маълумот истифодашаванда тағйирот ворид менамояд;

– ҷиҳати тартиб додани консепсияи иқтисодии вазифаҳо ё марҳилаҳои алоҳидаи онҳо, ки бо ёрии техникаи ҳисоббарор ҳал карда мешаванд, иштирок намуда, имконияти истифодаи лоиҳаҳои тайёр, алгоритмҳо, бастаҳои программавиро муайян менамояд, ки барои ташкили системаҳои аз ҷиҳати иқтисоди асосноки коркарди иттилооти иқтисодӣ имконият медиҳанд.

## IV. ҲУҚУҚҲОИ ШУЪБА

11. Ҳуқуқҳои шуъба:

– аз сохторҳои донишгоҳ талаб ва қабул намудани маводи зарурии ба масъалаҳои таъмини фаъолияти шуъба тааллуқдошта.

– пешниҳод шудан ба гирифтани мукофотҳои давлатӣ ва имтиёзҳои аз тарафи қонунгузории ҷумҳури муайяншуда;

– ҳолати маблағгузорӣ ва нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии рушди донишгоҳро ҳар сол таҳлил карда, пешниҳодҳои заруририро барои бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида ба ректори донишгоҳ манзур намояд;

– ҷиҳати амалӣ сохтани шаклҳои нави маблағгузорӣ ва методҳои хоҷагидорӣ тадбирҳо андешад. Шароити пардохти музди меҳнати кормандон, меъёрҳои таълимию тарбиявиро мутобиқи шарти муқарраргардида кор карда, дар амал ҷорӣ намояд;

– дастури нави музди меҳнати кормандони соҳаи маориф бо назардошти ислоҳоти идоракунӣ ва маблағгузории соҳаи маориф кор карда барояд;

– истифодаи дурустии қонунгузории амалкунанда, фармонҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавсияҳоро оид ба масъалаҳои банақшагирию молиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ назорат кунад;

– аз воҳидҳои сохтории донишгоҳ ва сохторҳои ҳудудии дахлдори он маълумот ва маводҳои барои иҷрои босифат ва саривақтии уҳдадориҳои вазифавӣ зарурро бо тартиби муқарраргардида гирад;

– аз махзани маълумоти дар ихтиёри воҳидҳои сохтории донишгоҳ ва сохторҳои ҳудудии он қарордошта истифода намояд;

– дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯйи масъалаҳои ба уҳдадориҳои вазифаи ӯ дахлдошта иштирок намояд;

– маводи дар ихтиёри донишгоҳ қарордоштаро омӯзад;

– дар бораи таҳия, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва ё беэътибор донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дохилӣ ба фаъолияти шуъба дахлдошта таклиф пешниҳод намояд;

– дар гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти шуъба дахл доранд, иштирок намояд;

– чиҳати таҳияи нақшаи донишгоҳ, шуъба ва нақшаи кории солонаи худ ба сардори раёсати муҳосибот ва ректори донишгоҳ пешниҳод менамояд;

– лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дохилӣ, ки аз тарафи донишгоҳ пешниҳод карда шудаанд, мустақилона ё дар якҷоягӣ бо дигар кормандони шуъба баррасӣ намуда, хулоса омода менамояд;

– мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, ҷавоб омода менамояд;

– бо супориши ректор дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои донишгоҳ ва берун аз он иштирок намуда, ба роҳбари воҳиди сохторӣ гузориш ва ҳисобот пешниҳод менамояд;

**НИЗОМНОМАИ**
**ШУЪБАИ СТИПЕНДИЯ**

Низомномаи шуъбаи стипендия (минбаъд Низомномал) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомнома дар бораи муқаррар намудани стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 феврали соли 1997, №100), Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 сентябри соли 2010, №923 «Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақаҳо ва стипендияҳо», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## I.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Шуъбаи стипендияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – шуъба) ҳамчун воҳиди сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис дода шудааст;

2. Дархосту супоришҳои ҷамъиятӣ, додани ахбор, маълумот ва ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии тасдиқшуда аз ҷониби кормандони шуъба танҳо дар мувофиқа бо ректори донишгоҳ сурат мегирад;

## II.ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

3. Мувофиқи ҷадвали корӣ дар сохтори шуъба 3 нафар корманд фаъолият менамоянд:

– мудир;
– муҳосиб;
– хазинадор.

## III. ВАЗИФАҲОИ ШУЪБА

6. Мудири шуъба вазифадор аст:

– тавсифи вазифавии мазкур уҳдадориҳои функсионалӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муҳосиби донишгоҳро муайян кунад;

– мудири шуъба бевосита ба сардори раёсати муҳосибот итоат мекунад;

– ба вазифаи муҳосиб  корманде таъин карда мешавад, ки дорои маълумоти олии касбӣ (иқтисодӣ) ва собиқаи корӣ дар вазифаи муҳосиби на камтар аз 3 сол мебошад;

– талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, Дастурамали мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, шартномаҳои коллективӣ ва санадҳои меъёрии дохилиро риоя намояд;

– барои иҷрои талаботи муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, бехатарии сӯхтор ва санитарию гигиенӣ мусоидат намояд;

– иҷрои саривақтии супоришҳои сардори шуъба, иштирок дар таҳия ва коркарди лоиҳа, санадҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар соҳаи иқтисоди маориф, иштирок дар тафтишоти нақшавӣ ва назорати мунтазами фаъолияти иқтисодии донишгоҳбаррасӣ ва ҷавоб додан ба мактубҳои ба салоҳияти бахш тааллуқдошта расонидани ёрии методӣ ва амалӣ ба кормандони бахшҳои иқтисодӣ;

## III. ҲУҚУҚҲОИ КОРМАНДОНИ ШУЪБА

7. Ҳуқуқҳои кормандони шуъба:

– аз сохторҳои дигари Донишгоҳ талаб ва қабул намудани маводи зарурии ба масъалаҳои таъмини фаъолияти шуъба тааллуқдошта.

– пешниҳод шудан ба гирифтани мукофотҳои давлатӣ ва имтиёзҳои аз тарафи қонунгузории ҷумҳури муайяншуда;

– аз воҳидҳои сохтории донишгоҳ ва сохторҳои ҳудудии дахлдори он маълумот ва маводҳои барои иҷрои босифат ва саривақтии уҳдадориҳои вазифавӣ зарурро бо тартиби муқарраргардида гирад;

– аз махзани маълумоти дар ихтиёри воҳидҳои сохтории донишгоҳ ва сохторҳои ҳудудии он қарордошта истифода намояд;

– маводи дар ихтиёри донишгоҳ қарордоштаро омӯзад;

– дар бораи таҳия, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва ё беэътибор донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ – дохилии ба фаъолияти шуъба дахлдошта таклиф пешниҳод намояд;

– дар гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти шуъба дахл доранд, иштирок намояд;

– нақшаҳои солона ва семоҳаро тартиб дода, бо нақшаҳои дигар бахшҳои шуъба мутобиқ созад. Дурнамои хароҷотҳоро тартиб дода, дар таҳияи шаклҳои нави уҳдадориҳо дар якҷоягӣ бо Вазоратҳои молия, маориф ва илм, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ иштирок намояд.

– ҷиҳати таҳияи нақшаи донишгоҳ, шуъба ва нақшаи кории солонаи худ ба сардори раёсати муҳосибот ва ректор пешниҳод манзур намояд;

– лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ – дохилӣ, ки аз тарафи донишгоҳ пешниҳод карда шудаанд, мустақилона ё дар якҷоягӣ бо дигар кормандони шуъба баррасӣ намуда, хулоса омода намояд;

– муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, баррасӣ намуда, ҷавоб омода менамояд;

– бо супориши ректор дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои донишгоҳ ва берун аз он иштирок намуда, ба воҳиди сохторӣ гузориш ва ҳисобот пешниҳод менамояд;

– ба кормандону устодон, донишҷӯён ва корафтодагоне, ки ба шуъба муроҷиат менамоянд, ҳалимона муносибат кардан дархосту супоришҳоро сари вақт иҷро намоянд;

– мудири шуъба ҳар се моҳ ба раёсати донишгоҳ оид ба корҳои анҷомшуда ҳисобот диҳад.

– аз рӯйи иҷрои қарорҳои ҷаласаи Шурои олимон, ҷаласаи раёсат, фармоишҳои ректор, ки ба зиммаи шуъба гузошта шудааст, назорат бурда, аз рафти иҷрои онҳо ба ректор гузориш омода менамояд;

– кормандони шуъба, барои иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда уҳдадоранд:

– оиннома, қоидаҳои тартиботи дохилии донишгоҳро риоя намоянд;

– сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ, маҳорат ва малакаи касбии худро пайваста такмил диҳанд;

– оид ба мукаммалсозии фаъолияти шуъба, ки бо уњдадорињои онњо алоќаманд аст ва дар дастури мазкур пешбинї гардидааст, пешнињодњо ворид созанд;

– дар ҳудуди салоҳияти худ ба мудири шуъба дар бораи камбудиҳое, ки дар ҷараёни иҷрои уҳдадориҳои ошкор гардидааст, хабар диҳанд ва оид ба бартарафсозии онҳо пешниҳодҳо манзур намоянд;

– услуби коргузорӣ ва истифодаи технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсиониро донанд, омӯзанд ва омӯзиши онҳо ташвиқ намоянд;

– ҳар се моҳ ба мудири шуъба оид ба корҳои анҷомшуда ҳисобот диҳанд.

## V. ҶАВОБГАРИИ ШУЪБА

8. Кормандони шуъба ҷавобгарнад:

– барои иҷрои номувофиқ ва иҷро накардани уҳдадориҳои хидматии худ, ки дар дастури вазифавии мазкур пешбинӣ карда шудаанд.

# НИЗОМНОМАИ
# МАРКАЗИ ИННОВАТСИЯИ НАЗДИ РАЁСАТИ ИННОВАТСИЯ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Маркази инноватсияи назди Раёсати инноватсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ», Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, «Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи раёсати инноватсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия гардида, тартиби фаъолияти Маркази инноватсияи назди раёсати инноватсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро муайян менамояд.

2. Маркази инноватсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Марказ) яке аз сохторҳои таркибии раёсати инноватсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Донишгоҳ) буда, дар тобеияти раёсати инноватсия ва муовини ректор оид ба илм ва инноватсия қарор дорад.

3. Марказ фаъолияти худро дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, фармоишҳои ректори Донишгоҳ, Низомномаи Раёсати инноватсияи Донишгоҳ, Низомномаи мазкур, супоришҳои муовини ректор оид ба илм ва инноватсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи илм, маориф ва инноватсия ба роҳ мемонад.

4. Марказро шахси масъул роҳбарӣ менамояд, ки бо пешниҳоди муовини ректор оид ба илм ва инноватсия аз тарафи ректори Донишгоҳ ба ин вазифа таъин ва аз озод карда мешавад.

5. Фаъолияти Марказ мутобиқи фармоиши ректори Донишгоҳ дар асоси қарори Шурои олимони Донишгоҳ метавонад созмон ва ё қатъ карда шавад.

6. Фаъолияти Марказ аз ҳисоби маблағҳои харҷномаи Донишгоҳ (маблағҳои буҷетӣ, суратҳисоби махсус ва дигар сарчашмаҳо, ки тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ нашудаанд) ба роҳ монда мешавад.

7. Ба корҳои инноватсионӣ дар Марказ омӯзгорон, докторантони Ph.D, унвонҷӯён, магистрантон, донишҷӯён, шахсоне, ки барои иҷрои корҳои илмӣ аз дигар ташкилотҳо бо мақсади таҷрибаомӯзӣ, такмили ихтисос ё бозомӯзӣ сафарбар гардидаанд, ҷалб карда мешаванд.

8. Марказ аз натиҷагирии фаъолияти худ дар доираи ҳуқуқ ва тартибе, ки Низомномаи мазкур муқаррар намудааст, масъулият ва ҷавобгариро ба зимма дорад.

## II. СОХТОРИ МАРКАЗ

9. Марказ аз воҳидҳои кории зерин иборат мебошад:

– сардори Марказ;
– корманди бахши омодасозии мактаббачагони литсейи Донишгоҳ;
– корманди бахши рушди касбияти донишҷӯён;
– корманди бахши таблиғот ва паҳни иттилоот.

## III. ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ МАРКАЗ

10. Ҳадафҳои асосии Марказ:

– истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ бо истифода аз технологияҳои инноватсионии муосир, аз ҷумла моделсозии компютерӣ;

– гузаронидани дарсҳо дар самти омӯзиши технологияҳои инноватсионӣ вобаста ба эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллӣ;

– мониторинг, маркетинг, тиҷоратигардонӣ ва ояндабинии татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолоти ватанӣ;

– таҳкими алоқаҳои байни илм ва истеҳсолот ба мақсади амалисозии технологияҳои инноватсионии коркардшуда ва тиҷоратигардонии натиҷаҳои фаъолияти илмию таҳқиқотӣ;

– ташкили гурӯҳҳои истеҳсолӣ аз рӯи натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ.

11. Марказ масъули иҷрои вазифаҳои зерин мебошад:

– иштирок дар лоиҳаҳо ва корҳои инноватсионӣ доир ба истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ ва пешниҳоди ҳисоботҳо оид ба корҳои иҷрошуда;

– раванди таълиму истеҳсолот ва пешниҳоди ҳисоботҳо оид ба натиҷаҳои татбиқи онҳо ва ё корҳои иҷрошуда;

– иштирок дар семинарҳо, конференсияҳо, озмунҳо, симпозиумҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ – инноватсионӣ доир ба раванди омӯзиш ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ;

– таҳти сарпарастии раёсати инноватсияи Донишгоҳ, бо ҷалби

профессорону омӯзгорон ва унвонҷӯёну донишҷӯён ҳамкориҳои илмию инноватсиониро бо ташкилотҳои инфрасохтори инноватсионӣ, фондҳои инноватсионӣ ва дигар муассисаю ташкилотҳо ташкил намояд;

– ҳамкорӣ бо воҳидҳои сохтории Донишгоҳ дар раванди гузаронидани озмун барои корҳои беҳтарини инноватсионӣ дар байни хонандагони литсей, донишҷӯён, унвонҷӯён, аспирантон, докторантон ва ҳайати устодону профессорони Донишгоҳ;

– мусоидат ба ташаккули низоми тайёр кардани мутахассисон, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси онҳо дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ.

## IV. ВАЗИФАҲОИ САРДОР

12. Сардор масъули иҷрои вазифаҳои зерин мебошад:

– муайян намудани самтҳои асосӣ ва афзалиятноки фаъолияти Марказ;

– танзими ҳуҷҷатнигорӣ ва назорати иҷрои саривақтии он;

– тарғиби дастовардҳои илмӣ – инноватсионии Донишгоҳ тавассути иштирок дар конференсияҳо, семинарҳо, симпозиумҳо, намоишгоҳҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ – инноватсионӣ, нашри мақолаҳои илмӣ;

– гузаронидани дарсҳо ва корҳои амалӣ дар самти омӯзиш ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ;

– иштирок дар раванди тайёр кардани мутахассисони баландихтисос дар самти татбиқи технологияҳо ва лоиҳаҳои инноватсионӣ;

– таҳти сарпарастии раёсати инноватсияи Донишгоҳ ташкили ҳамкориҳои илмию техникӣ бо корхонаҳое, ки маҳсулоти инноватсионӣ коркард ва истеҳсол мекунанд;

– назорати донишҷӯёне, ки дар Марказ фаъолият менамоянд;

– ҷустуҷӯ, захира ва мураттабкунии маълумот оид ба инноватсия дар самтҳои гуногуни илм ва истеҳсолот дар дохили мамлакат ва берун аз он, баҳогузории рақобатпазирии онҳо дар бозори дохилӣ ва беруна, муайян намудани истеҳсолкунандагон ва истифодабарандагони технологияҳои инноватсионӣ.

## V. ҲУҚУҚҲОИ САРДОР

13. Сардор ҳуқуқ дорад:

– оид ба эҳтиёҷоти Марказ дар таъминоти барномавӣ – техникӣ ва такмили ҷараёнҳои корӣ, дар мувофиқа бо раёсати инноватсияи Донишгоҳ, ба роҳбарияти Донишгоҳ пешниҳодҳо ва дархостҳо таҳия намояд;

– маҷлисҳои хизматӣ ва техникиро оид ба масъалаҳои инноватсионӣ

даъват намояд;

– оид ба ҳавасмандкунии кормандон, ки сари вақт корҳои инноватсиониро анҷом додаанд, ба сардори раёсати инноватсияи Донишгоҳ пешниҳодҳо манзур намояд;

– таҳти сарпарастии раёсати инноватсияи Донишгоҳ ба таъсиси заминаи муосири илмӣ – инноватсионӣ ҷиҳати гузаронидани корҳои илмӣ – инноватсионӣ аз тарафи устодону омӯзгорон, докторантон аз рӯи ихтисос, докторантҳо ва кормандони Донишгоҳ мусоидат намояд.

## НИЗОМНОМАИ
## МАРКАЗИ ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА

### I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума (минбаъд – Низомнома) дар асоси талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», «Дар бораи табъу нашр», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва дигар асноди меъёрӣ – ҳуқуқии соҳаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

2. Фаъолияти Марказ дар асоси санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи табъу нашр, Оиннома ва Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, асноди меъёрии ҳуқуқии соҳаҳои илм ва маориф ва Низомномаи мазкур ба роҳ монда мешавад.

3. Фаъолияти Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума (минбаъд – Марказ) бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати таҳия ва нашри мақолаҳои илмии омӯзгорон, докторантон, магистрантон, донишҷӯён ва дигар муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, инчунин, пешниҳоди маводи чопӣ ба Шурои илмӣ – методии донишгоҳ ба роҳ монда мешавад.

### II. ВАЗИФА ВА САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

4. Фаъолияти Марказ барои ҳалли масъалаҳои зерин равона гардидааст:

– қабул, ташхис ва пешниҳоди маводҳои чопӣ ба Шурои илмӣ – методӣ;

– қабул, ташхис, таҳрир ва нашри мақолаҳо;

– ҳалли мушкилоти ташкил ва назорати сифат ва истифодаи усулҳои муосир барои нашри мақолаҳо;

– шиносоӣ бо натоиҷи пажуҳиши олимони ҷумҳурӣ ва кишварҳои хориҷӣ дар самтҳои гуногуни навовариҳои илму техникаи муосир;

– инъикоси натиҷаҳои фаъолияти илмӣ таҳқиқотӣ, илмӣ – амалӣ ва озмоишии олимони соҳаҳои мухталифи кишвар ва берун аз он;

– ташкили чорабиниҳо, машварат, конференсия, семинарҳо, табодули таҷриба, омӯзиши таҷрибаи пешқадами ватанӣ ва хориҷӣ оид ба беҳдошти фаъолияти Марказ дар донишгоҳ;

– ташкили консепсия ва коркарди усулҳои нави фаъолият бо истифода аз таҷрибаҳои ватанӣ ва байналхалқӣ;

– расонидани ёрии методӣ ба муҳаққиқони ҷавон ҷиҳати низоми таълифу таҳияи осори илмӣ;

– омодасозии масъалаҳо барои баррасӣ дар ҷаласаҳои Шурои олимон ва раёсати донишгоҳ;

– дигар вазифаҳо, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва маориф манъ накардааст.

## III. ҲАЙАТ ВА СОХТОРИ МАРКАЗ

1. Фаъолияти Марказ аз ҷониби директор идора карда мешавад.
2. Воҳидҳои сохтории Марказ аз вазифаҳои директор, мудири маҷалла ва масъулони бахшҳо – муҳаррирони мавод ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ва мусаҳҳеҳон – ҳуруфчин иборат мебошад. Воҳидҳои дигари корӣ вобаста ба тағйироти самти кори Марказ дар робита бо инкишофи низоми фаъолияти он ворид карда мешаванд.
3. Воҳидҳои кории Марказ бо пешниҳоди директор аз ҷониби ректори ДМТ (дар асоси баҳодиҳии ҳаҷми кор дар Марказ дар муҳлати муайян) тасдиқ карда мешаванд.
4. Ҳайати таҳририя ва дигар кормандони Марказ бо пешниҳоди директор тибқи фармоиши ректори донишгоҳ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

## IV.ТАШКИЛ ВА ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

14. Ташкил ва таъмини фаъолияти Марказ аз ҷониби муассиси он амалӣ карда мешавад.

15. Муассис ҷиҳати таъмини сабти Марказ дар мақомоти давлатӣ ва маблағгузорӣ барои пешбурди фаъолияти бонизоми он уҳдадор аст.

16. Дар робита бо ин Муассис:

– Низомнома, ҳайати таҳририя ва нақшаи кори фаъолияти Марказро тасдиқ менамояд;

– вазифаҳо ва ҳаҷми маоши кормандони Марказро муайян месозад;

– кормандони Марказро ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод мекунад;

– фаъолияти истеҳсолӣ – молиявии Марказро назорат менамояд;

– фаъолияти Марказро дар ҳолатҳое, ки бо қонунҳои амалкунанда ва Низомнома мухолифат мекунад, қатъ менамояд.

17. Фаъолияти Марказ тибқи нақшаи кории қаблан таҳия ва тасдиқшуда мувофиқи ҳамин Низомнома, Оиннома ва Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

18. Марказ аз ҷониби раёсати донишгоҳ бо маводи зарурӣ барои пешбурди фаъолияти корӣ таъмин карда мешавад.

19. Ҳамкорӣ миёни Марказ, матбаа ва дигар муассисаю ташкилотҳо дар асоси шартномаҳое, ки аз ҷониби муассиси он ба тасвиб расонида мешаванд, сурат мегирад.

20. Марказ ҳуҷҷатгузориро мувофиқи феҳрасти тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳои расмӣ ва ҷадвали гардиши ҳуҷҷатҳо ба роҳ мемонад.

## V.МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

– баҳсҳои меҳнатӣ байни кормандони Марказ ва Муассис дар асоси Қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл мегарданд.

– тағйироту иловаҳо ба Низомнома метавонад дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» амалӣ гардад.

– қарори қатъ намудани фаъолияти Марказро Муассис тибқи муқарраროти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» метавонад амалӣ намояд.

# НИЗОМНОМАИ МАҶАЛЛАИИЛМИИ
# «МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН»

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи маҷаллаи илмии «Муҳаққиқи ҷавон»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Низомнома) дар асоси талаботи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», «Дар бораи табъу нашр», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва дигар асноди меъёрӣ – ҳуқуқии соҳаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

2. Маҷаллаи илмии «Муҳаққиқи ҷавон» – и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – маҷалла) маҷаллаи илмӣ, таҳлилӣ, иттилоотӣ ва таблиғотии донишгоҳ мебошад.

3. Фаъолияти маҷалла бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати таҳия ва нашри мақолаҳои илмии магистрантон ба роҳ монда мешавад.

4. Рақамгузории силсиламаҷалла ҳамасола аз рақами 1 (рақамгузории ҷорӣ) шуруъ мешавад. Илова ба рақами ҷорӣ санаи нашри маҷалла ҷой дода мешавад.

5. Муассиси маҷалла Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Маҷалла аз бахшҳои зерин иборат мебошад:

– табиӣ;
– иқтисодӣ;
– ҳуқуқшиносӣ;
– сиёсатшиносӣ;
– гуманитарӣ;
– филологӣ;
– журналистика;
– равоншиносӣ;
– тиббӣ;
– дорусозӣ;
– геологӣ;
– техникӣ.

6. Маҷалла дар саҳифаи андозаи А – 4 дар ду – се моҳ як маротиба бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ интишор мешавад.

7. Дар ҳолатҳои зарурӣ (ҷашнҳо, аз меъёр зиёд будани теъдоди мақолаҳои воридшуда, зарурати ҳимояи рисолаҳои магистрӣ ва ғ.) бо иҷозати сармуҳаррир шумораҳои иловагии бахшҳои маҷалла метавонанд

таҳия ва нашр шавад.

8. Фаъолияти маҷалла дар асоси санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи табъу нашр, Оиннома ва Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, асноди меъёрии ҳуқуқии соҳаҳои илм ва маориф ва Низомномаи мазкур ба роҳ монда мешавад.

## II. ВАЗИФА ВА САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ МАҶАЛЛА

9. Фаъолияти маҷалла барои ҳалли масъалаҳои зерин равона гардидааст:

– қабул, ташхис, таҳрир ва нашри мақолаҳои магистрантон;

– ҳалли мушкилоти ташкил ва назорати сифат ва истифодаи усулҳои муосир барои нашри мақолаҳо;

– расонидани ёрии методӣ ба муҳаққиқони ҷавон – магистрантон ҷиҳати низоми таълифу таҳияи мақолаи илмӣ;

## III. ҲАЙАТ ВА СОХТОРИ МАҶАЛЛА

10. Мақоми олии маҷалла ҳайати таҳририя мебошад, ки сарварии онро сармуҳаррир ба уҳда дорад. Ҳайати таҳририя ҳама масъалаҳоеро, ки ба фаъолияти маҷалла ва интишороти он дахл доранд, баррасӣ менамояд.

11. Фаъолияти маҷалла аз ҷониби сармуҳаррир, ки ҳамзамон ректори донишгоҳ мебошад, идора карда мешавад.

12. Маҷалла фарогири як воҳиди корӣ аст, ки барои пешбурди он масъул мебошад.

13. Ҳайати таҳририя ва масъули маҷалла аз ҷониби директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума пешниҳод ва бо фармоиши ректори донишгоҳ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

## IV.ВАЗИФА, ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ МАСЪУЛИ МАҶАЛЛА

14. Масъули маҷалла вазифадор аст муқаррароти Оиннома Донишгоҳ, Низомномаи мазкур, фармоишу дастурҳо ва санадҳои дигари дохилӣ, ки мухолифи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, риоя намуда, малакаи касбии худро пайваста баланд бардорад.

15. Масъул бояд:

– маълумоти олии касбӣ, тайёрии махсус ва малакаи корӣ оид ба самти фаъолияти соҳа дошта бошад;

– маҳорати касбии худро пайваста баланд бардорад;

– дар чорабиниҳои нақшавӣ ва берун аз нақшавии сохторҳои Донишгоҳ (баъд аз мувофиқа бо директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума), ки ба татбиқи уҳдадориҳои таҳлилӣ ва назоратии маҷалла вобаста аст, ширкат намояд;

– аз сохторҳои таркибии донишгоҳ оид ба масъалаҳои доираи салоҳияти маҷалла маълумот талаб намояд;

– ба баррасии раёсат ҷиҳати беҳтар гаштани фаъолияти маҷалла тавсияҳо пешниҳод намояд;

– базаи электронии маҷалларо ташкил ва такмили онро таъмин намояд;

– ҷиҳати фаъолияти илмию иттилоотӣ, эҷодӣ ва омодасозии мавод дар маҷалла тадбирҳо андешад;

– барои аз нигоҳи илмӣ, сиёсӣ ва таҳририӣ мукаммал будани маводи чопӣ, ҳамчунин, саҳеҳии иқтибосҳо, ному насаб, номи осори бадеӣ, илмӣ, рӯйдодҳои таърихӣ, нашри саривақтӣ, босифат ва муҳтавои баланди илмӣ масъулият нишон диҳад.

## IV. ШАРТҲОИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛАҲО ДАР МАҶАЛЛА

16. Ба масъули маҷалла маводи илмӣ аз ҷониби магистрантон/муаллифон (ҳаммуаллифон) дар шакли электронӣ ва хаттӣ бо имзои онҳо ва тавсияи роҳбарони илмӣ супорида мешавад.

17. Ба табъ расонидани таълифоти илмие, ки аз ҷониби магистрантон/муаллифон (ҳаммуаллифон) ба маҷалла ворид мегардад, баъд аз пардохти маблағи муайян ба хазинаи донишгоҳ дар асоси навбат аз рӯзи қабули мавод сурат мегирад.

18. Андозаи маблағи нашри мақолаҳои илмӣ дар маҷалла бо қарори ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳ муқаррар карда мешавад.

## V. ТАШКИЛ ВА ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ МАҶАЛЛА

19. Ташкил ва таъмини фаъолияти маҷалла аз ҷониби муассиси он амалӣ карда мешавад, аз ҷумла Муассис:

– Низомнома, ҳайати таҳририя ва нақшаи кори фаъолияти маҷалларо тасдиқ менамояд;

– вазифаҳо ва ҳаҷми маоши масъули маҷалларо муайян месозад;

– масъули маҷалларо ба вазифа таъин ва аз вазифа озод мекунад;

– фаъолияти истеҳсолӣ – молиявии маҷалларо назорат менамояд;

– фаъолияти маҷалларо дар ҳолатҳое, ки бо қонунҳои амалкунанда ва Низомнома мухолифат мекунад, қатъ менамояд.

## VI. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

– Қарори қатъ намудани фаъолияти маҷалларо муассис тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» метавонад амалӣ намояд.

# НИЗОМНОМАИ
# СИЛСИЛАМАҶАЛЛАҲОИ ИЛМӢ
# («ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН», «ИЛМ ВА ФАНОВАРӢ» ВА «ИЛМ ВА ИННОВАТСИЯ»)

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи силсиламаҷаллаҳои илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон («Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Илм ва фановарӣ» ва «Илм ва инноватсия»)) (минбаъд – Низомнома) дар асоси талаботи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», «Дар бораи табъу нашр», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва дигар асноди меъёрӣ – ҳуқуқии соҳаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

2. Силсиламаҷаллаҳои илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон («Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Илм ва фановарӣ» ва «Илм ва инноватсия») (минбаъд – Силсиламаҷалла) – маҷаллаҳои илмӣ, таҳлилӣ, иттилоотӣ ва таблиғотии донишгоҳ мебошанд.

3. Фаъолияти Силсиламаҷалла бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати таҳия ва нашри мақолаҳои илмии омӯзгорон, докторантон, магистрантон, донишҷӯён ва дигар муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба роҳ монда мешавад.

4. Рақамгузории силсиламаҷалла ҳамасола аз рақами 1 (рақамгузории ҷорӣ) шуруъ мешавад. Илова ба рақами ҷорӣ рақами тартиби маҷалла аз санаи таъсиси маҷалла (рақамгузории умумӣ) нишон дода мешавад. Рақамгузории умумӣ баъд аз рақамгузории ҷорӣ дар қавсайн ҷой дода мешавад.

5. Муассиси Силсиламаҷалла Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

6. Силсиламаҷалла аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия барои нашри маводи илмӣ, аз ҷумла натиҷаҳои асосии пажуҳиш ва таҳқиқоти диссертатсионии муҳаққиқон барои дарёфти дараҷаҳои илмии номзад, доктори фалсафа (Ph.D) ва доктори илм тавсия мегардад.

7. Силсиламаҷалла аз бахшҳои зерин иборат мебошад:
- табиӣ;
- иқтисодӣ;
- ҳуқуқшиносӣ;

– сиёсатшиносӣ;
– гуманитарӣ;
– филологӣ;
– журналистика;
– равоншиносӣ;
– тиббӣ;
– дорусозӣ;
– геологӣ;
– техникӣ.

8. Силсиламаҷалла дар саҳифаи андозаи А – 4 дар ду – се моҳ як маротиба бо забонҳои дар донишгоҳ тадрисшаванда (фишурдаҳо ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) интишор мешавад.

9. Дар ҳолатҳои зарурӣ (ҷашнҳо, аз меъёр зиёд будани теъдоди мақолаҳои воридшуда, зарурати ҳимояи рисолаҳои илмӣ ва ғ.) бо иҷозати сармуҳаррир шумораҳои иловагии бахшҳои Силсиламаҷалла метавонанд таҳия ва нашр шаванд.

10. Фаъолияти Силсиламаҷалла дар асоси санадҳои меъёрӣ– ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи табъу нашр, Оиннома ва Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, асноди меъёрии ҳуқуқии соҳаҳои илм ва маориф ва Низомномаи мазкур ба роҳ монда мешавад.

11. Силсиламаҷалла барои беҳбудии фаъолияти истеҳсолию молиявии худ ҳуқуқ дорад, дар мувофиқа бо муассис бахши таблиғотиро, ки бо қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нсст, ташкил намояд.

## II. ВАЗИФА ВА САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ СИЛСИЛАМАҶАЛЛА

12. Фаъолияти Силсиламаҷалла барои ҳалли масъалаҳои зерин равона гардидааст:

– қабул, ташхис, таҳрир ва нашри мақолаҳо;

– ташкили захираҳои пойгоҳи маҷмуи мақолаҳо ва таълифоти дигари илмӣ барои нашр;

– ҳалли мушкилоти ташкил ва назорати сифат ва истифодаи усулҳои муосир барои нашри мақолаҳо;

– интишори ахбори холисона оид ба ҳаёти илмиву фарҳангӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ ва берун аз он миёни аҳолӣ ва аҳли илму адаб;

– таблиғи фаъолияти илмии омӯзгорон, олимону докторантон, докторантони Ph.D, унвонҷӯён ва кормандони донишгоҳ, ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар новобаста ба самти пажуҳиш;

– шиносой бо натоиҷи пажуҳиши олимони ҷумҳурӣ ва кишварҳои хориҷӣ дар самтҳои гуногуни навовариҳои илму техникаи муосир;

– инъикоси натиҷаҳои фаъолияти илмӣ таҳқиқотӣ, илмӣ – амалӣ ва озмоишии олимони соҳаҳои мухталифи кишвар ва берун аз он;

– муаррифии зарфияти илмӣ ҷиҳати татбиқи комёбиҳои назарраси илмӣ дар раванди таълими донишгоҳӣ;

– омодасозии маводи иттилоотӣ – таҳлилӣ оид ба масъалаҳои сифати маводи чопӣ, гузаронидани чорабиниҳо оид ба паҳн намудани онҳо;

– ташкили чорабиниҳо, машварат, конференсия, семинарҳо, табодули таҷриба, омӯзиши таҷрибаи пешқадами ватанӣ ва хориҷӣ оид ба беҳдошти фаъолияти Силсиламаҷалла дар Донишгоҳ;

– ташкили консепсия ва коркарди усулҳои нави фаъолият бо истифода аз таҷрибаҳои ватанӣ ва байналхалқӣ;

– расонидани ёрии методӣ ба муҳаққиқони ҷавон ҷиҳати низоми таълифу таҳияи осори илмӣ;

– таъмини омодасозии гурӯҳи таҳлилгарон ва гузаронидани таҳлилҳои дохилии низоми фаъолият;

– омодасозии масъалаҳо барои баррасӣ дар ҷаласаҳои Шурои олимон ва раёсати донишгоҳ;

– дигар вазифаҳо, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва маориф манъ накардааст.

## III. ҲАЙАТ ВА СОХТОРИ СИЛСИЛАМАҶАЛЛА

14. Мақоми олии Силсиламаҷалла ҳайати таҳририя мебошад, ки сарварии онро сармуҳаррир ба ухда дорад. Ҳайати таҳририя ҳама масъалаҳоеро, ки ба фаъолияти Силсиламаҷалла ва интишороти он дахл доранд, баррасӣ менамояд.

15. Фаъолияти Силсиламаҷалла аз ҷониби сармуҳаррир, ки ҳамзамон ректори донишгоҳ мебошад, идора карда мешавад.

16. Воҳидҳои сохтории Силсиламаҷалла мувофиқи воҳидҳои кори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума аз вазифаҳои мудири маҷалла (1 воҳиди корӣ) ва масъулони бахшҳо (2 нафарӣ муҳаррирони мавод ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ – дар маҷмуъ 8 воҳиди корӣ) иборат мебошад. Воҳидҳои дигари корӣ вобаста ба тағйироти самти кори Силсиламаҷалла дар робита бо инкишофи низоми фаъолияти он ворид карда мешаванд.

17. Фаъолияти ҷории Силсиламаҷалла аз ҷониби мудири Силсиламаҷалла ба роҳ монда мешавад.

18. Воҳидҳои кории Силсиламаҷалла бо пешниҳоди директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума аз ҷониби ректори ДМТ (дар

асоси баҳодиҳии ҳаҷми кор дар Силсиламаҷалла дар муҳлати муайян) тасдиқ карда мешаванд.

19. Ҳайати таҳририя ва дигар кормандони Силсиламаҷалла бо пешниҳоди директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, тибқи фармоиши ректори донишгоҳ, ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

## IV. ВАЗИФА, ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ КОРМАНДОНИ СИЛСИЛАМАҶАЛЛА

20. Ҳайати кормандони Силсиламаҷалла вазифадоранд муқаррароти Оинномаи Донишгоҳ, Низомномаи мазкур, фармоишу дастурҳо ва санадҳои дигари дохилӣ, ки мухолифи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур нестанд, риоя намуда, малакаи касбии худро пайваста баланд бардоранд.

21. Мудири Силсиламаҷалла бояд:

– маълумоти олии касбӣ, тайёрии махсус ва малакаи корӣ оид ба самти фаъолияти соҳа дошта бошад;

– фаъолияти ҳайати кормандони Силсиламаҷалларо ҷиҳати қабул, ташхис, таҳрир ва таъмини нашри саривақтии шумораҳои маҷалла равона созад;

– низоми ба кор қабул намудан ва ҷоба ҷогузории кормандонро амалӣ ва масоили истеҳсолӣ, эҷодӣ ва маъмуриро ҳаллу фасл намояд;

– фаъолияи муҳарриронро зери назорат қарор дода, баъди таҳрири мукаммали мавод ба чопи он иҷозат диҳад;

– барои иҷрои саривақтии вазифаҳои кори ҳайати кормандон, ҳамзамон, аз нигоҳи илмӣ, сиёсӣ ва касбӣ қобили қабул будани мақолаҳои дар Силсиламаҷалла нашршаванда масъул бошад.

22. Мудири Силсиламаҷалла дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зерин мебошад:

– вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз сардорони сохторҳои таркибии донишгоҳ талаб намудани маълумот;

– вобаста ба ҳамкориҳо бо дигар сохторҳои таркибӣ аз номи Силсиламаҷалла баромад намудан;

– иштирок дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои фаъолияти Силсиламаҷалла;

– дар доираи салоҳияти худ додани дастурҳои марбут ба таҳрир, тасҳеҳ, саҳифабандӣ ва омодасозии пойгоҳи илмӣ;

– омодасозӣ ва ташкили иҷрои чорабиниҳо оид ба нақшаи кори Силсиламаҷалла;

– омодасозии мавод барои баррасӣ дар раёсат ва Шурои олимони

донишгоҳ;

– омодасозии фаъолияти худ ҷиҳати омӯзиши вазъият, таҳлил ва коркарди натиҷаҳои раванди фаъолияти корӣ дар мувофиқа бо сохторҳои таркибии донишгоҳ;

– иҷрои саривақтӣ ва босифати дастуру супоришҳои раёсати донишгоҳ;

– пешниҳоди маълумоти дақиқ оид ба самтҳои фаъолияти Силсиламаҷалла;

– таҳия ва назорати иҷрои нақшаи кори нимсола ва солонаи Силсиламаҷалла;

– ташкили чорабиниҳо, машварат, конференсия, семинарҳо, гузаронидани пурсишҳои сотсиологӣ миёни муштариён, табодули таҷриба, омӯзиши таҷрибаи пешқадами ватанӣ ва хориҷӣ оид ба беҳдошти самтҳои фаъолияти Силсиламаҷалла дар Донишгоҳ;

– таъмини интишори Силсиламаҷалла ва дастрасии ягона ба ҳама гуна захираҳои маълумот.

23. Ҳайати таҳририяи Силсиламаҷалла бояд дорои маълумоти олии касбӣ, унвонҳои илмӣ, омодагии махсус ва малакаи корӣ оид ба самти фаъолияти худ бошанд.

24. Ҳайати таҳририя фаъолияти худро дар робита ба бахшҳои Силсиламаҷалла амалӣ менамоянд.

25. Ҳайати таҳририя бояд мақолаҳои ба Силсиламаҷалла воридшударо аз лиҳози зерин баҳогузорӣ намоянд:

– тавсифи умумии мақола (ном, муаллиф (он), ҳаҷм);

– тавсифи умумии проблематикаи мақола (мавзуъ, самти илмӣ);

– сатҳи муҳиммияти мавзуи мақола;

– тавсиф ва баҳогузории мазмуни мақола аз нуқтаи назари аҳамият ва натиҷаҳои илмӣ, навгонӣ ва асоснокии онҳо, инчунин, дастовардҳои илмӣ аз лиҳози рушди илм, техника ва дурнамои татбиқи амалӣ;

– эродҳо оид ба усули баён ва башаклдарории маводи мақола (аз ҷумла, нисбат ба имконияти ихтисори безарари ҳаҷми мақола барои фаҳмиши моҳият ва натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда);

– тавсияҳо оид ба нашри мақола дар намуди пешниҳодшуда, таҳрири минбаъдаи мақола бо назардошти эродҳои умумию мушаххас ва ба мақсад мувофиқ набудан (ғайриимкон будан)-и нашри мақолаи мазкур.

26. Ҳайати кормандони Силсиламаҷалла барои иҷрои саривақтии вазифаҳои худ ҳуқуқ доранд:

– маҳорати касбии худро пайваста баланд бардоранд;

– барои коркарди ҳуҷҷатҳо ҷиҳати таъмини низоми босифати фаъолияти корӣ ва гузаронидани таҳлилҳои дохилӣ дар доираи салоҳияти

худ ба гурӯҳҳои корӣ ва озмоиши шомил гардад;

– дар чорабиниҳои нақшавӣ ва берун аз нақшавии сохторҳои Донишгоҳ (баъд аз мувофиқа бо муовини ректор оид ба илм ва инноватсия), ки ба татбиқи уҳдадориҳои таҳлилӣ ва назоратии Силсиламаҷалла вобаста аст, ширкат намоянд;

– аз сохторҳои таркибии донишгоҳ оид ба масъалаҳои доираи салоҳияти Силсиламаҷалла маълумот талаб намоянд;

– оид ба чорабиниҳои гузаронидашуда хулосабарорӣ намоянд ва тавсияҳо диҳанд, татбиқи онҳоро назорат намоянд, ба сифати кори Силсиламаҷалла дар сохторҳои таркибӣ, ба сифати иҷрои корҳо аз ҷониби онҳо дар доираи ваколатҳои худ баҳогузорӣ намоянд;

– бо лоиҳаҳои қарорҳои роҳбарони муассиса шинос шаванд, дар музокираи масъалаҳо оид ба фаъолияти Силсиламаҷалла иштирок кунанд;

– ба баррасии раёсат ҷиҳати беҳтар гаштани фаъолияти Силсиламаҷалла тавсияҳо пешниҳод намоянд;

– вобаста ба самти кори худ барои гузаронидани чорабиниҳои умумидонишгоҳӣ ташаббус нишон диҳанд.

27. Муҳаррирон дар иҷрои фаъолияти корӣ вазифадоранд:

– банақшагирӣ, ташкил ва иҷрои маҷмуии фаъолияти худро дар доираи Низомнома  ба роҳ монанд;

– фаъолияти Силсиламаҷалларо дар асоси барнома роҳандозӣ намоянд;

– ҷамъоварии маҷмуи маводи илмӣ, коркард, таҳрир ва мувофиқсозии он ба нашр, ҳамзамон, маълумот, коркард, таҳлил, баҳогузории он ва ояндабиниро ташкил намоянд;

– базаҳои электронии Силсиламаҷалларо ташкил ва такмили онро таъмин намоянд;

– ҷиҳати фаъолияти илмию иттилоотӣ, эҷодӣ ва омодасозии мавод дар маҷалла тадбирҳо андешанд;

– барои аз нигоҳи илмӣ, сиёсӣ ва таҳририӣ мукаммал будани маводи чопӣ, ҳамчунин, саҳеҳии иқтибосҳо, ному насаб, номи осори бадеӣ, илмӣ, рӯйдодҳои таърихӣ, нашри саривақтӣ, босифат ва муҳтавои баланди илмӣ масъулият нишон диҳанд.

28. Ҳайати таҳририя барои саҳеҳияти иттилоот, воқеияти натиҷаҳо, сифати кори иҷрошуда, самаранокии истифодаи захираҳои пешниҳодшуда масъуланд.

29. Маводи ба нашр омоданамудаи муҳаррирон бояд ба талаботи Силсиламаҷалла, муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии

Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ҷавобгӯ бошад.

## V. ШАРТҲОИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛАҲОИ ИЛМӢ

30. Ба идораи Силсиламаҷалла маводи илмӣ аз ҷониби муаллифон (ҳаммуаллифон) дар шакли электронӣ ва хаттӣ бо имзои онҳо супорида мешавад.

31. Масъули қабули маводи илмӣ дар нашрия масъулони бахшҳо мебошанд.

32. Маводи илмӣ қабл аз нашр барои ташхис ба ҳайати таҳририя ва мутахассисони варзида (экспертҳо), ки номзад ва докторони илм мебошанд, вобаста ба бахш ва самти тахассус супорида мешавад.

33. Экспертҳо вазифадоранд, ки мақолаи ба нашрия воридшударо мувофиқ ба аҳамияти мавзуъ, мантиқи баён ва навоварии илмӣ баҳогузорӣ намоянд.

34. Ба табъ расонидани таълифоти илмие, ки аз ҷониби муаллифон (ҳаммуаллифон) ба идораи Силсиламаҷалла ворид мегардад, баъд аз пардохти маблағи муайян ба хазинаи Донишгоҳ дар асоси навбат аз рӯзи қабули мавод аз ҷониби масъулини Силсиламаҷалла сурат мегирад.

35. Андозаи маблағи нашри мақолаҳои илмӣ ва қадрдонии муқарризон бо қарори ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳ муқаррар карда мешавад.

## VI. ТАШКИЛ ВА ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ СИЛСИЛАМАҶАЛЛА

36. Ташкил ва таъмини фаъолияти Силсиламаҷалла аз ҷониби муассиси он амалӣ карда мешавад.

37. Муассис ҷиҳати таъмини сабти Силсиламаҷалла дар мақомоти давлатӣ ва маблағгузорӣ барои пешбурди фаъолияти бонизоми он уҳдадор аст.

38. Дар робита бо ин Муассис:

– низомнома, ҳайати таҳририя ва нақшаи кори фаъолияти Силсиламаҷалларо тасдиқ менамояд;

– вазифаҳо ва ҳаҷми маоши кормандони Силсиламаҷалларо муайян месозад;

– кормандони Силсиламаҷалларо ба вазифа таъин ва аз вазифа озод мекунад;

– фаъолияти истеҳсолӣ – молиявии Силсиламаҷалларо назорат менамояд;

– фаъолияти Силсиламаҷалларо дар ҳолатҳое, ки бо қонунҳои амалкунанда ва Низомнома мухолифат мекунад, қатъ менамояд.

39. Фаъолияти Силсиламаҷалла тибқи нақшаи кории қаблан таҳия ва тасдиқшуда мувофиқи ҳамин Низомнома, Оиннома ва Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва низомномаи Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума бо назардошти чорабиниҳои нақшавии раёсати донишгоҳ дар самти табъу нашр ба роҳ монда мешавад.

40. Силсиламаҷалла аз ҷониби раёсати донишгоҳ бо маводи зарурӣ барои пешбурди фаъолияти корӣ таъмин карда мешавад.

41. Фонди буҷаи Силсиламаҷалла аз маблағгузории раёсати донишгоҳ, ба фурӯш баровардани Силсиламаҷалла, интишори замимаҳои он, маблағгузории сармоягузорон, ташкилотҳо ва шахсони алоҳида ташаккул меёбад.

42. Муассис ҳуқуқ дорад фурӯши маҷалларо тавассути пешпардохти муаллифон, обуна ва паҳнкунандагони ҷамъиятӣ ба роҳ монад.

43. Пешпардохти муаллифон тавассути хазинаи донишгоҳ сурат мегирад.

44. Ҳамкорӣ миёни Силсиламаҷалла, матбаа ва дигар муассисаю ташкилотҳо дар асоси шартномаҳое, ки аз ҷониби муассиси он ба тасвиб расонида мешаванд, сурат мегирад.

45. Силсиламаҷалла ҳуҷҷатгузориро мувофиқи феҳрасти тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳои расмӣ ва ҷадвали гардиши ҳуҷҷатҳо ба роҳ мемонад.

## VII. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

– баҳсҳои меҳнатӣ байни кормандони Силсиламаҷалла ва Муассис дар асоси Қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл мегарданд.

– тағйироту иловаҳо ба Низомнома метавонад дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» амалӣ гардад.

– қарори қатъ намудани фаъолияти Силсиламаҷалларо муассис тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» метавонад амалӣ намояд.

## НИЗОМНОМАИ
## ШУЪБАИ ОМОДАНАМОИИ
## МУТАХАССИСОНИ ИЛМӢ ВА ИЛМИЮ ОМӮЗГОРӢ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома), дар асоси талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», санадҳои меъёрии ҳуқуқии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, «Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008 №308 тасдиқ шудааст ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи илм ва маориф таҳия гардида, мақсади он беҳтар намудани низоми омода намудани мутахассисони баландихтисоси илмӣ ва илмию омӯзгорӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Донишгоҳ), ба низом даровардани қоидаҳои қабул ба унвонҷӯӣ, докторантура, доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос мебошад. Низомномаи мазкур тартиби фаъолияти шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгориро дар донишгоҳ муайян менамояд.

2. Шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ (минбаъд Шуъба) ҷузъи таркибии сохтори илмӣ ва маъмурии донишгоҳ буда, дар асоси мавҷуд будани пояи моддию техникӣ тибқи қарори Шурои олимони донишгоҳ, дар мувофиқа бо муассис, таъсис дода мешавад.

3. Мақсади асосии шуъба ин мусоидатва фароҳам овардани шароит ҷиҳати оммоданамоии кормандони илмӣ ва илмию омӯзгории дорои унвонҳои номзади илм, доктори илм ва доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос мебошад.

4. Шуъба мувофиқи иҷозатномае, ки аз тарафи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, амал намуда, мувофиқи замимаи он вобаста ба ихтисосҳои мухталиф, мутахассис омода мекунад.

5. Шуъба ба қисми илм дохил шуда, ба сардори Раёсати илм ва муовини ректор оид ба илм ва инноватсия тобеъ аст.

6. Шуъба дар фаъолияти худ раванди ташкил ва ҳамоҳангсозии фаъолиятро оид ба омоданамоии мутахассисони илмию омӯзгории дараҷаи олӣ – доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм дар донишгоҳ ба роҳ мемонад.

7. Шуъба фаъолияти худро дар сохтори раёсати илм ва инноватсияи донишгоҳ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳо, дастурҳо ва қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи ДМТ, Низомномаи мазкур, фармоишҳои ректор, супоришҳои муовини ректор оид ба илм ва инноватсия ва дигар санадҳои ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм ба роҳ мемонад.

8. Талаботи тахассусӣ, ҳуқуқ, вазифа, уҳдадорӣ ва масъулияти кормандони шуъбаро дастури вазифавии кормандон, ки аз ҷониби ректори донишгоҳ тасдиқ шудааст, ба танзим медарорад.

## II. МАҚСАДИ ШУЪБА

9. Мақсади асосии шуъба ташкил, ҳамоҳангсозӣ, назорат ва амалисозии чорабиниҳо оид ба омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории дараҷаи олӣ дар донишгоҳ мувофиқи талаботи амалкунанда мебошад.

10. Шуъба барои амалӣ намудани мақсади худ масъалаҳои зеринро иҷро мекунад:

11. Коркард ва таъмини фаъолияти ташкилию методӣ ва меъёрии ҳуқуқии зерсохторҳои донишгоҳ оид ба масъалаҳои омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории дараҷаи олӣ дар низоми баъдидипломии таҳсилоти касбӣ;

12. Банақшагирӣ ва ташкили омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ;

13.Таъминоти ташкилию методӣ ва иттилоотии омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ;

14. Ҳамоҳангсозии илмию таълимии омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ ва назорат аз болои иҷрои нақшаҳои инфиродии омоданамоии онҳо;

15. Ҳамкорӣ бо дигар зерсохторҳои донишгоҳ ва шуроҳои диссертатсионӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ;

16. Мусоидат барои таҳсилоти муттасил, такмили ихтисоси илмию омӯзгорӣ;

17. Фароҳам овардани шароит барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, доктори фалсафа Ph.D, доктор хабилат ва доктори илм;

18. Мусоидат намудан дар омода намудани мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории баландихтисос;

19. Таъмини донишандӯзон бо роҳбарони дорои дараҷаю унвони илмӣ ва қобилияти роҳбаридошта;

20. Чораандешӣ барои таъмини базаи илмӣ ва техникии ҳозиразамон дар мувофиқа бо донишгоҳ;

21. Таҳия кардани Низомнома, нақша, барнома, дастурамалҳои вазифавӣ, ҷадвали дарсҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои коргузорӣ барои тасдиқ ба ректори донишгоҳ пешниҳод кардан;

22.Таҳия ва омӯзиши ҳуҷҷатҳои воридшуда дар мувофиқа бо ректори донишгоҳ;

23. Талаби маълумотҳои зарурӣ аз роҳбарону мушовирони илмии, унвонҷӯён, докторантон ва докторантони Ph.D;

24. Барои беҳтар намудани кори шуъба ва баланд бардоштани низоми корӣ ба ректори донишгоҳ пешниҳод намудан;

25. Коркард ва таъмин намудани фаъолияти ташкилию методӣ ва меъёрии ҳуқуқии зерсохторҳои муассисаи таҳсилоти олии касбиро оид ба масъалаҳои омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории дараҷаи олӣ дар низоми баъдидипломии таҳсилоти касбӣ;

26. Фароҳам овардани таъминоти ташкилию методӣ ва иттилоотии омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ;

27. Фароҳам сохтани шароит барои ҳамоҳангсозии илмию таълимии омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ ва назорат аз болои иҷрои нақшаҳои инфиродии омоданамоии онҳо;

28. Ҳамкорӣ бо дигар зерсохторҳои донишгоҳ ва шуроҳои диссертатсионӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ.

## III. ВАЗИФА ВА УҲДАДОРИҲОИ ШУЪБА

29. Кормандони шуъба вазифаҳои зеринро иҷро мекунанд:

– коркарди ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва методӣ оид ба масъалаҳои омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории дараҷаи олӣ;

– бо сохторҳои зертобеъ мувофиқа намудани лоиҳа ва пешниҳодҳо оид ба рақамҳои санҷишии қабули шаҳрвандон ба докторантура, унвонҷӯ ва докторантураи Ph.D;

– ҳамоҳангсозии фаъолияти кафедраҳо дар ташкили раванди таълим дар докторантураи Ph.D;

– ташкил ва ба роҳ мондани қабул ба унвонҷӯӣ ва докторантураи Ph.D;

– мунтазам ба роҳ мондани назорат оид ба иҷрои нақшаҳои инфиродии докторантҳо ва унвонҷӯён;

– таъмини ташкили хизматрасониҳои таълимии ғайрироийгон дар соҳаи омода намудани мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории дараҷаи тахассусашон олӣ;

– мониторинг ва таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба масъалаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ ва илмии дараҷаи тахассусашон олӣ;

– гузаронидани ҷаласа, конференсия, мизи гирд ва дигар шаклҳои муҳокимаи дастаҷамъонаи масъалаҳои мубрами рушди омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории дараҷаи тахассусашон олӣ;

– гузаронидани машваратҳо ва таҳияи тавсияҳо доир ба рушди омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории дараҷаи тахассусашон олӣ;

– таъминоти иттилоотии раванди омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории дараҷаи тахассусашон олӣ;

– ба расмият даровардан ва назорат аз болои коргузории парвандаҳои шахсии докторантон, унвонҷӯён ва докторантони Ph.D, аз рӯйи ихтисос;

– ташкил ва назорати гузаронидани аттестатсияи докторантон, унвонҷӯён ва докторантони Ph.D доктор аз рӯйи ихтисос;

– ташкили коргузорӣ, баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисобот (омода намудани ҳисоботи омории шаклашон муайяншуда, ҳисоботи солона ва бастаи маводи иттилоотӣ дар бораи фаъолияти шуъба ва ғайра);

– таҳияи маълумотномаҳо оид ба мақоми, докторантон, унвонҷӯён ва докторантони Ph.D доктор аз рӯйи ихтисос; тасдиқ намудани шаҳодатномаи супоридани имтиҳонҳо;

– таҳияи шартномаҳо оид ба омоданамоии, докторантон, унвонҷӯён ва докторантони Ph.D доктор аз рӯйи ихтисос, ки ба таври ғайрибуҷавӣ қабул шудаанд;

– баргузории чорабиниҳо оид ба такмили ҷараёни омоданамоии докторантон, унвонҷӯён ва докторантураи Ph.D;

– босифат ва саривақт иҷро намудани супоришу вазифаҳое, ки дар асоси Низомномаи мазкур ба уҳдаи шуъба гузошта шудааст;

– риояи қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии донишгоҳ, қоидаҳои техникаи бехатарӣ, ҳифзи меҳнат, қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор;

– тибқи талаботи муқарраргардида махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳое, ки дар ҳуҷҷатнигории шуъба мавҷуд аст.

## IV. ҲУҚУҚҲОИ ШУЪБА

30. Кормандони шуъба дар доираи уҳдадориҳои вазифавии худ ҳуқуқҳои зеринро доранд:

– мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалӣ намудани сифати татбиқи барномаҳои омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории баландихтисос иштирок намоянд;

– бо мақсади иҷрои вазифаҳои гузоштаишудаи шуъба аз сохторҳои донишгоҳ мавод ва иттилоот талаб намоянд;

– тибқи тартиботи муқарраргардида ва бо супориши раёсат мутахассисони сохторҳои тобеи донишгоҳро ба омода намудани лоиҳаи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, маълумотномавӣ ва маводи дигар ҷалб намоянд;

– тибқи тартиботи муқарраршуда ҳуқуқи дастрасӣ ба захираҳои иттилоотии донишгоҳро дорад;

31. Иҷрои супоришҳои дигарро, ки ба салоҳияти шуъба дохил аст, ба анҷом мерасонанд.

## V. ИДОРАКУНӢ ВА СОХТОРИ ШУЪБА

32. Роҳбарии бевоситаи шуъбаро мудир ба уҳда дорад, ки бо пешниҳоди муовини ректор оид ба илм ва инноватсия ва фармоиши ректори донишгоҳ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

33. Мудири шуъба вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

– таъмин намудани корҳои ташкилӣ, иҷрои муқаррароти Низомномаи мазкур ва ҳуҷҷатҳои ташкилию маъмурие, ки донишгоҳ муқаррар намудааст;

– назорат намудани риояи қоидаҳои тартиботи дохилии шуъба, ҳифзи

меҳнат ва техникаи бехатарӣ, қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор.

34. Мудири шуъба барои амалҳои зерин ҳуқуқ дорад:

– иштирок дар ҷаласаҳои машваратии амалкунандаи донишгоҳ дар ҳолати баррасӣ намудани масъалаҳое, ки тибқи муқаррароти Низомномаи мазкур ба салоҳияти шуъба тааллуқ доранд;

– доир намудани ҷаласаҳои машваратии мутахассисони шуъба;

– манзур намудани таклифу пешниҳодҳо доир ба тағйир додани сохтор ва воҳидҳои кории шуъба;

– иштирок дар раванди тартиботи муқарраргардидаи интихоб, қабул намудани кормандони шуъба дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба илм ва инноватсия;

– мувофиқакардан ва имзо гузоштан ба лоиҳаи ҳуҷҷатҳо аз номи шуъба.

34. Мудири шуъба барои вазифаҳои зерин масъул аст:

– ба талабот мувофиқ будани таҳия ва ба амал овардани чорабиниҳое, ки ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси фаъолияти шуъба вобаста аст;

– пурра, саривақт ва тибқи талабот пешниҳод намудани ахборот;

– мувофиқати тартиботи кории шуъба, ки дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тартиботи кории сатҳи нисбатан болотар ба анҷом мерасонад;

– ташкили оқилонаи меҳнат, ҷобаҷогузорӣ ва истифодаи кормандони шуъба мувофиқи тахассус ва дараҷаи кордонии онҳо.

## VII. АРЗЁБИИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

35. Арзёбии фаъолияти шуъба дар асоси нишондиҳандаҳои зерин амалӣ карда мешавад:

36. Пурра, сари вақт ва босифат амалӣ намудани вазифа ва уҳдадориҳои асосии ба шуъба вобасташуда ва ҳуқуқҳои ба он додашуда;

37. Истифодаи самараноки талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботе, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои дохилии меъёрии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррар намудаанд ва шуъба дар фаъолияти худ тибқи онҳо амал мекунад.

## VIII. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

38. Низомномаи мазкур аз лаҳзаи тасдиқ гардидан мавриди амал қарор гирифта, ба он дар ҳолатҳои зарурӣ бо тартиби муқарраргардида тағйироту иловаҳо ворид карда мешавад.

## IX. ҲОЛАТҲОИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

39. Низомномаи мазкур бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ қатъ ва ё аз нав ташкил карда мешавад.

40. Дар мавриди азнавташкилёбӣ ва ё қатъ гардидани фаъолияти низомнома мувофиқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз ҷониби ректор Донишгоҳ ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ҳайати кормандон аз вазифа озодшуда кафолат дода мешавад.

**НИЗОМНОМАИ**
**ДОКТОРАНТУРА (анъанавӣ), ДОКТОРАНТУРАИ Ph.D, ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС, УНВОНҶӮӢ, МУҲАҚҚИҚ - КОРОМӮЗ, ХОДИМИ ИЛМӢ ВА ҚАБУЛИ ИМТИҲОНИ НОМЗАДӢ ДАР ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи мазкур дар асоси талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», «Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», санадҳои меъёрии ҳуқуқии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, «Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008 №308 тасдиқ шудааст, «Низомномаи докторантура аз рӯйи ихтисос», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.02.2017 таҳти №93 тасдиқ гардидааст ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи илм ва маориф таҳия гардида, мақсади он беҳтар намудани низоми тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмию омӯзгорӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Донишгоҳ), ба низом даровардани қоидаҳои қабул ба докторантураи анъанавӣ,

докторантура доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, унвонҷӯ, муҳаққиқ - коромӯз, ходими илмӣ ва қабули имтиҳони номзадӣ мебошад.

2. Низомнома тартиби фаъолияти докторантура (анъанавӣ), докторантура – доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, унвонҷӯ, муҳаққиқ - коромӯз, ходими илмӣ ва қабули имтиҳони номзадиро дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муайян менамояд.

3. Бахши докторантура (анъанавӣ), докторантура – доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, унвонҷӯ, муҳаққиқ - коромӯз, ходими илмӣ ва қабули имтиҳони номзадиро дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Донишгоҳ) ҷузъи таркибии сохтори илмӣ ва маъмурии Донишгоҳ буда, он тибқи Қарори Шурои олимони Донишгоҳ, дар мувофиқа бо Муассис ва бо ризоияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба мавҷуд будани пояи моддӣ-техникӣ ва илмию фарҳангӣ, таъсис дода шудааст.

4. Бахши докторантура (анъанавӣ), докторантура – доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, унвонҷӯ, муҳаққиқ - коромӯз, ходими илмӣ ва қабули имтиҳони номзадӣ бо мақсади тайёр намудани кормандони илмӣ ва илмию омӯзгории дорои унвонҳои номзади илм, доктори илм ва доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос таъсис дода мешавад.

5.Бахши докторантура (анъанавӣ), докторантура – доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, унвонҷӯ, муҳаққиқ - коромӯз, ходими илмӣ ва қабули имтиҳони номзадиро Донишгоҳ мувофиқи иҷозатномае (литсензия), ки аз тарафи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, амал намуда, мувофиқи замимаи он вобаста ба ихтисосҳои мухталиф мутахассис қабул ва омода мекунад.

6. Бахши докторантура (анъанавӣ), докторантура – доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос ба раёсати илм дохил шуда, ба муовини ректор оид ба илм ва инноватсия тобеъ аст.

7. Воҳиди сохторӣ оид ба омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ дар сохтори ДМТ дар назди раёсати илми ДМТ таъсис дода мешавад. Воҳиди сохтории мазкур дар фаъолияти худ раванди ташкил ва ҳамоҳангсозии корҳоро оид ба омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории дараҷаи олӣ – доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм дар ДМТ ба роҳ мемонад.

8. Бахши докторантура (анъанавӣ), докторантура – доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос фаъолияти худро дар сохтори раёсати илми ДМТ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳо, дастурҳо ва қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Низомномаи мазкур, Оинномаи ДМТ, фармоишҳои ректори Донишгоҳ, супоришҳои муовини ректор оид ба илм ва инноватсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм ба роҳ мемонад.

9. Низомномаи мазкур фаъолияти бахшро танзим намуда, мақсад, вазифа ва ҳуқуқҳои онро муайян менамояд.

10. Талаботи тахассусӣ, ҳуқуқ ва масъулияти кормандони бахшро дастурамали вазифавии аз ҷониби сардори воҳиди сохтории мазкур таҳия намуда, бо фармоиши ректори ДМТ тасдиқ шудааст, ба танзим медарорад.

## II. ДОКТОРАНТУРА (анъанавӣ)

11. Докторантура шакли олии омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ ба шумор меравад.

12. Талаботи асосии ташкили докторантураи Донишгоҳ инҳо мебошад:

– аккредитатсияи давлатӣ;

– иҷозатномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳуқуқи ташкил намудани докторантура;

– иҷозатнома барои фаъолияти таълимӣ;

– бо кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмию омӯзгорӣ (докторҳои илм, профессорҳо, номзадҳои илм ва дотсентҳо) таъмин будан;

– заминаи зарурии моддиву техникӣ ва таҷрибавии замонавӣ.

13. Фаъолияти докторантура пас аз гузаронидани ташхиси (экспертиза) зарурӣ сурат гирифта, бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ ва дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва ба расмият дароварда шудааст.

14. Теъдоди қабул ба докторантура мувофиқи дархости Донишгоҳ аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад.

15. Кормандони Донишгоҳ (кормандони дигар муассисаҳо дар асоси шартнома) ба ҳайси докторант бо мақсади анҷом додани рисолаҳои докторӣ қабул карда мешаванд. Таҳсил дар докторантура рӯзона (мақсаднок) буда, метавонад буҷавӣ ва ё дар асоси шартнома бошад.

16. Ба докторантура шахсоне қабул карда мешаванд, ки дорои дараҷаи илмии номзади илм ва синнашон то 45 – сола буда, дар соҳаҳои марбутаи илм соҳиби комёбиҳои илмианд ва қобилияти дар сатҳи баланд гузаронидани тадқиқоти бунёдӣ, пажуҳишӣ ва амалии илмӣ мебошанд.

17. Шаҳрвандони давлатҳои дигар ба докторантураи Донишгоҳ дар асоси созишномаҳои байнидавлатӣ, шартномаҳои дутарафа бо

муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ пас аз пешниҳод намудани нусхаи ҳуҷҷат дар бораи баробарарзишии дипломи дараҷаи илмӣ, ки онро Дар Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон додааст, қабул карда мешаванд.

18. Муҳлати таҳсил дар докторантура 3 сол мебошад.

19. Ҳангоми қабул ба докторантура ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешавад:

– варақаи шахсӣ;

– қарори Шурои олимони кафедра, факултет, пешниҳоди кафедраҳои умумидонишгоҳӣ, шуъба ё озмоишгоҳ;

– нусхаи дипломи дараҷаи илмии номзади илм (барои шахсоне, ки дар хориҷа рисолаашонро дифоъ намудаанд нусхаи диплом дар бораи додани дараҷаҳои марбутаи илм, ки ба номзади илм баробарарзиш эътироф карда мешавад);

– нақшаи муфассали тайёр кардани рисолаи докторӣ;

– консепсияи рисолаи докторӣ;

– рӯйхати асарҳои илмии чопшуда, ихтироот, ҳисоботи корҳои илмию тадқиқотӣ. Довталаб бояд то дохил шудан ба докторантура ҳадди ақал 7 (барои илмҳои дақиқ 4 (чор) мақолаи илмии худро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии Аттестатсионии Федератсияи Россия чоп карда бошад.

Ҳуҷҷатҳои мазкур аз ҷониби довталаб шахсан пешниҳод карда мешавад.

20. Комиссияи қабул ба докторантура, ки бо фармоиши ректори Донишгоҳ таъсис меёбад, ҳуҷҷатҳои дохилшавандаро аз назар гузаронида, дар асоси қарори шуроҳои олимони факултет, кафедра, шуъба ё озмоишгоҳи дахлдор барои қабул ба докторантура тавсия медиҳад. Шурои олимони Донишгоҳ нақшаи корӣ ва мавзӯи рисолаи доктории докторантро тасдиқ менамояд. Қабул ба докторантура бо фармоиши ректори Донишгоҳ сурат мегирад.

21. Шахсоне, ки ба докторантура дохил мешаванд, тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз вазифа озод мегарданд ва стипендия ба онҳо аз рӯзи қабул, вале на пештар аз рӯзи озодшавӣ аз ҷойи кори пешина пардохт карда мешавад.

22. Докторант дар давраи таҳсил дар докторантура бояд нақшаи инфиродиро иҷро намояд, рисоларо ба анҷом расонида, онро аз муҳокимаи кафедра, шуъба, озмоишгоҳ гузаронида, ба ҳимоя пешниҳод намояд.

23. Барои анҷом додани рисолаи докторӣ ба докторант аз рӯйи мавзуи рисола таъин намудани мушовири илмӣ – доктори илм, профессор (то ду нафар) мумкин аст.

24. Докторантҳо ҳуқуқ доранд, ки аз озмоишгоҳҳо, ҳуҷраи корӣ, китобхонаҳои илмӣ, қитъаҳои таҷрибавӣ, инчунин, аз хидмати муассисаҳои таълимӣ, илмӣ, табобатӣ ва воҳидҳои дигари Донишгоҳ аз рӯйи тартибе, ки Оинномаи он муайян кардааст, ба таври ройгон истифода баранд.

Дар ҳолатҳои махсус, тартиби кори докторантҳо дар озмоишгоҳҳо, ҳуҷраҳо, китобхонаҳои илмӣ, қитъаҳои таҷрибавӣ, инчунин, истифодаи хидмати воҳидҳои таълимӣ, илмӣ, муолиҷавӣ ва монанди инҳо дар шартнома муайян карда мешаванд.

25. Шурои олимони Донишгоҳ ҳар сол аттестатсияи докторантҳоро мегузаронад, ки аз рӯйи натиҷаҳои он дар хусуси идома додан ё надодони таҳсил дар докторантура қарор қабул карда мешавад. Аттестатсия дар шакли ҳисоботи докторант дар Шурои олимони Донишгоҳ сурат мегирад.

26. Докторанте, ки нақшаи инфиродиашро иҷро накардаасту аз аттестатсия нагузаштааст, бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз докторантура хориҷ карда мешавад.

Докторанте, ки бинобар аз аттестатсия нагузаштан аз докторантура хориҷ шудааст, барои давом додани таҳсили муҳлати боқимонда тариқи шартномавӣ барқарор шуданаш мумкин аст.

27. Докторанте, ки нақшаи инфиродиро дар вақти муайяншуда ва бомуваффақият иҷро мекунад, ҳуқуқ дорад ба кори музднок машғул шавад, вале на бештар аз 0,5 ҳиссаи корӣ.

28. Шахсоне, ки докторантураро хатм кардаанд, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи имконот ва мавҷудияти воҳиди кории холӣ ба кор таъмин мегарданд.

29. Ба докторант ба андозаи баробар ба маоши дотсент стипендияи дода мешавад.

30. Ректори Донишгоҳ метавонад аз ҳисоби маблағҳои махсус бо қарори Шурои олимон ба докторант иловапулӣ муқаррар намояд.

31. Муддати таҳсил дар докторантура ба собиқаи кории илмию омӯзгорӣ дохил карда мешавад. Рухсатии ҳарсолаи меҳнатӣ ба муддати таҳсил дар докторантура дохил карда мешавад.

32. Ба шахсоне, ки аз давраи таҳсил дар докторантура гузаштаанд, бо мақсади анҷом додани рисолаи докторӣ барои гузаштан ба вазифаи ходими илмӣ ва рухсатии эҷодӣ иҷозат дода намешавад.

33. Музди меҳнати мушовирони илмии докторантҳо ба ҳисоби 100 (сад) соат дар як соли таҳсил (барои як докторант) пардохт мешавад.

Ректори Донишгоҳ метавонад барои мушовирони илмии докторантҳо аз ҳисоби маблағҳои ғайрибуҷетӣ бо қарори Шурои олимон маоши иловагӣ муқаррар намояд.

34. Дар сурати пеш аз муҳлат дифоъ намудани рисолаи докторӣ ректори Донишгоҳ метавонад ба докторант дар ҳаҷми 3 (се) стипендия ва ба мушовири илмии он дар ҳаҷми 1 (як) маоши иловагӣ мукофотпулӣ таъин намояд.

## III. ДОКТОРАНТУРА – ДОКТОРИ ФАЛСАФА Ph.D, ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

35. Низомномаи докторантура аз рӯйи ихтисос (минбаъд – Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия шудааст.

36. Низомнома сохтор ва муҳтавои барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос, тартиби қабул ва қоидаҳои тайёр намудани докторҳо аз рӯйи ихтисос, талабот ба муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ, ки барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисосро амалӣ месозанд, талаботи тахассусӣ ба сатҳи тайёр намудани хатмкунандаи докторантура аз рӯйи ихтисос ва талабот ба аттестатсияи ҷамъбастии давлатиро муайян менамояд.

37. Дар Низомномаи мазкур чунин мафҳумҳои асосӣ истифода мешаванд:

– ***барномаи таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос*** – маҷмуи барномаҳои таълимӣ ва илмию таҳқиқотии мунтазам таҷдидшаванда, ки аз рӯйи он самти ҳаракати таълимии докторант аз рӯйи ихтисос муайян гардида, бо дифои бомуваффақияти диссертатсия ба анҷом мерасад;

– ***докторантура аз рӯйи ихтисос*** – шакли тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмию педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ ва муассисаҳои илмӣ бо додани дараҷаи илмии "доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос" барои шаҳрвандоне, ки дорои дараҷаи академикии "магистр" мебошанд ё резидентура ва ординатураи клиникиро (барои ихтисосҳои тиббӣ) хатм намудаанд.

– ***докторант аз рӯйи ихтисос*** – шахсе, ки дар докторантура аз рӯйи ихтисос таҳсил менамояд;

– ***доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисос*** – дараҷаи илмие, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Шурои диссертатсионӣ баъд аз дифои диссертатсияи доктори аз рӯйи ихтисос ба докторанте дода мешавад, ки талаботи барномаи таълимии докторантура аз рӯйи ихтисосро иҷро кардааст ва маҷмуи имтиҳонҳои ҷамъбастиро бомуваффақият супоридааст.

– ***ихтисоси тайёр намудани доктор аз рӯйи ихтисос*** –маҷмуи ба таври мақсаднок аз худ намудани барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос, дониш, маҳорат ва малакаҳо аз рӯйи соҳаи мушаххаси илм, ки барои навъи муайяни фаъолияти илмӣ зарур аст;

– ***низоми кредитии таълим*** – низоми баҳодиҳии миқдорӣ ба мазмуни барномаҳои таълим ва натиҷаҳои азхудкунии онҳо ба воситаи кредит ё соати кредитӣ (меъёри вақтест, ки барои омӯзиши фанни таълимӣ ҳар ҳафта дар давоми як семестр сарф мешавад ва дар сурати бомуваффақият супоридани имтиҳон аз ин фан донишҷӯ ба ин кредит (ё кредитҳо) соҳиб мегардад;

– ***Шурои диссертатсионӣ*** – Шуро доир ба баррасии диссертатсияҳои илмӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос пешниҳод гардидаанд ва дар назди Донишгоҳ, ки ҳуқуқи амалӣ кардани барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисосро доранд, тибқи тартиби муқарраргардида ташкил шудааст;

– ***кредит*** – воҳиди ба як шакл даровардашудаи ченаки ҳаҷми кори таълимии докторант аз рӯйи ихтисос, ки ба 24 соат баробар аст.

38. Тайёр намудани докторҳо аз рӯйи ихтисос дар доираи барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос аз тарафи муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ, ки таҳсилоти баъд аз мактаби олии таълимӣ медиҳанд ва иҷозатномаи дахлдори фаъолияти таълимиро доранд, амалӣ мешавад.

## IV. ТАРТИБИ ТАЪСИС ВА МАҚСАДҲОИ ДОКТОРАНТУРА АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

39. Докторантура аз рӯйи ихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ ва илмию таҳқиқотие таъсис дода мешавад, ки аз рӯйи самт ва ихтисоси докторантураи таъсисдодашаванда аз рӯйи ихтисос такиягоҳи таълимӣ, илмӣ ва кадрии мувофиқ доранд.

40. Докторантура аз рӯйи ихтисос бо пешниҳоди муассисаи таълимӣ ё илмӣ дар мувофиқа бо Муассис аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

41. Намунаи дипломи давлатии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуда, талаботи техникӣ нисбат ба он, барасмиятдарорӣ ва тартиби додани онро Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

42. Мақсади таъсиси докторантура аз рӯйи ихтисос иборат аст:

– дар асоси ҳамгироии таҳсилот ва илм ташкил намудани низоми самараноки тайёр кардани кадрҳои илмӣ, илмию педагогии тахассуси олӣ мутобиқ ба стандарти байналмилалӣ, ҳамчунин, ҳалли саривақтии масъалаҳои таъминоти илмӣ, методӣ, ҳуқуқӣ, молиявию иқтисодӣ, кадрӣ ва моддию техникии онҳо;

–амалӣ намудани ҷараёни таҳсилот мутобиқи принсипҳои таҷрибаи байналмилалии тайёр кардани кадрҳои илмию педагогии тахассуси олии дар бозори меҳнат рақобатпазир. Бо ин мақсад докторантҳо аз рӯйи ихтисос аз курсҳои таҳсилоти назариявӣ мегузаранд ва мустақилона таҳқиқоти илмиро амалӣ менамоянд, ки хусусияти мубрам, навоварӣ ва аҳамияти амалӣ доранд.

43. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос ба танзим дароварда шуда, дифои он аз рӯйи тартиби муқарраргардида гузаронида мешавад.

## V. ВАЗИФАҲОИ ДОКТОРАНТУРА АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

44. Вазифаҳои докторантура аз рӯи ихтисос чунин аст:

– тайёр намудани докторони ватанӣ аз рӯйи ихтисос, ки дар бозори дохилӣ ва байналмилалии меҳнат рақобатпазиранд;

– ҳамгироии барномаҳои миллии докторантура аз рӯйи ихтисос бо фазои ҷаҳонии таҳсилот;

– ба ҷараёни таҳсилот ворид намудани технология, метод ва воситаҳои муосир ва мубрами таълим, ки ба рушди инфиродии шахсият, қобилияти вай ба худинкишофёбӣ, худмуайянкунӣ ва худомӯзӣ равона карда шудааст;

– таъмини пайдарпайи барномаҳои таълимии сохтори бисёрзинагии таҳсилоти олӣ ва баъд аз муассисаи олии таълимӣ.

45. Барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос мустақилона аз тарафи Донишгоҳ таҳия карда шуда, аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикситон тасдиқ карда мешаванд.

46. Барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос, ки дар Донишгоҳ амалӣ карда мешаванд, дар қисми тайёрии касбӣ бояд бо

барномаҳои доктории аккредитатсияшудаи муассисаҳои таълимию илмии хориҷии пешбар аз рӯйи ихтисосҳои мушобеҳ мутобиқат намоянд.

47. Теъдоди таълимгирандагон (докторантҳо) дар докторантура аз рӯйи ихтисос тибқи равия ва ихтисосҳои муассисаи таълимӣ ва илмӣ дар замимаи иҷозатномаи нишон дода мешавад.

48. Дар муассисаҳои таълимӣ ё илмӣ, ки барномаҳои докторантура аз рӯйи ихтисосро амалӣ месозанд, таносуби ҳайати доимии омӯзгорони дараҷа ва унвонҳои илмидошта бояд ба талаботи Стандарти давлатии докторантура аз рӯйи ихтисос мувофиқат кунад.

49. Донишгоҳ, ки барномаҳои докторантура аз рӯйи ихтисосро амалӣ мекунанд, барои аз худ намудани қисмҳои таркибии барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос ё гузаронидани таҳқиқот бояд ба докторантҳо аз рӯйи ихтисос таҷрибаомӯзии таълимӣ ва (ё) таҳқиқотиро дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии хориҷӣ (ё берунӣ – дар муассисаҳои дигари таълимӣ ё илмии дохили кишвар) ба муҳлати аз як то шаш моҳ таъмин намоянд.

## VI. ТАРТИБИ ҚАБУЛ

50. Қабул ба докторантура аз рӯйи ихтисос тибқи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла таҳқиқоти илмии инноватсионӣ, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ тасдиқ намудааст, амалӣ карда мешавад.

51. Ба докторантура аз рӯйи ихтисос қабул карда мешаванд:

– шахсоне, ки дорои дараҷаи академии "магистр" мебошанд;

– шахсоне, ки резидентура ва ординатураи клиникиро хатм намудаанд (барои ихтисосҳои тиббӣ - клиникӣ).

52. Довталабони ба докторантура аз рӯйи ихтисос дохилшаванда бояд яке аз забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ, олмонӣ, франсавӣ, хитоӣ ва ғайра)-ро дар сатҳи барои ихтисосашон кофӣ донанд ва аз онҳо имтиҳони дохилшавӣ супоранд.

53. Тартиби қабул ба докторантура аз рӯйи ихтисос мувофиқи Қоидаҳои намунавии қабул ба докторантура аз рӯйи ихтисос, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудааст, ба роҳ монда мешавад.

54. Нақшаи қабул ба докторантура аз рӯйи ихтисос аз ҳисоби буҷети давлатӣ мутобиқи қонунгузории амалкунанда, бо назардошти эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллӣ дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва муқаррар

мегардад. Ҳамчунин, докторантура аз рӯйи ихтисос ба таври шартномавӣ низ ба роҳ монда мешавад, ки нақшаи қабули онро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба заминаи моддию техникӣ ва неруи кадрии Донишгоҳ таълимию илмӣ муайян менамояд.

55. Донишгоҳ бо мақсади муайянсозии ҳуқуқи ва уҳдадориҳои тарафҳо дар раванди таҳсил бо докторант, новобаста аз шакли таҳсилашон шартнома мебанданд.

## VII. СОХТОРИ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ ДОКТОРАНТУРА АЗ РӮЙИ ИХТИСОС ВА ТАРТИБИ ТАЙЁР НАМУДАНИ ДОКТОРОН АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

56. Сохтори барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос аз ду қисми таркибии баробараҳамият – таълимӣ ва илмӣ иборат буда, аз намудҳои гуногуни корҳои таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ, ки мазмуни барномаи таълимиро муайян мекунад, ташаккул ёфта, таносуб, ченак ва баҳисобгирии онҳоро инъикос менамояд.

57. Баҳисобгирии меҳнатталабии кори таълимӣ аз рӯйи ҳаҷми маводи азхудкардашуда амалӣ мегардад ва он бо кредитҳо ҳисоб карда мешавад. Дар ин маврид низоми ғункунии кредитӣ амал мекунад, ки он кредитҳои қаблан азхудкардаро дар зинаҳои пештараи таҳсилот ба ҳисоб мегирад.

58. Соли таҳсил аз давраҳои академӣ, давраи санҷиши ҷамъбастӣ, таҷрибаомӯзӣ ва таътил иборат аст. Ҳангоми зарурат барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти докторантҳо аз рӯйи ихтисос ҷорӣ намудани давраи таҳсили (семестрӣ) тобистона ба муҳлати то 8 ҳафта иҷозат дода мешавад.

59. Ҳаҷми кори таълимӣ аз рӯйи номгӯи фанҳои омӯхташаванда муайян карда мешавад. Дар ин маврид фан бо ҳаҷм, ки ба шумораи каратии кредитӣ (5,6,7) баробар мебошад, баҳогузорӣ мегардад.

60. Ҳангоми азхудкунии барномаи таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос ҳар як соати академии кори аудитории таълимгирандагон бояд бо соатҳои зерини мустақилона пурра карда шавад:

– аз рӯйи омӯзиши назариявӣ – 4 соат кори мустақилона;

– аз рӯйи кори таҳқиқотӣ– 8 соат кори мустақилона;

61. Ба докторантҳо аз рӯйи ихтисос ҳар сол таътили думоҳа дода мешавад.

62. Ба докторантҳо аз рӯйи ихтисос стипендия дода мешавад, ки андозаи он ба андозаи стипендияи барои аспирантҳо муқарраргардида баробар мебошад.

63. Таълим аз рӯйи барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос дар доираи ихтисосҳои илмӣ дар шакли рӯзона ва фосилавӣ амалӣ карда мешавад.

64. Давомнокии меъёрии азхудкунии барномаи таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос дар заминаи таҳсилоти олии магистратура ва ординатура (резидентура) на кам аз се солро ташкил медиҳад.

65. Муҳлати таҳсил дар докторантура аз рӯйи ихтисос метавонад дар асоси хулосаи дахлдори комиссияи тиббию машваратӣ (маълумотномаи Комиссияи тиббию машваратӣ ё варақаи муваққатии корношоямӣ) тамдид карда шавад:

– то 4 моҳ бо фармоиши ректори Донишгоҳ;

– зиёда аз 4 моҳ – дар асоси қарори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

66. Муҳлати таҳсил дар докторантура аз рӯйи ихтисос ба собиқаи кории илмию омӯзгорӣ дохил мешавад.

67. Тайёр намудани доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос дар докторантура аз рӯйи ихтисосҳои илмӣ, ки тибқи Таснифоти намунавии самт ва ихтисосҳои докторантура аз рӯйи ихтисос (замима ба Низомномаи мазкур) муқаррар кардааст, амалӣ карда мешавад.

68. Бо мақсади таъмин намудани озодиҳои академӣ ва баробарарзишии дипломҳо ба докторантҳо аз рӯйи ихтисос имконияти аз худ намудани кредитҳо дар дигар муассисаҳои таълимӣ ва илмии аккредитатсиядошта, аз ҷумла дар хориҷа иҷозат дода мешавад, ки тартиби онро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

69. Меъёри асосии ба анҷом расидани барномаи таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос ин аз ҷониби докторантҳо аз рӯйи ихтисос иҷро намудани тамоми намудҳои корҳои таълимию таҳқиқотӣ ва дифои диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос дар ҳаҷми на камтар аз 180 кредит ба ҳисоб меравад.

## VIII. ТАЛАБОТ БА МУҲТАВОИ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ ДОКТОРАНТУРА АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

70. Барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос чунин намудҳои корҳои таълимию таҳқиқотиро дар бар мегирад:

– таҳсилоти назариявӣ (омӯзиши фанҳои заминавӣ ва тахассусӣ);

– таҷрибаомӯзӣ;

– кори илмию таҳқиқотӣ (иҷрои диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос);

– аттестатсияи давлатии марҳилавӣ, тахассусӣ ва ҷамъбастӣ.

71. Қисмҳои таълимии барномаи таълимии докторантура аз рӯйи ихтисосро номгӯи фанҳои омӯхташаванда ташкил медиҳад, ки аз қисмҳои ҳатмӣ ва қисмҳои интихобӣ, ки мувофиқи самти тайёр намудани докторант аз рӯйи ихтисос таҳия гардидаанд, иборат мебошад. Ҳаҷми ҳадди ақалли кредитҳои фаннӣ аз қисмҳои ҳатмӣ ва интихобӣ тибқи талаботи стандарти давлатии таълимӣ муқаррар мешавад.

72. Номгӯи фанҳо аз тарафи Донишгоҳ мустақилона мувофиқи талаботи тахассусӣ бо назардошти эҳтиёҷоти бозори меҳнат муқаррар карда мешавад.

73. Фанҳои интихобиро докторант аз рӯйи ихтисос мустақилона аз рӯйи феҳристи фанҳои интихобӣ интихоб мекунад ва метавонад дар давраи дилхоҳи давраи таҳсил омӯзад.

74. Қисми илмии барномаи таълимии докторантура аз рӯйи ихтисосро корҳои илмию таҳқиқотӣ (таҷрибавию амалӣ), таҳияи мақолаҳои илмӣ ва навиштани диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос ташкил медиҳад.

75. Барномаи таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос ва муҳтавои он дар асоси стандарти давлатии таҳсилот таҳия мегардад, ки аз нақшаи таълимӣ, силлабус ва маҷмуъҳои таълимию методии фаннӣ, барномаҳои таҷрибаи касбӣ (илмию таҳқиқотӣ, истеҳсолӣ ё илмию педагогӣ) ва барномаи инфиродии корҳои илмию таҳқиқотӣ иборат мебошад.

## IX. ТАЛАБОТ БА ШАРОИТИ АМАЛӢ НАМУДАНИ БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ ДОКТОРАНТУРА АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

76. Барои гирифтани иҷозатнома барои амалӣ намудани барномаҳои докторантура аз рӯйи ихтисос дар Донишгоҳ бояд тибқи тартиби муқарраргардида ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намояд. Амалӣ намудани барномаҳои докторантура аз рӯйи ихтисос пас аз гирифтани иҷозатнома иҷозат дода мешавад.

77. Донишгоҳ, ки барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисосро амалӣ мекунанд, бояд мактабҳои илмии дар сатҳи кишвар ё сатҳи байналмилалӣ шинохташуда, кадрҳои омӯзгории донандаи технологияи муосири таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ, инчунин, шартномаҳо дар бораи мубодилаи кадрҳои илмӣ бо марказҳои аккредитатсияшудаи таълимию илмии ватанӣ ва хориҷӣ, ки барномаҳои докторантура аз рӯйи ихтисосро амалӣ менамоянд, дошта бошанд.

78. Диссертатсия таҳти роҳбарии олимони ватанӣ ва хориҷӣ (ё берунӣ – аз муассисаҳои дигари таълимӣ ё илмии дохили кишвар), ки дорои

дараҷаи илмӣ (доктори илм, номзади илм ва доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос) буда, дар соҳаи таҳқиқоти илмии докторант аз рӯйи ихтисос мутахассис мебошанд, иҷро карда мешавад. Сарбории илмию педагогӣ барои роҳбарӣ намудан ба докторант аз рӯйи ихтисос дар ҳаҷми на камтар аз 100 соат ҳар сол муқаррар карда мешавад. Ба докторони илм роҳбарӣ ба ду докторант аз рӯйи ихтисос (дар сарбории фардӣ) ва ба се докторант (берун аз сарборӣ), ба номзади илм, доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос – ба як докторант (дар сарбории фардӣ) ва ду докторант (берун аз сарборӣ) дар як сол иҷозат дода мешавад.

79. Дараҷаи касбии роҳбарони илмӣ, аъзои комиссияи машваратӣ дар соҳаи илм ва объекти таҳқиқоти илмии докторант аз рӯйи ихтисос бо ду ва зиёда интишорот дар нашрияҳои илмии хориҷӣ ва ватанӣ, инчунин, бо суханрониҳо дар анҷуманҳои илмии бонуфуз дар 5 соли охир бояд тасдиқ карда шавад.

80. Донишгоҳ бояд мустақилона нақшаҳои таълимӣ (корӣ ва фардӣ), барномаҳои фанҳои таълимӣ, таҷрибаомӯзӣ ва барномаҳои корҳои илмию таҳқиқотиро таҳия намуда, онҳоро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад. Барномаҳои фанҳои таълимӣ дар асоси стандарти ихтисосҳои илмӣ таҳия карда мешаванд.

81. Нақшаи таълимии инфиродӣ ва мавзуи диссертатсия дар муҳлати на зиёда аз 3 моҳи баъд аз дохилшавии докторант ба докторантура аз рӯйи ихтисос аз тарафи Шурои олимон, ки барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисосро амалӣ менамояд, барои тамоми давраи таҳсили таълимгиранда дар докторантура аз рӯйи ихтисос тасдиқ карда мешавад.

82. Таъминоти таълимию методӣ ва иттилоотии ҷараёни таълим бояд азхудкунии сифатнок барномаи докторантура аз рӯйи ихтисосро барои докторант аз рӯйи ихтисос кафолат диҳад. Амалӣ намудани барномаи таълимӣ бояд дастрасии озодона ба захираҳои иттилоотии ҷаҳонӣ, фонди китобхонаҳо, технологияҳои компютерӣ, дастурҳои методӣ ва коркардҳо аз рӯйи фанҳои таълимдодашаванда ва намуди дарсҳо, аз ҷумла иҷрои диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисосро таъмин намояд.

83. Бо мақсади ташаккул додани малакаҳои амалии илмӣ, фаъолияти касбӣ дар соҳаи мушаххаси илм докторант аз рӯйи ихтисос аз таҷрибаомӯзӣ мегузарад, ки мувофиқи нақшаи инфиродӣ дар муҳлате, ки нақшаи таълимӣ муқаррар кардааст, амалӣ карда мешавад.

84. Қисми илмию таҳқиқотии барномаи таълимӣ бояд:

– ба масъалаи асосии тахассуси илмӣ, ки аз рӯйи он диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос дифоъ мешавад, мувофиқат намояд;

– дар доираи маблағгузории таҳқиқоти бунёдӣ, амалӣ ва дигар лоиҳаҳои буҷетии давлатӣ ва шартномаҳои хоҷагӣ иҷро карда мешавад;

– мубрам, дорои навоварии илмӣ ва аҳамияти амалӣ бошад;

– бо комёбиҳои назариявӣ, методӣ ва технологии муосири илм ва амалияи ватанӣ ва хориҷӣ асоснок карда шавад;

– методикаи муосири таҳқиқоти илмӣ истифода карда шавад;

– ба методҳои муосири коркард ва тафсири маълумот бо истифодаи технологияи компютерӣ асоснок карда шавад;

– фаслҳои назариявӣ, методӣ ва амалӣ дошта бошад, ки бо барномаҳои илмии дар диссертатсияи дифоъшаванда мувофиқат намояд.

85. Натиҷаи корҳои илмию таҳқиқотӣ дар охири ҳар як даври академӣ аз ҷониби докторант аз рӯйи ихтисос дар шакли ҳисоботи мухтасар таҳия карда мешавад. Натиҷаи ниҳоии кори илмию таҳқиқотии докторант аз рӯйи ихтисос диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос мебошад.

## X. ТАЛАБОТ БА САТҲИ ТАЙЁР КАРДАН ВА ОМОДАГИИ ТАХАССУСИИ ХАТМКУНАНДАИ ДОКТОРАНТУРА АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

86. Хатмкунандаи докторантура аз рӯйи ихтисос бояд:

– дорои донишҳои бунёдии назариявӣ бошад;

– дорои малакаи истифодаи методҳои муосири озмоишӣ бошад;

– имконияти кор бо технологияи муосири иттилоотӣ, аз ҷумла усули таҳлил, коркард ва нигоҳдории ахбороти илмиро дошта бошад;

– масоили илмӣ ва амалии муосирро муайян ва ҳал карда тавонад;

фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва инноватсиониро аз рӯйи ихтисоси илмии интихобкарда, ташкил ва амалӣ намояд;

– донандаи забони хориҷӣ дар сатҳи барои ихтисосаш кофӣ бошад.

87. Барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисосҳои мушаххас бояд талаботро ба нуқтаҳои зерин инъикос намояд:

– маълумотнокии умумӣ;

– салоҳияти иҷтимоию шахсӣ;

– салоҳияти иқтисодӣ ва ташкилию идоракунӣ;

– салоҳияти касбӣ;

– салоҳияти махсус;

– омода будан ба иваз шудани нақшаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, касбӣ, серҳаракатии ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ дар шароити ба вуҷуд омадани дигаргуниҳо ва норавшаниҳо;

– маълумотнокӣ аз рӯйи равандҳои асосии фанҳо ва фанҳои алоҳидаи таълимӣ.

## XI. АТТЕСТАТСИЯИ ҶАМЪБАСТИИ ДАВЛАТӢ

88. Аттестатсияи ҷамъбастии докторант аз рӯйи ихтисос дар муҳлати пешбининамудаи ҷадвали академӣ ва нақшаи таълимии ихтисосҳо дар шакли имтиҳони маҷмуи ва дифои диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос гузаронида мешавад.

89. Аттестатсияи тахассусӣ на дертар аз 1,5 сол аз лаҳзаи қабул шудан ба докторантура аз рӯйи ихтисос бо мақсади муайян кардани имконияти давом додани таҳсил ва навиштани диссертатсия гузаронида мешавад.

90. Докторант аз рӯйи ихтисос, ки талаботи аттестатсияро иҷро накардааст, ҳуқуқ дорад, аттестатсияро такроран гузарад. Дар ин маврид докторант аз рӯйи ихтисос вазифадор аст, ки маблағи таҳсилро пардохт намояд.

91. Аттестатсияи тахассусиро барои ҳар як барномаи таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос комиссия мегузаронад, ки аз тарафи ректори донишгоҳ тасдиқ карда мешавад. Ба ҳайати комиссия на камтар аз ду нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси докторант аз рӯйи ихтисос шомил мешаванд.

92. Ба имтиҳони маҷмуӣ (комплексӣ) оид ба ихтисос аз фанҳои заминавӣ ва касбӣ танҳо фанҳои ҳатмии барномаи таълимии докторантура (аз рӯйи ихтисос) дохил мешаванд.

93. Имтиҳони маҷмуӣ дар чунин шаклҳо гузаронида мешавад: имтиҳони шифоҳӣ, кори хаттӣ ва тест дар ҳаҷми барномаҳои таълимии фанҳо.

94. Имтиҳони маҷмуӣ на дертар аз 3 моҳ то дифои диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос гузаронида мешавад.

95. Натиҷаҳои имтиҳони маҷмуӣ бо протокол ба танзим даровarда шуда, барои ҳар як докторант аз рӯйи ихтисос алоҳида тартиб дода мешавад. Агар имтиҳони маҷмуӣ ба таври тестӣ гузаронида шавад, натиҷа дар шакли варақаи умумии имтиҳонӣ ва протоколи инфиродӣ барои ҳар як докторант аз рӯйи ихтисос алоҳида ба қайд гирифта мешавад.

96. Диссертатсияи доктории аз рӯйи ихтисос, тибқи тамоми талабот, ба анҷом расонидашуда, ба комиссияи ташхисӣ барои додани хулоса пешниҳод карда мешавад. Якҷоя бо диссертатсия ба комиссияи ташхисӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои дахлдор мувофиқи талаботи Қоидаҳои аттестатсияи ҷамъбастии давлатии докторантура аз рӯйи ихтисос, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, пешниҳод мегардад.

97. Ба ҳайати комиссияи ташхисӣ раиси мустақил, ки ихтисосманди самт ва тахассуси таҳқиқоти илмӣ мебошад ва се нафар коршиносҳои мустақил аз рӯйи ихтисоси докторант аз рӯйи ихтисос шомил мешаванд. Ҳайати комиссияи ташхисӣ аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

98. Комиссияи ташхисӣ дар шакли муқарраршуда бо яке аз қарорҳои зерин хулосаи хаттии асоснокардашударо мебарорад:

– диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос барои ҳимояи расмӣ тавсия дода шавад;

– диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос баъди бартараф намудани камбудиҳо дар мӯҳлати муқарраркардашуда ба дифои расмӣ тавсия карда шавад;

– диссертатсияи доктори аз рӯйи ихтисос барои ҳимоя тавсия карда нашавад.

99. Тартиби дифои диссертатсияҳои докторӣ аз рӯйи ихтисос ва фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ тибқи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ муайян карда мешавад.

## XII. ҲУҚУҚ ВА МАСЪУЛИЯТИ ДОКТОРАНТ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

100. Докторант дар докторантура аз рӯйи ихтисос дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ", санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи ДМТ ва дигар санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ҳуқуқ ва вазифаҳо мебошад.

101. Докторант аз рӯйи ихтисос уҳдадор аст, саривақт ва босифат тамоми намудҳои корҳоеро, ки барномаи таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос пешбинӣ намудааст, иҷро намояд ва диссертатсияи доктории аз рӯйи ихтисос ба итмомрасонидашударо пешниҳод кунад.

102. Ҳангоми пайдо шудани мухолифатҳо байни докторант аз рӯйи ихтисос ва мушовири илмӣ докторант аз рӯйи ихтисос ҳуқуқ дорад ба комиссияи мусолиҳавӣ барои ҳал намудани масъалаҳои баҳсталаб муроҷиат намояд. Дар ҳолати зарурӣ Шурои олимони Донишгоҳ метавонад дар бораи озод кардани мушовири илмӣ аз роҳбарӣ ва таъин намудани мушовири нав ба докторант аз рӯйи ихтисос қарор қабул намояд.

103. Докторант аз докторантура аз рӯйи ихтисос бо сабабҳои зерин хориҷ карда мешавад:

– бо хоҳиши худ;

– бо вазъи саломатӣ;

– барои иҷро карда натавонистани нақшаи инфиродӣ;

– барои вайрон кардани Оинномаи Донишгоҳ ва тартиботи дохилии меҳнатӣ;

– барои иҷро накардани шартҳои шартнома ҳангоми таҳсили пулакӣ.

104. Барои шахсоне, ки аз докторантура аз рӯйи ихтисос хориҷ карда шудаанд, маълумотномаи академӣ бо нишон додани кредитҳои азхуднамуда дода мешавад.

105. Докторантура аз рӯйи ихтисос тибқи тартибе, ки Низомномаи мазкур муқаррар намудааст, мушобеҳ бо аспирантура ва докторантураи анъанавӣ фаъолият менамояд.

106. Дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, аз рӯйи ихтисос бо қарори шуроҳои диссертатсионии Донишгоҳ ва муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ баъд аз тасдиқ дар Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба докторант аз рӯйи ихтисос супурда мешавад.

107. Тамоми масъалаҳои баҳсталаб, ки дар раванди тайёр намудани доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос ба миён меояд, тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

## XIII. ГУЗАРОНИДАНИ ОМӮЗГОР БА ВАЗИФАИ ХОДИМИ ИЛМӢ БАРОИ ТАЙЁР НАМУДАНИ РИСОЛАИ ДОКТОРӢ

108. Омӯзгори Донишгоҳро, ки соҳиби дараҷаи номзади илм ва натиҷаҳои намоёни тадқиқоти илмӣ мебошад ва синнаш аз 50 зиёд нест, ба муҳлати то ду сол ба вазифаи ходими илмӣ, барои тайёр намудани рисолаи докторӣ (минбаъд–ходими илмӣ) бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ гузаронидан мумкин аст.

109. Барои гузаштан ба вазифаи ходими илмӣ, ба номи ректори Донишгоҳ ариза навишта, ба он нақшаи муфассали рисолаи докторӣ, муҳлати иҷрои он ва рӯйхати асарҳои илмии чопшударо замима намудан лозим аст.

110. Кормандони Донишгоҳ (кормандони дигар муассисаҳо дар асоси шартнома) ба ҳайси ходими илмӣ бо мақсади анҷом додани рисолаи докторӣ қабул карда мешавад. Муҳлати ходими илмӣ ду сол (мақсаднок) буда, метавонад буҷавӣ ва ё дар асоси шартнома бошад.

Ректори Донишгоҳ дар асоси хулосаи кафедрае, ки номзади илм дар он вазифаи омӯзгориро иҷро менамояд ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардааш дар хусуси ба вазифаи ходими илмӣ гузаронидани ӯ (баъд аз тасдиқ дар Шурои олимон) фармоиш ба тасвиб мерасонад.

111. Ходими илмӣ тибқи қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фаъолияти омӯзгорӣ озод карда мешавад.

112. Номзади илм дар давраи дар вазифаи ходими илмӣ кор карданаш бояд рисолаи доктории худро ба анҷом расонида, онро аз муҳокимаи пешакӣ гузаронад.

113. Донишгоҳ метавонад ходими илмиро бо хоҳиши ӯ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмии дигар фиристонад.

114. Ходими илмӣ ҳуқуқ дорад, ки дар сурати бомуваффақият иҷро намудани нақшаи тайёр кардани рисолаи докторӣ дар як вақт дар вазифаи дигар (ба андозаи 0,5 воҳиди корӣ) низ кор кунад.

115. Ходими илмӣ ҳуқуқи ба докторантура дохил шудан ва истифода бурдани рухсатии эҷодиро барои ба анҷом расонидани рисолаи докторӣ надорад.

116. Ходими илмӣ ҳуқуқи баргаштан ва машғул шудан ба кори омӯзгориро дорад.

117. Дар давраи дар вазифаи ходими илмӣ будани омӯзгор вазифаи омӯзгории ӯро шахси дигар метавонад дар асоси шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ иҷро намояд.

118. Ходими илмие, ки пеш аз муҳлат ба кори омӯзгорӣ бозхонд шудааст, ба вазифаи қаблиаш барқарор карда мешавад.

119. Ходими илмӣ ҳар сол ба Шурои олимони Донишгоҳ доир ба иҷрои нақшаи тайёр кардани рисолаи докториаш ҳисобот пешниҳод менамояд ва аз натиҷаи он Шурои олимон қарори дахлдор қабул мекунад.

120. Маоши вазифавии номзади илм, ки ба вазифаи ходими илмӣ гузаштааст, дар доираи музди меҳнати дар Донишгоҳ муқарраршуда (вазифаи асосӣ) муайян карда мешавад.

121. Ба ходими илмие, ки барои иҷро намудани корҳои илмию тадқиқотӣ ба дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаҳои илмӣ фиристода шудааст, маош аз рӯйи тартиби муқарраршуда дар ҷойи кори асосӣ пардохт карда мешавад.

## XIV. УНВОНҶӮӢ

122. Яке аз роҳҳои тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгории Донишгоҳ иҷрои мустақилонаи таълифи рисолаи номзадӣ ва ё докторӣ аз

тарафи унвонҷӯёни дараҷаи илмӣ (минбаъд – унвонҷӯ) бе ҷудо шудан аз истеҳсолот мебошад. Унвонҷӯёни дараҷаи илмӣ, ки бе ҷудо шудан аз истеҳсолот рисолаи номзадӣ ё докторӣ таълиф менамоянд, бояд дипломи таҳсилоти олии касбӣ ва ё дипломи номзади илм (унвонҷӯӣ – докторант) дошта бошанд.

123. Унвонҷӯён барои супоридани имтиҳонҳои номзадӣ ва тайёр намудани рисола барои дарёфти дараҷаи номзади илм ва ё доктори илм ба Донишгоҳ аз рӯйи ихтисосҳои марбута вобаста карда мешаванд. Кормандони Донишгоҳ (кормандони дигар муассисаҳо дар асоси пулакӣ) ба ҳайси унвонҷӯ бо мақсади анҷом додани рисолаи номзадӣ қабул карда мешаванд. Таҳсил дар унвонҷӯӣ (мақсаднок) буда, метавонад ройгон ва ё дар асоси пулакӣ бошад.

124. Унвонҷӯён барои супоридани имтиҳонҳои номзадӣ ба муҳлати на бештар аз ду сол ва барои тайёр намудани рисола ба муҳлати на бештар аз се сол ба Донишгоҳ вобаста мегарданд. Муҳлати умумии унвонҷӯӣ дар Донишгоҳ чаҳор сол муқаррар шудааст.

Дар як вақт дар ду ва ё зиёда муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ё муассисаҳои илмӣ унвонҷӯ будан иҷозат дода намешавад.

Шахсоне, ки муҳлати муқарраршудаи унвонҷӯиро пурра истифода набурдаанд, метавонанд ба муддати боқимонда ба Донишгоҳ ҳамчун унвонҷӯ вобаста гарданд.

125. Унвонҷӯ барои вобаста шудан ба Донишгоҳ ба номи ректори Донишгоҳ ариза навишта, ба он нусхаи дипломи таҳсилоти олии касбӣ (нусхаи дипломи дараҷаи илмӣ) ва шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадиро (дар ҳолате, ки имтиҳони номзадиро супорида бошад) замима менамояд.

Шаҳрвандони хориҷӣ ба унвонҷӯӣ дар асоси шартномаву созишномаҳои байналмилалӣ, ҳамчунин, аз рӯйи робитаҳои мустақим бо Донишгоҳ пас аз пешниҳод намудани нусхаи шаҳодатномаи баробарарзишии таҳсилот, ки онро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон додааст, қабул карда мешаванд.

Кормандони Донишгоҳ ба ҳайси унвонҷӯ бо мақсади анҷом додани рисолаи номзадӣ қабул карда мешаванд. Муҳлати унвонҷӯйӣ мақсаднок буда, метавонад буҷавӣ ва ё дар асоси шартнома бошад. Довталабоне, ки дар Донишгоҳ кору фаъолият намекунанд, ба унвонҷӯӣ дар асоси шартнома қабул карда мешаванд. Дар ҳолатҳои истисноӣ, бо назардошти шартномаву созишномаҳо ва ҳамкорӣ ректори Донишгоҳ метавонад онҳоро ба таври ройгон қабул намояд.

126. Ректори Донишгоҳ дар асоси хулосаи комиссияи қабул ба унвонҷуӣ ва пешниҳоди шуъба, озмоишгоҳ, кафедра доир ба вобаста

намудани унвонҷӯ ба Донишгоҳ, таъин намудани муҳлати унвонҷӯ ва тасдиқ намудани роҳбари илмӣ фармоиш мебарорад. Дар сурати фақат барои супоридани имтиҳонҳои номзадӣ вобаста кардани унвонҷӯ, роҳбари илмӣ таъин карда намешавад.

127. Роҳбарони илмии унвонҷӯён аз ҳисоби докторҳои илм, профессорҳо таъин карда мешаванд. Дар ҳолатҳои ҷудогона бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ ё факултет (қарори кафедраи умумидонишгоҳӣ, шуъба, озмоишгоҳ) номзадони илм, дотсентон низ ҳамчун роҳбари илмӣ таъин шуданашон мумкин аст.

128. Унвонҷӯ баъд аз дохил шудан дар муҳлати ду моҳ ба кафедра нақшаи инфиродии корро, ки бо роҳбари илмӣ мувофиқа шудааст, барои баррасӣ пешниҳод менамояд.

129. Нақшаи инфиродии кор ва мавзуи рисолаи илмии унвонҷӯ дар ҷаласаи Шурои олимони факултет тасдиқ карда мешавад.

Унвонҷӯён ҳар шаш моҳ дар кафедра ва ҳар сол дар Донишгоҳ аз санҷиш мегузаранд.

Унвонҷӯёне, ки нақшаи кори инфиродиро дар соли ҳисоботӣ иҷро намекунанд, дар аттестатсия иштирок намекунанд ё аз аттестатсия намегузаранд, аз сафи унвонҷӯӣ хориҷ карда мешаванд.

Унвонҷӯе, ки тариқи буҷавӣ таҳсил мекунад ва бе сабабҳои узрнок нақшаи кории инфиродиашро иҷро накардааст ё бинобар надоштани самараи илмӣ хориҷ шудааст, танҳо дар асоси шартнома ва бо супоридани маблағи таҳсил барқарор мегардад.

130. Унвонҷӯён ҳуқуқи истифодабарӣ аз китобхона, кор дар озмоишгоҳҳо ва дар ҳуҷраҳои кории донишгоҳиро доранд.

131. Унвонҷӯёни ба Донишгоҳ вобасташуда аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм, забони хориҷӣ ва ихтисос имтиҳонҳои номзадӣ месупоранд. Дар сурати ҳуқуқи қабули имтиҳонҳоро аз фанҳои ҷудогона надоштани Донишгоҳ бо дархости ректор ба унвонҷӯён иҷозат дода мешавад, ки имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои мазкур дар дигар муассисаҳое, ки шуъбаи аспирантура ва докторантура доранд, супоранд.

132. Музди меҳнати роҳбарони илмии унвонҷӯён дар муддати вобасташуда ба андозаи 100 (сад) соат дар як соли таҳсил барои роҳбарии як унвонҷӯ (барои як унвонҷӯи хориҷӣ 35% маблағи шартномавӣ) пардохт карда мешавад.

Барои қабул ба ҳайси унвонҷӯ аз довталаб ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешавад:

– ариза ба номи ректори Донишгоҳ;
– варақаи шахсии довталаб;
– тарҷумаи ҳол;

– тавсифнома

– тавсиянома аз ҷойи кор;

– нусхаи дипломи таҳсилоти олии касбӣ (барои шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои дигарро хатм кардаанд, шаҳодатномаи баробарарзиши ҳуҷҷатҳо оид ба таҳсилот бо замимаи диплом);

– нусхаи дипломи дараҷаи илмӣ (барои унвонҷӯёни дараҷаи илмии доктори илм);

Ҳуҷҷатҳои мазкур аз ҷониби довталаби ба унвонҷӯӣ шахсан супорида мешавад.

## XV. МУҲАҚҚИҚ - КОРОМӮЗИ ИЛМӢ

133. Яке аз роҳҳои омода кардани кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгорӣ дар Донишгоҳ қабули мутахассиси соҳиби маълумоти олӣ ба сифати муҳаққиқ- коромӯзи илмӣ мебошад;

134. Кормандони Донишгоҳ (кормандон ва унвонҷӯёни дигар муассисаҳо дар асоси шартнома) ба ҳайси муҳаққиқ - коромӯзи илмӣ бо мақсади анҷом додани рисолаи номзадӣ ё докторӣ ва дифои он ба муҳлати то як сол (дар ҳолатҳои истисноӣ шаш моҳ) бе пардохти маош қабул карда мешаванд;

135. Шахсе ба сифати муҳаққиқ - коромӯзи илмӣ қабул карда мешавад, ки мустақилона ё дар базаи дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (муассисаи илмӣ) рисолаи номзадӣ ё докториашро омода намудааст;

136. Муҳаққиқ - коромӯзи илмӣ бо фармоиши ректори Донишгоҳ қабул карда шуда, ба ин ё он кафедра, шуъба, озмоишгоҳ ё дигар сохтор вобаста карда мешавад. Дар муҳлате, ки тибқи шартнома пешбинӣ шудааст, муҳаққиқ - коромӯзи илмӣ метавонад имтиҳонҳои номзадиро дар базаи Донишгоҳ супорад, рисолаи номзадӣ ё доктириро ба сохтори вобасташуда пешниҳод намуда, бо хулосаи дахлдор рисолаи номзадӣ ё доктириро ба Шурои диссертатсионие, ки дар заминаи Донишгоҳ амал мекунад, супорад ва онро дифоъ кунад.

137. Муҳаққиқ-коромӯзи илмӣ ҳуқуқи истифода бурдан аз китобхонаҳои илмӣ, озмоишгоҳҳо ва дигар фондҳои Донишгоҳро дорад.

138. Барои қабул ба ҳайси муҳаққиқ - коромӯзи илмӣ аз довталаб ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешавад:

– ариза ба номи ректори Донишгоҳ;

– варақаи шахсии довталаб;

– тарҷумаи ҳол;

– тавсифнома – тавсиянома аз ҷойи кор;

– рӯйхати асарҳои чопшуда, ихтироот ва гузоришҳо оид ба корҳои илмиву тадқиқотӣ;

– нусхаи дипломи таҳсилоти олии касбӣ (барои шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои дигарро хатм кардаанд, шаҳодатномаи баробарарзиши ҳуҷҷатҳо оид ба таҳсилот);

Ҳуҷҷатҳои мазкур аз тарафи довталаб шахсан пешниҳод карда мешавад.

## XVI. ИМТИҲОНҲОИ НОМЗАДӢ

138. Имтиҳонҳои номзадӣ қисми таркибии аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгорӣ мебошанд. Ҳадафи имтиҳонҳо муайян кардани сатҳи дониши касбӣ ва дараҷаи тайёрӣ ба фаъолияти мустақилонаи илмию тадқиқотии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ мебошад.

Супурдани имтиҳонҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмӣ ҳатмист.

139. Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм, забони хориҷӣ ва ихтисос муқаррар карда мешаванд.

140. Имтиҳони номзадӣ аз ихтисос аз рӯйи барномае, ки аз ду қисм иборат аст, супорида мешавад:

– барномаи намунавии минимум аз ихтисос, ки аз ҷониби Донишгоҳ омода шудааст;

– барномаи иловагие, ки шуъба, бахш, озмоишгоҳ, кафедраи дахлдор тайёр намудааст.

Барномаи иловагии қисмҳои ба самти тадқиқоти унвонҷӯ алоқаманд ва дастовардҳои муосири соҳаи илми мазкур ва адабиёти навтаринро бояд дар бар гирад.

141. Супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни таърих ва фалсафаи илм инчунин, забони хориҷӣ дар сохторҳои дахлдори дигар муассисаи илмӣ ва муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба талаботҳо ҷавобгӯ мебошад, иҷозат дода мешавад.

142. Донишгоҳ метавонад имтиҳонҳои номзадиро аз докторантон, унвонҷӯён ва мутахассисони муассисаҳои дигар дар асоси шартнома низ қабул намояд.

143. Комиссияи қабули имтиҳонҳои номзадӣ аз ҳар фан бо фармоиши ректори Донишгоҳ дар ҳайати раис (чун қоида муовини ректор оид ба илм ва инноватсия) ва ду – се аъзо аз ҳисоби мутахассисони баландихтисоси илмӣ ва илмию омӯзгорӣ таъйин карда мешавад. Дар ҳайати комиссия декани факултет (мудири кафедраи умумидонишгоҳӣ) бояд аъзо бошад. Шумораи умумии аъзои комиссия бояд тоқ бошад.

Комиссия дар сурате салоҳияти қабули имтиҳонҳои номзадиро дорад, ки агар дар ҷаласаи он на камтар аз ду мутахассиси соҳаи имтиҳони қабул, аз ҷумла, як доктори илм иштирок намояд.

Ба ҳайати комиссияи қабули имтиҳонҳои номзадӣ аз забонҳои хориҷӣ барои шахсоне, ки дар ин соҳа ихтисосманд намешаванд, омӯзгорони забонҳои хориҷӣ, новобаста аз доштани дараҷаи илмии доктор ё номзади илмҳои филологӣ, намояндагони кафедраҳо ва воҳидҳои муассисаҳои илмӣ аз рӯйи ихтисоси аспирант, ки дорои унвони илмӣ буда, забони хориҷии марбутаро хуб медонанд, дохил карда мешаванд.

Имтиҳонҳои номзадӣ дар як сол ду маротиба дар шакли сессияи давомнокии ҳар кадомаш як моҳ қабул карда мешавад. Муҳлати сессияро раёсати Донишгоҳ муайян мекунад. Дар ҳолати ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудани рисолаи диссертатсионӣ имтиҳон берун аз муҳлати муайянгардидаи сессия қабул карда мешавад.

Донишгоҳ ба унвонҷӯён дар бораи замону макони гузаронидани имтиҳонҳо дар муҳлати на камтар аз як моҳи то баргузории онҳо хабар медиҳад.

144. Имтиҳонҳои номзадӣ бо пурсишнома (билети имтиҳонӣ) гузаронида мешаванд. Барои тайёр кардани ҷавоб унвонҷӯ аз варақаҳои имтиҳоние, ки пас аз қабули имтиҳон ба муддати як сол нигоҳ дошта мешаванд, истифода мекунад.

145. Сатҳи дониши унвонҷӯ аз рӯйи тартиби баҳогузории чаҳорбалла – «аъло», «хуб», «қаноатбахш» ва «ғайриқаноатбахш» баҳо дода мешавад.

146. Барои ҳар як унвонҷӯ протоколи қабули имтиҳони номзадӣ, ки дар он савол ва супоришҳои ба унвонҷӯ додашуда, аз ҷумла саволҳои пурсишномаҳо оварда мешаванд, тартиб дода мешавад.

Протоколи қабули имтиҳони номзадӣ аз тарафи он аъзои комиссия, ки дар имтиҳон иштирок дошт, бо зикри унвони илмӣ, дараҷаи илмӣ, вазифа ва ихтисос мувофиқи феҳристи ихтисосҳои кормандони илмӣ дар ду нусха имзо карда мешавад.

Протоколи ҷаласаи комиссияҳои имтиҳонӣ пас аз тасдиқ шудан аз тарафи ректор дар Донишгоҳ нигоҳ дошта шуда, як нусха ба шахси имтиҳонсупоранда супорида мешавад.

147. Дар бобати супоридани имтиҳони номзадӣ ба имтиҳонсупоранда шаҳодатномаи дорои шакли муқарраргардида дода мешавад ва дар ҳолати супоридани имтиҳони охирин, шаҳодатномаҳо дар бораи супоридани имтиҳонҳои қаблӣ ба як шаҳодатнома иваз карда мешаванд.

148. Дар ҳолати бо сабабҳои узрнок ба имтиҳони номзадӣ ҳозир нашудани унвонҷӯ ӯ метавонад бо иҷозати ректори Донишгоҳ дар давоми сессияи ҷорӣ имтиҳони номзадиро супорад.

149. Такроран супоридани имтиҳони номзадӣ дар муддати як сессия иҷозат дода намешавад. Дар мавриди норозӣ будан аз қарори қабулнамудаи комиссияи имтиҳонӣ унвонҷӯ метавонад, дар муҳлати на дертар аз панҷ рӯз ба ректори Донишгоҳ хаттӣ шикоят намояд.

150. Масъулияти риояи талаботи муқарраргардидаи гузаронидан ва қабули имтиҳонҳои номзадиро ректори Донишгоҳ ба уҳда дорад.

151. Дар ҳолати вайрон кардани тартиби муқарраргардидаи қабули имтиҳонҳои номзадӣ ректори Донишгоҳ метавонад устодони имтиҳонгирандаро аз ҳуқуқи қабули минбаъдаи имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои дахлдор, маҳрум намояд.

# НИЗОМНОМАИ
# МАРКАЗИ ИТТИЛООТӢ – ТАҲЛИЛӢ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Маркази иттилоотӣ – таҳлилӣ (минбаъд – Марказ) ҷузъи сохтории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

2. Марказ фаъолияти сомонаи асосии донишгоҳ – www.tnu.tj ва нашрияи «Ба қуллаҳои дониш»-ро пеш бурда, инчунин, ҷараёни кори сомонаи факултетҳоро назорат менамояд. Марказ дар фаъолияти худ муқарраротӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ВАО», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иттилоот» қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи донишгоҳ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Раёсати донишгоҳро риоя ва иҷро менамояд.

3. Марказро мудири он роҳбарӣ мекунад, ки бо пешниҳоди муовини ректор оид ба илм инноватсия аз ҷониби ректори донишгоҳ ба вазифа таъин ва озод карда мешавад.

4. Марказ фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо раёсатҳо, шуъбаҳо ва дигар бахшҳои донишгоҳ ба роҳ мемонад.

5. Кормандони Марказ аз ҷумлаи мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ, ки малакаву маҳорати хуби эҷодӣ, рӯзноманигорӣ ва кор бо технологияи муосирро доранд, ба кор таъин карда мешаванд.

## X. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

6. Тибқи ҷадвали корӣ дар Марказ шаш нафар корманд фаъолият мекунад:

– мудир;
– сармутахассис – масъули нашрияи «Ба қуллаҳои дониш»;
– сармутахассис – масъули сомонаҳо;
– мутахассис – тарроҳ;
– мутахассис – хабарнигор;
– мутахассис – корманди техникӣ.

7. Мудири Марказ тамоми фаъолияти кории Марказро роҳбарӣ намуда, аз номи Марказ баромад менамояд.

## XI. ВАЗИФАҲО ВА ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

8. Татбиқи амалии дастуру супоришҳои Раёсати донишгоҳ;

9. Масъули нишастҳои матбуотӣ;

10. Иштирок дар озмун (тендер) – ҳо вобаста ба чопи нашрия;

11. Таҳлилу таҳрир ва сари вақт ба чоп омода намудани мавод барои нашрия ва сомона;

12. Назорати сомонаи факултетҳо;

13. Омода ва таҳлил намудани ҳисобот ё гузориш оид ба фаъолияти нашрия, тахрири маводи воридшуда;

14. Сари вақт чоп намудани нашрия ва ба сохторҳову устодону донишҷӯён дастрас намудани он;

15. Назорат ва ҷойгузории мавод дар сомонаи донишгоҳ ва факултетҳо;

16. Дуруст ба роҳ мондани фаъолияти сомона дар ҳамкорӣ бо сохторҳои донишгоҳ;

17. Ҷавобгар будан дар масъалаҳои техникии сомонаҳо;

18. Сари вақт ҷой намудани иттилоъ дар саҳифаҳои сомона бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (факултетҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ);

19. Таҳияи мақола ва хабару гузоришҳо.

## IV. ҲУҚУҚҲОИ МАРКАЗ

20. Мувофиқи вазифаҳои хизматӣ ва тартиботи муқарраршуда аз раёсат ва бахшҳои гуногуни донишгоҳ маълумоти заруриро барои сомона ва нашрия талаб кардан;

21. Иштирок дар ҷаласаҳои илмӣ – методӣ, Шурои олимон ва чорабиниҳои илмию фарҳангӣ ва вохӯрию мулоқотҳои расмии Раёсати донишгоҳ;

22. Омода намудани маводи ҷолиб, суҳбату гузоришҳои таҳлилӣ ва бедоркунандаи завқ барои саҳифаҳои сомонаи асосӣ ва нашрия;

23. Дар асоси розигии Раёсати донишгоҳ пешниҳод намудани маълумоти лозима ба сохторҳои гуногуни ҷумҳурӣ.

## V.ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМАИ МАРКАЗ

24. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи шуъба бо қарори Шурои олимони донишгоҳ ворид карда шуда, аз ҷониби ректор тасдиқ карда мешаванд.

# НИЗОМНОМАИ
# КОТИБОТИ ШУРОҲОИ ДИССЕРТАТСИОНӢ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Котиботи Шуроҳои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия шудааст.

2. Котиботи Шуроҳои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар назди муовини ректор оид ба илм ва инноватсия таъсис дода шуда аст.

## II. МАҚСАДИ КОТИБОТҲОИ ШУРОИ ДИССАРТАТСИОН

3. Мақсади Котиботи Шуроҳои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Котибот) баррасӣ намудани масъалаҳои асосии фаъолияти омоданамоии кадрҳои илмию педагогӣ ва мусоидат ба ҳимоя намудани рисолаҳои номзадиву докторӣ, назорат намудани фаъолияти шуроҳои диссертатсионии назди Донишгоҳ мебошад.

4. Котибот ҳамчун воҳиди сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

5. Котиботро саркотиби илмии шуроҳои диссертатсионӣ роҳбарӣ менамояд, кибо пешниҳоди муовини ректор оид ба илм ва инноватсия аз тарафи ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва озод карда мешавад. Саркотиби илмӣ аз рӯйи вазифаҳои ба зиммаи котибот гузошташуда масъул мебошад.

6. Котибот фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо Марказ, раёсат, шуъбаҳо, бахш, шуроҳои диссертатсионӣ ва дигар бахшҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба роҳ мемонад.

7. Дархосту супоришҳо, додани ахбор, маълумот оид ба фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ танҳо бо иҷозати ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон сурат мегирад.

## III. СОХТОРИ КОТИБОТ

8. Дар сохтори котибот 3 нафар корманд фаъолият менамояд:
– саркотиби илмӣ;
– котиби илмӣ;
– мутахассис.

## IV. ВАЗИФАҲОИ КОТИБОТ

9. Котибот вазифадор аст:
– назорати фаъолияти шуроҳои диссертатсиониро таъмин намояд;
– ба унвонҷӯёни дарёфти дараҷаҳои илмӣ, раисон, котибони илмӣ ва аъзои шуроҳои диссертатсионӣ оид ба масъалаҳои бамиёномада маслиҳатҳо диҳад;
– мактубу, аризаҳо ва дархостҳои ба котибот воридшударо сари вақт дида баромада, ҷавоб омода намояд;
– назорати таҳияи босифати муҳлатноки ҳуҷҷатҳои вобаста ба таъсиси шуроҳои диссертатсионӣ ва ҳуҷҷатҳои ҳимояҳои диссертантонро амалӣ намояд;
– баррасӣ, таҳрир ва барои имзо пешниҳод намудани лоиҳаи фармоишҳо, қарорҳои Шурои олимон, маълумотнома, ҳисоботҳои шуроҳои диссертатсиониро таъмин менамояд.

## V. САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ КОТИБОТ

10. Котибот дар доираи ваколатҳояш лоиҳаи фармоишҳо, мактубҳо ва дархостҳои ирсолшаванда ба Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олиии аттестатсионии Федератсияи Россияро таҳия менамояд.

11. Аз рӯйи иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Шурои олимон, фармоишҳои ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки ба зиммаи шуроҳои диссертатсионӣ ва котибот гузошта шудааст, назорат бурда, аз рафти иҷрои онҳо ба муовини ректор оид ба илм ва инноватсия маълумотнома омода менамояд.

12. Мураттабсозии ҳуҷҷатҳои таъсиси Шурои диссертатсионӣ, тағйирот ба Шурои диссертатсионӣ, ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионии унвонҷӯёнро таъин ва назорат мекунад.

13. Риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ», додани дараҷаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва супоришҳои хидматиро зимни ба амал баровардани уҳдадориҳои мансабӣ таъмин менамояд.

14. Мактубҳои вобаста ба шуроҳои диссертатсионӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари ин самтро таҳия менамояд.

15. Иҷрои мунтазами супоришҳои роҳбарияти донишгоҳро таъмин менамояд.

## VI. ҲУҚУҚҲОИ КОТИБОТ

16. Котибот ҳуқуқ дорад:

– мувофиқи вазифаҳои хизматӣ ва тартиби муқарраршуда бо раёсатҳо, шуъбаҳо ва бахшҳои донишгоҳ ҳамкорӣ намояд;

– аз садорати факултетҳо, кафедраҳо ва дигар воҳидҳои сохтории Донишгоҳ маълумоти зарурӣ ва ҳисобот талаб намояд;

– дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба илм ва инноватсия мавод, маълумот ва ҳисоботҳои шуроҳои диссертатсиониро ба мақомотҳои дахлдор пешниҳод намояд.

– намояндагии Донишгоҳро дар муассисаҳо, ташкилотҳо, корхонаҳо, маҷлисҳои дахлдор оид ба масъалаҳои алоқаманд ба фаъолияти Котибот амалӣ намояд.

## VIII. УҲДАДОРИҲОИ КОТИБОТ

17. Котибот уҳдадор аст:

– муайян намудани самтҳои асосӣ ва афзалиятноки корҳои илмӣ–таҳқиқотии унвонҷӯён ва докторантони Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, докторантони анъанавӣ, унвонҷӯёни Донишгоҳро муайян намояд;

– корҳои илмие, ки дар факултетҳо ва кафедраҳои донишгоҳ бо мақсади иҷрои корҳои мукаммали бунёдӣ, иктишофӣ ва амалӣ сурат мегиранд бо сохторҳои дахлдор ҳамоҳанг созад;

– аз болои иҷрои ҳуҷҷатҳо мунтазам назорат барад;

– барасмият дарорӣ, равон кардан, дуруст ва сари вақт тартиб додани ҳуҷҷатҳоро назорат намояд.

## IX. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО

18.Тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ ворид карда шуда, аз ҷониби ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешаванд.

## X. МАВРИДИ АМАЛ ҚАРОР ГИРИФТАН ВА АЗ ЭЪТИБОР СОҚИТ КАРДАНИ НИЗОМНОМА

19. Низомномаи Котибот аз рӯзи ба тасвиб расиданаш мавриди амал қарор дода мешавад;

20. Низомномаи Котибот ҳангоми тағйир ёфтани сохтори Донишгоҳ, тасдиқи Низомномаи нави Котибот ва дигар ҳолатҳои

муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз эътибор соқит дониста мешавад.

# НИЗОМНОМАИ
# МАРКАЗИ БИОТЕХНОЛОГӢ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи маркази биотехнологии Донишгохи миллии Тоҷикистон (мигнбаъд Низомнома) дар асоси талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

2. Номи пурраи Марказ:

– бо забони тоҷикӣ Маркази биотехнологии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (мухтасар – МБ ДМТ);

– бо забони русӣ Центр биотехнологии Таджикского национального университета (сокращенно – ЦБ ТНУ);

– бо забони англисӣ Center of biotechnology of the Tajik National University (abbreviated – CB TNU)

3. Маркази биотехнологии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Марказ) ҳамчун воҳиди сохтории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – донишгоҳ) дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2009, №667 «Дар бораи тадбирҳои татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15 сенгябри соли 2009, №707 «Маркази биотехнологӣ дар назди Институти илмӣ-тадқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» бо фармоиши ректори донишгоҳ аз 29 декабри соли 2009, №6 – 53 – 09 таъсис дода шудааст. Мувофиқи тағйироти сохтори донишгоҳ аз соли 2014 Маркази биотехнологӣ ба сохтори раёсати илм ва навоварии техникӣ ва охиран ба сохтори раёсати инноватсияи донишгоҳ ворид карда шуд.

4. Марказ фаъолияти худро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз чумла Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», фармоишҳои Вазорати маориф ва илми ҶТ, Оинномаи донишгоҳ, қарорҳои Шурои олимони донишгоҳ, Низомномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ месозад.

5. Марказ ҳуқуқ дорад, ки манфиатҳои донишгоҳро дар назди шахсони сеюм ҳифз намояд ва бо онҳо мутобиқи мақсад ва самтҳои фаъолияташ, ки дар Низомномаи мазкур дарҷ гардидааст, аз дар асоси ваколатномаи ректори донишгоҳ бо дигар муассисаҳои илмиву таълимӣ шартнома ба имзо расонад.

6.Роҳбарии умумии Марказро директори Марказ мутобиқ ба вазифаҳо, нақшаи корӣ, фармоиш ва супоришҳои роҳбарияти донишгоҳ ва Низомномаи мазкур амалӣ месозад.

7.Марказ ва зерсохторҳои он дар тобеияти (Раёсати инноватсия) муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи донишгоҳ қарор дорад.

## II. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ МАРКАЗ

8. Мақсади фаъолияти Маркази биотехнологӣ:

– рушди таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи биотехнологӣ;

– коркарди самтҳои пажуҳишҳои илмӣ дар асоси афзалиятҳои давлатии инкишофи илмӣ – техникӣ бо назардошти аҳамияти иҷтимоӣ – иқтисодии он.

9. Вазифаҳои асосии Марказ аз самтҳои зерин иборат аст:

– инкишофи пажӯҳиши бунёдӣ ва амалӣ;

– тайёр намудани мутахассисони соҳибихтисос;

– ҷустуҷӯи самтҳои таҳқиқотии муосири илмӣ.

10. Самтҳои афзалиятноки пажӯҳишҳои Марказ дар мувофиқа бо Ҳукумити Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Аз ҷумла:

– омӯзиши биологияи узвҳо ва бофтаҳои растанӣ;

– ба даст овардан ва дар истеҳсолот ҷори намудани маводи мукаммали кучатӣ барои таҳқиқоти селексионӣ ва истеҳсоли он барои тиҷорат;

– такмили раванди афзункунии босамари микроклоналӣ ва нигаҳдории дарозмуддати маводи генетикии растаниҳои муҳим, нодир ва нестшаванда;

– омӯзиши таъсири омилҳои экологӣ ба муҳити зист ва ташаккули усулҳои биотехнологии барқарор намудани экосистема.

11. Маркази биотехнологӣ уҳдадор аст:

– фаъолияти худро мутобиқи мақсад ва вазифаҳои пешбининамудаи ин Низомнома анҷом диҳад;

– Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалии ба тасвиб расонидаро дар самти марбута риоя намояд;

– ҳисоботҳоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монад.

## III. МАҚОМОТИ ИДОРАКУНИИ МАРКАЗ

12. Функсияҳои идоракунӣ ва назорати фаъолияти Маркази биотехнологӣ аз ҷониби мақомоти зерин таъмин карда мешавад:

– мақомоти олӣ Шурои олимони донишгоҳ;

– мақомоти иҷроия – Директор, ки аз ҷониби муассис таъйин карда мешавад;

– мақомоти назоратӣ – Комиссияи назоратии тафтишотӣ.

13. Директори Марказ бо тавсияи муовини ректори донишгоҳ оид ба илм ва инноватсия ба фармоиши ректор ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда мешавад. Баҳри иҷрои мақсад, вазифа ва уҳдадориҳои ба зиммадошта Марказ метавонад дорои озмоишгоҳҳои илмӣ бошад.

14. Маркази биотехнологӣ фаъолияти худро дар асоси талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2009. №667 «Дар бораи тадбирҳои татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 2009, №707», Оинномаи донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии донишгоҳ, Низомномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ мемонад.

15. Ҳайати кормандон:

– ҳайати кормандони Марказро шахсони зерин ташкил медиҳанд: ходимони илмӣ, муҳандисони техникӣ, ҳайати кормандони техникии ёрирасон, ки мутобиқи воҳиди штатии Марказ аз ҷониби ректори донишгоҳ тасдиқ гардидааст;

– муносибати меҳнатӣ байни кормандони Марказ ва Раёсати донишгоҳ ба воситаи шартномаи меҳнатӣ ба танзим дароварда мешавад;

– андоза, шакл ва низоми пардохти музди меҳнати кормандони Марказ мутобиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии донишгоҳ муқаррар карда мешавад;

– ҳангоми азнавташкилдиҳӣ ё барҳам хӯрдани Марказ, аз кор озод кардани кормандон бо риояи талаботи Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ичро расонида мешавад;

– шароити тартиб ва низоми меҳнатии ҳайати кормандони Марказ мутобиқи шартномаи меҳнатии баимзорасида ва дастурамали вазифавии ҳар яки онҳо муқаррар карда мешавад.

## II. АМВОЛ, ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИДОРӢ

16. Фаъолияти маблағгузорӣ ва таъминоти моддӣ-техникии Марказ тибқи конунгузории ҶТ, ҳуҷҷатҳои меъёрии донишгоҳ муқаррар ва ба роҳ монда мешавад.

17. Амволе, ки донишгоҳ барои истифодабарӣ дар ихтиёри Марказ гузоштааст, моликияти донишгоҳ мебошад.

18. Баҳри амали намудани фаъолияташ дар ихтиёри Марказ биноҳо, компютерҳо, техникаҳои маишӣ, воситаҳои алоқа, таҷҳизоти озмоишӣ, мебел ва дигар моликият гузошта мешавад.

19. Воситаҳои молиявие, ки Марказ дар фаъолияташ истифода бурда метавонад, аз ҳисоби зайланд:

– маблағҳои давлатӣ;

– маблағҳое, ки ба воситаи грантҳо (карзҳои бебозгашт), карордодҳо ва дигар дархостҳои давлатӣ, ки Марказ дар асоси озмун ба даст овардааст;

– маблағҳои ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла даромади пулӣ, ки тибқи шартнома барои хизматрасониҳо ба даст омадааст;

– маблағҳои аъзоҳақӣ, хайрия, садақа ва ҳадяпулии ташкилоту муассисаҳо ва шахсони алоҳида;

– дигар маблағҳое, ки аз фурӯши моли зеҳнии кормандон тибқи шартнома ба даст омадаанд.

## V. ҲУҚУҚ ВА ҶАВОБГАРӢ

20. Марказ ҳуқуқ дорад:

– фаъолияти илмӣ – таълимии Марказро мустақилона ба нақша гирад;

– аз майдонҳо ва таҷҳизоти дар ихтиёр дошта бо риояи қоидаҳои дар донишгоҳ роиҷ, талаботи ҳифзи меҳнат ва бехатарии сӯхтор истифода намояд;

– ба кори таҳияи лоиҳаҳои нақшаҳои илмӣ– таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ, тайёр намудани кадрҳои илмӣ, маблағгузорӣ ва таъминоти моддӣ-техникӣ, кори интишорот, таҳияи асарҳои илмӣ ва ғ. роҳбарӣ намояд, лоиҳаҳои нақшаҳоро барои тасдиқ намудан тибқи тартиби муқарраргардида пешниҳод созад;

– ба иҷрокунандаи вазифаи директори Марказ то се моҳ иҷозат дода мешавад;

– барои навиштани рисолаи номзадӣ, докторӣ ва дастурҳои таълимию методӣ кормандони Марказ метавонанд ба муддати се ва шаш моҳ ба рухсатии эҷодӣ бароянд.

20. Марказ ҷавобгар аст:

– қарорҳои Шурои олимони донишгоҳро дар марказ татбиқ карда, риояи қонунҳо ва интизоми меҳнатро дар он таъмин намояд;

– аз болои иҷрои саривақтии нақшаҳои тасдиқгардида ва дигар дастуру супоришҳо назорат намояд.

– дар асоси тартиби муқарраршуда роҷеъ ба натиҷаҳои таъмини фаъолияти илмӣ ва илмию ташкилии Марказ ва натиҷаҳои татбиқи амалии таҳқиқоти анҷомёфта дар Шурои олимони донишгоҳ ҳисобот медиҳад;

– натиҷаҳои озмуни қабул ба аспирантура, доктор Ph.D ва аттестатсияи онҳоро ҷамъбаст намуда, оид ба гузаронидани онҳо аз як шакли таҳсил ба шакли дигар ва тибқи тартиби муқарраргардида ба нақшаи қабул ба аспирантура ва докторантураи Ph.D аз рӯи ихтисосҳое, ки ба самти илмии Марказ мувофиқ аст, ба донишгоҳ пешниҳод намояд.

– мутахассисони болаёқати ҷавонро аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ интихоб намуда, барои касбомӯзӣ ва таҷрибаомӯзии онҳо бо дигар муассисаҳо ва ташкилотҳо шартнома бандад.

– дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба илм ва инноватсия аз Раёсати Донишгоҳ барои ҳавасманд намудани кормандоне, ки вазифаи бар ухда доштаашонро бо сифати баланд ва сари вақт иҷро намудаанд, дар кор навоварӣ ва ихтироот ворид намудаанд, пешниҳоду дархост кунад.

– нақшаи корҳои илмӣ – тадқикотии Марказро барои тасдиқ ба Шурои ҳамоҳангсозӣ ва Шурои олимони донишгоҳ пешниҳод намояд;

– барои амалӣ намудани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ бо дигар муассисаю ташкилотҳо шартнома бандад.

## VI. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГӢ

21. Ширкати фаъолона дар корҳои илмӣ-тадқиқотии донишгоҳ, кумак дар рушду инкишофи донишгоҳ, ҳамчун маркази пешбари илмӣ.

22. Татбиқи барнома ва лоиҳаҳо дар соҳаи рушди инноватсионии илм ва техника оид ба масоили фаъолияти Марказ.

23. Ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо кафедраҳои донишгоҳ, муассисаҳои таълимӣ, пажуҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотӣ.

24. Ташкил ва баргузор кардани чорабиниҳои илмӣ, аз қабили машваратҳо, конфронсияҳо, намоиши китобҳо, монографияҳо, маводи

илмию методии дастовардҳои Марказ.

25. Ҳамоҳангсозии фаъолияти илмӣ бо дигар муассисаҳои илмӣ.

26. Ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар доираи муқаррароти донишгоҳ оид ба ҳамкориҳо бо муассисаҳои илмии хориҷӣ.

## VI. ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМАИ МАРКАЗ

27. Фаъолияти Марказ мутобиқи фармоиши ректори донишгоҳ дар асоси карори Шурои олимон метавонад созмон ва аз нав ташкил ё катъ карда шавад.

28. Фаъолияти Марказ бо роҳи аз байн бурдан ва ё аз нав ташкил додани он дар асоси санадҳои тасдиқкунанда оид ба сари вақт ичро нагаштани вазифа ва уҳдадориҳои Марказ катъ карда мешавад.

29. Ҳангоми навташкилкунии Марказ санад ва ҳуҷҷатҳои асосӣ оид ба фаъолияти Марказ сари вақт ба вориси ҳуқуқӣ барои нигаҳдорӣ супорида шуда, ҳангоми қатъ кардани он ба бойгонӣ супорида мешавад.

# НИЗОМНОМАИ
# КИТОБХОНАИ ИЛМИИ ДМТ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) як ҷузъи таркибии Донишгоҳ мебошад. Бо хадамоти китобдорию библиографӣ, ҷараёни таълим, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, педагогӣ ва тарбиявии донишгоҳро таъмин намуда, дар баробари он маркази андӯхтани дониш, мулоқоти маънавию фарҳангӣ мебошад;

2. Низомномаи китобхонаи илми Донишгоҳи миллии тоҷикистон (минбаъд Китобхона) мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», «Дар бораи табъу нашр», «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ», «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», «Дар бораи фарҳанг», «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», фармон ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия гардидааст.

3. Кори китобхона бо Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ҳамин низомнома, фармоишу қарорҳои раёсати Донишгоҳ ба танзим дароварда мешавад;

4. Китобхона таҳти назари муовини ректори Донишгоҳ оид ба илм ва инноватсия қарор дорад;

5. Дар фаъолияти рӯзмарраи худ китобхона аз амволи ба он вобаста шуда истифода менамояд.

## II. ВАЗИФАҲОИ КИТОБХОНА

6. Хадамоти самарабахши рӯзмарраи иттилоотию библиографӣ ба ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони илмӣ, докторантон, кормандону донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

7. Ташкил намудани захира (фонд)-и китобхона ва шуъбаҳои он мувофиқи фаъолият ва самтҳои таълимию илмии Донишгоҳ, дар асоси талаботи нақшаҳои таълимӣ, илмӣ ва хонандагони китобхона;

8. Тарбияи фарҳангӣ иттилоотӣ, омӯзондани малакаи истифода аз китоб ва китобхона. Омода намудани хонандагон барои кор бо махзанҳои иттилоотии электронӣ дар усулҳои нави технологияи компютерӣ;

9. Афзун намудани мавқеи хадамоти китобхона, баланд бардоштани сифати он дар асоси таҷҳизоти нави техникӣ, технологияҳои нав, компютеронидани ҷараёни китобдорию иттилоотӣ, пайваст намудани компютерҳои китобхона ба шабакаи ягонаи Донишгоҳ ва интернет;

10. Аз худ намудан ва ҷамъбаст кардани таҷрибаи кории китобхонаҳои мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва китобхонаҳои бузурги соҳавию ташкилотҳои иттилоотии илмию техникӣ. Ширкати фаъолона дар чорабиниҳои Ассотсиатсияи китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

11. Барои таъсис додан ва танзими фаъолияти китобхонаи электронӣ ва ташкилу танзими феҳристи электронӣ чорахои лозимаро андешидан;

12. Китобхона ба муштариёни худ дар толорҳои қироат, абонементҳо ва шуъбаҳои китобхона ба хонандагони алоҳида ва ё гурӯҳи хонандагон хизмат мерасонад;

13. Талаботи муштариёнашро ба воситаи табодули китоб бо китобхонаҳои дигар қонеъ мегардонад;

14. Барои кумак ба ҷараёни таълим ва пешбурди кори илмии Донишгоҳ нишондиҳандаҳои библиографӣ, номгӯйи асарҳои омӯзгорони Донишгоҳ, маълумотномаҳои унвонию мавзӯӣ ва намоиши китобҳоро ташкил менамояд;

15. Барои дар донишҷӯён ва муҳаққиқони ҷавон ташаккул додани малакаи ҷустуҷӯ ва дарёфт намудани маълумоти зарурӣ ва истифодаи он дар ҷараёни таълиму корҳои илмӣ, инчунин сарфаҳм рафтан ба маводи маълумотӣ ва иттилоотию библиографии китобхона мусоидат мекунад ва дар мавриди зарурат курсҳои омӯзишӣ мегузаронад;

16. Барои докторантон ва донишҷӯён дарсҳои асосҳои китобдорӣ ва библиографӣ ташкил менамояд;

17. Барои хонандагони китобхона намоиши китоб, экскурсияҳо, машваратҳоро назди феҳрастҳо ва картотекаҳо ташкил менамояд;

18. Таъминоти фаврӣ ва илман асоснокшудаи фонди китобхонаро мувофиқи барномаҳо ва нақшаҳои таълимӣ, номгӯй тадқиқотҳои илмии Донишгоҳ ташкил менамояд. Адабиёти таълимӣ, илмӣ, иттилоотӣ бадеӣ ва матбуоти давриро харидорӣ менамояд;

19. Ҷобаҷогузории китобҳо, ҳифзи онҳо, баҳисобгирӣ ва усули нигоҳдошти китобро ташкил менамояд. Дар ҳолати зарурӣ метавонад истифодаи қисме аз адабиётро маҳдуд созад, ки тибқи қонунҳои ҳифзи

сирри давлатӣ ва қонунҳо таъмин намудани ҳифзи дастовардҳои таърихию фарҳангии халқҳои Тоҷикистон пешбинӣ шудаас;

20. Ҳифзи китобҳои арзишдор, ноёб ва коллексияҳоро, ки ёдгории таърихию фарҳангӣ мебошанд, таъмин намуда, баназаргирии саривақтии онҳоро дар феҳристҳои умумӣ пешбинӣ мекунад ва чун қисмате аз боигарии фарҳангии халқҳои Тоҷикистон сабт менамояд;

21. Бо мақсади пешниҳоди ҳаматарафа ва пурраи захираҳои адабиёти мавҷуда феҳрастиҳои алифбоӣ, мураттаб, электронӣ ва библиографиро ташкил менамоя;

22. Корҳои илмию методиро (аналитикӣ, ташкилӣ, машваратӣ) барои мукаммал намудани ҳамаи соҳаҳои фаъолияти китобхона анҷом медиҳад. Кормандони китобхона дар кори конфронсҳо, ҷаласаҳо ва семинарҳо доир ба китобхонашиносӣ, библиография, ва информатика ширкат менамоянд;

23. Барои баланд бардоштани савияи дониши кормандон чораҳои зарурира меандешад;

24. Бо ташкилотҳои ҷамъиятии хориҷӣ, сафоратҳо алоқаҳои кориро барқарор намуда, дар лоиҳаҳои онҳо ширкат меварзад ва барои дарёфти маблағҳо, китоб, компютер ва таҷҳизоти дигари барои китобхона лозима корҳои заруриро анҷом медиҳад;

25. Кори худро бо шуъбаҳои дигари донишгоҳ мутобиқ месозад.

## III. РОҲБАРИЯТ, ТАРКИБ, РӮЙХАТИ ВОҲИДҲОИ КОРӢ ВА ТАЪМИНОТИ МОДДИЮ ТЕХНИКӢ

26. Роҳбарии китобхонаро директори он бар уҳда дорад, ки аз тарафи ректори донишгоҳ таъин шуда, ба ректор ва муовини ректор оид ба илм ва инноватсия итоат менамояд. Директор ҷавобгарии пурраро барои натиҷаи кори китобхона бар дӯш дошта, дар ҳудуди масъулиятҳои худ дастуру қарорҳои лозимаро ба табъ мерасонад, ки барои ҳамаи кормандон ҳатмист;

27. Мудирони шуъба ва дигар кормандони китобхона бо фармоиши ректори донишгоҳ ва пешниҳоди директори китобхона ба кор қабул ва аз он озод карда мешаванд. Кори онҳо дар асоси дастури хидматӣ ба низом дароварда мешавад;

28. Масрафоти таъминоти китобхона дар буҷаи хароҷоти донишгоҳ пешбинӣ мешавад;

29. Раёсати донишгоҳ китобхонаро дар асоси меъёрҳои мавҷуда бо бино ва утоқҳои кории ободу муҷаҳҳаз, маводи чопӣ, компютер ва дигар

мошинолоти электронию ҳисоббарорӣ ва нусхабардорию чопӣ, барномаҳои компютерӣ ва ғайра таъмин менамояд.

## IV. ҲУҚУҚ ВА УХДАДОРИҲОИ РОҲБАРИЯТИ КИТОБХОНА

30. Роҳбарияти китобхона ҳуқуқ дорад:

– донишгоҳро дар ташкилоту идораҳои гуногун намояндагӣ намояд, дар кори конфронсҳои илмӣ, ҷаласа ва семинарҳо оид ба масоили китобдорӣ ва библиографию – иттилоотӣ ширкат намояд;

– маблағ ва маводи барои китобхона пешбинишударо мувофиқи мақсад ва нақша масраф намояд;

– таркиб ва номгӯи мансабҳои китобхонаро, ки аз тарафи раёсати донишгоҳ тасдиқ карда мешаванд, бо кормандони ваколатманд таъмин намояд;

– барои маоши кормандон дар ҳудуди фонди музди меҳнати китобхона, маоши иловагӣ ва инчунин тартиб ва ҳаҷми мукофотпулии кормандон пешниҳод таҳия кунад;

– дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии мавҷуда, сармояи берунии иловагиро ба тариқи масруфоти ихтиёрӣ ва мушаххас аз шаҳрвандони алоҳида ва ташкилотҳои ватанию хориҷӣ ҷалб намояд;

– бо розигии Раёсати Донишгоҳ қоидаҳои истифодаи китобхонаро тасдиқ намояд;

– дар асоси қоидаҳои истифодаи китобхона намуд ва ҳаҷми ҷуброни зарари аз тарафи хонанда расонидашударо муайян намояд;

– фаъолияти коргузории худро барои афзун намудани номгӯи хадамоти пешниҳодшуда бо назардошти он, ки ин хадамот ба фаъолияти асосии китобхона бе зарар аст ба амал барорад;

– шарт ва шароити истифодаи захираҳои китобхонаро дар асоси шатрнома, бо шаҳрвандон ва ё ташкилотҳои алоҳида муайян сохта, мустақилона маъхазҳои таъминоти китобро интихоб намояд;

– дар асоси фармон ва қарорҳои мавҷуда, ки Раёсати Донишгоҳ тасдиқ намудааст, барои аз ҳисоби китобхона баровардан ва ё харидуфурӯши китоб бо назардшоти захира ва талаботи китобхона комиссияи корӣ таъсис намояд;

– бо мақсади мусоидат кардан барои рушди хизматрасонии китобдорӣ, такомули касбӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоию тахассусии худ ассотсиатсияҳо созмон диҳад ва ё ба ассотсиатсияҳои соҳавии ватанию хориҷӣ ҳамроҳ шавад;

– тибқи тартиби муқарраршуда, ҳамкориҳоро бо китобхонаҳо ва дигар созмонҳою ташкилотҳои ҷамъиятии хориҷӣ, аз ҷумла ба роҳ

мондани табодули байналмилалии китобҳо, ба ҳайати созмонҳои байналмилалӣ шомил гардида, дар татбиқи барномаҳои байналмилалии китобдорӣ ва дигар барномаҳои соҳавӣ ширкат варзад;

31. Роҳбарияти китобхона дар асоси меъёрҳои қонунӣ барои вайрон намудани вазифаҳои муайяншуда ба ҷавобгарӣ кашида мешавад;

32. Китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳифзи захираҳои адабиёти он пурра масъул аст. Кормандони китобхона, ки дар расонидани зарари моддӣ ба захираҳои он гунаҳгоранд, дар асоси қонунҳои амалкунанда ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

## V. ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ ВА ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМА

33. Низомномаи мазкур бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ қатъ ва ё аз нав ташкил карда мешавад.

34. Дар мавриди азнавташкилёбӣ ва ё қатъ гардидани фаъолияти низомнома мувофиқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ректор Донишгоҳ ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ҳайати кормандон аз вазифа озодшуда кафолат дода мешавад.

# НИЗОМНОМАИ БАХШИ ДИПЛОМҲО

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи бахши дипломҳои раёсати кардрҳо ва корҳои махсус Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Низомнома) ҳамчун воҳиди сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

2. Низомномаи бахши дипломҳои раёсати кардрҳо ва корҳои махсус Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд бахш) фаъолияти худро дар асоси Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ мемонад.

3. Ба Бахш мудир роҳбарӣ менамояд, ки дар фаъолияти худ бевосита ба сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус тобеъ буда аз тарафи ректори донишгоҳ ба вазифа таъин ва озод карда мешавад. Мудири Бахш аз рӯйи вазифаҳои ба зиммаи бахш гузошташуда масъул мебошад.

4. Бахш фаъолияти худро дар ҳамкорӣ ба раёсатҳо, шуъбаҳо ва дигар бахшҳои донишгоҳ ба роҳ мемонад.

5. Бахш дархосту супоришҳои ҷамъиятӣ, додани ахбор, маълумот, диплом ва ҳуҷҷатҳои дигаре, ки ба салоҳияти он дохил мешавад, танҳо борозигӣ ва иҷозати ректори донишгоҳ иҷро менамояд.

## II. СОХТОРИ БАХШ

6. Мувофиқи басти вазифаҳои корӣ донишгоҳ ба сохтори Бахш 2 воҳиди корӣ ҷудо карда шудааст:

– мудир;

– мутахассис.

7. Мудири Бахш тамоми фаъолияти кории Бахшро роҳбарӣ намуда, аз номи донишгоҳ дар асоси ваколатнома дар вазорат ва дигар ташкилотҳо баромад менамояд.

8. Дар сурати аз ҷониби кормандони бахш вайрон кардани интизоми меҳнат, риоя накардани талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ухдаи иҷрои супоришҳо набаромадан ва риоя накардани талаботи Оиннома ва Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон масъалаи бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси раёсати донишгоҳ ба миён гузошта мешавад.

## III. ВАЗИФА БАХШ

9. Мудир вазифадор аст:

– назорат бурдан аз болои кори Бахш;

– фароҳам овардани шароити муътадили корӣ дар Бахш;

– анҷон додани масъалаҳои мубрами рӯз, ки ба Бахш вобаста мебошад;

– баррасӣ, таҳрир ва барои имзо пешниҳод намудани диплом ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии Бахш ба ректори донишгоҳ барои имзо;

– омода намудани ҳуҷҷатҳои хатмкунандагони солҳои қаблӣ (оид ба ивази насаб, вайрон ва гум шудани диплом, ноаён будани муҳр дар диплом ва дигар сабабҳо);

– додани маълумотномаҳо оид ба хатм, ки ба хатмкунандагон ва назорат аз болои онҳо;

– тайёр намудан ва супоридани ҳисоботҳо дар бораи дипломҳои ба хатмкунандагон додашуда;

– тайёр намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи аз эътибор соқит намудани дипломҳои (вайроншуда, ивази ном ва насаб, ноайён будани мухр ва аз тарафи шахси масъул дар вақти навиштан ба хатогӣ роҳ додан), пешниҳод намудан ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳосиботи донишгоҳ;

– сари вақт ба анҷом расонидани бандубасти ҳуҷҷатҳои даврӣ, ки дар Бахш гирд оварда шудааст;

– аз Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда (ваколатнома) гирифтани ҳуҷчати намунаи давлатӣ диплом оид ба хатм ва назорати қатъӣ бурдан аз болои онҳо;

– назорати қатъӣ бурдан ва дар ҳолати хуб нигоҳ доштани китобҳои додани дипломҳои ба хатмкунандагон;

– назорат ва баррасии ҳуҷҷатҳо барои гирифтани нусха (дубликат)– и дипломҳо;

– таҳияи лоиҳаи фармоишҳо дар бораи дордани нусха (дубликат)– дипломҳо ва ба имзо пешниҳод намудани онҳо;

– аз болои дархостҳои воридшуда бурдани назорати доимӣ, таҳияи ҷавоб ва аз назорат баровардани онҳо;

– дар ҳолати хуби санитарию гигиенӣ нигоҳ доштани дипломҳои дар Бахш маҳфузбуда;

– нигоҳ доштани фармоишҳои ҳарсолаи ректори донишгоҳ оид ба хатм;

– мактубу аризаҳо ва дархостҳои воридшударо саривақт дида баромада, дар муҳлати муайяншуда ба муаллифон ҷавоб омода намудан.

10. Мутахассиси Бахш вазифадор аст:

– ба қайд гирифтани аризаҳои ба бахши дипломҳо воридшуда;

– ба қайд гирифтани дархостҳо аз дохил ва беруни мамлакат;

– ҷавоб навиштан ба ҳамаи дархостҳо ва назорат бурдан аз болои онҳо;

– ба компютер ворид намудани тамоми дипломҳо баъд аз имзои ректори донишгоҳ;

– ба компютер ворид намудани муроҷиати хатмкунандагони солҳои қаблӣ , ки бо диплом таъмин нашудаанд;

– омода намудани ҳуҷҷатҳо ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани бланкаи диплом оид ба хатм;

– анҷом додани корҳо оид ба масъалаҳои ҳаррӯза дар Бахш.

## III. ҲУҚУҚҲОИ БАХШ

11. Мудири бахш ҳуқуқ дорад:

– аз роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва кормандони донишгоҳ оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти бахш дохиланд, маълумот талаб намояд;

– дар ҳолати зарурӣ кормандони дигар сохторҳоро бо розигии роҳбарҳояшон барои иҷрои вазифаҳое, ки ба зиммаи бахш гузошта шудааст давр асоси шартнома ҷалб намояд;

– бо тартиби муқарраршуда маҷлисҳо ва семинарҳо даъват намояд, инчунин, дар маҷлисҳое, ки раёсати донишгоҳ ва дигар сохторҳои он дар хусуси масъалаҳои бахш мегузаронанд, иштирок намояд;

– бахш дорои муҳр бо нишондоди номи бахши дипломҳо мебошад.

– аз садорати факултетҳо танзими ҳуҷҷатҳо, нусхаи фармоишҳо, нусхаи шиносномаҳои хатмкунандагон ва ҳисоботи хатмкунандагонро талаб намояд.

## IV. УҲДАДОРИҲОИ БАХШ

12. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, Низомномкаи мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, шартномаҳои коллективӣ ва санадҳои меъёрии дохилиро риоя намояд;

12. Барои иҷрои талаботи муқаррарнамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии

Тоҷикистон оид ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, бехатарии сӯхтор ва санитарию гигиенӣ мусоидат намояд;

13. Бо кормандон ва шаҳрвандон ҳалимона муносибат намояд;

14. Дар ҳолатҳои муайянкардаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маводи заруриро ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод мекунад.

## IV. САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ БАХШ

15. Оид ба рафти иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Шурои олимон, қарорҳои маҷлиси назоратии назди ректор ва дастуру фармоишҳои ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки ба зиммаи Бахш гузошта шудааст, назорат бурда, аз натиҷаи иҷрои онҳо ба раёсати кардрҳо ва корҳои махсус ва ба ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маълумотнома омода менамояд.

16. Фаъолияти худро дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва талаботи принсипи волоияти қонун дар соҳаи маориф амалӣ менамояд.

17. Қабул, коркарди саривақтии дипломҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо омода намуда, вогузор кардашуда, барои ба тасвиб расонидан ба раёсати донишгоҳ ирсол менамояд.

18. Иҷрои мунтазами супоришҳои раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ва ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро таъмин мекунад.

## V. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

19. Низомномаи мазкур бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ қатъ ва ё аз нав ташкил карда мешавад.

20. Дар мавриди азнавташкилёбӣ ва ё қатъ гардидани фаъолияти низомнома мувофиқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ректор Донишгоҳ ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ҳайати кормандон аз вазифа озодшуда кафолат дода мешавад.

## НИЗОМНОМАИ БАХШИ БОЙГОНӢ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи бахши бойгонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», «Дар бораи хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия шудааст.

2. Бахши бойгонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Бахш) сохтори таркибии донишгоҳ буда, барои амалӣ намудани вазифаҳо ё уҳдадориҳои худ дар доираи салоҳияте, ки «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва Низомномаи мазкур муқаррар кардааст, масъул мебошад ва дар фаъолияташ меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ ва фармоишҳои ректори донишгоҳро ба роҳбарӣ мегирад;

3. Ба Бахш мудир роҳбарӣ менамояд, ки дар фаъолияти худ бевосита ба сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус тобеъ мекунад;

4. Мудир бахшро роҳбари намуда, ҳуқуқ ва вазифаҳои ба зимааш гузошташударо амалӣ менамояд.

5. Мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

– бойгонии донишгоҳ, ки ҷамъоварӣ, баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии ҳуҷҷатҳои бойгониро ба амал мебарорад;

– ҳуҷҷати бойгонӣ ҳуҷҷати дорои моҳияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, новобаста ба шакли маълумот, инчунин, ҳуҷҷати дорои арзиши таърихӣ, илми, бадеӣ ва фарҳангӣ, ки нигоҳдорӣ карда мешавад;

– ёдгориҳои ҳуҷҷатии нодир ё махсусан арзишдори бойгонӣ, ки бо тартиби муқарраргардида ба гурӯҳи ёдгориҳои ҳуҷҷатӣ дохил карда шудааст;

– хазинаи бойгонӣ – маҷмуи ҳуҷҷатҳои бойгонии донишгоҳ мебошад;

– нигоҳдории муваққатии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ – нигоҳдории ҳуҷҷатҳои бойгонӣ то муҳлати нобудкунии онҳо, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда шудааст;

– нигоҳдории доимии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ – нигоҳдории бемуҳлат (доимӣ);

## II.ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ БАХШ

6. Мувофиқи ҷадвали корӣ дар сохтори бахш 3 нафар корманд фаъолият менамояд:

– мудир;

– архивариус;

– нозир.

7. Мудири бахш тамоми фаъолияти кории бахшро роҳбарӣ намуда, аз номи бахш баромад менамояд;

8. Сохтор ва воҳидҳои кори бахш бо пешниҳоди сардори раёсати кадрҳо ва корхои махсус аз ҷониби ректори донишгоҳ муқаррар ва тасдиқ карда мешавад;

9. Барои мудири бахш талаботи зерин муқаррар карда мешавад:

– таҳсилоти олии касбӣ соҳавӣ;

– 4 сол собиқаи умумии корӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

– донистани забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ;

– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои вазифавии мудири шуъбаро ба танзим медароранд;

– мавҷудияти дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

– мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

– на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;

– кор карда тавонистан бо компютер.

## II. ВАЗИФАҲОИ БАХШ

11. Бахш вазифадор аст:

– таъмин намудани нигоҳдории ҳуҷҷатҳо;

– интихоб ва баҳисобгирии ҳарсолаи ҳуҷҷатҳо барои нигоҳдорӣ ва нобудкунӣ;

– ба супоридан тайёр намудан ва ба нигоҳдории саридораи бойгонии давлатӣ супоридани парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ;

– дар раёсат, шуъба ва бахшҳои донишгоҳ якҷоя бо комиссияи санҷишӣ тартиби гузаронидани санҷиши арзиши ҳуҷҷатҳоро муқаррар менамояд;

– баъди ба анҷом расидани муҳлати нигоҳдории ҳуҷҷтҳои бойгонӣ барои нобудкунии онҳо, ки санадҳои меъёрии ҳукукӣ муқаррар карпдааст, ба раёсати донишгоҳ таклифу пешниҳодҳо намояд;

– дар бораи коргузорӣ ва кори бойгонӣ (дастурҳо, номенклатураи парвандаҳо, номгӯйҳо бо нишон додани муҳлатҳои нигоҳдории ҳуҷҷатҳо) дар кор карда баромадани ҳуҷҷатҳои нормативию методӣ иштирок мекунад;

– амрҳои шахси барои коргузорӣ масъул аз болои мувофиқи номенклатураи парвандаҳо дар коргузорӣ дуруст ташаккул додани ҳуҷҷатҳо назорат мекунад;

– ба сохторҳои таркибии донишгоҳ дар бобати ба расмият даровардани парвандаҳои ба бойгонӣ супоридашаванда кумаки методӣ мерасонад;

– тартиб додани номенклатураҳо ва ба расмият даровардани парвандаҳо;

– ҳуҷҷатҳои ба нигоҳдории давлатӣ супоридашаванда дар бахши бойгонии донишгоҳ дар давоми ______ сол нигоҳ дошта мешаванд. Либериалҳои оид ба ҳайати шахсӣ дар бахши бойгонии донишгоҳ дар давоми _____ сол нигоҳ дошта мешаванд;

– ҳуҷҷатҳои номбаршуда баъди гузаштани муҳлатҳо аз бахши бойгонии донишгоҳ ба бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида мешаванд;

– муҳлати нигоҳдории муваққатии ҳуҷҷатҳоро дар бахшҳои бойгонии донишгоҳ бо тартиби муқаррарнамудаи Низомномаи мазкур, бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти донишгоҳ муайян менамояд;

– ба собиқ кормандон ва собиқ хатмкунандаҳо дар бораи фаъолияти меҳнатиашон ва таҳсилашон дар Донишгоҳ дар асоси муроҷиати расмӣ маълумотнома пешниҳод намояд;

– дар сурати набудани корманд ба намояндаи қонуниаш аз ҷумла ба корманди собиқ, аз рӯи хоҳишаш дар бораи кор дар ҳамин ташкилот бо нишон додани ихтисос, дараҷаи касбӣ, вазифа (мансаб), вақти кор ва андозаи меҳнат маълумотнома диҳад.

## III. ҲУҚУҚҲОИ БАХШ

12. Ҳуқуқҳои бахш:

– тибқи ҷадвали тасдиқшуда аз сохторҳои донишгоҳ, супоридани парвандаҳои дар коргузорӣ ба охир расонидашударо талаб намояд;

– аз кормандони донишгоҳ маълумотҳои барои кори бойгонӣ зарурро пурсад;

– ба раёсат оид ба масъалаҳои беҳтар намудани нигоҳдорӣ, баҳисобгирӣ ва кор кардани ҳуҷҷатҳо таклифҳо пешниҳод намояд;

– ҳуқуқ дорад истифодаи ҳуҷҷатҳои нодирро бо мақсади таъмини бе осеб нигоҳ доштани онҳо маҳдуд созад ва нусхаҳои ин ҳуҷҷатҳоро барои истифода диҳад;

– ба шахсоне, ки ҳуҷҷати тасдиқгардидаро барои зарурати истифодаи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ надоранд, нусхаҳои онҳо дода мешаванд;

–аз сохторҳое, ки ба бойгони ҳуҷҷат пешниҳод менамоянд, ҳуҷҷатҳоро пурра омӯхта ҳуҷҷатҳои барои нигоҳдорӣ ҳатмиро дар асоси санад қабул намояд.

## IV. УҲДАДОРИҲОИ БАХШ

12. Бахш уҳдадор аст:

– бо мақсади ташаккул додан ва баҳисобгирии дурусти парвандаҳо, ки ҷустуҷӯи саривақтии ҳуҷҷатҳо аз рӯи мазмун ва намудҳояшон таъмин мекунад, охири ҳар сол дар шуъбаҳо номенклатураи парвандаҳо тартиб дода мешавад (Ин номенклатураро куратори шуъба тасдиқ мекунад). Масъулият барои дуруст тартиб додани номенклатура ва пешбурди корҳо аз рӯи он ба зиммаи мудирони шуъбаҳо мебошад;

– дар ин номенклатура парвандаҳо аз рӯи дараҷаи аҳамият ҷойгир карда мешаванд. Дар аввал нишон додани қарорҳо, фармонҳо, материалҳои оид ба банақшагирӣ, ҳисобот ва ғайра зарур аст;

– ба номенклатураи парвандаҳо бояд тамоми ҳуҷҷатҳо, ҳам ҳуҷҷатҳои дар Донишгоҳи миллӣ тайёршаванда ва ҳам аз берун гирифташаванда, аз ҷумла парвандаҳои нотамоммондаю гузарандаи соли пешин дохил карда мешаванд. Ба он дар давоми сол аз рӯи зарурат иловаҳо дохил карда шуданашон мумкин аст;

– номенклатураи умумии парвандаҳои донишгоҳӣ дар асоси номенклатураи парвандаҳои шуъбаҳо тартиб додашуда, дар бланкаи умумӣ чоп ва бо бойгонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ кунонида мешавад;

– дар интиҳои номенклатураи парвандаҳо, баъди ба охир расидани сол дар бобати шумораи парвандаҳои тартибдодашуда қайди хулосавӣ навишта мешавад.

## V. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

13. Низомномаи мазкур бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ қатъ ва ё аз нав ташкил карда мешавад.

14. Дар мавриди азнавташкилёбӣ ва ё қатъ гардидани фаъолияти низомнома мувофиқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ректор Донишгоҳ ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ҳайати кормандон аз вазифа озодшуда кафолат дода мешавад.

# НИЗОМНОМАИ ШУЪБАИ КАДРИ ДОНИШҶӮЁН

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи шуъбаи кадри донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», «Дар бораи хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия шудааст.

2. Шуъбаи кадри донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Шуъба) сохтори таркибии донишгоҳ буда, барои амалӣ намудани вазифаҳо ё уҳдадориҳои худ дар доираи салоҳияте, ки «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва Низомномаи мазкур муқаррар кардааст, масъул мебошад ва дар фаъолияташ меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ ва фармоишҳои ректори донишгоҳро ба роҳбарӣ мегирад;

3. Ба Шуъбаи кадри донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мудир роҳбарӣ менамояд, ки дар фаъолияти худ бевосита ба сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус тобеъ мекунад;

4. Мудир Шуъбаро роҳбари намуда, ҳуқуқ ва вазифаҳои ба зимааш гузошташударо амалӣ менамояд ва барои фаъолияти раёсат шахсан ҷавобгар аст.

5. Мафҳумҳои асосии зерин истифода мешавад:

– бойгонии донишгоҳ, ки ҷамъоварӣ, баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии ҳуҷҷатҳои бойгониро ба амал мебарорад;

– ҳуҷҷати бойгонӣ – ҳуҷҷати дорои моҳияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, новобаста ба шакли маълумот, инчунин, ҳуҷҷати дорои арзиши таърихӣ, илмӣ, бадеӣ ва фарҳангӣ, ки нигоҳдорӣ карда мешавад;

– ёдгориҳои ҳуҷҷатии нодир – ҳуҷҷати нодир ё махсусан арзишдори бойгонӣ, ки бо тартиби муқарраргардида ба гурӯҳи ёдгориҳои ҳуҷҷатӣ дохил карда шудааст;

– хазинаи бойгонӣ – маҷмуи ҳуҷҷатҳои бойгонии донишгоҳ мебошад;

– нигохдории муваққатии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ – нигоҳдории ҳуҷҷатҳои бойгонӣ то муҳлати нобудкунии онҳо, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда шудааст;

– нигоҳдории доимии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ – нигоҳдории бемуҳлат (доимӣ).

## II.ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

6. Мувофиқи ҷадвали корӣ дар сохтори шуъба 3 нафар корманд фаъолият менамоянд:

– мудир;

– архивариус;

– нозир.

7. Мудири Шуъба тамоми фаъолияти кории шуъбаро роҳбарӣ намуда, аз номи Шуъба баромад менамояд;

8. Сохтор ва воҳидҳои кори Шуъба бо пешниҳоди сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус аз ҷониби ректори донишгоҳ муқаррар ва тасдиқ карда мешавад;

9. Барои мудири Шуъба талаботи зерин муқаррар карда мешавад:

– таҳсилоти олии касбӣ соҳавӣ;

– 4 сол собиқаи умумии корӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

– донистани забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ;

– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои вазифавии мудири шуъбаро ба танзим медароранд;

– мавҷудияти дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

– мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

– на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;

– кор карда тавонистан бо компютер.

## III. ВАЗИФАҲОИ БАХШ

10. Шуъба вазифадор аст:

– таъмин намудани нигоҳдории ҳуҷҷатҳо;

– интихоб ва баҳисобгирии ҳарсолаи ҳуҷҷатҳо барои нигоҳдорӣ ва нобудкунӣ;

– ба супоридан тайёр намудан ва ба нигоҳдории давлатӣ супоридани парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ;

– дар раёсат, шуъба ва бахшҳои донишгоҳ якҷоя бо комиссяи санҷишӣ тартиби гузаронидани санҷиши арзиши ҳуҷҷатҳоро муқаррар менамояд;

– дар бораи коргузорӣ ва кори бойгонӣ (дастурҳо, номенклатураи парвандаҳо, номгӯйҳо бо нишон додани муҳлатҳои нигоҳдории ҳуҷҷатҳо) дар кор карда баромадани ҳуҷҷатҳои нормативию методӣ иштирок мекунад;

– амрҳои шахси барои коргузорӣ масъул аз болои мувофиқи номенклатураи парвандаҳо дар коргузорӣ дуруст ташаккул додани ҳуҷҷатҳо назорат мекунад;

– ба сохторҳои таркибии донишгоҳ дар бобати ба расмият даровардани парвандаҳои ба бойгонӣ супоридашаванда кумаки методӣ мерасонад;

– тартиб додани номенклатураҳо ва ба расмият даровардани парвандаҳо;

– ҳуҷҷатҳои ба нигоҳдории давлатӣ супоридашаванда дар бахши бойгонии донишгоҳ дар давоми ______ сол нигоҳ дошта мешаванд. Либериалҳои оид ба ҳайати шахсӣ дар бахши бойгонии донишгоҳ дар давоми _____ сол нигоҳ дошта мешаванд;

– ҳуҷҷатҳои номбаршуда баъди гузаштани муҳлатҳо аз бахши бойгонии донишгоҳ ба бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида мешаванд;

– муҳлати нигоҳдории муваққатии ҳуҷҷатҳоро дар бахшҳои бойгонии донишгоҳ бо тартиби муқаррарнамудаи Низомномаи мазкур, бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти донишгоҳ муайян менамояд.

## II. ҲУҚУҚҲОИ ШУЪБА

11. Ҳуқуқҳои шуъба:

– тибқи ҷадвали тасдиқшуда аз сохторҳои донишгоҳ, супоридани парвандаҳои дар коргузорӣ ба охир расонидашударо талаб намояд;

– аз кормандони донишгоҳ маълумотҳои барои кори бойгонӣ зарурро пурсад;

– ба раёсат оид ба масъалаҳои беҳтар намудани нигоҳдорӣ, баҳисобгирӣ ва кор кардани ҳуҷҷатҳо таклифҳо пешниҳод намояд;

## III. УҲДАДОРИҲОИ ШУЪБА

12. Шуъба уҳдадор аст:

– бо мақсади ташаккул додан ва баҳисобгирии дурусти парвандаҳо, ки ҷустуҷӯи саривактии ҳуҷҷатҳоро аз рӯи мазмун ва намудҳояшон таъмин мекунад, охири ҳар сол дар шуъбаҳо номенклатураи парвандаҳо тартиб дода мешавад;

– дар ин номенклатура парвандаҳо аз рӯи дараҷаи аҳамият ҷойгир карда мешаванд. Дар аввал нишон додани қарорҳо, фармонҳо, материалҳои оид ба банақшагирӣ, ҳисобот ва ғайра зарур аст;

– ба номенклатураи парвандаҳо бояд тамоми ҳуҷҷатҳо, ҳам ҳуҷҷатҳои дар Донишгоҳи миллӣ тайёршаванда ва ҳам аз берун гирифташаванда, аз ҷумла парвандаҳои нотамоммондаю гузарандаи соли пешин дохил карда мешаванд. Ба он дар давоми сол аз рӯи зарурат иловаҳо дохил карда шуданашон мумкин аст;

– номенклатураи умумии парвандаҳои донишгоҳи дар асоси номенклатураи парвандаҳои шуъбаҳо тартиб додашуда, дар бланкаи умумӣ чоп ва бо бойгонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ кунонида мешавад;

– дар интиҳои номенклатураи парвандаҳо, баъди ба охир расидани сол дар бобати шумораи парвандаҳои тартибдодашуда қайди хулосавӣ навишта мешавад.

## VI. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

13. Низомномаи мазкур бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ қатъ ва ё аз нав ташкил карда мешавад.

14. Дар мавриди азнавташкилёбӣ ва ё қатъ гардидани фаъолияти низомнома мувофиқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ректор Донишгоҳ ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ҳайати кормандон аз вазифа озодшуда кафолат дода мешавад.

## НИЗОМНОМАИ
## БАХШИ ХАРИДИ ДАВЛАТИИ МОЛ, КОР ВА ХИЗМАТРАСОНӢ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи бахши хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ (минбаъд Низомнома) санади дохилӣ донишгоҳи буда, мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда таҳия шуда, вазъи ҳуқуқӣ, уҳдадорӣ, вазифа ва функсияҳои асосии Бахши хариди давлатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Донишгоҳ)-ро танзим менамояд.

2. Сохтори Бахш бо ҷадвали штатии Донишгоҳ муқаррар ва бо фармоиши ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

3. Ба Бахш мудир роҳбарӣ менамояд, ки дар фаъолияти худ бевосита ба муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт тобеъ мебошад.

4. Бахш, тибқи рӯйхати мансабҳои тасдиқшуда, аз сохтори асосии зерин иборат мебошад:

– мудири Бахши хариди давлатӣ;

– мутахассиси Бахши хариди давлатӣ.

## III. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ БАХШ

5. Мақсади асосии Бахш аз инҳо иборат аст:

– ёрӣ ба таъмини сарфакорӣ ва самарабахшии харид;

– таъмини шаффофият ва беғаразии расмиёти харид;

– рушди рақобат байни молрасонҳо (пудратчиён);

– хисоботдиҳӣ дар назди Донишгоҳ оид ба харид;

6.Бахш дар фаъолияти худ дорои вазифаҳои зерин мебошад:

– таъмини риояи расмиёти харид, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ ва Низомномаи мазкур муқаррар намудааст;

– таҳияи барномаи ҳарсолаи хароҷоти ба мақсади харид пешбинишуда;

– таҳияи нақшаи алоҳидаи ҳар як харид;

– таҳлили ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки аз ҷониби молрасонҳо вобаста ба расмиёти харид ва бастани қарордодҳо пешниҳод шудаанд;

– таъмини ҷамъоварӣ ва нигоҳдошти ҳамаи ҳуҷҷатҳои марбут барасмиёти харид дар давоми се сол;

– таҳияи ҳисоботи семоҳа, шашмоҳа, нуҳмоҳа ва солона дар бораи расмиёти хариди иҷрошуда ва тибқи тартиби муқарраргардида ба роҳбари ташкилоти харидор ва мақомоти ваколатдор пешниҳод намудани он;

– интихоби усули харид;

– таҳияи ҳуҷҷатҳои вобаста ба расмиёти харид;

– расонидани кумак ба кори комиссияи тендерӣ;

– ҷамъбаст ва таҳлили натиҷаи расмиёти хариди гузаронидашуда;

– нашр намудани маълумот доир ба натиҷаҳои расмиёти харид;

– амалӣ намудани дигар вазифаҳои ба расмиёти харид алоқаманд.

## III. ВАКОЛАТ ВА УҲДАДОРИҲОИ БАХШ

**7.** Бахш дар фаъолияти худ дорои ваколат ва уҳдадориҳои зерин мебошад:

– гузаронидани таҳлил оид ба банақшагирии дақиқи талабот ба мол, кор ва хизматрасонӣ дар Донишгоҳ;

– гузаронидани таҳлили бозори мол, кор ва хизматрасонӣ;

– амалҳое, ки барои ноил гаштан ба сатҳи матлуби рақобат миёни молрасонҳои (пудратчиёни) эҳтимолӣ равона гаштаанд;

– назорати дурусти нархҳо;

– назорати истифодаи дуруст ва самараноки мол, кор ва хизматрасонӣ;

– барои иштирокчиён имконияти амалӣ намудани ҳуқуқҳои онҳоро, ки дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартҳои тендерӣ пешбинӣ шудаанд, таъмин созад.

– дар доираи салоҳияти худ таъмини ҳамкории кормандони Бахш бо воҳидҳои сохтори Донишгоҳ;

– лоиҳаи санадҳои меъёрӣ – локалии Донишгоҳро, ки ба фаъолияти Бахш дахл доранд, мавриди баррасӣ қарор дода, хулосаи дахлдори худро ба роҳбарият пешниҳод намояд;

– ҳуҷҷатҳои дигар воҳидҳои сохтори Донишгоҳро аз ҷониби муассисаву ташкилотҳои давлатӣ, ки барои мувофиқа ба Бахш пешниҳод мешаванд, баррасӣ намуда, таклифу пешниҳод ё хулосаи дахлдори худро пешниҳод намояд;

– дар конфронсу семинарҳо ва мизҳои мудаввар марбут ба соҳаи фаъолияти Бахш дар дохил ва хориҷи кишвар бо дастури Роҳбарият иштирок намояд;

– иҷрои дигар супоришҳои роҳбарияти Донишгоҳро таъмин намояд.

## IV. УҲДАДОРИҲОИ БАХШ

– вазифа, мақсад, уҳдадорӣ ва дигар муқаррароте, ки дар Низомномаи мазкур пешбинӣ шудаанд ва иҷроиши онҳо аз Бахш вобастагӣ доранд, дар доираи талаботҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, сари вақт ва босифат иҷро намоянд;

– таҳлили бозори маҳсулоти харидшавандаро дар мавриди тартиб додани нақшаи солонаи харид гузаронад;

– лоиҳаи нақшаи солонаи хариди мол, кор ва хизматрасониро таҳия намуда, барои тасдиқ ба роҳбарияти Донишгоҳ пешниҳод намояд;

– дар хусуси ҳар гуна ҳолатҳое, ки метавонанд ба натиҷаҳои манфӣ барои Донишгоҳ оварда расонанд, фавран ба ректор гузориш диҳад;

– ҳисоботи семоҳа, шашмоҳа, нуҳмоҳа ва солонаи расмиёти хариди баргузорнамударо таҳия намуда, ба ректор ва мақоми ваколатдори давлатӣ пешниҳод намояд;

## V. ҲУҚУҚҲОИ БАХШ

9. Бахш бо мақсади татбиқи ваколатҳои бо ҳамин Низомнома пешбинишуда ҳуқуқҳои зеринро доро мебошад:

– бо воҳидҳои сохтории Донишгоҳ мукотиба намуда, аз рӯи масъалаҳои ба салоҳияти Бахш дахлдошта, маълумот ва иттилооти зарурӣро ҷамъоварӣ намояд;

– масъалаҳои ба салоҳияти Бахш дахлдоштаро барои баррасии роҳбарият пешниҳод намояд;

– дар ҷаласаю машваратҳои Донишгоҳ иштирок менамояд;

– дархостҳои хариди мол, кор ва хизматрасонии нодуруст ва нопурра пешниҳодшударо ба раёсат ё шуъбаи дахлдор баргардонад;

– дар ҳолати тавзеҳ ё тағйир додани ҳуҷҷатҳои озмун, муҳлати пешниҳоди дархост барои иштирок дар озмунро на камтар аз 7 рӯз аз рӯзи ба довталаб додани тавзеҳот ё тағйирот тамдид намояд;

– дар доираи талаботҳои муқарраршуда, ба иштирокчиёни расмиёти харид вобоста ба молҳои харидашаванда, кору хизматрасонӣ, шартҳои таҳвил ва иҷро талабот муқаррар намояд ва ҳуҷҷатҳои зарурӣеро, ки мувофиқат ба ин талаботро тасдиқ мекунанд, муайян созад;

– рӯйхати молрасонҳо (пудратчиён) – еро, ки қарордодҳои басташударо бомуваффақият иҷро намудаанд, ҳамчунин, рӯйхати молрасонҳое, ки уҳдадориро вайрон намудаанд, нашр намояд ва дар ин маврид мустақилона назорат барад, ки интишори иттилооти мазкур хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон набошад;

## VI. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ БАХШ

10. Бахшро Мудир роҳбарӣ мекунад, ки бевосита ба муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт тобеъ мебошад ва бо пешниҳоди ӯ аз ҷониби Ректор ба вазифа таъин ва аз кор озод карда мешавад.

11. Ҳама масъалаҳои вобаста ба раванди хариди мол, кор, хизматрасонӣ ва таҳияи қарордодҳо аз тарафи Бахш амалӣ карда мешаванд, ба истиснои хариде, ки амали кардани он ҳамчун сирри давлатӣ эътироф шудааст.

## I. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

12. Ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур бо тартиби муқарраршуда, инчунин, қатъ намудани фаъолияти он аз ҷониби роҳбарияти Донишгоҳ амалӣ мегардад.

13. Низомномаи мазкур аз лаҳзаи тасдиқ шуданаш он аз ҷониби роҳбарияти Донишгоҳ мавриди амал қарор мегирад.

# НИЗОМНОМАИ ШУЪБАИ ХОБГОҲҲО

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМИ

1. Низомномаи шуъбаи хобгоҳҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», "Низомномаӣ дар бораи хобгоҳҳои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қоидаҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон", «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия шудааст.

2. Шуъбаи хобгоҳҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд шуъба) ҳамчун сохтори таркибии Донишгоҳ ба ҳисоб рафта, дар таъмин намудани донишҷӯён (бакалавр, магистр, доктори фалсафа (Ph.D)) ва устодону кормандон ба хобгоҳҳои Донишгоҳ масъул аст;

3. Шуъба дар ҷобаҷогузории донишҷӯён (бакалавр, магистр, доктори фалсафа (Ph.D)) ва устодону кормандони ба хобгоҳ эҳтиёҷдошта, дар мувофиқа бо сардори раёсати маъмурию хоҷагӣ, муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт, ректор ва Иттифоқи касабаи донишҷӯён, амалӣ гардонида мешавад;

4. Шуъба дар таъмини тартибу низом ва тарбияи ахлоқию эстетикии истиқоматкунандагони хобгоҳ бо муовини ректор оид ба тарбия ҳамкорӣ намуда, дар назди Раёсати Донишгоҳ ҳисоботдиҳанда мебошад;

5. Шуъба дар ҳамкорӣ бо муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт, барои баланд бардоштани ҳолати иҷтимоӣ ва фароғатии истиқоматкунандагони хобгоҳ вазифадор аст;

6. Шуъба дар гузаронидани чорабиниҳои донишгоҳӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ дар хобгоҳҳо саҳм мегузорад.

## II. ҲУҚУҚ ВА УХДАДОРИҲОИ ШУЪБА

7. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои илмию корҳои тарбиявӣ дар байни истиқоматкунандагони хобгоҳ;

8. Гузаронидани воҳӯриҳо бо собиқадорони меҳнат ва фаъолони ҷомеа;

9. Назорат оид ба тартибу низом, ҳолати санитарӣ дар ҳамкорӣ бо шахсони масъул;

10. Ташкил кардани чорабиниҳо бахшида ба рӯзи «Истиқлолият», «Ваҳдати миллӣ», „Рузи конститутсия", иди «Наврӯз» ва

дигар ҷашнҳо.

## VI. ВАЗИФАҲОИ РОҲБАРИ ШУЪБА

11. Назорати ҷиддӣ оид ба фаъолияти роҳбарони хобгоҳҳо.

12. Расонидани ёрии амалӣ ба ҳуҷҷатгузорӣ дар хобгоҳҳо.

13. Иштирок дар интихоби Шурои донишҷӯён ва сардорони ҳуҷраҳо.

14. Моҳе як маротиба гузаронидани ҷамъомади умумӣ дар хобгоҳҳо.

15. Гузаронидани маҳфилҳои илмӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ бо донишҷӯёни хобгоҳҳо.

16. Ташкил намудани озмун дар байни хобгоҳҳои донишгоҳӣ ва дигар хобгоҳҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

17. Муташаккилона гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ барои аъзо намудани истиқоматкунандагон ба китобхонаҳои хобгоҳҳо.

18. Ташкил намудани вохӯрию суҳбатҳо бо олимони шинохта, шоирону нависандагон ва дигар ашхоси шинохтаи ҷумҳурӣ.

19. Дар ҳолатҳои зарурӣ расонидани ёрии амалӣ ба истиқоматкунандагони хобгоҳҳо.

20. Мунтазам гузаронидани суҳбатҳо оид ба сарфакорона истифода бурдани барқ, газ ва дигар ашёҳои лозимӣ.

21. Ташкил намудани мусобиқаҳои варзишӣ ва фарҳангӣ дар ҳамкорӣ бо Созмони ҷавонони Донишгоҳ.

22. Ташкил намудани робитаи доимӣ бо факултетҳо ва муовинони декан оид ба тарбия.

## VII. ИДОРАИ ШУЪБА

23. Мудири шуъба дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт бо фармоиши ректори Донишгоҳ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

24. Мудири шуъба шахсе шуда метавонад, ки дорои маълумоти олӣ ва қобилияти эҷодкориву ташабускорӣ буда, на кам аз панҷ сол собиқаи кори педагогӣ дошта бошад.

25. Сармутахассиси шуъба бо пешниҳоди мудири шуъба, бо фармоиши ректор ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

26. Сармутахассиси шуъба шахсе шуда метавонад, ки дорои маълумоти олӣ ва қобилияти эҷодкориву ташаббускорӣ буда, на кам аз се сол собиқаи кори педагогӣ дошт, бо шогирдон ҳамкорӣ карда тавонад.

## VIII. РОБИТАҲОИ ДОХИЛӢ

27. Шуъба дар ҳамкорӣ бо Иттифоқи касабаи устодону кормандон ва

донишҷӯён инчунин, бо Созмони ҷавонон фаъолият мекунад;

28. Шуъба ҳуқуқи назоратиро нисбати фаъолияти сардорони хобгоҳҳо дорост;

29. Дар таъмини шароитҳои маишиву фароғатӣ бо муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт ҳамкорӣ мекунад;

30. Бо муовинҳои деканҳои факултетҳо дар гузаронидани ҷашну маросимҳо ҳамкорӣ менамояд;

31. Оид ба гузаронидани корҳои тарбиявӣ дар ҳамкорӣ бо кормандони раёсати тарбия бо тамоми сохторҳои умумихобгоҳӣ ва истиқоматкунандагони хобгоҳ масъул аст.

## IX. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

32. Низомномаи мазкур бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ қатъ ва ё аз нав ташкил карда мешавад.

33. Дар мавриди азнавташкилёбӣ ва ё қатъ гардидани фаъолияти низомнома мувофиқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ректор Донишгоҳ ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ҳайати кормандон аз вазифа озодшуда кафолат дода мешавад.

# НИЗОМНОМАИ
# ХОБГОҲИ ҶУМҲУРИЯВИИ ДОКТОРАНТОНИ НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## I.МУҚАРРАРОТИ УМУМИ

1. Низомномаи хобгоҳи ҷумҳуриявии докторантони назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) қисми таркибии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Донишгоҳ) буда зери тобеияти пурра ва қатъии он мебошад.

2. Хобгоҳи ҷумҳуриявии докторантони назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд хобгоҳ) ташкилоти худ маблағгузор буда, фаъолияташ дар асоси шароити нави иқтисодӣ ба роҳ монда мешавад. Барои зист дар хобгоҳ маблағи муайяни накдӣ пардохт мешавад.

3. Маблағи пардохти зист мувофиқи қарори Шурои олимони донишгоҳ ба хазинаи Донишгоҳ супорида мешавад.

4. Сарфи маблағ барои боздошти вазъи маишӣ ва нигаҳдории хобгоҳ дар асоси харҷнома ба роҳ монда мешавад.

5. Хобгоҳ барои зист танҳо докторантони шуъбаи рӯзонаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмию таҳқиқотӣ, ки ба ҷои хоб муҳтоҷанд, пешбинӣ шудааст.

6. Барои тартиб додани санадҳо, маълумотҳо, баҳисобгирии амволи дохилӣ, ҳисобдиҳӣ ва дигар амалиётҳо хобгоҳ ҳақ дорад мухр ва штампи худро дошта бошад.

7. Мутобиқи талаботи моддаи 85 – и Кодекси Манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон майдони истиқоматӣ дар хобгоҳи ҷумҳуриявии докторантони дар давраи таҳсил дода мешавад. Дар асоси қарори додани ҷои зист дар хобгоҳ ба докторантон барои банд кардани ҳуҷра ба муҳлати як сол дода мешавад.

8. Таъмин намудан бо хобгоҳ дар асоси аризаи хоҳишмандон ба унвони ректори Донишгоҳ (докторантони шуъбаи рӯзона) ва мактуби расмии муассисаҳои илмию таълимии дигар бо иҷозати муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт сурат мегирад.

9. Ҷобаҷогузории докторантон дар хобгоҳ мувофиқи «Низомнома» – и мазкур бо риояи меъёрҳои санитарӣ ба амал бароварда мешавад.

10. Барои фаъолияти кормандони хоҷагии хобгоҳ ҳуҷраи алоҳида ҷудо карда мешавад, ки масоҳати он аз ҷониби раёсат муайян карда мешавад.

11. Дар хобгоҳи докторантон ҷойгир намудани шахсони бегона, хусусан кормандон бо оилаашон қатъиян манъ аст.

12. Тартиботи дохилии хобгоҳ аз рӯи «Қоидаҳои умумии дохили хобгоҳ» ба роҳ монда мешавад.

13. Баҳисобгирии докторантон, ҷобаҷогузории онҳо дар хобгоҳ ва тамоми дигар маълумотҳо аз ҷониби коменданти хобгоҳ ва шиносномачӣ бурда мешавад ва аснои талаб намудан ба раёсати Донишгоҳ ё дигар ташкилотҳои лозима пешниҳод карда мешавад.

## II. ИДОРАКУНИИ МАЪМУРИЯТИИ ХОБГОҲ

14. Идоракунии хобгоҳ аз ҷониби муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт ва раиси шуъбаи хобгоҳҳо, ки бо фармоиши ректори донишгоҳ таъин мегардад, ба роҳ монда мешавад.

15. Фаъолияти коменданти хобгоҳ дар асосӣ «Дастури кории коменданти хобгоҳи донишгоҳ», ки аз ҷониби раёсати донишгоҳ тасдиқ карда шудааст, ба роҳ монда мешавад.

16. Маъмурияти донишгоҳ вазифадор аст:

– барои мувофиқ ба меъёрҳо ва талаботҳои санитарӣ таҷҳизонидану нигоҳ доштани хобгоҳ мусоидат менамояд.

– хобгоҳро бо мебел, анҷомҳои хоб ва дигар ашёи таҷҳизотҳои пешбинишуда таъмин менамояд.

– хобгоҳро бо таҷҳизот ва лавозимотҳои зидди сӯхтор таъмин менамояд.

– таъмини саривақтии маблағро барои нигоҳдошти хобгоҳ ва гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ, маданӣ – маърифатӣ ва варзишӣ ба роҳ монад;

– сари вақт гузаронидани таъмири асбобу таҷҳизот, ҳуҷраҳо ва бинои хобгоҳро таъмин намояд;

– барои мувофиқи талаботи мавҷуда дар таъмин намудани шароити маишиву коммуналии бошандагони хобгоҳ мусоидат намояд;

– ҳайати кормандони хобгоҳро мувофиқи штатҳои тасдиқшуда ба кор таъмин намояд.

– барои сари вақт бартараф намудани камбудиҳои дар хобгоҳ баамаломада мусоидат намояд.

17. Коменданти хобгоҳ уҳдадор аст:

– докторантонро ба хобгоҳ танҳо дар асоси ордер ва рухсатномаи аз ҷониби муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт додашуда бо хобгоҳ таъмин намояд:

– нисбати истиқоматкунандагони хобгоҳ ба ҷойҳои лозима маълумотнома пешниҳод намояд:

– тозагии дохилӣ хобгоҳ ва гирду атрофи онро таъмин намояд;

– иҷрои қоидаҳои низоми дохилии хобгоҳро таъмин намояд;

– иҷроиши талаботҳои ТБ ва қоидаҳои зидди сӯхторро таъмин намояд;

– бошандагони хобгоҳро бо асбобу анҷомҳои лозима (кати хоб, ҷиҳози хоб, ва ғайра) мувофиқи меъёрҳои қабулшуда таъмин намояд;

– равшании ҳуҷраҳо ва ҷойҳои истифодаи умумӣ, гармии ҳуҷраҳо (ҳарорат на кам аз $18^0$ С)-ро таъмин намояд;

– хобгоҳро бо лавозимоте, ки барои тозагии дохилу атрофи он лозиманд (ҷоруб, латта, собун ва ғайра) мунтазам таъмин намояд;

– кори мунтаззами дарбон ва посбонҳоро таъмин намояд;

– ба муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт ва маъмурияти донишгоҳ дар бораи бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта ва беҳтар намудани вазъи маишӣ ва санитарии хобгоҳ дархосту пешниҳодҳо ирсол намояд;

Мувофиқи тартиботи ҷорӣ, масъалаву муноқишаҳои байни истиқоматкунандагони хобгоҳ ва коркунони хизматии онбаамал омадаро ҳал намояд;

## III. ТАШКИЛОТҲОИ ХУДФАЪОЛИЯТИ ҶАМЪИЯТИИ ХОБГОҲ

18. Дар хобгоҳ аз ҳисоби истиқоматкунандагон, Шурои докторантони хобгоҳ ташкил карда мешавад.

19. Аъзои Шурои докторантони хобгоҳ дар маҷлиси умумии истиқоматкунандагони хобгоҳ интихоб карда мешавад.

20. Раиси Шурои докторантони хобгоҳ дар маҷлиси умумии истиқоматкунандагони хобгоҳ бо иштироки муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт интихоб карда мешавад.

21. Раиси Шурои докторантон навбатдории аъзои Шуроро дар хобгоҳ ба роҳ мемонад ва назорат менамояд;

22. Иҷрои қарорҳои Шурои докторантони хобгоҳ барои ҳамаи сокинони хобгоҳ ҳатмӣ мебошад.

## IV. ҶОЙГИРКУНОНИ ДАР ХОБГОҲ ВА ТАҶҲИЗОНИДАНИ ОН

23. Хобгоҳ ба докторантон мувофиқи қарори ректори донишгоҳ дар мувофиқа бо шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода мешавад ва ба ҳар

докторант ордер ва рухсатномаи махсус бо нишон додани муҳлати муайяни зист дар хобгоҳ дода мешавад;

24. Истиқоматкунандагони хобгоҳ барои истифодаи шахсӣ ва умумӣ мувофиқи меъёрҳои қабулшуда ашёву таҷҳизотҳо дода мешавад.

25. Дар хобгоҳ ҳуҷҷатҳои алоҳида барои либосшӯӣ, хӯроктайёркунӣ, анҷомхона, ҳуҷраҳои корӣ, ҷойи шустушӯ (душ), толори умумӣ, ҳуҷраи маишӣ, ҳоҷатхона ҷудо карда шудааст.

26. Ҳуҷраҳои истиқоматӣ бояд бо ҳамаи таҷҳизоте, ки барои истиқомат ва дарстайёркунии лозиманд, ҷиҳозонида мешавад.

27. Ҳуҷраҳои хӯроктайёркунӣ бояд бо таҷҳизотҳои зерин муҷаҳҳаз бошад:

– плита;

– стол (мизи калон);

– курсиҳо;

– ташноб;

– ахлотқуттӣ;

28. Ҳуҷраи либосшӯӣ бо таҷҳизотҳои зерин муҷаҳҳаз бошад:

– оби гарму хунук;

– баки обкашонӣ;

– тағора;

– хушкунак, дарзмол;

– мизи дарзмолкунӣ.

29. Анҷомхона бояд бо рафҳои махсус, стелажҳо, овезакҳо ҷиҳозонида шавад;

## V. ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР ХОБГОҲ

30. Хизматрасони ба докторантон ҳиссаи ташабусскорӣ ва мустақилиятро талқин менамояд, онҳоро ба тозакориву ботартиб ҷалб менамояд, дар онҳо ҳисси масъулият нисбат ба иҷрои уҳдадориҳо, ғамхорӣ нисбат ба коллективро бедор месозад, дар тарбияи мадании онҳо роли калон мебозад.

31. Корҳои хизматрасониро дар хобгоҳ, Шурои докторантон ташкил ва назорат мекунад.

32. Корҳои хизматрасонӣ аз инҳо иборат мебошад:

– тоза нигоҳ доштани ҳуҷраи худ;

– тоза нигоҳ доштани ҷойҳои истифодаи умумӣ;

– тоза нигоҳ доштани саҳну атрофи хобгоҳ;

– гузаронидани рӯзҳои тозагӣ ва санитарӣ;

– гузаронидани ҳашару шанбегиҳо;

– омодасозии хобгоҳ барои гузаронидани чорабиниҳои гуногуни сиёсӣ, маданӣ ва варзишӣ;

– ташкил намудании навбатдорӣ дар ҷойҳои истифодаи умумӣ ва ошёнаҳо.

## VI. КИТОБИ ҚАЙДҲО ДАР ХОБГОҲ

33. Дар хобгоҳ бояд китоби дархосту шикоят ва пешниҳодҳо мавҷуд бошад. Ин китоб дар назди коменданти ё дарбонҳо нигоҳ дошта мешавад ва бо талаботи дархосткунанда барои гузаронидани қайдҳо пешниҳод карда мешавад.

34. Дар хобгоҳ китоби қайди устодони навбатдор ва шахсони дигари тафтишкунанда ташкил карда мешавад. Ин китоб дар назди коменданти хобгоҳ нигоҳ дошта мешавад, баъди анҷоми соли хониш китоби мазкур барои нигоҳ доштан ба бойгонии донишгоҳ супорида мешавад.

35. Дар хобгоҳ аз тарафи коменданти хобгоҳ дар мувофиқа бо Шуъбаи амният ва бехатарӣ китоби қайдҳои дарбонҳо ташкил карда мешавад.

## VII. ТАРТИБИ ХОРИҶ НАМУДАН АЗ ХОБГОҲ

36. Аз хобгоҳ баровардани истиқоматкунандагони он бо қарорри раёсати донишгоҳ баъди анҷом ёфтани муҳлати таҳсил мувофиқи тартиботи хориҷшавӣ ба амал бароварда мешавад.

37. Хобгоҳ ба докторантон барои як соли хониш дода мешавад.

## VIII. ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФАҲОИ ИСТИҚОМАТКУНАНДАГОНИ ХОБГОҲ

38. Докторантоне, ки дар хобгоҳ истиқомат мекунанд, ҳуқуқ доранд:

– аз таҷҳизотҳои дар хобгоҳ буда истифода намоянд;

– аз ҳуҷраҳои маишии дар хобгоҳ мавҷуда истифода баранд;

– аз шароити коммуналӣ – маишии дар хобгоҳ муҳайёбуда истифода баранд;

– барои иваз намудани таҷҳизоти фарсудашуда талабот пешниҳод намоянд;

– барои бартараф намудани камбудихои баамаломада ва беҳтар сохтани аҳволи маишии худ талабот пешниҳод намояд;

– дар интихоби аъзои Шурои докторантон иштирок намоянд ё худ ба узвият қабул карда шаванд;

– дар чорабиниҳои умумии маданӣ, фароғатӣ ва варзишӣ иштирок намоянд;

– корҳои ташаббускорӣ, аз қабили ороиши хонаҳо, роҳравҳо ва толорҳо зоҳир намудан иҷозат дода мешавад.

– дар муҳокимаи масъалаҳои пешниҳодшуда иштирок намоянд ва пешниҳодҳои худро баён созанд;

39.Докторантоне, ки дар хобгоҳ истиқомат мекунанд уҳдадоранд:

– қоидаҳои низоми дохилиро риоя намоянд;

– бо ҷиҳозу таҷҳизотҳои дар хобгоҳ ва дар ихтиёрашон буда эҳтиёткорона муносибат намоянд;

– дар ҳуҷраҳои худ тозагиро нигоҳ доранд;

– дар ҷой истифодаи умум тозагӣ ва тартиботро нигоҳ доранд;

– қувваи барқ ва обро сарфакорона истифода баранд;

– анҷомҳои шахсии худро, ки барои истифодаи ҳаррӯзаашон лозим нест, ба анҷомхонаи хобгоҳ супоранд;

– ҳаққи зисти худро дар хобгоҳ сари вақт пардохт намоянд;

– зарари ба хобгоҳ расонидашударо мувофиқи тартиби ҷоришуда ҷуброн намоядн;

– қойдаҳои зидди сӯхторро риоя намоянд;

– бе иҷозати маъмурияти хобгоҳ таҷҳизотҳои иловагии барқиро истифода набаранд;

– ҳангоми аз хобгоҳ рафтан, ашёҳои дар ихтиёрашон бударо шахсан баргардонанд;

– ҳаққи ҳармоҳаи зистро сари вақт ба хазинаи донишгоҳ пардохт намоянд.

40. Доктoранте, ки дар хобгоҳ истиқомат доранд, ба чорабиниҳои умумии хобгоҳ оид ба тозакунӣ, кабудизоркунӣ дигар корҳои ҷамъиятӣ ҷалб карда мешаванд.

## IX. ҚОИДАҲОИ НИЗОМИ ДОХИЛӢ ДАР ХОБГОҲИ ҶУМҲУРИЯВИИ ДОКТОРАНТОН

41. Ҳуқуқи истифодаи хобгоҳ ба докторантон дар давоми таҳсилашон дода мешавад.

42. Ҷойгиркунии докторантон дар хобгоҳ аз рӯи ордер ва рухсатнома, ки аз ҷониби муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт дода мешавад, амалӣ мегардад.

43. Ҳангоми ба хобгоҳ таъмин намудан докторант уҳдадор аст:

Шахсан ба коменданти хобгоҳ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намояд:

а) ордер;

б) рухсатнома:

в) шиноснома.

44. Шахсони бо хобгоҳ таъминшуда барои дар қайд мондан аз ҷониби муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт, мудир шудири шуъбаи хобгоҳҳо (комендант)-и хобгоҳ пешниҳод карда мешаванд.

45. Докторантон пас аз ба итмом расондани муҳлати таҳсил ду ҳафта огоҳонида мешаванд:

46. Доктoранти дархобгоҳбуда аз ҷониби коменданти хобгоҳ дар асоси пешниҳоди раиси Шурои докторантон метавонад аз як ҳуҷра ба ҳуҷраи дигар гузаронида шавад.

47. Докторантон асбобу ҷиҳозҳои дар хобгоҳ буда ба докторантон барои истифодаи шахсӣ ва умумӣ аз ҷониби коменданти хобгоҳ бо гирифтани имзои шахсӣ ва пур кардани варақаи амвол дода мешавад.

48. Ҳар як докторант барои анҷоми гирифтааш шахсан ҷавобгар аст.

49. Аз хобгоҳ баровардани ҷиҳозу амволи шахсӣ танҳо бо иҷозати коменданти хобгоҳ сурат мегирад.

50. Докторантон асбобу анҷомҳои ба хобгоҳ овардаи худро дар дафтари дарбонҳо қайд мекунанд.

51. Докторантон барои ба хобгоҳ даромадан бо рухсатномаҳои махсуси суратдор, ки аз ҷониби бахши хобгоҳҳо дода мешавад, таъмин мегарданд.

52.Шахсони бегона ба хобгоҳ бо иҷозати комендант аз соати $9^{00}$ то $20^{00}$ роҳ дода мешаванд.

53.Баъди соати $22^{00}$ дар хобгоҳ бояд оромии мутлақ риоя карда шавад. Дар ин вақт бояд танҳо чароғи роҳравҳо ва ҷойҳои истифодаи фурӯзон бошад.

54. Ҳар гуна чорабиниҳои фарҳангӣ дар хобгоҳ ва мувофиқи нақшаи кори тарбиявии мурабии хобгоҳ, Шурои докторантон, ки бо муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳ мувофиқа карда шудааст, гузаронида мешаванд.

55. Докторанте, ки дар хобгоҳ истиқомат мекунад, уҳдадор аст:

– дарахту ниҳолҳои атрофии хобгоҳро поймол насозад;

– саҳн ва атрофии хобгоҳро ифлос насозанд;

– дар чорабиниҳои ҷамъияти фаъолона иштирок намоянд;

– асбобу анҷомҳои шахсии худро, ки мавриди истифодаи ҳаррӯза нестанд ба анҷомхонаҳои хобгоҳ супорад. Барои гум шудани асбобу маблағҳои носупорида маъумурияти хобгоҳ ҷавобгар нест.

– ҳангоми аз ҳуҷра охирин шуда баромадан чароғ ва дигар асбобҳои барқиро хомӯш намоянд. Дару тирезаҳоро маҳкам карда, калидро ба дарбон супорад.

– ҳангоми ворид шудан ба хобгоҳ ҳамаи талаботи дар боло зикршударо сари вақт иҷро намояд;

– ҳангоми аз хобгоҳ рафтан ва ё ба муддати тулони аз хобгоҳ баромадан комендант ё раиси Шурои докторантро ду рӯз пеш хабар созад, анҷомҳои хобгоҳро шахсан баргардонад.

– бо либос ва пойафзоли чиркин вориди хобгоҳ нашавад;

– қоидаҳои техники бехатари зидди сӯхторро риоя намояд ва ҳангоми сар задании сӯхтор мувофиқи талаботи он амал намояд;

– бо истиқоматкунандагони дигари хобгоҳ боэҳтиром бошанд;

– дар маҷлисҳои умумӣ иштирок намонд, қарорҳои дар он қабулшударо бечунучаро иҷро намояд;

– дар сурати ошкор намудани қоидавайронкунӣ аз ҷониби шахсони дигар, ҳатман ба раиси Шурои докторантон ё комендант хабар диҳад;

## XII. БА ИСТИҚОМАТКУНАНДАГОНИ ХОБГОҲ ҚАТЪИЯН МАНЪ АСТ

56.Амалҳои зерин дар хобгоҳ қатъиян манъ буда, барои содир кардани онҳо ҷазоҳо пешниҳод карда шудааст:

– бе иҷозат иваз намудани ҳуҷраи истиқоматӣ;

– худсарона аз як ҷой ба дигар ҷой кӯчонидани асбобу таҷҳизотҳои хобгоҳ;

– таъмир ва дигар кардани хатҳои интиқоли барқ таҷҳизотҳои барқии хобгоҳ;

– истифодаи асбобҳои иловагии барқӣ;

– дар деворҳо овезон намудани ҳар гуна плакату расмҳои манъшуда;

– шустан ва хушк намудани либос дар ҷойҳои истифодаи умумӣ;

– аз асбобҳои гармкунандаи барқӣ ва керасинӣ истифода бурдан дар дохили ҳуҷраи истиқоматӣ;

– ба худ овардан ва дар ҳуҷраҳои истиқомати нигоҳ доштани нӯшокиҳои спиртӣ ва маводҳои мадҳушкунанда;

– истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ дар хобгоҳ;

– дар ҳуҷраҳо нигоҳ доштани маводҳои тарканда ва оташангез;

– дар ҳуҷраҳо нигоҳ доштани ҳама гуна намуди ҳайвонот ва парандагон;

– бе иҷозати комендант овардани ҳар гуна таҷҳизоту асбобҳои зараровар ба хобгоҳ;

– бе зарурат аз хобгоҳ рафтан ба муддати ду ҳафта пай дар пай;

– муносибати дағалона ба коркунони хизматии хобгоҳ;

– баъди соати $23^{00}$ омадан ба хобгоҳ;

– манъ кардани шахсони бегона дар шаб;
– мағал намудан дар ҷойҳои истифодаи умумӣ;
– баланд намудани телевизор, радио, магнитафон ва ғ.;
– аз иштирок дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ саркашӣ намудан;
– ба ҳамхонаҳои худ ва бошандагони дигари хобгоҳ дағалона муносибат намудан.

## XIV. ПЕШБИНИИ ЧОРАҲО НИСБАТИ ҚОИДАВАЙРОНКУНИҲО

57. Маъмурияти донишгоҳ ҳақ дорад барои вайрон кардани тартиботи дохилӣ ва иҷро накардани ухдадориҳои ба зима гирифтааш нисбати истиқоматкунандагони хобгоҳ муҷозоти зеринро истифода намоянд:
– сарзаниш;
– танбеҳ;
– аз хобгоҳ хориҷ кардан.
58. Дар сурати расонидани зарари моддӣ ба таҷҳизоти асбоб ва ашёҳои хобгоҳ уҳдадоранд зарари расонидашударо пурра ҷуброн намоянд.
59. Шахсоне, ки сари вақт маблағи истиқоматро пардохт наменамоянд, аз ҳуқуқи истифодаи хобгоҳ маҳрум карда мешаванд.

## XV. РЕҶАИ ХОБГОҲ

60. Кушодашавии хобгоҳ – соати 06:00
61. Пӯшидашавии хобгоҳ – соати 22:00
62. Вақти хоб – аз соати 23:00

## XVI. ФАЪОЛИЯТИ «НИЗОМНОМА» – И МАЗКУР ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ АМАЛИ ОН

63. «Низомнома» – и мазкур дастури асосии кори хобгоҳи ҷумҳуриявии докторантони назди Донишгоҳ ба ҳисоб рафта, тамоми фаъолияти он мувофиқи талаботи ҳамин «Низомнома» ба роҳ монда мешавад.
64. «Низомнома» – и мазкур аз тарафи ректор қабул ва ба он тағйироту иловаҳо ворид карда мешавад.
65. Амали «Низомнома» дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:
– бо қарори Шурои олимони донишгоҳ;

– қабул намудани «Низомнома» – и нав.

# НИЗОМНОМАИ БАХШИ ТАЪМИНОТ

## I.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи бахши тахминоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2. Бахши таъминоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – бахш) ҳамчун воҳиди сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис дода шудааст;

3. Бахш фаъолияти худро дар ҳамкорӣ ба раёсат, марказ, шуъба ва бахшҳои дигари донишгоҳ ба роҳ мемонанд;

4. Дархосту супоришҳои ҷамъиятӣ, додани ахбор, маълумот ва ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии тасдиқшуда аз ҷониби мудири бахш танҳо дар мувофиқа бо ректори донишгоҳ сурат мегирад;

5. Ба вазифаи мудири бахш шахсе таъин карда мешавад, ки таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи кории на камтар аз 5 – сола дошта бошад.

## II.ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

6. Дар сохтори шуъба 2 нафар корманд фаъолият менамоянд:
– мудир;
– муҳосиб.

7. Мудири бахш тамоми фаъолияти кории бахшро роҳбарӣ намуда, аз номи бахш баромад менамояд;

8. Барои мудири бахш талаботи зерин муқаррар карда мешавад:
– таҳсилоти олии касбӣ иқтисодчӣ;
– 4 сол собиқаи умумии корӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– донистани забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои вазифавии мудири шуъбаро ба танзим медароранд;
– мавҷудияти дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои муассиса;

## III. ВАЗИФАҲО ВА ҲУҚУҚҲОИ БАХШ

9. Бахш ҳуқуқ дорад:

– аз мақомоти зерсохтор маводи зарурии ба масъалаҳои таъмини фаъолияти бахш тааллуқдоштаро дархост намояд:

– аз воҳидҳои сохтории донишгоҳ ва сохторҳои ҳудудии дахлдори он маълумот ва маводҳои барои иҷрои босифат ва саривақтии уҳдадориҳои вазифавӣ зарурро бо тартиби муқарраргардида гирад;

– дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯйи масъалаҳои ба уҳдадориҳои вазифаи ӯ дахлдошта иштирок намояд;

– маводи дар ихтиёри донишгоҳ қарордоштаро омӯзад;

– нақшаҳои солона ва семоҳаро тартиб дода, бо нақшаҳои дигар бахш мутобиқ созад.

## V. УҲДАДОРИҲОИ БАХШ

10. Бахш уҳдадор аст:

– роҳбариро оид ба дурустии қабули борҳо, нигоҳдорӣ ва гузоштани арзишҳои молӣ – масолеҳӣ дар анбори донишгоҳ амалӣ созад;

– ҷобаҷо гузории оқилонаи онҳоро дар биноҳо ва дар майдончаҳо ташкил намуда, аз рӯи иҷроиши реҷаи нигоҳдори назорат намояд;

– баҳисобгирии арзишҳои молӣ – масолеҳӣ ва риояи қоидаҳо ботартибандозӣ ва супоридани ҳамлу накди ҳуҷҷатҳои воридотию хароҷотиро таъмин созад;

– аз рӯи вазъи биноҳои анбор, таҷҳизот, асбобу анҷом назорат бурда таъмири саривақтии онҳоро таъмин месозад;

– сари вақт иҷро намудани тақсими маводҳои молӣ – масолеҳиро мутобиқ бо борхатҳо таъмин кунад;

– муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва сари вақт ҷавоб омода намояд;

## III. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМА ВА ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ БАХШ

11. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур аз тарафи Шурои олимони донишгоҳ ворид карда мешавад.

12. Фаъолияти бахш дар асоси қарори Шурои олимони донишгоҳ дар мувофиқа бо ректор қатъ ва ё аз нав ташкил карда мешавад.

13. Дар мавриди азнавташкилёбӣ ва ё қатъ гардидани фаъолияти бахш ҳуқуқу манфиатҳои ҳайати кормандони аз вазифа озодшудаи бахш ҳимоя карда мешавад.

## НИЗОМНОМАИ БАХШИ ҲИФЗИ МЕҲНАТ

## I.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи бахши ҳифзи меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2. Бахши ҳифзи меҳнати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Бахши) ҳамчун воҳиди сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис дода, фаъолияти худро дар ҳамкорӣ ба раёсат, марказ, шуъба ва бахшҳои дигари донишгоҳ ба роҳ мемонанд;

3. Дархосту супоришҳои ҷамъиятӣ, додани ахбор, маълумот ва ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии тасдиқшуда аз ҷониби мудири Шуъба танҳо дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт ва ректори донишгоҳ сурат мегирад;

4. Ба вазифаи сардори бахш шахсе таъин карда мешавад, ки таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи кории на камтар аз 5 – сола дошта бошад.

## II.ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ БАХШ

5. Дар сохтори Бахш 2 нафар корманд фаъолият менамоянд:

– мудир;

– мутахассис.

6. Сардори бахш тамоми фаъолияти кории бахшро роҳбарӣ намуда, аз номи Бахш баромад менамояд;

7. Барои сардори Баъхш талаботи зерин муқаррар карда мешавад:

– таҳсилоти олии касбӣ сохавӣ;

– 4 сол собиқаи умумии корӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

– донистани забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ;

– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои вазифавии мудири шуъбаро ба танзим медароранд;

– мавҷудияти дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

– мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои муассиса;

## III. ВАЗИФАҲО ВА ҲУҚУҚҲОИ БАХШ

8. Бахш ҳуқуқ дорад:

– аз мақомоти зерсохтор маводи зарурии ба масъалаҳои таъмини фаъолияти бахш тааллуқдоштаро дархост намояд:

– аз воҳидҳои сохтории донишгоҳ ва сохторҳои ҳудудии дахлдори он маълумот ва маводҳои барои иҷрои босифат ва сариваќтии уҳдадориҳои вазифавӣ зарурро бо тартиби муқарраргардида гирад;

– дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯйи масъалаҳои ба уҳдадориҳои вазифаи ӯ дахлдошта иштирок намояд;

– маводи дар ихтиёри донишгоҳ қарордоштаро омӯзад;

– нақшаҳои солона ва семоҳаро тартиб дода, бо нақшаҳои дигар бахш мутобиқ созад.

## V. УҲДАДОРИҲОИ БАХШ

9. Бахш уҳдадор аст:

– идоракунии давлатии ҳифзи меҳнатро анҷом дода фаъолияти донишгоҳро дар ин самт ҳамоҳанг созад;

– риояи қонунгузории оид ба меҳнат, қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатариро дар донишгоҳ анҷом диҳад;

– якҷоя бо сохторҳои донишгоҳ барномаҳо оид ба беҳдошти шароити меҳнат ва ҳифзи меҳнатро таҳия намояд;

– меъёрҳои бо либосҳои махсус ва дигар воситаҳои ҳифзи инфиродӣ таъмин намудани кормандони донишгоҳро тасдиқ кунад;

– назоратро аз рӯи ташкили таълим, дастурдиҳӣ, тафтиши донишҳо оид ба техникаи бехатарӣ, ҳифзи меҳнат ва бехатарии зидди сӯхтор дар байни кормандони роҳбарикунанда, ҳайати устодон ва кормандони роҳбарикунандаи муҳандисӣ – техникӣ, ҳайати хизматрасони донишгоҳ, инчунин, риояи талаботи бехатарии сӯхторро дар объектҳои Донишгоҳ аз ҷониби кормандон барад;

– ҷобаҷо гузории оқилонаи онҳоро дар биноҳо ва дар майдончаҳо ташкил намуда, аз рӯи иҷроиши реҷаи нигоҳдори назорат намояд;

– баҳисобгирии арзишҳои молӣ – масолеҳӣ ва риояи қоидаҳо ботартибандозӣ ва супоридани ҳамлу нақди ҳуҷҷатҳои воридотию хароҷотиро таъмин созад;

– аз рӯи вазъи биноҳои анбор, таҷҳизот, техникаи бехатарӣ назорат бурда, таъмири сари вақтии онҳоро таъмин месозад;

– мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва сари вақт ҷавоб омода намояд;

## IV. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМА ВА ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ БАХШ

10. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур аз тарафи Шурои олимони донишгоҳ ворид карда мешавад.

11. Фаъолияти бахш дар асоси қарори Шурои олимони донишгоҳ дар мувофиқа бо ректор қатъ ва ё аз нав ташкил карда мешавад.

12. Дар мавриди азнавташкилёбӣ ва ё қатъ гардидани фаъолияти бахш ҳуқуқу манфиатҳои ҳайати кормандони аз вазифа озодшудаи бахш ҳимоя карда мешавад.

# НИЗОМНОМАИ
# ШУЪБАИ МУДОФИАИ ШАҲРВАНДӢ

## I.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи шуъбаи мудофиаи шаҳрвандии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи мудофиаи гражданӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2. Шуъбаи мудофиаи шаҳрвандии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Шуъба) ҳамчун воҳиди сохтори Донишгоҳ таъсис дода шудааст;

3. Шуъба фаъолияти худро дар ҳамкорӣ ба раёсат, марказ, шуъба ва бахшҳои дигари донишгоҳ ба роҳ мемонад;

4. Дархосту супоришҳои ҷамъиятӣ, додани ахбор, маълумот ва ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии тасдиқшуда аз ҷониби мудири бахш танҳо дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт сурат мегирад;

5. Ба вазифаи мудири Шуъба шахсе таъин карда мешавад, ки таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи кории на камтар аз 5 – сола дошта бошад.

## II.ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

6. Дар сохтори Шуъба 3 нафар корманд фаъолият менамоянд:

– мудир;

– сармутахассис;

– мутахассис.

7. Мудири Шуъба тамоми фаъолияти кории Шуъбаро роҳбарӣ намуда, аз номи Шуъба баромад менамояд;

8. Барои мудири Шуъба талаботи зерин муқаррар карда мешавад:

– таҳсилоти олии касбии соҳавӣ;

– 4 сол собиқаи умумии корӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

– донистани забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ;

– доштани донишу малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

– доштани малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои муассиса.

## III. ВАЗИФАҲО ВА ҲУҚУҚҲОИ ШУЪБА

9. Шуъба ҳуқуқ дорад:

– дар иҷрои чорабиниҳои мудофиаи граждани иштирок намуда, талаботи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар ин соҳа иҷро намоянд;

– воситаҳои ҳифз аз хатарҳоеро, ки ҳангоми сар задан ва рафти амалиётҳои ҷангӣ ба вуқуъ меоянд, омӯзад;

– аз мақомоти зерсохтор маводи зарурии ба масъалаҳои таъмини фаъолияти Шуъба тааллуқдоштаро дархост намояд:

– аз воҳидҳои сохтории донишгоҳ ва сохторҳои ҳудудии дахлдори он маълумот ва маводҳои барои иҷрои босифат ва саривақтии уҳдадориҳои вазифавӣ зарурро бо тартиби муқарраргардида гирад;

– нақшаҳои солона ва семоҳаро тартиб дода, бо нақшаҳои дигар шуъба мутобиқ созад.

– дастгоҳи идораи дахлдор ва ситодҳои оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждaниро донад;

– комиссияҳои эвакуатсионӣ таҳия намояд;

## V. УҲДАДОРИҲОИ ШУЪБА

10. Шуъба уҳдадор аст:

– чорабиниҳои мудофиаи гражданиро дар донишгоҳ ба нақша гирад ва доир намоянд;

– қувва ва воситаҳои мудофиаи гражданиро таъсис дода, тайёрӣ, омодагии доимӣ ва таъминоти моддию техникии онҳоро баҳри иҷрои вазифаҳои мудофиаи граждани таъмин намоянд;

– дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт оид ба масъалаҳои ташкил ва ба роҳ мондани мудофиаи граждани дар ташкилотҳо қарорҳо қабул намояд;

– амалиёти дурусти коргарони донишгоҳро дар асоси бонгҳои огоҳкунандаи мудофиаи граждани ташкил намоянд;

– корҳои наҷотдиҳӣ ва таъхирнопазирро дар ҳудуди донишгоҳ ташкил намоянд;

– бо мақомоти маҳаллии мудофиаи граждани дар иҷрои вазифаҳои гузошташуда ҳаматарафа мусоидат ва ҳамкорӣ менамоянд, ки барои иҷрои чорабиниҳои мудофиаи граждани ҷалб карда мешаванд, чораҳои иловагӣ меандешанд.

– қоидаҳои бехатарии зидди сӯхтор риоя намуда, бартарӣ ва дурустии воситаҳои зидди сӯхтор таъмин менамояд. Аз рӯи вазъи биноҳои анбор,

таҷҳизот, асбобу анҷом назорат бурда таъмири саривақтии онҳоро бо риояи қоидаҳои бехатарии техникӣ таъмин месозад;

– мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, баррасӣ ва сари вақт ҷавоб омода намояд;

## V. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМА ВА ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ БАХШ

11. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур аз тарафи Шурои олимони донишгоҳ ворид карда мешавад.

12. Фаъолияти Шуъба дар асоси қарори Шурои олимони донишгоҳ дар мувофиқа бо ректор қатъ ва ё аз нав ташкил карда мешавад.

13. Дар мавриди азнавташкилёбӣ ва ё қатъ гардидани фаъолияти Шуъба ҳуқуқу манфиатҳои ҳайати кормандони аз вазифа озодшудаи Шуъба ҳимоя карда мешавад.

# НИЗОМНОМАИ ШУЪБАИ СОХТМОНИ АСОСӢ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи шуъбаи сохтмони асосии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи мудофиаи граждани», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2. Шуъбаи сохтмони асосии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Шуъба) ҳамчун воҳиди сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис дода шудааст;

3. Шуъба фаъолияти худро дар ҳамкорӣ ба раёсат, шуъба ва бахшҳои дигари донишгоҳ ба роҳ мемонанд;

4. Дархосту супоришҳои ҷамъиятӣ, додани ахбор, маълумот ва ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии тасдиқшуда аз ҷониби мудири бахш танҳо дар мувофиқа бо ректори донишгоҳ сурат мегирад;

5. Ба вазифаи мудири Шуъба шахсе таъин карда мешавад, ки таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи кории на камтар аз 5 – сола дошта бошад.

## II.ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

6. Дар сохтори Шуъба 4 нафар корманд фаъолият менамоянд:

– сармуҳандис;

– лоиҳакаш;

– харҷномасоз;

– коргари ёрирасон.

7. Мудири Шуъба тамоми фаъолияти кории Шуъбаро роҳбарӣ намуда, аз номи Шуъба баромад менамояд;

8. Барои мудири Шуъба талаботи зерин муқаррар карда мешавад:

– таҳсилоти олии касбӣ соҳавӣ;

– 4 сол собиқаи умумии корӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

– донистани забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ;

– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои вазифавии мудири шуъбаро ба танзим медароранд;

– мавҷудияти дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

– мавҷудияти малакаи хуби муоширaт, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои муассиса;

## III. ВАЗИФАҲО ВА ҲУҚУҚҲОИ ШУЪБА

9. Шуъба ҳуқуқ дорад:

– аз сохторҳои донишгоҳ маводи зарурии ба масъалаҳои таъмини фаъолияти Шуъба тааллуқдоштаро дархост намояд;

– тартиб додан ва мувофиқи тартиби муқарраршуда барои тасдиқ намудани нақшаҳои солонаи сохтмони асосӣ ва руйхатҳои титулии объектҳои сохтмон ё мувофиқи тартиби муқаррааргардида тасдиқ намудани руйхатҳои титулии объектҳои сохтмон;

– таҳия ва тасдиқи рӯйхатҳои ҳуқуқии дохилисохт бо мувофиқаи пудратчӣ;

– бо ташкилоти лоиҳакашӣ мувофиқа кардани графики календарии тартиб додан ва додани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ – сметавӣ, назорати иҷрои он;

– тафтиши мукаммалӣ ва сифат, қабули ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои сохтмон, ки аз ташкилоти лоиҳакашӣ ё ҷустуҷӯи гирифта шудааст (бо ҷудо кардани марҳалаҳои кор, дар мавриди зарурат) ва дар муҳлати муқарраргардида ба пудратчӣ додани он;

– дар муҳлатҳои муқарраргардида бо пудратчӣ (пудратчиён) бастани шартномаҳои сохтмони асосӣ ё шартномахои иловагӣ ба пудрати генералӣ инчунин, шартҳои махсуси онҳо;

– бо ташкилотҳои дахлдор барои иҷрои корҳои лоиҳакашию ҷстуҷӯи, лоиҳкашӣ, тадқиқоти илмӣ, назорати монтажкунӣ ва ба истифода додани корҳо, инчунин, барои ба амал баровардани назорати меъмории сохтмон шартномаҳо баста шавад;

– бо таҷҳизоти технологӣ, энергетикӣ, электрикӣ ва асбобу анҷоми умумии завод, инчунин, масолеҳ таъмин намудани сохтмон, ки мувофиқи қнунгузории амалкунанда таъмин намудани онҳо ба зиммаи фармоишгар гузошта шудааст. Бо ин мақсад, аз ҷумла, шуъба корҳои зеринро ба амал мебарорад:

– барои таҷҳизот (аз ҷумла ғайристандартӣ), аппарату материалҳо тартиб додан ва дар сари вақт пешниҳод кардани дархостҳо;

– гузоштани заказҳо ва бастани шартномаҳо оид ба истеҳсол ва таҳвили таҷҳизот (аз ҷумла таҷҳизоти ғайристандартӣ), аппарату материалҳо дар доираи маблағҳои дар смета пешбинишуда ё лимити кредит барои пардохти онҳо, инчунин, ичрои маблағҳо ва супоришҳои дахлдор;

– дар сурати ошкор карда шудани нопурра ё нуқсон будани таҷҳизоту аппаратҳо, нокифоя будани сифати масолеҳ, инчунин, дар сари вақт наовардани онҳо аз болои истеҳсолкунандагон ё молрасонҳо шикоят ва даъво пешниҳод кардан;

– қабул, дуруст нигоҳ доштан, пеш аз монтаж азназаргузаронии таҷҳизоти дар анбордо зиёда аз муҳлати нигоҳдории стандартӣ ҷойгиршуда ва бартараф намудани нуқсонҳое, ки дар натиҷаи нигоҳдории дуру дароз ба амал омадаанд;

– ба пудратчӣ додани майдони сохтмон, инчунин, додани таҷҳизоти васлшаванда, дастгоҳҳо ва масолеҳ, ки додани онҳо ба зиммаи фармоишгар гузошта шудааст;

– ба пудратчӣ дар муҳлати бо ӯ мувофиқашуда ҳуҷҷатҳоро бо иҷозати мақомоти дахлдор пешниҳод намояд:

– барои ҷудо кардани замин барои сохтмон;

– барои иҷрои корҳо дар минтақаи хатҳои электр ва алоқа, участкаҳои истифодашавандаи роҳҳо ё барои кушодани сатҳи роҳ;

– барои иҷрои корҳо дар ҷойҳое, ки иншоотҳои зеризаминӣ мегузаранд, бо ба пудратчӣ додани схемаҳои ҳамаи иншоотҳои зеризаминии (кабел, газ, об, канализасия ва ғайра), ки дар майдони сохтмон ҷойгиранд;

– дар муҳлатҳои мувофикшуда дар объектҳое, ки бояд валангор, таҳвил ё аз нав сохта шаванд;

– ба амал баровардани назорати техникӣ аз болои сохтмон, мувофиқати ҳаҷм, арзиш ва сифати корҳои иҷрошуда ба лоиҳаю сметаҳо, инчунин, шартҳои техникии истеҳсол ва қабули ин корҳо;

– дар муҳлатҳои муқарраргардида қабул ва пардохти объектҳои сохтмони анҷомёфта, давраҳои кор, инчунин, корҳои сохтмону монтаж; иштирок дар қабули корхое, ки аз рӯи корҳо ва иншоотхои минбаъда ниҳон карда шудаанд, бо тартиб додани ҳуҷҷатҳои экспертизаи ин корҳо;

– бо ташкилотҳои дахлдор мувофиқа кардани масъалаҳои монтаж, санҷидан ва ба қайд гирифтани конструксияҳои крану борбардор, дегҳои буғӣ ва дигар таҷҳзоту аппаратҳои зери фишор коркунанда, инчунин, барои азназаргузаронӣ ва озмоиши таҷҳизоту узелҳо даъват намудани намояндагон;

– бо иштироки ташкилотҳои лоиҳакашӣ, пудратии бинокорию монтажкунӣ ва дар мавридҳои зарурӣ истеҳсолкунандагони таҷҳизот, инчунин, танзими равандҳои технологӣ ва дар сари вақт ба кор андохтани иқтидорҳо ва объектҳои истеҳсолӣ таъмин намудани озмоиши комплексии таҷҳизот (бекор ва дар режими кор) ;

– пеш аз пешниҳоди комиссияи давлатии қабул барои ба истифода додани объект комиссияи кориро барои азназаргузаронии иншооту монтажҳои алоҳида, қабули биноҳо ва иншоотҳо, озмоиш, санҷиш ва қабули таҷҳизоту механизмҳо ва иҷрои дигар вазифаҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда таъин мекунад;

– дар объектҳои ба истифода додашаванда дар сари вақт тайёр кардани баровардани маҳсулот (тайёр кардан ва бо кадрҳо таъмин намудани онҳо, бо ашёи хом, материал, ресурсҳои энергия ва ғайра таъмин намудани онҳо);

– пешниҳоди комиссияи давлатии қабул оид ба қабули сохтмони анҷомёфта ва объектҳои барои истифода тайёршуда ва ба он пешниҳод намудани масолеҳи зарурии объектҳои сохтмони анчомёфта, инчунин, иштирок дар комиссияҳои қабули давлати оид ба қабули объектҳои сохтмони анҷомёфта;

– барои ба истифода додани объектҳои сохтмони ба охир расида ва ба истифода додашуда, ки барои гурӯҳи корхонаҳо (маркази саноатӣ) умумианд, ба ҳамон корхонаҳо (ташкилотҳое), ки мувофиқи тартиби муқарраргардида барои истифодаи онҳо масъуланд;

– мувофиқи тартиби муқарраршуда фурухтани молу мулки истифоданашуда ва барои сохтмони анҷомёфта ҳисобу китоб;

– баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ, инчунин, бо тартиби муқарраршуда пешниҳод намудани ҳисобот ва баланс.

– аз воҳидҳои сохтории донишгоҳ ва сохторҳои ҳудудии дахлдори он маълумот ва маводҳои барои иҷрои босифат ва саривақтии уҳдадориҳои вазифавӣ зарурро бо тартиби муқарраргардида гирад;

– дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯйи масъалаҳои ба уҳдадориҳои вазифаи ӯ дахлдошта иштирок намояд;

– маводи дар ихтиёри донишгоҳ қарордоштаро омӯзад;

– нақшаҳои солона ва семоҳаро тартиб дода, бо нақшаҳои дигар шуъба мутобиқ созад.

## V. УҲДАДОРИҲОИ ШУЪБА

10. Шуъба уҳдадор аст:

– роҳбариро оид ба дурустии қабули борҳо, нигоҳдорӣ ва гузоштани арзишҳои молӣ – масолеҳӣ дар анбори донишгоҳ амалӣ созад;

– ҷобаҷо гузории оқилонаи онҳоро дар биноҳо ва дар майдончаҳо ташкил намуда, аз рӯи иҷроиши реҷаи нигоҳдори назорат намояд;

– баҳисобгирии арзишҳои молӣ – масолеҳӣ ва риояи қоидаҳо ботартибандозӣ ва супоридани ҳамлу накди ҳуҷҷатҳои воридотию хароҷотиро таъмин созад;

– аз рӯи вазъи биноҳои анбор, таҷҳизот, асбобу анҷом назорат бурда, таъмири сари вақтии онҳоро таъмин месозад;

– сари вақт иҷро намудани тақсими маводҳои молӣ – масолеҳиро мутобиқ бо борхатҳо таъмин кунад;

– муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва сари вақт ҷавоб омода намояд.

## VI. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ МУҲАНДИСИ КАЛОН

11. Муҳандиси калон уҳдадор аст:

– сиёсати техникӣ ва дурнамои инкишофи корхона, самтҳои таҷдид ва азнавтаҷдидсозии техникии истеҳсолот, ихтисоснокии онро дар мувофиқа бо сиёсати давлат ва ҳукумат оид ба инкишофи ҷараёни илмӣ – техникӣ ва суръатнокии афзоиши истеҳсолнокии меҳнат, ихтисори харҷи меҳнат дар истеҳсолоти маҳсулот, беҳдошти сифати он ва истифодаи самараноки фондҳоро муайян созад;

– пайваста аз тағйироту иловаҳое, ки дар самти мазкур дар вазорату идораҳои соҳавӣ, қонунгузории мамлакат дастурамалҳои нав ба тасвиб мерасад, роҳбарияти донишгоҳро огоҳ намуда, ҷиҳати корбарӣ онҳоро корғузорӣ кунад;

– аз рӯ йи кори ҳайати техникӣ, интизом, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ назорат барад;

– нақшаҳо (графикҳо)-ро бо ташкилотҳои пудратчие, ки барои гузаронидани корҳои таъмирӣ ҷалб мешаванд, мувофиқ намуда, дар тартиб додани рӯйхатҳои унвонӣ барои таъмири асосӣ иштирок кунад;

– оид ба мукаммалгардонии ташкили истеҳсолоти меҳнат, фароҳам овардани шароити хуби меҳнат тадбирҳо андешида, гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ, такмилдиҳӣ ва ихтироъкориро ташкил ва тайёрӣ ва баландбардории ихтисоснокии кадрҳоро таъмин намояд;

– маводҳоро оид ба бастани шартномаҳо бо ташкилотҳои пудратчӣ, ки таъмири биноҳоро ба ҷо меоранд, омода карда, барои додани онҳо иҷозатнома диҳад.

– дар комиссияҳо оид ба муайян намудани зарари ба иншоотҳои донишгоҳӣ расонидаи офатҳои табиӣ ширкат варзида, хулосаҳои заруриро дар мувофиқа бо идораҳои дахлдори соҳавӣ омода ва ба раёсати донишгоҳ манзур намояд;

– сифат ва дурустии хароҷоти маводҳоро назорат намояд;

– аз пудратчиҳо ҳаҷм ва сифатнокии корро қабул намуда, ба санадҳои иҷроиши корҳо имзо гузорад;

– аз қарордодҳо ва қарорҳои давлат ва ҳукумат, ки самтҳои инкишофи соҳа ва хоҷагии халқ, хоҷагии ҷумҳуриро муайян месозад, аз фармоишҳо ва супоришҳои мақомотҳои болоӣ, ки ба фаъолияти корхона дахлдоранд, инчунин, аз дурнамои инкишофи корхона, иқтисод ва ташкили истеҳсолотӣ, меҳнат ва идора, қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ, асосҳои қонунгузории шаҳрвандӣ ва меҳнатӣ ба хубӣ огоҳӣ дошта бошад.

12. Талаботҳои тахассусӣ:

маълумоти олӣ ва собиқаи кории на кам аз 5 сол дар вазифаҳои роҳбарии муҳандисӣ – техникӣ дар соҳаи мазкури хоҷагии халқ.

## VII. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ МУҲАНДИСИ СОХТМОН

13. Муҳандиси сохтмон уҳдадор аст:

– Дурустии истифодаи биноҳоро назорат кунад;

– баҳисобгирии техники биноҳо ва иншоотҳои донишгоҳро ташкил намуда, нақшаи таъмири ҷорӣ ва асосиро коркард менамояд;

– маводҳоро оид ба бастани шартнома бо ташкилотҳои пудратчӣ, ки таъмири биноҳоро ба ҷо меоранд, тайёр намояд, барои додани маводи сохтмонӣ ба ташкилотҳои пудратчӣ, ки таъмири биноҳои донишгоҳро ба ҷо меоранд, дар мувофиқа бо сардори раёсати маъмурию хоҷагӣ, сармуҳандис ҷиҳати иҷозатнома додан корбарӣ кунад;

– дар комиссияҳо оид ба муайян намудани зарари ба иншоотҳои донишгоҳӣ расонидаи офатҳои табиӣ ширкат варзида, хулосаҳо заруриро дар мувофиқа бо идораҳои дахлдори соҳавӣ омода намуда ба раёсати донишгоҳ манзур намояд;

– сифат ва дурустии харочоти маводҳоро назорат намояд;

– аз пудратчиҳо ҳаҷм ва сифатнокии корро қабул намуда, ба санадҳои иҷроиши корҳо имзо гузорад;

– корҳои таъмирию сохтмониро ба ҳисоб гирифта, дар тартиб додани санадҳои таъмирии биноҳои донишгоҳ иштирок кунад;

– оид ба корҳои сохтмонӣ шартнома баста, ташкилотҳои сохтмонии пудратчиро ба ҳуҷҷатҳои лоиҳа – смета таъмин ва ҳуҷҷатҳои маблаггузории иншоотҳо ва ба истифода супоридани онҳоро назорат намояд;

– дар бадастории маводҳои таъмиру сохтмонӣ иштирок намуда, барои омода намудани донишгоҳ дар шароити тирамоҳ – зимистон масъул аст;

– кори худро бо дигар шуъбаҳои қисми маъмурию хоҷагӣ назорат намояд.

14. Ба шакли даврӣ назоратҳо аз рӯйи вайронии биноҳо бурда, барои гузаронидани таъмири ҷории онҳо бо қувваи кормандони хизматгузори биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳо дастурҳо диҳад, комендантҳои биноҳоро бо маводҳои зарурии сохтмонӣ таъмин намояд.

15. Ба муҳосибот ҳуҷҷатҳоро оид ба пардохти музди кори ташкилотҳои пудратчӣ ба тартиб дароварда, месупорад.

Бояд истифодабарии биноҳои донишгоҳ бо баҳисобгирии донад:

– қоидаҳои хусусиятҳои махсуси биноҳои таълимӣ, озмоишгоҳҳо, хобгоҳҳо ва дигар биноҳо;

– бартарӣ ва талаботи маводҳои таъмири сохтмонӣ;

– қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми иҷрои корҳои таъмиру сохтмонӣ.

16. Уҳдадориҳои тахассусӣ:

---

Маълумоти олии сохтмонӣ ва собиқаи кории на кам аз 5 сол дар вазифаи муҳандиси сохтмон.

## VI. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМА ВА ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ БАХШ

17. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур аз тарафи Шурои олимони донишгоҳ ворид карда мешавад.

18. Фаъолияти бахш дар асоси қарори Шурои олимони донишгоҳ дар мувофиқа бо ректор қатъ ва ё аз нав ташкил карда мешавад.

19. Дар мавриди азнавташкилёбӣ ва ё қатъ гардидани фаъолияти бахш ҳуқуқу манфиатҳои ҳайати кормандони аз вазифа озодшудаи бахш ҳимоя карда мешавад.

## НИЗОМНОМАИ
## СОХТОРИ БИНОИ ТАЪЛИМӢ ВА ХОБГОҲҲО

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи мудири биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2. Сохтори биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Сохтор) ҳамчун воҳиди сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис дода шудааст;

3. Мудир фаъолияти худро дар ҳамкорӣ ба раёсат, марказ, шуъба ва бахшҳои дигари донишгоҳ ба роҳ мемонанд;

4. Дархосту супоришҳои ҷамъиятӣ, додани ахбор, маълумот ва ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии тасдиқшуда аз ҷониби мудир танҳо дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт ва ректори донишгоҳ сурат мегирад;

5. Масъулияти нигоҳдории амволи таълимӣ ба зиммаи мудир вогузор карда шудааст.

## II.ТАШКИЛИ СОХТОР

6. Дар сохтор фаъолият менамоянд:

– мудир;
– боғбон;
– ёрирасон;
– электрик;
– сантехник;
– дуредгар;
– ҳавлирӯ;
– фаррош.

7. Мудири биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳо тамоми фаъолияти кории биноро роҳбарӣ менамояд;

8. Барои мудири бино талаботи зерин муқаррар карда мешавад:

– таҳсилоти олии касбӣ соҳавӣ;

– 3 сол собиқаи умумии корӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– донистани забони давлатӣ;
– доштони дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор;
– доштани малакаи хуби муоширaт, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои муассиса;

## III. ҲУҚУҚҲОИ МУДИР

9. Мудир ҳуқуқ дорад:
– аз воҳидҳои дигари маводи зарурии ба масъалаҳои таъмини фаъолияти тааллуқдоштаро дархост намояд:
– дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯйи масъалаҳои ба уҳдадориҳои вазифаи ӯ дахлдошта иштирок намояд;
– маводи дар ихтиёри донишгоҳ қарордоштаро омӯзад.

## V. УҲДАДОРИҲОИ МУДИР

11. Мудир уҳдадор аст:
– корҳо оид ба нигоҳдории биноҳо, иншоотҳо, ҳудуд ва гирду атрофи биноҳоро роҳбарӣ намояд;
– рӯбучини биноро ташкил намуда, аз рӯи риояи тозагӣ дар иншоотҳо ва дохили бино назорат барад;
– таъмири саривақтии дару тиреза, қулфҳо, системаи гармидиҳи асбобу анҷом, қубурҳои обӣ ва канализатсиониро таъмин намояд;
– нигоҳдорӣ ва вазъи дурусти моликияти дар дохили хобгоҳбударо таъмин созад;
– биноҳои хобгоҳро ҳамеша барои гузаронидани машғулиятҳо дар ҳолати қобили қабул нигоҳ медорад;
– баҳисобгирии моликияти хобгоҳ ва баҳисобгирии давравии онро ба роҳ монад;
– тибқи меъёрҳои мувофиқа бо муҳосибот баровардан дар мувофиқа бо муҳосиботи молӣ – масолеҳӣ амалкунанда моликияти аз истифода баромадаро аз ҳисоб омода намояд;
– асбобу анҷом ва ашёҳои барои кори хоҷагӣ пешбинигардидаро қабул ва онҳоро ба фаррошҳо тақсим карда диҳад;
– китоби қайдҳои санитарӣ ва назорати зиддисӯхториро таъмин намояд;
– донишҷӯён, аспирантон ва устодону кормандонро ба хобгоҳ таъмин намояд;

– дар таъмини тартибу низом, тарбияи ахлоқию эстетикаи истиқоматкунандагони хобгоҳ ва соати оромии хобгоҳ вазифадор аст;

– барои баланд бардоштани ҳолати ичтимоӣ ва фароғатии истиқоматкунандагони хобгоҳ гузаронидани вохӯриҳо бо собиқадорони меҳнат ва фаъолони ҷомеа, чорабиниҳои илмию корҳои тарбиявӣ, ташкил намудани озмун дар байни хобгоҳҳои донишгоҳӣ ва дигар хобгоҳҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифадор аст;

– дар ҳолатҳои зарурӣ ба истиқоматкунандагони хобгоҳ ёрии амалӣ расонад.

– риояи қонунгузории оид ба меҳнат, қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатариро дар бино анҷом диҳад;

– назоратро аз рӯи техникаи бехатарӣ, ҳифзи меҳнат ва бехатарии зидди сӯхтор дар байни кормандони роҳбарикунанда, ҳайати устодон ва кормандони роҳбарикунандаи муҳандисӣ – техникӣ, ҳайати хизматрасони донишгоҳ, инчунин, риояи талаботи бехатарии сӯхторро дар объектҳои Донишгоҳ аз ҷониби кормандон барад;

## VI. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМА ВА ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ОН

12. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур аз тарафи Шурои олимони донишгоҳ ворид карда мешавад.

13. Фаъолияти бахш дар асоси қарори Шурои олимони донишгоҳ дар мувофиқа бо ректор қатъ ва ё аз нав ташкил карда мешавад.

# НИЗОМНОМАИ
# ДАСТАИ ИХТИЁРИИ ОТАШНИШОНОНӢ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи дастаи ихтиёрии оташнишононии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи мубориза бо сӯхтор», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

2. Бо мақсади баланд бардоштани малакаи корӣ, масъулияти ҷамъиятӣ ва ҷалби муташаккилонаи доираи васеи кормандон, хизматчиён, устодон ва донишҷӯён ба чорабиниҳои мубориза бо сӯхтор ва пешгирӣ аз он тибқи талаботи моддаҳои 11 ва 22 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо сӯхтор» (таҳти № 363, аз 20.03.2008) дар асоси «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» дар воҳидҳои сохтории донишгоҳ, ки шумораи кормандон ё бошандагони доимиашон (хобгоҳҳо) аз 10 (даҳ) нафар зиёданд дар асоси фаъолияти ҷамъиятӣ дастаҳои их – тиёрии оташнишонон ташкил карда мешаванд. Дастаҳои мазкур бо ташаббуси кормандон ташкил карда шуда, барои пеш бурдани фаъолияти онҳо маъмурияти муассиса ҳамаҷониба мусоидат менамояд.

3. Низомнома мутобиқи хусусияти муассиса таҳия шудааст.

4. Низомномаи мазкур фаъолияти аъзои дастаро мушаххас намуда, ҳамчунин, уҳдадорӣ, масъулият, ҳуқуқ ва вазифаҳои онҳоро муайян менамояд.

## II. ШУМОРА ВА УҲДАДОРИҲОИ АЪЗОИ ДАСТА

5. Шумораи аъзоёни дастаи ихтиёриро ҳайати кормандони воҳиди сохторӣ вобаста ба шумораи умумии кормандон (ё бошандагони доимӣ), дараҷаи хавфнокии объекти мазкур нисбати сӯхтор муайян менамоянд. Вобаста ба шумораи аъзо, ба воҳиди сохторӣ миқдори воситаҳои фардии муҳофизавӣ (либос, пойафзол, айнаки махсус, нафасгирак) ҷудо карда мешавад.

## III .УҲДАДОРИҲОИ АЪЗОИ ДАСТА

6. Ҳар нафаре, ки ба аъзогии дастаи ихтиёрӣ шомил мешавад уҳдадор аст:

– ҳолати ҳаррӯзаи таҷҳизот ва воситаҳои аввалияи зидди сӯхториро назорат намояд;

– тартиби бакордарорӣ ва тарзи истифодаи воситаҳои аввалияи сӯхторнишониро донад;

– ҳолати васоити худмуҳофизатиро пайваста назорат намояд;

– камбудӣ ва норасоии ошкорнамударо ба маъмурияти коргоҳ хабар диҳад;

– навбатдориро ҳангоми баргузории чорабиниҳои муҳим ва серодам ва дигар ҳолатҳои аз ҷониби маъмурият муайяншуда ба роҳ монад;

– аз болои иҷрои талаботи бехатарӣ ва реҷаи тасдиқшуда аз ҷониби кормандон ё бошандагон назорат намояд;

– дар байни кормандон ё бошандагон корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ташфиқотӣ оид ба талаботи бехатарӣ барад;

– дар бартарафсозии норасоиҳои ҷойдошта саҳмгузор бошад;

– дар бартараф сохтани манбаи сӯхтор дар марҳаллаи аввалаш кӯшиш намояд;

– ҳангоми сар задани сӯхор мувофиқи имкони мавҷуда дар кӯчонидани одамон ва амволи коргоҳ ба ҷойи бехавф ширкат намояд;

– аз ҳодисаи сӯхтор маъмуриятро огоҳ намояд ва ба хадамоти оташнишонӣ хабар диҳад;

– ба осебдидагон кумаки аввалин расонад;

– барои ворид шудани шахсони бегона ба мавзеи сӯхтор монеъ шавад;

– ҳангоми ҳозир шудани кормандони хадамоти оташнишонӣ мувофиқи имкон ба онҳо кумаки худро расонад.

## IV. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТ

7. Дастаи ихтиёрӣ дар пешгирӣ намудани ҳодисаи сӯхтор ва бартарафсозии оқибаҳои он дастёри асосӣ ва фаъоли маъмурияти воҳиди сохторӣ ба ҳисоб меравад. Дастаро сардор роҳбарӣ менамояд. Ин масъулиятро шахси масъули бехатарӣ ё роҳбари воҳиди сохторӣ иҷро менамояд. Барои назорати омодагии доимӣ муовин ё ёрдамчии сардори даста таъин карда мешавад. Вай бояд қобилияти ташкилотчигӣ ва малакаи хуби кордонӣ дошта бошад. Ба ҳар аъзои даста, ба ғайр аз уҳдадориҳои умумӣ масъулияти алоҳида вобаста карда мешавад. Раванди фаъолияти даста аз ҷониби яке аз аъзои он ҳуҷҷатгузорӣ мешавад.

8. Сардори дастаро дар ҷаласаи умумӣ аъзоёни даста интихоб менамоянд. Вай бояд тарҳи бино, роҳҳои баромад, шумораи одамон,

мавқеи таҷҳизоти барқтаъминкунӣ, обтаъминкунӣ, ҳавоивазкунӣ ва зиддисӯхториро донад, малакаи хуби роҳбарӣ ва хулосабарорӣ дошта бошад. Оид ба таъмини фаъолияти даста дар ҷаласаҳои корӣ масъалагузорӣ менамояд, ҳамчунин, аз фаъолияти даста маълумот ва ҳисобот пешниҳод менамояд. Сардори даста дар мавриди лозимӣ ба аъзои даста оид ба фаъолияти ҷамъиятии вай хислатнома пешниҳод менамояд.

## V. УҲДАДОРИҲОИ САРДОРИ ДАСТА

**9.** Сардори даста уҳдадор аст:

– ба ҳар аъзои даста масъулияти алоҳида таъин намояд;

– дар мавриди зарурӣ навбатдории аъзои дастаро ба роҳ монад;

– бо маъмурияти донишгоҳ ва шахсони мутасаддӣ ҷиҳати таъмини фаъолияти даста ҳамкорӣ намояд;

– фаъолияти даста ва ҳар аъзои онро назорат намояд;

– дар муҳокимаи масоили дахлдор дар ҷаласаҳои корӣ иштирок намояд;

– оид баҳавасмандгардони аъзои фаъол пешниҳод ва масъалагузорӣ намояд.

## VI. ТАКМИЛИ МАҲОРАТ

10. Ҳар аъзои дастаи ихтиёрӣ бояд ҳамеша баҳри баланд бардоштани дараҷаи малака ва маҳорати худ саъй намоя. Бо мақсади такмили маҳорати аъзои даста дар доираи чорабиниҳои нақшавии умумии маъмурият дар баргузории машғулиятҳо амалӣ, озмунҳо санҷиши маҳорат ва дигар мусобиқот иштирок менамояд.

11. Барои такмили назоратҳо пайваста машқҳои зерин:

– саф кашидан дар як ҷо тибқи дастур (*нишондоди олӣ то 1 дақ*);

– хабар додан ба қисми оташнишонӣ (*зуд ва дуруст чидани рақамҳо, возеҳ баён намудани ному насаб, вазифа, макон, нишонӣ, объекти сӯхтор, ба таври бурро баён намудан – нишондиҳандаи олӣ то 30 с*);

– васли рӯда ба ҷумак (*нишондиҳандаи олӣ – 60 с*);

– бакордарории оташхомӯшкунаки дастӣ (*тибқи дастурамал*);

– хомӯшкунии манбаи сӯхтор (*тарзи амалкунӣ, пурра маҳв сохтан, масрафи маводи корӣ, вақт*);

– кӯчонидан ва ёрии аввалин ба шахси осебдида (*тибқи дастурамал*);

– саволу пурсиш дар доираи фаъолият гузаронида мешавад;

Ҳангоми иҷрои амалҳои мазкур маҳорат чустучолокӣ, риояи дастурот, вақт ва сарфакорӣ ба назар гирифта мешавад.

## VII. ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТ

12. Барои фаъолияти муназзами даста ва ҳар аъзои он аз ҷониби маъмурияти воҳиди сохторӣ ҳамаҷониба мусоидат карда мешавад. Шароити мусоид барои фаъолияти даста аз ҷониби роҳбарияти донишгоҳ таъмин карда мешавад. Барои такмили маҳорат ва бозомӯзии аъзои даста бо мутахассисони сохтори марбутаи соҳа ҳамкорӣ ба роҳ монда мешавад. Бинобар фаъолияти ҷамъиятӣ намудан, ҳар аъзои даста бояд мавриди таваҷҷуҳи доимии иттифоқи касаба ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ қарор гиранд. Барои ташкили дастаи ихтиёрӣ қарори Шурои олимон ҳуҷҷати асосӣ ба шумор рафта дар он муҳлат, шумора ва тартиби интихоби аъзои даста муайян карда шудааст.

## VIII. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМА ВА ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ОН

13. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур аз тарафи Шурои олимони донишгоҳ ворид карда мешавад.

14. Фаъолияти бахш дар асоси қарори Шурои олимони донишгоҳ дар мувофиқа бо ректор қатъ ва ё аз нав ташкил карда мешавад.

# НИЗОМНОМАИ СОХТОРИ СЕХИ ДУРЕДГАРӢ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи сохтори сехи дуредгарӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2. Сохтори сехи дуредгарӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Сохтор) ҳамчун воҳиди сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис дода шудааст;

3. Сохтор фаъолияти худро дар ҳамкорӣ ба раёсат, марказ, шуъба ва бахшҳои дигари донишгоҳ ба роҳ мемонанд;

4. Дархосту супоришҳои ҷамъиятӣ, додани ахбор, маълумот ва ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии тасдиқшуда аз ҷониби мудир танҳо дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт ва ректори донишгоҳ сурат мегирад;

5. Масъулияти нигоҳдории амволи таълимӣ ба зиммаи мудир вогузор карда шудааст.

## II. ТАШКИЛИ СОХТОР

6. Дар сохтор 1 нафар мудир ва 4 нафар кормандон фаъолият менамоянд:

– мудир;

– ёрирасон;

– сантехник;

– дуредгар.

7. Мудири биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳо тамоми фаъолияти кории биноро роҳбарӣ менамояд;

8. Барои мудири сехи дуредгарӣ талаботи зерин муқаррар карда мешавад:

– таҳсилоти олии касбӣ соҳавӣ;

– 3 сол собиқаи умумии корӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

– донистани забони давлатӣ;

– мавҷудияти дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

– мавҷудияти малакаи хуби муоширaт, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои муассиса.

## III. ВАЗИФАҲОИ МУДИР

9. Мудир вазифадор аст:

– дӯрустии ҳолати истифодаи амволи донишгоҳро назорат кунад;

– баҳисобгирии мизу курсиҳо, ҳолати онҳо, ашёву таҷҳизотҳои биноҳо ва иншоотҳои донишгоҳро таъмиру тармим намуда, нақшаи таъмири ҷорӣ ва асосиро коркард намояд;

– маводҳоро оид ба бастани шартнома бо ташкилотҳои пудратчӣ, ки таъмири биноҳоро ба ҷо меоранд, тайёр намояд;

– таъмир ва аз нав барқарор намудани таҷҳизотҳои донишгоҳ, катҳои хобби донишҷӯён дар хобгоҳхо ва пойгоҳхо, мизу курсиҳо, тирезаҳо ва дарҳо дар сатҳи донишгоҳ;

– алоқамандии бештар бо мудирони биноҳо, муҳосиботи моли ва муҳандисон ба роҳ монда дар асоси дархосту пешниҳодҳо раванди иҷроиши кор баррасӣ мегардад, дар мувофиқа бо сардори раёсати маъмурию хоҷагӣ, сармуҳандис ҷиҳати пешбурд ва иҷозат додан корбарӣ кунад;

– дар комиссияҳо оид ба муайян намудани зарари ба иншоотҳои донишгоҳӣ расонидаи офатҳои табиӣ ширкат варзида, заруриро дар мувофиқа бо идораҳои дахлдори соҳавӣ омода намуда ба раёсати донишгоҳ манзур намояд;

– сифат ва дурустии хароҷоти маводҳоро назорат намояд;

– кормандони мавсими дар асоси шартномаи тарафайн қабул намояд;

– дар ҳолати ҳаҷми кор зиёд шудан, метавонад иловагӣ мутахассисонро ҷалб намояд;

– кормандон вазифадоранд ҳатман аз идораҳои назорати теҳникаи бехатари гузаранд ва ҳар сол як маротиба аз курсҳои омузиши хабардор бошанд;

– корҳои таъмирию сохтмониро ба ҳисоб гирифта, дар тартиб додани санадҳои таъмирии биноҳои донишгоҳ иштирок кунад;

– оид ба корҳои таъмириву барқарорсозӣ шартнома баста, ҳуҷҷатҳои лоиҳа – смета таъмин ва ҳуҷҷатҳои маблағгузории корҳои иҷрошуда ва ба истифода супоридани онҳоро назорат намояд;

– дар бадастории маводҳои таъмиру сохтмонӣ иштирок намуда, барои омода намудани донишгоҳ дар шароити тирамоҳу зимистон масъул аст;

– кори худро бо дигар шуъбаҳои қисми маъмурию хоҷагӣ назорат намояд;

– ба шакли даврӣ назоратҳо аз рӯйи вайронии биноҳо дар баробари дигар сохторҳои соҳавӣ назорат бурда, барои гузаронидани таъмири ҷории онҳо бо қувваи кормандони хизматгузори биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳо дастурҳо диҳад, комендантҳои биноҳоро бо маводҳои зарурии таъмири таъмин намояд;

– ба раёсати муҳосибот ҳуҷҷатҳоро оид ба истифодаи ашёҳо, лавозимотҳои истифода шуда, пардохти музди кори кормандон, таҷҳизотҳои таъмиршуда, молҳои дар уҳдааш бударо ба тартиб даровარда, ҳисобот месупорад.

Бояд донад:

– қоидаҳои истифодабарии биноҳои хусусиятҳои махсуси биноҳои таълимӣ, озмоишгоҳҳо, хобгоҳҳо, ваъми молу маводи донишгоҳ ва дигар биноҳҳо;

– бартарӣ ва талаботи маводҳои таъмири сохтмонӣ, таъмири ҷорӣ, аз нав барқароркунии тачҳизотҳо;

– қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми иҷрои корҳои таъмиру сохтмонӣ.

Уҳдадорихои тахассусӣ:

---

– маълумоти олии сохтмонӣ ва собиқаи кории на кам аз 5 сол дар вазифаи

## IV. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМА ВА ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ОН

10. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур аз тарафи Шурои олимони донишгоҳ ворид карда мешавад.

11. Фаъолияти бахш дар асоси қарори Шурои олимони донишгоҳ дар мувофиқа бо ректор қатъ ва ё аз нав ташкил карда мешавад.

# НИЗОМНОМАИ
# БАХШИ ХӮРОКИ УМУМӢ

## I.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи бахши хӯроки умумии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия шудааст.

2. Сохтори бахш бо ҷадвали штатии Донишгоҳ муқаррар ва бо фармоиши ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

3. Бахшро мудир роҳбарӣ менамояд, ки дар фаъолияти худ бевосита ба муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт тобеъ мебошад.

## II. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ БАХШ

4. Мувофиқи ҷадвали корӣ дар сохтори бахш 30 нафар корманд фаъолият менамоянд:

– мудир;

– муҳосиб;

– мудири андор.

Инчунин, кормандони мавсимӣ сарошпаз, ошпазҳо, фурӯшандаҳо, пешхизматҳо кормандони доимӣ, ронанда ва ғайра тибқи шартномаи муҳлатнок кор мекунанд.

## III. МАҚСАД ВА НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТИ БАХШ

5. Мақсади асосии фаъолияит бахш иборат аст аз:

– беҳтар кардани вазъи иҷтимоии донишҷӯён (ташкил кардани чойхона, ошхона, сартарошхона, мағозаи маҳсулоти хӯрока, дуконҳои китобфурӯши ва ғайра):

– арзон кардан ва ба имкониятҳои донишҷӯён мувофиқ намудани арзиш ва нархи маҳсулоти пешниҳодшаванда;

– дар сатҳи зарурӣ ва бо сифати баланд ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба мизоҷон;

– кафолати бехатарии истеъмоли мизоҷон дар нуқтаҳои хӯроки умумӣ;

– ба донишҷӯён дастрас намудани маводи доруворӣ;

– ба донишҷӯён бо нархи нисбатан дастрас аз ҷумла дафтар, қалам ва дигар намуди маводи таълимӣ;

– ба роҳ мондани истеҳсоли хӯроки гарм ва дигар хизматрасониҳо;

– воридот, истеҳсолшуда;

– ташкили анборхонаҳо;

– ворид намудани маҳсулоти атриёти (парфюмерӣ) ва кушодани нуқтаҳои савдо барои фурӯхтани онҳо;

– ворид намудани хӯрока ва кушодани магоза барои фурӯхтани онҳо;

– кушодани нуқтаҳои савдо ва магозаҳо;

– ташкили нуқтаҳои савдо оид ба фурӯши маводи доруворӣ ва техникаҳои тиббӣ;

–ташкили дафтари шикояту дархост ва пешниҳоди мизоҷон ва дигар ҷойи муайяни намоён нигоҳ доштани он;

–пешниҳоди номгӯ, нархномаи хӯрокҳо ва шартҳои хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон;

– навиштани эълонҳо ба таври илова дар назди нуқтаҳои хӯроки умумиибиноҳои таълимӣ;

– дар рӯзи муайяншуда ба хазинаи донишгоҳ супоридани маблаги аз истеъмоли хӯроки умумӣ ҷамъшуда;

– риояи қоидаҳои санитарию эпидемиологӣ, зидди сӯхтор, стандартӣ давлатӣ ва ғайра;

– нигоҳдории молу маводи ба зиммадошта дар ҳолати хуби санитарию техникӣ;

– пардохти саривақтии андози давлати аз ҳисоби маблағи гирдовардашуда;

– бахш арзиши хизматрасонии худро аз рӯи маҳсулоти истеҳсолкардааш мустақилона муайян намуда, онро ба раёсати донишгоҳ мувофиқа карда, ба мизоҷон пешниҳод менамояд;

– бахш низом, шакл, ва ҳвҷми моҳонаи кормандони худро дар доираи маблағҳои худ, ки пас аз пардохти андози давлат дар ихтиёри донишгоҳ мемонад, муайян менамояд;

– дар мувофиқа бо раёсати донишгоҳ дар ҷойҳои муайяни нуқтаҳои хӯроки умумӣ қоидаҳои тартиботи дохилиро, ки ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд, насб менамоянд ва барои риоя намудани онҳо чораҳои мушаххас меандешанд;

– ҳар се моҳ як маротиба руйхати навъҳои истеҳсолшавандаро бо нарху навои маҳсулоти муайянгардида, барои тасдиқ ба раёсати донишгоҳ пешниҳод менамояд.

## IV. ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФАҲОИ БАХШ

6. Мудири бахш ҳуқуқ дорад:

– кормандони мавсимиро таъин намояд, шартнома бандад ва тибқи он пеш аз муҳлат ваколатҳои ӯро қатъ гардонад;

– равандҳои асосии фаъолияти бахшро муайян намояд;

– ҳисоботи молиявии солона ва баланси муҳосибавии бахшро тасдиқ намояд, тартиби тақсим намудани фоида ва ҷуброни зарарро муайян созад, ҳисобот ва хулосаи комиссияи тафтишотиро тасдиқ карда, онро ба эътибор гирад;

– низоми пардохти музди меҳнат, низоми додани мукофотпулӣ ба натиҷаҳои кор дар тӯли як сол ва дигар шаклҳои ҳавасмандгардонии кормандони бахшро муайян кунад;

– ба донишгоҳ ва ташкилотҳои дигар шартнома ба тасвиб расонад, хусусан шартномаҳои меҳнатӣ бандад;

– ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти молиявӣ – хоҷагидории бахш боввариномаҳо диҳад;

– бахшро бо ашёи хом, воситаҳои истеҳсолӣ, асбобҳо ва воситаҳои хизматрасонӣ таъмин намояд;

– биноҳои бахшро таъмиру тармим намояд;

– дар ҳолатҳои зарурӣ нуқтаҳои фуруши бахшро барҳам диҳад ва ё ташкил намояд.

7. Вазофахои мудири бахш чунин аст:

– банақшагирии фаъолияти бахш бо назардошти риоя намудани манфатҳои асосии донишгоҳ, қонунҳои амалкунанда;

– муайян намудани низоми ташкилии бахш;

– пешниҳод манзур намудан ба раёсати донишгоҳ ҷиҳати ба кор қабул намудан ва аз кор озод намудани кормандони мавсимӣ;

– муайян намудани шароити меҳнатии кормандони бахш ва филиалу намояндагиҳои он.

## V. АМВОЛИ БАХШ

**8.** Бахш пурра амволи донишгоҳро истифода менамояд, ки тартиботи зерин ташкил меёбад:

– амволи бо ҳуқуқи идоракунии хоҷагидорӣ ва ташкили раванди

хизматрасонидодаи донишгоҳ ва даромадҳо;

– саҳмгузории амволи ихтиёрӣ ва хайрҳоҳии шахсони ҳуқуқӣ;

– амволе, ки Бахш онро дар асоси ҳуқуқи идоракунии хоҷагидорӣ дорост, моликияти донишгоҳ мебошад;

– амволи мазкур тақсимшаванда буда, наметавонад ба саҳмҳо ҷудо шавад;

– бахш ҳуқуқ надорад, ки моликияти мазкурро фурӯшад ё ба гарав монад ва ё бо тартиби дигар бе розигии донишгоҳ онро тасарруф намояд;

– фоидаи Бахш аз ҳисоби даромад ва фаъолияти хоҷагидорӣ баъд аз супоридани ҳамаи андозҳо ва пардохти ҳатмӣ ва хароҷоти истеҳсолӣ ташкил мешавад;

# НИЗОМНОМАИ ШУЪБАИ ТАРБИЯ

Низомномаи шуъбаи тарбияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия шудааст.

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Шуъбаи тарбия (минбаъд – Шуъба) ҷузъи таркибии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, дар асоси Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр амал намуда, дар фаъолияти кории худ меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ, фармоишҳои ректори ДМТ ва дастуру супоришҳои муовини ректор оид ба корҳои тарбияро ба роҳбарӣ мегирад.

2. Шуъба аз чунин воҳиди корӣ иборат аст: мудири шуъба 1 нафар, мутахассиси пешбар 1 нафар ва мутахассис 3 нафар.

3. Шуъбаро мудири шуъба роҳбарӣ менамояд, ки бо пешниҳоди муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ аз ҷониби ректори ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Дигар кормандони шуъбаи тарбия аз пешниҳоди муовини ректор оид ба корҳои тарбия аз ҷониби ректори ДМТ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

4. Тамоми масъалаҳое, ки ба тарбия алоқамандӣ доранд, Шуъба дар фаъолияти худ ба роҳбарӣ гирифта, сохтори асосии танзимкунандаи муносибатҳо дар ин самт ба ҳисоб меравад.

5. Шуъба ҳамчун сохтори ҳамоҳангсоз фаъолияти тамоми зерсохторҳои қисми тарбияи Донишгоҳро назорат намуда, дар назди муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва ректор масъул мебошад.

6. Шуъба ҷиҳати муайянсозии ҳадафҳо, тарбияи маънавию ҷисмонии донишҷӯён, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, фарҳангсолорӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ, инсондӯстӣ, ифтихор ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, муҳаббати донишҷӯён нисбат ба Ватан, эмин нигоҳ доштани аҳолӣ аз таҳдидҳои хатарноки замони муосир фаъолият менамояд. Шуъба дар

самти тарбияи маънавию ҷисмонии донишҷӯён, инкишофи ҳисси ватандӯстӣ ва муҳаббати онҳо нисбат ба Ватан, ҳифзи амният, таҳким ва гиромидоштани истиқлолият ва ободии Ватан, пешгирӣ кардани зуҳуроти ифротгароӣ ва таассуби динӣ дар байни донишҷӯён тадбирҳои ҳамешагӣ меандешад.

## II. МАҚСАДИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

7. Шуъба бо мақсади татбиқи амалии меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», дигар қонунгузории соҳаи маориф ва илм, дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми ҶТ, фармоишҳои вазири маориф ва илми ҶТ, Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ, Оинномаи ДМТ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии ДМТ, низомномаҳо, дастурамалҳо, қарорҳои Шурои олимон ва фармоишҳои ректори ДМТ, Нақшаи чорабиниҳои корҳои тарбиявии Донишгоҳ ва дастуру супоришҳои муовини ректор оид ба корҳои тарбия фаъолияти худро роҳандозӣ менамояд. Мақсади асосии фаъолияти Шуъба ташаккули шахсиятҳои дорои сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллии дошта, инсондӯст, озодандеш, ташаббускор, ҳифзкунандаи манфиатҳои миллӣ, дорандаи нангу номуси миллӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, соҳиби тафаккури миллӣ, дар маҷмуъ тарбия ва ташаккули инсони комил мебошад. Ҳамчунин, кормандони шуъба бо мақсади татбиқи амалии тарбияи миллӣ, ғоявӣ, хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ, ватанпарастӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ, маърифатӣ, ҳуқуқӣ, гуманистӣ, зебоипарастӣ, меҳнатӣ ва касбинтихобкунӣ, иқтисодӣ, экологӣ, сиёсӣ, ҷисмонӣ, тафаккури интиқодӣ, таҳаммул ва тоқатпазирӣ, масъулиятшиносӣ, тарзи ҳаёти солим пайваста фаъолият мекунанд;

8. Кормандони Шуъба фаъолияти худро дар асоси принсипи афзалияти манфиатҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, донишгоҳӣ нисбат ба манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ба роҳ мемонанд;

9. Шуъба фаъолияти Шуъбаи кор бо ҷавонон, Бахши кор бо занон ва духтарон, Шурои кураторон, Шурои волидайн, ансамбли халқии «Наврӯз», Осорхонаи Донишгоҳро ҳамоҳанг сохта, самарабахшии фаъолияти онҳоро дар вусъати корҳои тарбиявӣ таъмин менамояд.

## III. САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

10. Ба сифати самтҳои асосии фаъолияти Шуъба инҳо эътироф мегарданд:

– тарбияи маънавию ҷисмонии донишҷӯён;

– инкишофи ҳисси ватандӯстӣ ва муҳаббати онҳо нисбат ба Ватан;

– ҳифзи амният, таҳкими истиқлолият ва ободии Ватан;

– эмин нигоҳ доштани донишчуён аз таҳдидҳои номатлуби замони муосир, пешгирӣ кардани зуҳуроти ифротгароӣ ва таассуби динӣ дар байни онҳо;

– баланд бардоштани эҳсоси худшиносӣ, нангу номуси миллӣ ва фароҳам овардани шароит барои таҳкими заминаи маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангии донишҷӯён;

– таблиғи ғояҳои асосии миллӣ, аз қабили ифтихор аз таърихи миллати худ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ, маънавӣ ва дастовардҳои истиқлолият;

– бунёди ҷомеаи пешрафта ва мутамаддини шаҳрвандӣ;

– баланд бардоштани ҳувияти миллӣ, мустаҳкам намудани зиракии сиёсӣ;

– ташаккули тарзи ҳаёти солим;

– пешгирии ҷинояту ҷинояткорӣ, оворагардию кирдорҳои зиддиахлоқӣ;

– тарбияи донишҷӯён бо мақсади худдорӣ намудани онҳо аз шомилшавӣ ба ташкилоту иттиҳодияҳои ифротгаро, террористӣ, нашъамандӣ;

– огоҳ гардонидани донишҷӯён аз таъсири манфии раванди ҷаҳонишавӣ;

– татбиқи дигар шаклҳои корҳои тарбиявӣ, ки ба тарбияи ватандӯстии ҷавонон иртиботи ногусастанӣ доранд.

## IV. ҲУҚУҚҲОИ ШУЪБА

11. Шуъба ҳуқуқ дорад:

– корҳои иҷтимоӣ – тарбиявиро дар Донишгоҳ ташкил намояд;

– шакли ҳисоботдиҳии натиҷаи корҳои иҷтимоӣ – тарбиявиро дар Донишгоҳ роҳандозӣ намояд;

– иштироки донишҷӯёнро дар машғулиятҳои назариявӣ, амалӣ, озмоишӣ ва факултативӣ назорат намояд;

– риояи Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳантии ДМТ -ро дар сохторҳои марбутаи Донишгоҳ мавриди санҷиш қарор диҳад;

– иҷрои «Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ» -ро дар Донишгоҳ пайваста назорат ва натиҷагирӣ намояд;

– иҷрои Нақшаи кории Шуъба бо воҳидҳои сохтории Донишгоҳ ва факултетҳо ҳамоҳанг созад;

– ба Раёсати Донишгоҳ дар хусуси ҳавасмандгардонии донишҷӯёни лаёқатманд бо пешниҳод муроҷиат намояд;

12. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои вазифавии ҳар як корманди Шуъба тибқи дастурамали вазифавӣ муқаррар карда мешавад.

## V. ВАЗИФА ВА УҲДАДОРИҲОИ ШУЪБА

13. Иҷрои саривақтии ҳуҷҷатҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти тарбияро дар зерсохторҳои Донишгоҳ назорат менамояд.

14. Фармоишҳои ректори Донишгоҳ, қарорҳои Шурои олимон ва раёсати Донишгоҳро оид ба самарабахшии корҳои тарбиявӣ дар байни омӯзгорону кормандон ва донишҷӯён амалӣ менамояд.

15. Рафти иҷрои фармоишҳои ректори Донишгоҳ, қарорҳои Шурои олимон ва раёсати Донишгоҳро, ки ба масъалаҳои тарбиявӣ алоқамандӣ доранд, дар тамоми зерсохторҳои Донишгоҳ назорат менамояд.

16. Фаъолият ва иҷрои саривақтии нақшаи корҳои тарбиявӣ, мазмун ва мундариҷаи корҳои тарбиявиро дар кафедраҳо, факултетҳо, хобгоҳҳо ва дигар сохторҳои Донишгоҳ зери назорати қатъӣ қарор медиҳад.

17. Ҷиҳати ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои сиёсию фарҳангӣ, оммавӣ, маърифатӣ, варзишӣ, дигар чорабиниҳои тарбиявӣ дар Донишгоҳ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи донишазхудкунӣ ва ташаккули ҳисси худшиносию ифтихори миллии донишҷӯён ва тарбияи ватандӯстӣ, таҳкими ҳувияти миллӣ, огоҳ гардидан аз таъриху фарҳанги миллати худ ва хештаншиносию худогоҳии донишҷӯён, мусоидат менамояд.

18. Барои татбиқи амалии Конститутсияи ҶТ, қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои соҳаи маориф ва илм, фармону амрҳои Президенти ҶТ, фармоишу қарорҳои Ҳукумати ҶТ, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми ҶТ, фармоишҳои Вазири маориф ва илми ҶТ, дигар мактубҳои аз мақомоту муассисаҳои давлатӣ воридшуда, «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи ДМТ, қарорҳои Шурои олимони ДМТ, фармоишҳои ректори Донишгоҳ, дастуру супоришҳои Раёсати Донишгоҳ, дастуру супоришҳои муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ тадбирҳои таъхирнопазир меандешад.

19. Бо мақсади ҷашн гирифтани рӯзҳои ид дар ҶТ, санаҳои таърихӣ ва ҷалб намудани ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳ ба чорабиниҳои сиёсию фарҳангӣ, варзишӣ ва дигар чорабиниҳои тарбиявӣ нақша-чорабиниҳо таҳия намуда, иҷрои онро дар тамоми зерсохторҳои қисми тарбияи Донишгоҳ зери назорати қатъӣ қарор медиҳад.

20. Лоиҳаҳои фармоишҳои ректори ДМТ, қарорҳои Раёсат ва Шурои олимони Донишгоҳ, ки ба фаъолияти тарбиявӣ алоқаманд мебошанд, омода менамояд.

21. Мунтазам бо муовинони деканҳо оид ба корҳои тарбиявӣ машваратҳои корӣ доир намуда, ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти бавуҷудомада чораҳои зарурӣ меандешад.

22. Фаъолияти кории муовинони декан оид ба корҳои тарбиявиро таҳти назорат ва санҷиш қарор медиҳад.

23. Барои таъмин намудани донишҷӯён бо хобгоҳҳои Донишгоҳ чораҷӯӣ менамояд.

24. Аз натиҷаи баргузории соатҳои тарбиявӣ мунтаззам аз сарпарастони гурӯҳҳои академӣ ҳисобот талаб намуда, муҳтавои онро дар шакли маълумотномаи хаттӣ ба муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ пешниҳод менамояд.

25. Ба ҳуҷҷатҳои воридшаванда, ки ба фаъолияти тарбиявӣ алоқамандӣ доранд, мактуби ҷавобӣ омода менамояд.

26. Тарғиби фаъолияти Донишгоҳро тавассути ВАО ва дигар воситаҳо ба роҳ мемонад.

27. Ба Раёсати Донишгоҳ таклифу пешниҳодҳо ҷиҳати дарёфти роҳи ҳалли масъалаҳои ҳалталаби ба фаъолияти тарбиявӣ алоқамандро ирсол менамояд.

28. Таҳия ва барои тасдиқ ба Шурои олимони Донишгоҳ барномаҳои дурнамои корҳои тарбиявиро пешниҳод мекунад.

29. Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешида, дар дарсҳои тарбиявии гурӯҳҳои академӣ омӯзиши пайвастаи онро ба роҳ монда, иҷрои онро зери назорат қарор медиҳад.

30. Иҷрои қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии ДМТ ва вазифаҳои донишҷӯиро назорат менамояд.

31. Риояи «Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» -ро таъмин менамояд.

32. Баҳри инкишофи худшиносии миллӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ, ифтихори ватандорӣ, таҳкими ҳувияти миллӣ, мустаҳкамии зиракии сиёсӣ ва умуман тарбияи ватандӯстии донишҷӯён чораҳои зарурӣ меандешад.

33. Назорати татбиқ ва амалишавии нақшаҳои фаъолияти кории Шурои кураторон, Бахши кор бо занон ва духтарон, ансамбли халқии «Наврӯз», Осорхонаи Донишгоҳ, Шурои волидайн ва дигар воҳидҳои сохтории ба фаъолияти тарбиявӣ иртиботдоштаро ба роҳбарӣ мегирад.

34. Дар ҳамоҳангӣ бо Шуъбаи кор бо ҷавонон, Бахши кор бо занон ва духтарон, Шурои кураторон, ансамбли халқии «Наврӯз», Осорхонаи Донишгоҳ ва бахши тарбияи садорати факултетҳо ба баргузор намудани маҳфилҳои гуногуни тарбиявӣ мусоидат менамояд.

35. Ташкил ва гузаронидани маҷлисҳои ҳисоботии зерсохторҳои қисми тарбияи Раёсати Донишгоҳ ва садорати факултетҳоро таҳти назорат қарор медиҳад.

36. Иҷро ва амалӣ намудани корҳои дигареро, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ ва Низомномаи мазкур пешбинӣ мегарданд ва ба фаъолияти тарбиявӣ алоқаманд мебошанд, назорат мекунад.

## VI. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМА ВА ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

37. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур аз тарафи Шурои олимони донишгоҳ ворид карда мешавад.

38. Фаъолияти Шуъба дар асоси қарори Шурои олимони донишгоҳ дар мувофиқа бо ректор қатъ ва ё аз нав ташкил карда мешавад.

39. Дар мавриди азнавташкилёбӣ ва ё қатъ гардидани фаъолияти Шуъба мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ректори Донишгоҳ ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ҳайати кормандони аз вазифа озодшудаи Шуъба кафолат дода мешавад.

# НИЗОМНОМАИ
# АНСАМБЛИ ХАЛҚИИ «НАВРӮЗ»

Низомномаи ансамбли халқии “Наврӯз”-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Низомномаи шуъбаи тарбияи ДМТ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, илм ва фарҳанг таҳия шудааст.

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Ансамбли халқии «Наврӯз»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Ансамбл) яке аз зерсохторҳои шуъбаи тарбияи Донишгоҳ буда, дар асоси Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Низомномаи шуъбаи тарбияи ДМТ, Низомномаи мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр амал намуда, дар фаъолияти кории худ меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ, фармоишҳои ректор, дастуру супоришҳои муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва мудири шуъбаи тарбияро ба роҳбарӣ мегирад;

2. Ансамбл минбари донишҷӯёни соҳибистеъдоди Донишгоҳ мебошад;

3. Ансамбл ҳамчун таблиғгари фарҳанги миллӣ ва сиёсати давлатдорӣ фаъолият мекунад;

4. Ансамбл дар байни донишҷӯёни Донишгоҳ тарбияи эстетикӣ ва баланд бардоштани завқи маънавии онҳоро ба воситаи санъат ба роҳ мемонад;

Ансамбл аз 16 воҳиди корӣ: 1 роҳбари бадеӣ, 1 роҳбари мусиқӣ, 1 режесиёр, 1 репититор – балетмейстер, 1 оператор, 1 ташкилотчӣ, 1 либосдор, 1 муаллими най, 1 муаллими рубоб, 1 муаллими асбоби барқӣ, 1 муаллими доира, 1 муаллими сетор, 1 муаллими рубоб – басс, 1 муаллими ғиҷак иборат аст;

5. Ансамблро Роҳбари бадеӣ роҳбарӣ менамояд, ки бо пешниҳоди муовини ректор оид ба корҳои тарбия аз ҷониби ректор ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад;

6. Тамоми масъалаҳое, ки ба соҳаи фарҳанг алоқамандӣ доранд, ансамбл дар фаъолияти худ ба роҳбарӣ гирифта, сохтори асосии танзимкунандаи муносибатҳо дар ин самт ба ҳисоб меравад;

7. Ансамбл бо қисми тарбия ва дигар воҳидҳои сохтории Донишгоҳ дар раванди таҳияи чорабиниҳои фарҳангӣ ҳамкорӣ намуда, дар назди муовини ректор оид ба корҳои тарбия масъул мебошад.

## II. МАҚСАД ВА САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ АНСАМБЛ

8. Ансамбл бо мақсади татбиқи амалии меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», дигар қонунгузории соҳаи маориф, илм ва фарҳанг, дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми ҶТ, фармоишҳои вазири маориф ва илми ҶТ, Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ, Оинномаи ДМТ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии ДМТ, Низомномаҳо, Дастурамалҳо, қарорҳои Шурои олимон ва фармоишҳои ректори Донишгоҳ, нақшаи чорабиниҳои корҳои тарбиявии Донишгоҳ, нақшаи кори ансамбл ва дастуру супоришҳои муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ фаъолияти худро роҳандозӣ менамояд;

9. Кормандони Ансамбл дар фаъолияти худ манфиатҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, донишгоҳиро аз манофеи шахсӣ ва гурӯҳӣ боло гузошта, дар баланд бардоштани ҳисси зебоипарастӣ, тарғиби фарҳанги миллӣ, жанрҳои ҳунари мардумӣ ва муаррифии чеҳраҳои нави соҳаи санъат аз ҳисоби донишҷӯён, сафарбар намудани донишҷӯёни соҳибистеъдод ба озмунҳои ҳунарии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мусоидат менамоянд;

10. Ансамбл бо таҳия ва пешниҳоди чорабиниҳои фарҳангӣ, барномаҳои консертии хусусияти меҳанпарастӣ дошта, дар тарбияи ватандӯстию хештаншиносии омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳ саҳм мегузорад;

11. Ансамбл бо барномаҳои консертӣ дар раванди баргузории чорабиниҳои фарҳангии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ саҳм гузошта, метавонад сафарҳои ҳунарӣ анҷом диҳад ва барномаҳои консертии пулакӣ ташкил намояд;

12. Омӯзгорони созҳои гуногуни мусиқӣ, маҳфилҳои рақсӣ, сурудхонӣ, ровиён ва ҳаҷвнигорон метавонанд бо таҳияи ҷадвали дарсӣ донишҷӯёни соҳибистеъдодро ба тамринҳои ҳунарӣ ҷалб созанд;

13. Ансамбл бо садорати факултетҳо дар самти омода намудани чорабиниҳои фарҳангӣ ҳамкорӣ менамояд.

## III. ВАЗИФАҲОИ АНСАМБЛ

14. Тахия ва пешниҳоди барномаҳое, ки дар баланд гаштани ҳисси ватандӯстӣ, ташаккули шахсият, ифтихори миллӣ ва зебоипарастии донишҷӯён саҳми арзишманд мегузоранд;

15 Муҳокимаи барнома ва сенарияҳои таҳиянамудаи Ансамбл дар ҷаласаи Раёсати Донишгоҳ ва ҷаласаи кории шуъбаи тарбия;

16. Ҳамкории Ансамбл дар раванди таҳия ва пешниҳоди барномаҳои фарҳангӣ бо қисми тарбия, дигар воҳидҳои сохторӣ ва садорати факултетҳо;

17. Бо иҷозати ректори Донишгоҳ ё муовини ректор оид ба корҳои тарбия намоиш додани барномаҳои ҳунарии Ансамбл дар чорабиниҳои донишгоҳӣ ва берун аз он;

18. Ансамбл дар мувофиқа бо ректор метавонад дар миёни донишҷӯёни соҳибистеъдоди факултетҳо бо таҳияи барномаву низомнома маҳфилҳои гуногун, фестивал – озмунҳои фарҳангӣ ташкил намояд;

19. Баргузории барномаи мукаммали ҳунарӣ (ҳисоботӣ)-и Ансамбл дар ҷамъбасти соли таҳсил;

20. Тарғиби пайвастаи фаъолияти ҳунарии Ансамбл дар ВАО ва сомонаҳои иҷтимоӣ;

21. Самаранок ва ба манфиати рушди кори ҳунарии Ансамбл истифода бурдани созҳои мусиқӣ, маркази сабти овоз ва дигар таҷҳизот.

## IV. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ АНСАМБЛ

Ба уҳдаи Ансамбл иҷро намудани корҳои зерин гузошта мешавад:

22. Ҳамаи лавозимоти Ансамбл (асбобҳои мусиқӣ, асбобҳои овозӣ, сару либос) аз ҳисоби захираҳои дохилии Донишгоҳ таъмин карда шуда, дар ҳолати зарурӣ лавозимоти корношоям бо иҷозати раёсати Донишгоҳ аз эътибор соқит дониста мешаванд;

23. Ансамбл уҳдадор аст, ки лавозимоти кориашро (ба истиснои чорабиниҳои дохилидонишгоҳӣ) бе иҷозати ректори донишгоҳ ва муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ истифода набарад;

24. Баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва ғоявию фарҳанги кормандон;

25. Назорати риояи интизоми меҳнат аз ҷониби кормандон;

26. Ҳамоҳангсозии иҷрои нақшаи кории Ансамбл бо воҳидҳои сохтории Донишгоҳ ва факултетҳо;

27. Таъмини вазъи беҳтари ҳуҷҷатгузорӣ дар сатҳи Ансамбл.

Ансамбл ҳуқуқ дорад:

28. Ҷиҳати такмил додани раванди ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ ба Шурои олимони Донишгоҳ бо пешниҳод муроҷиат намояд;

29. Ансамблро дар дохил ва берун аз Донишгоҳ намояндагӣ кунад;

30. Донишҷӯёни соҳибистедоде, ки аъзои фаъоли Ансамбл ва маҳфилҳои он мебошанд, барои ҳавасмандгардонии онҳо ба раёсати Донишгоҳ пешниҳод манзур намояд;

31. Барои равнақ бахшидани кори Ансамбл ба муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва ректор муроҷиат намояд;

32. Таҳияи ҳуҷҷати узвият ба донишҷӯёни соҳибистеъдоде, ки аъзои фаъоли Ансамбл мебошанд;

33. Дар ҳамкорӣ бо садорати факултетҳо таҳия намудани гӯшаи аъзои фаъоли Ансамбл дар сатҳи факултетҳо;

34. Ансамбл бо воҳидҳои сохтории Донишгоҳ дар раванди ташкил ва баргузории чорабиниҳо дар сурате мусоидат менамояд, ки на камтар аз се рӯз то баргузоршавии чорабиниҳо роҳбарияти Ансамблро хабардор намоянд;

35. Ансамбл барои озод намудани иштирокчиёни чорабиниҳо аз машғулиятҳои дарсӣ (донишҷӯёне, ки ҳамчун аъзои Ансамбл сабти ном шудаанд) пешниҳоди худро ба ректори Донишгоҳ ирсол намояд.

## V.ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМА ВА ҚАТЪИ ФАЪОЛИЯТИ АНСАМБЛ

35. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ворид карда мешавад;

36. Фаъолияти Ансамбл дар асоси қарори Шурои олимон қатъ карда мешавад.

# НИЗОМНОМАИ
# ОСОРХОНА

Низомномаи Осорхонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Низомномаи шуъбаи тарбия» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия шудааст.

## I.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Осорхонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Осорхона) воҳиди сохтории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, дар асоси Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр амал намуда, дар фаъолияти кории худ меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ, фармоишҳои ректор ва дастуру супоришҳои муовини ректор оид ба корҳои тарбиявиро ба роҳбарӣ мегирад;

2. Осорхона ниҳоди таърихӣ – фарҳангӣ ва тарғиботӣ буда, дорои фонди осорхонавист, ки он аз ҳисоби ҷамъоварии ёдгориҳои таърихию фарҳангии миллӣ ва умумибашарӣ таркиб ёфтааст;

3. Осорхона аз 2 воҳиди корӣ: 1 директори Осорхона, 1 сармутахассис иборат аст;

4. Осорхонаро директор роҳбарӣ менамояд, ки бо пешниҳоди муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ аз ҷониби ректор ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад;

5. Тамоми масъалаҳое, ки ба ҳифз ва нигаҳдории ёдгориҳои нодир, дастовардҳои илмӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ, армуғонҳои ниҳодҳои гуногуни хориҷи кишвар ба Донишгоҳ алоқамандӣ доранд, Осорхона дар фаъолияти худ ба зимма гирифта, сохтори асосии танзимкунандаи муносибатҳо дар ин самт ба ҳисоб меравад;

6. Осорхона дар ҳамкорӣ бо дигар самтҳои қисми тарбия, дигар воҳидҳои сохторӣ ва садорати факултетҳо фаъолият намуда, дар назди ректор ва муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ масъул мебошад.

## II. МАҚСАД ВА САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОСОРХОНА

6. Осорхона бо мақсади татбиқи амалии меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг, “Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо”, «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», дигар қонунгузории соҳаи маориф ва илм, дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми ҶТ, фармоишҳои вазири маориф ва илми ҶТ, Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ, Оинномаи ДМТ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии ДМТ, Низомномаҳо, Дастурамалҳо, қарорҳои Шурои олимон ва фармоишҳои ректори ДМТ, нақшаи чорабиниҳои корҳои тарбиявии Донишгоҳ, нақшаи кори Осорхона ва дастуру супоришҳои муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ фаъолияти худро роҳандозӣ менамояд;

7. Кормандони Осорхона дар фаъолияти худ манфиатҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, донишгоҳиро аз манофеи шахсӣ ва гурӯҳӣ боло гузошта, дар муаррифии таърихи фаъолият ва дастовардҳои илмӣ, фарҳангӣ ва варзишии Донишгоҳ мусоидат менамоянд;

8. Осорхона дар ҳамкорӣ бо қисми тарбия, дигар воҳидҳои сохторӣ ва садорати факултетҳо фаъолияти худро тақвият медиҳад;

9. Мақсади асосии фаъолияти Осорхона ҳифз, нигоҳдорӣ, муаррифӣ ва таблиғи дастовардҳои илмӣ, фарҳангӣ ва варзишии Донишгоҳ, инчунин, ташкили гӯшаҳои махсуси ҳифзи армуғонҳое мебошад, ки аз меҳмонони хориҷӣ ба Донишгоҳ тақдим мегарданд. Осорхона дар ин самт бо мувофиқаи ректори Донишгоҳ бо дигар осорхонаҳои ҷумҳуриявӣ ҳамкорӣ менамояд;

10. Фаъолияти Осорхонаи Донишгоҳ Осорхонаи Пешвои миллат, осорхонаҳои факултетҳо, марказҳои фарҳангӣ, китобхона – марказҳои номие, ки дар факултетҳо фаъолият менамоянд, дар бар мегирад.

## III. ВАЗИФАҲОИ ОСОРХОНА

11. Бозёфт, ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ, ташкил ва такмили гӯшаҳои мавҷуда, роҳандозӣ намудани гӯшаҳои нав;

12. Таҳияи ҷадвал ва нақшаи ҷалби омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳ ба сайру тамошои Осорхонаҳои донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ;

13. Таъмини саривақтӣ ва муаррифии лавозимоти таърихии Осорхона ба чорабиниҳои сатҳи донишгоҳӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуривӣ;

14. Тақвият бахшидани кор, таҳияи лавҳаҳои маълумотӣ барои лавозимоти таърихӣ ва пайваста таҷдиди назар намудани гӯшаҳои Осорхона;

15. Дар ҳамкорӣ бо садорати факултетҳо мусоидат намудан дар ташкили дарсҳои кушод, мизҳои мудаввар ва маҳфилҳои таърихӣ;

16. Ҷалби намояндагони муассисаҳои таълимӣ барои боздид намудан аз дастовардҳои таърихӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва варзишии осорхонаҳои Донишгоҳ;

17. Тарғиби фаъолияти осорхонаҳои Донишгоҳ дар ВАО ва сомонаҳои иҷтимоӣ;

18. Таҳияи буклетҳо ва дигар маводи таблиғотӣ баҳри равнақ бахшидаи кори осорхонаҳои Донишгоҳ.

## IV. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ОСОРХОНА

Осорхона уҳдадор аст:

19. Ҳамаи лавозимоти гӯшаҳои Осорхона дар мувофиқа бо Раёсати донишгоҳ ба Осорхона ворид карда шуда, дар ҳолати зарурӣ лавозимоти корношоям бо иҷозати раёсати Донишгоҳ аз эътибор соқит дониста мешаванд;

20. Осорхона уҳдадор аст, ки лавозимоти таърихии гӯшаҳоро (ба истиснои чорабиниҳои дохилидонишгоҳӣ) бе иҷозати ректори донишгоҳ ва муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ истифода набарад;

21. Баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва ғоявию фарҳанги кормандон;

22. Назорати риояи интизоми меҳнат аз ҷониби кормандон;

23. Иҷрои нақшаи кории Осорхона бо воҳидҳои сохтории Донишгоҳ ва факултетҳо ҳамоҳанг созад;

24. Таъмини вазъи беҳтари ҳуҷҷатгузорӣ дар сатҳи Осорхона;

Осорхона ҳуқуқ дорад:

25. Ҷиҳати такмил додани гӯшаҳои Осорхона ба Шурои олимони Донишгоҳ бо пешниҳод муроҷиат намояд;

26. Осорхонаро дар дохил ва берун аз Донишгоҳ намояндагӣ кунад;

27. Барои равнақ бахшидани кори Осорхона ба муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва ректор муроҷиат намояд;

28. Барои беҳтар гардонидани гӯшаҳои Осорхона дар ҳамкорӣ аз садорати факултетҳо ва дигар воҳидҳои сохторӣ маводи марбут ба таърихи фаъолияти факултетҳо ва дигар ниҳодҳоро қабул намояд;

29. Шароити мусоид фароҳам овардан ба кормандони илмӣ-таҳқиқотӣ ҷиҳати омода намудани рисолҳои илмӣ ва маводи таълимӣ.

30. Иҷро ва амалӣ намудани корҳои дигаре, ки тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ ва Низомномаи мазкур пешбинӣ мегарданд.

## V.ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМА ВА ҚАТЪИ ФАЪОЛИЯТИ ОСОРХОНА

31. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур аз тарафи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ворид карда мешавад;

32. Фаъолияти Осорхона дар асоси қарори Шурои олимон қатъ карда мешавад.

# НИЗОМНОМАИ
# БАХШИ КОР БО ДУХТАРОН ВА ЗАНОН

Низомномаи Бахши кор бо духтарон ва занони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», Низомномаи шуъбаи тарбия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия шудааст.

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Бахши кор бо духтарон ва занони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Бахш) яке аз зерсохторҳои қисми тарбияи Донишгоҳ буда, дар асоси Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Низомномаи шуъбаи тарбия, Низомномаи мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр амал намуда, дар фаъолияти кории худ меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ, фармоишҳои ректор ва дастуру супоришҳои муовини ректор оид ба корҳои тарбиявиро ба роҳбарӣ мегирад.

2. Бахш ба хотири иҷрои бомуваффақияти мақсад ва вазифаҳо ҳамкории доимии худро бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ (Шурои сарпарастон, Ассотсиатсияи волидайн ва дигарон) ба роҳ мемонад.

3. Бахш аз 2 воҳиди корӣ: 1 раиси бахш, 1 сармутахассис иборат аст.

4. Бахшро раис роҳбарӣ менамояд, ки бо пешниҳоди муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ аз ҷониби ректор ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

5. Бахш тамоми масъалаҳое, ки ҷиҳати амалӣ намудани сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа алоқамандӣ доранд, дар фаъолияти худ ба роҳбарӣ гирифта, сохтори асосии танзимкунандаи муносибатҳо дар ин самт ба ҳисоб меравад.

6. Бахш ҳамчун сохтори ҳамоҳангсоз фаъолияти тамоми Шурои занон ва духтарони факултетҳоро назорат намуда, дар назди ректор, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва шуъбаи тарбия масъул мебошад.

## II. МАҚСАД ВА САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ БАХШ

6. Бахш бо мақсади татбиқи амалии меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила", "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо", "Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", дигар қонунгузории соҳаи маориф ва илм, дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми ҶТ, фармоишҳои вазири маориф ва илми ҶТ, Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ, Оинномаи ДМТ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии ДМТ, Низомномаҳо, Дастурамалҳо, қарорҳои Шурои олимон ва фармоишҳои ректори ДМТ, нақшаи чорабиниҳои корҳои тарбиявии Донишгоҳ, нақшаи кори Бахш ва дастуру супоришҳои муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, шуъбаи тарбия фаъолияти худро роҳандозӣ менамояд.

7. Кормандони Бахш дар фаъолияти худ манфиатҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, донишгоҳиро аз манофеи шахсӣ ва гурӯҳӣ боло мемонанд.

8. Мақсади асосии фаъолияти Бахш татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, ташаккули фарҳанги миллӣ, аз байн бурдани тамоюли бегонапарастӣ ва баланд бардоштани ҳисси ташаббускории занон иборат мебошад.

9. Иҷрои супоришҳои Раёсати Донишгоҳ ва дигар ниҳодҳои марбут ба соҳа;

10. Бахш дар ҳамкорӣ бо Шуъбаи кор бо ҷавонон, Шурои кураторон, Ассотсиатсияи волидайн ва дигар воҳидҳои сохторӣ фаъолияти худро амалӣ менамояд.

11. Яке аз самти фаъолияти Бахш мусоидат намудан дар раванди ташкил ва баргузории чорабиниҳои расмӣ-фарҳангӣ, мизҳои мудаввар, конфронсу машваратҳо, маҳфилҳои зеҳнӣ-маърифатӣ, корҳои ободонӣ бо ҷалби бонувон мебошад.

## III. ВАЗИФАҲОИ БАХШ

12. Иҷрои саривақтии ҳуҷҷатҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор;

13. Таҳти назорат қарор додани фаъолияти раисони бахши кор бо духтарону занони факултетҳои Донишгоҳ;

14. Таъмини иштироки фаъолонаи духтарону занон дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ ва корҳои сиёсӣ – тарбиявӣ;

15. Иҷрои нақша-чорабиниҳои Бахш ва татбиқи корҳои тарбиявӣ дар байни бонувон;

16. Азназаргузаронии вазъи ҳуҷҷатнигории Шурои занон ва духтарони тамоми факултетҳои Донишгоҳ;

17. Тибқи талабот беҳтар намудани сатҳи ҳуҷҷатгузории Бахш;

18. Сафарбар намудани занону духтарони Донишгоҳ ба барномаҳои телевизионӣ – радиоӣ;

19. Тарғиби фаъолияти Бахш дар сомонаҳои иҷтимоӣ;

20. Тартиб додани нақшаи кории ҳарсолаи Бахш дар асоси нақша-чорабиниҳои қисми тарбия;

21. Иҷрои фармоишу супоришҳои раёсати Донишгоҳ;

22. Таҳия ва пешниҳоди саривақтии маълумотнома оид ба корҳои анҷомёфта ба муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва ба шуъбаи тарбия;

23. Назорати раванди амалишавии «Дастурамали либосҳои тавсиявӣ» дар байни бонувон;

24. Гузаронидани суҳбату вохуриҳо бо донишҷӯдухтарон ва занони Донишгоҳ, донишҷӯдухтарони дар хобгоҳ иқоматдошта ва донишҷӯдухтароне, ки тариқи квотаи Президентӣ таҳсил менамоянд;

25. Омода намудани гурӯҳи волонтёрон вобастта ба сатҳи забондонӣ ва симои зоҳирӣ

26. Иҷро ва амалӣ намудани корҳои дигаре, ки тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ ва Низомномаи мазкур пешбинӣ мегарданд.

## IV. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ БАХШ

Бахш ҳуқуқ дорад:

27. Иштирок дар раванди пешниҳод ва интихоби раисони Шурои занон ва духтарони факултетҳо;

28. Ҷиҳати такмил додани раванди ташкил ва гузаронидани корҳои тарбиявӣ дар байни донишҷӯдухтарон ба Шурои олимони Донишгоҳ бо пешниҳод муроҷиат намояд;

29. Бахшро дар дохил ва берун аз Донишгоҳ намояндагӣ кунад;

30. Пешниҳод ба раёсати Донишгоҳ дар хусуси ҳавасмандгардонии донишҷӯдухтарони лаёқатманд;

31. Барои беҳбудии кори Бахш ба муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва ректор муроҷиат намояд;

Уҳдадориҳои бахш:

32. Фаъолияти худро дар асоси нишондодҳои Низомномаи мазкур ба таври қонунӣ ба роҳ монад;

33. Давоми сол ду маротиба ба муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ дар бораи натиҷаи фаъолияти худ ҳисобот пешниҳод намояд.

34. Баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва ғоявию фарҳанги кормандон ва раисони Шурои занон ва духтарони факултетҳо;

35. Ҳамоҳангсозии иҷрои нақшаи кории Бахш бо воҳидҳои сохтории Донишгоҳ ва факултетҳо.

## V. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМА ВА ҚАТЪИ ФАЪОЛИЯТИ БАХШ

36. Ба Низомномаи Бахш аз тарафи Шурои олимони Донишгоҳ тағйиру иловаҳо ворид карда мешавад.

37. Фаъолияти Бахш дар асоси қарори Шурои олимони Донишгоҳ қатъ карда мешавад.

# Н И З О М Н О М А И
# АССОТСИАТСИЯИ ВОЛИДАЙНИ ДОНИШҶӮЁН

Низомномаи Ассотсиатсияи волидайни донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии ДМТ, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи шуъбаи тарбия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ таҳия шудааст.

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Ассотсиатсияи волидайни донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Ассотсиатсия) яке аз зерсохторҳои ҷамъиятии Донишгоҳ буда, дар асоси Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, Низомномаи шуъбаи тарбия, Низомномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр амал намуда, дар фаъолияти худ меъёрҳои ҳуқуқӣ, фармоишҳои ректори ДМТ ва дастуру супоришҳои муовини ректор оид ба корҳои тарбиявиро ба роҳбарӣ мегирад.

2. Ассотсиатсия фаъолият ва муносибатҳои байни волидайни донишҷӯён, донишҷӯён ва Раёсати Донишгоҳро ба танзим медарорад.

3. Ассотсиатсия дар беҳтар гардонидани ҳамкории муштараки Донишгоҳ бо волидайни донишҷӯён саҳмгузорӣ намуда, мусоидат менамояд.

4. Ассотсиатсияро раиси он роҳбарӣ менамояд, ки аз ҷумлаи кормандони шуъбаи тарбия бо пешниҳоди муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ аз ҷониби ректори ДМТ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

5. Тамоми масъалаҳое, ки ба тақвияти фаъолияти ҳамкории байниҳамдигарии Донишгоҳ ва волидайни донишҷӯён алоқамандӣ доранд, Ассотсиатсия дар фаъолияти худ ба роҳбарӣ гирифта, муносибатҳоро дар ин самт равнақ дода, танзим менамояд.

6. Ассотсиатсия ҳамчун сохтори ҷамъиятӣ фаъолият намуда, дар

назди муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва мудири шуъбаи тарбия масъул мебошад.

7. Ассотсиатсия ташкилоти ғайрисиёсӣ буда, фаъолияти худро дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Низомномаи шуъбаи тарбия, Низомномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ба роҳ мемонад.

8. Ассотсиатсия дар фаъолияти худ ҷаласа, мизи гирд ва дигар чорабиниҳои илмӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ ташкил ва баргузор менамояд.

## II. МАҚСАД ВА САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ АССОТСИАТСИЯ

9. Ассотсиатсия бо мақсади татбиқи амалии меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар қонунгузории ҶТ, дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми ҶТ, фармоишҳои вазири маориф ва илми ҶТ, Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ, Оинномаи ДМТ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии ДМТ, низомномаҳо, дастурамалҳо, қарорҳои Шурои олимони ДМТ ва фармоишҳои ректори ДМТ, Нақшаи чорабиниҳои корҳои тарбиявии Донишгоҳ, Нақшаи кории Ассотсиатсия, дастуру супоришҳои муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва шуъбаи тарбия фаъолияти худро роҳандозӣ менамояд.

10. Ассотсиатсия бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои таркибии Донишгоҳ бо волидайни донишҷӯён, огоҳ намудани падару модари донишҷӯён аз фаъолияти таълимиву тарбиявии фарзандҳояшон ва ба ин васила тақвият додани ҳамкории дуҷонибаи Донишгоҳ ва волидайн ташкил шудааст.

11. Ассотсиатсия дар ҳамбастагӣ бо шуъбаи тарбия, шуъбаи кор бо ҷавонон, бахши кор бо занон ва духтарон, шурои кураторон, ансамбли халқии «Наврӯз" фаъолият намуда, дар рушди муносибатҳои волидайни донишҷӯён бо ДМТ саҳм мегузорад.

12. Мақсади асосии фаъолияти Ассотсиатсия дар ҳамкорӣ бо волидайни донишҷӯён ташаккули шахсиятҳои дорои сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, инсондӯст, озодандеш, ташаббускор, ҳифзкунандаи манфиатҳои миллӣ, дорандаи нангу номуси инсонию

миллӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, соҳиби тафаккури миллӣ, дар маҷмуъ ташаккули инсони комил мебошад.

13. Самти фаъолияти муҳимми ин ниҳод дар ҳамкорӣ бо садорати факултетҳо ташкил ва баргузории ҷаласаҳо бо иштироки волидайни донишҷӯён, барқарор намудани робитаи мунтазам бо волидайни донишҷӯён, ҳавасманд гардонидани волидайне, ки фарзандашон бо интизоми намунавӣ ва дониши хубу аъло таҳсил менамоянд, ба ҳисоб меравад.

## III. ВАЗИФА ВА УҲДАДОРИҲОИ АССОТСИАТСИЯ

14. Вазифаҳои Ассотсиатсия аз инҳо иборатанд:

– ба роҳ мондани ҳамгироии фаъолияти Ассотсиатсия ва ташкилотҳои ҷамъиятии Донишгоҳ;

– дар ҳамкорӣ бо садорати факултетҳо тақвият бахшидани кори Ассотсиатсия;

– ташкил ва назорати баргузории ҷаласаҳои волидайни донишҷӯён дар факултетҳои Донишгоҳ;

– ташкили ҳамоиш, мизҳои гирд, маҳфилу озмунҳои фарҳангӣ, маърифатӣ – зеҳнӣ баҳри амалишавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбия фарзанд»;

– дар ҳар нимсолаи таҳсил ташкил ва баргузор намудани ҷаласаҳои волидайни донишҷӯён;

– ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати шарҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбия фарзанд» дар гурӯҳҳои академӣ;

– таҳияи базаи маълумотии волидайни донишҷӯён шуруъ аз курси 1 ва пайваста таҷдиди назар кардани он;

– иҷро ва амалӣ намудани корҳои дигаре, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ, Низомномаи шуъбаи тарбия ва Низомномаи мазкур пешбинӣ мегарданд.

## IV. ҲУҚУҚҲОИ АССОТСИАТСИЯ

15. Ассотсиатсия ҳуқуқ дорад:

– банақшагирии шакли ҳисоботдиҳии Ассотсиатсия дар факултетҳо;

– баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва ғоявию фарҳангии намояндагони Ассотсиатсия дар факултетҳо;

– таъмини риояи интизоми меҳнат;

– ҳамоҳангсозии иҷрои Нақшаи кории Ассотсиатсия бо воҳидҳои сохтории Донишгоҳ;

– таъмини вазъи беҳтари ҳуҷҷатгузорӣ дар сатҳи Ассотсиатсия;

– ҷиҳати такмил додани раванди ташкил ва гузаронидани ҷаласаҳои волидайн ба Шурои олимони Донишгоҳ бо пешниҳод муроҷиат намояд;

– Ассотсиатсияро дар дохил ва берун аз Донишгоҳ намояндагӣ кунад;

– пешниҳод ба Раёсати Донишгоҳ дар хусуси ҳавасмандгардонии волидайни донишҷӯёни лаёқатманд;

– даъвати намояндагони ниҳодҳои гуногуни давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба ҷаласаҳои волидайни факултетҳо.

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои вазифавии раиси Ассотсиатсия тибқи дастурамали вазифавӣ муқаррар карда мешавад.

## V.ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМА ВА ҚАТЪ ГАРДОНИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ АССОТСИАТСИЯ

16. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур аз тарафи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ворид карда мешавад.

17. Фаъолияти Ассотсиатсия дар асоси қарори Шурои олимон қатъ карда мешавад.

18. Дар мавриди азнавташкилёбӣ ва ё қатъ гардидани фаъолияти Ассотсиатсия мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ректори Донишгоҳ ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои корманди аз вазифа озодшудаи Ассотсиатсия кафолат дода мешавад.

# НИЗОМНОМАИ
# ШУРОИ САРПАРАСТОН (КУРАТОРОН)

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Шурои сарпарастон Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии ДМТ, «Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ», Низомномаи Шуъбаи тарбия, Барномаи намунавии дарсҳои тарбиявӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия шудааст.

2. Шурои сарпарастон (кураторон)-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Шуро) яке аз зерсохторҳои таркибии шуъбаи тарбияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, дар асоси Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Низомномаи шуъбаи тарбия, Низомномаи мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр амал намуда, дар фаъолияти кории худ меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ, фармоишҳои ректори ДМТ ва дастуру супоришҳои муовини ректор оид ба корҳои тарбиявиро ба роҳбарӣ мегирад.

3. Шуро бо мақсади расонидани ёрии амалӣ ба кураторони гурӯҳҳои академӣ дар ҷодаи таълим ва тарбия намудани мутахассисони соҳибмаълумот аз ҷумлаи омӯзгорони ботаҷриба, номзадон ва докторони илм таъсис дода мешавад.

4. Ба ҳайати Шуро кураторони гурӯҳҳои академӣ ва муовинони деканҳои факултетҳо оид ба корҳои тарбиявӣ шомил мешаванд.

5. Шуро аз 1 воҳиди корӣ – раиси Шуро иборат мебошад.

6. Шуроро раиси Шуро роҳбарӣ менамояд, ки бо пешниҳоди муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ аз ҷониби ректори ДМТ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

7. Фаъолияти Шуро мувофиқи муқаррароти Низомномаи мазкур ва аз рӯйи Нақшаи кории тасдиқгардида ба роҳ монда мешавад.

8. Дар ҳар як факултет Шурои кураторон ҳамчун ниҳоди ҷамъиятӣ фаъолият мекунад, ки фаъолияти кураторони гурӯҳҳои академиро назорат менамояд.

9. Ҷаласаи Шуро дар як моҳ як маротиба бо даъвати раиси Шуро гузаронида мешавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ ҷаласаҳои ғайринавбатӣ ва

сайёр гузарондан мумкин аст.

10. Доир ба масъалаҳои муҳокима ва баррасишуда, протокол тартиб дода шуда, қарорҳои дахлдор қабул карда мешавад. Протоколи ҷаласаи баргузоршуда дар ҷузвдони алоҳида нигоҳдорӣ мешавад.

## II. МАҚСАД ВА САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ШУРО

11. Шуро бо мақсади татбиқи амалии меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», дигар қонунгузории соҳаи маориф ва илм, дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми ҶТ, фармоишҳои вазири маориф ва илми ҶТ, Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ, Оинномаи ДМТ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии ДМТ, низомномаҳо, дастурамалҳо, қарорҳои Шурои олимон ва фармоишҳои ректори ДМТ, нақшаи чорабиниҳои корҳои тарбиявии Донишгоҳ ва дастуру супоришҳои муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ фаъолияти худро роҳандозӣ менамояд.

12. Шуро бо мақсади дар амал татбиқ намудани муқаррароти Консепсияи миллии тарбия, Нақшаи кории шуъбаи тарбия ва Шуро, Барномаи намунавии дарсҳои тарбиявӣ, Нақшаи инфиродии донишҷӯ, усулҳои муосири баргузории машғулиятҳои тарбиявӣ фаъолияти менамояд.

13. Шуро дар ҳамоҳангӣ бо шуъбаи тарбия, шуъбаи кор бо ҷавонон, бахши кор бо занон ва духтарон, Шурои волидайн, ансамбли халқии «Наврӯз», осорхонаи Донишгоҳ фаъолият намуда, самарабахшии раванди амалишавии корҳои тарбиявиро вусъат мебахшад.

14. Мақсади асосии фаъолияти Шуро ташаккули шахсиятҳои дорои сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, инсондӯст, озодандеш, ташаббускор, ҳифзкунандаи манфиатҳои миллӣ, дорандаи нангу номуси миллӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, соҳиби тафаккури миллӣ, дар маҷмуъ ташаккули инсони комил мебошад.

15. Шуро усулҳои самараноки корҳои тарбиявиро дар амал татбиқ намуда, оид ба ташкил ва гузаронидани соатҳои кураторӣ, хонишҳои сиёсӣ, олимпиадаҳо, маҳфилҳои маърифатӣ-зеҳнӣ, озмунҳо, мусобиқаҳои варзишӣ ва ғайра саҳм мегузорад.

16. Шуро барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия бо садорати факултетҳои Донишгоҳ ва созмонҳои ҷамъиятӣ ҳамкорӣ карда, дар тарбияи мутахассисони варзида саҳмгузорӣ мекунад.

## III. ВАЗИФАҲОИ ШУРО

14. Шуро дар фаъолияти худ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

– талаботи Оинномаи Донишгоҳро дар факултет амалӣ мегардонад;

– барои баланд бардоштани сатҳи тарбияи ватандӯстии донишҷӯён чораҳои зарурӣ меандешад;

– иштироки фаъолонаи донишҷӯёнро ба машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ таъмин менамояд;

– иҷрои тартиботи дохилӣ ва Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии ДМТ -ро назорат мекунад;

– риояи «Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ» -ро таъмин менамояд;

– дар амал татбиқ намудани бандҳои протоколи огоҳонии донишҷӯён оид ба риояи қоидаҳои дохилидонишгоҳӣ, ки аз қонунгузории соҳаи маориф ва илм ва дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонмуҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеоянд;

– дастрас гардонидани нақшаи инфиродӣ ба донишҷӯён ва назорати иҷрои қисматҳои он;

– барои ташаккули ахлоқи ҳамида, рушду нумуи шахсият ва маданияти волои донишҷӯён ба омӯзгорон ёрӣ мерасонад;

– муносибати бовиҷдононаи донишҷӯёнро нисбат ба таҳсилот ва касби пешанамудаашон густариш медиҳад;

– таҷрибаи пешқадами Шурои кураторони факултетҳоро омӯхта, таҷрибаи беҳтарини онҳоро дар Донишгоҳ амалӣ месозад;

– худидоракуниро дар коллективҳои донишҷӯён ва гурӯҳҳои академӣ сайқал мебахшад;

– баҳри ташаккул ва мустаҳкам намудани муҳити солими психологӣ ва ахлоқӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад;

– барои ташаккули маданияти ҳуқуқии донишҷӯён саъй мекунад;

–баҳри инкишофи худшиносии миллӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ ва ифтихори ватандории донишҷӯён чораҳои зарурӣ меандешад;

– ҳамкории пайваста ва мутақобилан судмандро бо волидони донишҷӯён ба роҳ мемонад;

– ба донишҷӯён фаҳмонида додани муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ва “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”;

– ҷараёни баргузории дарсҳои тарбиявиро мувофиқи нақшаи тасдиқшуда назорат менамояд;

– ба мақолаҳо, рубликаҳо ва маводи танқидӣ, ки нисбат ба Ҳукумат, давлат, сарвари давлат ва аҳли оилаи ӯ рӯйи кор меоянд, вокуниш медиҳад

Иҷро ва амалӣ намудани корҳои дигаре, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ, Низомномаи шуъбаи тарбия ва Низомномаи мазкур пешбинӣ мегарданд.

## IV. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ШУРО

15. Шуро ҳуқуқ дорад:

– иштироки донишҷӯёнро ба машғулиятҳои назариявӣ, амалӣ, озмоишӣ ва факултативӣ назорат кунад;

– барои беҳтар кардани ҷараёни таълиму тарбия, барои ҳавасмандгардонӣ ва ҷазои интизомӣ додани донишҷӯён ба Раёсати Донишгоҳ ва садорати факултет муроҷиат намояд;

– ҷиҳати такмил додани раванди ташкил ва гузаронидани корҳои тарбиявӣ ба қисми тарбияи Донишгоҳ бо пешниҳод муроҷиат намояд;

– шуроро дар дохил ва берун аз Донишгоҳ намояндагӣ кунад;

– дар ҷараёни баргузории дарсҳои тарбиявӣ, инчунин, чорабиниҳои тарбиявие, ки аз ҷониби зерсохторҳои Донишгоҳ гузаронида мешаванд, иштирок намояд;

– зимни баргузории дарсҳои тарбиявӣ назорат намудани иҷрои ҳатмии мутолиаи адабиёти тавсиявии бадеӣ, ки барои донишҷӯёни ҳар як курс тибқи барномаи машғулиятҳои тарбиявӣ ва нақшаи инфиродии донишҷӯ муайян гардидаанд.

Шуро уҳдадор аст:

– корҳои иҷтимоӣ – тарбиявиро дар Донишгоҳ ташкил намояд;

– шакли ҳисоботдиҳии раисони Шурои кураторони факултетҳои Донишгоҳро муайян ҷадвали баргузории ҷаласаҳоро тасдиқ намояд;

– сатҳи касбӣ ва ғоявию фарҳангии кураторони гурӯҳҳои академиро баланд бардорад;

– риояи интизоми меҳнатро аз ҷониби кураторони гурӯҳҳои академӣ назорат намояд;

– иҷрои нақшаи кории Шуроро бо воҳидҳои сохтории Донишгоҳ ҳамоҳанг созад;

– ҳуҷҷатгузориро дар сатҳи Шуро беҳтар намояд.

## V. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМА ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ШУРО

16. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур аз тарафи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ворид карда мешавад.

17. Фаъолияти Шуро дар асоси қарори Шурои олимони Донишгоҳ қатъ карда мешавад.

18. Дар мавриди азнавташкилёбӣ ва ё қатъ гардидани фаъолияти Шуро мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ректори Донишгоҳ ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои корманди аз вазифа озодшудаи Шуро кафолат дода мешавад.

**НИЗОМНОМАИ**
**ШУЪБАИ КОР БО ҶАВОНОН**

Низомномаи шуъбаи кор бо ҷавонони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Низомнома) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон соҳаи маориф ва илм таҳия шудааст.

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Шуъбаи кор бо ҷавонон (минбаъд – Шуъба) яке аз ҷузъи таркибии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

2. Шуъба дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр, фармоишҳои Вазири маориф ва илми Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дастуру супоришҳои муовини ректор оид ба корҳои тарбиявиро ба роҳбарӣ мегирад.

3. Шуъба аз 3 воҳиди корӣ: – мудири шуъба; – сармутахассис; ва мутахассис иборат аст.

4. Шуъбаро мудири он роҳбарӣ менамояд, ки аз тарафи ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Мудир аз рӯйи вазифа ва уҳдадориҳои ба зиммаи Шуъба гузошташуда масъул мебошад.

5. Шуъба тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии Ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон, сохторҳои таркибии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ташкилотҳои ҷамъиятии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳо оид ба таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон ба роҳ мемонад.

6. Шуъба барои иҷрои бомуваффақияти мақсад, вазифа ва уҳдадориҳо пайваста бо сохторҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, аз ҷумла ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон ҳамкориҳоро ба роҳ мемонад.

7. Ҳамоҳангсозии фаъолияти Шуъба ва робитаи самараноки он бо сохторҳои ҳамшабеҳи дигар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ ва амалӣ карда мешавад.

8. Бо мақсади самаранок ба роҳ мондани фаъолияти Шуъба, ҳамасола нақшаи фаъолияти он аз ҷониби ректори ДМТ тасдиқ карда мешавад, ки иҷрои бандҳои он ҳатмӣ мебошад.

## II. МАҚСАДИ ШУЪБА

9. Шуъба дар самти татбиқи сиёсати ягонаи давлатии ҷавонон ва варзиш дар байни донишҷӯён ва кормандони ҷавони донишгоҳ, таҳкими худшиносии миллӣ, баланд бардоштани ҳисси ватандустӣ, ташаккули фарҳанги миллӣ, рушди маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷавонон, аз байн бурдани тамоюли бегонапарастӣ, баланд бардоштани қобилияти ташаббускорӣ ва ҳимояи манфиатҳои ҷавонон вазифадор мебошад.

## III. ҲУҚУҚҲОИ МУДИРИ ШУЪБА

10. Шуъба ҳуқуқ дорад:

– барои муҳокима ба Шурои олимони ДМТ ва раёсати донишгоҳ масъалаҳои марбут ба ҳаёт ва фаъолияти илмию эҷодии донишҷӯён, кормандон ва олимони ҷавонро пешниҳод ва аз рӯйи онҳо баромад намояд;

– иҷрои қарорҳои Шурои олимони донишгоҳ ва раёсатро, ки ба масъалаи донишҷӯён ва кормандони ҷавони донишгоҳ вобастаанд, назорат намуда, доир ба натиҷаи иҷрои онҳо ба раёсати донишгоҳ маълумотнома пешниҳод намояд;

– бо мақсади ҳимояи манфиатҳои донишҷӯён, кормандон ва олимони ҷавон дар ҷаласаҳои Шурои олимони Донишгоҳ, дигар ҷаласаҳои раёсат иштирок карда, гузориш диҳад ва пешниҳодҳо манзур намояд;

– дар мувофиқа бо раёсати Донишгоҳ бо мақсади амалӣ гардидани барнома ва лоиҳаҳои марбут ба донишҷӯён ва кормандони ҷавон шуроҳои эҷодӣ ташкил намояд;

– шуроҳои худфаъоли донишҷӯӣ, шурои донишҷӯдухтарон, гурӯҳҳои эҷодӣ, маҳфилҳои илмӣ, фарҳангию бадеӣ ва ғайраро ба роҳ монад;

– дар мавриди зарурат ва дар ҷараёни ҳалли вазифаҳои хизматӣ дар доираи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва розигии ректори Донишгоҳ аз имконият ва воситаҳои моддию молиявии ҷудонамудаи Донишгоҳ истифода барад;

– бо мақсади бархурдор будан аз имконоти барномаҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди иҷтимоии ҷавонон қабул мешаванд, тибқи тартиби муқарраргардида ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон таклифу пешниҳод намояд;

–бо розигии раёсати Донишгоҳ бо созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон ҳамкорӣ намуда, барои дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва ниёзманд сарпарастонро ҷалб намояд;

–дар сурати вайрон кардани интизоми меҳнат, аз уҳдаи иҷрои супоришҳо набаромадан ва риоя накардани Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ кормандони Шуъбаро ба ҷазои интизомӣ пешниҳод намояд;

–аз Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсати Донишгоҳ, сохторҳои марбутаи Донишгоҳ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ маълумоти заруриро барои амалисозии босифати сиёсати давлатии ҷавонон, ҷиҳати қабули қарорҳои дахлдор оид ба масъалаҳои мансуб ба ваколати Шуъба дархост намояд;

–дорои сипоснома, ифтихорнома, ифтихорномаи фахрӣ ва раҳматнома бошад, ки шакли онҳо дар Шурои олимони Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад ва донишҷӯён, кормандони ҷавонро барои дастовардҳои баланд ва фаъолияти хуби бенуқсон дар соҳаи муқарраргардида сарфароз гардонад;

–барои ҳалли масъалаҳо дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият сохторҳои таркибии Донишгоҳ, олимон ва мутахассисонро ҷалб намояд;

11. Ҷиҳати иҷрои босифат ва саривақтии вазифаҳои худ, ки дар ин Низомнома пешбинӣ гардидаанд, чораҳои дахлдор андешад.

12. Дастуру супоришҳо ва нақша чорабиниҳои аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм ва кор бо ҷавононро дар мувофиқа бо раёсати Донишгоҳ иҷро намояд.

13. Татбиқ намудани қарор ва барномаҳои Донишгоҳро, ки ба фаъолияти Шуъба алоқаманд аст, таъмин месозад.

## III. ВАЗИФА ВА УҲДАДОРИҲОИ ШУЪБА

14. Вазифаҳои Шуъба аз инҳо иборат мебошанд:

– иштироки фаъолона дар татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи ҷавонон ва саҳмгузорӣ дар амалигардонии талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон”;

– иштирок ва пешниҳод кардани таклифу тавсияҳо дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон ва санадҳои меъёрии дохили донишгоҳӣ оид ба масъалаҳои ҷавонон ва таъмини иҷрои онҳо;

– таҳия ва ба Шурои олимони Донишгоҳ пешниҳод намудани барнома ва лоиҳаҳои мушаххас оид ба беҳтар намудани шароити зисту зиндагонии донишҷӯён ва олимони ҷавон;

– амалӣ намудани тадбирҳои пешниҳоднамудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон миёни донишҷӯёни Донишгоҳ ва пешниҳоди ҳисобот аз натиҷаи иҷрои он;

– иштирок дар таҳияи нақшаи ягонаи фаъолияти шуъбаҳои кор бо ҷавонони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ки аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад;

– иҷрои саривақтии талаботи Нақшаи ягонаи фаъолияти шуъбаҳои кор бо ҷавонони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва ҳар се моҳ пешниҳод намудани ҳисобот аз натиҷаи фаъолият ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон;

– ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон пешниҳод намудани таклифҳои судманд доир ба амалӣ намудани чораҳои мақсадноки илмию маърифатӣ, фарҳангии оммавӣ ва дигар чорабиниҳо дар байни донишҷӯёни Донишгоҳ;

– мусоидат дар амалигардонии иқтидори эҷодии донишҷӯён ва кормандони ҷавони донишгоҳ;

– мусоидат дар рушди илм дар миёни донишҷӯён ва олимони ҷавон ва ба ин васила танзими мақсадноки фаъолияти Шурои олимони ҷавони Донишгоҳ;

– рушди ҳамкорӣ ва мустаҳкам гардонидани дӯстӣ, ягонагии ҷавонон, донишҷӯён ва кормандони ҷавони Донишгоҳ;

– ҳифзи ҳуқуқи донишҷӯён ва кормандони ҷавон новобаста аз нажод, миллат, дин, вазъи иҷтимоӣ барои таёрии касбӣ ва таҳсилот;

– ҷалби ҷавонону донишҷӯён ба идоракунӣ ва роҳбарии ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷавонон;

– тарбияи донишҷӯён дар руҳияи эҳтиром ба арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ;

– ҷалби иштироки фаъолонаи донишҷӯён ҳангоми фориғ будан аз дарсҳои таълимӣ дар чорабиниҳои сиёсию фарҳангӣ ва дигар тадбирҳои

андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон;

– рушди фаъолияти волонтёрӣ дар миёни донишҷӯён ва кормандони ҷавони Донишгоҳ, ташкили бонизоми шанбегиҳо, дигар корҳои созандагию бунёдкорӣ дар Донишгоҳ ва берун аз он;

– баргузор намудани чорабиниҳои зеҳнию интеллектуалӣ, озмунҳо, викторина ва ташкили барномаҳои гуногуни фарҳангию фароғатӣ дар байни ҷавонон;

– ҳамасола дар сатҳи баланд баргузор кардани озмунҳои донишгоҳӣ миёни донишҷӯён, аз ҷумла “Донишҷӯи сол”, “Таронаи донишҷӯӣ”, бозиҳои варзишии донишҷӯӣ ва пешниҳоди саривақтии ғолибон ба озмунҳои ҷумҳуриявӣ;

– ҳар рӯзи шанбе ҳамчун “Рӯзи варзиш” дар сатҳи баланд ташкил намудани машқҳои пагоҳирӯзӣ дар байни ҷавонон, махсусан дар назди бинои хобгоҳи №6;

– дар мувофиқа бо раёсати Донишгоҳ ташкили боздиди донишҷӯён ва кормандони ҷавони Донишгоҳ аз мавзеъҳои таърихию сайёҳии кишвар;

– мусоидат дар ташкили лагерҳои тобистона барои донишҷӯёни лаёқатманд ва аз оилаҳои камбизоат;

– ҳамкорӣ бо Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯёни донишгоҳ;

– омода намудани гурӯҳҳои волонтёрон вобаста ба сатҳи забондонӣ ва симои зоҳирӣ;

– ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ;

– ҳамкори бо ташкилотҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ дар самти сиёсати давлатии ҷавонон;

– ташкил ва гузаронидани озмунҳо, фестивалҳо, конференсияҳо ва дигар чорабиниҳои сатҳи донишгоҳи ва ҷумҳуриявӣ дар мувофиқа бо раёсати Донишгоҳ;

– ҳангоми таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии дохилии Донишгоҳ таклифу дархостҳои ташкилотҳои ҷавонони сохторҳои таркибии Донишкадаҳоро ба инобат мегирад;

– ба рушди тарбияи ватанпарастӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии донишҷӯён ва кормандони ҷавони Донишгоҳ, таҳкими дӯстӣ, ҳамкорӣ, ягонагӣ ва муттаҳидии онҳо мусоидат менамояд.;

– ҷиҳати сазовор гардидани олимони ҷавони Донишгоҳ ба ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ, ки дар соҳаи илм ва техника корҳои намоён анҷом додаанд ва ҷоизаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти адабиёт, санъат, меъморӣ, рӯзноманигорӣ ва барномасозӣ мусоидат менамояд;

– ҷиҳати таълими донишҷӯён мусоидат намуда, баҳри дастгирию ҳавасмандгардонии донишҷӯёни соҳибистеъдоду лаёқатманд шароити мусоид фароҳам овардан чораҳои амалӣ меандешад;

– баҳри таҳкими худшиносии миллӣ ва ватандӯстии донишҷӯёну кормандони ҷавон, инчунин ҷиҳати рушди маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангии онҳо мусоидат менамояд;

– ҷиҳати рушди ҳамкориҳо бо мақсади манфиати ҷомеа истифода бурдани неруи ақлонӣ ва ҷисмонии донишҷӯён ва кормандони ҷавон чораҳои зарурӣ меандешад;

– оид ба дастгирии давлатии оилаҳои ҷавон дар доираи барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллии ҷавонон дар мувофиқа бо раёсати Донишгоҳ тадбирҳои зарурӣ меандешад;

– фаъолияти валантёриро ташкил намуда, самтҳои афзалиятноки онро муайян менамояд;

– фаъолияти раисони ҷавонони сохторҳои таркибии Донишгоҳро ҳамоҳанг месозад;

– вазифаҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармоишҳои ректори Донишгоҳ пешбинӣ намуданд, анҷом медиҳад.

15. Шуъба уҳдадор аст:

– муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» пешниҳодшударо қабул карда, дар варақаи иттилоотӣ ба қайд гирифта, ба ҳар як муроҷиат ҷавоби алоҳида диҳад;

– талаботи муқаррароти Оинномa ва Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Низомномаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи шуъбаи тарбия ва Низомномаи мазкурро риоя ва иҷро намояд;

– дар чорабиниҳои Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иштирок намояд ва қарору фармоишҳои батасвибрасонидаи онҳоро иҷро намояд;

– дар таҳияи шартномаҳои коллективӣ байни ректор ва кумитаҳои иттифоқи касабаи Донишгоҳ фаъолона иштирок намояд;

– ба арзишҳои сиёсати давлатии ҷавонон арҷ гузорад;

– ба Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ, забони давлатӣ, фарҳанг ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтиром гузорад;

– ба созмонҳои ҷавонони факултетҳои Донишгоҳ кумакҳои методӣ расонад;

– барои раисони созмонҳои ҷавонони факултетҳо семинарҳои омӯзишӣ ташкил намояд;

– дастуру, барномаҳо оид ба фаъолияти Шуъбаро таҳия намояд;

– ҷадвали кормандонро дар бораи аз такмили ихтисос гузаштан таҳия ва барои тасдиқ ба ректори Донишгоҳ пешниҳод намояд;

– маълумотнома ва ҳисобот доир ба фаъолияти Шуъбаро ба ректори Донишгоҳ пешниҳод намояд;

– дигар уҳдадориҳоро, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти сиёсати давлатии ҷавонон пешбинӣ гардидаанд, иҷро намояд.

## IV. СОХТОР ВА ИДОРАКУНӢ

16. Шуъба ҷузъи таркибии сохтори Донишгоҳ дар қисми тарбия ба ҳисоб

рафта, бевосита ба ректори Донишгоҳ ва муовини ректор оид ба тарбия итоат мекунад.

17. Мудири Шуъба аъзои Шурои олимон ва раёсати Донишгоҳ ба ҳисоб меравад.

18. Самаранокии кори Шуъба ҳамасола таҳлилу баҳогузорӣ шуда, натиҷаи он дар шакли ҳисобот ба Шурои олимони Донишгоҳ пешниҳод карда мешавад.

## V. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМОМА ВА ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

19. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур аз тарафи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ворид карда мешавад.

20. Фаъолияти Шуъба дар асоси қарори Шурои олимони Донишгоҳ қатъ карда мешавад.

21. Дар мавриди аз нав таъсис ёфтан ва ё қатъ гардидани фаъолияти Шуъба мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ҳайати кормандони аз вазифа озодшудаи Шуъба кафолат дода мешавад.

**НИЗОМНОМАИ**
**МАРКАЗИ ТЕСТӢ, ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ**

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ (минбаъд Низомнома) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар санадҳои марбута таҳия гардидааст.

2. Маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ (минбаъд Марказ) сохтори таркибии донишгоҳ буда, дар фаъолият бевосита ба раёсати таълими донишгоҳ тобеъ аст.

3. Марказ дар асоси қарори Шурои олимони донишгоҳ таъсис ва барҳам дода мешавад.

4. Фаъолияти Марказ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, қарорҳои Шурои олимон, фармоишҳои ректор, қарорҳои Шурои илмию методӣ ва инчунин Низомномаи мазкур ба роҳ монда мешавад.

5. Марказ ҳангоми иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои ба зиммадоштааш ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва илм, Оиннома ва Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ ва Низомномаи мазкур такя мекунад.

## II. САМТ ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

6. Ба самт ва вазифаҳои асосии Марказ дохил мешаванд:

– таъмини эътимоднокии истифода ва кори техникаи компютерии Донишгоҳ;

– назорати мақсадноки истифодабарии техникаи компютерӣ ва лингафонии Донишгоҳ;

– ташхис, таъмир ва тармим намудани техникаи компютерӣ ва лингафонии Донишгоҳ;

– таъмини техникии синфхонаҳои компютерии донишгоҳ барои пайвасти устувор ба шабакаҳои ҷаҳонӣ (интернет, почтаи электронӣ).

– назорати истифодаи мақсадноки шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ дар синфхонаҳо ва дигар сохторҳо;

– дар мувофиқа бо шуъбаи таъминотии донишгоҳ харидорӣ намудани қисмҳои эҳтиётии техникаи компютерӣ;

– сохтани лоиҳа ва татбиқи воситаҳои барномавӣ, нақшаҳои технологӣ ва равандҳои коркарди иттилоот дар асоси системаҳои худкоркарди пешқадам ва технологияҳои иттилоотӣ;

– такмили гардиши ҳуҷҷатҳо дар донишгоҳ, лоиҳакашӣ ва ҷорикунии васоити барномавии технологӣ ва ҷараёни коркарди иттилоот дар асоси системаҳои автоматикардашудаи Донишгоҳ ва технологияҳои иттилоотӣ;

– баамалбарории ҳамроҳии барномаҳои татбиқшуда ва воситаҳои барномавӣ;

– коркарди иттилоотии сессияи санҷишию имтиҳонии донишҷӯён;

– ташкили захираҳои пойгоҳи маҷмуи саволномаҳои тестӣ барои қабули санҷишу имтиҳонҳои ҷории донишҷӯён;

– такмили маҷмуи саволномаҳои тестӣ ва қабули санҷишу имтиҳонҳо бо усули тестӣ тавассути сервери ягонаи марказонидашуда:

– истифодаи усулҳои муосир барои омодагӣ ва баргузории имтҳонҳои тестӣ тавассути компютер;

– гузаронидани семинару конференсияҳо барои омӯзгорон вобаста ба мушкилоти рӯзмарраи қабули тест тавассути компютерҳо;

– ташкили таълим ва машварат оид ба раванди гузаронидани санҷишу имтиҳонҳо бо усули тестӣ бо истифода аз технологияи иттилоотӣ – иртиботӣ, мураттаб сохтани намудҳои гуногуни мисолу масъалаҳои тестӣ;

– омодасозии маводи дастурӣ ва методӣ барои гузаронидани санҷишу имтиҳонҳо бо усули тестӣ бо истифода аз технологияи иттилоотӣ – иртиботӣ;

– ташкили чорабиниҳо оид ба нақшаи кори низоми тестӣ дар Донишгоҳ: машғулиятҳои дарсӣ, машварат, конференсия, семинарҳо, курсҳо, табодули таҷриба ва амсоли ин;

– татбиқи қабули санҷишу имтиҳонҳо бо усули тести электронӣ дар раванди таълим бо мақсади назорати дохилии дониши донишҷӯён (фосилавӣ ва ниҳоӣ) ва назорати берунӣ (назорати ниҳоӣ);

– таъмини дастрасии ягона ба ҳама гуна захираҳои маълумот;

– коркарди фармоишҳои ректор доир ба ҳаракати донишҷӯён;

– тайёр намудани маълумотномаҳо доир ба ҳайат, давомот ва азбаркунии дониши донишҷӯён дар сессияҳои зимистона ва тобистона;

– таҳлили омории сессияи санҷишию имтиҳонии донишҷӯён;

– омода намудани ҳисобот.

## VI. ҲУҚУҚҲОИ МАРКАЗ

7. Марказ дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқ дорад:

– стратегияи компютерикунонии донишгоҳро бо назардошти ҳамшабеҳӣ ва мутобиқаткунонии системаҳои компютерӣ муайян намояд;

– компютерҳои ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ пайвандбудаи ғайримақсаднок истифодашавандаро аз шабакаҳои номбурда маҳрум созад;

– дониш ва маҳорати касбии мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотиро ҳангоми ба кор қабул намудан санҷад;

– оид ба танзим ва ба таври пурра истифодабарии техникаи компютерӣ дар раванди таълим ва корҳои илмию тадқиқотӣ пешниҳод манзур намояд;

– компютерҳои харидоришуда ва мавҷудбудаи донишгоҳро ба қайд гирифта, муҳру мум намояд;

– блоки системавии компютерҳои аз таъмир ва ташхис гузаштаро муҳру мум кунад;

– барои пешрафти раванди таълим аз факултетҳо ҳуҷҷатҳои лозимаро талаб намояд;

– ҳама намуди корҳои номбурдаро дар асоси дархости хаттии фармоишгар иҷро намояд;

– дастурамали вазифавии кормандони маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавиро таҳия намуда, барои тасдиқ ба ректори Донишгоҳ пешниҳод намояд.

## IV. СОХТОРИ МАРКАЗ

8. Маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ воҳиди сохтории раёсати таълими Донишгоҳ мебошад.

9. Ҷадвали воҳидҳои кории Марказ бо пешниҳоди муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим аз ҷониби ректор тасдиқ карда мешавад.

10. Фаъолияти Марказ аз ҷониби сардор, ки дар пешбурди фаъолият бевосита ба сардори раёсати таълим тобеъ аст, идора карда мешавад.

11. Воҳидҳои Марказ бо пешниҳоди муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим аз ҷониби ректори Донишгоҳ (дар асоси баҳодиҳии ҳаҷми кор дар марказ дар муҳлати муайян) тасдиқ карда мешаванд.

12. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур дар асоси пешниҳоди муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ва қарори Шурои олимони Донишгоҳ ворид карда мешаванд.

13. Дар ҳайати Марказ шуъба ва бахшҳои зерин дохил мешаванд:

– шуъбаи бақайдгирӣ ва омор;

– шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ;

– бахши таҳияи барномаҳои компютерӣ;

– бахши назорати шабакаҳои компютерӣ;

– бахши назорати воситаҳои системавӣ ва ташхиси техникӣ;

– бахши назорати синфхонаҳои компютерӣ.

## V. САРДОРИ МАРКАЗ

14. Сардори Марказ бо пешниҳоди муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим бо фармоиши ректори Донишгоҳ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

15. Сардори Марказ дар тобеияти раёсати таълими донишгоҳ буда, барои таъмини кори бардавоми воситаҳои техникии донишгоҳ ҷавобгӯй мебошад.

## VI. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ САРДОРИ МАРКАЗ

16. Сардори марказ дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зерин мебошад:

– ташкили ҳама намуди корҳое, ки ба аъзои Марказ, яъне шуъба ва бахшҳои корӣ мансубанд;

– вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз сардорони сохторҳои таркибии Донишгоҳ талаб намудани маълумот;

– вобаста ба ҳамкориҳо бо дигар сохторҳои таркибӣ аз номи Марказ баромад намудан;

– амалӣ сохтани роҳбарии умумии Марказ;

– омодасозӣ ва ташкили иҷрои чорабиниҳо оид ба нақшаи кории Марказ;

– омодасозии мавод барои баррасӣ дар Раёсат, Шурои методӣ ва Шурои олимони Донишгоҳ;

– омодасозии фаъолияти худ ҷиҳати омӯзиши вазъият, таҳлил ва коркарди натиҷаҳои раванди таълим дар мувофиқа бо сохторҳои таркибии Донишгоҳ;

– иҷрои саривақтӣ ва босифати супоришҳои раёсати Донишгоҳ;

– пешниҳоди маълумоти дақиқ оид ба самтҳои фаъолияти Марказ;

– дар доираи салоҳияти худ додани дастурҳо вобаста ба омодасозии маҷмуи саволномаҳои тестӣ;

– таҳияи нақшаи кории нимсола ва солонаи марказ вобаста ба татбиқи низоми тестӣ дар Донишгоҳ;

– омодасозии лоиҳаи дастурҳо вобаста ба фаъолияти Марказ;

– таҳияи ҳуҷҷатҳои зарурӣ вобаста ба дархости сохторҳои таркибии Донишгоҳ ва берун аз он дар доираи фаъолияти Марказ;

– таҳияи маводи дастурӣ ва методӣ барои омодасозӣ ва гузаронидани тести компютерӣ;

– назорати мутобиқати маҷмуи саволномаҳои тестӣ бо барномаҳои таълимӣ, ки аз ҷониби кафедраҳо барои гузаронидани санҷишу имтиҳонҳо бо усули тестӣ пешниҳод мешаванд, ташкил ва гузаронидани санҷишу имтиҳонҳо бо усули тестӣ;

– назорати фаъолияти кафедраҳои Донишгоҳ вобаста ба ташкили пойгоҳи маҷмуи саволномаҳои тестӣ дар шакли электронӣ;

– татбиқи баргузории санҷишу имтиҳонҳо бо усули тестӣ бо мақсади назорати дохилии дониши донишҷӯён (фосилавӣ ва ниҳоӣ), назорати берунӣ (назорати ниҳоӣ);

– аз мудирони шуъбаҳо ва бахшҳои Марказ талаб намудани ҳисоботи ҳармоҳа оид ба кори иҷрошуда;

– назорат аз болои риояи қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва хизматии дар донишгоҳ амалкунанда;

– муҳофизати ашё, ки барои истифодабарӣ ба Марказ дода шудаанд ва дар ҳисоби донишгоҳ мебошанд;

– сарфа намудани қувваи барқ ва гармӣ;

– назорати муҳофизати меҳнат, риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ, чорабиниҳои зидди сӯхтор ва риояи интизоми дохилии меҳнатӣ;

– иҷрои фармоишҳо ва дастурҳои ректор, ки ба фаъолияти Марказ дахл доранд;

– пешниҳод намудани кормандони Марказ ба ҳавасмандкунӣ ва муҷозоти интизомӣ дар асоси қоидаҳои тартиботи дохилии донишгоҳ;

– пешниҳод намудани ҳисоботи корҳои ба сомон расонидашуда ба ректори донишгоҳ;

– омӯзиши таҷрибаи пешқадами ватанӣ ва хориҷӣ вобаста ба коркард ва татбиқӣ низоми тестӣ дар Донишгоҳ;

– ҳисоботи нимсола ва солона вобаста ба фаъолияти Марказ.

## VII. ВАЗИФАҲОИ ШУЪБА ВА БАХШҲО

17. Вазифаҳои шуъбаи бақайдгирӣ ва омор:

– коркарди иттилоотии сессияҳои санҷишию имтиҳонии зимистона ва тобистонаи донишҷӯён;

– дохил намудани ҷадвали санҷишҳо ва имтиҳонҳо;

– ҳамоҳанг сохтани нақшаи таълимӣ мувофиқи ҷадвали сессияи санҷишҳо, имтиҳонҳо ва фармоишҳо;

– ба базаи тестӣ ворид кардани маҷмуи саволҳои тестие, ки аз ҷониби омӯзгорон вобаста ба ҳар як фанни таълимӣ омода гардидаанд ва теъдоди донишҷӯёнро (ному насаб, рамз, гурӯҳ) аз рӯйи факултет ва ихтисос таъмин менамоянд;

– дар асоси пешниҳоди кафедраҳо муайянсозӣ ва таъмини андозаҳои коркард ва татбиқи тестҳо;

– вобаста ба пешниҳоди омӯзгорон ва дар мувофиқа бо мудири кафедраи марбута ба мазмуну мундариҷаи мисолу масъалаҳои тестӣ воридсозии тағйироту иловаҳо;

– барои донишҷӯён оид ба тартиби супоридани санҷишу имтиҳонҳои тестӣ таҳия намудани нишондодҳои меъёрии мухтасар;

– ташкил, баргузор ва назорати санҷишу имтиҳонҳои тестӣ;

– дар асоси фармоишҳои ректори Донишгоҳ ворид намудани тағйиру иловаҳо ба пойгоҳи маълумот;

– тайёр намудани варақаҳои санҷишӣ ва имтиҳонӣ;

– дохил намудани натиҷаи варақаҳои санҷишӣ ва имтиҳонии сессияи асосӣ;

– пешниҳод намудани ҳисобот ба роҳбарияти Донишгоҳ ва садорати факултетҳо аз натиҷаи сессияи имтиҳонии фаъол;

– тайёр намудани варақаҳои имтиҳонии иловагӣ пас аз коркарди имтиҳони асосӣ;

– дохил намудани натиҷаи варақаҳои имтиҳонии иловагӣ;

– пешниҳод намудани ҳисобот аз натиҷаи пурраи сессияи санҷишию имтиҳонии зимистона ва тобистона;

– таҳлил ва муқоисаи омории натиҷаи сессияи санҷишию имтиҳонӣ нисбат ба сессияҳои гузашта ва ҷамъбасти он дар шакли гузориш;

– тайёр намудани варақаҳои ҷамъбастии сессияи санҷишию имтиҳонӣ барои факултетҳо;

– додани маълумот оид ба теъдоди донишҷӯён аз рӯйи ному насаб;

– тайёр намудани ҳисоботи 3 – НК;

– омода намудани ҳисоботи Шакли 5;

– омода намудани ҳисоботи Шакли 1;

– иҷрои вазифаҳои дигаре, ки дар асоси дастурамали вазифавӣ пешбинӣ гардидааст.

18. Шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ дар доираи фаъолияти худ вазифаҳои зеринро амалӣ месозад:

– ба роҳ мондани раванди таълим дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ бо истифодаи технологияи иттилоотию иртиботӣ тибқи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи низоми таҳсилоти фосилавӣ;

– ба роҳ мондани корҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ дар шакли ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои аудитории ҳузурӣ (лексия, машғулиятҳои лабораторӣ, амалӣ ва семинарӣ), корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (дарсҳои лексионӣ ва корҳои ғайриаудитории фосилавӣ) ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ (корҳои ғайриаудитории фосилавӣ);

– ташкил ва ба роҳ мондани корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ба таври фосилавӣ дар шакли иҷрои корҳои назоратӣ, супоридани имтиҳонҳои фосилавии 1 ва 2, ҳимояи кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ ва хондани лексия, гузаронидани машварат, мусоҳибаҳо, баҳогузорӣ ба корҳои мустақилонаи донишҷӯён ва муайян намудани рейтинги академии онҳо аз ҷониби омӯзгорон дар ҳафтаҳои таълими назариявии як даври академӣ;

– ташкил ва баргузор  намудани курси муқаддимавӣ оид ба истифодаи технологияи таҳсилоти фосилавӣ дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ ҷиҳати самаранок ташкил намудани раванди таълим тибқи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунанда бояд дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ то оғози даври академии якум бо донишҷӯёни соли аввали таҳсил;

– омӯзонидани низоми таҳсил бо истифода аз технологияи таҳсилоти фосилавӣ;

– шарҳи технологияи таҳсилоти фосилавӣ бо мақсади ба роҳ мондани табодули иттилоот байни донишҷӯён ва омӯзгорон, донишҷӯён ва кафедра, садорати факултет, раёсати таълим ва дигар воҳидҳои сохтории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

– шинос намудани донишҷӯён бо тартиби ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои аудитории ҳузурӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (дарсҳои лексионӣ ва корҳои ғайриаудитории фосилавӣ), корҳои мустақилонаи донишҷӯ (корҳои ғайриаудитории фосилавӣ), қабули имтиҳонҳои фосилавӣ, муайян намудани рейтингҳои академӣ ва қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ дар давраи сессияҳои таълимӣ;

– омӯзондани қоидаҳои банақшагирӣ ва иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (ташкил ва баргузор намудани дарсҳои лексионии фосилавӣ, иҷрои корҳои назоратӣ, қабули имтиҳонҳои

фосилавии 1 ва 2, кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ, муайян намудани рейтингҳои академии донишҷӯён);

– муайян намудани тарзи истифодаи маводи таълимӣ ва баргузор намудани машварат бо омӯзгорон тавассути технологияи фосилавӣ;

– шарҳи талабот оид ба иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ (маҷмуи супоришҳои вазифаи хонагӣ, супоришҳои тестӣ, навишатни реферат, эссе ва муаррифии маводи таълимии ҷамъоварда);

– шарҳи низоми баҳогузорӣ ба имтиҳонҳои фосилавӣ, рейтинги академии донишҷӯён ва имтиҳонҳои ниҳоӣ;

– муаррифии шароити дастрасии маҷмуи таълимию методии электронӣ;

– муайян намудани рамз ва логини донишҷӯён барои кор дар муҳити таҳсилоти фосилавӣ;

– коркарди иттилоотии сессияҳои санҷишию имтиҳонии зимистона ва тобистонаи донишҷӯён;

– дохил намудани ҷадвали санҷишҳо ва имтиҳонҳо;

– ҳамоҳанг сохтани нақшаи таълимӣ мувофиқи ҷадвали сессияи санҷишҳо, имтиҳонҳо ва фармоишҳо;

– ба базаи тестӣ ворид кардани маҷмуи саволҳои тестие, ки аз ҷониби омӯзгорон вобаста ба ҳар як фанни таълимӣ омода гардидаанд ва теъдоди донишҷӯёнро (ному насаб, рамз, гурӯҳ) аз рӯйи факултет ва ихтисос таъмин менамоянд;

– дар асоси пешниҳоди кафедраҳо муайянсозӣ ва таъмини андозаҳои коркард ва татбиқи тестҳо;

– вобаста ба пешниҳоди омӯзгорон ва дар мувофиқа бо мудири кафедраи марбута ба мазмуну мундариҷаи мисолу масъалаҳои тестӣ воридсозии тағйиру иловаҳо;

– барои донишҷӯён оид ба тартиби супоридани санҷишу имтиҳонҳои тестӣ таҳия намудани нишондодҳои меъёрии мухтасар;

– ташкил, баргузор ва назорати санҷишу имтиҳонҳои тестӣ;

– дар асоси фармоишҳои ректори Донишгоҳ ворид намудани тағйиру иловаҳо ба пойгоҳи маълумот;

– тайёр намудани варақаҳои санҷишӣ ва имтиҳонӣ;

– дохил намудани натиҷаи варақаҳои санҷишӣ ва имтиҳонии сессияи асосӣ;

– пешниҳод намудани ҳисобот ба роҳбарияти Донишгоҳ ва садорати факултетҳо аз натиҷаи сессияи имтиҳонии фаъол;

– тайёр намудани ҳисоботи 3 – НК;

– омода намудани ҳисоботи Шакли 5.

– иҷрои вазифаҳои дигаре, ки дар асоси дастурамали вазифавӣ пешбинӣ гардидааст.

19. Бахши таҳияи барномаҳои компютерӣ дар фаъолияти худ вазифаҳои зеринро дар амал татбиқ менамояд:

– таҳияи лоиҳа ва татбиқи воситаҳои барномавӣ, нақшаҳои технологӣ ва равандҳои коркарди иттилоот дар асоси системаҳои худкоркарди пешқадам ва технологияҳои иттилоотӣ;

– такмили гардиши ҳуҷҷатҳо дар донишгоҳ, лоиҳакашӣ ва ҷорикунии васоити барномавӣ, нақшаҳои технологӣ ва ҷараёни коркарди иттилоот дар асоси системаҳои автоматикунонидашудаи донишгоҳ ва технологияҳои иттилоотӣ;

– тарҳрезии технологияи ҳалли масъалаҳои марҳилаҳои мавҷуда;

– муайянкунии коркард, нигоҳдорӣ, сохтор, қолабнамуна ва таҳлили иттилооте, ки барои воридот дар компютер вогузорӣ карда шудааст;

– муайянсозии ҳаҷм ва мазмуни мисолҳо оид ба додаҳои озмоишӣ, ки санҷиши пурраи мувофиқати барномаҳоро ба вазифаи функсионалии онҳо таъмин мекунанд;

– баамалбарории ҳамроҳии барномаҳои татбиқшуда ва воситаҳои барномавӣ;

– иҷро намудани корҳои бо амалиётҳои САРТ (системаи автоматии раванди таълим) ва АҶК – ҳои дар донишгоҳ истифодашаванда;

– нигоҳдорӣ ва такмили базаи додаҳо;

– қабул, таъсис ва озмоиши таҷҳизоти нав ба истифода воридшуда ва санҷиши таҷрибавии таъминоти барномавӣ;

– додани дастуруламал ба иҷрокунандагон оид ба тартиби дохилкунии ҳуҷҷатҳо ва коркарди онҳо дар САРТ.

20. Вазифаҳои бахши назорати шабакаҳои компютерӣ ба иҷрои фаъолияти зерин нигаронида шудааст:

– иҷрои корҳое, ки тибқи супоришҳо аз тарафи сардори Марказ дода шудаст;

– ба амал баровардан ва мавриди истифода карор додани шабакаи локалӣ дар биноҳои донишгоҳ;

– назорат ва таъмини бевоситаи бехатарии кори шабакаи компютерии донишгоҳ, компютерҳое, ки ба шабакаи умумиҷаҳонии Интернет васл гаштаанд ва серверҳои иттилоотии дар истифода қарордошта;

– назорати фаъолияти ҳамаи истифодабарандагони шабакаи компютерӣ;

– ёрии машваратӣ ва амалӣ расондан ба истифодабарандагони воситаҳои телекоммуникатсионӣ ва барномаҳо;

– хизматрасонӣ ба воситаҳои телекоммуникатсионӣ, хатҳои шабакаи компютерии маҳдуд ва системаи алоқаи кӯтоҳмавҷ;

– омӯзиши бозори таҷҳизоти шабакавӣ ва технологияҳои пешқадами соҳаи алоқа;

– пешниҳод ба роҳбарияти идора оид ба иваз намудани таҷҳизоти кӯҳнашуда;

– омӯзиши бозори барномаҳои зиддивирусӣ, воситаҳои барамздарорӣ ва имзои электронии рақамӣ, инчунин суратмаҷлисҳои муҳофизатгаштаи маълумот ва доду гирифт бо онҳо;

– ба роҳ мондани корҳои пешгирикунанда ҷиҳати ҷустуҷӯ ва бартараф намудани нуқсонҳо ҳангоми кор дар шабакаи компютерӣ ва шабакаи интернет;

– васли компютерҳо ба шабакаи компютерии донишгоҳ ва шабакаи интернет;

– назорати серверҳои почтаи электронӣ, шабакаи интернет ва манбаи маълумот аз нигоҳи таъмини бехатарӣ;

– ба кор даровардани воситаҳои техникӣ ва таъминоти барномавии системавӣ;

21. Фаъолияти бахши назорати воситаҳои системавӣ ва ташхиси техникӣ ба амалисозии вазифаҳои зерин нигаронида шудааст:

– таъмини техникаи синфхонаҳои компютерии Донишгоҳ барои пайвасти устувор ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ (интернет, почтаи электронӣ);

– мунтазам (ҳар ҳафта) тафтишу назорати синфхонаҳои компютерии донишгоҳ бо мақсади самаранок истифодабарии компютерҳои мавҷуда дар ҷараёни таълим;

– додани маслиҳатҳо ба операторони синфхонаҳои компютерӣ оид ба дуруст истифодабарии компютерҳо дар ҷараёни таълим;

– таъмин намудани синфхонаҳо бо барномаҳои компютерии таълимии лозима;

– назорати мақсаднок истифода бурдани шабакаҳои итилоотии ҷаҳонӣ дар синфхонаҳо ва дигар сохторҳо;

– таъмин намудани эътимоднокии истифода ва кори техникаи компютерии донишгоҳ;

– ташхис ва таъмиру тармим намудани техникаи компютерии донишгоҳ;

– бақайдгирӣ ва мухру мум намудани тамоми компютерҳои нав ва мавҷудаи донишгоҳ;

– мухру мум кардани блоки системавии компютерҳои аз таъмир ва ташхис гузашта;

– дар мувофиқа бо шуъбаи таъминотии донишгоҳ харидорӣ намудани қисмҳои эҳтиётии техникаи компютерӣ;

– таъмин намудани ҳамаи компютерҳои Донишгоҳ бо барномаҳои зиддивирусии литсензионӣ;

– тайёр намудани ҳисобот оид ба кори синфхонаҳо, ҳолати техникии системаҳои компютерии донишгоҳ ва пешниҳоди он ба сардори Марказ дар охири моҳ.

22. Вазифаҳои бахши назорати синфхонаҳои компютерӣ:

–таъминоти мунтазами кори синфхонаи компютерӣ;

–сари вақт насб кардани барномаҳои амалии барои синфхона зарур ва назорати коршоямии онҳо;

–тайёр намудани синфхонахои компютерии факултетҳо барои гузаронидани сессияи имтиҳонӣ;

–хизматрасонии техникии компютерҳо ва профилактикаи зиддивирусӣ;

–риоя намудани техникаи бехатарӣ;

–ҷорӣ намудани вақти истифодаи компютер ва дафтари қайди истифодабарандагони компютер;

–назорати компютерҳои ба факултет тобеъ буда ва ташхису таҳияи барномаҳои навтарин ба компютерҳои сохтори факултет.

## VIII. МАСЪУЛИЯТИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ КОМПЮТЕРҲО ВА СИСТЕМАҲОИ КОМПЮТЕРӢ

23. Дар асоси принсипи роҳбарияти ягонаи умумӣ масъулият ва ҷавобгарии нигаҳдории компютерҳо ва системаҳои компютерӣ ба шахсони зерини вазифадори сохторҳо гузошта мешавад:

– барои компютерҳое, ки дар шабакаҳои локалии синфхонаҳои компютерии факултетҳо ва садоратҳои факултетҳо мавҷуданд – ба деканҳои факултетҳо;

– барои компютерҳое, ки дар шабакаҳои локалии синфхонаҳои компютерии кафедраҳо ва компютерҳои дар кафедра истифодашаванда – ба мудирони кафедраҳо;

– барои компютерҳое, ки дар шабакаҳои локалии дигар сохторҳо ва компютерҳои шуъба ва идораҳо истифодашаванда – ба роҳбарони сохторҳои дахлдор;

– Бо мақсади самаранок истифодабарии компютерҳо ва шабакаҳои локалии компютерии донишгоҳ роҳбарони сохторҳои дахлдор вазифадоранд, ки ҷадвали истифодабарии компютерҳо, ҷадвал – нақшаи пешгирӣ ва таъмирро тартиб дода, аз ҳисоби мутахассисони баландихтисос шахсони масъули истифодаи компютерҳо ва шабакаҳои локалии компютериро баъд аз мувофиқа бо Маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавии донишгоҳ таъин намоянд.

# НИЗОМНОМА
# ДОИР БА ТАШКИЛИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ТАЪЛИМӢ, ИСТЕҲСОЛӢ, ОМӮЗГОРӢ, ПЕШАЗДИПЛОМӢ, ИЛМӢ - ОМӮЗГОРӢ ВА ИЛМӢ - ТАҲҚИҚОТИИ БАКАЛАВРОН ВА МАГИСТРАНТОН

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи доир ба ташкили таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ, пешаздипломӣ, илмӣ-омӯзгорӣ ва илмӣ-таҳқиқотии бакалаврон ва магистрантони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Низомнома) масъалаҳои тайёрӣ, ташкилӣ ва гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ, пешаздипломӣ, илмӣ-омӯзгорӣ ва илмӣ-таҳқиқотии бакалаврон ва магистрантонро ба танзим медарорад ва ваколату уҳдадориҳои роҳбарони таҷрибаомӯзиро муайян мекунад.

2. Таҷрибаомӯзӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми иҷро намудани талаботи нақшаи таълимӣ аз рӯи ихтисосҳои амалкунандаи донишгоҳ муқаррар карда шуда, бевосита дар давоми соли таҳсил, дар баробари ба анҷом расидани даври академӣ ташкил ва гузаронида мешавад. Барои дарёфти зинаҳои гуногуни таҳсилот (бакалавр, магистр, доктори фалсафа (Ph.D)) тибқи талаботи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои дар донишгоҳ амалкунанда ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ, пешаздипломӣ, илмӣ-омӯзгорӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ пешбинӣ карда мешавад.

3. Низомномаи музкур мутобиқи банди 84 «Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бандҳои «Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» тартиб дода шудааст.

## II. НАҚША, ТАШКИЛ, РОҲБАРӢ ВА НАЗОРАТ

4. Нақшаи таҷрибаомӯзӣ дар асоси барномаи таълимӣ муайян карда мешавад. Барномаи таълимии таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедраи тахассусӣ дар 4 сол як маротиба таҳия гардида, муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ва декани факултет онро тасдиқ мекунанд.

5. Барномаи кории таҷрибаомӯзӣ – тартиб, нақша ва ҷадвали гузаронидани таҷрибаомӯзии соли ҷориро муқаррар мекунад ва аз тарафи мудири кафедраи тахассусӣ тасдиқ мешавад.

## III. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ ТАҶРИБАОМӮЗИҲО

6. Таҷрибаомӯзӣ (таълимӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ, пешадипломӣ, илмӣ-омӯзгорӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ) мувофиқи нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои тасдиқгардидаи ихтисосҳои донишгоҳ гузаронида мешавад.

7. Таҷрибаомӯзӣ тибқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва нақшаҳои таълимии ихтисосҳои донишгоҳ, мақоми фанҳои таълимии ҳатмиро доро буда, ҷузъи асосии муайянкунандаи самт (траектория)-и таҳсилоти донишҷӯ ва салоҳиятҳои касбии хатмкунанда мебошад.

8. Таҷрибаомӯзӣ ба нақшаи таълимии фардии донишҷӯ ворид карда мешавад. Агар донишҷӯ талаботи ҳадди ақалли қисми назариявии барномаҳои таълимии фанҳои базавии ҷиҳати иҷрои барномаи таҷрибаомӯзӣ заруриро аз худ накарда бошад, он гоҳ барои гузаштан аз таҷрибаомӯзӣ иҷозат дода намешавад.

9. Ҳаҷми меҳнатталабии ҳамаи шаклҳои таҷрибаомӯзӣ бо кредит ифода карда мешавад. Натиҷаи аз таҷрибаомӯзӣ гузаштани донишҷӯ тибқи низоми холдиҳӣ – рейтингӣ баҳогузорӣ шуда, ҳангоми муайян намудани холи умумии миёна (GPA)-и донишҷӯ ба ҳисоб гирифта мешавад.

10. Ҳаҷми 1 кредит барои иҷрои таҷрибаомӯзиҳо, дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба 24 соат баробар буда, танҳо дар шакли кори мустақилона бо роҳбарии омӯзгор, ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ ва кори мустақилонаи донишҷӯ муқаррар карда мешавад.

## IV. ТАШКИЛ ВА РОҲБАРИИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

11. Талаботро оид ба ташкили таҷрибаомӯзӣ Шурои илмию методии донишгоҳ муайян менамояд. Ташкили таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ, пешадипломӣ, илмӣ-омӯзгорӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ дар тамоми марҳила бояд ба ташкили бетанаффус ва пайдарпай аз худ кардани фаъолияти касбии донишҷӯён дар асоси талабот оид ба тайёр намудани хатмкунандагон равона карда шавад.

12. Барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ донишгоҳ бо вазорату идораҳо, корхонаю ташкилотҳо ва муассисаҳо оид ба ҳамкориҳои таълимӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ, пешадипломӣ, илмӣ-омӯзгорӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва иноватсионӣ шартнома мебандад, ки ҳамчун ҷои доимии таҷрибаомӯзӣ муқаррар мешаванд. Таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ, пешадипломӣ, инчунин илмӣ-омӯзгорӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ дар

корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо дар асоси шартномаи басташуда гузаронида мешаванд.

13. Муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзӣ дар асоси нақшаи таълимӣ ва ҷадвали таълимии тақвими солона муайян карда мешавад.

14. Масъулият барои ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ бар дӯши муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, деканҳо, мудирони кафедраҳои тахассусӣ ва мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти донишгоҳ гузошта мешавад.

15. Ҳуҷҷати асосӣ барои ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ барномаи корӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ (таълимӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ, пешадипломӣ, илмӣ-омӯзгорӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ) ба шумор меравад, ки мазмун ва мундариҷаи қисматҳояш бояд тибқи талаботи тавсияҳои методӣ оид ба таҳия ва тартиб додани барномаи корӣ ё аз руи дастури таълимӣ-методӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ, ки аз тарафи кафедраҳои тахассусӣ пешниҳод гардидаанд, тартиб дода мешавад.

16. Шартҳои асосии зерин барои ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ дар кафедраҳои тахассусӣ ҳатмӣ ва зарурӣ мебошанд:

– мавҷудияти базаи моддӣ-техникӣ барои ихтисосҳои кафедраи тахассусӣ (шартномаҳои тарафайн байни вазорату идораҳо, корхонаю, ташкилотҳо ва муассисаҳо);

– мавҷудияти барномаи корӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ аз тарафи намояндагони вазорату идораҳо, корхонаю ташкилотҳо ва муассисаҳои мувофиқашуда ё дастури таълимӣ-методӣ оид ба ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ барои ихтисосҳои кафедраи тахассусӣ.

17. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ уҳдадор карда мешавад, ки барномаи корӣ оид ба таҷрибаомӯзиро бо назардошти нақшаи таълимӣ таҳия ва тасдиқ намуда, онро дар шакли чопӣ ва электронӣ ба Шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият пешниҳод намояд. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ раванди ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзиро таъмин намуда, барои иҷроиши вазифаи инфиродии донишҷӯён кумаки талимӣ – методӣ мерасонад ва вазифадор аст, ки баъди анҷом ёфтани муҳлати тачрибаомӯзӣ оид ба ташкил, гузаронидан ва натиҷагирӣ аз таҷрибаомӯзии донишҷӯён ба мудири кафедра ҳисобот манзур намояд. Кафедра ҳисоботи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, ба садорати факултет ва факултет дар шакли гузориши ҷамъбастӣ ба шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият пешниҳод намоянд.

18. Роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз вазорату идораҳо, корхонаю ташкилот ва муассисаҳо ва кафедраҳои тахассусӣ аз ҳайати кормандони кафедра, ки дорои маълумоти олӣ ва малакаи корӣ доир ба ҳамин тахассусанд, ё ин ки хатмкардаи ҳамин ихтисосанду малакаи хуби амалӣ

доранд, таъйин карда мешаванд. Таҷрибаомӯзиҳо дар асоси стандартҳои давлатии маълумоти олии касбӣ пешбинӣ гардида, мувофиқи шартномаҳои байни донишгоҳ бо вазорату идораҳо, корхонаю ташкилот ва муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкили ҳуқуқии худ, вазифадор карда мешаванд, ки макону ҷойҳои таҷрибаомӯзиро муҳайё намоянд.

19. Донишҷӯёне, ки тибқи шартнома (аз ҳисоби ширкат, ҷамъият ва корхонаҳои хусусӣ) таҳсил мекунанд, танҳо пас аз пешниҳод намудани дархост ва ба уҳда гирифтани амнияти бехатарии донишҷӯ ба ҳамон корхона барои гузаштани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ, илмӣ-омӯзгорӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ ва пешаздипломӣ иҷозат дода мешаванд.

## V. ТАШКИЛИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ТАЪЛИМӢ

20. Таҷрибаомӯзии таълимӣ ба донишҷӯён додани маълумоти аввалин ва шинос намудани онҳо бо хусусиятҳои фаъолияти ихтисоси интихобкардаашонро пешбинӣ менамояд. Одатан онҳо дар курсҳои поёнӣ дар ҳамбастагии ихтисос ба муддати 2 ҳафта гузаронида мешаванд.

21 Вазифаҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ аз шиносоӣ бо асосҳои фаъолияти касби оянда, баланд бардоштани маҳорат ва малакаи тахассусии аввалин иборат аст. Он аз намудҳои таҷрибаомӯзии экскурсионӣ, саҳроӣ, шевашиносӣ, шиносоӣ, ташкилотӣ, иқтисодӣ, таҷрибаи ҳисоби аналитикӣ иборат буда, аз рӯйи стандартҳои ихтисоси таълимӣ муайян карда мешавад.

22. Ин шакли таҷрибаомӯзӣ дар донишгоҳҳо, муассисаҳо, корхонаҳо, ташкилотҳо ва ё ҷузъҳои сохтории донишгоҳ, дар якҷоягӣ бо роҳбарони таҷрибаомӯзӣ гузаронида мешавад.

23. Мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият аз донишгоҳ якҷоя бо мудирони кафедраҳо уҳдадоранд:

– ҷойи гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро бо назардошти тахассус муайян кунанд;

– ба ҳайси роҳбари таҷрибаомӯзӣ омӯзгорони малакадор ва донандаи истеҳсолотро, ки мутахассиси он соҳа мебошанд, таъин кунанд.

24. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра уҳдадор аст:

– ба корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳое, ки дар онҳо таҷрибаомӯзии донишҷӯён мегузарад, инчунин, ба худи таҷрибаомӯзон, барномаи таҷрибаомӯзиро пешниҳод намояд;

– дар якҷоягӣ бо маъмурияти корхона, ё раёсати кадрҳо (вазорат, идора, муассиса, ташкилот) экскурсияҳои шиносоии донишҷӯёнро ташкил намояд;

– таҷрибаомӯзиро мувофиқи ихтисос ба роҳ монда, лексияҳои мутахассисони истеҳсолотро бо назардошти дастовардҳои нави илму техника дар соҳаҳои мухталифи касбӣ ва ҳалли масъалаҳои дар асоси илм ба роҳ мондани идоракунии истеҳсолотро ташкил намояд;

– назорати ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро бевосита дар корхонаҳо (муассисаҳо, ташкилотҳо), бо риояи муҳлату мундариҷаи он ба роҳ монад;

– ҳисоботи донишҷӯёнро оид ба гузаштани таҷрибаомӯзӣ бо назардошти тавсифнома ё хулосаи роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз корхона (муассиса, ташкилот) қабул намояд.

## VI. ТАШКИЛИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА ПЕШАЗДИПЛОМӢ

25. Мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият дар якҷоягӣ бо мудирони кафедраҳои тахассусӣ ва роҳбарони таҷрибаомӯзиҳои кафедраҳои тахассусии донишгоҳ вазифадоранд:

– ҳар сол то 15 ноябр бо вазорату идораҳо, корхонаю ташкилот ва муассисаҳо, ки ҳамчун ҷои гузаштани таҷрибаомӯзӣ муайян карда шудаанд, барои соли таҳсили ҷорӣ (дар мавриди зарурӣ то 5 сол) шартномаи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ банданд;

– ду моҳ пеш аз саршавии таҷрибаомӯзӣ бо вазорату идораҳо, корхонаю ташкилот ва муассисаҳо барнома ва ҷадвали тақвимии гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро мувофиқат намоянд;

– маълумотҳоро оид ба ҷойҳои гузаштани таҷрибаомӯзии донишҷӯён аз кафедраҳои тахассусӣ ҷамъоварӣ намуда, кор карда бароянд;

– тақсимоти донишҷӯёнро ба ҷойҳои муайянгардидаи гузаштани таҷрибаомӯзӣ сари вақт гузаронанд;

– ҳамкориро бо роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз корхона ба роҳ монанд, миқдори ҷойҳо ва муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯёни таҷрибаомӯзро мувофиқат кунанд, барномаҳои кориро оид ба гузаронидани таҷрибаомӯзӣ тартиб диҳанд;

– мавзуъҳои супоришҳои инфиродиро тайёр кунанд, дар тақсимоти донишҷӯён ба ҷойҳои корӣ ё ҷойивазкунии онҳо аз рӯи намуди кор иштирок кунанд;

– барои ташкил намудани шароити зарурӣ пеш аз саршавии таҷрибаомӯзӣ то омадани таҷрибаомӯзон ба вазорату идораҳо, корхонаю ташкилот ва муассисаҳо раванд.

26. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра уҳдадор аст:

– лоиҳаи фармонҳо оид ба гузаронидани таҷрибаомӯзиҳо (ному насаби донишҷӯён, макони гузаронидани таҷрибаомӯзиҳо ва роҳбарони таҷрибаомӯзиҳо)-ро омода намояд;

– чорабиниҳо ё конференсияҳои оғозшавии таҷрибаомӯзиҳоро пеш аз ба таҷрибаомӯзӣ рафтан баргузор намояд ва дар якҷоягӣ бо роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз корхона ҷавобгарии риояи техникаи бехатарии донишҷӯёнро ба уҳда гирад;

– риояи мӯҳлат ва иҷрои нақшаи таҷрибаомӯзиро назорат намояд;

– ба донишҷӯён, ҳангоми иҷроиши супоришҳои инфиродӣ ва ҷамъоварии мавод барои кори тахассусии хатм кумак кунад;

– аз тарафи вазорату идораҳо, корхонаю ташкилот ва муассисаҳо муҳайё кардани шароити мувофиқи кодекси меҳнатиро барои донишҷӯён назорат намоянд;

– аз тарафи донишҷӯёни таҷрибаомӯз риоя гардидани тартиботи дохилии меҳнатиро назорат кунад;

– тамоми корҳоро дар ҳамкорӣ бо роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз вазорату идораҳо, корхонаю ташкилот ва муассисаҳо гузаронад;

– ҳисоботи донишҷӯёнро оид ба гузаштани таҷрибаомӯзӣ бо назардошти тавсифнома ё хулосаи роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз вазорату идораҳо, корхонаю ташкилот ва муассисаҳо қабул кунад.

27. Масъулият барои ташкили таҷрибаомӯзӣ дар вазорату идораҳо, корхонаю ташкилот ва муассисаҳо ба зимаи роҳбар гузошта мешавад. Роҳбарии умумии таҷрибаомӯзии донишҷӯён бо фармони роҳбари вазорату идораҳо, корхонаю, ташкилот ва муассисаҳо ба зимаи яке аз кормандони баландихтисос гузошта мешавад;

28. Роҳбарии бевоситаи таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён дар коргоҳ, шуъба, муҳосибот, озмоишгоҳ ва ғайра бо фармони роҳбари вазорату идораҳо, корхонаю ташкилот ва муассисаҳо ба мутахассиси баландихтисоси қисмҳои номбаршуда вогузор карда мешавад.

29. Корхона (вазорату идораҳо, корхонаю ташкилот ва муассисаҳо), ки ҷойи таҷрибаомӯзӣ ба шумор меравад, уҳдадор аст:

– дар асоси барномаҳои таҷрибаомӯзӣ ва ҳамин низомнома таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро ташкил намояд;

– мувофиқи барнома ба донишҷӯён ҷойҳои самарабахши гузаронидани таҷрибаомӯзиро муҳайё кунад;

– ҳангоми гузаронидани таҷрибаомӯзӣ шароити мусоидро барои ба даст овардани донишҳои муосири ихтисосӣ муҳайё созад;

– нақшаи тақвимии гузаштани таҷрибаомӯзиро, ки донишгоҳ тартиб додааст, риоя кунад;

– ба донишҷӯён истифодаи ҳуҷҷатҳоеро, ки қонунгузорӣ манъ накардааст шинос намояд;

– ҳангоми ҷамъоварии мавод барои иҷрои корҳои курсӣ ва лоиҳаҳои корҳои хатм, дипломӣ, магистрӣ ва рисолаи илмӣ кумак расонад;

– омӯзиши қоидаҳои муҳофизати меҳнат, санитарӣ ва техникаи бехатариро гузаронад ва онро бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ шинос намояд;

– аз тарафи донишҷӯёни таҷрибаомӯз риоя гардидани тартиботи дохилии меҳнатӣ, саршавӣ ва ба итмом расидани корро, ки дар корхона муайян шудааст, таъмин ва назорат намояд;

– донишҷӯёнро ҳангоми гузаронидани таҷрибаомӯзӣ бо ҷои кор таъмин намуда, дар лабороторияҳо бо либосҳои муҳофизаткунанда мувофиқи меъёрҳои муқарраргардидаи қонун таъмин кунад;

– дар асоси фармоиши роҳбари корхона (вазорату идораҳо, корхонаю ташкилот ва муассисаҳо) дар мавридҳои зарурӣ барои риоя накардани қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ба донишҷӯ огоҳӣ, сарзаниш ва танбеҳ дода, ба ректори донишгоҳ, садорати факултет ва кафедраи тахассусӣ хабар диҳад;

– ҳангоми рух додани фалокат бо донишҷӯёне, ки дар ҳамин корхона (вазорату идораҳо, корхонаю ташкилот ва муассисаҳо) таҷрибаомӯзанд, ҷавобгарии пурраро ба зимма гирад.

30. Роҳбари таҷрибаомӯзии донишҷӯён аз вазорату идораҳо, корхонаю ташкилот ва муассисаҳо, ки роҳбарии бевоситаи таҷрибаомӯзиро амалӣ мекунад, уҳдадор аст:

– донишҷӯёнро бо ташкили кор дар ҷойҳои корӣ, идораи ҷараёни технологӣ, таҷҳизот, воситаҳои техникӣ ва истифодаи он, иқтисодиёти истеҳсолот, муҳофизати меҳнат ва ғайра шинос кунад;

– назорати доимии раванди кори таҷрибаомӯзонро пеш барад, барои дуруст иҷро намудани супоришҳо назорат кунад, онҳоро бо усулҳои пешқадами кор шинос намояд ва оид ба масъалаҳои корӣ маслиҳатҳо диҳад;

– ба донишҷӯёни таҷрибаомӯз усулҳои бехатарии корро омӯзад;

– қайди рӯзномаи донишҷӯён, тайёр кардани ҳисоботи донишҷӯёни таҷрибаомӯзро назорат кунад ва ба онҳо тавсифномаҳоеро нависад, ки доир ба иҷрои барномаҳои таҷрибаомӯзӣ ва супоришҳои фардӣ, муносибати онҳо ба кор, иштироки онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ нишон дода шаванд.

31. Донишҷӯ ҳангоми гузаронидани таҷрибаомӯзӣ вазифадор аст:

– тамоми нақшаҳоеро, ки аз рӯи барномаи таҷрибаомӯзӣ пешбинӣ шудаанд, иҷро намояд;

– қоидаҳои тартиботи дохилии дар корхона (вазорату идораҳо, корхонаю ташкилот ва муассисаҳо) амалкунандаро риоя намояд;

– қоидаҳои муҳофизати меҳнат, техникаи бехатарӣ ва санитарии истеҳсолиро омӯхта ва қатъиян риоя кунад;

– аз рӯи супориши кафедра дар пешниҳоду таклифҳои оқилона ва ихтироъкорӣ иштирок намояд;

– дар баробари кормандони штати барои корҳои анҷомдодашуда ва натиҷаҳои онҳо ҷавобгӯ бошад;

– дар рӯзнома ҳамарӯза маводи рақамии лозимӣ, корҳои анҷомдода, мубоҳисаҳо ва навгониҳои таҷрибаи азхудкардаро қайд кунад;

– ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ ҳисоботи хаттӣ пешниҳод кунад ва аз таҷрибаомӯзӣ ҳисоботу санҷиш супорад.

32. Донишҷӯёне, ки бо корхона, муассиса, ташкилот шартномаи сетарафа бастаанд, таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пешаздипломиро дар ҳамин корхона (вазорату идораҳо, корхонаю ташкилот ва муассисаҳо) мегузаронанд.

33. Ҳангоми дар корхонаҳо пайдо шудани вазифаҳои холӣ, мутобиқи талаботи барномаи таҷрибаомӯзӣ, донишҷӯён метавонанд ба онҳо таъйин шаванд. Гузаштани таҷрибаомӯзӣ бо тариқи таёрии инфиродӣ дар назди мутахассисон ё кормандони дорои тахассуси мувофиқ иҷозат дода мешавад.

34. Донишҷӯёне, ки доир ба соҳаи мазкур собиқаи корӣ доранд, бо қарори кафедраҳои тахассусӣ дар асоси аттестатсияи фосилавӣ аз таҷрибаомӯзии таълимӣ – шиносоӣ озод мешаванд (ба ғайр аз таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ). Ба таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ онҳо мутобиқи тартиби муқарраршуда равона карда мешаванд.

## VII. РОҲБАРӢ ВА НАЗОРАТ

35. Роҳбарии бевоситаи таҷрибаомӯзӣ аз кафедраи тахассусӣ таъин карда мешавад;

36. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ дар баробари рӯзнома ва роҳхат ба ҳар як донишҷӯ супориши фардиро вобаста ба намуди таҷрибаомӯзӣ месупорад.

37. Назоратро аз болои роҳбарии таҷрибаомӯзӣ мудири кафедраҳои тахассусӣ ва сармутахассиси шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият пеш мебаранд. Иҷрои супоришҳои таълимиро аз рӯи барнома ва дастури методии таҷрибаомӯзӣ омӯзгорони кафедра амалӣ мекунанд.

38. Барномаи таҷрибаомӯзӣ бояд ба талаботи замони муосир мувофиқ бошад ва охирин дастовардҳоро дар соҳаи ҷомеа, истеҳсолот, маориф ва илм инъикос намояд.

39. Барнома ва дастурҳои методӣ дар муҳлати на камтар аз 4 сол аз нав дида баромада шуда, вобаста ба татбиқи дастовардҳои соҳавӣ ва таҷрибаи пешқадам, мукаммал кунонида мешаванд.

## VIII. ВАЗИФАҲОИ ФУНКСИОНАЛИИ РОҲБАРОНИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

40. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ уҳдадор аст:

41. Фаъолияти қисмҳои таркибиро доир ба тайёрии амалии мутахассисон ба нақша гирад;

42. Қисмҳои таркибии донишгоҳро бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба масъалаҳои тайёрии амалии мутахассисон таъмин намояд;

43. Нақшаҳои (лоиҳаҳои) ҳалли масъалаҳои ташкили таҷрибаомӯзиро дар донишгоҳ тайёр кунад;

44. Ҳангоми бастани шартномаҳо бо корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ иштирок кунад;

45. Ба роҳбарони факултетҳо оид ба масъалаҳои ташкилӣ, масъалаҳои бақайдгирии сарборӣ ва музди меҳнати роҳбарон дастур диҳад;

46. Ҷараёни таҷрибаомӯзиро назорат ва натиҷаҳои онро таҳлилу ҷамъбаст намояд;

47. Ҳисоботи роҳбарони факултетро дар бораи натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ таҳлил намуда, дар асоси онҳо маълумоти ҷамъбастиро оид ба сифати тайёрии амалии донишгоҳ тартиб диҳад;

48. Доир ба мубодилаи таҷриба дар байни роҳбарони таҷрибаомӯзӣ семинарҳо ташкил кунад;

49. Ба роҳбарияти донишгоҳ оид ба роҳҳои самарабахши беҳтар намудани тайёрии амалии мутахассисон таклифҳо пешниҳод созад.

## IX. ВАЗИФАҲОИ ШУЪБАИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ ВА РУШДИ КАСБИЯТ

50. Барномаҳои комплексии тайёрии таҷрибаомӯзии мутахассисонро таъмин намояд;

51. Иҷрои нақшаҳои таълимиро доир ба қисми омӯзиши амалӣ таъмин созад;

52. Оид ба риояи техникаи бехатарӣ ва аз муоинаи тиббӣ гузаронидани донишҷӯён дастурҳо диҳад (дар мавриди зарурӣ);

53. Муҳокимаи натиҷаи таҷрибаомӯзиро дар маҷлиси Шурои олимони факултет, Шурои илмию методии донишгоҳ ва Шурои олимони донишгоҳ баррасӣ намояд.

54. Шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият, кафедраҳои тахассусӣ ва роҳбари таҷрибаомӯзии гурӯҳҳо уҳдадоранд:

55. Банақшагирӣ, ташкил ва баҳисобгирии натиҷаҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ, пешаздипломӣ, илмӣ-омӯзгорӣ ва илмӣ-таҳқиқотиро таъмин намоянд.

56. Тайёр кардани барномаҳои таълимии таҷрибаомӯзӣ ва барномаҳои комплексии тайёрии амалии донишҷӯёнро роҳбарӣ кунанд.

57. Корҳои тайёриро барои бо ҷойҳои таҷрибаомӯзӣ таъмин намудани донишҷӯён ташкил намоянд (ҳар сол дар асоси пешниҳоди кафедраҳо на дертар аз 1 – уми апрел ба Шурои илмию методӣ маълумотҳои банақшагирии ҷойҳои таҷрибаомӯзиро барои соли таҳсили оянда бо нишондоди суроға ва реквизитҳои корхона пешниҳод кунанд). Шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият вазифадор аст:

– дар якҷоягӣ бо мудирони кафедраҳои тахассусӣ аз донишгоҳ бастани шартномаҳоро бо корхонаҳое, ки ба сифати ҷои таҷрибаомӯзӣ пешбинӣ шудаанд, ташкил кунад;

– як моҳ пеш аз саршавии таҷрибаомӯзӣ бо муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳо барнома ва ҷадвали тақвимии гузариши таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро мувофиқа кунад.

58. Маҷлисҳоро оид ба масъалаҳои ташкилӣ- методии таҷрибаомӯзӣ бо иштироки роҳбарони гурӯҳӣ аз кафедраи тахассусӣ ташкил намоянд ва онҳоро бо ҳуҷҷатҳои лозимӣ (рӯзнома, роҳхат ва супориши фардӣ) шинос ва таъмин кунанд.

59. Дастури ҳифзи меҳнати донишҷӯёни таҷрибаомӯзро тартиб дода, назоратро дар ин самт ба роҳ монанд.

60. Гурӯҳбандии донишҷӯёнро барои тақсимоти ҷойҳои таҷрибаомӯзӣ ташкил кунанд.

61. Лоиҳаҳои фармоишҳои тайёр намудаи факултетҳоро доир ба гузаронидани таҷрибаомӯзиҳо назорат намоянд.

62. Ҷараёни таҷрибаомӯзиро назорат карда, доир ба мукаммал гардонидани тайёрии амалии мутахассисон ба факултетҳо тавсия диҳад.

63. Натиҷаи таҷрибаомӯзиҳо ва варақаҳои имтиҳони таҷрибаомӯзиро назорат намояд.

64. Мониторинги натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ (анкетакунии донишҷӯён ва роҳбарони таҷрибаомӯзӣ, таҳлили муқоисавии натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ ва ғайра)-ро ташкил намоянд.

65. Ҳисоботи таҷрибаомӯзиро дар кафедраҳои тахассусӣ тартиб дода, дар Шурои олимони факултет тасдиқ ва онро ба Шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият пешниҳод кунанд. Ҳисобот дар Шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият 5 сол нигоҳ дошта мешавад.

## X. ВАЗИФАҲОИ МУДИРОНИ КАФЕДРАҲОИ ТАХАССУСӢ

66. Корҳои мукаммалкунии сохтор ва таркиби таҷрибаомӯзиро ташкил намоянд.

67. Оид ба татбиқ намудани дастовардҳои илмӣ ва таҷрибаи пешқадам ба мундариҷа ва ташкили таҷрибаомӯзӣ чораҳо андешанд.

68. Барномаҳои таълимӣ ва кории таҷрибаомӯзиро таҳия намоянд.

69. Дастурамалҳоро оид ба ҳифзи меҳнати донишҷӯёни таҷрибаомӯз таҳия намоянд.

70. Аз ҳисоби омӯзгорони ботаҷриба ва баландихтисос роҳбарони гурӯҳии таҷрибаомӯзиро таъин кунанд.

71. Дар гузаронидани конференсияҳои кушодашавӣ ва ҷамъбастии таҷрибаомӯзӣ иштирок кунанд.

72. Ҳисоботи роҳбарони гурӯҳро оид ба гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ва натиҷаҳои он, муҳокимаи натиҷаҳо, ворид кардани тағйироту иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ оид ба усулҳои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ташкил кунанд ва иҷрои барномаҳои таҷрибаомӯзиро таҳлил намоянд.

## XI. ВАЗИФАҲОИ РОҲБАРОНИ ГУРӮҲИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ТАЪЛИМӢ, ИСТЕҲСОЛӢ, ОМӮЗГОРӢ, ПЕШАЗДИПЛОМӢ, ИЛМӢ-ОМӮЗГОРӢ ВА ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТӢ

73. Дар мсаҷлисҳое, ки дар донишгоҳ оид ба масъалаҳои ташкилию методии таҷрибаомӯзӣ ва роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз корхонаҳо мегузаронанд, иштирок намоянд;

74. Барои ҳифзи меҳнати донишҷӯён дастур диҳанд ва қоидаҳои бехатариро омӯзонанд.

75. Роҳбарии бевоситаи таҷрибаомӯзиро амалӣ кунанд ва донишҷӯёнро бо барномаи таҷрибаомӯзӣ шинос карда, мусоҳибаҳо гузаронанд, ҳангоми тартиб додани ҳуҷҷатҳои ҳисоботдиҳӣ кумак кунанд, адабиёти зарурию доир ба усулҳои таҷрибаомӯзӣ муҳайё кунанд.

76. Аз ҷониби донишҷӯён иҷро кардани супоришҳои фардиро назорат кунанд.

77. Санҷишҳои таҷрибаомӯзиро қабул карда, дар гузаронидани санҷишҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ, пешаздипломӣ, илмӣ-омӯзгорӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ иштирок намоянд.

78. Ҳисоботи ҷамъбастии таҷрибаомӯзиро тайёр намуда, ба садорати факултет ва факултет дар шакли гузориши ҷамъбастӣ ба шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият пешниҳод намояд.

## XII. ҶАМЪБАСТИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

79. Шакли аттестатсияи натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ дар асоси нақшаи таълимӣ бо назардошти талаботи Шурои илмию методии донишгоҳ муқаррар карда мешавад.

80. Шакл ва намуди ҳисобот (рӯзнома, ҳисобот ва ғайра)-и таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро донишгоҳ муайян мекунад.

81. Пас аз анҷом ёфтани таҷрибаомӯзӣ, донишҷӯ ҳисоботи хаттиро тартиб дода, рӯзномаи таҷрибаомӯзиро бо имзои роҳбари бевоситаи таҷрибаомӯзӣ аз корхона (муассиса, ташкилот) ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ месупорад. Ҳисобот бояд маълумотҳоро оид ба кори мушаххас иҷрокардаи донишҷӯ дар давоми таҷрибаомӯзӣ ва инчунин шарҳи кӯтоҳи корхона, муассиса, ташкилот (коргоҳ, шуъба, озмоишгоҳ ва ғайра), ташкили фаъолияти он, масъалаи ҳифзи меҳнат, хулоса ва пешниҳодҳоро дар бар гирад. Барои тайёр кардани ҳисобот ба донишҷӯ дар охири таҷрибаомӯзӣ 5 – 7 рӯз ҷудо карда мешавад.

82. Барои қабули санҷиш (ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ) мудири кафедра комиссия таъсис медиҳад. Ба ҳайати комиссия омӯзгорони кафедра, роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ва аз рӯи имконият роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз корхона дохил мешаванд. Дар рафти санҷиш тавсифнома ва ё хулосае, ки роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз корхона (муассиса, ташкилот) додааст, ба инобат гирифта мешавад.

83. Натиҷаи таҷрибаомӯзӣ бо баҳодиҳии омӯзиши назариявӣ баробар ҳисобида мешавад ва ҳангоми ҷамъбасти фаъолияти донишҷӯ ба инобат гирифта мешавад.

84. Донишҷӯёне, ки бо сабабҳои узрнок барномаҳои таҷрибаомӯзиро иҷро накардаанд ё аз дигар муассисаи олӣ бе гузаштани ягон намуди таҷрибаомӯзӣ бо сабаби номувофиқии нақшаҳои таълимӣ ё ин ки бо сабабҳои дигар омадаанд, берун аз вақти таҳсил ба таҷрибаомӯзӣ фиристонида мешаванд.

85. Донишҷӯёне, ки бе сабабҳои узрнок барномаҳои таҷрибаомӯзиро иҷро накарданд ё баҳои манфӣ гирифтаанд, ҳамчун қарздори академӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Оинномаи донишгоҳ аз сафи донишҷӯён хориҷ карда мешаванд.

# НИЗОМНОМАИ
# ШУРОИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ КОММУНИКАТСИОНИИ НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Шурои технологияҳои иттилоотию комуникатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) мақоми идоракунанда ва ҳамоҳангсоз дар соҳаи сиёсати иттилоотии низоми таҳсилот дар Донишгоҳ мебошад. Шурои технологияҳои иттилоотию комуникатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Шуро) дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин Низомномаро ба роҳбарӣ мегирад.

## II. МАҚСАДИ ШУРО

2. Амалӣ намудани Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ»;

3. Рушди низоми технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилот мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ бо истифодаи технологияҳои таълимии муосир, усулҳои инноватсионии таълим ва ташкили фазои ягонаи иттилоотии соҳаи маориф мебошад.

## III. ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ШУРО

4. Шуро ҳуқуқ дорад:

– ҳамкории муштараки Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ташкилотҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, ассотсиатсияҳо, ширкатҳои мобилӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва марказҳои инноватсионӣ ба роҳ монад;

– дар ҳолатҳои зарурӣ барои ҳамкорӣ мутахассисони соҳавиро ба ҷаласаҳои Шуро даъват намояд;

– ташкили гурӯҳҳои коршиносон ва баррасии таклифҳо оид ба маблағгузорӣ барои рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро ба роҳ монад.

5. Вазифаҳои асосии Шуро:

– баррасии иттилоот ва мавод оид ба усул ва роҳҳои амалигардонии Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

– муайян намудани самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ташаккул ва рушди фазои иттилоотии низоми таҳсилот дар Донишгоҳ;

– ҳамоҳангсозии фаъолияти раёсат, шуъба, бахш, факултет, кафедра ва дигар воҳидҳои сохтории Донишгоҳ дар соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;

– ташкили мониторинг ва арзёбии ҳолати инкишофи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми таҳсилот дар Донишгоҳ;

– иҷрои Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643 «Дар бораи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон назорат намояд.

## IV. РАИСИ ШУРО

6. Ваколатҳои раиси Шуро:

– муайян намудани ҳайати Шуро;

– даъват ва гузаронидани ҷаласаҳои Шуро;

– тасдиқи Нақшаи кории Шуро;

– шунидани ҳисоботи аъзои Шуро, сардорони раёсат ва мудирони шуъба ва бахшҳои Донишгоҳ, роҳбарони муассисаҳои тобеъ, оид ба рафти амалигардонии Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ва қарорҳои ҷаласаҳои Шуро;

– иҷрои ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро ба танзим медароранд.

## IV. МУОВИНИ РАИСИ ШУРО

7. Ваколатҳои муовини раиси Шуро:

– назорати ҷараёни иҷрои қарорҳои раиси Шуро ва Нақшаи кории Шуро;

– омода намудани маълумот оид ба натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии ҳолати рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми таҳсилот;

– пешниҳоди чорабиниҳо ҷиҳати беҳбудӣ бахшидан ба раванди татбиқи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми таҳсилоти Донишгоҳ;

– пешниҳоди чорабиниҳои мушаххас барои ворид намудан ба Нақшаи кории Шуро;

– иҷрои дигар супоришҳои раиси Шуро.

## V. АЪЗОИ ШУРО

8. Ваколатҳои аъзои Шуро:

– иштирок дар ҷаласаҳои Шуро;

– омода намудани маълумот мутобиқи нақшаи кории Шуро оид ба фаъолияти Донишгоҳ ва воҳидҳои сохтории он;

– пешниҳоди чорабиниҳои мушаххас барои ворид намудан ба нақшаи кории Шуро;

– иҷрои дастуру супоришҳои раиси Шуро.

## VII. КОТИБИ МАСЪУЛИ ШУРО

9. Ваколати котиби масъули Шуро:

– таъмини иттилоотию таҳлилӣ ва ташкилию техникии фаъолияти Шуро;

– тартиб додани лоиҳаи Нақшаи корӣ ва барои баррасӣ ба аъзои Шуро пешниҳод намудани он;

– таҳия ва барои имзо ба раиси Шуро пешниҳод кардани қарорҳо ва протоколҳои ҷаласаҳои Шуро;

– таҳлил ва назорати рафти иҷрои нақшаҳо, қарорҳо ва пешниҳоди иттилоот ба раиси Шуро аз натиҷаи онҳо;

– иҷрои дигар супоришҳои раиси Шуро.

## VIII. ТАШКИЛИ КОРИ ШУРО

10. Шуро бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ таъсис дода мешавад.

11. Маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ, раёсати инноватсия, раёсати таълим ва кафедраҳои Донишгоҳ ба Шуро оид ба масъалаҳои технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ маълумоти заруриро пешниҳод менамоянд;

12. Шуро дар назди Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда мебошад;

13. Ҷаласаҳои Шуро дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи раиси Шуро, вале на камтар аз як маротиба дар 3 моҳ баргузор мегардад. Ҷаласаҳои Шуро дар сурати ширкат доштани на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои он баргузор мегардад.

## IX. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМА ВА ҚАТЪИ ФАЪОЛИЯТИ ШУРО

14. Тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур аз тарафи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ворид карда мешавад.

15. Фаъолияти Шуро дар асоси қарори Шурои олимони Донишгоҳ қатъ карда мешавад.

## НИЗОМНОМАИ ШУЪБАИ НАЗОРАТИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТИ РАЁСАТИ ТАЪЛИМ

1. Низомномаи шуъбаи назорати сифати таҳсилоти раёсати таълим (минбаъд Низомнома) дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити низоми кредитии таҳсилот, Барномаи «Идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия шудааст.

## III. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

2. Шуъбаи назорати сифати таҳсилот (минбаъд шуъба) қисми таркибии раёсати таълими Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, дар асоси Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, низомномаи мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр амал намуда, дар фаъолияти кории худ фармоишҳои ректор ва дастуру супоришҳои муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, сардори раёсати таълимро ба роҳбарӣ мегирад;

3. Шуъба аз 4 воҳиди корӣ: мудири шуъба, 1 – нафар сармутахассис, 2 – нафар мутахассис иборат аст;

4. Шуъбаро мудири шуъба роҳбарӣ менамояд, ки бо пешниҳоди муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим аз ҷониби ректор ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад;

5. Шуъба фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо сохторҳои раёсатҳои таълим, илм, кафедраҳо ва садорати факултетҳои Донишгоҳ амалӣ мегардонад.

## IV. МАҚСАД ВА САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

6. Шуъба бо мақсади татбиқи амалии меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», дигар қонунгузории соҳаи маориф ва илм, дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми ҶТ, Фармоишҳои вазири маориф ва илми ҶТ, қарорҳои мушовараи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти ҶТ, Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити низоми кредитии таҳсилот, Барномаи «Идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии ДМТ, Низомномаҳо, Дастурамалҳо, қарорҳои Шурои олимон, қарорҳои Шурои илмию методӣ, фармоишҳои ректори ДМТ, нақша чорабиниҳои кории шуъбаи назорати сифати таҳсилот, дастуру супоришҳои муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ва сардори раёсати таълим фаъолияти худро роҳандозӣ менамояд.

7. Кормандони Шуъба фаъолияти худро дар асоси принсипҳои зерин ба роҳ мемонанд:

– баробарҳуқуқии донишҷӯён ва магистрантон дар гирифтани таҳсилоти босифат;

– қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

– бартарии соҳаи маориф дар ҳама сатҳҳои идоракунии давлатӣ;

– бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;

– муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;

– ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия;

– инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;

– рушди сифати таҳсилот бо назардошти стандартҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои байналмилалии таҳсилот;

– ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва инкишофи истеъдоди ӯ;

– пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;

– ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот;

– мунтазамӣ ва давомнокии раванди таълим.

8. Шуъба давомоти донишҷӯён, магистрантон, раванди санҷишу имтиҳонҳо, варақаҳои имтиҳонӣ, барномаҳои таълимӣ, силлабусҳо, бонки лексияҳо, сифати корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, раванди дарсгузарии омӯзгорон, истифодаи технологияи иттилоотию иртиботӣ, воситаҳои аёнӣ ва ёрирасон, шаклҳои гуногуни презентатсияи мавзуҳои

дарсӣ аз ҷониби омӯзгорон, дарсҳои кушод ва баҳамдигардароии омӯзгорон, гузаронидани мониторинг таввасути пурсиши варақавӣ (анкета) дар байни донишҷӯён ва дигар масъалаҳои ба таълим иртиботдоштаро зери назорат ва роҳбарӣ гирифта, сохтори танзимкунандаи муносибатҳо дар ин самт ба ҳисоб меравад.

## V. ВАЗИФАҲОИ ШУЪБА

8. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо оид ба баланд бартоштани сифати таҳсилот дар Донишгоҳ;

9. Гузаронидани санҷиш, таҳлил ва хулосабардории сифати таълим дар кафедраҳо, факултетҳо ва литсейи Донишгоҳ;

10. Гузаронидани санҷиш, таҳлил ва хулосабардории сифати таълим дар бахши магистратураи Донишгоҳ;

11. Ба амал баровардани назорат ва тавсияҳои методӣ оид ба истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни таълим, мониторинги сатҳи маҳорату малакаи истифодаи технологияи иттилоотӣ аз ҷониби омӯзгорон ва донишҷӯён дар ҷараёни машғулиятҳои дарсӣ;

12. Тартиб додани маводҳои баргузории санҷишҳои экспертӣ (тестҳо, саволномаҳо, варақаҳои диктант) барои гузаронидани мониторинги сифати таҳсилот;

13. Таҳия ва такмили технологияҳои назорат ва худбаҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот;

14. Таъмини талаботи ягона ҳангоми гузаронидани мониторинг, санҷиш ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот;

15. Ташкил ва рушди системаи иттилоотӣ дар соҳаи мониторинг, назорат ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот;

16. Ташкили конфронсҳо, маҷлисҳо, семинарҳо бо мақсади такмили машғулиятҳои назариявӣ, амалӣ, лабораторӣ ва корҳои мустақилона вобаста ба таҳлил ва ҷамъбасти маводҳои вобаста ба сифати таълим;

17. Таҳия ва пешниҳоди маълумот оид ба натиҷаҳои мониторинг, назорат ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот ба Шурои илмию методӣ, Шурои олимон ва раёсати Донишгоҳ;

18. Мунтазам ширкат кардан дар машғулиятҳои дарсии омӯзгорон бо мақсади таҳлили сифати таҳсилот;

19. Санҷиши иҷрои сарбории омӯзгорон ва назорати ҳуҷҷатҳои кафедра ва садорати факултетҳо дар самти таълим;

20. Гузаронидани мониторинг таввасути пурсишномаҳои варақавӣ (анкета) дар байни донишҷӯён;

21. Таъмини иҷрои қарорҳои Шурои олимон ва Шурои методии донишгоҳ оид ба баланд бардоштани сатҳ ва сифати машғулиятҳо;

22. Гузаронидани санҷиш оид ба иҷрои нақшаи дарсҳои кушод ва баҳамдигардароии омӯзгорон;

23. Ба роҳ мондани семинарҳо миёни омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба масъалаҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот.

## VI. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ШУЪБА

Шуъба бо мақсади амалӣ намудани вазифаҳои дар наздаш гузошташуда ҳуқуқ дорад:

24. Сифати таҳсилотро дар Донишгоҳ новобаста аз ихтисос ва шакли таҳсил (шуъбаи рӯзона, таҳсилоти фосилавӣ, ғоибона ва магистратура) назорат ва натиҷабардорӣ кунад;

25. Дар гурӯҳҳои академӣ санҷишҳои тестӣ, корҳои хаттӣ, пурсишҳои даҳонӣ ва варақавӣ гузаронад;

26. Сифати маводҳои таълимию методӣ ва истифоди аёниятҳоро аз тарафи омӯзгорон назорат кунад;

27. Санҷишҳои фосилавии фаврӣ гузаронида, оид ба натиҷаҳои он ба раёсати таълим, муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ва ректори Донишгоҳ маълумот пешниҳод намояд;

28. Бо мақсади баҳодиҳии объективӣ дар мавридҳои зарурӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда бидуни огоҳ намудани омӯзгорон дар машғулиятҳои онҳо иштирок намояд;

29. Бо мақсади санҷиш, назорат ва баланд бардоштани сифати таҳсилот бо сарпарастони факултетҳо, эдвайзерҳо ва муовинони декани факултетҳо ҳамкориро ба роҳ монанд.

30. Ба раёсати Донишгоҳ оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти Шуъба дохил мешаванд, таклифу дархостҳо пешниҳод намояд;

Ба уҳдаи Шуъба иҷро намудани корҳои зерин гузошта мешавад:

31. Ташкил ва гузаронидани баҳогузории рейтингӣ дар якҷоягӣ бо факултетҳо бо мақсади баланд бардоштани сатҳи донишазхудкунӣ ва сифати таҳсилот дар Донишгоҳ;

32. Гузаронидани санҷиш, таҳлил ва хулосабардории сифати таҳсилот дар Донишгоҳ;

33. Пешниҳоди нақшаи чорабиниҳо оид ба бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта дар ҷараёни таълим ва мукаммал гардонидани сифати таҳсилот ба Шурои илмию методӣ, Шурои олимон ва раёсати Донишгоҳ;

## VII. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМА ВА ҚАТЪИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБАИ НАЗОРАТИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

35. Тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур аз тарафи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ворид карда мешавад.

VII. Фаъолияти низомномаи шуъба дар асоси қарори Шурои олимон қатъ карда мешавад.

# НИЗОМНОМАИ
# ШУЪБАИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ ВА РУШДИ КАСБИЯТ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф, аз ҷумла Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳия гардидааст;

2. Раёсати шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд шуъба) банақшагирӣ ва ташкили таҷрибаомӯзии донишҷӯёни ҳама ихтисосҳое, ки дар донишгоҳ фаъолияти таълимӣ, ташкил, мониторинг, ҳамоҳангсозӣ ва назорати сифати таълимро дар донишгоҳ мутобиқ ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаи таҳсилотӣ ва нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи донишгоҳ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои тайёр кардани мутахассисон, ворид кардани усулҳои муосири таълим, роҳҳои нави таҳлили сифати раванди таълим ва тағйироти сифатию миқдорӣ дар асоси Оинномаи донишгоҳ ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад;

3. Фаъолияти Шуъба барои татбиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, Оинномаи донишгоҳ, «Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», қарорҳои Шурои олимон, фармоишу супоришҳои ректор, қарори Шурои илмию методӣ, инчунин, барои амалӣ намудани талаботи Низомномаи мазкур нигаронида шудааст.

## II. ҲАЙАТ ВА СОХТОРИ РАЁСАТ

4. Шуъба воҳиди сохтории Донишгоҳ мебошад.

5. Ҷадвали воҳидҳои кории Шуъба бо пешниҳоди сардори раёсати таълим дар мувофиқа бо муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим аз ҷониби ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешава;

6. Шуъба барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи раёсати таълим вогузоргардида масъул мебошад;

7. Мудири Шуъба дар асоси пешниҳоди муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, бо фармоиши ректори донишгоҳ ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда мешавад;

8. Мудири Шуъба дар доираи салоҳияти худ тибқи қонун ва ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда доир ба вазифаҳои ба зиммаи раёсат вогузоргардида тавсияҳо дода, вазифаҳои кормандонро муайян ва тартиби иҷрои онҳоро назорат менамояд;

9. Ҳангоми набудани мудири Шуъба вазифа ва салоҳияти ӯ ба зиммаи сармутахассиси Шуъба вогузор карда мешавад;

10. Шуъба аз воҳидҳои зерини сохторӣ таркиб ёфтааст:

– мудир;

– сармутахассис;

– мутахассис.

## III. ВАЗИФАҲОИ ШУЪБА

10.Вазифаи асосии кормандони шуъба:

– роҳнамоии барномаҳои донишҷӯён ва магистрон бо мақсади баланд бардоштани донишҳои касбии мутахассисон, такмили сифатҳои кори онҳо баҳри иҷрои вазифаҳои нави меҳнатӣ;

– ҳамоҳангсозии корҳои таълимӣ, ташкилӣ- методӣ ва илмӣ-тадқиқотии ҳайати профессорону омӯзгорон ҷиҳати таъмини ягонагии низоми талабот ба ташкил, шартҳои татбиқ ва баҳодиҳии сифати барномаҳои тайёр кардани донишҷӯён ва магистрантон;

– банақшагирӣ ва ташкили раванди таҷрибаомӯзии донишҷӯён ва таълими магистрантон;

– ташкил ва баҳисобгирии ҳаракати ҳайати донишҷӯён ва магистрантон.

– оид ба такмили раванди таълим ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии магистрантон пешниҳод таҳия намуда, ба баррасии Шурои олимони ДМТ манзур месозад;

– ташкил ва баргузории машғулиятҳои таълимии донишҷӯён ва магистрантон, қабули санҷиш ва имтиҳоноти онҳоро назорат мебарад;

– тибқи дархости раёсати донишгоҳ аз фаъолияти таҷрибаомӯзии донишҷӯён ва магистрон маълумот пешниҳод мекунад;

– сари вақт ба мудирони кафедраҳо дар бораи қарорҳои раёсати донишгоҳ оид ба масъалаҳои амалигардонии барномаҳои донишҷӯён ва магистрон маълумот ирсол менамояд;

– назоратро аз болои ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ва малакаандӯзии донишҷӯён ва магистрантон ба роҳ мемонад;

– корҳои ташкилӣ- методиро ҷиҳати барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои ҷорӣ ва хатми донишҷӯён ва магистрантон амалӣ месозад;

– манбаи маълумот оид ба донишҷӯён ва магистрантонро ташкил ва саривақт нав месозад, баҳисобгирии ҳаракати ҳайати донишчӯён ва магистрантонро пеш мебарад;

– бо дигар сохторҳои донишгоҳ дар мураттабсозии ҳисоботҳои даврӣ ва якдафъина ҳамкори мекунад;

– назоратро аз болои таъмини ҳифзи иҷтимоии магистрантон ба роҳ мемонад;

– тавассути сомонаи ДМТ ба ҳайати омӯзгорон ёрии иттилоотӣ мерасонад;

– дар кори таблиғоти касбӣ оид ба ҷалби хатмкунандагон ба донишҷӯён ва магистрон ширкат меварзад ва иттилооти таблиғотӣ таҳия месозад;

– дар ташкил ва баргузории конференсияҳои илмӣ – амалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳои илмӣ (эҷодӣ)-и донишҷӯён ва магистрантон иштирок менамояд;

– ҳуҷҷатгузории шуъбаро танзим ва пеш мебарад;

– интихоби хатмкунандагон ва натиҷаҳои қабул ба магистратураро арзёбӣ ва таҳлил мекунад;

– барои тасдиқ пешниҳод кардани лоиҳаи санадҳои сатҳи дохили муасиссаро аз рӯйи самтҳои фаъолияти худ омода сохта ва барои тасдиқ пешниҳод мекунад.

## IV. ҲУҚУҚҲОИ КОРМАНДОНИ ШУЪБА

11. Кормандони шуъба ҳуқуқ доранд:

– банақшагирӣ ва ташкили корҳои илмию методӣ оид ба гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯёни ДМТ вобаста ба соҳаҳои ихтисосие, ки ДМТ омода мекунад;

– санҷиши нақшаҳои таълимӣ дар ҳама ихтисосҳо (навъи таҷрибаомӯзӣ, андоза ва муҳлати таҷрибаомӯзӣ) дар мавриди мувофиқ будан ё набуданашон ба талаботи стандартҳои давлатии таълимӣ дар макотиби олӣ;

– ташкил ва гузаронидани семинарҳои дастуриву методӣ бо роҳбарони таҷрибаомӯзӣ оид ба масъалаҳои банақшагирӣ ва ташкили таҷрибаомӯзӣ;

– омода намудани васоити таълимию методӣ, дастуруламалҳо, дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ оид ба таҷрибаомӯзии донишҷӯёни донишгоҳ;

– тайёр намудани бланкҳо ва санадҳои ҳисоботӣ оид ба таҷрибаомӯзии донишҷӯёни донишгоҳ;

– ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯёни донишгоҳ ва назорат аз болои ин чорабинӣ дар ҳама сохторҳо;

– омода намудани шартномаҳо бо корхонаҳо ва муассисаҳои қаламрави ҶТ новобаста аз шакли моликияташон;

– ҷамъоварии мунтазами мавод оид ба корхонаву муассисаҳое, ки бо ДМТ дар масъалаи таҷрибаомӯзӣ ҳамкорӣ мекунанд.

– ҳамоҳанг сохтани фаъолияти роҳбарони таҷрибаомӯзӣ дар ҳама факултаҳои донишгоҳ;

– ташкил ва гузаронидани конфронсҳои ҷамъбастӣ аз рӯи натиҷаҳои таҷрибаомӯзии донишҷӯёни донишгоҳ;

– иштирок дар кори кафедраҳо ва факултаҳо аз рӯи масъалаҳое, ки ба таҷрибаомӯзии донишҷӯёни донишгоҳ дахл доранд;

– омода намудани пешниҳодот оид ба такмил додани банақшагирӣ ва ташкили таҷрибаомӯзии донишҷӯёни донишгоҳ.

Мутахассис ҳуқуқ дорад:

– банақшагирӣ, ташкил ва иҷрои комплексии фаъолияти худ дар доираи Низомномаи шуъба;

– амалисозии фаъолияти шуъба дар асоси барнома;

– ташкил ва ҳамроҳӣ кардани низоми автоматикунонии назорати сифати таълим дар донишгоҳ.

– дар самти сифати таълим фаъолияти илмӣ – методӣ барад;

– маҳорати касбии худро баланд бардорад;

– ба роҳбарият, омӯзгорон, донишҷӯён, кормандони донишгоҳ бо мақсади ҷамъоварии маълумот вобаста ба мушкилоти сифати таълим муроҷиат намояд.

## V. УҲДАДОРИҲОИ КОРМАНДОНИ ШУЪБА

12. Кормандони шуъба уҳдадоранд:

– мудири шуъба бояд дорои маълумоти олии касбӣ, дараҷаи илмӣ, тайёрии махсус ва малакаи корӣ оид ба мушкилоти сифати таълим бошад.

– иштирок дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои фаъолияти донишгоҳ, факултет ва кафедраҳо;

– вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз сардорони сохторҳои таркибии донишгоҳ талаб намудани маълумот;

– вобаста ба ҳамкориҳо бо дигар сохторҳои таркибӣ аз номи шуъба баромад намудан;

– амалӣ сохтани роҳбарии умумии шуъба;

– дар доираи салоҳияти худ додани дастурҳо вобаста ба омодасозии лоиҳаи фармоишҳо аз ҷониби садорати факулта ва кафедраҳо, ҳамзамон, вобаста ба мушкилоти таҷрибаомӯзӣ;

– омодасозӣ ва ташкили иҷрои чорабиниҳо оид ба нақшаи кории шуъба;

– омодасозии мавод барои баррасӣ дар раёсат, Шурои илмию – методӣ ва Шурои олимони донишгоҳ.

– омӯзиши вазъият, таҳлил ва коркарди натиҷаҳои раванди таълим дар мувофиқа бо сохторҳои таркибии донишгоҳ;

– иҷрои саривақтӣ ва босифати супоришҳои Раёсати донишгоҳ;

– пешниҳоду маълумоти дақиқ оид ба самтҳои фаъолияти шуъба;

– ташкили нақшаи кори нимсола ва солонаи шуъба дар Донишгоҳ;

– лоиҳаи дастурҳо вобаста ба фаъолияти шуъба;

– ҳуҷҷатҳои зарурӣ вобаста ба дархости сохторҳои таркибии донишгоҳ ва берун аз он дар доираи фаъолияти шуъба;

– гузаронидани мониторинг ва таҳлили низоми сифат дар муассисаҳо;

– назорати мутобиқати ҷараёни таҷрибаомӯзи ва мутахассисони ҷавон бо фармоишҳо ва тақсимоти пешакие, ки аз ҷониби кафедраҳо барои гузаронидани таҷрибаомӯзиҳо ва ҷойи кори мутахассисон пешниҳод мешаванд, ташкил ва гузаронидани санҷишҳо;

– омӯзиши таҷрибаи пешқадами ватанӣ ва хориҷӣ вобаста ба коркард ва татбиқӣ низоми идораи сифати таълим дар донишгоҳ.

– ҳисоботи нимсола ва солона вобаста ба фаъолияти шуъба;

– шуъба бояд дорои маълумоти олӣ, малакаи кор дар соҳаи худ ва маҳорати баланди техникӣ дошта бошад.

– сармутахассис барои амиқияти иттилоотӣ ва воқеияти натиҷаҳо, сифати кори иҷрошуда, самаранокии истифодаи захираҳои пешниҳодшуда масъул аст.

– дарёфт намудани базаҳои таълимӣ;

– мутахассиси шуъба бояд дорои маълумоти олӣ, малакаи кор дар соҳаи худ ва маҳорати баланди техникӣ дошта бошад.

## VI.ҶАВОБГАРИИ ШУЪБА

13. Барои ичрои саривақтӣ ва сифатноки фаъолияти шуъба мудири шуъба масъул мебошад.

14. Мудири шуъба ҷавобгарии инфиродӣ дорад барои:

– ташкили фаъолияти шуъба оид ба иҷрои вазифаҳое, ки ба уҳдаи он гузошта шудааст;

– фаъолияти саривақтӣ ва сифатноки шуъба оид ба тайёр намудани ҳуҷҷатҳо ва татбиқи онҳо, пешбурди коргузорӣ мувофиқи дастуруламалҳо ва қоидаҳои амалкунанда;

– риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҷараёни роҳбарӣ ба шуъба;

– мувофиқати ҳуҷҷатҳои таҳиянамудаи шуъба ба қонунгузории амалкунандаи ҶТ;

– тартиб додан, тасдиқ намудан ва пешниҳод намудани иттилооти эътимодбахшу дуруст оид ба фаъолияти шуъба;

– сари вақт ва бо сифати баланд иҷро намудани супоришҳои роҳбарияти ДМТ.

## VII. АҲАМИЯТИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ ВА ШАКЛҲОИ ОН

15. Таҷрибаомӯзии донишҷӯёни ДМТ қисми таркибии барномаи асосии таҳсилотии макотиби олӣ ба шумор меравад.

16. Ҳаҷм, муҳлат, мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомӯзиҳо аз рӯи стандартҳои дахлдори давлатии таҳсилотӣ ва ихтисосҳои таҳсилоти олии касбӣ ва барномаҳои намунавие, ки аз ҷониби шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони ДМТ омода карда мешаванд, муайян карда мешаванд.

17. Барномаи таҷрибаомӯзӣ метавонад супоридани имтиҳони тахассусиро бо мақсади ба донишҷӯ додани дараҷаи тахассусӣ аз рӯи ихтисоси таҳсилоти ибтидоии касбӣ пешбинӣ намояд.

18. Мувофиқи талаботи таҷрибаомӯзии донишҷӯён, ки стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ, Низомномаи ДМТ ва Низомномаи мазкур муайян кардаанд, факултетҳои ДМТ метавонанд мустақилона дар Шуроҳои олимони факултетҳо низомномаҳо дар бораи таҷрибаомӯзии донишҷӯён ва барномаҳои таҷрибаомӯзиро аз рӯи ихтисосҳо бо назардошти махсусияти тайёр намудани мутахассисон таҳия намоянд.

19. Тайёр намудани барномаҳо ва таъминоти методии таҷрибаомӯзиҳо ба уҳдаи кафедраҳо бо назардошти нақшаҳои кори таълимӣ мувофиқ бо равияҳои омода намудани мутахассисон ва барномаҳои намунавии фанҳои тахассусӣ вогузор карда мешавад. Дар барномаҳо мақсад, вазифаҳо ва хусусиятҳои таҷрибаомӯзӣ, номгӯи

мавзуъҳо ва супоришҳо ва талабот ба корхонаву муассисаҳое, ки донишҷӯёнро қабул мекунанд, инъикос меёбанд.

20. Талабот ба ташкили таҷрибаомӯзӣ ва ҳисоботдиҳӣ аз рӯи тавсияи методии «Ташкили таҷрибаомӯзӣ дар ДМТ», ки Шурои олимони ДМТ онро тасдиқ намудааст, амалӣ карда мешавад.

21. Шаклҳои асосии таҷрибаомӯзии донишҷӯёне, ки мувофиқи барномаи асосии таҳсилотӣ таҳсил мекунанд, таҷрибаомӯзии таълимӣ, омӯзгорӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ мебошанд.

22. Дар таркиби таҷрибаомӯзии таълимӣ таҷрибаомӯзии шиносоӣ дар муассисаҳои дорои дилхоҳ шакли ташкилию ҳуқуқӣ, таҷрибаомӯзӣ бо мақсади дарёфти малакаи ибтидоии касбӣ дар озмоишгоҳҳои ДМТ дохил мешавад. Номгӯи таҷрибаомӯзиҳои таълимиро кафедраҳои тахассусии ДМТ таҳия ва шурои олимони факултетҳо тасдиқ менамояд.

23. Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ шаклҳои зерини таҷрибаомӯзиҳоро дар бар мегирад: таҷрибаомӯзӣ мувофиқи равияи ихтисосӣ (технологӣ, иҷрокунандагӣ ва ғайраҳо), илмӣ-таҳқиқотӣ. Шакли таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар асоси талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва нақшаҳои таълимӣ муайян карда мешаванд. Барномаҳои таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро кафедраҳои тахассусии ДМТ тасдиқ менамоянд ва онҳо бояд ба инкишофи мунтазами таҳсили донишҷӯён ва баланд бардоштани меъёри талабот нисбат ба донишҷӯ мусоидат намоянд.

24. Таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ ҳамчун қисми таркибии барномаи асосии таҳсилотӣ давраи хотимавии таҳсил буда, баъди аз ҷониби донишҷӯ аз бар карда шудани дониши назариявӣ ва амалӣ гузаронида мешавад. Таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ бояд бо мавзуи кори (лоиҳаи) дипломӣ мутобиқат дошта бошад.

## VIII. ТАШКИЛИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

25. Талабот нисбат ба таҷрибаомӯзиро стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ муайян месозад. Ташкили таҷрибаомӯзиҳо дар ҳама давраҳо бояд ба такмили малакаҳои касбии донишҷӯён ва дараҷаи омодагии тахассусии донишҷӯён мусоидат намояд.

26. Роҳбарии умумӣ ва таълимию методии таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро кафедраҳои тахассусии ДМТ ба еҳда доранд. Мудирони кафедраҳои тахассусӣ барои ташкил ва сифати таҷрибаомӯзӣ масъулияти инфиродӣ доранд.

27. Ҳаҷм, муҳлат ва мундариҷаи таҷрибаомӯзи донишҷӯёнро барномаҳои таҷрибаомӯзӣ муайян мекунанд ва дар замимаи ин

барномаҳо шароити гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ва аттестатсияи донишҷӯён, талабот нисбат ба ҳисоботдиҳӣ муқаррар карда мешавад.

28. Ҳисоботи донишҷӯёнро оид ба ҷамъбасти таҷрибаомӯзӣ комиссия иборат аз се нафар – мудири кафедра, роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедраи тахассусӣ ва яке аз устодони кафедра қабул мекунанд. Натиҷаи санҷиш дар ведомости таҷрибаомӯзӣ қайд карда мешавад.

29. Баъди ба итмом расидани таҷрибаомӯзӣ кафедраи дахлдори ДМТ (роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра) ҳисобот тартиб дода, ба шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони ДМТ пешниҳод менамояд.

30. Дар ҳолати гузаронидани таҷрибаомӯзӣ дар мавсими тобистон аттестатсияи донишҷӯён аз рӯи он ба сессияи санҷишиву имтиҳонии зимистона интиқол дода мешавад (бо дархости декани факултет ба раёсати таълими ДМТ).

31. Шакл ва мазмуни ҳисобот (рӯзнома, ҳисобот ва ғ.) оид ба таҷрибаомӯзӣ бо тавсияҳои методии кафедраи тахассусӣ мувофиқ бо стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда шуда, он дар Шурои олимони факултет тасдиқ карда мешавад.

32. Шакли назоратии миёндаврай ва ҷамъбастии гузариши таҷрибаомӯзӣ бо назардошти стандарти давлатии таҳсилотии таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда мешавад.

33. Донишҷӯёне, ки бе сабабҳои узрнок ба тчрибаомӯзӣ нарафтаанд, ё худ аз таҷрибаомӯзӣ баҳои ғайриқаноатбахш гирифтаанд, бо қарори декани факултет дар вақти холӣ аз таҳсил дубора ба таҷрибаомӯзӣ фиристода мешаванд.

34. Донишҷӯёне, ки бе сабабҳои узрнок барномаи таҷрибаомӯзиро иҷро накардаанд ё аз таҷрибаомӯзӣ баҳои ғайриқаноатбахш гирифтаанд, ҳамчун қарздори академӣ бо тартиби муқаррарнамудаи ДМТ оид ба санҷишҳо ва корҳои курсӣ ва шартномаи таҳсил аз ДМТ хориҷ карда мешаванд.

35. Таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ метавонанд ба шакли пайдарҳам (яклухт дар як муддати муайян) ё худ дар вақтҳои холӣ аз дарсҳои назариявӣ бо шарти мувофиқ будани мазмуни таҷрибаомӯзӣ бо таълими назариявӣ гузаронида шаванд.

36. Таҷрибаомӯзии таълимӣ дар ташкилоту муассисаҳо ва ҳам дар сохторҳои таркиби ДМТ гузаронида мешаванд.

37. Таҷрибаомӯзии таълимӣ дар курсҳои поёнӣ дар базаи лабораторияҳои таълимӣ, студияҳо, устохонаҳои таълимӣ, майдонҳои таҷрибавӣ ва дигар сохторҳои таълимиву ёрирасони ДМТ, инчунин дар корхонаҳо, муассисаву ташкилотҳо ташкил ва гузаронида мешаванд. Таҷрибаомӯзӣ, чун қоида, бо гурӯҳи донишҷӯён гузаронида мешавад. Ин

таҷрибаомӯзиро дар шакли истисноӣ бо мавҷуд будани асосҳои дахлдор ба таври инфиродӣ низ гузаронидан мумкин аст. Шиносоии нахустини донишҷӯёнро бо корхонаву муассисаҳо дар шакли экскурсияҳои гурӯҳӣ (таҷрибаомӯзии шиносоӣ) гузаронидан раво мебошад.

38. Агар таҷрибаомӯзии таълимӣ идомаи омӯзиши фанҳои таълимӣ бошад, пас, он аз ҷониби устодони кафедраҳои марбутаи ДМТ гузаронида мешавад. Номгӯи таҷрибаомӯзиҳои таълимиеро, ки идомаи омӯзиши фанҳои таълимӣ мебошанд, Шурои олимони факултетҳо бо пешниҳоди кафедраҳои тахассусӣ муайян менамоянд.

39. Таҷрибаомӯзиҳои таълимиву истеҳсолӣ дар асоси шартномаи байни ДМТ ва корхонаву муассисаҳо амалӣ карда шуда, аз ҳисоби буҷетҳои дахлдор маблағгузорӣ карда мешавад.

Таҷрибаомӯзиҳои истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ, чун қоида, ба таври инфиродӣ дар муассисаҳои дорои шаклҳои гуногуни моликият ва сохторҳои таркибии онҳо, ки ба равияи омодагии касбии донишҷӯён ва вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ мувофиқат мекунанд, гузаронида мешаванд. Таҷрибаомӯзии истеҳсолии дорои характери илмӣ-таҳқиқотӣ дар лабораторияҳои илмӣ-таҳқиқотии ДМТ ва дигар муассисаҳои илмӣ метавонанд ташкил ва гузаронида шаванд.

## IX. РОҲБАРӢ БА ТАҶРИБАОМӮЗИИ ДОНИШҶӮЁН

41. Барои роҳбарии таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар сохторҳои таркибии ДМТ роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз сохторҳои таркибии ДМТ, ки донишҷӯ дар он таҷрибаомӯзӣ мекунад, таъин карда мешавад.

42. Роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз кафедраҳои ДМТ аз ҳисоби кормандони нисбатан таҷрибадор таъин карда мешаванд.

43. Кафедраҳо барои роҳбарии таҷрибаомӯзии донишҷӯён метавонанд бо нигоҳ доштани роҳбарии умумӣ мутахассисонро аз дигар кафедраҳои ДМТ ҳамчун ҳамкор ё дар шакли соатбаъй ҷалб намоянд.

44. Роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз мактабҳои олӣ корҳои зеринро анҷом медиҳанд:

а) бо роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз корхонаву муассисаҳо ҳамкорӣ намуда, якҷоя барномаи кории гузаронидани таҷрибаомӯзиро тартиб медиҳанд;

б) мавзуъҳои супоришҳои инфиродиро таҳия месозанд;

в) дар тақсимоти донишҷӯён бо ҷойҳои корӣ ё ҷобаҷогузории онҳо аз рӯи навъи корҳо иштирок мекунад;

г) ба донишҷӯён барои таҷрибаомӯзӣ роҳхат медиҳанд;

д) якҷоя бо роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз корхонаву муассисаҳо барои аз ҷониби донишҷӯён риоя шудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ масъулият ба зима мегиранд;

е) муҳлати таҷрибаомӯзӣ ва мазмуну муҳтавои онро ба назорат мегиранд;

ё) ба донишҷӯён дар иҷрои супоришҳои инфиродӣ ва ҷамъоварии мавод барои омода сохтани корҳои дипломӣ ёрии методӣ мерасонанд;

ж) ба натоиҷи иҷрои барномаи таҷрибаомӯзӣ баҳо мегузоранд.

## X. ТАЪМИНОТИ МОДДӢ

45. Дар давраи гузаштани таҷрибаомӯзӣ донишҷӯёне, ки стипендия мегиранд, новобаста аз он ки аз корхонаву муассисаи таҷрибаомӯзӣ маош мегиранд, ба гирифтани стипендия ҳақ доранд.

46. Музди меҳнати донишҷӯёни таҷрибаомӯз ҳангоми аз ҷониби онҳо иҷро шудани меҳнати истеҳсолӣ мувофиқи қонунгузории ҶТ дар соҳаи марбута ва тибқи шартномаҳои ДМТ ва корхонаву муассисаҳо оид ба таҷрибаомӯзӣ пардохт карда мешавад.

47. Ба донишҷӯёни шакли рӯзонаи таҳсил, ки берун аз пойтахти мамлакат таҷрибаомӯзӣ мекунанд, тибқи қонунгузории меҳнати ҶТ ва қарори Шурои олимони ДМТ бо маблағ таъмин карда мешаванд.

48. Маблағи равуои донишҷӯёни шакли рӯзонаи таҳсилро ба мавқеи таҷрибаомӯзӣ ДМТ пардохт мекунад.

49. Ба донишҷӯёне, ки ҳангоми таҷрибаомӯзӣ ба кор қабул шудаанд, қоидаҳои Кодекси меҳнати ҶТ паҳн шуда, баробари дигар кормандон ба суғуртакунии давлатии иҷтимоӣ ҷалб карда мешаванд.

50. Ба донишҷӯёне, ки дар давраи таҷрибаомӯзӣ ҳамчун кормандони штатӣ дар партия ва экспедитсияҳои геологӣ ба кор қабул шудаанд ва ғайр аз музди меҳнат иловапулиҳои майдонӣ мегиранд ё бо ғизои бепул таъмин карда мешаванд, маблағи шабонарӯзӣ пардохт карда намешавад.

51. Ба донишҷӯёне, ки дар сохторҳои таркибии ДМТ аз таҷрибаомӯзӣ мегузаранд, маблағи шабонарӯзӣ пардохт карда намешавад.

52. Таъмини роҳбарони таҷрибаомӯзӣ бо соатҳои таълимии таҷрибаомӯзӣ мувофиқи нақшаҳои таълимии амалкунандаи кафедраҳои тахассусӣ сурат мегирад.

53. Пардохти маблағи шабонарӯзии устодон, хароҷоти нақлиёт ва манзил, харҷи сафари хизматӣ (командировкаҳо) дар давраи таҷрибаомӯзии донишҷӯён аз ҷониби ДМТ сурат мегирад.

54. Музди меҳнати роҳбарони таҷрибаомӯзие, ки аз дигар мактабҳои олӣ ё муассисаву ташкилотҳо ба ДМТ даъват шудаанд, тибқи шартномаи

ДМТ бо ҳамон мактабҳои олӣ ва ташкилоту муассисаҳо пардохт карда мешавад.

# НИЗОМНОМАИ ШУЪБАИ ДУЮМ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи шуъбаи дуюм ҳамчун воҳиди сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия гардидааст.

2. Шуъбаи дуюм фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо раёсат, шуъба, дигар бахшҳои донишгоҳ, мувофиқа бо ректори донишгоҳ бо Комиссариатҳои ҳарбии ҶТ ва Прокуратураи ҳарбии ҶТ ба роҳ мемонад.

## II. ҲАЙАТ ВА СОХТОРИ ШУЪБА

3. Шуъба воҳиди сохтории донишгоҳ мебошад.

4. Ҷадвали воҳидҳои кории Шуъба бо пешниҳоди сардори раёсати таълим дар мувофиқа бо муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим аз ҷониби ректори донишгоҳ тасдиқ карда мешава;

5. Мудири Шуъба барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи Шуъба вогузоргардида масъул мебошад;

6. Мудири Шуъба дар асоси пешниҳоди муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, тибқи фармоиши ректори донишгоҳ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад;

7. Мудири Шуъба дар доираи салоҳияти худ тибқи қонун ва ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда доир ба вазифаҳои ба зиммаи Шуъба вогузоргардида тавсияҳо дода, вазифаҳои кормандонро муайян ва тартиби иҷрои онҳоро назорат менамояд;

8. Сармутахассисони Шуъба бо пешниҳоди мудир, сардори раёсати таълим ва дар мувофиқа бо муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим аз ҷониби ректори донишгоҳ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд;

9. Ҳангоми набудани мудири шуъба вазифа ва салоҳияти ӯ ба зиммаи яке аз сармутахассисон вогузор карда мешавад;

10. Мувофиқи ҷадвали корӣ дар сохтори шуъба 5 нафар корманд фаъолият менамояд:

– мудири шуъба;

– сармутахассис;

– сармутахассис;

– сармутахассис;

– сармутахассис.

11. Дар сурати вайрон кардани интизоми меҳнат, аз уҳдаи иҷрои супоришҳо набаромадан ва риоя накардани Қоидаҳои тартиботи дохилӣ масъалаи аз кор озод кардани кормандон ба миён гузошта мешавад.

## III. ВАЗИФАҲОИ ШУЪБА

12. Назорат аз рӯи ҳамаи ҳуҷҷатҳои ба шуъба воридшаванда;

13. Ба кормандону устодон ва донишҷӯёне, ки ба шуъба мурочиат менамоянд, ҳалимона муносибат кардан ва фавран иҷро намудани дархосту супоришҳо;

14. Мактубу дархостҳои ба шуъба воридшударо сари вақт дида баромада, ҷавоб омода намуда;

15. Таҳияи лоиҳаи фармоишҳо ва хулосаҳои ҳисоботӣ оид ба натиҷаи бакайдгирӣ ҳуҷҷатҳои донишҷӯён, магистрон, докторантон, омӯзгорон ва дигар кормандони донишгоҳ.

## IV. ҲУҚУҚҲОИ ШУЪБА

16. Мувофиқи вазифаҳои хизматӣ ва тартиби муқарраршуда бо раёсат, шуъба, факултет ва бахшҳои донишгоҳ мукотиба карда, барои иҷрои супоришҳои ректори донишгоҳ онҳоро сафарбар карда метавонад.

17. Шуъба аз раёсат, шуъба ва дигар бахшҳои донишгоҳ маълумоти заруриро талаб менамояд.

18. Риояи талаботҳои қонунгузории речаи шиноснома ва шиносномаҳои ҳарбиро дар донишгоҳ ба қайд мегирад;

19. Дар ҳолатҳои муайянкарда дар мувофиқа бо ректори донишгоҳ маводҳои заруриро ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (прокуратураи ҳарбӣ) Комиссариатҳои ҳарбии ҶТ пешниҳод мекунад;

20. Аз факултетҳо, кафедраҳо ва дигар воҳидҳои сохтории донишгоҳ маълумоти зарурӣ ва ҳисобот талаб намояд;

21. Дар маҷлисҳои раёсат ва шурои олимони донишгоҳ ва факултетҳо барои баррасии масъалаҳо оид ба бақайдгирӣ ҳуҷҷатҳои донишҷӯён, магистрон, докторантон, омӯзгорон ва дигар кормандони донишгоҳ пешниҳодҳо манзур намояд;

22. Оид ба ҳавасмандкунии кормандони фаъоли Шуъба, ки сари вақт корҳои ҷамъиятиро анҷом додаанд, ҳамчунин, дар бораи дидани чораҳои интизомӣ нисбат ба кормандон Шуъба, ки сари вақт уҳдадориҳояшонро иҷро накардаанд, ба ректори донишгоҳ пешниҳод манзур намояд.

## V. УҲДАДОРИҲОИ ШУЪБА

23. Иҷрои бечунучарои фармоишҳо ва супоришҳои ректори донишгоҳ.

24. Иҷрои саривақтии вазифаҳои бар дӯши онҳо вогузошташуда.

25. Риояи талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

26.Таъмини муносиби ҳалимона ба донишҷӯён, магистрон, докторантон, омӯзгорон ва дигар кормандони донишгоҳ, инчунин, дар иҷрои саривақтӣ ва мақсадноки уҳдадориҳои вазифавии худ.

## VII. САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

27. Лоиҳаи фармоишҳоро оид ба ҳайати донишҷӯён, ки садоратҳо пешниҳод мекунанд, таҳия менамояд

28. Фармоишҳои ҳайати шахсиеро, ки шуъбаи кадрҳо интишор мекунад, такмил медиҳад;

29. Аризаҳои ба кор дохилшавандагони кормандони донишгоҳро баъди санҷиши шиноснома ва қайди ҳарбӣ ба қайд мегирад;

30. Ба донишҷӯён ва магистрони даъватшавандагон формаи №26 тартиб медиҳад;

31. Рӯйхати донишҷӯён ва магистронеро, ки таҳсилро ба охир расонидаанд, ба комиссариатҳои ҳарбии ҶТ пешниҳод мекунад.

# НИЗОМНОМАИ
# ШУРОИ МАШВАРАТИИ ПАРКИ ТЕХНОЛОГӢ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Шурои машваратии Парки технологӣ (минбаъд – Низомнома) дар асосии талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба илм ва сиёсати давлатии илмию техникӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» таҳия гардидааст.

2. Фаъолияти Шурои машваратӣ бо мақсади татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, қарорҳои Шурои олимони донишгоҳ ва дастурҳои ректори донишгоҳ барои тадриҷан беҳтар кардани сифати пажуҳишоти илмӣ, такмили маҳорати касбии омӯзгорону кормандони илмӣ, ба ҳам наздик кардани илму истеҳсолот, инчунин, истифодаи технологияи инноватсионӣ дар соҳаҳои мухталифи фаъолияти омӯзгорону кормандони илмӣ ба роҳ монда мешавад.

3. Шурои машваратӣ мувофиқи нақшаи кориаш, ки ректори донишгоҳ барои як сол ва ё нимсола тасдиқ менамояд, фаъолият мекунад.

## II. ҲАЙАТ ВА СОХТОРИ ШУРОИ МАШВАРАТӢ

4. Шурои машваратӣ бо фармоиши ректори донишгоҳ дар ҳайати ректор (раис), директори Парки технологӣ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, сардори раёсати инноватсия, сардори раёсати илм, мудирони шуъбаҳои раёсати илм ва инноватсия, котиби Шурои машваратӣ, муовинони декан оид ба илми факултетҳои донишгоҳ ва омӯзгорони соҳибтаҷрибаю ихтироъкор таъсис дода мешавад.

5. Шурои машваратӣ дар доираи салоҳияти худ, тибқи фармоиши ректори донишгоҳ, комиссияҳо ва гурӯҳҳои корӣ таъсис медиҳад ва ба сохтор ва ҳайати комиссияҳои Шурои машваратӣ тағйироту иловаҳо ворид месозад.

6. Шурои машваратӣ вазифаҳои худро тавассути комиссияи доимоамалкунанда, ки дар назди он созмон дода мешавад, татбиқ мекунад. Вазифаи раисии комиссияи доимоамалкунанда ба уҳдаи яке аз аъзои Шурои машваратӣ вогузор мегардад.

7. Комиссияҳои Шурои машваратӣ масъалаҳои муайяни илмию техникиро омӯхта, барои муҳокима ба Шурои машваратӣ таклифу тавсия ва хулосаҳои худро пешниҳод менамоянд.

## III. ВАЗИФАҲОИ ШУРОИ МАШВАРАТӢ

8. Вазифаҳои асосии Шурои машваратӣ инҳо мебошанд:

– муайян кардани дурнамо ва самтҳои фаъолияти ҷории илмию техникии Парки технологӣ;

– ҳамоҳангсозии фаъолияти илмию техникии омӯзгорону кормандони илмии донишгоҳ;

– амалӣ намудани фаъолияти таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи технологияи муосир;

– татбиқи стандартҳои байналмилалӣ оид ба омӯзиш, илм ва технология;

– ширкат дар таҳияи тавсияҳо оид ба такмили таснифоти ҷумҳуриявии ихтисосҳо, равияи ихтисосҳо ва тахассусҳое, ки аз рӯйи онҳо мутахассисони дорои таҳсилоти олии донишгоҳӣ тайёр карда мешаванд;

– мусоидат намудан дар таъмини дастрасӣ ба навгониҳои муосир дар ҷараёни илм;

– таҳияи пешниҳоду таклифҳо ва тавсияҳо оид ба такмили сатҳи тайёрии назариявӣ ва амалии мутахассисони донишгоҳ;

– омодасозии мавод оид ба масъалаҳои мубрами илмию техникӣ барои баррасӣ дар Шурои олимон;

– таъмини таҳияҳои илмию техникии Парки технологӣ ҷиҳати татбиқи технологияи инноватсионӣ дар раванди таълим;

– истифодаи Қонуни ҶТ «Оид ба илм ва сиёсати давлатии илмию техникӣ № 597 аз 21.05.1998;

– технологияи компютерӣ ва интернет дар ҷараёни таълим, шиносоӣ бо нанотехнология ва дигар воситаҳои иттилотию иртиботӣ;

– шурои машваратии Парки технологӣ дар назди Шурои олимони донишгоҳ аз натиҷаи фаъолияти худ ҳисобот медиҳад.

## IV. САЛОҲИЯТҲОИ ШУРОИ МАШВАРАТӢ

9. Шурои машваратӣ дорои салоҳиятҳои зерин аст:

– қарорро барои гузаронидани ташхиси илмӣ, илмию техникӣ, барномаҳои инноватсионӣ ва лоиҳаҳо гузаронида, дар баррасии натиҷаҳои ташхис иштирок мекунад:

– сертификатсияи маҳсулот ва соҳаҳои хизматрасонии Парки технологиро таъмин менамояд;

– барои ҳифзи моликияти зеҳнии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва инноватисонии Парки технологӣ ва субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ қарор қабул мекунад;

– қарорҳоро барои ташкил ва гузаронидани конференсияҳо, семинарҳо, намоишгоҳҳо ва презентатсияҳои даствовардҳои илмию инноватсионии Парки технологӣ қабул менамояд;

– қарорро оид ба истеҳсоли маҳсулот зери тамғаи Парки технологӣ дар асоси қонунҳои амалкунанда қабул мекунад;

– қарорро оид ба шакли тарғиби маҳсулоти Парки технологӣ ва субъектҳои он қабул мекунад;

– барои ба фаъолияти ихтироъкорӣ ҷалб намудани омӯзгорону кормандони илмӣ, аспирантону донишҷӯён озмунҳо эълон мекунад;

– барои ба ҳам наздик кардани илм ва истеҳсолот, ҷорикунии дастовардҳои илмӣ – техникӣ дар ҷараёни истеҳсолот ва таълим чораҳо меандешад.

10. Аъзои Шурои машваратии Парки технологӣ ҳуқуқ дорад, ки дар маҷлисҳои Шурои машваратӣ, комиссия ва гурӯҳҳои кории он иштирок намуда, дар муҳокимаи рӯзномаи ҷаласаҳо, вобаста ба масъалаҳои илмию техникӣ ақидаи худро иброз намоянд.

11. Ҷаласаҳои шуроҳои машваратии Парки технологӣ, ҳатман, дар протокол сабт карда мешаванд.

12. Оид ба натиҷаи масъалаҳои ба миён омада Шурои машваратӣ қарорҳои дахлдор қабул мекунад;

13. Қарори Шурои машваратӣ бо аксарияти овозҳо қабул ва аз ҷониби котиби Шурои машваратӣ таҳия ва тавассути раиси он имзо карда мешавад.

14. Барои таҳия ва ҳифз намудани ҳуҷҷатҳои Шурои машваратӣ, ки ба муҳлати 5 сол нигоҳ дошта мешаванд, котиби он масъул аст.

15. Қарорҳо ва тавсияҳои Шурои машваратӣ (тибқи фармоишу дастурҳои ректор, супоришҳои муовини ректор оид ба илм ва инноватсия) бо зикри муҳлати иҷроиш ба садорат ва кафедраҳои факултетҳо, кафедраҳои умумидонишгоҳӣ ва сохторҳои таркибии донишгоҳ барои иҷро манзур карда мешаванд. Ҳама сохторҳои донишгоҳ доир ба фаъолияти илмию техникӣ барои амалӣ намудани қарорҳои Шурои машваратии Парки технологӣ муваззаф ҳастанд ва оид ба татбиқи онҳо ба Шурои машваратии Парки технологӣ ҳисобот (гузориш, маълумотнома) манзур менамоянд.

16. Ба Низомномаи мазкур тағйиру иловаҳо дар асоси Шурои машваратӣ бо қарори Шурои олимони донишгоҳ ворид карда мешавад.

## IV. УҲДАДОРИҲОИ АЪЗОЁНИ ШУРОИ МАШВАРАТӢ

17. Раиси Шурои машваратӣ кори шурором роҳбарӣ мекунад, инчунин:

– нақшаи кори Шурои машваратиро таҳия ва тасдиқ менамояд;

– рӯзномаи маҷлис ва тартиби баррасии масъалаҳоро дар ҷаласаҳои Шурои машваратӣ муайян мекунад;

– ваколатҳоро байни аъзоёни Шуро тақсим намуда, доир ба иҷрои масъалаҳо дар ҷаласаҳои Шурои машваратӣ дастуру супоришҳои мушаххас медиҳад;

– дар мавриди зарурӣ барои баррасӣ, муҳокима ва ҳалли масъалаҳои Шурои машваратӣ намояндагони созмону ташкилоти дигарро даъват мекунад;

– ҷаласаҳои Шурои машваратӣ мегузаронад;

– нақша ва ҳисоботи Шурои машваратиро баъд аз баррасӣ, муҳокима ва қабули қарори дахлдор тасдиқ мекунад.

17. Ҷонишини раиси Шурои машваратӣ:

– дар мавриди набудани раиси Шурои машваратӣ ҷаласаро мегузаронад ва кори онро роҳбарӣ мекунад.

18. Котиби Шурои машваратӣ:

– маводи дар ҷаласаҳои Шурои машваратӣ барои баррасӣ пешниҳодшавандаро ба қайд мегирад ва омода менамояд;

– омодагии ҷаласаҳои Шурои машваратиро таъмин мекунад;

– ба аъзоёни Шурои машваратӣ оид ба макон ва замони гузаронидани ҷаласаҳои Шурои машваратӣ қаблан хабарнома ирсол мекунад;

– суратмаҷлисҳои Шурои машваратиро тартиб дода, ба қайд мегирад ва нигоҳдории онҳоро бо маводи замимашуда таъмин менамояд;

– ирсоли электронии маводи ба кори Шурои машваратӣ зарурииро ба тамоми аъзоёни он таъмин менамояд;

19. Аъзоёни Шурои машваратӣ:

– дар ҷаласаҳои Шурои машваратӣ бе гузоштани ваколатҳои хеш ба шахси дигар иштирок мекунад;

– бо қарори Шурои машваратӣ ё супориши раиси Шурои машваратӣ дар омода сохтани масъалаҳои дар Шурои машваратӣ баррасишаванда иштирок мекунад.

## VI. ГУРУҲҲОИ КОРИИ ШУРОИ ЭКСПЕРТӢ

20. Барои гузаронидани ташхиси корҳо дар ҷаласаҳои Шурои машваратӣ оид ба таъсиси гурӯҳҳои корӣ қарор қабул карда мешавад.

21. Ба ҳайати гурӯҳҳои корӣ на кам аз 3 нафар аъзоҳои Шурои машваратӣ дохил мегарданд.

22. Гурӯҳи корӣ масоили мушаххасро баррасӣ намуда, оид ба он хулосаи экспертӣ ё лоиҳаи қарори Шурои машваратиро омода менамояд.

23. Ба ҳайати гурӯҳи корӣ метавонанд коршиносони мустақил аз қабили олимони пешбар ва мутахассисони барҷастаи соҳаҳои мухталифи илму техника, аз ҷумла мутахассисони соҳаи иқтисодиёт шомил гарданд, ки лоиҳаҳои гуногуни инноватсионии иқтисодиро баҳогузорӣ карда метавонанд.

24. Дар мавридҳои зарурӣ барои баҳогузории лоиҳа ба тариқи шартномавӣ коршиносони мустақил ба кор ҷалб карда мешаванд.

## VII. ТАРТИБИ ҚАБУЛИ ЛОИҲАҲОИ ИННОВАТСИОНӢ

25. Муаллифи лоиҳаҳои инноватсионӣ ба озмун бояд нақшаи лоиҳаи хешро дар шакли пурра (сметаи хароҷот, ашё ва лавозимоти зарурӣ, бизнес план ва ғ.) таҳия ва пешниҳод намояд. Муаллиф лоиҳаи инноватсиониеро, ки қаблан бо муассиса ё ташкилоти дигар баррасӣ намуда, оид ба иҷрои он шартнома намудааст, ҳуқуқи пешниҳод кардан надорад.

26. Шурои машваратии Парки технологӣ лоиҳаи инноватисонии ба озмун пешниҳодшударо қабул ва баррасӣ намуда, шартҳои пешакии озмунро бо муаллиф муҳокима менамояд.

## VIII. ТАРТИБИ БАРРАСИИ ЛОИҲАҲО

27. Баҳогузории пешакии лоиҳа дар асоси маълумоти пешниҳодшаванда оид ба самаранокӣ ва татбиқи амалии он дода мешавад; баҳогузории самараноки он ва дурнамои инкишофи он муайян карда мешавад.

28. Дар мавриди баҳснок будани лоиҳа он ба муқарризи холис фиристода шуда, танҳо баъди тақриз лоиҳа баҳогузорӣ карда мешавад.

## IX. МЕЪЁРҲОИ ПЕШНИҲОД, ИНТИХОБ ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ ЛОИҲА

29. Барои баррасии лоиҳаҳои маблағгузоришаванда муаллиф ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

– соҳаи татбиқи лоиҳа;
– муҳлати иҷрои лоиҳа;
– ташхиси пешакии лоиҳаи пешниҳодшаванда;
– арзнома;
– шарҳи мухтасари лоиҳа;
– презентатсияи лоиҳа.

30. Лоиҳаи беҳтарин бо шумораи зиёди овозҳои аъзоёни Шурои машваратӣ муайян карда мешавад.

31. Парки технологӣ лоиҳаи инноватсиониеро маблағгузорӣ мекунад, ки он дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир буда, дар сатҳи ниҳоии тиҷоратӣ қарор доранд.

32. Лоиҳаҳое, ки қаблан маблағгузорӣ шудаанд, маротибаи дуюм маблағгузорӣ карда намешаванд.

33. Қарори Шурои машваратӣ дар ҳалли масъалаи маблағгузории лоиҳа дар мавриде қабул карда мешавад, ки агар ба тарафдории он аз се ду ҳиссаи аъзои Шурои машваратӣ, ки дар ҷаласа ҳузур доранд, овоз диҳанд.

## VII. ТАШКИЛИ КОРИ ШУРОИ МАШВАРАТӢ

34. Ҷаласаҳои Шурои машваратӣ аз рӯи зарурат, вале на кам аз як маротиба дар шаш моҳ гузаронида мешаванд.

35. Ҷаласаҳои Шурои машваратӣ он гоҳ салоҳиятдор ҳисоб мешаванд, агар тамоми аъзоёни шуро ба таври зарурӣ оид ба макон ва замони баргузорӣ огоҳонида шуда бошанд ва аз нисф зиёди аъзоёни он дар кори ҷаласа ҳузур дошта бошанд.

36. Дар ҳолати иштирок карда натавонистани аъзои Шурои машваратӣ дар кори ҷаласа ҳуқуқ дорад, ки қаблан фикру мулоҳизаи хешро оид ба масъалаҳои баррасишаванда ба таври хаттӣ пешниҳод намояд. Дар ин ҳолат он дар ҷаласаи Шурои машваратӣ қироат шуда, ба суратмаҷлиси он замима карда мешавад.

37. Дар ҳолатҳои зарурӣ ба ҷаласаҳои Шурои машваратӣ метавонанд намояндагони корхонаҳои саноатӣ, мактабҳои олӣ ва пажуҳишгоҳҳои таҳқиқоти илмӣ, ташкилотҳои инноватсионӣ ва дигар мутахассисон барои баррасии масъалаҳои Шурои машваратӣ даъват карда шаванд.

38. Қарори ҷаласаи Шурои машваратӣ бо барзиёдии овозҳои аъзоёни дар ҷаласаи Шурои машваратӣ иштирокдошта қабул ва бо протоколҳо ба расмият даровардa шуда, аз ҷониби раис ва котиби ҷаласаи Шурои машваратӣ имзо мегардад. Ҳангоми баробар шудани овозҳои аъзоёни Шурои машваратӣ овози раисикунандаи ҷаласа ҳалкунанда мебошад.

39. Тамоми қарорҳои ҷаласаи Шурои машваратӣ тавсиявӣ буда, аз ҷониби раиси Шуро тасдиқ карда мешаванд.

40. Протоколҳо дар тамоми ҷаласаҳои Шурои машваратӣ тартиб дода шуда, дар худ талаботи зеринро дар бар мегиранд:

– таърих ва макони гузаронидани ҷаласа;

– рӯйхати аъзоёни дар Шурои машваратӣ иштироккунанда ва шахсони даъватшуда;

– рӯзномаи ҷаласаи Шурои машваратӣ, мундариҷаи масъалаҳо ва маводи баррасишаванда;

– қарори Шурои машваратӣ оид ба тамоми масъалаҳои баррасишуда.

41. Ректори донишгоҳ дар ҳолатҳои зерин метавонад қарори Шуроро бекор намояд:

– дар ҳолати қарори қабулшуда хилофи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармону қарорҳои мақомоти болоӣ бошад;

– агар қарори қабулшуда берун аз салоҳияти Шурои машваратӣ бошад;

– агар қарори қабулшуда аз ҷониби суд беэътибор дониста шавад.

# НИЗОМНОМАИ ФАКУЛТЕТ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи факултети Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2. Низомномаи факултети Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Факултет) вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолияти факултети донишгоҳ ва муносибатҳои мутақобилаи онро бо дигар воҳидҳои сохторӣ ва шаҳрвандон муайян менамояд.

3. Факултети Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷузъи таркибии сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор меравад.

4. Факултет бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо мақсади амалӣ намудани низоми фаъолияти субъектҳои раванди таълиму тарбия дар самти муайяни таҳсилот аз рӯйи равияҳои нав (ихтисос), тайёр кардани мутахассисон дар зинаҳои таҳсилот ва шаклҳои гуногуни таълимӣ: рӯзона, шабона, ғоибона – фосилавӣ дар сурати ҷавобгӯй будани заминаи неруйи кадрӣ, таълимӣ-методӣ, моддию техникӣ, илмӣ, эҷодӣ, фарҳангӣ таъсис дода мешавад.

5. Факултети муштарак дар асоси созишнома ва шартномаҳои ҳамкорӣ бо розигии мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф таъсис дода мешавад.

6. Факултет ба сифати шахси ҳуқуқӣ баромад карда наметавонад.

7. Таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии факултет бо қарори Шурои олимони донишгоҳ дар мувофиқа бо муассис ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

8. Декани факултет фаъолияти худро дар асоси Оинномаи муассисаи таълимӣ таҳсилоти олии касбӣ ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

9. Факултет дорои муҳри мудаввар мебошад, ки дар он номи факултет сабт гашта, онро дар раванди иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои худ барои тасдиқи ҳуҷҷатҳои мувофиқ ва имзои кормандони факултет истифода мебарад.

10. Раванди таълим дар факултет тибқи нақшаи таълим, ки дар асоси талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва аз ҷониби

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегарданд, ба роҳ монда шуда, дар асоси талаботи Оиннома, қарори Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешавад.

11. Фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва инноватсионии факултет дар шакли банақшагирии корҳои илмӣ аз ҷониби ҳайати омӯзгорони кафедра амалӣ гардонида мешавад.

12. Татбиқи корҳои илмӣ – татқиқотии факултет аз ҷониби ҳайати омӯзгорони кафедра дар марказҳои илмӣ, илми тадқиқотӣ, озмоишгоҳҳо, воҳидҳои сохтории он ва берун аз он ба роҳ монда мешавад.

13. Феҳристи ҳуҷҷатгузорӣ дар факултет мувофиқи феҳристи тасдиқшуда ба роҳ монда мешавад.

## II. СОХТОРИ ФАКУЛТЕТ

14. Сохтори факултет бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

15. Сохтори факултет аз садорат, Шурои олимони факултет, Шурои илмӣ – методии факултет, шуъба, кафедра, марказ, озмоишгоҳ, гурӯҳи академӣ, шуро ва созмонҳо иборат мебошад.

16. Ҷадвали воҳидҳои кории факултет аз ҷониби ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

## III. ВАЗИФАҲОИ ФАКУЛТЕТ

17. Факултет вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

– ташкил ва назорати раванди таълиму тарбия тибқи муқарраароти амалкунанда;

– татбиқи барномаҳои таҳсилотӣ ва нақшаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти баъд аз муассисаи олии таълимӣ вобаста ба самт ва ихтисосҳои амалкунанда;

– ташкили коромӯзии илмӣ аз рӯйи ихтисос дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, ки ба самти фаъолияти факултет мувофиқат мекунад;

– иштирок дар таъмини иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, инноватсионӣ ва таҷрибавӣ – эҷодӣ;

– мусоидат ба ташкили сохторҳои инноватсионӣ дар назди кафедра, факултет ва иштирок дар кори онҳо;

– ба нашр омода намудани адабиёти таълимӣ-методӣ, комплексҳои (маҷмуаи) таълимӣ-методии фанҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, корҳои илмӣ, монография, маводи конференсияҳо ва ғайра;

– ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ, маърифатӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ ба монандӣ: конференсия, семинар, мизҳои мудаввар, вохуриву мулоқот ва ғайра;

– татбиқи лоиҳаҳои байналмилалӣ, барномаҳо ва грантҳо дар самти корҳои илми тадқиқотӣ;

– ба роҳ мондани иҷрои корҳои дигаре, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбӣ ва Низомномаи мазкур муайян намудааст.

18. Роҳбарияти факултет корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ – тарбиявӣ ва илмӣ – эҷодиро ба нақша гирифта, назорати ташкил ва иҷрои онҳоро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур таъмин менамояд.

19. Дар Факултет татбиқи барномаҳо ва нақшаҳои таълими таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз муассисаи олии таълимӣ бо истифода аз шаклҳои гуногуни таҳсил (рӯзона, ғоибона – фосилавӣ) ва зинаҳои таҳсилот ба роҳ монда мешавад.

## IV. РОҲБАРИИ ФАКУЛТЕТ

20. Роҳбарии факултетро декан ба уҳда дорад, ки он аз ҳисоби мутахассисони дорои дараҷаи доктори илм, доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯи ихтисос ё номзади илм аз тарафи ректор дар мувофиқа бо муассис ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

21. Роҳбарии умумии факултетро Шурои олимон амалӣ менамояд, муҳлати ваколатҳои Шурои олимон наметавонад аз 5 сол зиёд бошад.

22. Ҳайати Шурои олимони факултет ва ворид намудани тағйирот ба ҳайати он бо пешниҳоди декан аз ҷониби ректор Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

23. Иҷрои қарори Шурои олимон барои кормандони тамоми воҳидҳои сохторӣ ва донишҷӯёни факултет ҳатмӣ мебошад.

24. Декани факултет ба муддати 5 сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

## V. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ШЕРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТ

25. Шурои олимони факултет мақоми идоракунӣ ба шумор рафта, намояндагии ҳайати факултетро ба уҳда дорад. Тартиби таъсисдиҳӣ, фаъолият, салоҳиятҳо ва интихоби ҳайати Шурои олимони факултет мутобиқи Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Низомномаи факултет муқаррар карда мешавад.

26. Ба ҳайати Шурои олимони факултет садорати факултет, мудири кафедра, омӯзгорон, созмонҳои ҷавонон, занон, шуроҳо ва иттифоқи касабаи кормандон дохил мешаванд.

27. Намояндагони воҳидҳои сохтории факултет ҳамон вақт аъзои Шурои олимон интихоб мешаванд, ки агар ба тарафдории номзадии онҳо на камтар аз 3/2 ҳисаи аъзои дар ҷаласа иштирокдошта, овоз диҳанд.

28. Фаъолияти Шурои олимони факултет тибқи нақшаи кори Шурои олимони факултет, ки барои як соли таҳсил тасдиқ гардидааст, ба роҳ монда мешавад.

29. Шурои олимони факултет ҳуқуқи қабул намудани қарорро ҳангоми иштирок доштани аз 3/2 ҳиссаи аъзои он дорад. Қарори Шурои олимони факултет дар ҳолате қабулгардида ҳисобида мешавад, ки агар ба тарафдории он аз 3/2  ҳисаи аъзои он дар ҷаласа иштирокдошта овоз диҳанд. Қарори Шурои олимон пас аз гузоштани имзои раиси Шуро ҳукми қонунӣ пайдо мекунад.

30. Қарори Шурои олимони факултет бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тибқи пешниҳоди ректор ё муовини аввал, муовини ректор оид ба корҳои таълим тағйиру илова ворид карда мешавад.

31. Масъалаҳои аз ҷониби факултет ба Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳодшаванда, дар ҷаласаи Шурои олимони факултет мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

32. Дар ҷаласаҳои Шурои олимони факултет омӯзгорон ва дигар кормандон бо даъвати котиби Шуро иштирок менамоянд.

33. Тартиби кори Шурои олимони факултет мувофиқи Низомномаи шурои олимони факултет, ки аз ҷониби Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ мегардад ва амалӣ карда мешавад.

34. Тартиби ташкил ва ҳуҷҷатгузории Шурои олимони факултет ба уҳдаи котиби Шуро, ки бо қарори Шурои олимони факултет аз ҳисоби аъзои он интихоб мегардад, гузошта мешавад.

## VI. САЛОҲИЯТҲОИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТ

35. Салоҳияти Шурои олимон.

– доир ба ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба нақшаи кори факултет таклифҳо пешниҳод менамояд;

– ҳисоботи фаъолияти семоҳа, шашмоҳа, нуҳмоҳа ва солонаи факултетро шунавад ва қарори дахлдор қабул намояд;

– масъалаҳои асосиро доир ба амалӣ намудани ташкили фаъолияти таълимӣ, илмию методӣ, таълимию тарбиявӣ, илмию таҳқиқотӣ,

истеҳсолӣ, таҷрибаомӯзӣ ва дигар масъалаҳои дар самти тайёр намудани мутахассисонро муайян менамояд. Аз ҷумла, номгӯйи ихтисосҳо, гурӯҳҳои таълимӣ ва шумораи онҳо, методҳои муосири таълим, шаклҳои назорати дониши донишҷӯёнро муайян мекунад;

– масъалаҳои такмили идора ва сохтори факултет, аз ҷумла, ташкил (барҳамдиҳӣ)-и кафедра, гурӯҳҳои академӣ, марказҳо, озмоишгоҳҳо, шуъбаҳо ва дигар ҷузъҳои таълимӣ, илмӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасониро баррасӣ менамояд;

– нақшаи миёнамуҳлат, дурнамо ва мавзӯйи пажуҳишҳои илмиро баррасӣ ва тасдиқ намояд;

– комиссияи тафтишотӣ, таълимӣ-методии дохили факултетро интихоб ва тасдиқ намояд;

– масъалаҳои тайёр намудан, такмили ихтисос ва ҳавасмандкунии омӯзгоронро баррасӣ ва ба раёсати Донишгоҳ пешниҳод намояд;

– масъалаҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба салоҳияти он мансуб намудааст, ҳал намояд.

## VII. УҲДАДОРӢ, ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФАИ ДЕКАНИ ФАКУЛТЕТ

36. Уҳдадорӣ, ҳуқуқ ва вазифаи декани факултет:

– фаъолияти Шурои олимони факултетро тибқи Низомномаи Шурои олимони факултет ба роҳ монда, роҳбарии онро ба зимма гирад;

– корҳои таълимию методӣ, тарбиявӣ, илмию таҳқиқотӣ, инчунин тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои илмию омӯзгориро дар факултет роҳбарӣ намояд;

– стратегияи рушди факултетро коркард намояд;

– бо муовинони ректор ва роҳбарони сохторҳои таркибии Донишгоҳ ҷиҳати банақшагирӣ, ташкил ва назорати раванди таълим, тарбия ва корҳои илмию методӣ, байналмилалӣ вобаста ба самти фаъолияти факултет ҳамкорӣ намояд;

– нақшаҳои таълим ва барномаҳои таҳсилотиро аз рӯйи ихтисосҳои амалкунандаи факултет, тақвими академӣ, нақшаҳои солона, кории таълим, тарбия, ва ҷадвали машғулиятҳоро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод кунад;

– сифати машғулиятҳои таълимии омӯзгорон, семинарҳо ва намудҳои дигари корҳои таълимию тарбиявӣ ва илмиро назорат ва иҷрои босифати онро таъмин созад;

– иштироки факултетро дар чорабиниҳои таълимию тарбиявӣ, илмӣ ва илмии байналмилалӣ таъмин месозад;

– фаъолияти кафедраҳои факултетро дар иҷрои таҳқиқотҳои бунёдӣ ва илмию амалӣ ва инноватсионӣ назорат намояд;

– ба кормандони факултет фармоишҳо ва дастуру супоришҳои роҳбариятро, ки ба фаъолияти факултет дахл доранд, мерасонад ва иҷрои саривақтии онҳоро таъмин созад;

– вобаста ба дархости роҳбарият оид ба масъалаҳои таълимию тарбиявӣ ва илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ ва дигар масъалаҳо саривақт иттилооти зарурӣ манзур намояд.

– мувофиқи тартиби муқарраргардида ҳуҷҷатнигории факултетро ба роҳ монда, риояи қоида ва техникаи зидди сӯхторро аз ҷониби ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯёни факултет талаб ва назорат намояд.

– ташкил ва баргузории корҳои илмию таҳқиқотӣ, озмунҳои илмии донишҷӯён ва олимони ҷавонро ба роҳ монад;

– дар доираи салоҳияти худ ба кормандони факултет дастуру супоришҳо диҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб кунад;

– дар машғулиятҳои таълимӣ, инчунин, дар раванди имтиҳонҳои ҷорӣ ва ҷамъбастии донишҷӯён иштирок кунад.

– аз муовинони декан, мудирони кафедраҳо ва дигар кормандони факултет оид ба корҳои анҷомдодаашон ҳисобот талаб намояд;

– ба роҳбарият тибқи муқаррарот вобаста ба таъин ва озод намудани кормандон, ҳавасмандгардонӣ ва барои гирифтани мукофот пешниҳод манзур созад;

– барои иҷрои ҳалли масъалаҳои вобаста ба самти фаъолияти факултет аз роҳбарият дастур пурсад;

– дар муҳокимаи масъалаҳои марбут ба фаъолияти факултет ва Донишгоҳ иштирок намояд;

– ба сафари хизматӣ оид ба масъалаҳои корҳои илмию методӣ, гурӯҳҳои корӣ, иштирок дар ҷаласаҳои машваратӣ, семинарҳо, симпозиумҳо сафарбар намудани омӯзгорони факултет дар мувофиқа бо ректор иҷозат диҳад.

## VIII. ҚАТЪ ГАДИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ФАКУЛТЕТ

37. Фаъолияти факултет бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо розигии муассис дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ ва ё аз нав ташкил карда мешавад.

38. Дар мавриди азнавташкилёбӣ ва ё қатъ гардидани фаъолияти факултет мувофиқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ректор Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳимояи

ҳуқуқу манфиатҳои ҳайати омӯзгорон ва кормандони аз вазифа озодшудаи факултет кафолат дода мешавад.

# НИЗОМНОМАИ
# ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи рушди факултети ҳуқуқшиносӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия шудааст.

Низомнома мақом, вазифаҳои асосӣ, сохтор, принсипҳои идоракунӣ, тартиби роҳбарӣ ва мазмуну шаклҳои фаъолият ва муносибати факултети ҳуқуқшиносиро бо дигар воҳидҳои сохтории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Донишгоҳ) муайян мекунад.

2. Факултети ҳуқуқшиносӣ (минбаъд Факултет) воҳиди сохтории Донишгоҳ ба шумор меравад.

3. Факултет аз ҳайати омӯзгорон, кормандони илмӣ – педагогӣ, илмӣ, таълимӣ – ёрирасон ва таълимӣ – истеҳсолии кафедраҳо, сохторҳо ва донишҷӯён, ки аз рӯи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии самт ва ихтисосҳои амалкунанда таҳсил менамоянд, иборат мебошад.

4. Фаъолият дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи маориф ва таҳсилоти олии касбӣ, Оиннома ва қарорҳои Шурои олимони Донишгоҳ, фармоишу супоришҳои ректор, супоришҳои муовинони ректор (дар доираи салоҳиятҳои вазифавии онҳо муқарраргардида), қарорҳои Шурои олимони факултет, таъйинот, дастуру супоришҳои декан, ҳамчунин тавсия ва пешниҳодҳои сохтору шуроҳои дар ҳайати он қарордошта, ба роҳ монда мешавад.

5. Факултет шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб намеравад.

6. Сохтори факултет бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – муассис) тасдиқ карда мешавад. Бо дарназардошти зарурат ба сохтори факултет бо ҳамин тартиб тағйироту илова ворид карда мешавад.

7. Воҳиди асосии сохтории факултетро кафедра ташкил медиҳад, ки он тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва иҷтимоӣ – тарбиявиро иҷро мекунад.

8. Дар сохтори Факултет 10 кафедраи тахассусӣ ва 1 кафедраи забонҳои хориҷӣ амал мекунанд, ки масъулияти асосии пешбурди фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявиро ба зимма доранд. Дар факултет кафедраҳои зерин фаъолият доранд:

– кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;

– кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ;

– кафедраи ҳуқуқи гражданӣ;

– кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;

– кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия;

– кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат;

– кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ;

– кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ

– кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ;

– кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ;

– кафедраи забонҳои хориҷӣ.

9. Дар сохтори факултет марказҳои илмӣ – таълимӣ, лабораторияҳои таълимӣ ва дигар воҳидҳои сохторӣ фаъолият мекунанд.

10. Роҳбарии фаъолияти факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳ ба Шурои олимони факултет, декан, муовинони ӯ ва мудирони кафедраҳо вогузор карда мешавад.

11. Мақсади асосии фаъолияти Факултет таъмини идоракунии самараноки корҳои таълимии кафедраҳо, иштироки фаъолонаи онҳо дар иҷро намудани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ – тарбиявӣ ва илмӣ – эҷодӣ, ташкил ва таъмини низоми иттилоотии идоракунӣ дар сатҳи факултет ва татбиқи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад.

## II. ВАЗИФАҲОИ ФАКУЛТЕТ

12. Факултет вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

– ташкили дурусти раванди таълим;

– татбиқи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба ихтисосҳо;

– татбиқи барномаҳои омодагии касбӣ ва таҳсилоти иловагӣ вобаста ба ихтисосҳо;

– татбиқи барномаҳои идомаи таҳсил ва таҳсилоти дуюми олии касбӣ бо назардошти мувофиқат намудани онҳо ба тахассуси фаъолияти таълимии факултет;

– иштирок дар таъмини фаъолияти шуроҳои диссертатсионии дифои рисолаҳои докторантура аз рӯи ихтисос, доктори Ph.D, рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ;

– иштирок дар ташкили коромӯзии илмӣ аз рӯи ихтисос дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, ки ба тахассуси фаъолияти факултет мувофиқат мекунад;

– иштирок дар таъмини иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таҷрибавӣ – эҷодӣ аз рӯи тахассуси фаъолияти факултет;

– мусоидат намудан ба ташкили сохторҳои инноватсионӣ дар назди кафедраҳо ва факултет ва иштирок дар кори онҳо;

– омода намудани нусхаҳои электронии адабиёти таълимӣ-методӣ, комплексҳои таълимӣ-методии фанҳо, китобҳои дарсӣ, корҳои илмӣ, монографияҳо, маводи конференсияҳо ва ғайра ба нашр;

– ташкил ва гузаронидани маҳфилҳо, семинарҳо, мизҳои гирд, конференсияҳо ва симпозиумҳо;

– ташкил ва гузаронидани корҳои тарбиявӣ, иҷтимоӣ ва чорабиниҳои берун аз раванди таълим;

– назорати раванди таълими донишҷӯёни шуъбаҳои рӯзона, фосилавӣ, магистратура ва доктор Ph.D;

– иҷрои корҳои дигаре, ки тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ ва Низомномаи мазкур пешбинӣ мегарданд.

13. Роҳбарияти факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳ корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ – тарбиявӣ ва илмӣ – эҷодиро ба нақша гирифта, назорати ташкил ва иҷро намудани онҳоро тибқи Конститутсия, қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома ва Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъмин менамояд.

14. Дар Факултет татбиқи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бо истифода аз шаклҳои гуногуни таҳсил (рӯзона, фосилавӣ, таҳсилоти дуюми олӣ) ва зинаҳои таҳсилот (бакалавриат, мутахассис ва магистратура, докторантура аз рӯи ихтисос (доктори фалсафа (Ph.D)), барномаҳои баъд аз муассисаи таҳсилоти олӣ (унвонҷӯйӣ, докторантура) ва барномаҳои дигари ба тахассуси фаъолияти факултет мувофиқ таъмин карда мешавад.

15. Раванди таълим дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳ тибқи нақшаҳои таълимии дар асоси талаботи ҳадди ақали мазмуну мундариҷаи Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида, ба роҳ монда мешавад. Ҳамчунин раванди таълим тибқи Оиннома, қарори Шурои олимон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Донишгоҳ ва факултет танзим карда мешавад.

16. Фаъолияти илмӣ Факултет дар шакли банақшагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар назди кафедраҳо ва иштирок дар татбиқи лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ҳамчунин барнома ва грантҳои дар шакли иҷро намудани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ – эҷодӣ, илмӣ – ташкилӣ, бунёдӣ, расонидани ёрии илмӣ – техникӣ ва илмӣ – машваратӣ пешниҳодгардида амалӣ гардонида мешавад. Татбиқи корҳои илмӣ-таҳқиқотии факултет дар назди кафедраҳо, марказҳои илмӣ, озмоишгоҳҳо ва дигар воҳидҳои сохтории он ба роҳ монда мешавад.

## VIII. РОҲБАРИИ ФАКУЛТЕТ

17. Мақоми олии роҳбарикунандаи Факултет Шурои олимон ба ҳисоб меравад.

18. Роҳбарии умумӣ ва ҷории Факултет ба уҳдаи декан гузошта мешавад.

19. Ба ҳайати роҳбарикунандаи Факултет муовинони декан ва мудирони кафедраҳо низ дохил мешаванд.

## IX. ФАЪОЛИЯТИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТ

20. Шурои олимони Факултет сохтори интихобӣ буда, аз ҳисоби намояндагони факултет ташкил карда мешавад. Тартиби таъсис, фаъолият, салоҳият ва интихоби ҳайати Шурои олимони факултет мутобиқи Оинномаи Донишгоҳ ва Низомномаи мазкур муқаррар карда мешавад.

21. Ба ҳайати Шурои олимони Факултет аз рӯи вазифа декан, муовинони декан ва мудирони кафедраҳо дохил мешаванд. Аъзои боқимондаи ҳайати Шурои олимони факултет бо пешниҳоди декани факултет тариқи овоздиҳии ошкоро дар маҷлиси умумии факултет интихоб карда мешаванд, ки теъдоди онҳо набояд аз теъдоди аъзои аз рӯи вазифа ба ҳайати Шурои олимон дохилгардида зиёд бошад.

22. Ба ҳайати Шурои олимони факултет мумкин аст, ҳамчунин раисони шурои илмию методӣ, шурои кор бо занон ва духтарон, шурои сарпарастон, раисони иттифоқи касабаи омӯзгорону кормандон, донишҷӯён, раиси созмони ҷавонони факултет ва дигар сохторҳои ҷамъиятӣ (сармуҳаррирони рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», маҷаллаҳои «Ҳаёти ҳуқуқӣ», «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» ва дигарон) ҳамчун аъзо интихоб карда шаванд.

23. Намояндагони воҳидҳои сохтории факултет вақте аъзои Шурои олимон интихобгардида ҳисоб мешаванд, ки агар ба номзадии онҳо беш аз 50%-и кормандони дар маҷлиси умумии факултет иштирокдошта, овоз диҳанд.

24. Ҳайати Шурои олимон ва ворид намудани тағйирот ба он бо фармоиши ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

25. Муҳлати фаъолият намудани Шурои олимони факултет 5 сол муқаррар карда мешавад. Кори Шурои олимони факултет тибқи нақшаи барои як соли таҳсил тасдиқгардида, ба роҳ монда мешавад.

26. Шурои олимон ҳангоми иштирок доштани аз 2/3 ҳиссаи шумораи аъзои он ҳуқуқи қабул намудани қарорро дорад. Қарори Шурои олимон дар ҳолате қабулгардида ҳисобида мешавад, ки агар ба тарафдории он беш аз 50%-и аъзои дар ҷаласа иштирокдошта овоз диҳанд. Қарори Шурои олимон пас аз гузоштани имзои декани факултет эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунад.

27. Иҷрои қарори Шурои олимони факултети Донишгоҳ барои кормандони тамоми воҳидҳои сохторӣ ва донишҷӯёни факултет ҳатмӣ мебошад.

28. Қарори Шурои олимони факултет танҳо бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ дар асоси пешниҳоди ректор ё муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим бекор карда мешавад.

29. Ташкили корҳои ҷорӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ дар Шурои олимони факултети Донишгоҳ ба уҳдаи котиби Шуро, ки бо қарори Шурои олимони факултет аз ҳисоби аъзои он интихоб мегардад, гузошта мешавад.

30. Масъалаҳои аз ҷониби факултет ба Шурои олимони Донишгоҳ пешниҳодшаванда, бояд пешакӣ дар ҷалласаи Шурои олимони факултет мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

31. Ҷаласаҳои Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳ ба тариқи кушода баргузор мегардад, кормандони факултет метавонанд дар онҳо бе ҳуқуқи овоздиҳӣ иштирок намоянд. Шахсони дигар дар ҷаласаҳои Шурои олимони факултет бо қарори алоҳидаи он ва даъвати котиби Шуро иштирок менамоянд.

## V. САЛОҲИЯТИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТ

32. Шурои олимони Факултет чунин салоҳият дорад:

– дар ҷаласаи аввал, теъдоди умумии аъзоро муайян намуда, ҳайат ва нақшаи кории солонаро тасдиқ мекунад;

– реҷаи кори ҷаласаҳои Шуроро муаян мекунад;

– ҳамоҳангии фаъолияти тамоми сохторҳои факултетро таъмин менамоянд;

– ҳисоботи солонаи декани факултетро шунида, баҳо медиҳад;

– номзадии кормандони факултетро барои интихоб ба ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ муҳокима ва пешниҳод менамояд;

– номзадии довталабонро барои дарёфти унвонҳои илмии профессор ва дотсентони кафедраҳо ё иштирок дар озмуни ишғоли вазифаҳои мудир, профессор, дотсент ва муаллими калони кафедра мавриди муҳокима қарор дода, ба Шурои олимони Донишгоҳ пешниҳод менамоянд;

– номзадии кормандони факултетро барои дарёфти унвонҳои академӣ, фахрӣ, мукофотҳои давлатӣ ва ҳавасмандгардонии молиявӣ пешниҳод менамояд;

– масъалаҳои таъсис ё барҳам додани ихтисосҳо ва ворид намудани тағйиротро дар шакли тайёр намудани мутахассисонро мавриди муҳокима қарор дода, ба Шурои олимони Донишгоҳ пешниҳод менамояд;

– нақшаҳои таълимии кории ихтисосҳо ва нақшаҳои таълимии фардии донишҷӯёнро тасдиқ менамояд;

– масъалаҳои қабули хатмкунандагонро ба зинаҳои таҳсилоти магистратура, докторантура аз рӯи ихтисос (доктори фалсафа (Ph.D) муҳокима намуда, мавзуи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, роҳбарони илмӣ ва барномаҳои имтиҳонии онҳоро тасдиқ менамояд;

– масъалаҳои ташкили раванди таълимро мунтазам мавриди баррасӣ қарор медиҳад;

– масъалаҳои ҷалби донишҷӯён ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотиро муҳокима мекунад;

– оид ба масъалаҳои ба сатҳи сифати таҳсилот ва тайёр кардани мутахассисони баландихтисос алоқаманди факултет қарорҳои дахлдор қабул мекунад;

– нақшаи мавзуъҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотиро баррасӣ намуда, масъалаҳои ҷудо намудани маблағро барои корҳои афзалиятнок баррасӣ намуда, ба Шурои олимони Донишгоҳ пешниҳод менамояд;

– масъалаҳои ташкили раванди корҳои тарбиявиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад;

– масъалаҳои таъминоти иҷтимоии донишҷӯён, кормандон ва беҳтар гардонидани шароити таҳсил ва меҳнатро дар сатҳи факултет муҳокима мекунад;

– дигар масъалаҳоеро, ки аз дастуру супоришҳои ректори Донишгоҳ ва қарорҳои Шурои олимони Донишгоҳ бармеоянд, баррасӣ менамояд.

Ҷаласаи Шурои олимони факултет моҳе як маротиба аз рӯи нақшаи корӣ баргузор мегардад. Бо дарназардошти зарурати истеҳсолӣ ҷаласаи ғайринавбатии Шурои олимони факултет доир карда мешавад.

## VI. МАҚОМ ВА ВАЗИФАИ ДЕКАНИ ФАКУЛТЕТ

33. Декан роҳбарии факултетро ба ба зима дошта, барои ташкили кори тамоми воҳидҳои сохтории факултет масъул мебошад.

34. Декани факултети ҳуқуқшиносӣ бо фармоиши ректори Донишгоҳ дар мувофиқа бо муассиси Донишгоҳ таъин ва озод карда мешавад.

35. Декани Факултет фаъолияти ҳайати омӯзгорони кафедраҳо ва дигар воҳидҳои сохтории онро дар самти иҷро намудани корҳои таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ – тарбиявӣ ва илмӣ – эҷодиро дар доираи салоҳияти вазифавии худ ташкил намуда, ҷиҳати иҷро намудани онҳо ба тамоми кормандон ва донишҷӯён дастуру супоришҳо медиҳад.

36. Ба вазифаи декани Факултет шахсе таъин карда мешавад, ки танҳо хатмкардаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳ бошад, дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ бошад, на камтар аз 5 сол собиқаи касбии омӯзгорӣ ва ё ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъин шуда бошад.

## VII. САЛОҲИЯТИ ДЕКАНИ ФАКУЛТЕТ

37. Декани Факултет фаъолияти худро тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», низомномаи мазкур, Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои соҳавӣ, фармоишу супоришҳои Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони вазорату идораҳои соҳавӣ, шартномаи меҳнатӣ, Низомномаи мазкур, қарорҳои Шурои олимон ва фармоишу супоришҳои Ректори Донишгоҳ, супоришҳои муовинони ректор ва қарорҳои Шурои олимони факултет ба роҳ мемонад.

38. Декани Факултет дар доираи салоҳияти худ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

– роҳбарии умумии факултет;

– банақшагирӣ, ташкил ва назорати иҷрои корҳои таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ – тарбиявӣ ва илмӣ – эҷодӣ дар факултет;

– ташкили корҳои бақайдгирии натиҷаи давомоти донишҷӯён дар машғулиятҳои дарсӣ, азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо аз ҷониби онҳо ва гузаронидани донишҷӯён аз аттестатсияҳои ҷорӣ ва хатм;

– дар муҳлати муқарраргардида пешниҳод намудани лоиҳаи фармоиши донишҷӯён дар хусуси хориҷ, барқарор, рухсатии академӣ, интиқол, аз курс ба курс гузаронидан, таъини стипендия ва хатм;

– роҳбарӣ ба кори сардорони гурӯҳҳои академӣ, гузаронидани корҳои тарбиявӣ бо донишҷӯёни факултет;

– ҷавоб гардондан ба мактуб, ариза ва дархости донишҷӯён оид ба масъалаҳои таълимӣ ва маишӣ;

– тасдиқ намудани реҷаи кории кормандони садорати факултет;

– мусоидат ҷиҳати такмил ва баланд бардоштани заминаҳои моддии факултет;

– ҳамоҳангсозии робита ва ҳамкорӣ бо хатмкунандагони факултет ва сохторҳое, ки онҳо фаъолият мекунанд;

– ба кафедра ва дигар воҳидҳои сохтории факултет дастрас намудани фармоиш, таъинот, мактуб, дастуру супоришҳо ва таъмини назорати иҷрои саривақтии онҳо;

– таъмини ҳифзи меҳнат, ҳолати санитарӣ ва оташнишонӣ дар факултет ва андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати аз байн бурдани ҳолатҳои ба садама дучор шудани донишҷӯён ва кормандон дар синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо, кабинетҳои корӣ ва бинои таълимӣ;

– иштирок дар қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои барқарор ва интиқоли донишҷӯён.

39. Декани Факултет ҳуқуқ дорад:

– дар доираи салоҳиятҳои вазифавии худ ба тамоми кормандони воҳидҳои сохторӣ, донишҷӯён, магистрҳо ва докторантони факултет дастуру супориш диҳад;

– дар кори тамоми воҳидҳои сохторӣ, ки ба муҳокимаи масъалаҳои ба фаъолияти факултет алоқаманд равона гардидаанд, иштирок намояд;

– барои таъини кормандон ба вазифаҳои муовинони декан ва роҳбарони дигар воҳидҳои сохтории факултет ва аз вазифа озод намудани онҳо ба ректори Донишгоҳ бо пешниҳод муроҷиат намояд;

– дар Шурои олимони факултет ҷиҳати такмил додан ва баланд бардоштани сифати корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ ва иҷтимоӣ тарбиявӣ бо пешниҳод баромад кунад;

– дар рафти баргузории тамоми шаклҳои машғулиятҳои дарсӣ, қабули имтиҳонҳои фосилавӣ, ниҳоӣ, гузаронидани донишҷӯён аз аттестатсияи хатм иштирок намояд;

– донишҷӯёнро ба сессияҳои имтиҳонӣ роҳ диҳад ва дар асоси сабабҳои узрнок муҳлати бартараф намудани қарзҳои академӣ ва фарқиятҳоро аз рӯи накшаҳои таълимӣ муқаррар намояд;

– донишҷӯёнро ба аттестатсияи хатм роҳ диҳад;

– сардорони гурӯҳҳои академиро таъин ва озод намояд;

– риояи қоидаҳои дар хобгоҳ истиқомат намудани донишҷӯёнро назорат кунад;

– номзадии донишҷӯёнро барои дастовардҳои назарраси таълимӣ ва иштироки фаъолона дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва иҷтимоӣ – тарбиявӣ ба мукофотҳои пуливу молӣ, озод намудан аз пардохти маблағи таҳсил пешниҳод намояд;

– барои вайрон намудани Қоидаҳои тариботи дохилии Донишгоҳ нисбат ба донишҷӯён муҷозоти интизомӣ татбиқ намояд;

– вобаста ба масъалаҳои ба фаъолияти факултет алоқаманд, аз мудирони кафедраҳо гузориш ва ҳисоботи хаттӣ талаб кунад;

– декани факултет вобаста ба салоҳияти вазифаи ишғолнамудааш ҳуқукҳои дигари тибқи қонунгузории амалкунанда, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қарори Шурои олимон ва фармоишҳои ректори Донишгоҳ муқарраршударо низ дорад.

## VIII. МУНОСИБАТИ ДЕКАНИ ФАКУЛТЕТ БО ШАХСОНИ МАНСАБДОР ВА ДОНИШҶӮЁН

40. Декани Факултет ба ректор ва муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим тобеъ буда, дастуру супоришҳои ректор ва раёсати Донишгоҳро иҷро менамояд.

41. Декани Факултет супоришҳои роҳбарони дигар воҳидҳои сохтории Донишгоҳро дар асоси пешниҳоди ҳуҷҷат бо имзои ректор ё муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим иҷро мекунад.

## IX. НАЗОРАТ, ҲИСОБОТДИҲӢ ВА МАСЪУЛИЯТИ ДЕКАНИ ФАКУЛТЕТ

42. Декани Факултет дар назди Шурои олимони факултет, Шурои олимон ва ректори Донишгоҳ масъул мебошад.

43. Декани факултет оид ба натиҷаи корҳо дар давоми як соли таҳсил ва ҷамъбасти давраҳои асосӣ ва иловагии сессияҳои имтиҳонӣ дар Шурои олимони факултет ҳисобот медиҳад, ҳамчунин ҳисоботи декани факултет на дертар аз як моҳ то ба анҷом расидани муҳлати иҷрои вазифааш бо

қарори ректор, дар ҷаласаи Раёсат ё Шурои олимони Донишгоҳ шунида мешавад.

44. Декани факултет барои паст будани натиҷаи корҳои таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ – тарбиявӣ ва илмӣ – эҷодӣ дар ҳаҷми пурра татбиқ нагардиани барномаҳои асосии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи ихтисосҳо, сифати омода намудани мутахассисон, истифодаи заминаи моддӣ-техникӣ берун аз таъиноти муқарраргардида ва иҷро накардани уҳдадориҳои вазифавии тибқи Оинномаи Донишгоҳ, низомномаи мазкур ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда муайянгардида, ҷавобгар мебошад.

45. Декани Факултет пеш аз муҳлат аз вазифа бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ, ҳамчунин талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда мешавад.

46. Ҳангоми дар фаъолияти корӣ қарор надоштани декани факултет вазифаҳои ӯро яке аз муовинони ӯ, ки бо фармоиши ректори Донишгоҳ таъин гардидааст, иҷро мекунад.

47. Дар давраи ба сифати иҷрокунандаи вазифаи декан фаъолият намудан, шахси мазкур ҳуқуқҳои пурраи роҳбарии факултетро пайдо карда, барои сифатан хуб иҷро намудани вазифаҳои дар назди ӯ гузошташуда пурра ҷавобгар мебошад.

## X. МУОВИНОНИ ДЕКАНИ ФАКУЛТЕТ

48. Декани Факултет дорои муовинон мебошад, ки шумора ва уҳдадориҳои вазифавии онҳоро Оинномаи Донишгоҳ муайян карда мешаванд.

49. Уҳдадориҳои вазифавии муовинони декан вобаста ба самти фаъолияти факултет, ки назорати иҷро намудани онро таъмин мекунанд, муқаррар карда мешавад.

## XI. МАҚОМ, МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ САДОРАТ ВА ВОҲИДҲОИ ДИГАРИ СОХТОРИИ ФАКУЛТЕТ

50. Садорат воҳиди асосии сохтории факултет ба шумор меравад.

51. Садорати факултет фаъолияти худро дар асоси нақшаи корӣ, таъинот, дастур ва супоришҳои декан, қарорҳои Шурои олимони факултет, ҳуҷҷатҳои ташкилӣ – супоришии раёсати Донишгоҳ ба роҳ мемонад.

52. Вазифаҳои асосии кормандони садорати факултетро иҷро намудани корҳои зерин ташкил медиҳанд:

– банақшагирӣ, ташкил ва таъмини раванди таълим дар факултет;

– таъмини донишҷӯён бо иттилоот оид ба масъалаҳои таҳсилот;

– ташкил, назорат, пешбурд, ба роҳ мондан ва дар давоми таҳсил ба хазинаи Донишгоҳ супоридани парвандаҳои шахсии донишҷӯён;

– ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо Комиссияи қабул ҷиҳати қабули донишҷӯён ба Донишгоҳ ва хатм намудани он;

– назорат ва ҳамоҳангсозии фаъолияти кафедраҳо дар самти ташкил ва гузаронидани корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ – тарбиявӣ ва илмӣ – эҷодӣ;

– омода ва пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо, лоиҳаҳои фармоишҳои ректор, таъинот ва дастуру супоришҳои декани факултет;

– ба роҳ мондани ҳисоботи оморӣ дар сатҳи факултет;

– ташаккул додан низоми ҳамоҳангсозӣ, ба роҳ мондан ва назорат оид ба мубодилаи ҳуҷҷатгузорӣ дар факултет;

## XII. ҲАЙАТИ САДОРАТИ ФАКУЛТЕТ

53. Ҳайати садорати Факултет аз декан, муовинони декан ва кормандони техникӣ иборат аст.

54. Барои таъмини фаъолияти факултет аз рӯи самтҳои муайян дар асосҳои ҷамъиятӣ вазифаҳои алоҳида, ба монанди раиси шурои сарпарастон, раиси шурои занону духтарон, роҳбари Ҷамъияти илмии донишҷӯёни факултет ва ғайра ташкил карда мешаванд.

55. Ҳайат ва теъдоди воҳидҳои кории сохтори садорати факултетро ректори Донишгоҳ дар асоси пешниҳоди декан тасдиқ мекунад.

## XIII. ВАЗИФА ВА УҲДАДОРИҲОИ КОРМАНДОНИ САДОРАТ

56. Ба уҳдаи кормандони садорати факултети ҳуқуқшиносӣ иҷро намудани корҳои зерин гузошта мешавад:

– ташкили корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ – тарбиявӣ ва илмӣ – эҷодӣ дар факултет;

– банақшагирии шакли ҳисоботдиҳии иҷрои корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ – тарбиявӣ ва илмӣ – эҷодӣ дар факултет;

– татбиқи барномаҳои асосии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи ихтисосҳои амалкунанда;

– бақайдгирии теъдод (контингент) ва давомоти донишҷӯён;

– баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва ғоявию фарҳанги кормандон;

– таъмини назорати ҳолати биноҳои таълимӣ, истеҳсолӣ, хизматӣ ва амволи давлатии дар тавозуни садорати факултет гузошташуда;

– ташкил ва гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳи бо хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва нигоҳ доштан алоқа бо хатмкунандагони факултет;

– ҳамоҳангсозии иҷрои нақшаи кории факултет бо кафедраҳо ва дигар воҳидҳои сохтории факултет;

– таъмини ҳуҷҷатгузорӣ дар сатҳи факултет.

57. Кормандони садорати факултет ҳуқуқ доранд:

– ҷиҳати такмил додани раванди ташкил ва гузаронидани корҳои таълимӣ ва тарбиявӣ ба Шурои олимони факултет бо пешниҳод муроҷиат намоянд;

– факултетро дар созмонҳои ҷамъиятии донишҷӯён ва дигар ташкилоту созмонҳо намояндагӣ кунанд;

58. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои вазифавии ҳар як кормандони садорати факултет ё сари вақт иҷро нагардидани вазифаҳои дар назди онҳо гузошташуда тибқи дастурамали вазифавӣ ва шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ муқаррар карда мешавад.

## XIV. МУНОСИБАТИ КОРМАНДОНИ САДОРАТ БО ШАХСОНИ МАНСАБДОР ВА ДОНИШҶӮЁН

59. Кормандони садорати Факултет қарорҳои Шурои олимон ва фармоишҳои ректори Донишгоҳ, ҳамчунин қарорҳои Шурои олимони факултетро, ки ба фаъолияти онҳо марбут мебошанд, риоя ва иҷро мекунанд.

60. Садорати Факултет бо воҳидҳои сохтории Донишгоҳ фаъолиятро ба роҳ мемонад.

## НИЗОМНОМАИ
## МУШОВИРОНИ АКАДЕМӢ (ЭДВАЙЗЕРҲО)

## I. МУҚАРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи мушовирони академӣ эдвайзерҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2. Низомномаи мазкур бо мақсади тартиб додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзимкунандаи ҳолатҳои ташкили бахши мушовирони академӣ (эдвайзерҳо) ва фаъолияти онҳо дар факултетҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Донишгоҳ) таҳия карда шудааст.

3. Низомномаи мазкур қоидаҳои асосии ташкили фаъолияти корӣ, ҳуқуқ ва вазифаҳои мушовирони академӣ (эдвайзерҳои) донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муайян мекунад.

## II. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

4. Мафҳумҳои асосие, ки дар Низомномаи мазкур истифода мешаванд:

**Мушовири академӣ (эдвайзер)** – омӯзгор ё корманди роҳбаладест, ки дар давраи таҳсил намудани донишҷӯён аз рӯи курс ва ихтисоси алоҳида ҳамчун маслиҳатчӣ дар раванди мустақилона муайян намудани самти таҳсилоти фардии онҳо ва азхудкунии барномаи таълимӣ аз ҷониби онҳо кӯмак мерасонад;

**Тютор** – омӯзгорест, ки ба донишҷӯён аз фанни муайян дарс медиҳад, машғулиятҳои семинарӣ, амалӣ ва машваратҳо мегузаронад, инчунин ба корҳои курсӣ, таҷрибаомӯзии онҳо, кори хатмкунии бакалавр (кори дипломии мутахассис) ва рисолаи илмии магистр роҳбарӣ мекунад;

**Технологияи кредитии таълим** – яке аз тарзҳои ташкил ва гузаронидани корҳои таълимӣ маҳсуб ёфта, дар асоси таъмини озодии академии донишҷӯён дар шакли муайян намудани самти таҳсилоти фардии онҳо (ҳангоми интихоб ва мустақилона банақшагирии раванди азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо, муқаррар намудани муҳлати таҳсил дар донишгоҳ, интихоби омӯзгори фанни таълимӣ), ки бо

истифода аз кредитҳо (воҳидҳои санҷишӣ) ҳамчун воҳидҳои ифодакунандаи сарфи меҳнат ва вақти донишҷӯён, иҷро намудани сарбории таълимии омӯзгорон ба роҳ монда мешавад, татбиқ мегардад.

Татбиқи технологияи кредитии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нисбат ба худ ҷалб намудани мушовирони академӣ (эдвайзерҳо) ва тюторҳо (омӯзгорони фанҳои таълимӣ)-ро дар раванди ташкил ва гузаронидани корҳои таълимӣ тақозо менамояд.

**Маркази бақайдгирӣ ва машварат** – хадамотест, ки ба масъалаҳои бақайдгирии натиҷаҳои фаъолияти таълимии донишҷӯён дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон машғул буда, фаъолияти худро оид ба ташкил ва гузаронидани ҳама гуна корҳои бақайдгирӣ ва назоратӣ аз рӯи дараҷаи азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо аз ҷониби донишҷӯён ва муайян намудани рейтинги академии онҳо ба роҳ мемонад.

**Нақшаи таълимии фардӣ** – ҳуҷҷатест, ки номгӯи фанҳои таълимӣ (ҳатмӣ, интихобӣ (элективӣ)) ва таҷрибаомӯзиро бо миқдори кредитҳо (воҳидҳои санҷишӣ)-и тибқи нақшаи таълимии намунавии самт (ихтисос)-и амалкунандаи Донишгоҳ барои азхудкунии барномаи таълимии онҳо муқаррар карда шудааст, дар бар мегирад ва самт (траектория)-и таҳсилоти фардии донишҷӯро барои давраи академӣ (семстр) муайян мекунад. Нақшаи таълимии фардӣ бевосита аз аз ҷониби донишҷӯ бо машварати мушовири академӣ (эдвайзер) барои ҳар як соли таҳсил тартиб дода мешавад.

**Нақшаи таълимии корӣ** – ҳуҷҷатест, ки дар асоси нақшаи таълимии намунавии самт (ихтисос)-и амалкунандаи Донишгоҳ ва нақшаҳои таълимии фардии донишҷӯён бо мақсади муайян намудани номгӯи пурраи фанҳои таълимӣ (ҳатмӣ ва интихобӣ) дар шакли нишон додани ҳаҷми кредитҳо (воҳидҳои санҷишӣ)-и барои омӯзиши онҳо муқарарркардашуда барои ҳар як соли таҳсил таҳия карда мешавад.

**Тақвими академӣ** (Academic Calendar) – ҳуҷҷатест, ки дар он давраҳои ташкил ва гузаронидани ҳафтаҳои ташкилӣ (муаррифӣ фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ, бақайдгирии донишҷӯён), ҳафтаҳои таълими – назариявӣ, қабули имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва 2) барои нимсолаҳои тирамоҳӣ ва баҳорӣ, сессияҳои имтиҳонӣ (зимистона ва тобистона), таҷрибомӯзиҳо ва таътил (зимистона ва тобистона) дар соли таҳсил бо нишон додани рӯзҳои истироҳат ва идҳо дарҷ меёбанд.

**Феҳрист (каталог)-и фанҳои интихобӣ (элективӣ)** – номгӯи фанҳои таълимие мебошад, ки барои самт (ихтисос)-и амалкунандаи Донишгоҳ дар асоси алтернативӣ вобаста ба хоҳиши донишҷӯ ва дархости кордиҳанда мавриди интихоби ӯ пешниҳод карда мешаванд. Феҳрист (каталог)-и фанҳои интихобӣ (элективӣ) бо мақсади риоя намудани

пайдарпайи азхудкунии барномаи таълимии фанҳо ҳангоми интихоб гардидани онҳо аз ҷониби донишҷӯён, ҳамчунин пешниҳод намудани якчанд самт (траектория)-ҳои таҳсилот ба донишҷӯён (фароҳам овардани имконияти бо назардошти тағйироти бемайлони дар бозори меҳнат ҷойдошта ва талаботи кордиҳанда ба даст овардани малака ва салоҳиятҳои иловагии касбӣ дар соҳаи интихобкардаи онҳо) аз тарафи Донишгоҳ (кафедраҳои тахассусӣ) дар мувофиқа бо кордиҳанда тартиб дода мешавад. Феҳрист (каталог)-и фанҳои интихобӣ (элективӣ) аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳар сол чун замима ба нақшаҳои таълимии намунавӣ таҳия карда шуда, бо қарори Шурои олимони муассисаи таълимӣ тасдиқ карда мешавад.

**Пререквизит** – алоқамандаии фанни таълимии омӯхташаванда бо фанҳои аз ҷониби донишҷӯ то ин давра азхудкардашуда (бо фанҳое, ки қабл аз омӯзиши фанни мазкур ҳатман омӯхта шудаанд).

**Постреквизит –** алоқамандии фанни таълимӣ бо фанҳое, ки донишҷӯ онҳоро дар баробари азхудкунии барномаи таълимии фанни мазкур ва ё пас аз азхуд намудани он дар давоми таҳсил меомӯзад (бо фанҳое, ки омӯхтани онҳо дар баробари омӯзиш ва ё баъд аз ба охир расидани омӯзиши фанни мазкур зарур мебошад).

## III. МУҚАРРАРОТИ АСОСӢ

5. Зарурияти таъсис додани хадамоти мушовирони академӣ (эдвайзерҳо) дар мустаҳкам гардонидани робитаи донишҷӯён ва омӯзгорон, фароҳам овардани шароит барои комилан азхудкунии барномаи таълимии фанҳо ва самаранок муайян кардани самт (траектория)-и таҳсилоти фардии онҳо дар доираи ба даст овардани салоҳиятҳои касбӣ аз рӯи самт (ихтисос)-и амалкунандаи Донишгоҳи фода мегардад.

6. Робитаи мушовири академӣ (эдвайзер) бо донишҷӯ дар асоси принсипи додани маслиҳатҳо зимни муайян намудани маҳрук (траектория)-и таҳсилоти фардии донишҷӯ ба роҳ монда мешавад. Мушовири академӣ (эдвайзер) донишҷӯро ба махсусияти фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мазмуну мундариҷаи нақшаи кории таълимӣ, талаботи ташаккул додани салоҳиятҳои касбӣ (мувофиқи модели таълимии дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи самт (ихтисос) – ҳо оид ба тайёр кардани мутахассисони қабулгардида) шинос намуда, бо назардошти қобилият, майл, ҳавасмандӣ ва мақсади донишҷӯ дар муайян намудани самт (траектория)-и таҳсилоти фардии ӯ тавсияҳо медиҳад.

## IV. ТАРТИБИ ТАЪЙИН КАРДАНИ МУШОВИРОНИ АКАДЕМӢ (ЭДВАЙЗЕР)

7. Хадамоти мушовирони академӣ (эдвайзерҳо) дар назди факултетҳо таъсис дода шуда, бевосита ба декани факултет тобеъ мебошад. Теъдоди мушовирони академӣ (эдвайзерҳо) дар ҷадвали воҳидҳои корӣ вобаста ба миқдори донишҷӯён муайян карда мешавад. Ба ҳар як мушовири академӣ (эдвайзер) то 200 донишҷӯ вобаста карда мешавад. Донишгоҳ вобаста ба имконоти молиявӣ ва шароитҳои мавҷудаи худ метавонад ин нишондиҳандаро бо қарори Шурои олимон тағйир диҳад.

8. Мушовири академӣ (эдвайзер) бо пешниҳоди садорати факултет дар мувофиқа бо муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ва бо фармоиши ректори Донишгоҳ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

9. Вазифаи мушовири академӣ (эдвайзер)-ро корманде ишғол карда метавонад, ки дар Донишгоҳ зиёда аз 5 (панҷ сол) дорои таҷрибаи кории ғанӣ бошад, таркиби нақшаи таълимӣ ва раванди ташкил ва гузаронидани корҳои таълимиро аз рӯи самт (ихтисос) – ҳо хеле хуб дарк намояд ва ба донишҷӯён ҷиҳати муайян намудани самт (траектория)-и таҳсилоти фардии онҳо, ташаккули нақшаи таълимии фардӣ, интихоби фанҳо ва омӯзгорон маслиҳатҳои муфид дода тавонад.

10. Як мушовири академӣ (эдвайзер) фаъолияти худро дар доираи на зиёда аз як ё ду ихтисоси як равия ташкил намуда, донишҷӯёнро аз курси аввал то курси ниҳоӣ роҳбаладӣ менамояд.

11. Фаъолияти кории мушовири академӣ (эдвайзер) ҳангоми тақсимоти сарбории таълимии омӯзгорони кафедра ба ҳисоб гирифта мешавад.

## V. ВАЗИФАҲОИ ФУНКСИОНАЛИИ МУШОВИРИ АКАДЕМӢ (ЭДВАЙЗЕР)

12. Манфиати донишҷӯро дар Донишгоҳ мутобиқи қонунгузории дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ҳимоя мекунад;

13. Маводи иттилоотии заруриро оид ба раванди таълим барои донишҷӯён омода намуда, онҳоро дар тахтаи эълонҳо ва сомонаи Донишгоҳ ҷойгир менамояд;

14. Бо мақсади ба таври самранок тартиб додани нақшаҳои таълимии фардӣ бо донишҷӯён мусоҳибаҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ мегузаронад;

15. Дар давоми соли таҳсил вазифадор аст, ки мунтазам гузаронидани мусоҳибаҳои академиро бо донишҷӯён дар нақшаи кории худ пешбинӣ намуда, онро амалӣ гардонад;

16. Қабули нақшаҳои таълимии фардии донишҷӯёнро дар муҳлати муқарраршуда ташкил намуда, дар тартиб додани нақшаҳои таълимии корӣ аз рӯи самт (ихтисос)-и амалкунандаи Донишгоҳ ширкат меварзад;

17. Мувофиқи вазифаи ишғолкардааш бояд ҳатман аъзои Шурои олимони факултет бошад;

18. Барои дар муҳлати муқарраршуда ворид намудани тағйирот ба нақшаи таълимии фардии донишҷӯён мусоидат менамояд;

19. Ҳатман дар ҷаласаҳои садорати факултет, ки дар рафти баргузории онҳо масъалаҳои азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо аз ҷониби донишҷӯён ва рейтинги академии онҳо мавриди муҳокима қарор дода мешаванд, ширкат меварзад;

20. Таҳияи саривақтӣ ва мавҷудияти тамоми маводи таълимию методиро оид ба самт (ихтисос)-ҳои алоҳидаи Донишгоҳ назорат мекунад;

21. Иҷрои қоидаҳои қабули санҷишҳои ҷорӣ, имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва 2) ва ҷамъбастиро назорат мекунад, дар муайян намудани рейтинги академии донишҷӯ, инчунин дар кори комиссияи назоратии назди раёсати Донишгоҳ, ҳамчун аъзои фаъоли он иштирок менамояд;

22. Корҳои маслиҳатиро бо донишҷӯён дар давоми соли таҳсил мувофиқи ҷадвали маслиҳатӣ, ки садорати факултет тасдиқ кардааст, амалӣ мекунад. Дар ҳолатҳои лозимӣ берун аз ҷадвал вохӯриҳои иловагӣ таъин мекунад.

23. Бо мақсади таҳияи нақшаҳои таълимии фардӣ барои ҳар як соли таҳсил ба донишҷӯёни гурӯҳҳои ба ӯ вобастагардида маслиҳатҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ медиҳад.

## VI. ҲУҚУҚҲОИ МУШОВИРИ АКАДЕМИ (ЭДВАЙЗЕР)

24. Мушовири академӣ (эдвайзер) ҳуқуқ дорад, ки аз қисми таълим, садорати факултетҳо ва кафедраҳо оид ба ташкили раванди таълим аз рӯи самт (ихтисос)-и амалкунандаи Донишгоҳ тамоми маводи иттилоотии заруриро талаб карда, онҳоро ба донишҷӯён пешниҳод ва дар сомонаи Донишгоҳ ҷойгир кунад.

25. Барои амалӣ кардани фаъоляти худ аз қисми таълим, садорати факултетҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқиро оид ба ташкили раванди таълим ва корҳои таълимӣ-методӣ талаб кунад.

26. Дар корҳои ҳамаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба муҳокимаи масъалаҳои ба ташаккули самт (траектория)-и таҳсилоти фардии донишҷӯ алоқаманд, фаъолона иштирок намояд;

27. Барои беҳтар гардонидан ва баланд бардоштани самаранокии ташкили ҷараёни таълим ва корҳои таълимӣ-методӣ ба сохторҳои маъмурӣ ва ҷамъиятии Донишгоҳ пешниҳод манзур намояд.

## VII. ВАЗИФАҲОИ ХАДАМОТИ МУШОВИРОНИ АКАДЕМӢ (ЭДВАЙЗЕР)

28. Мақсади барномаҳои таълимии равияҳо, самт (ихисос)-ҳои тайёр кардани мутахассисон дар Донишгоҳ ва сохтори мантиқии онҳоро донад.

29. Дар бораи талаботи истеъмолкунандагон (донишҷӯён, соҳаҳои истеҳсолоти хоҷагии халқ, илм ва ғ.) оид ба масъалаҳои хизматрасонии таълимӣ  маълумоти пурра дошта бошад;

30. Самтҳои зина ба зина мукаммал гардонидани дараҷаи ба даст овардани салоҳиятҳои касбиро аз рӯи самт (ихтисос)-и амалкунандаи Донишгоҳ ба донишҷӯён фаҳмонад.

31. Оид ба масъалаҳои шиносоии донишҷӯён бо феҳристи фанҳои интихобӣ (элективӣ) ва мазмуну мундариҷаи нақшаҳои таълимии корӣ аз рӯи самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, додани маслиҳатҳо ҳангоми таҳияи нақшаи таълимии фардӣ, муайян намудани самт (траектория)-и таҳсилоти фардии онҳо чорабиниҳои ташкилӣ- методӣ гузаронад;

32. Дар мавриди зоҳир намудани фаъолиятҳои зерини таълимӣ ба донишҷӯён ёрии амалӣ расонад:

– муайян намудани самт (траектория)-и таҳсилоти фардӣ;

– қабули қарор дар интихоби фанҳо;

– ба даст овардани тасаввуроти мантиқан дуруст ва мувофиқ шудан ба раванди таълим аз рӯи талаботи гузоштаи Донишгохи миллии Точикистон;

– ташаккул додани салоҳиятҳои касбӣ;

33. Дар раванди бақайдгирии фанҳо (ҳангоми пур кардани ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ) тариқи иҷро намудани амалҳои зерин бевосита иширок намояд:

– доштани маълумот оид ба теъдоди донишҷӯён бо нишон додани додашудаҳои робитавӣ дар бораи гурӯҳҳои академӣ ва гурӯҳҳои академии якҷоя (ратокҳо);

– иштирок дар чорабиниҳо ва семенарҳое, ки бо мақсади беҳтар намудани кор бо донишҷӯён ва ташкили раванди таълим гузаронида мешаванд;

34. Дастгирӣ намудани ташаккули шахсияти донишҷӯ.

35. Фароҳам овардани шароит ҷиҳати дар ҳадди баландтарин, мушаххас гардонидани иҷрои корҳои таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён бо назардошти талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи Донишгоҳ.

36. Ба уҳда доштани масъулияти таъмини шароити дуруст таҳия намудани нақшаҳои таълимии фардӣ аз ҷониби донишҷӯён (вобаста ба талаботи самт (ихтисос)-и интихобкардаи онҳо). Бақайдгирии маълумот дар бораи ҳар гурӯҳи академӣ дар шакли муқарраршуда (замимаи № 2).

## VIII. МАСЪУЛИЯТ ВА ВАКОЛАТ

37. Сардори раёсати таълим, сардори шуъбаи назорати сифати таҳсилот, деканҳои факултетҳо, мудирони кафедраҳои тахассусӣ барои гузаронидани семинарҳои таълимӣ, тренингҳо ва маслиҳатҳои доимӣ оид ба баланд бардоштани маҳорат ва малакаи мушовирони академӣ (эдвайзерҳо) масъул дониста шудаанд.

38. Роҳбарияти Донишгоҳ вазифадор аст, ки мушовирони академӣ (эдвайзерҳо)-ро бо маводи таълимӣ-методӣ пурра таъмин намояд.

39. Мушовири академӣ (эдвайзер) барои иҷро нпкардани талаботи Низомномаи мазкур ҷавобгӯ мебошад.

## IX. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

40. Низомномаи мазкур аз лаҳзаи тасдиқшавӣ то иваз шудани он ба муқаррароти нав амал мекунад.

41. Нусхаи аслии Низомномаи мазкур дар Донишгоҳ нигоҳ дошта мешавад, ки дастрасии онро ба сохторҳои марбутаи Донишгоҳ ва шахсони ҳавасманд таъмин мекунад.

42. Ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба Низомномаи мазкур бо фармоиши ректор ё шахсони дигари ваколатдори Донишгоҳ ба амал оварда мешавад.

43. Ҳама гуна фармоишҳои ба Низомномаи мазкур ва ҳолатҳои дар Донишгоҳ татбиқ гардидани он дахлдор дар қисми таълим ҳамчун замима ба ин санади меъёрии ҳуқуқӣ нигоҳ дошта мешаванд.

## X. ТАРТИБИ ТАШКИЛИ КОРИ МУШОВИРИ АКАДЕМӢ (ЭДВАЙЗЕР)

| **Марҳилаҳои чараён** | **Мутасаддӣ** | **Иштирокчӣ** | **Гирандаи иттилоот** | **Ҳуҷҷатҳои хориҷшаванда** |
|---|---|---|---|---|
| Таъин кардани мушовири академӣ (эдвайзер) | Садорати факултет | Омӯзгорон | Қисми таълим | Фармоиш оид ба вобаста кардани гурӯҳ ба мушовири академӣ (эдвайзер) |
| Баланд бардоштани савияи касбии мушовири академӣ (эдвайзер) | Қисми таълим | Садорати факултет, мушовири академӣ (эдвайзер) | Мушовири академӣ (эдвайзер)он | Маводи семинар, варақаҳои ҳозир будан |
| Таъминоти методӣ | Қисми таълим | Қисми таълим, мушовири академӣ (эдвайзер) | Мушовири академӣ (эдвайзер) | Барномаҳои таълимӣ |
| Маслиҳатҳо оид ба бақайдгирӣ | Мушовири академӣ (эдвайзер) | Мушовири академӣ (эдвайзер), донишҷӯён | Донишҷӯён | Нақшаи таълимии фардии донишҷӯ |
| Таҳияи нақшаи таълимии фардӣ | Мушовири академӣ (эдвайзер) | Мушовири академӣ (эдвайзер), донишҷӯён | Қисми таълим, садорати факултет | Нақшаи таълимии фардии донишҷӯ |

Замимаи 1

**Феҳрист (каталог)-и фанҳои интихобӣ (элективӣ)**
**барои соли таҳсили 20____ – 20_____**

| | Номи фанни элективӣ (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) | Равияи тайёркунӣ | Миқдори кредитҳо (соатҳо) | Номи кафедра | Пререк визитҳо | Пострек визитҳо | Шарҳи мухтасар |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Курси махсус | | | | | | | |
| Курс | | | | | | | |
| | | | | | | | |

Замимаи 2

**Рӯзномаи мушовири академӣ (эдвайзер)**

Ному насаби мушовири академӣ (эдвайзер)________________________

Вазифа, кафедра ___________________________________________

Телефонҳо барои тамос ____________________________________

| | Ному насаби донишҷӯ | Курс | Гуруҳ | Ихтисос | Забони омӯзиш | | Манбаи маблағгузорӣ | | Номи электив (рамз) | Имзои донишҷӯ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | тоҷ. | рус. | грант | шартнома | | |
| | | | | | | | | | | |

Таҳия кард:

| Вазифа | Имзо | Ному насаб |
|---|---|---|
| Сардори раёсати таълим | | |

Варақаи қайди тағйирот

| Қисм | | Рақами тағйирот | Санаи тағйирот | Ному насаби шахсе, ки тағйирот ворид намудааст | Имзои шахсе, ки тағйирот ворид намудааст |
|---|---|---|---|---|---|
| № | Номи қисм | | | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |

Варақаи шиноскунӣ бо Низомнома
дар бораи хадамоти мушовирони академӣ (эдвайзерҳо)

| Ному насаб | Вазифа | Сана | Имзо |
|---|---|---|---|
| | | | |

## НИЗОМНОМАИ КАФЕДРА

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи кафедраи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи кафедраи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Низомномаи Шурои олимони Донишгоҳ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2. Низомнома ба ҳамаи кафедраҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Донишгоҳ), инчунин, ба кафедраҳои, ки барномаҳои таҳсилотиро дар зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ ва иловагӣ амалӣ менамоянд, барои пешбурди фаъолият ҳуҷҷати асосӣ ба ҳисоб меравад.

3. Дар асоси Низомномаи мазкур низомномаи кафедра бо назардошти хуссусият, иҷрои корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва дигар намуди фаъолият таҳия карда шуда, бо қарори Шурои олимони донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

4. Кафедра сохтори асосии таълимию илмии Донишгоҳ ба шумор рафта, фаъолияти худро дар самти корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, иҷтимоию тарбиявӣ ва робитаҳои байналмилалӣ ба роҳ мемонад.

5. Кафедра тибқи муқаррароти амалкунанда дар асоси пешниҳод ва қарори Шурои олимони донишгоҳ, бо фармоиши ректори донишгоҳ таъсис, аз навташкилдиҳӣ, ивази ном, мутатаҳид ё барҳам дода мешавад.

6. Фаъолияти кафедра бояд дар самти тайёр намудани бакалаврҳо, магистрҳо, мутахасссисон, докторҳои фалсафа (Ph.D), докторҳо аз рӯи ихтисос, номзад ва докторҳои илм, ки дорои дониш ва маҳорату малакаи баланди касбии барои бомуваффақият фаъолият намудани онҳо зарур, ҳамчунин рушди қобилияти эҷодии донишҷӯ, қобилияти илмии магистр, аспирант, докторант аз рӯи ихтисос, докторант ва ташаккули мавқеи шаҳрвандии онҳо ба роҳ монда шавад.

7. Кафедра фаъолияти худро дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии

Ҷумҳурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, қарорҳои Шурои олимон, фармоишҳои ректори Донишгоҳ ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

## III. ҲАЙАТ ВА СОХТОРИ КАФЕДРА

8. Кафедра зерсохтори факултет – ҳамчун кафедраи тахассусӣ ё раёсати таълим – ҳамчун кафедраҳои умумидонишгоҳӣ ба ҳисоб меравад.

9. Кафедра дар ҳайати на камтар аз 5 нафар омӯзгорон, ки ҳадди ақал 3 нафари онҳо дорои дараҷа ва унвони илмӣ мебошанд, таъсис дода мешавад.

10. Ҷадвали воҳидҳои корӣ (штатӣ)-и кафедра тибқи талаботи дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқарраргардида ва бо фармоиши ректор тасдиқ карда мешавад.

11. Ба ҳайати кормандони илмию педагогии кафедра академикҳо, профессорон, дотсентон, муаллимони калон, ассистентҳо, муҳаққиқ - коромӯзон, унвонҷӯён, докторантони фалсафа (Ph.D), докторантон аз рӯи ихтисос, ҳамчунин кормандони ёрирасони сохторҳои таълимию илмӣ (мушовири академӣ, лабарантҳо ва ғ.) дохил мешаванд.

12. Сохтори кафедра мувофиқи хусусиятҳои барномаҳои таҳсилотии аз рӯи самт (ихтисос) ташаккул ёфта, аз филиалҳои кафедра дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, беморхонаҳо ва корхонаҳои истеҳсолӣ, озмоишгоҳҳои таълимию илмӣ, кабинетҳои методӣ, фаннӣ, синфхонаҳои компютерӣ, лингофонӣ ва дигар утоқҳои таълимию методӣ иборат мебошад.

13. Сохтор ва ҳайати кафедра ба ҳаҷми соатҳо ва хусусияти сарбории таълимӣ, корҳои таълимӣ-методӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ вобаста аст.

14. Дар ҷаласаҳои кафедра метавонанд, профессорону омӯзгорон ва кормандоне, ки аз дигар кафедраҳои Донишгоҳ даъват шудаанд, иштирок намоянд.

15. Мудири кафедра

– кафедраро мудир, ки номзадии ӯ аз ҳисоби ҳайати профессорону омӯзгорон ё шахсони дорои дараҷа ва унвони илмӣ пешбарӣ ва тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳ ба муҳлати 5 сола интихоб карда шудааст, роҳбарӣ менамояд;

– дар озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра метавонанд шахсони дорои дараҷа ва унвони илмӣ иштирок намоянд. Мудири кафедра барои як муҳлат ба тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои олимони Донишгоҳ интихоб карда мешавад. Шахсони дорои дараҷа ва унвони илмӣ дар

озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра танҳо барои як муҳлат иштирок карда метавонанд. Тағйир ёфтани сохтор, иваз намудани номи кафедра, муттаҳид кардан ва ё аз нав таъсис додан кафедра сабаби такроран ба муҳлати нав интихоб кардани мудири кафедра шуда наметавонад;

– интихоби мудири кафедра аз ҷумлаи шахсоне, ки дараҷа ва унвони илмӣ надоранд, қатъиян манъ аст. Ба истисноии кафедраҳои соҳаи фарҳанг ва варзиш, ки интихоби мудири кафедра аз ҷумлаи омӯзгорони собиқадоре, ки дараҷа ва унвони илмӣ надоранд, барои як муҳлат иҷозат дода мешавад;

– дар ин ҳолат ба чунин номзадҳо имтиёз дода мешавад:

1) дар соҳаи санъат – ба шахсоне, ки ба унвони ифтихории Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ё собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ (ҳунарпешаи халқӣ, рассоми халқӣ, меъмори халқӣ, арбоби шоистаи санъат, ҳунарпешаи шоиста, рассоми шоиста) сазовор гардида, ё барандаи ҷоизаи (дипломи) на камтар аз ду намоишгоҳ, озмун ё ҷашнвораи байналмилалӣ ва ё ҷумҳуриявӣ аз рӯйи соҳаҳои муайяни санъат бошанд;

2) дар соҳаи варзиш – ба шахсоне, ки қаҳрамони варзиш, барандаи ҷоизаи Бозиҳои олимпӣ, Бозиҳои параолимпӣ, қаҳрамони мусобиқаҳои ҷаҳон, Аврупо, Осиё, Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусобиқаҳои қаҳрамонии миллӣ бошанд ё унвони фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, унвони фахрии байналмилалӣ дошта бошанд ё барандаи ҷоиза дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бошанд ё на камтар аз 1 нафар қаҳрамони варзиш, барандаи ҷоизаи Бозиҳои олимпӣ, Бозиҳои параолимпӣ, мусобиқаи қаҳрамони ҷаҳон, Аврупо, Осиё, Ҷумҳурии Тоҷикистон, қаҳрамони мусобиқаи миллӣ аз рӯйи соҳаҳои гуногуни тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро тайёр карда бошанд;

– дар асоси Низомномаи мазкур баъд аз қарори Шурои олимон бо мудир шартномаи меҳнатӣ ба муҳлати 5 – сола баста мешавад.

– натиҷаи иҷрои шартнома, инчунин, фаъолияти мудири кафедра дар соли якум аз тарафи шуъбаи кадрҳо ва комиссияи махсуси муқарризон (иборат аз 3 нафар), ки бо фармоиши ректори Донишгоҳ таъсис дода шудааст, мавриди санҷиш қарор дода шуда, дар Шурои олимони Донишгоҳ баррасӣ мегардад.

16. Интихоби мудири кафедра.

– интихоби мудири кафедра дар Донишгоҳ дар асоси озмун гузаронида мешавад;

– эълон дар бораи гузаронидани озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра аз тарафи Донишгоҳ як моҳ пеш дар саҳифаҳои васоити ахбори омма интишор карда мешавад;

– дар озмун номзадҳо мутобиқи бандҳои 15 ва 16 Низомномаи мазкур, мувофиқ ба ихтисос ва тахассуси кафедра иштирок карда метавонанд;

– номзаде мудири кафедра интихоб мегардад, ки аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзои дар Шурои олимони Донишгоҳ ширкаткардаро соҳиб шавад.

17. Мудири кафедраи Донишгоҳ дар мавридҳои зерин бозхонд карда мешавад:

– иҷро накардани вазифаҳое, ки Низомномаи мазкур муқаррар намудааст;

– иҷро накардани талаботи шартномаи меҳнатӣ;

– манфӣ арзёбӣ гардидани фаъолияти кафедра;

– бо сабаби вазъи саломатӣ;

– ба синни нафақа расидан;

– бо хоҳиши худ;

– муқарраротн дигаре, ки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузорӣ амалкунанда муайян намудааст.

18. Маҳдудияти синнусолӣ ҳангоми интихоб ва аз вазифа озод намудани мудири кафедраи Донишгоҳ тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда мешавад.

19. Мудири кафедра вазифадор аст:

– дар ҷаласаҳои кории сохторҳои Донишгоҳ, ки дар назди онҳо масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд муҳокима карда мешаванд, иштирок намояд;

– ҷаласаҳои кафедраро таъин ва баргузор намояд;

– маҳфилҳо, комиссияҳои методӣ, семинарҳои илмию методӣ, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои ба масъалаҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва иҷтимоӣ – тарбиявии кафедра вобастаро ташкил диҳад;

– дар ҷаласаҳои Шурои олимони факултет ва Донишгоҳ ҷиҳати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба нақшаҳои таълимӣ, нақшаҳои кории ихтисосҳои амалкунанда ва масъалаҳои ба самтҳои фаъолияти кафедра алоқаманд, пешниҳод манзур намояд;

– нақшаҳои тақвимии кафедра, нақшаҳои инфиродии омӯзгорон, барномаҳои кории фанҳои таълимӣ ва тақризҳои кафедраро тасдиқ кунад;

– ҳисоби соатҳои кафедраро муайян намуда, сарбории таълимӣ ва дастурҳои вазифавиро дар байни ҳайати профессорону омӯзгорони кафедра тақсим намояд;

– ҳангоми ҷой доштани зарурати истеҳсолӣ вазифаи муовини мудири кафедра ва роҳбари маҳфилро дар асоси ҷамъиятӣ ташкил кунад;

– сифат ва иҷрои саривақтии сарбории таълимӣ, уҳдадориҳои вазифавӣ, гузаронидани тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотиро аз ҷониби ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра назорат кунад;

– интихоб ва ба Шурои олимони факултет ва Донишгоҳ пешниҳод намудани номзадии омӯзгорону кормандонро ба вазифаҳои холӣ амалӣ созад;

– тибқи талаботи амалкунанда ҳуҷҷатҳои омӯзгорону кормандонро барои дар кафедра ба кор қабул кардан, пешниҳод намояд;

– барои додани мукофот ё ҷазо ба ҳайати омӯзгорон ва кормандон ба садорати факултет ва раёсати Донишгоҳ бо пешниҳод муроҷиат намояд;

– ҷиҳати самаранок ташкил ва гузаронидани корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотии ҳайати омӯзгорон ва кормандон аз роҳбарони сохторҳои дахлдори Донишгоҳ таъмин гардонидани кафедраро бо васоити моддию техникӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ талаб кунад;

– оид ба масъалаҳои такмили раванди таълим, ташкили корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, тайёр намудани кадрҳои илмӣ – педагогӣ дар ҷаласаҳои Шурои олимони факултет ва Донишгоҳ бо пешниҳод баромад кунад;

– аз ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра риояи Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, интизоми меҳнат, иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ ва истифодаи самараноки захираҳои таъминкунандаи фаъолияти кафедраро талаб намояд;

– ҷрои уҳдадориҳои вазифавии омӯзгорон ва кормандони кафедра тибқи дастурамали вазифавӣ сурат мегирад;

– тартиби баргузории озмуни интихоб ба вазифаҳои омӯзгорони кафедра дар асоси «Низомномаи ишғоли вазифаҳои кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Низомномаи иштирок дар озмуни вазифаҳои ҳайати омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» муқаррар карда мешавад;

– ба кафедра вобаста ба ҳаҷми соатҳои таълимӣ ва мавҷуд будани беш аз 15 воҳиди корӣ метавонад аз тарафи раёсати Донишгоҳ вазифаи муовини мудири кафедра ҷудо карда шавад.

## IV. ФАЪОЛИЯТИ КАФЕДРА

20. Фаъолияти кафедра тибқи нақшаҳои корӣ, ки иҷрои корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, иҷтимоию тарбиявӣ ва робитаҳои байналмилалиро дар бар гирифтааст, ба роҳ монда мешавад.

21. Масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд, рафти иҷрои нақшаҳо таҳти роҳбарии бевоситаи мудир дар ҷаласаҳои кафедра мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода мешавад.

22. Корҳои таълимию методӣ ва илмию таҳқиқотии кафедра бояд ба самти асосии фаъолият ва фанҳои нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи Донишгоҳ, ки таълими онҳо бо фармоиши ректори Донишгоҳ дар назди кафедра муқаррар карда шудааст, мутобиқат намоянд.

23. Кафедра вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

– ташкил ва гузаронидани корҳои таълимӣ аз рӯи ҳамаи шаклҳои таҳсилот (рӯзона, ғоибона ва фосилавӣ);

– ташкили курс ё фанҳои таълимии ҳатмӣ ва интихобӣ, такмили барномаҳои фанҳои таълимӣ аз рӯи ихтисосҳои амалкунанда;

– таҳияи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи Донишгоҳ;

– иҷрои корҳои методӣ (нашри китобҳои дарсӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, маҷмуаҳои таълимӣ-методӣ);

– коркарди маводи таълимию методӣ барои гузаронидани тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ, ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯён, таъмини истифодаи самараноки низоми таълим, таҷҳизоти муосири лабораторӣ ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;

– таъмини мунтазами сатҳи сифати таҳсилот дар асоси татбиқи технологияҳои гуногун, аз ҷумла технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, баланд бардоштани сатҳи гузаронидани дарсҳои лексионӣ ҳамчун шакли муҳими корҳои таълимӣ, фаъол гардонидани машғулиятҳои амалӣ, семинарӣ, лабораторӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ҳамчун шаклҳои мустаҳкамкунии дониш, ташаккули маҳорату малакаҳои касбии ба рушди қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён мусоидаткунанда;

– санҷиши мунтазами дониши донишҷӯён тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва барномаҳои таҳсилотӣ аз рӯи самт (ихтисос);

– ташкил ва роҳбарӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён, таҷрибаомӯзиҳо, корҳои мустақилонаи донишҷӯён (корҳои курсӣ, кори хатми бакалавр, рисолаи илмии магистр) мутобиқ ба шароитҳои истеҳсолӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ;

– қабули имтиҳонҳои фосилавӣ, ҷамъбастӣ ва баррасию таҳлили натиҷаи онҳо;

– расонидани ёрии амалӣ ҷиҳати бо ҷойи кор таъмин гардидани хатмкунандагон ва ба роҳ мондани алоқа бо онҳо;

– интихоб, тайёр кардан ва аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани кадрҳои илмӣ – педагогӣ;

– ташкили коромӯзиҳои илмӣ барои ҳайати профессорону омӯзгорони кафедра;

– ташкил ва назорати фаъолияти аспирантҳо, докторантон аз рӯи ихтисос ва докторантон, кор бо унвонҷӯён ва коромӯзон;

– муҳокима ва тақризнависӣ ба рисолаҳои номзадию докторӣ, корҳои илмии донишҷӯён;

– ташкил ва гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотии профессорону омӯзгорон ва кормандони кафедра тибқи лоиҳаҳо ва ба имзо расонидани шартномаҳо;

– муҳокимаи натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии бадастоварда ва омода намудани тавсияҳо ҷиҳати аз нашр баровардани онҳо, иштирок дар татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда;

– ташкил ва гузаронидани корҳо дар самти васеъ гардонидани робитаҳои кафедра бо муассисаҳои истеҳсолӣ, илмӣ, таълимӣ ва расонидани ёрии амалӣ ба онҳо ҷиҳати тайёр намудан ва бозомӯзии кадрҳо, иҷро ва экспертизаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таъсис додани филиалҳои кафедра.

24. Дар кафедра бо мақсади баррасии масъалаҳои таълимӣ-методӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ, семинарҳо, маҳфилҳо ташкил карда мешаванд.

## V. ҲУҚУҚҲО ВА УҲДАДОРИҲОИ КАФЕДРА

25. Кафедра дар доираи фаъолияти худ ҳуқуқ дорад:

– дастрас намудани маълумот оид ба ташкили раванди таълим ва масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқамандро аз сохторҳои Донишгоҳи;

– ташкили корҳо дар самти тайёр кардан ва аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани кадрҳои илмӣ – педагогӣ;

– ба омӯзиш, пуррагардонӣ ва паҳн намудани таҷрибаи кории омӯзгорони собиқадор, расонидани ёрии амалӣ ба омӯзгорони ҷавонро дар азхудкунии маҳорати педагогӣ;

– муҳокимаи корҳои хатми бакалаврӣ, рисолаҳои магистрӣ, номзадӣ, доктори аз рӯи ихтисос ва доктории аъзоҳои кафедра ё бо супориши раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба кафедра сафарбаргардида;

– баррасии масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқамандро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– иштирок дар Шурои олимон, Шурои таълимӣ-методӣ (илмӣ – методӣ)-и донишгоҳу факултет, ҷаласаҳои дигар кафедраҳои Донишгоҳ ва комиссияҳои аттестатсияи хатм.

26. Кафедра ва ҳайати омӯзгорону кормандони он уҳдадоранд:

– фаъолияти худро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи донишгоҳ, фармоишҳои ректор ва Дастурамали вазифавии донишгоҳ ба роҳ монанд;

– ҳуҷҷатгузориро тибқи феҳристи тавсиявӣ (Замима мегардад) ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба роҳ монад, ки мундариҷа, усулҳои ташкил ва гузаронидани тамоми шаклҳои фаъолияти кафедраро инъикос намоянд;

– бо дархости воҳидҳои сохтории дахлдори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва берун аз он маълумот ва ҳуҷҷатҳои заруриро вобаста ба фаъолияти кафедра пешниҳод намояд:

– ба молу амволи муассиса эҳтиёткорона муносибат намояд ва зарари ба муассиса расонидаашро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳуриии Тоҷикистон ҷуброн намоянд, таҷҳизотҳои ба кафедра вобастагардонидашударо дуруст ва мувофиқи таъинот истифода баранд;

– ҳуқуқу озодӣ ва дигар манфиатҳои қонунии омӯзгорону кормандон ва таълимгирандагон, интизоми меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилӣ, ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатариро дар давраи фаъолияти корӣ риоя намоянд;

– қарорҳои Шурои олимон, фармоиш ва дастуру супоришҳои ректори Донишгоҳ, ки ба самти фаъолияти кафедра алоқаманд мебошанд, иҷро намоянд.

## V. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

27. Низомномаи мазкур аз лаҳзаи тасдиқ гардидан мавриди амал қарор гирифта, ба он дар ҳолатҳои зарурӣ бо тартиби муқарраргардида тағйироту иловаҳо ворид карда мешавад.

Замима ба Низомномаи кафедраи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҷумҳурии Тоҷикистон

Феҳрасти тавсиявии ҳуҷҷатгузорӣ дар кафедра

1. Қарорҳо, фармонҳо ва дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

2. Қарорҳо, фармоишҳо, дастурҳо, санадҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Дастур ва мактубҳои вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

4. Фармоишҳои ректор ва супоришҳои муовинони он.

5. Қарорҳои раёсат, Шурои олимон ва Шурои илмию методии Донишгоҳ.

6. Қарорҳои садорати факултет, Шурои олимон ва Шурои илмию методии факултет.

7. Нақшаҳои кории кафедра.

8. Суратҷаласаҳои кафедра.

9. Барномаҳои таҳсилотӣ.

10. Нақшаҳои таълимии аз тарафи вазорат тасдиқшуда.

11. Нақшаву барномаҳои корӣ оид ба раванди таълим.

12. Ҳисоби соатҳо, нақшаҳои инфиродии омӯзгорон ва ҷадвали воҳидҳои корӣ.

13. Барномаҳои таълимӣ ва силабусҳо.

14. Номгӯи китобҳои умумитаълимӣ ва тахассусӣ.

15. Номгӯи китобу дастурҳои аз тарафи устодони кафедра таҳияшуда бо шаклҳои электронии онҳо.

16. Билетҳои тасдиқшудаи имтиҳоноти давлатӣ аз фанҳои тахасусӣ.

17. Саволномаҳои фанҳои таълимии кафедра барои маркази тестӣ.

18. Ҳисоботи солонаи кафедра.

19. Дастурҳои вазифавии кормандон.

20. Ҳуҷҷатҳои татбиқи корҳои илмӣ.

21. Ҳуҷҷатҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва кормандони кафедра.

22. Ҳуҷҷатҳо оид ба шуъбаи магисртатура, аспирантура, ординатура, интернатура, докторантура аз рӯи ихтисос ва докторантура.

23. Номгӯи мавзуъҳои корҳои хатми донишҷӯён.

24. Номгӯи мавзуҳои корҳои хатми магистрҳо.

25. Ҳуҷҷатҳои маҳфилҳои илмии донишҷӯён.

26. Ҳуҷҷатҳо оид ба таъминоти моддию техникии ҷараёни таълим.

27. Ҳуҷҷатҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ.

28. Дафтари бақайдгирии иштироки омӯзгорон ба дарсҳои ҳамдигар.

29. Дафтари бақайдгирии истифодаи воситаҳои техникӣ дар ҷараёни таълим.

30. Ҷадвали навбатдории омӯзгорон.

31. Ҷадвали қабули корҳои мустақилонаи донишҷӯён.

32. Рӯйхат ва санадҳои ҳуҷҷатҳои бойгонишуда.

33. Дафтари воридот ва содироти мактубҳо, аризаҳо ва ғайра.

## НИЗОМНОМАИ
## ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ИШҒОЛИ ВАЗИФАҲОИ ҲАЙАТИ ОМӮЗГОРОН

### I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи иштирок дар озмуни ишғоли вазифаҳои ҳайати омӯзгорон Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълим», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Тартиби интихоб ва бозхонди мудирони кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2. Низомномаи мазкур бо мақсади ба танзим даровардани вазифаҳои ҳайати омӯзгорони донишгоҳ, иштироки омӯзгорон дар озмуни ишғоли вазифаҳои хизматии омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва таъмини донишгоҳ ба омӯзгорони дорои унвону вазифаҳои омӯзгорон таҳия мегардад.

3. Ба вазифаҳои хидматии ҳайати омӯзгорони донишгоҳ вазифаҳои мудири кафедра, профессор, дотсент, муаллими калон ва ассистент дохил мешаванд.

4. Ба таври озмун ишғол намудани вазифаҳои мудири кафедра, профессор, дотсент ва муаллими калон дар сурати мавҷуд будани ҷойҳои холӣ бо пешниҳоди мудири кафедра ва садорати факултет дар мувофиқа бо раёсати таълим амалӣ карда мешавад.

5. Дар озмун барои ишғоли вазифаҳои ҳайати омӯзгорон довталабоне роҳ дода мешаванд, ки таҳсилоти махсуси омӯзгорӣ ва ё касбӣ аз рӯи ихтиссосҳои мувофиқ доранд.

6. Озмун барои ишғоли вазифаҳои ҳайати омӯзгорон танҳо дар мувофиқа бо талаботи тахассусӣ ва мавҷуд будани дипломи тахассусӣ барои омӯзгорони донишгоҳ гузаронида мешавад.

### II. ЭЪЛОН ДАР БОРАИ ОЗМУН

7. Раёсати таълими донишгоҳ озмунро дар бораи ишғол намудани вазифаҳои холии ҳайати омӯзгорон баъди холӣ шудани ҷой дар кафедра бо пешниҳоди мудири кафедра ва садорати факултети дахлдор эълон менамояд.

8. Озмун дар бораи ишғоли вазифаҳои ҳайати профессорону омӯзгорон тавассути воситаҳои ахбори омма, газетаву журналҳои давлатӣ ва ҳамчунин, нашрияи донишгоҳӣ эълон карда мешавад.

9. Муҳлати пешниҳоди аризаҳо ба озмуни вазифаҳои холии ҳайати омӯзгорон ва маълумот доир ба вазифаҳои холӣ – на дертар аз 30 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи чопи эълон муайян карда мешавад.

10. Қабули ҳуҷҷатҳои довталабони озмун аз ҷониби шахси масъули раёсати таълим, ки оид ба ташкил ва гузаронидани озмун масъул аст, танҳо дар ҳолати номувофиқатии ҳуҷҷатҳо ба талаботи тахассусии ҳайати омӯзгорон ё дар ҳолати вайронкунии муҳлати пешниҳоди ариза ва номувофиқатии ҳуҷҷатҳо ба талаботи низомномаи мазкур рад карда мешавад.

11. Интихобот бо тарзи озмун ва бастани шартномаи меҳнатӣ на дертар аз 1 моҳ баъд аз анҷоми муҳлати пешниҳоди ариза гузаронида мешавад.

12. Ҳуҷҷатҳои довталабонро муовини сардори раёсати таълим қабул намуда, ба садорати факултетҳо ҷиҳати баррасӣ ва натиҷагирӣ дар ҷаласаи кафедра ва Шурои олимони факултет фиристода, муҳлати баргардонии ҳуҷҷатҳоро бо имзои муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим муайян менамояд.

13. Дар ҳолати риоя накардани муҳлатҳои муқарраргардида озмун ва маълумот дар бораи вазифаҳои холӣ аз сари нав эълон карда мешавад ва омӯзгор аз нав ҳуҷҷат пешниҳод менамояд.

## III. ТАШКИЛИ КОМИССИЯИ ОЗМУНӢ

14. Комиссияи озмунӣ барои ишғоли вазифаҳои ҳайати омӯзгорон ва кормандони илмӣ бо фармоиши ректори донишгоҳ барои як соли таҳсил таъсис дода мешавад.

15. Комиссияи озмунӣ аз ҳисоби омӯзгорони соҳибунвон ва соҳибтаҷрибаи донишгоҳ дар ҳайати раис, аъзо ва котиби комиссия таъсис дода шуда, ба таври мустақил амал мекунад.

16. Шумора ва ҳайати расмии комиссияи озмунӣ, муҳлати ваколати он аз ҷониби Шурои олимон муайян гардида, бо фармоиши ректори донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

17. Вазифаҳои асосии кори комиссияи озмунӣ аз фароҳам овардани имконияти баробар барои иштирок дар озмун, санҷиши мутобиқати фаъолияти илмии довталаб ба талаботи низомнома, назорати риояи фосилаи дифоъ ва рӯзи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба вазифа, фосилаи муайян

байни ишғоли вазифаҳо ва таъмини рақобати софдилона байни иштирокчиёни озмун иборат мебошад.

18. Комиссияи озмунӣ шакл, тартиб, муҳлатҳои аниқи гузаронидани озмунро муайян намуда, таҳлили ҳуҷҷатгузории озмуниро мегузаронад ва аз рӯи натиҷаҳои он қарор мебарорад.

19. Комиссияи озмунӣ пешниҳоди минбаъдаи ҳуҷҷатҳои довталабонро (ба истисноi довталабони озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра) дар Шурои олимони донишгоҳ муайян менамояд. Дар комиссияи озмунӣ довталабон ба пуррагӣ таъмин карда мешавад.

20. Довталабе, ки аз комиссияи озмунӣ нагузаштааст, то се моҳ ҳуқуқи иштирок дар озмунро надорад. Барои иштироки такрории довталаб аз ҷониби раёсати донишгоҳ такроран озмун эълон карда намешавад. Иштироки такрории довталаб ба комиссияи озмунӣ баъди се моҳи баргузории комиссияи озмунӣ сурат мегирад. Довталабе, ки бесабаб дар озмун иштирок накардааст, ё ҳуҷҷатҳои заруриро ба озмун пешниҳод накардааст, нагузашта ҳисобида мешавад.

21. Барои бартараф намудани камбудию норасогиҳои ҳуҷҷатгузории довталабон аз ҷониби комиссияи озмунӣ ҷиҳати такроран супоридани ҳуҷҷатҳо муҳлат муайян карда мешавад.

## IV. ҚАБУЛ ВА ДИДА БАРОМАДАНИ ҲУҶҶАТҲОИ ИШТИРОКЧИЁНИ ОЗМУН

22. Ҳангоми мавҷуд будани ҷойи холӣ дар кафедра дилхоҳ омӯзгор дар мувофиқа бо раёсати таълим, мудири кафедра ва садорати факултет ҳуқуқи иштирок дар озмунро дорад.

23. Довталабоне, ки дар озмун иштирок менамоянд ва дар оянда шартномаи меҳнати мебанданд, ба номи ректори донишгоҳ ариза пешниҳод мекунанд. Ба ариза ҳуҷҷатҳои зерин дар ду нусха замима карда шуда, ба масъули раёсати таълим супорида мешаванд:

– варақаи шахсӣ бо имзо ва муҳри сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси донишгоҳ;

– тарҷумаи ҳоли довталаб;

– нусхаи диплом дар бораи таҳсилоти олии касбӣ, дараҷаи академӣ илмӣ, шаҳодатнома дар бораи унвони илмӣ, ки бо тартиби муайянгардида тасдиқ карда шудаанд;

– рӯйхати корҳои илмӣ ва илмӣ – методӣ ва ихтироот бо имзои мудири кафедра, декани факултет ва раиси Шурои методии факултет;

– тавсифнома аз ҷойи кори охирин бо имзои раиси иттифоқи касаба ва роҳбари сохтор.

24. Ҳуҷҷатҳои довталабоне, ки дар озмуни ишғоли вазифаҳои ҳайати омӯзгорон иштирок менамоянд, бо имзои муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ё сардори раёсати таълим ба садорати факултет барои натиҷагирӣ фиристода мешавад.

25. Садорати факултет ҳуҷҷатҳои довталабонро дар маҷлиси кафедра (бо овоздиҳии кушода ё пинҳонӣ) ва ҷаласаи Шурои олимони факултет (бо овоздиҳии кушода ё пинҳонӣ) мавриди баррасӣ қарор дода, дар муҳлати муайяншуда ба раёсати таълим пешниҳод менамояд. Дар ҳолати мавҷуд будани масъалаҳои баҳсталаб ҷаласаи кафедраи тахассусӣ аз ҷониби декани факултет ва кафедраҳои умумидонишгоҳи бо раиси муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ё сардори раёсати таълим гузаронида мешавад.

26. Мудирияти кафедра ва садорати факултет барои ҳар як номзад бо овоздиҳии кушод ва ё пинҳон шакли суратмаҷлиси ягона (намунаи ягонаи суратмаҷлис аз ҷониби раёсати таълим пешниҳод карда мешавад) хулосаи мувофиқ мебарорад, ки ин натиҷагириро шахси масъули раёсати таълим дар якҷоягӣ бо ҳуҷҷатҳои довталаб ба комиссияи озмунӣ пешниҳод менамояд.

27. Хулосаи овоздиҳӣ дар Шурои олимони факултет ва кафедра дар сурате бо эътибор дониста мешавад, ки агар дар ҷаласаи он на кам аз 2/3 ҳиссаи омӯзгорони асосии кафедра ва ҳайати Шуро иштирок дошта бошанд.

28. Хулосаи кафедра ва садорати факултет дар бораи номзади мудири кафедра аз ҷониби декани факултет, муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ва ё сардори раёсати таълим, ки ҷаласаро гузаронидаанд, бароварда мешавад. Иштирокчиёни озмун ва ё номзадҳо ба вазифаи мудири кафедра метавонанд дар ҷаласаи кафедра иштирок карда, бо хулосаи он шинос гарданд.

29. Шахси масъули раёсати таълим ҳуҷҷатҳои довталабонро қабул намуда, ба комиссияи озмунӣ супурда, комиссияи озмунӣ баъди таҳияи суратмаҷлис ҳуҷҷатҳоро бармегардонад.

30. Довталабоне ҳуқуқи дар озмун иштирок карданро доранд, ки собиқаи илмӣ-омӯзгории на камтар аз 3 сола дар донишгоҳ доранд. Довталабони мазкур дар ҷаласаи кафедра дар бораи фаъолияти илмиву омӯзгории худ ҳисобот медиҳанд.

31. Комиссияи озмунӣ дар ҳолатҳои зайл омӯзгоронро ба вазифаҳои муайян тавсия медмҳад:

– омӯзгороне, ки барои иштирок дар озмунӣ ишғоли вазифаи муаллими калон иштирок менамоянд, бояд собиқаи илмӣ-омӯзгории аз 4 сол зиёд, аз ҷумла 3 сол дар Донишгоҳ ё дараҷаи илмии номзади илм

дошта бошад. Дар ин маврид теъдоди мақолаҳои илмӣ, иштирок дар корҳои ҷамъиятии Донишгоҳ ва факултет ба инобат гирифта мешавад;

– омӯзгороне, ки дар озмунӣ ишғоли вазифаи дотсенти кафедра иштирок менамоянд бояд дорои дараҷаи илмии номзади илм бошад, аз рӯзи ҳимояи рисолаи номзадиамон на камтар 1 сол гузашта бошад, теъдоди корҳои илмӣ таҳқиқотӣ ва мақолаҳои илмиашон аз 15 адад зиёд бошад. Собиқаи илмӣ-омӯзгориашон дар Донишгоҳ аз 5 сол кам набошад;

– омӯзгороне, ки дар дар озмунӣ ишғоли вазифаи профессори кафедра иштирок менамояд аз рӯзи ҳимояи рисолаи дипломиаш ду сол сипаришуда бошад, теъдоди корҳои илмтадқиқотиашон аз 20 адад зиёд бошад ва зери роҳбариашон на камтар аз ду нафар рисолаи номзадӣ ё докторантураи Ph.D ҳимоя карда бошад. Омӯзгорони мазкур муратиби дастуру васоити таълимӣ ва муаллифи китоби дарсӣ дар алоҳидагӣ ё ҳаммуаллифи мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда бошад.

32. Ҳангоми ҳисоби собиқаи илмӣ-омӯзгорӣ, таҳсил дар магистратура, докторантура, кор дар лабораторияҳои таълимию тадқиқотӣ ва фаъолият дар қисмҳои таркибии раёсати донишгоҳ ба инобат гирифта мешавад. Бо мақсади натиҷагирӣ ва хулосабарори дар асоси қарори кафедра довталабон метавонанд, лексияҳои санҷиши ва ё дигар намуди машғулиятҳои таълимӣ гузаранд.

## V. ТАРТИБИ ИНТИХОБ ДАР ШУРОИ ОЛИМОН

33. Дар Шурои олимони донишгоҳ баъди қарори мусбии комиссияи озмунӣ танҳо рӯйхати довталабони озмуни ишғоли вазифаи профессор, дотсент ва муаллими калони кафедра ба таври умумӣ бо овоздиҳии кушода тасдиқ карда мешавад.

34. Барои довталабони озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра аз ҷониби котиби Шурои олимони донишгоҳ блютени овоздиҳи барои овоздиҳии пӯшида ва аз ҷониби аъзои Шурои олимон комиссияи ҳисоби овоз таъсис дода мешавад.

35. Теъдоди аъзои комиссияи ҳисоби овоз ва раиси он бо тавсияи раиси маҷлиси Шурои олимони донишгоҳ муайян карда мешавад.

36. Овоздиҳӣ тибқи тартиботи маъмул гузаронида шуда, бюллетене, ки дар он ягон ному насаб (дар ҳолати ду ва ё зиёда довталаб) хат зада нашудааст ё пурра хат зада шудааст, беэътибор дониста мешавад. Қарори комиссияи ҳисоби овоз ҳамон вақт боэътибор дониста мешавад, ки агар дар овоздиҳӣ на камтар аз 2/3 ҳиссаи ҳамаи аъзои Шуро иштирок карда бошад.

37. Комиссияи ҳисоби овоз натиҷаи овоздиҳиро барои ҳар як номзад эълон менамояд. Қарори комиссияи ҳисоби овоз аз ҷониби ҳайати Шурои олимон тасдиқ гардида, ба ҳуҷҷатҳои озмун илова карда мешавад.

38. Номзади озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра, ки ба тарафдории он 2/3 иштирокчиёни овоздиҳӣ ё аз ин зиёда овоз дода бошанд, интихобгардида дониста мешавад. Қарори комиссияи ҳисоби овоз, ки бо риояи Низомномаи мазкур ва бо оводиҳии пинҳонӣ қабул карда шудааст, қатъи ҳисобида мешавад.

39. Баъди баргузории овоздиҳӣ аз ҷониби котиби Шурои олимони қарори Шуро бо имзои раиси Шурои олимон таҳия гардида, баъди бастани шартномаи меҳнатӣ нисбати интихоб шудани довталабон дар вазифаи мудири кафедра ба муҳлати муайяннамудаи Низомномаи мазкур фармоиши ректор аз чониби раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ба тасвиб мерасад.

40. Баъди бастани шартномаи меҳнатӣ мудирони кафедра ба муҳлати 4 сол ба вазифаи мудири кафедра интихобшуда ҳисобида мешаванд. Дар сурати набудани мутахассиси мувофиқ ба таври истисно ба муҳлатҳои муайяннамудаи Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ректори донишгоҳ ҳуқуқ дорад тибқи фармоиш то эълон ва баргузории озмуни ишғоли вазифаи мудирӣ иҷрокунандаи мудири кафедра таъин намояд.

41. Нисбат ба иштирокчиёни озмуни ишғоли вазифаи профессор, дотсент ва муаллими калони кафедра баъди бастани шартномаи меҳнатӣ ҷиҳати ишғоли ин вазифа фармоиши ректори донишгоҳ ба тасвиб мерасад.

42. Иштирокчиёни озмуни ишғоли вазифаи профессор, дотсент ва муаллими калони кафедра ҳамчун иҷрокунандаи вазифа ба муҳлати 4 сол интихобшуда ҳисобида мешаванд.

43. Дар муҳлати 4 соли иҷрокунандагӣ ба профессор ва дотсенти кафедра имконият дода мешавад, ки ҷиҳати гирифтани дипломи дотсентӣ ва профессорӣ баъди пурра ба талабот ҷавобгӯй намудан, ҳуҷҷатҳои худро ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

44. Дар сурати дар муҳлати муайяншуда нагирифтани дипломи дотсентии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрокунандаи вазифаи дотсент ба вазифаи муаллими калон ва профессор ба зинаи дотсентӣ тавсия карда мешавад.

## VI. ТАРТИБИ ЭЪТИРОЗ

45. Иштирокчиёни озмун, ки аз натиҷаи кори комиссия қаноатманд нестанд, метавонанд аз болои қарори комиссияи озмунӣ бо аризаи эътирозӣ ба ректори донишгоҳ муроҷиат намоянд.

46. Ректори донишгоҳ аризаи эътирозии воридгардидаро дида баромада, дар ҳолатҳои ошкорсозии қоидавайронкуниҳои Низомномаи мазкур чораҳои амалӣ (то бекор кардани қарори пешниҳодгардида) меандешад.

47. Дар сурати бекор гардидани қарори комиссия, озмун аз сари нав тибқи тартиби муқарраргардида гузаронида мешавад.

## НИЗОМНОМАИ
## НЕРУҲОИ ҒАЙРИҲАРБИИ МУДОФИАИ ГРАЖДАНӢ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи неруҳои ғайриҳарбии мудофиаи граждании Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома), (отрядҳо, дастаҳо, гуруҳҳо, бригадаҳо, дружинаҳо ва дигар неруҳо) (минбаъд неруҳо) ташкилотҳо бо принсипи ҳудудию истеҳсолӣ, дар асоси муқаррарароти ҷойдошта таъсис дода шуда, барои иҷрои вазифаҳои мудофиаи гражданӣ омода карда шудаанд. Неруҳо дар замони осоишта дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, муассисаҳеи таълимӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар ташкилотҳои ҳудудӣ, новобаста аз шакли ташкилӣ ва ҳуқуқӣ, бо мақсади ба роҳ мондани корҳои наҷотдиҳӣ ва дигар корҳои таъхирнопазир дар манбаъҳои заҳролудшавӣ (зарбазанӣ) ва минтақаҳои зериобмонда, инчунин, барои гузаронидани дигар чорабиниҳои мудофиаи гражданӣ таъсис дода мешаванд.

2. Аз ҷиҳати тобеият тамоми неруҳо ба худудӣ ва иншоотӣ, аз ҷиҳати таъинот ба неруҳҳои таъиноти умумӣ ва хадамоти мудофиаи гражданӣ ҷудо мешаванд.

3. Шумораи умумии неруҳо дар асоси «Номгӯи неруҳои ғайриҳарбии мудофиаи гражданӣ ва ҳисоби тахминии таъсиси онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо назардошти хусусият ва ҳаҷми вазифаҳои иҷрошаванда, микдори одамон, мутахассисони зарурӣ, техника, воситаҳои моддӣ, инчунин, шароити маҳал муқаррар карда мешаванд. Дар вақти эҳтиёҷоти неруҳо шумораи коргарон ва хизматчиён, ки барои замони ҷанг пешбинӣ шудаанд, ба асос гирифта мешавад.

4. Ҳисоби эҳтиёҷоти неруҳо ба таври зайл таҳия карда мешавад:

– неруҳои таъиноти умумӣ ва хадамотҳои мудофиаи гражданӣ (ғайр аз тиббӣ) гражданин вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо таҳия гардида, аз тарафи сардорони мудофиаи гражданӣ тасдиқ карда мешаванд;

– неруҳои тиббӣ дар ҷумҳурӣ – аз тарафи Вазорати тандурустии ҷумҳурӣ, дар вилоятҳо аз тарафи раёсатҳои тандурустӣ таҳия гардида, дар мувофиқа бо ситодҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ дахлдор ва аз тарафи сардори мудофиаи гражданӣ тасдиқ карда мешаванд.

– неруҳои иншоотӣ – аз тарафи сардорон ва ситодҳои мудофиаи гражданин ин корхонаҳо (муассисаҳо, ташкилотҳо, деҳқонию фермерӣ) таҳия гардида, аз тарафи сардорони мудофиаи гражданин шаҳрҳо (ноҳияҳо), ки ташкилотҳои мазкур дар ҳудуди онҳо воқеъ гардидаанд,

тасдиқ карда мешавад.

## II. ҲАЙАТ ВА ТАЪИНОТИ НЕРУҲО

Неруҳои ҳудудӣ дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо таъсис дода шуда, бо сардорони мудофиаи гражданении дахлдор итоат менамоянд. Онҳо барои ҳалли вазифаҳои мудофиаи граждани якҷоя бо неруҳои иншоотӣ дар иншоотҳои иқтисодии муҳим, мувофиқи нақшаи сардорони мудофиаи граждани истифода мешаванд.

Неруҳои иншоотӣ дар тамоми иншоотҳои иқтисодӣ таъсис дода шуда, ба сардорони мудофиаи гражданении дахлдор итоат менамоянд ва чун қоида, дар иншоотҳои иқтисодие истифода мешаванд, ки дар заминаӣ онҳо таъсис ёфтаанд. Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳукуматҳои вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо онҳоро метавонанд барои анҷом додани корҳои наҷотдиҳӣ дар дигар иншоотҳо низ истифода баранд.

Неруҳои таъиноти умуми барои анҷом додани корҳои наҷотдиҳӣ ва таъхирнопазир дар манбаъҳои зарбазанӣ (заҳролудшавӣ) ва минтақаҳои зериобмонда пешбинӣ шудаанд. Ба ин неруҳо отрядҳо (гуруҳҳо)-и муттаҳида, дастаҳо (гурӯҳҳо)-и муттаҳидаи корҳои механизатсионӣ ва дастаю гурӯҳҳои наҷотдиҳӣ шомиланд.

Неруҳои хадамотии мудофиаи гражданӣ барои иҷрои чорабиниҳои махсус ҳангоми анҷом додани корҳои наҷотдиҳӣ ва таъхирнопазир (иктишоф, расонидани ёрии тиббӣ, маҳдуд ва хомӯш кардани сӯхторҳо, гузаронидани чорабиниҳои ҳифзи радиатсионию кимиёвӣ, ҳифзи растаниҳо ва чорвои хоҷагии қишлоқ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва ғайра), тақвият додани неруҳои таъиноти умумӣ ва ҳаматарафа таъмин намудани амалиёти онҳо ҳангоми анҷом додани корҳои наҷотдиҳӣ ва таъхирнопазир дар манбаъҳои зарбазанӣ (заҳролудшавӣ) ва минтақаҳои зериобмонда, таъмини алоқа, таъмини моддӣ-техникӣ ва муҳандисӣ, интиқоли аҳолӣ, борҳо ва ғайра пешбинӣ гардидаанд. Аз ҷиҳати ташкилшавӣ онҳо аз дастаҳо, гурӯҳҳо, бригадаҳо, дружинаҳо, звеноҳо, шуъбаҳо ва нуқтаҳо иборатанд.

## III. НЕРУҲОИ ҲУДУДӢ

Ба неруҳои ҳудудӣ неруҳои таъиноти умумӣ (дастаҳои муттаҳида, дастаҳои муттаҳидаи корҳои механизатсионй, дастаҳои наҷотдиҳӣ), инчунин, неруҳои ҳадамоти мудофиаи гражданин зерин дохил мешаванд:

– гуруҳҳои иктишофӣ, звеноҳои иктишофӣ дар нақлиёти роҳи оҳан ва автомобилӣ, инчунин, ҳавопаймо (чархбол)-и иктишофи ҳавоӣ;

– алоқа (дастаҳо, гуруҳҳо звеноҳо):

– тиббӣ (гуруҳи иктишофи эпидемиологӣ, отряди ёрии аввалини тиббӣ, отрядҳо ё бригадаҳои махсуси ёрии таббӣ, бригадаҳои сайёри зиддиэпидемиологӣ , госпиталҳои сайёри бемориҳои сироятӣ;

– муҳандисӣ (гуруҳи иктишофи муҳандисӣ, дастаҳо ва барқароркунии роҳҳо ва кӯпрукҳо, дастаҳои корҳои таркишӣ, звеноҳо оид бахизматрасонии паноҳгоҳҳо ва гурезгоҳҳо;

– садамавӣ – техникӣ (дастаҳои садамавӣ – техникии шабакаҳои барқӣ дастаҳои садамавӣ – техникии газӣ, дастаҳои шабакаҳои қубурҳои обгузар ва канализатсияҳо ё шабакаҳои гармидиҳӣ);

– ҳифзи радиатсионию кимиёвӣ (гурӯҳҳо ва звеноҳои иктишофр радиатсионию кимиёвӣ, дастаҳои муттаҳидаи ҳифзи радиатсионию кимиёвӣ дастаҳои безараргардонӣ ва ғ.

– автомобилӣ (қаторахо, гурӯҳҳо);

– ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ (дастаҳо, гурӯҳҳо, звеноҳо);

– таъминоти моддӣ (нуқтаҳои сайёри хӯрока, нуқтаҳои таъминот хӯрокворӣ ва амвол, стансияҳои сайёри сӯзишвории автомобилӣ, звеноҳо обкашон);

– таъминоти техникӣ (гурӯҳҳои сайёри таъмирию барқароркунӣ ва эвакуатсионӣ);

– ҳифзи растаниҳо ва чорвои хоҷагии қишлоқ (звеноҳои иктишофи байторӣ ва фитопотологӣ, бригадаҳои ҳифзи чорво ва растаниҳо, гурӯҳҳои махсуси байторӣ, гурӯҳҳои махсуси ҳифзи растаниҳо, дастаҳои ҳифзи растаниҳо ва чорво);

– дигар неруҳои хадамотҳо, ки вобаста ба шароити маҳал таъсис дода мешаванд.

Замина барои таъсис додани неруҳои ҳудудии таъиноти умумӣ, чун қоида, ташкилотҳову корхонаҳои тобеи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрию ноҳиявӣ (сохтмонӣ, бинокорию васлгарӣ, хоҷагии коммуналӣ, саноати маҳаллй ва ғайра) ба ҳисоб мераванд. Ҳангоми ғайриимкон будани таъсиси неруҳо дар заминаи ташкилоту корхонаҳои зикршуда, мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳукуматҳои вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо неруҳо метавонанд дар заминаи дигар корхонаҳо таъсис дода шаванд. Дар ноҳияҳо онҳо дар заминаи ташкилотҳо ва корхонаҳои ноҳиявӣ, инчунин, дар хоҷагиҳои деҳқони ба маркази ноҳия наздикбуда таъсис дода мешаванд.

Замина барои таъсиси неруҳои ҳудудии хадамотҳои мудофиа гражданин корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо ва муассисаҳои таълимии ба ҳак монанд, бо дарназардошти тахассус ва фаъолияти онҳо, микдори мутахассисон ба ҳам мувофиқ, воситаҳои моддӣ ва техникӣ ба ҳисоб мераванд.

Дастаҳо ва гурӯҳҳои муттаҳидаи неруҳои таъиноти умумӣ неруҳои таъиноти умумй буда, барои анҷом додани корҳои наҷотдиҳӣ ва дигар корҳои таъхирнопазир пешбинй карда шудаанд.

Дастаи наҷотдиҳӣ барои анҷом додани корҳои наҷотдиҳӣ ва корҳои таъхирнопазир таъин карда мешавад.

Дастаи муттаҳидаи корҳои механизатсионӣ барои тақвият додани дастаи муттаҳидаи наҷотдиҳӣ бо воситаҳои механикӣ, инчунин, барои иҷрои мустақилонаи корҳои алоҳидаю вазнин пешбинӣ гардидааст.

## IV. НЕРУҲОИ ХАДАМОТИ МУДОФИАИ ГРАЖДАНЙ

Неруҳои хадамоти мудофиаи граждании барои иҷрои чунин амалҳо пешбинӣ карда шудаанд:

– гурӯҳ, звенои иктишофӣ, дидбонгоҳҳои мушоҳидаи радиатсионӣ ва кимиёвӣ – барои пешбурди иктишоф дар манбаъҳои зарбазанӣ (заҳролудшавӣ) ва минтақаҳои зериобмонда, дар маҳалҳои сӯхторҳои баамаломада, ҷойҳои ҷойгиршавии аҳолӣ ва неруҳо, самтҳои ҳаракат ва барои мушоҳидаи вазъияти радиатсионӣ, кимиёвӣ ва бактериологӣ;

– дастаҳо, гурӯҳҳо ва звеноҳои алоқа – барои таъмини алоқаи сардорони мудофиаи гражданӣ, ситодҳои ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани, нуқтаҳои идоракунӣ бо неруҳои тобеъ ва ҳамфаъолияти онҳо;

– отрядҳо, бригадаҳо, гурӯҳҳо, дружинаҳои тиббӣ ва нуқтаҳои санитарӣ – барои гузаронидани иктишофи тиббию бактериологӣ, расонидани ёрии тиббӣ ба зарардидагон дар манбаъҳои зарбазанӣ, чорабиниҳои санитарӣ – гигиенӣ, зиддиэпидемиологӣ дар манбаъҳои заҳролудшуда, инчунин барои нигоҳубини осебдидагон;

– дастаҳо ва звеноҳои оташнишонӣ – барои пешгирӣ ва хомӯш кардани сӯхтор дар самтҳои ҳаракат ва дар маҳалли корҳои наҷотдиҳй;

– дастаҳо гурӯҳҳо ва звеноҳои муҳандисӣ – барои пешбурди иктишофи муҳандисй, ба роҳ мондани корҳои наҷотдиҳӣ ва дигар корҳои таъхирнопазир, корҳои таъмирию барқарорсозии роҳҳо, корҳои таркишӣ, хизматрасонии иншоотҳои муҳофизатӣ;

– дастаҳои садамавӣ – техникӣ – барои корҳои садамавӣ – техникӣ дар шабакаҳою иншоотҳои коммуналӣ – энергетикӣ;

– дастаҳо ва қаторҳои автомобилӣ – барои интиқоли коргарону хизматчиёни дар минтақаҳои беруназшаҳрӣ ҷойгиршаванда, хизматчиён ва аҳолии эвакуатсияшаванда, аз шаҳр баровардани маводҳои пуркимат, кашонидани бастҳои кории неруҳои мудофиаи гражданӣ ба манбаъҳои зарбазанӣ (заҳролудшавӣ), расонидани воситаҳои моддӣ барои сохтмони

иншоотҳои муҳофизатӣ;

– дастаҳо ва гурӯҳҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ – барои ба роҳ мондани хизмати комендантӣ ва таъмини тартибот дар нуқтаҳои аҳолинишин, иншоот,

интиқоли коргарон, хизматчиён ва аҳолӣ ба минтақаи беруназшаҳрӣ ва ҳангоми ҳаракати қувваҳои мудофиаи граждани ба манбаъҳои зарбазанӣ (заҳролудшавӣ);

– воҳидҳои хӯроки умумӣ (нуқтаҳои сайёри таъминоти хӯрока) – барои таъмини ҳайати шахсии неруҳо бо хӯроки гарм дар маҳалҳои ҷойгиршавӣ, ҳангоми гузаронидани корҳои наҷотдиҳӣ, садамавӣ – барқароркунӣ, инчунин, ба аҳолии зарардида дар отрядҳои ёрии аввалини тиббӣ;

– воҳидҳои савдои маводҳои хӯрокворӣ (нуқтаҳои сайёри таъмини хӯрокворӣ) барои таъмини ҳайати шахсӣ бо маҳсулоти хӯрока (озуқаи саҳроӣ) ҳангоми набудани имконияти тайёр намудани хӯроки гарм;

– воҳидҳои савдои молҳои саноатӣ (нуқтаҳои сайёри таъминоти амвол) – барои таъмини нуқтаҳои санитарию шустушӯӣ ва дастаҳои ёрии аввалини тиббӣ бо либос, пойафзол ва амволи ҷойхоб;

– стансияҳои сайёри маводи сӯхт – барои таъмини нақлиёт ва дигар техникаи неруҳо бо сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ;

– звеноҳои обрасон – барои таъмини ҳайати шахсии неруҳо ва аҳолии зарардида бо об;

– воҳидҳои таъминоти техникӣ (гурӯҳҳои сайёри барқароркунӣ) – барои таъмири ҷории техника дар шароити саҳро ва эвакуатсияи онҳо;

– дастаҳо, бригадаҳо, гурӯҳҳои ҳифзи чорвои хоҷагии қишлоқ – барои ба роҳ мондани иктишофи байторӣ, коркарди байтории чорвои зарардида, ҳифзи чорво, хошок ва манбаъҳои об, безараргардонии ему хошок ва маҳсулоти хӯроки чорво, маҳсулоти ширӣ, фермаҳо ва дигар ҷойҳои ҳайвонот, инчунин барои гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунандаи санитарӣ – байторӣ, муҳофизатӣ – карантинӣ.

– дастаҳо, бригадаҳо, гурӯҳҳо ва звеноҳо оид ба ҳифзи растанӣ– барои бурдани иктишофи фитопатологӣ ва энтомологӣ, гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳифзи растаниҳо ва маҳсулоти растанипарварӣ, безараргардонии зироатҳои хоҷагии қишлоқ ва маҳсулоти растанипарварӣ.

Вобаста ба шароити маҳал ва мавҷуд будани замина мувофиқи қарори сардорони мудофиаи гражданӣ неруҳо ва хадамотҳои дигар низ таъсис дода мешаванд.

## V. НЕРУҲОИ ИНШООТӢ

Неруҳои иншоотӣ аз неруҳои таъиноти умумӣ ва неруҳои хадамоти мудофиаи граждани, ки дар корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳои таълимӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ таъсис меёбанд, иборат мебошанд:

– дар корхонаҳои саноатӣ неруҳои асосӣ ин неруҳои таъиноти умумӣ;

– дастаҳои муттаҳида, гурӯҳҳо ва дастаҳои наҷотдиҳӣ, дар иншоотҳои иқтисодии боқимонда бошад – дастаҳо, гурӯҳҳои наҷотдиҳӣ ба шумор меравbooting.

Ба ғайр аз неруҳои таъиноти умумӣ дар иншоотҳои иқтисодӣ неруҳои хадамотии мудофиаи граждании зерин таъсис дода мешаванд:

– иктишофӣ (гурӯҳҳо, звеноҳо, дидбонгоҳҳои мушоҳидаи радиатсионӣ ва кимиёвӣ);

– албқа (гурӯҳҳо, звеноҳо);

– тиббӣ (отрядҳои дружинаи санитарӣ, дружинаҳои санитарӣ, нуқтаҳои санитарӣ);

– садамавӣ – техникӣ (дастаҳо);

– зидди сӯхтор (дастаҳо, шуъбаҳо, отделенияҳо, звеноҳо);

– ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ (дастаҳо, гурӯҳҳо);

– звеноҳо оид ба хизматрасонии паноҳгоҳҳо ва гурезгоҳҳо, дар ҳолати мавҷуд будани гурезгоҳҳо ва паноҳгоҳҳо.

Вобаста ба миқдори мавҷудияти заминаи мувофиқ метавонанд неруҳои зерин таъсис дода шаванд:

– дастаҳои безараргардони, нуқтаҳои санитарию – шустушӯӣ;

– стансияҳои безараргардонии сарулибос ва нақлиёт;

– нуқтаҳои сайёри хӯрока;

Дар иншоотҳои иқтисодие, ки манбаъҳои радиоактивӣ ва моддаҳои заҳролуди пуртаъсирро истифода мебаранд, нигоҳ медоранд ё истеҳсол мекунанд, ба ҷои дастаҳои муттаҳида дастаҳо, гурӯҳҳои ҳифзи радиатсионию кимиёвӣ таъсис дода мешаванд. Дар коргоҳҳо (истеҳсолот)-и хурди хатарноки кимиёвй таъсиси гурӯҳои безараргардонӣ имкон дорад.

Дар муассисаҳои хоҷагии ҷангал, новобаста аз тобеияти идоравии онҳо, неруҳои зидди сӯхтори ҷангал (дастаҳо, шуъбаҳо) таъсис дода мешаванд.

Дастаҳои зидди сӯхтори ҷангал дар заминаи стансияҳои кимиёвӣ – оташнишонӣ, дастаҳои штатии оташнишонй ва дигар конҳое, ки истихроҷи канданиҳои фоиданок ба роҳ монда шудааст, неруҳои мудофиаи гражданин таъиноти умумӣ ва хадамотҳои мудофиаи гражданӣ бо мақсадҳои зерин таъсис дода мешаванд:

– ҳал намудани вазифаҳои мудофиаи гражданӣ дар замин бо қувваи кормандон ва хизматчиёни маҷмуи корҳои рӯизаминӣ;

– ҳал намудани вазифаҳои мудофиаи гражданин зеризаминӣ бо кормандон ва хизматчиёни маҷмуи корҳои зеризаминӣ. Ба ин неруҳо қисмҳои ҳарбикунонидашудаи кӯҳию наҷотдиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва звенои хизматрасонии паноҳгоҳҳо ва гурезгоҳҳо, ки дар ҷойҳои канданиҳои фоиданоки истихроҷшудаи кӯҳӣ воқеанд, дохил мешаванд, ҳайати онҳо аз ҷониби сардори мудофиаи гражданинии дахлдор дар асоси шароитҳои маҳал ва имкониятҳо муайян карда мешаванд.

Қисмҳои ҳарбикунонидашудаи кӯҳию наҷотдиҳӣ, ки дар корхонаҳои маъдантозакунӣ, кимиёвӣ, нафту кимиёвӣ ва дигар соҳаҳои истеҳсолот вуҷуд доранд, ҳамчун неруҳои мудофиаи гражданӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар феҳрасти амволи ин неруҳо амволи махсуси мудофиаи гражданӣ дохил карда мешавад.

Дар муассисаҳои энергетикӣ, роҳҳои ҳавоӣ ва оҳан, алоқа барои ҳалли вазифаҳои мудофиаи гражданӣ бевосита дар корхонаҳои худ, ғайр аз неруҳои махсуси идоравӣ, дастаҳои махсуси садамавй барқароркунӣ ва садамавӣ техникӣ, инчунин, дигар неруҳои мудофиаи гражданӣ, вобаста ба мавҷудияти замина ташкил карда мешаванд.

Ин гурӯҳҳо ба тариқи зайл ташкил карда мешаванд:

– дар муассисаҳои энергетикӣ – дар заминаи корхонаҳои интиқоли барқи ноҳия, инчунин, дар заминаи неругоҳҳои барқии ҳароратӣ ва обӣ;

– дар корхонаҳои нақлиёти роҳи оҳан ва ҳавоӣ – дар заминаи корхонаҳои саноатӣ, стансияҳои роҳи оҳан, депо ва фурудгоҳҳо;

– дар корхонаҳо ва ташкилотҳои алоқа – дар заминаи корхонаҳои саноатӣ нуқтаҳои телефонию телеграфӣ, радиостансияҳо ва стансияҳои телевизиок, нуқтаҳои алоқаи шаҳрй, ноҳиявӣ, мактабҳои олӣ, коллеҷҳо ва омӯзишгоҳҳои касбӣ – техникии алоқа.

Дар ташкилотҳои бинокорӣ, бинокорию васлгарӣ, ки дар тобеияти вазоратҳо, муассисаҳо ва ҳукуматҳои маҳаллӣ буда, ҳамчун замина барои сафарбарии неруҳои ҳудудии мудофиаи гражданин таиноти умумӣ ва неруҳои махсуси идоравӣ истифода намешаванд, намудҳои зерини гурӯҳҳои мудофиаи гражданинии таъиноти махсус ташкил карда мешавад:

– гурӯҳҳои иктишофи муҳандисӣ – дар заминаи раёсатҳои ташкилотҳои сохтмонӣ, муассисаҳои таълимии сохтмонӣ ва муассисаҳои лоиҳакашӣ;

– дастаҳои таъмир ва барқароркунии роҳҳо ва кӯпрукҳо – дар заминаи идораҳои сохтмонии роҳҳо ва кӯпруксозӣ, идораҳои истифодаи роҳҳо ва парки мошинҳо;

– гурӯҳҳо оид ба корҳои пармакунию таркишӣ– дар заминаи

идораҳои корҳои таркишӣ, аз он ҷумла дар дастаҳои геологӣ ва таҳқиқӣ.

Дар ассотсиатсияҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ неруҳои зерин ташкил карда мешаванд:

– дастаҳову гурӯҳҳои муттаҳид;
– дидбонгоҳҳои мушоҳидавии радиатсионию кимиёвӣ;
– дружинаҳои санитарӣ, дидбонгоҳҳои санитарӣ;
– дастаҳои (звеноҳои) оташнишонӣ (оташнишонии ҷангал);
– дастаҳои (гурӯҳҳои) ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ;
– дастаҳои ҳифзи чорвои хоҷагии қишлоқ;
– дастаҳои ҳифзи растаниҳои хоҷагии қишлоқ

Дар муассисаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ, дастгоҳҳои вазоратҳо, идораҳо, дар ташкилотҳои лоиҳакашӣ, илмӣ – тадқиқотӣ, муассисаҳои тиббӣ, корхонаҳо, бонкҳо ва ғайра, барои иҷрои вазифаҳои мудофиаи гражданӣ, дар ҳолати мавҷуд будани замина чунин нерҳҳо ташкил карда мешаванд:

– наҷотдиҳӣ (дастаҳо, гурӯҳҳо);
– иктишофӣ гурӯҳҳо дидбонгоҳҳои мушоҳидавии радиатсионию кимиёвӣ);
– алоқа (гурӯҳҳо, звеноҳо);
– тиббӣ (дружинаҳои санитарӣ, дидбонгоххои санитарӣ)
– оташнишонӣ (дастаҳо, звеноҳо);
– ҳифзй тартиботи ҷамъиятӣ (дастаҳо, гурӯҳҳо);
– звеноҳо оид ба хизматрасонии понохгоҳҳо ва гурезгоҳҳо;

Дар муассисаҳои манзилӣ– коммуналии шаҳру ноҳияҳо чунин гурӯҳҳо ташкил до да мешаванд:

– гурӯҳҳои садамавӣ – техникӣ (звеноҳо);
– звеноҳо оид ба хизматрасонии паноҳгоҳҳо ва гурезгоҳҳо;
– дидбонгоҳҳои назорати радиатсионй ва кимиёвӣ;
– дидбонгоҳҳои санитарӣ;
– гурӯҳҳо (звеноҳо) оид ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ.

Дар муассисаҳои таълимӣ барои иҷро намудани вазифаҳои мудофиаи гражданӣ неруҳои иншоотӣ, инчунин, (вобаста ба соҳаҳои муассисаи таълимӣ) неруҳои ҳудудӣ таъсис дода мешаванд:

– тиббӣ алоқа, ҳифзи растаниҳо, ҳайвонот ва ғайра.

Дар заминаи донишкадаҳои олӣ ва миёнаи махсус чунин неруҳо ташкил карда мешаванд:

а) дар донишкадаҳои олӣ ва миёнаи махсус:

– дастаҳо ва гурӯҳҳои наҷотдиҳӣ, ки аз ҳисоби донишҷӯён ва ҳайати доимӣ пурра карда мешаванд;

– гурӯҳҳои иктишофӣ, ки аз ҳисоби донишҷӯён ва ҳайати доимӣ пурра карда мешаванд,

– гурӯҳҳо ва звеноҳои алоқа, ки аз ҳисоби ҳайати маъмурию хоҷагидории донишгоҳ ва донишҷӯён пурра карда мешаванд;

– дастаҳои дружинаҳои санитарӣ, дружинаҳои санитарӣ ва дидбонгоҳҳои санитарӣ, ки аз ҳисоби донишҷӯён ва ҳайати доимӣ пурра карда мешаванд,

– дастаҳо ва звеноҳои садамавӣ – техникӣ оид ба хизматрасонии паноҳгоҳҳо ва гурезгоҳҳо, ки аз ҳисоби ҳайати маъмурию техникии донишгоҳ пурра карда мешаванд;

– даста ва гурӯҳҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, ки аз ҳисоби донишҷӯён ва аъзоёни ихтиёрии дружинаҳои халқӣ пурра карда мешаванд;

– дигар неруҳо, вобаста аз тахассуси муассисаи таълимӣ.

б) дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ:

– гурӯҳҳои наҷотдиҳӣ;

– дидбонгоҳҳои мушоҳидаи радиатсионӣ ва кимиёвӣ;

– дружинаҳои санитарӣ ва нуқтаҳои санитарӣ;

– гурӯҳи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ;

– звеноҳои паноҳгоҳҳо ва гурезгоҳҳо, ки аз ҳисоби хонандагони синфҳои болоӣ, ҳайати омӯзгорӣ ва хизматрасонӣ пурра карда мешаванд.

Ҳайати шахсии дружинаҳои санитарии мактабҳои миёнаи таҳсилоти ҳамагонӣ, чун қоида, ба ҳайси ҳайати хурди кормандони тиббӣ дар муассисаҳои табобатӣ истифода мешаванд. Ин дружинаҳо бо таҷҳизоти тиббӣ, таълимӣ, ҷиҳозонида намешаванд.

## VI. ИСТИФОДАИ НЕРУҲО ДАР ЗАМОНИ ОСОИШТА

Неруҳои мудофиаи гражданиро дар давраи осоишта барои мубориза бар зидди сӯхторҳои калон, бартараф намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда садамаю фалокатҳо истифода мебаранд.

Барои иҷрои ин вазифаҳо ҷалб карда мешаванд:

– ҳамаи неруҳои ҳудудии таъиноти умумӣ – дастаҳои муттаҳид, отрядҳои муттаҳидаи корҳои механизатсионӣ;

– неруҳои иншоотии таъиноти умумӣ – дастаҳои муттаҳида, гурӯҳҳо;

– неруҳои хадамоти мудофиаи гражданӣ, ҳудудӣ ва иншоотӣ – гурӯҳҳои иктишофӣ (ҳудудӣ), тиббӣ (отрядҳои ёрии аввалини тиббӣ, отрядҳои сайёри зиддӣ эпидемиологӣ, госпитали сайёри бемориҳои сирояткунанда ва дружинаҳои санитарии ба ҳайати отрядҳо, дастаҳо ва гурӯҳҳои садамавӣ – техникӣ (ҳудудӣ), отрядҳои муттаҳидаи (дастаҳо ва

гурӯҳҳо) ҳифзи радиатсионӣ шомилбуда.

Неруҳо барои иҷрои вазифаҳои замони осоишта, мувофиқи таъиноти худ истифода бурда мешаванд.

Микдори ин гурӯҳҳо ва ҳайати умумии онҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳукуматҳои вилоятӣ бо дарназардошти «Номгӯи неруҳои мудофиаи гражданй ва ҳисоби тахминии таъсиси онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда мешаванд. Ин неруҳо бояд дар ҳолати омодагии баланди доимӣ қарор дошта бошанд.

## VII. ПУРРАГАРДОНИИ НЕРУҲО БО ҲАЙАТИ ШАХСӢ

Ба неруҳои ғайриҳарбӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зайл дохил карда мешаванд: мардҳо аз синни 18 то 63 сола, занҳо аз синни аз 18 то 58 сола, ғайр аз шахсони уҳдадории ҳарбидошта, ки амрномаҳои сафарбарӣ доранд, маъюбони гурӯҳҳои I, II ё III занҳои ҳомиладор, занҳое, ки фарзандони то синни 8 сола доранд, инчунин занҳое, ки маълумоти миёна ва олии тиббӣ гирифта, фарзандони то синни 3 сола доранд.

Неруҳои мудофиаи гражданӣ, ки дар замони осоишта барои мубориза бар зидди сӯхторҳои ҷангал, бартараф намудани оқибатҳои ҳолатҳои роҳи ҷалби коргарон, хизматчиён ба ин гурӯҳҳо, бо тарзи ҳатмӣ ҷалб намудани онҳо, ба муддати то як моҳ пурра гардонида шуда, танҳо дар мавридҳои зарурӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳукуматҳои вилоятҳо ин муҳлат дароз карда мешавад.

Ҳамаи дастаҳои (гурӯҳҳои) муттаҳида, дастаи муттаҳидаи механиконидашуда ва дастаҳои (гурӯҳҳои) муттаҳидаи ҳифзи радиатсионию кимиёвӣ аз ҳисоби коргарон ва хизматчиёни сехҳои ёрирасон ва хизматрасонии истеҳсолот тавре пурра гардонида мешаванд, ки ба ҷараёни фаъолияти корхона зарар нарасонад. Неруҳои боқимонда бо дарназардошти фаъолияти корхонаҳо, ташкилотҳо (аз рӯи бастҳои истеҳсолӣ) бо ҳайати шахсӣ пурра гардонида мешаванд.

## VIII. ТАЪМИН НАМУДАНИ НЕРУҲО БО АМВОЛ ВА ТЕХНИКА

Таъмини неруҳои мудофиаи гражданӣ бо техникаи махсус ва амвол аз рӯи феҳрасте, ки Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муттамарказӣ амалӣ мешавад. Фондҳои техникаи махсус ва амволро бо дархости вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсим

менамояд.

Таъмини техника, амвол ва ҳамаи намудҳои воситаҳои моддӣ-техникии ба хоҷагии халқ тааллуқдошта аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳукуматҳои вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, вазоратҳо, идораҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва хоҷагиҳои деҳқонӣ амалӣ мегардад.

Ба амволи мудофиаи гражданӣ иншоотҳои муҳофизатӣ, воситаҳои огоҳкунии муттамарказонидашуда, озмоишгоҳҳо, анборҳои воситаҳои ҳифзи инфиродӣ, таҷҳизоти тадқиқотӣ, радиатсионию кимиёвӣ, назорати дозиметрӣ ва дигар воситаҳои моддию техникие, ки моликияти ҷумҳуриявӣ *ё* коммуналии мудофиаи гражданӣ мебошанд, инчунин аз хдсоби буҷетҳои дахлдор, маблағҳои вазорату идораҳо ва ташкилотҳо ташкил ё харидорӣ гардидаанд ва ба манфиати мудофиаи гражданӣ истифода мешаванд, дохил мешаванд.

Бо дигар мақсадҳо истифода бурдани амволи мудофиаи гражданӣ манъ аст.

Дар иншоотҳои радиатсионӣ, кимиёвии хатарнок ва тарканда додани амволи мудофиаи гражданӣ ҳамчун моликияти воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, моликияти коммуналӣ, инчунин, ба иҷора додани онҳо манъ аст.

Барои пурра таъмин кардании неруҳо техникаҳои коршоями автомобилӣ, сохтмонию роҳсозӣ ва дигар намудҳои техника, ки ба Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сафарбарӣ мансуб нестанд, истифода мешаванд.

Неруҳо бо дигар намуди воситаҳои моддӣ-техникие, ки аз рӯи штат ва феҳрастҳо пешбинӣ шудаанд, дар навбати аввал аз ҳисоби корхонаҳо, ташкилотҳое, ки барои таъмини фаъолияти истеҳсолиашон заруранд, таъмин карда мешаванд.

Дар вақти банақшагирӣ бо накдиёт, техника, амволи махсус ва воситаҳои моддӣ-техникӣ таъмин намудани ҳамаи неруҳо, бояд таъмини аввалиндараҷаи неруҳое, ки дар замони осоишта баҳри муборизаи зидди сӯхторҳои ҷангал, бартараф намудани оқибатҳои офатҳои таббӣ, садамаҳо ва ғайра равона карда мешаванд, ба инобат гирифта шавад. Харидории амвол барои таҷҳизонидани ин неруҳо аз ҳисоби воситаҳои он корхонаю ташкилотҳое, ки ин неруҳо дар заминаи онҳо қарор доранд, амалӣ мегардад.

– воситаҳои ҳифзи инфиродӣ (ниқобҳои зиддигазӣ, либосҳои муҳофизатӣ, мӯзаҳои резинӣ, дастпечлакҳо, филтрҳои ҷаббанда ва ғайра);

– дастгоҳҳои дозиметрӣ (вояченкунӣ), радиометрҳо, рентгенометрҳо, маҷмуи вояченкунакҳои фардӣ;

– воситаҳо ва асбобҳои иктишофи кимиёвӣ;

– воситаҳои алоқа ва огоҳкунӣ;

– воситаҳои фардии ҳифзи тиббӣ (лифофаи фардии зиддикимиёвӣ, антидотҳои пешгирикунанда, доруқуттиҳои фардӣ).

Дар ҳолати кам будани воситаҳои табелии ҳифзи инфиродӣ, аз воситаҳои муҳофизатии саноатӣ (респираторҳо ва ниқобҳои зиддигазии саноатӣ, либосҳои махсус ва дигар лавозимот), инчунин, воситаҳои оддитарини ҳимоя (бандинаҳои матоъгини зиддигардӣ, бандинаҳои докаю пахтагӣ) ва ғайра истифода бояд бурд .

Барои гузаронидани машғулиятҳо ва машқҳо лавозимоти дарсӣ ва дар ҳолати зарурӣ бошад, лавозимоти таъминоти ҷорӣ истифода бурда мешавад. Баъди тамом шудани машғулият ва машқҳо лавозимот ба тартиб дароварда (таъмир) шуда, дар анборҳо нигоҳ дошта мешавад.

Ҳайати шахсии неруҳои мудофиаи гражданӣ дар давраи истифодаи онҳо дар замони осоишта, барои мубориза бар зидди сӯхторҳои ҷангал, бартараф намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда, садамаҳо ва фалокатҳо бо хӯроки гарм , ҷои зист, либосҳои махсус ва нақлиёт барои рафтуомад, ройгон таъмин карда мешаванд.

Ба коргарон, хизматчиён ва дигар кормандон, ки ба ин гурӯҳҳо, сафарбар шудаанд, дар давраи иштирок дар мубориза бар зидди сӯхторҳои ҷангал, бартараф намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда, садамаҳо ва фалокатҳо дар ҷои корашон музди миёна пардохт карда шуда, ба коргароне, ки дар ду ҷой кор мекунанд, музди миёнаи онҳо нигоҳ дошта мешаванд. Ба коргарону хизматчиёне, ки дар вақти иҷрои ин корҳо зарари ҷисмонӣ дидаанд, инчунин, ба аҳли оилаҳое, ки парастори худро гум кардаанд, мувофиқи тартиби муайяншуда нафақа муайян карда мешавад.

Хароҷот вобаста ба пардохти маблаг барои иҷрои корҳо, сафарбар кардани техника ва накдиёт, таъмини ҳайати шахсӣ бо хӯроки бепул, либосҳои махсус ва воситаҳои накдиёт ба тариқи зайл анҷом дода мешавад:

– дар вақти хомӯш кардани сӯхторҳои ҷангал – аз ҳисоби воситаҳои корхонаҳо, ташкилотҳо, вазорату идораҳое, ки фонди ҷангал ба онҳо тааллуқ доранд;

– дар вақти бартараф сохтани садамаҳо ва фалокатҳо, аз ҳисоби корхонаю ташкилотҳое, ки ба садамаҳо, фалокатҳо гирифтор шудаанд;

– дар вақти бартараф сохтани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда;

– аз ҳисоби буҷаи ҷумҳуриявӣ.

## IX. ТАҲИЯИ ШТАТҲО, ТАБЕЛҲО ВА БАҲИСОБГИРИИ НЕРУҲО

Таҳияи штатҳо ва табелҳои неруҳо дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2007 № 335 «Дар бораи тартиби таъсис додани неруҳои мудофиаи гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ мегардад.

Штатҳо ва табелҳо бо тариқи зайл таҳия ва тасдиқ мегарданд:

– барои неруҳои ҳудудӣ, ба ғайр аз тиббй ва оташнишонӣ аз тарафи ситодҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо таҳия ва аз тарафи раисони вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо тасдиқ мегарданд;

– барои неруҳои иншоотӣ – аз тарафи ситодҳо оид ба мудофиаи гражданин иншоотҳои иқтисодӣ таҳия ва аз тарафи сардорон ва роҳбарони ин иншоотҳои иқтисодӣ тасдиқ мегарданд;

– барои неруҳои тиббӣ ва оташнишонӣ вазоратҳои тандурустӣ ва корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва аз тарафи вазирҳои тандурустӣ ва корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегарданд;

– барои неруҳои дастгоҳҳои вазоратҳо (идораҳо) аз тарафи роҳбарони дахлдори вазоратҳо тасдиқ мегарданд.

Штатҳо ва табелҳо то тасдиқ шудан бо тариқи зайл мувофиқа карда мешаванд:

– фавқулодда ва мудофиаи гражданин болоӣ;

– неруҳои иншоотй – бо ситодҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании шаҳрҳо ва ноҳияҳое, ки иншоотҳои иқтисодӣ дар ҳудуди онҳо ҷойгиршудаанд.

Сохтори ташкилии неруҳои мудофиаи гражданиро вобаста аз шароити маҳал, сохтори ташкилот, муассиса, хусусияти истеҳсолот, шакли фаъолият, шумораи коргарон, хизматчиён, хонандагон, мавҷудияти техника, накдиёт ва амволи ба неруҳо мансуб метавонанд шахсоне аниқ намоянд, ки ҳуқуқи тасдиқи штатҳоро доранд. Дар ин ҳол умуман шумораи умумии неруҳо набояд дигар карда шавад.

31. Баҳисобгирии неруҳо дар ҳамаи ситодҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ, вазорату идораҳо, инчунин дар иншоотҳои иқтисодӣ бо шаклҳои нишондодашуда ба роҳ монда мешавад.

## X. САНҶИШИ ТАЙЁРИИ НЕРУҲО

Дар корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳои таълимӣ, хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ ҳамчун замима ба нақшаҳои мудофиаи гражданӣ, ба ҳолати омодагӣ овардани неруҳо тайёр карда мешавад.

Дар ин нақшаҳо барои ҳар як намуди неруҳо бояд пешбинӣ карда шавад:

– тартиби огоҳкунӣ ва ҷамъшавии ҳайати шахсӣ ҳангоми бонги

хатар;

– тартиб ва мухлати ба ҳайати шахсӣ додани лавозимот аз рӯи феҳраст ва дигар воситаҳои моддӣ;

– мухлати омодагии неруҳо;

– масъалаҳои идоракунии неруҳо дар давраи ҷамъшавӣ, ба ҳолати омодагӣ овардани онҳо, ҳаракат ба маҳалҳои ҷамъшавӣ, минтақаҳои гузаронидани корҳои комендантӣ;

– тартиби таъмин намудани воситаҳои моддӣ- техникӣ ва ғайра.

Чорабиниҳое, ки аз рӯи нақша пешбинӣ шудаанд, ба таваҷҷӯҳи ҳамаи иҷрокунандагон расонида мешаванд.

Тайёрии неруҳо дар машғулиятҳои санҷишӣ ва машқҳои мудофиаи гражданӣ инчунин дар вақти мубориза бар зидди сӯхторҳои ҷангал, бартараф сохтани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда, садамаҳо ва фалокатҳо санҷида мешавад.

Дар рафти иҷрои чорабиниҳои нишондодашуда муайян карда мешавад:

– ҳаққонӣ будани ҳисоби ташкил кардани неруҳо;

– омода будани неруҳо ва иҷрои вазифаҳои мудофиаи гражданӣ;

– мувофиқати сохтори ташкилии неруҳо ба хусусият ва ҳаҷми вазифаҳои иҷрошаванда ва фаъолияти истеҳсолии иншоотҳо;

– таъмини неруҳо бо воситаҳои ҳифзи инфиродӣ, техника, лавозимот ва либоси махсус, тартиби нигоҳдорӣ ва истифодабарии онҳо;

– мухлати ҷамъшавии неруҳо барои рафтан ба минтақаҳои ҷойгиронӣ ва маҳалли гузаронидани корҳои наҷотдиҳӣ ва таъхирнопазир;

Сардорони мудофиаи гражданин ҳамаи зинаҳо мувофиқи нақшаҳои машқҳоро оид ба ҷамъшавӣ ва омодагии неруҳо дар мухлатҳои

наҷотдиҳи, инчунин, ташкил кардани хизмати солона муайяншуда мегузаронанд.

Санҷиши омодагии неруҳо (ҳудудӣ ва иншоотӣ) дойр ба иҷрои вазифаҳои мудофиаи гражданӣ дар мувофиқа бо мақомоти дахлдор ба таври зайл гузаронида мешавад:

– аз тарафи намояндагони Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданин назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо амрномаи Раиси Кумита;

– шахсан аз тарафи сардорони мудофиаи гражданин вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, аз тарафи шахсони дигар бо супориши онҳо – дар ҳудуди вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва иншоотҳои иқтисодӣ;

– аз тарафи роҳбарони вазоратҳо, идораҳо ва хадамотҳои мудофиаи

гражданӣ, инчунин шахсони дигар бо супориши онҳо – дар иншоотҳои тобеи муассисаҳою ташкилотҳо.

Иҷозати шахсони алоҳидаи ба неруҳо дахлдошта барои санҷиши омодагии неруҳо дар иншоотҳои иқтисодие, ки маҳдудияти махсус доранд, мувофиқи низомномаи махсус амалӣ мешавад.

# НИЗОМНОМАИ
# МАРКАЗИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Маркази омӯзиши забонҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Низомнома) дар асоси санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии амалкунанда, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2. Маркази омӯзиши забонҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Марказ), барои омӯзонидани забони давлатӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ таъсис дода шуда, ҳамзамон шаҳрвандони Тоҷикистон, ки забони давлатӣ (забони тоҷикӣ)-ро омӯхтан мехоҳанд, чун курси тайёрӣ барои омӯзиши забони тоҷикӣ ва дигар забонҳо, аз ҷумла забонҳои русӣ, англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, арабӣ, форсӣ дар асоси қарордоди тарафайн амал менамояд. Марказ метавонад дар асоси шартнома бо корхона ва ташкилотҳои гуногун ҷиҳати бо забони давлатӣ ба роҳ мондани забономӯзӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ кӯмак намояд. Дар баробари ин Марказ имконият дорад, ки ба унвонҷӯён, докторантони Ph.D ва докторантони анъанавии хориҷӣ хатти сирилик (кирилӣ) омӯзонад.

3. Марказ фаъолияти худро дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ба роҳ мемонад.

4. Марказ дар самти забономӯзӣ, бо сафорату созмонҳои байналмилалие, ки дар Тоҷикистон фаъолият доранд, зери ризигӣ ва роҳбарии раёсати Донишгоҳ ҳамкорӣ менамояд.

## II. ҲАДАФ, ВАЗИФАҲОИ АСОСӢ ВА САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

5. Ҳадафи асосии Марказ мусоидат намудан ва шароит фароҳам овардан барои забономӯзии шаҳрвандони хориҷие, ки дар Тоҷикистон кору фаъолият доранд, дар асоси шартнома мебошад. Ҳамчунин ба

хоҳишмандон забони давлатӣ (тоҷикӣ), забонҳои русӣ, англисӣ, арабӣ, форсӣ, олмонӣ таълим дода мешавад.

6. Марказ такмили забони тоҷикӣ барои мутахассисони коргузор ва масъулони давлатию идорӣ, таҳрир ва тарҷумаи маводи чопӣ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, арабӣ ба роҳ монда мешавад. Гурӯҳҳои омӯзиши хатти арабиасоси тоҷикӣ ва хатти сирилик низ барои довталабон омода мегардад.

5. Дар Марказ забономӯзӣ, такмили забон, омӯзиши хатти арабиасос, хатти сирилик ба тариқи шартнома сурат мегирад; шакли маблағгузорӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ аз рӯйи қурби асъори хориҷӣ ва барои шаҳрвандони дохили кишвар бо асъори миллӣ сурат мегирад.

6. Дар Марказ омӯзгороне фаъолият карда метавонанд, ки на камтар аз як забони хориҷиро медонанд ва дониши мукаммали назариявию амалии таълими забонҳо, усулҳои тарҷума ва мардумшиносиро дошта бошанд.

7. Вазифаҳои асосии Марказ:

– муҳайё намудани макон ва васоити таълим барои забономӯзон;

– ба раванди забономӯзӣ ҷалб намудани мутахассисони варзидаи соҳаи забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, арабӣ, форсӣ, олмонӣ;

– омода намудани шартномаву қарордоди забономӯзӣ барои хориҷиёне, ки ба Тоҷикистон барои таҳсил ва кор меоянд;

– омода намудани барномаи кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат барои омӯзиши забонҳо;

– таҳия ва нашри барнома, дастури таълимӣ ва китоби дарсӣ;

– мусоидат намудан ба забономӯзии кормандони давлатие, ки бо забони коргузории давлатӣ машғуланд;

– муҳайё ва ба нашр омода намудани лоиҳаи санадҳои давлатӣ ба забони коргузории тоҷикӣ;

– ба нашр омода намудани намунаи ҳуҷҷатҳои корӣ ба забони давлатӣ;

– ба нашр омода намудани луғатҳои мухтасари дузабона ва сезабона;

– додани намунаи ҳуҷҷати фарогири забономӯзӣ, яъне сертификат (варақаи касби тахассус) ба азбаркардагони курси омӯзиши забонҳо, хат ва имлои матни классикӣ ва такмили забон;

– тарҷумаи китобҳои дарсӣ, адабиёти илмӣ, дастури таълимӣ-методӣ, матни лоиҳаи қарордодҳо, ҳуҷҷатҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ ва коргузорӣ.

## III. САМТИ ФАЪОЛИЯТ

8. Марказ воҳиди сохтории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор рафта, шахси ҳуқуқӣ нест ва дар фаъолияти худ ба муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ тобеъ мебошад.

9. Самтҳои асосии фаъолияти Марказ Шурои олимон Донишгоҳ муайян менамояд.

### IV. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ МАРКАЗ

10. Марказ ҳуқуқ дорад:

– таҳия ва барои тасдиқ ба Шурои илмию методии донишгоҳ пешниҳод намудани нақшаҳои корӣ ва барномаи таълимии кӯтоҳмуддат (то 3 моҳ) ва дарозмуддат (аз 1 то 3 сол);

– таҳия ва бо тавсияи Шурои илмию методии донишгоҳ ба интишор расонидани адабиёти марбут ба соҳаи забономӯзӣ, мардумшиносӣ ва тарҷума;

– муайян намудани самти фаъолият ва таъсиси курсҳои нав барои забономӯзӣ;

– бо ризоияти раёсати Донишгоҳ таҳияи лоиҳаи матни қарордоду шартномаҳо бо шаҳрвандони хориҷӣ ва ватанӣ, инчунин, бо муассисаҳои дигар доир ба ҳуҷҷатгузорӣ, забономӯзӣ ва тарҷума;

– бо ризоияти раёсати Донишгоҳ ва тибқи қарори Шурои олимон муқаррар намудани миқдори маблағ ва меъёри тақсими он;

– додани намунаи тасдиқшудаи сертификат ва ё ҳуҷҷат (бо имзои ректор ва муҳри Донишгоҳ) ба хатмкунандагони курсҳо;

– бо ҳар як омӯзгори ҷалбшаванда қарордод дар хусуси хизматрасониро ба тасвиб расонад;

## IV. ҚАБУЛИ ДОВТАЛАБОН БА МОЗ

11. Хоҳишмандон ва довталабон ба курсҳои Марказ дар асоси ариза, шартнома ва расиди пардохти маблағи таҳсил бо фармоиши ректор қабул карда мешаванд.

12. Вазъи ҳуқуқии довталабон:

– ҳуқуқ доранд аз шароитҳои забономӯзӣ пурра истифода намоянд;

– ҳуқуқ доранд бо барнома, нақшаи таълимӣ ва усулҳои дарсгузарӣ шинос шаванд;

– ҳуқуқ доранд дар рафти дарсҳо бевосита иштирок намоянд;

– маблағи таҳсилро дар асоси қарордоди тарафайн саривақт пардохт намоянд;

– расиди маблағи пардохтшударо бо қайди муҳосибот ба мудирияти Марказ пешниҳод намоянд;

– доир ба қатъ ва идома додани таҳсил пешакӣ иттилоот диҳанд;

## V. СОХТОР ВА МАҚОМОТИ МОЗ

13. Марказ воҳиди сохтории донишгоҳ ба ҳисоб рафта, дар он 2 корманд дар асоси воҳиди штати корӣ фаъолияти меҳнатӣ менамояд:

– мудир;

– коргузор.

14. Мудири Марказ дорои салоҳияти зерин мебошад:

– фаъолияти Марказро ташкил ва онро идора мекунад;

– фаъолияти Марказ ва самти онро дар назди гурӯҳҳои мақсаднок муаррифӣ менкамояд;

– оид ба ҷалби довталабон ба воситаҳои дастрас (ВАО, интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғ.) ташвиқу тарғибот менамояд;

– мавҷудият ва воситаҳои таълими курсро ба ихтиёри худ мегирад, матни лоиҳаи шартномаро барои имзои ректори Донишгоҳ дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ таҳия менамояд;

– ҷадвали машғулиятҳои дарсии Марказро таҳия ва дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ барои тасдиқ ба Раёсати таълими донишгоҳ пешниҳод менамояд;

– ба хатмкунандагони Марказ санади тасдиқкунандаи хатм медиҳад (сертификат бо тасдиқи ректор);

– дар заминаи лоиҳаҳо ташкил ва пешбурди курсҳои ройгони забономӯзӣ;

– барои тавсиаи ва рушди фаъолияти Марказ ба ректори Донишгоҳ пешниҳод манзур менамояд;

– роҳбарияти Марказ тибқи сохтори тасдиқшуда ба муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ масъул аст;

– пешниҳод оид ба пардохти маоши устодон дар якҷоягӣ бо муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ манзур менамояд;

– ҳамасола доир ба фаъолияти Марказ ба Шурои олимон ҳисобот медиҳад;

## VI. МАБЛАҒ ВА ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ

15. Ҳаҷми маблағи курсҳои таълимии Марказ аз ҷониби Шурои олимони Донишгоҳ муқаррар карда мешавад. Маблағҳои Марказ ба суратҳисоби махсуси Донишгоҳ пардохт карда мешавад.

16. Тақсим намудани маблағҳое, ки барои хизматрасониҳои Марказ ворид мегарданд, бо пешниҳоди ректор тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳ сурат мегирад.

## VII. ТАРТИБИ ҚАБУЛ, ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМА ВА ҚАТЪ ГАШТАНИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

17. Низомномаи Марказ бо қарори Шурои олимони донишгоҳ қабул карда шуда, бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ тағйироту иловаҳо ворид карда мешаванд.

# НИЗОМНОМАИ
# ИНСТИТУТИ ИЛМИЮ ТАҲҚИҚОТИИ ДМТ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2004 таҳти рақами №409 таъсис дода шуда, мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009 таҳти рақами №591 «Дар бораи мақоми Институти илмию таҳқиқотии илмҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон» ба «Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» тағйири ном кардааст.

Оинномаи Институти илмию таҳқиқотӣ (минбаъд – ИИТ) дар асоси қарори Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз «27» майи соли 2022, №11 қабул карда шудааст.

Муассиси ИИТ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Муассис) мебошад.

Институт муассисаи илмӣ буда, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ дорои баланси мустақил, суратҳисоби ягонаи ҷорӣ бо асъори миллӣ ва хориҷӣ дар Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳр бо Нишони давлатӣ, сабти номи худ бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ, бланка ва штампҳо буда, коргузории худро тибқи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузориҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад.

Институт метавонад дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон суратҳисоби худро бо асъори миллӣ ва хориҷӣ дар бонкҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ кушояд.

Фаъолияти Институт асосан аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, маблағҳои мавзуъҳои илмӣ, бурсияҳо (грантҳо), маблағҳои махсуси Муассис ва дигар манбаъҳои маблағгузорие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ карда мешавад.

Институт фаъолияти худро мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармону Амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи ДМТ, қоидаҳои тартиботи дохилии ДМТ, фармоишҳои Муассис, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Оинномаи мазкур амалӣ менамояд.

Пояи моддию техникии Институт барои иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷониби донишҷӯён, магистрантон, унвонҷӯён, докторани фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисос, докторони илм, докторани

ҳабилитат ва устодони Муассис дар мувофиқа бо директори Институт истифода бурда мешавад.

Самтҳои асосии фаъолияти Институт дар асоси қарори Шурои олимони Институт дар мувофиқа бо Муассис тасдиқ карда мешавад.

Номи расмии Институт бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чунин мебошад:

– бо забони тоҷикӣ – «Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон»;

– бо забони русӣ – «Научно-исследовательский Институт Таджикского национального университета»;

– бо забони англисӣ – «Scientific research Institute Tajik national university».

Суроғаи ҳуқуқии Институт: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (992 – 37) 227 – 88 – 95; факс: (992 – 37) 221 – 48 – 84; почтаи электронӣ: nii@ mail.tj .

Низомномаи мазкур дар асоси қарори Шурои олимони Институт дар мувофиқа бо Муассис тағйир дода мешавад.

## II. МАҚСАД, ҲУҚУҚ, ВАЗИФА, СОХТОР ВА ОБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ ИНСТИТУТ

Мақсади асосии фаъолияти ИИТ ташкил ва гузаронидани таҳқиқоти бунёдӣ, амалӣ, омода кардани кадрҳои илмию педагогии тахассуси олӣ (номзади илм, доктори илм, доктор Ph.D, доктор ҳабилитат), дар истеҳсолот ва ҷараёнҳои таълиму илм ҷорӣ кардани дастовардҳои илмӣ, ба корҳои илмӣ ҷалб намудани донишҷӯён, магистрантон, унвонҷӯён, доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисос, докторони илм, докторони ҳабилитат ва устодони Муассис мебошад.

Вазифаҳои асосии Институт аз инҳо иборат мебошанд:

– ҷалби неруи илмии устодон, ходимони илмӣ ва дигар ҳайати кормандони Институт ва Муассис барои ҳалли масъалаҳои муҳими соҳаҳои гуногуни илмҳои табиатшиносӣ, фарматсевтӣ, дақиқ ва риёзӣ, илмҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва иқтисоди суръатбахшии инкишофи прогресси илмию техникӣ ва ба ин мақсад сафарбар намудани заминаи моддию техникӣ, маблағҳои воридшуда, имкониятҳои иттилоотӣ ва ғайра;

– ташкил ва равона намудани имкониятҳои мавҷуда барои ҳалли масоили бунёдӣ, амалӣ, ҷустуҷӯӣ, таҷрибавӣ, эҷодкорӣ, технологияҳои пешқадам ва равандҳои муҳими илмӣ;

– мустаҳкам намудани алоқаи илм бо раванди таълим ва бо ин роҳ ҷалб намудани ҳайати устодон, донишҷӯён, магистрантон, унвонҷӯён, доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисос, докторони илм, докторони ҳабилитат ба корҳои илмию таҳқиқотӣ;

– ташкил намудани татбиқи натиҷаҳои илмии иҷрошуда дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, аз ҷумла дар ҷараёни таълим ва илм;

– гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ дар алоқамандии зич бо муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ ва берун аз марзи он, институтҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, донишкадаҳои соҳавӣ, муассисаҳои комплекси агросаноатӣ ва ғ., бо роҳи ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ, бастани шартномаҳо, даъвати олимони хориҷӣ (такмили ихтисос ва курсомӯзии базаи модию техникии лабораторияҳо), ташкили намоишгоҳҳои муштарак, семинарҳо, конфронсҳо, инчунин, нашри натиҷаҳои корҳои илмӣ ва ғ.;

– банақшагирии мукаммал, ташкил ва роҳбарии фаъолияти корҳои илмию таҳқиқотии Институт;

– инкишоф додани ҳамкорӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавҷуда, бо муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва корхонаҳои хусусӣ;

– ташкил намудани хизматрасонии дохилии Институт аз ҳисоби шартномаҳои хоҷагӣ ва грантҳо;

– ташкили корҳои патентӣ, литсензионӣ, ихтироотӣ ва навоварӣ дар Институт;

– таъмин намудани заминаи моддию техникии бахшҳои илмӣ-таҳқиқотии Институт ва ҳиссагузорӣ дар ҳалли барномаҳои иқтисодӣ – иҷтимоӣ;

– таъмин намудани қурби натиҷаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муайян намудани дараҷаи ихтироот бо гузаронидани экспертизаи пешакии мақолаҳои илмӣ, фишурдаи мақолаҳо, маърӯзаҳо, патенту нахустпатентҳо, монографияҳо, барномаҳо, лоиҳаҳои илмӣ ва пардохти ҳаққи қалам аз ҳисоби маблағҳои моддаи хароҷотии 22.16. – Хизматрасонии мутахассисон ва маблағҳои махсуси Институт;

– сари вақт бақайдгирии давлатии ҳамаи кашфиётҳои корҳои илмию таҳқиқотӣ;

– таблиғи дастовардҳои олимони Институт дар шакли намоишгоҳҳо, интишори мақолаҳо дар саҳифаҳои фейсбук, сомонаҳои Муассис ва ғайраҳо.

Сохтори Институт аз рӯйи самтҳои асосии фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва вазифаҳои Институт муайян ва такмил дода шуда, бо пешниҳоди директор аз ҷониби Муассис тасдиқ мегардад.

Воҳидҳои сохтории Институтро маъмурият, шуъбаҳои илмию таҳқиқотӣ, озмоишгоҳҳо, ҳайати кормандони техникӣ, хизматрасонӣ ва иҷрокунандагони лоиҳаҳои илмӣ – таҳкикотӣ ташкил медиҳанд. Онҳо таҳқиқоти бунёдӣ ва амалиро анҷом медиҳанд, тарзу усули таҳқиқоти илмиро таҳия намуда, онро такмил медиҳанд, идомаёбӣ ва ташаккули соҳаҳои дахлдорро таъмин намуда, кадрҳои тахассуси олиро омода менамоянд.

Барои пешбурди фаъолияти лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар доираи як мавзуи илмӣ ба ҳайсси роҳбар танҳо як нафар ва иҷрокунандагон низ аз рӯйи як  мавзуи илмӣ таҳқиқот анҷом дода метавонанд.  Як нафар  ба ҳайсси ду роҳбари мавзуи илмӣ таҳқиқотӣ ва иҷрокунандагон низ дар ду лоиҳаи илмӣ ба таҳқиқоти илмӣ машғул шуда наметавонад.

Барои таъмини фаъолияти илмии Институт воҳидҳои илмии ёридиҳанда ва истеҳсолӣ ташкил карда мешаванд. Ҳангоми ба миён омадани зарурати ташкили воҳидҳои доимӣ дар вилоятҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ Институт метавонад бо иҷозати Муассис воҳидҳои доимии заруриро ташкил намояд.

Институт метавонад мувофиқи тартиби кооператсияи илмӣ бо ҳамроҳии дигар муассисоти илмию таҳқиқотӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва корхонаҳои саноатӣ ҳайатҳои кории муваққатӣ, озмоишгоҳҳои байнисоҳавӣ таъсис диҳад. Фаъолияти ҳайати кории муваққатӣ ва озмоишгоҳҳои байнисоҳавӣ дар пояи Институт ва ё ташкилоти фармоишгар, дар асоси шартномаи мавсимии меҳнатӣ, тибқи қонунгузории амалкунанда, сурат мегирад.

Институт сохтори худро дар мувофиқа бо Муассис муайян ва тасдиқ менамояд.

Дар сохтори Институт созмон додани ҳизбҳо ва дигар ташкилоти сиёсӣ манъ аст.

Институт барои ноил гаштан ба мақсадҳои худ тибқи муқарраароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷиикистон ҳуқуқ дорад:

– дар самти татбиқи таҳқиқотӣ – илмӣ фаъолият намояд;

– дар самти ташкили меҳнат, банақшагирӣ ва интизоми молиявӣ, ҳисоби бухгалтерӣ (муҳосибот) корҳоро анҷом диҳад;

– дар соҳаи таъмин бо маводу таҷҳизот чораҳо андешад;

– дар самти хизматрасонии таҳқиқоти илмӣ ва татбиқи дастовардҳои  илмӣ корҳоро бо муассисаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ дар асоси шартномаи дутарафа анҷом диҳад;

– дар самти ҷобаҷогузорӣ ва омода намудани кадрҳо корҳо анҷом диҳад.

## III. СОХТОРИ ИНСТИТУТ

Сохтори Институт дар асоси қарори Шурои олимони Институт аз ҷониби директори Институт дар мувофиқа бо Массис муайян карда мешавад. Ба воҳиди ҳайати доимии Институт дохил мешаванд: директори Институт, муовини ӯ, шурои олимон, котиби илмӣ, мудири шуъбаи илмҳои табиатшиносӣ, фармасевтӣ, дақиқ ва риезӣ, сардори бахши илмҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва риёзӣ, мудири шуъбаи банақшагирӣ ва муҳосибот, сардори бахши ҳуқуқ ва кадрҳо, озмоишгоҳи таҳлил ва ташхиси мавод ва озмоишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ. Вазифаҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кормандони Институт дар ҳамин Низомнома ва дастурҳои вазифавии онҳо, ки аз ҷониби директори Институт тасдиқ карда мешаванд, муайян гардидаанд.

Дар сохтори Институт воҳидҳои кории зерин мавҷуданд:

1. Директори Институт
2. Муовини директори Институт 1 в.к.
3. Котиби илмӣ 1 в.к.
4. Шуъбаи банақшагирӣ ва муҳосибот 4 в.к.
5. Бахши ҳуқуқ ва кадрҳо 2 в.к.
6. Бахши илмҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ 3 в.к.
7. Шуъбаи илмҳои табиатшиносӣ, фармасевтӣ, дақиқ ва риезӣ 4 в.к.
8. Озмоишгоҳи таҳлил ва ташхиси мавод 5 в.к.
9. Озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии «Химияи глитсерин» ба номи узви вобастаи АМИТ профессор Кимсанов Б.Х. 8 в.к.
10. Озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии «Тавлиф ва озмоиши пайвастаҳои кординатсионӣ» ба номи узви вобастаи АМИТ профессор Аминҷонов А.О . 7 в.к.
11. Озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии «Физикаи муҳитҳои конденсӣ» ба номи профессор Нарзуллоев Б.Н. 7 в.к.
12. Озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии «Химия ва технологияи растаниҳои доругӣ» 8 в.к.
14. Ҳайати техникӣ ва хизматрасонӣ 12 в.к.

## IV. ИДОРАКУНИИ ИНСТИТУТ ВА НАЗОРАТИ ФАЪОЛИЯТИ ОН

Институт мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, Қоидаҳои

тартиботи дохилии меҳнатии Муассис, шартномаҳои коллективӣ ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқӣ идора карда мешавад.

Мақомоти идоракунандаи Институт инҳоянд:

– Шурои олимон;

– Директор.

## V. ШУРОИ ОЛИМОН

Шурои олимони Институт дар ҳайати директор (раис), муовини директор, котиби илмӣ (котиби Шуро), мудирони шуъбаҳо, роҳбарони бахшҳо, мудирони озмоишгоҳҳо, роҳбарони гурӯҳҳои илмӣ, олимони пешқадам, ҳамчунин, раиси бюрои иттифоқи касаба, мудири шуъбаи банақшагирӣ ва муҳосибот, сардори бахши ҳуқуқ ва кадрҳо ва раиси Шурои олимони ҷавони Институт ташкил карда мешавад. Раиси Шурои олимони Институт метавонад дар мавридҳои зарурӣ, вобаста ба зарурати истеҳсолӣ, ба ҳайат ва миқдори аъзои Шурои олимон тағйирот ворид намояд.

Ташкили бевоситаи фаъолияти Шурои олимони Институт ба зиммаи котиби илмии он гузошта мешавад.

Фаъолияти Шурои олимони Институт дар асоси талаботи Низомномаи Шурои олимони ДМТ амалӣ карда мешавад.

Шакли асосии фаъолияти Шурои олимон ҷаласаи он дониста мешавад. Ҷаласаи Шурои олимон ҳамон вақт салоҳият пайдо мекунад, ки агар дар кори он на камтар аз 2/3 ҳиссаи шумораи умумии аъзои он ҳузур дошта бошанд.

Қарори ҷаласаи Шурои олимон ҳамон вақт ҳуқуқи амалӣ шуданро пайдо мекунад, ки аз нисф зиёди аъзои Шурои олимони дар ҷаласа ҳузурдошта ба тарафдории он овоз дода бошанд.

Шурои олимони ИИТ моҳе як маротиба, охири ҳафтаи сеюм ва рӯзи сешанбе гузаронида мешавад.

Ваколатҳои Шурои олимон:

– доир ба ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба Оинномаи Институт таклифҳо ва пешниҳодҳо менамояд;

– самтҳои асосии фаъолияти илмии Институтро муҳокима намуда, лоиҳаи нақшаҳои иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ ва озмоишиву конструкторӣ, тайёр кардани кадрҳои илмӣ, дар амал ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, машварат ва конфронсҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳад;

– ҳисоботро дар бораи муҳимтарин натиҷаҳои корҳои илмӣ ва илмиву ташкилии фаъолияти Институт баррасӣ мекунад;

– масъалаҳои марбут ба тағйири сохтори Институтро муҳокима менамояд;

– муҳимтарин васоили илмӣ, маърузаҳои илмиро муҳокима карда, натиҷаи корҳои нисбатан муҳимми илмии Институтро мавриди арзёбӣ қарор медиҳад;

– нақшаҳои коркардшуда ва интишори асарҳои илмии дар Институт тайёршударо баррасӣ намуда, ба чоп тавсия мекунад;

– масъалаҳои ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории эҷодиро бо муассисаҳои дигари илмӣ муҳокима менамояд;

– ҳисоботи мудирони воҳидҳои илмию таҳқиқотӣ, роҳбарони гурӯҳҳои таҳқиқотӣ ва кормандони илмии алоҳидаро шунида, мавриди арзёбӣ қарор медиҳад;

– масъалаҳои самаранокии ҳамкориҳои илмии байналмилалии Институт, рафти иҷрои таҳқиқотӣ дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмии хориҷӣ гузарондашавандаро мавриди муҳокима қарор медиҳад, инчунин, ҳисоботи кормандони Институтро дар хусуси сафарҳои хизматӣ ва илмӣ мешунавад;

– асарҳои барҷастаи илмӣ, кашфиётҳои илмӣ ва ихтироъҳоро барои гирифтани ҷоизаҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод мекунад;

– олимони Институтро барои дарёфти унвонҳои фахрӣ пешбарӣ мекунад;

– номзадҳоро ба узви вобаста ва узви пайвастаи Акдемияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои илмии соҳавӣ пешбарӣ менамояд;

– қарорҳои Шурои олимон бо овоздиҳии ошкоро қабул карда мешаванд, агар Шурои олимон дар бораи баргузории овоздиҳии пинҳонӣ тасмим нагирифта бошад;

– дар масъалаҳои озмун барои ишғол кардани вазифаҳои холӣ қарорҳо тибқи Оинномаи мазкур қабул карда мешаванд;

Қарорҳои Шурои олимон баъди аз тарафи Раиси Шурои олимони Институт тасдиқ карда шуданашон эътибори ҳуқуқи пайдо мекунанд.

## VI. ДИРЕКТОРИ ИНСТИТУТ

Директори Институт бо пешниҳоди муовини ректор оид ба илм аз ҷониби ректори Муассис (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

Директор барои ҳалли проблемаҳои фаврӣ метавонад раёсати Институтро ташкил намояд.

Шакли асосии фаъолияти раёсати Институт гузаронидани ҷаласаҳо ба шумор меравад. Ҷаласаҳои раёсат тибқи нақшаи кории раёсат ва вобаста ба зарурати корӣ аз тарафи директори Институт даъват карда мешавад.

Вазифа ва ваколатҳои директори Институт:

– роҳбариро аз болои фаъолияти Институт амалӣ намуда, қарорҳои Шурои олимони Муассис ва Институтро дар амал татбиқ карда, риояи қонунҳо ва интизоми меҳнатро дар Институт таъмин менамояд;

– моликият ва маблағҳои пулии Институтро ихтиёрдорӣ мекунад;

– ба кори таҳияи лоиҳаи Нақшаи корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ – конструкторӣ, Нақшаи омода намудани кадрҳои илмӣ, Нақшаи маблағгузорӣ (лоиҳаҳои илмӣ) ва таъминоти моддию техникӣ, Нақшаи нашри асарҳои илмӣ ва дигар нақшаҳои Институт роҳбарӣ менамояд, лоиҳаи нақшаҳоро барои тасдиқ намудан тибқи тартиби муқаррааргардида пешниҳод менамояд;

– ҷадвали вазифавӣ ва протоколҳои ҷаласаҳои Шурои олимон ва раёсати Институтро имзо менамояд;

– назоратро аз болои иҷрои Нақшаи корҳои илмию таҳқиқотӣ ва дигар нақшаю супоришҳо таъмин мекунад;

– ҳамоҳангсозии фаъолияти илмии Институтро бо дигар муассисаҳо (ватанӣ ва хориҷӣ) ташкил менамояд;

– пурра кардани воҳидҳои кории Институтро аз ҳисоби кормандони соҳибтаҷриба ва ҷавон таъмин менамояд, ташаббуси эҷодии кормандони илмиро дастгирӣ менамояд, барои ҳавасмандгардонии маънавӣ ва моддии фаъолияти илмӣ чораҳо меандешад, заминаҳои омода намудани кадрҳои илмиро ташкил мекунад, ба ашхосе, ки барои баланд бардоштани савияи донишу ихтисоси худ машғул мешаванд, ҳаматарафа кумак менамояд;

– дар асоси тартиби муқарраршуда ҳисоботро роҷеъ ба натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию ташкилии Институт ва натиҷаҳои татбиқи амалии таҳқиқоти анҷомёфта ва дигар ҳисоботи муқарраршударо ба Муассис пешниҳод мекунад;

– ба фаъолияти Шурои олимони Институт роҳбарӣ менамояд;

– ба корҳо роҷеъ ба равобити байналмилалии илмии Институт роҳбарӣ карда, тибқи тартиби муқарраршуда аз номи Институт робитаҳоро бо муассисаҳои илмии ватанию хориҷӣ ба роҳ мемонад;

– дар назди Шурои олимони Институт ва Муассис доир ба паҳлуҳои гуногуни фаъолияти Институт ҳисобот медиҳад.

– дар асоси қонунгузории амалкунандаи ҶТ кормандони Институтро ба кор қабул менамояд, аз як вазифа ба дигар вазифа мегузаронад,

шартномаи меҳнатиро бо корманд анҷом медиҳад ва қатъ менамояд, инчунин, кормандони Институтро барои кор ба коллективҳои муваққатии илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар сафарбар менамояд;

– барои ишғоли ҷойҳои холии вазифаҳои мудирони шуъбаҳо, озмоишгоҳҳо, бахшҳо ва кормандони илмӣ, мутобиқ ба хусусияти Институт, озмунҳо (конкурс) ё суҳбат мегузаронад, қарори Шурои олимонро роҷеъ ба натиҷаи озмунҳо тасдиқ намуда ва доир ба натиҷаи кори комиссияи аттестатсионӣ қарор қабул менамояд;

– натиҷаи озмунро доир ба қабул ба доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ва аттестасияи онҳо ҷамъбаст намуда, оид ба гузаронидани доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисос аз як шакли таҳсил ба шакли дигаро тибқи тартиби муқарраргардидаи нақшаи қабул ба доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисос аз рӯйи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо қабул ба докторантура сурат мегирад, ба Муассис пешниҳод менамояд;

– интихоби фардии мутахассисони ҷавонро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус ба амал мебарорад, гузаронидани касбомӯзии мутахасисони ҷавонро, ки муассисаҳои таҳсилоти олиро хатм намудаанд, ташкил менамояд, дар бораи гузаронидани таҷрибаи истеҳсолии донишомӯзон ва шогирдон бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус шартномаҳо мебандад;

– тибқи қонунгузории ҶТ кормандони Институтро барои сифати баланди таҳқиқоти илмӣ, иҷрои намунавии вазифаҳои меҳнатӣ, навоварӣ дар кор, барои ихтироот ва пешниҳодҳои ратсионализаторӣ (такмилотӣ) ва дигар муваффақиятҳо дар кору фаъолият барои ҳавасмандгардонӣ ва мукофот, ба Муассис пешниҳодҳо менамояд;

– тибқи тартиби муқарраршуда нисбати кормандони Институт муҷозоти интизомиро таъин мекунад;

– нақшаи корҳои илмию таҳқиқотии Институтро, инчунин, нақшаҳои илмию таҳқиқотии воҳидҳо ва гурӯҳҳои таҳқиқотиро тасдиқ менамояд;

– институтро дар назди мақомоти роҳбарикунандаи Муассис, дар мақомоти давлатӣ, инчунин, дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ намояндагӣ менамояд;

– аз номи Институт дар мақомоти судӣ, арбитражӣ, бонкӣ ва ғайра намояндагӣ ва баромад мекунад ва ба ашхоси ҷудогона барои бурдани корҳои маъмурӣ, молиявӣ, хоҷагӣ, судиву арбитражӣ супоришҳо медиҳад;

– тибқи қонунгузории ҶТ дар ҳудуди маблағи умумии хароҷоти (харҷнома) барои корҳои илмию таҳқиқотии ҷудошуда, аз васоили нақдӣ ва дигар воситаҳои моддии Институт ихтиёрдорӣ менамояд;

– барои иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ бо дигар ташкилотҳо шартномаҳо мебандад;

– маблағе, ки Институт аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба даст меорад, дар ихтиёрдорӣ мегузорад. Ин маблағ барои рушди соҳаи илм, мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ ва рушди иҷтимоии Институт харҷ карда мешавад.

## VII. МУОВИНИ ДИРЕКТОР ОИД БА ИЛМ ВА РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Муовини директор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ (аз ҷумлаи доктороні илм, доктороні ҳабилитат, номзадҳои илм, доктороні фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисос) аз тарафи директори Институт дар мувофиқа бо Муассис ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

## VIII. ВАЗИФАҲОИ МУОВИНИ ДИРЕКТОР ОИД БА ИЛМ ВА РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

– дар мавриди набудани директори Институт вазифаи ӯро муваққатан иҷро менамояд;

– иҷрои таҳқиқотҳои бунёдӣ ва амалиро ба роҳ мемонад, ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқотро мушаххас ва асоснок намуда, аҳамият ва зарурати ба амал баровардани онҳо, роҳу равиши ҳалли масоилро муайян мекунад;

– таҳияи Нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотӣ, тайёр кардани ҳуҷҷату таҳияи асосҳои техникию иқтисодии зарурриро иҷро менамояд;

– истифодабарии амалии натиҷаҳои корҳои илмиро дар истеҳсолот таъмин менамояд;

– барои бо таҷҳизоту маводи зарурӣ таъмин кардани сохторҳои таркибии Институт чораҳо меандешад;

– барои риояи қоидаҳову муқарраротӣ ҳимояи меҳнат, техникаи бехатарӣ, беҳдоштии истеҳсолӣ ва ҳимояи зиддисӯхторӣ чораҳои мушаххас меандешад;

– ба фаъолияту ташаббусҳои кормандон мусоидат намуда, ба корҳои баррасишаванда ва дар амал татбиқ кардани пешниҳодҳои ратсионализаторӣ ва ихтироъҳои онҳо мусоидат мекунад;

– корҳои тайёр кардан ва такмил додани маҳорати кадрҳои илмиро ба роҳ мемонад;

– дар таблиғ намудани донишҳои илмӣ ва комёбиҳои илму техника, ташкили конфренсияҳои илмӣ, машваратҳо, мубоҳисаҳо иштирок менамояд;

– таҳиясозӣ ва пешниҳоди талабномаҳоро тибқи тартиботи муқарраршуда барои гирифтани патентҳо, ки аз натиҷаи корҳои илмию таҳқиқотӣ дастрас шудаанд, ташкил мекунад;

– ҳимояи молу мулк ва бинои Институтро аз ҳама гуна ҳолатҳои номатлуб, ғораткунӣ ва сӯхтор таъмин менамояд;

– бо мақсади баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои байналмилалии байниинститутӣ, иштироки фаъол дар барномаҳои созмонҳои байналмилалии соҳавӣ ва гузаронидани чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ чораҳои амалӣ меандешад;

– ҳамкории байналмилалиро дар доираи фаъолияти сиёсати хориҷии давлат, эътимоду боварии тарафайн ва ба шартномаю созишномаҳои байнидавлатӣ ва байниинститутӣ ба роҳ мемонад;

– ҳуқуқ дорад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муассисаҳо, фондҳо ва созмонҳои молиявии байналмилалӣ робитаи бевоситаро ба роҳ монад;

– барои тайёр намудан, табодул, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ, инчунин, тайёр намудан, табодул, бозомӯзӣ, такмили ихтисос, корҳои илмию таҳқиқотии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар дар асоси шартномаю созишномаҳои дахлдор машғул мешавад.

## IX. КОТИБИ ИЛМИИ ИНСТИТУТ

Котиби илмии Институт (аз ҷумлаи доктарони илм, доктарони ҳабилитат, номзадҳои илм, доктарони фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисос) аз тарафи директори Институт дар мувофиқа бо Муассис ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Котиби илмии Институт беш аз як панҷсола ҳуқуқи дар вазифа кору фаъолият намуданро надорад.

Котиби илмии Институт дар роҳбарӣ ба фаъолияти илмӣ ва илмию ташкилии Институт ёвари директор мебошад.

## X. ВАЗИФАҲОИ КОТИБИ ИЛМӢ

– назорати иҷрои супоришҳои мақомоти роҳбарӣ ва нақшаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар муҳлатҳои муқарраршуда;

– тайёр намудани протоколҳои ҷаласаи Шурои олимони Институт, назорат аз болои иҷрои қарорҳои Шурои олимон ва супоришҳои маъмурияти Институт;

– тартибу таҳияи саривақтии маводи нақшавӣ, ҳисоботӣ ва дигар маводи Институт барои ба мақомоти болоӣ пешниҳод намудани онҳо;

– дар таблиғ намудани комёбиҳои илму техника, омода намудани барнома – даъватномаҳо, семинарҳои илмӣ, маҳфилҳои илмӣ, маводи конференсияҳо ва ташкили онҳо иштирок менамояд;

– роҳбарии дафтардорӣ, китобхона ва бойгонии (архив) Институтро ба уҳда дорад.

## XI. МУДИРИ ШУЪБАИ БАНАҚШАГИРӢ ВА МУҲОСИБОТИ ИНСТИТУТ

Мудири шуъбаи банақшагирӣ ва муҳосибот (аз ҷумлаи мутахассисони маълумоти олидошта, ки на камтар аз 5 сол собиқаи корӣ доранд) бо пешниҳоди директори Институт дар мувофиқа бо Муассис ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Ҳуқуқу вазифаҳои мудири шуъбаи банақшагирӣ ва муҳосиботро қонунгузории амалкунанда муайян менамояд.

Дар ҳолати набудани мудири шуъбаи банақшагирӣ ва муҳосиботи Институт вазифаҳои ӯро муҳосиб-ҳисобчӣ муваққатан иҷро менамояд;

Санҷиши фаъолияти Институт ва тафтиши фаъолияти молиявию хоҷагии он тибқи тартиби муқарраршуда ба амал бароварда мешавад.

## XII. МУДИРОНИ ШУЪБАҲО ВА БАХШҲО

Мудирони шуъбаҳо ва бахшҳо бо тавсияи Шурои олимони Институт бо тариқи озмун дар Шурои олимони Муассис ба муҳлати 5 (панҷ) сол (барои номзади илм) интихоб карда мешаванд. Иштирок дар озмун тибқи муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

Мудирони шуъбаҳо ва бахшҳо беш аз ду панҷсола (барои доктори илм) ҳуқуқи дар вазифа кор намуданро надоранд.

## XIII. РОҲБАРОНИ ИЛМӢ ВА МУДИРОНИ ОЗМОИШГОҲҲОИ ИЛМИЮ ТАҲҚИҚОТӢ

Роҳбарони илмию таҳқиқотӣ дар сурати мавҷуд будани лоиҳаи илмию таҳқиқотиашон, ки аз ҷониби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ

мешаванд, бо пешниҳоди Шурои олимони Институт аз тарафи директори Институт таъин карда мешаванд.

Мудирони озмоишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолияти сохтори марбутаро оид ба муайян кардани самтҳои фаъолият, таҳия ва иҷрои нақшаи корҳои илмию таҳқиқотӣ ташкил ва роҳбарӣ менамоянд ва барои бо сифати баланд ва дар муҳлати муқарраршуда (аз 2 то 5 сол) анҷом додани таҳқиқот масъулият бар дӯш дошта, дар кори илмӣ бевосита иштирок мекунанд. Мудири озмоишгоҳ аз ҷумлаи кормандони на камтар аз 5 (панҷ) сол собиқаи корӣ дошта бо пешниҳоди роҳбари илмӣ дар мувофиқа бо директории Институт аз тарафи директори Институт ба муҳлати 5 (панҷ) сол таъин карда мешавад. Ҳангоми пеш аз муҳлат қатъ гардидани фаъолияти мудири озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотӣ, бо пешниҳоди роҳбари илмӣ мудири нав аз тарафи директории Институт таъин карда мешавад ё бо тариқи озмун интихоб мегардад.

Хизматрасонии хабари илмию методиро ба дигар мактабҳои олӣ ва дигар муассисаҳои илмӣ дар асоси шартномаи ҳисоби хоҷагӣ ба уҳда мегирад.

Ишғол намудани ҳамаи вазифаҳои кормандони илмӣ дар Институт, ба истиснои вазифаи мудирони шуъба, озмоишгоҳҳо, сардорони бахшҳо мувофиқи шартномаи меҳнатӣ, ки ба муҳлати се сол пас аз гузаштани аттестатсия баста мешавад, сурат мегирад.

## XIV. САРДОРИ БАХШИ ҲУҚУҚ ВА КАДРҲО

Сардори бахши ҳуқуқ ва кадрҳои Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси пешниҳоди Директори Институт ба вазифа таъйин мекунад. Ба ин вазифа шахсе таъйин мешавад, ки маълумоти олӣ ва собиқаи кори амалӣ дошта бошад.

## XV. ВАЗИФА ВА УҲДАДОРИҲОИ САРДОРИ БАХШИ ҲУҚУҚ КАДРҲО

– донистани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастурамалҳо оид ба он;

– барои нигоҳдори аз истифодаи муҳри бахши ҳуқуқ ва кадрҳо ҷавобгар аст;

– қабул ва аз вазифа озод намудани кормандони Институти илмию таҳқиқотии ДМТ дар асоси аризаҳое, ки ба Институт ворид шудааст иҷро менамояд.

Оид ба:

– қабул ба кор;

– озод намудан аз вазифа;

– сафари хизматӣ;

– кор бо дафтарчаҳои меҳнатӣ;

– нигоҳдорӣ ва ба расмиятдароии дафтарчаҳои меҳнатӣ;

– дохил намудани тағйиротҳо оид ба меҳнат, мукофотпулиҳо ва ҳавасмандгардонӣ;

– бурдани варақаи маълумотномаҳои кормандон институт;

– бурдани варақаҳои шахси;

– тартиб додани ҷадвали рухсати меҳнати кормандони Институти илмию таҳқиқотии ДМТ дар асоси пешниҳодҳои қисматҳои Институт;

– тайёр кардани ҳисоботи оморӣ барои идораи омории ҶТ;

– дар мувофиқа бо директори Институти илмӣ-таҳқиқотии ДМТ ҳуҷҷатҳоро оид ба мукофотонидан ва ҳавасмандгардонии кормандон тайёр намудан;

– собиқаи кори бефосиларо барои додани кӯмакпулии суғуртаи иҷтимоӣ муқаррар менамояд;

– кор бо варақаҳои корношоямӣ;

– супоришҳои ҷориро иҷро менамояд;

– саволномаҳоро тайёр намуда, чорабиниҳоро оид ба бартараф намудани шикоятҳои кормандони қисматҳои Институти идмию таҳкиқотии ДМТ амалӣ менамояд.

## XVI. ОЗМОИШГОҲИ «ХИМИЯИ ГЛИТСЕРИН» БА НОМИ УЗВИ ВОБАСТАИ АМИТ, ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ХИМИЯ, ПРОФЕССОР КИМСАНОВ Б.Ҳ.

Мудири озмоишгоҳ, ки аз рӯйи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ (КИТ), буҷавӣ ва аҳдҳои хоҷагӣ иҷро карда мешаванд, роҳбари менамояд ва барои иҷроиши сатҳи баланди онҳо, ҳамчунин корҳои илмӣ– методӣ дар муҳлати муқаррар шуда ва риояи интизоми воҳиди ва молявӣ масъул аст.

## XVII. УҲДАДОРИҲОИ ОЗМОИШГОҲ

– муҳокимаи корҳои илмию таҳқиқотӣ ва татбиқи онҳо дар амал;
– ба нашр тавсия намудани маводӣ анҷомёфта;
– қабул ва пешниход намудани хисоботи унвонҷӯён;
– додани тақриз ва хулосаҳои озмоишгоҳ;

– баррасии нақшаву барномаҳои инфиродии илмии кормандони озмоишгоҳ ва гурӯҳҳои илмӣ;

– дастгирӣ ва ёрии методӣ ба кормандони ҷавон ва камтаҷриба дар роҳи такмил додани маҳорати илмии онҳо дар озмоишгоҳ ва гурӯҳҳои илмӣ;

– тайёр намудани кадрҳои илмию омӯзгорӣ;

– гузаронидани экспертиза ва додани хулосаҳо барои муҳокимаи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дар шуъба, раёсат ва ШО ИИТ;

– ташкил кардани намоишгоҳи дастовардҳои илмӣ;

– гузаронидани конфересияҳои илмӣ;

– омода сохтани ҳисобот доир ба фаъляти озмоишгоҳ.

1.1. Дастурамали вазифавии мазкур уҳдадориҳои вазифавӣ, ҳуқуқ ва масъулияти мудири озмоишгоҳи «ОИТХГ»-и ИИТ ДМТ-ро муайян менамояд.

1.2. Таъинот ба вазифаи мудири озмоишгоҳ ва аз кор озод намудани ӯ тибқи Фармоиши директори ИИТ ДМТ аз рӯйи қонунҳои амалкунандаи меҳнат, бо пешниҳодҳо ва тибқи муқаррароти тартиботии ИИТ ДМТ амалӣ карда мешавад.

1.3. Ба вазифаи мудири озмоишгоҳ ҳамон шахсоне таъйин карда мешаванд, ки дорои маълумоти олӣ ва дараҷаи илмӣ мебошанд, инчунин на камтар аз се сол таҷрибаи кории амалӣ дошта бошанд.

1.4. Дар раванди фаъолияти корӣ мудири озмоишгоҳ талаботи санадҳои зеринро ба сифати дастурамал ва роҳнамо қабул менамояд:

– Қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Оинномаи ИИТ ДМТ ;

– Қарору фармонҳои директори ИИТ ДМТ ;

– Ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии «ОИТХГ» – и ИИТ ДМТ;

– Шартномаҳои коллективӣ;

– Қоидаҳои дохилии меҳнатӣ;

– Оинномаи озмоишгоҳи «ОИТХГ»;

– Дастурамали вазифавии мазкур;

1.5. Мудири озмоишгоҳ бояд донад:

1.5.1. Тарзи кории дастгоҳҳои санҷишӣ–ченкунӣ ва дараҷаи дурустии таҷҳизотро санҷидан.

1.5.2. Усулҳои санҷиш ва ҳуҷҷатҳои меъёрии мувофиқи доираи аккредитатсияи озмоишгоҳ.

1.5.3. Системаи сифати озмоишгоҳ.

1.5.4. Иқтидори истеҳсолӣ, хусусиятҳои технологии таҷҳизот, қоидаҳои истифодабарии онҳо.

1.5.5. Ҷобаҷогузорӣ ва қоидаи истифодаи асбобҳое, ки дар

озмоишгоҳ ба кор бурда мешаванд ва ташкил намудани таъмири саривақтии онҳо;

1.5.6.Дурнамои рушди техникии озмоишгоҳ.

1.5.7. Қоидаҳои бехатарӣ химиявӣ, биохимиявӣ, ҳифзи меҳнат, саноат, бехатарии сӯхтор ва муҳити зист.

1.5.8. Қонунгузориҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва инчунин ҳуҷҷатҳои меъёрии техникии «ОИТХГ»-и ИИТ ДМТ, ки ба масоили сертификатсиякунонӣ ва сифат мансубанд.

1.5.9. Равандҳои илмии озмоишгоҳ.

1.6.Мудири озмоишгоҳ бевосита ба директори ИИТ ДМТ тобеъ мебошад.

1.7. Дар вақти ҳузур надоштани мудири озмоишгоҳ вазифаи ӯро шахсе иҷро карда метавонад, ки тибқи муқаррарот аз тарафи директори ИИТ ДМТ таъйин карда мешавад ва ҳуқуқи ҷавобгарӣ ва иҷрои вазифаҳое, ки Оинома муайян намудааст, дорад.

## XVIII. МАҚСАД ВА ВАЗИФА

2.1. Дар амал татбиқ кардани дастовардҳои илмию техникӣ дар соҳаҳои ҳифзи муҳити зист ва экология.

2.2. Муайян намудани самтҳои афзалиятдор ва барномаҳои илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, экология, тайёр кардани мутахассисон ва такмили ихтисоси онҳо.

## XIX. ВАЗИФАҲОИ АСОСӢ

3.1. Ташкил ва амалӣ намудани назорати сифат дар ҳама марҳилаҳои санҷиши намунаҳо ва рушди озмоишгоҳ.

## XX. УҲДАДОРИҲОИ ВАЗИФАВӢ

Дар соҳаи ба нақшагирии фаъолияти озмоишгоҳ:

4.1. Тайёр намудани дархостҳо барои дастрас намудани воситаҳои ченак, таҷҳизот ва мавод (реагентҳо) барои дохил намудан ба буҷа.

Дар соҳаи идоракунии фаъолияти кормандон:

4.2. Ташкил ва назорати риоя намудани бехатарии саноатӣ, сӯхтор, ҳифзи муҳити зист, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи меҳнатии дохилӣ аз тарафи кормандони озмоишгоҳ.

4.3. Назорати риояи бехатарии қабул ва усулҳои кории кормандони озмоишгоҳ ҳангоми интихоб намудани намунаҳои маҳсулот ва

гузаронидани санҷишҳо.

4.4. Дастурдиҳӣ ба кормандон оид ба ҳифзи меҳнат ва бехатарии саноатӣ.

4.5. Гузаронидани корҳои аввалияи фаҳмондадиҳӣ дар ҷои кор, дастурдиҳии ғайринақшавӣ ва такрорӣ оид ба ҳифзи меҳнат ва бехатарии саноатӣ бо сабти қайдҳои махсус дар кортҳои шахсии кормандон.

Дар соҳаи барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо ва корҳои шартномавӣ:

4.6. Ба роҳ мондани корҳои бойгонӣ дар озмоишгоҳ.

4.7. Ташкил ва таъмин намудани пешбурди корҳои шартномавӣ, тайёр намудан ва барасмият даровардани шартномаҳо, таъмини иҷроиш ва назорати иҷрои уҳдадориҳои иҷрокунандаҳо тибқи шартнома.

Дар соҳаи кор бо муштариён:

4.8. Баррасӣ ва таҳлили шикоятҳо оид ба сифати санҷишҳои намунаҳо, тайёр намудани хулосаҳо ва пешбурди бақайдгирӣ оид ба натиҷаҳои баррасӣ.

Дар соҳаи гузаронидани корҳо оид ба ошкор намудани номутобиқатии маҳсулот:

4.9. Ташкил ва назорат намудани корҳои барқароркунии сифати хуби санҷиш.

4.10. Таҳия намудани пешниҳодҳо оид ба барқароркунии сифати хуби санҷиш.

Дар соҳаи гузаронидани экспертизаи ҲМТ:

4.11. Актуализатсияи фонди ҳуҷҷатҳои меъёрии берунӣ (ГОСТ–ҳо, ШТ, вағ).

Дар соҳаи аккредитатсия озмоишгоҳи маъмулӣ ва сайёр, ки барои назорати сифати санҷишҳо равона карада шудаанд:

4.12. Ташкили гузаронидани маҷмуи корҳо оид ба аккредитатсия (васеъ намудани доираи аккредитатсия, санҷишҳои назоратӣ) ва аттестатсияи озмоишгоҳ.

4.13. Гузаронидани аудитӣ дохили системаи менеҷменти озмоишгоҳ ва таҳия намудани нақшаи бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда.

4.14. Иштирок дар гузаронидани аудитӣ дохилии озмоишгоҳ.

Дар соҳаи интихоби намунаҳо:

4.15. Барасмият даровардани ҳуҷҷатҳо оиди аз эътибор соқит намудан ва нест кардани намунаҳо дар соҳаи гузаронидани санҷиши намунаҳо.

4.16. Қабул намудани намунаи санҷишшаванда.

4.17. Гузаронидани намудҳои душвори таҳлили намунаҳо.

4.18. Омода намудани реагентҳои зарурӣ барор гузаронидани санҷишҳо.

4.19. Пешбурди сабти қайдҳои дар дафтари корӣ оид ба санҷишҳои душвор.

4.20. Бақайдгири сабтҳо дар китоби ҳуҷҷатҳои содиротӣ, китобҳои натиҷаҳои санҷиш ва гардиши намунаҳои маҳсулот.

4.21. Назорат оид ба пешбурди китобҳо.

4.22. Назорати муҳлати нигоҳдорӣ, масрафи реагентҳои биохимиявӣ ва намунаҳои (маҳакҳо) стандарти давлатӣ дар соҳаи истифодабарии таҷҳизотҳои (асбобҳои) озмоишгоҳ.

4.23. Тартиб додани ҷадвали санҷиши воситаҳои ченак ва аттестатсияи асбобҳои санҷишӣ, назорати иҷрои онҳо.

4.24. Пешбурди ба истифода додани асбобҳои нав барои озмоишгоҳ.

4.25. Ба расмиятдарории натиҷаҳои аттестатсияи асбобҳои санҷишии озмоишгоҳ.

4.26. Таъмин намудани калибровкакунонии асбобҳои санҷишӣ дар озмоишгоҳ.

4.27. Гузаронидани корҳо оид ба санҷиш ва аттестасияи асбобҳое, ки дар озмоишгоҳ истифода мешаванд.

4.28. Баҳисобгирӣ ва аз эътибор соқит намудани асбобҳои озмоишгоҳ.

4.29. Назорати истифода ва хизматрасониҳои техникии воситаҳои ченак ва асбобҳои озмоишгоҳ.

4.30. Сабти корҳо оид ба баҳисобгирии асбобҳои санҷишӣ.

4.31. Нав намудани тамға қоғазҳои ҳаммонанди воситаҳои ченак.

4.32. Бақайдгирии хизматрасониҳои техникии асбобҳо дар китоб.

4.33. Тартиб додани методикаи иҷрои санҷишҳо ҳангоми ба кор даровардани асбобҳои нав.

4.34. Таҳияи усулҳои аттестатсионии асбобҳои санҷишӣ.

4.35. Иштирок дар инвентарикунии (бо рақам баҳисобгирии) асбобҳои озмоишгоҳ.

Дар соҳаи гузаронидани назорат сифати санҷишҳо:

4.36. Иштирок дар санҷишҳои муқоисавии байни озмоишгоҳҳо.

Дар соҳаи роҳбарӣ ва ташкили фаъолияти кормандони тобеи озмоишгоҳ:

4.37. Ташкил ва роҳбарӣ намудани фаъолияти озмоишгоҳ, таъйин ва назорат намудани натиҷаҳои корҳои кормандони озмоишгоҳ ва ҳолати интизоми меҳнат.

4.38. Бо эҳтиёт истифода намудани амволи кордиҳанда, аз ҷумла амволи шахси сеюм, ки дар назди кордиҳанда воқеъ аст, инчунин амволи дигари кормандон.

4.39. Ташкил ва таъмин намудани пешбурди корҳои шартномавии

зертобеъ, тайёр намудан ва ба расмият даровардани шартномаҳо, таъмини иҷроиш ва назорати иҷрои уҳдадориҳои иҷрокунандаҳо тибқи нақшаи тақвимӣ.

4.40. Иҷро намудани супоришҳои роҳбарияти ИИТ ДМТ дар доираи уҳдадориҳои вазифавӣ.

4.41. Риоя намудани стандартҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии «ОИТХГ» – и ИИТ ДМТ дар соҳаи бехатарии химиявӣ, бехатарии саноатӣ ва экологӣ, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи шаҳрвандӣ.

4.42. Ташкил ва назорат намудани иҷрои корҳое, ки кормандон ба уҳда доранд, қоидаҳои дохилии тартиби меҳнат, тартибот ва меъёри ҳифзи меҳнат, бехатарии сӯхтор ва дигар амалҳое, ки ҳуҷҷатҳои «ОИТХГ» – и ИИТ ДМТ муқаррар кардааст.

4.43. Таъмин намудани бехатарии кормандон ва шароити меҳнат дар ҳар як ҷои кор тибқи талаботи ҳифзи меҳнат. Саривақт ошкор намудани хатарҳо ва аз байн бурдани омилҳои ба ин хатарҳо алоқаманд.

4.43. Таъмин ва назорат намудани омӯзиши усулҳои бехатарӣ ба кормандон дар раванди иҷрои корҳо ва чораҳо андешидан оид ба кор, роҳ надодани шахсоне, ки тибқи тартиботи муқарарӣ таълим нагирифтаанд ё бо онҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба ҳифзи меҳнат ва бехатарии сӯхтор гузаронида нашудааст.

4.44. Гузаронидани корҳои аввалияи фаҳмондадиҳӣ дар ҷои корӣ, дастурдиҳии ғайринақшавӣ ва такрорӣ оид ба ҳифзи меҳнат ва бехатарии саноатӣ бо сабти қайдҳои махсус дар кортҳои шахсии кормандон.

4.45. Саривақт ташкил ва таъмин намудани кормандон бо либос, халат ва пояфзоли махсус, дастпӯшакҳо, ниқобҳо ва дигар васоити ҳифз мутобиқи меъёрҳо ва назорат намудани истифодаи дурусти онҳо ҳангоми иҷрои корҳо.

4.46. Назорати саривақт аз муоинаи тиббӣ гузаштани кормадон ва тибқи нишондиҳандаҳои тиббӣ ба кор қабул кардани онҳо.

4.47. Таъмин намудани иҷроиши талаботи сиёсати ИИТ ДМТ дар соҳаи бехатарии саноатӣ, ҳифзи меҳнат ва муҳити зист бо дастигирии методии мутахассисон дар ин соҳа.

4.48. Ҳангоми ҳамагуна ҳодисаи нохуш, ки дар ҳолати корӣ ба корманд рух медиҳад, ташкил намудани ёрии аввалини тиббӣ ва саривақт хабар додан ба роҳбарият оид ба ин ҳолат, ҳамчунин андешидани тадбирҳо тибқи тартиботи муқарраргардида оид ба ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот.

4.49. Софдилона ва аз рӯйи виҷдон иҷро намудани вазифаҳои меҳнатӣ, риоя намудани қоидаҳои тартиби дохилии меҳнат, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат, талаботи дастурамали вазифавии мазкур,

ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва фармону супоришҳои «ОИТХГ» – и ИИТ ДМТ .

## XXI. ҲУҚУҚҲОИ КОРМАНД

Ҳуқуқҳои корманд мутобиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин ҳуҷҷатҳои ташкилӣ, тартибӣ ва меъёрию методии «ОИТХГ» – и ИИТ ДМТ муайянкарда мешавад. Дар баробари ин бо мақсади иҷрои вазифаҳои ба зимма доштааш ҳуқуқ дорад:

– Ҷиҳати иҷрои вазифаҳои ба зимма доштааш метавонад аз озмоишгоҳҳои дигар ва мутахассиони «ОИТ» – и ИИТ ДМТ маълумот ва ҳуҷҷатҳои заруриро дастрас намояд.

– Дар чаҳорчӯбаи нақша ва буҷаи тасдиқгардида, қарорҳои таъҷилӣ (фаврӣ) қабул намояд.

– Оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти ӯ медароянд, ҳуҷҷатҳоро баррасӣ намояд ва ба роҳбарияти «ОИТ» – и ИИТ ДМТ пешниҳод намояд.

– Ҷиҳати пешбурд ва беҳтар намудани фаъолият ва такмил додани методҳои корӣ ба роҳбарият таклифу пешниҳодҳо намояд.

– Риояи ҳуқуқҳои худро тибқи муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд.

– Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ аз маълумотҳо, мавод ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ истифода намояд.

– Тибқи тартиботи муқараршуда бо дигар озмоишгоҳҳо оид ба фаъолият илмӣ ҳамкорӣ намояд.

## XXII. МАСЪУЛИЯТИ (ҶАВОБГАРИИ) КОРМАНД

Мутобиқи талаботи қонунҳои амаликунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон корманд ҷавобгариҳои зеринро ба ухда дорад:

– Барои иҷро накардан ва саривақт ба иҷро нарасонидани уҳдадориҳои вазифавӣ, ки дастурамали вазифавии мазкур ва шартномаи меҳнатӣ муқарар кардааст.

– Риоя накардани қоидаҳои тартиби дохилии меҳнат ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилӣ.

– Паҳн намудан, ғайриқонунӣ истифода бурдан ё дар доираи иҷрои вазифаҳои худ истифода бурдани маълумотҳое, ки дорои сирри давлатӣ ва дигар маълумотҳои махфии «ОИТ» – и ИИТ ДМТ, озмоишгоҳ инчунин дигар ахбороте, ки гум кардани он ба манфиати «ОИТ» – и ИИТ ДМТ , озмоишгоҳ зарар меорад ва гум кардани ҳуҷҷатҳои дахлдор.

– Вайрон намудани интизоми меҳнат, риоя накардани талаботи

ҳифзи меҳнат ва таъмини бехатарии меҳнат, сари вақт нагузаштан аз корҳои фаҳмондадиҳӣ ( ё рад намудан), омӯзишӣ, санҷишӣ донишҳо оид ба ҳифзи меҳнат, бехатарии истеҳсолот ва сӯхтор, таълим оид ба расонидани ёрии аввалин ба зарардидагон дар истеҳсолот.

– Гум ё нест намудани маводи арзишнок ва ҳуҷҷатҳои роҳнамои меърию ҳуқуқии озмоишгоҳ.

– Ба шахсони бегона додани ҳама гуна ҳуҷҷатҳои ташкилот, ки аз рӯи қонун ва манфиатҳои «ОИТ» – и ИИТ ДМТ (озмоишгоҳ) паҳн намуданашон манъ шудааст.

– Ғайриқонунӣ гирифтани маблағ, қоғазҳои қиматнок ва дигар амвол, ҳамчунин ғайриқонунӣ истифода бурдан аз хизматрасонии ба ӯ дахл дошта.

– Ғайриқонунӣ дастрас намудани маълумоти компютерӣ, сохтан, истифода ва паҳн намудани барномаҳои зараровар барои МЭҲ (ЭВМ), вайрон намудани қоидаҳои истифодаи МЭҲ, системаи МЭҲ ё шабакаҳои онҳо.

– Сари вақт хабардор накардани роҳбарият оид ба ҳолатҳое, ки ба ҳаёт ӯ саломатии кормандон ва амволи «ОИТ» – и ИИТ ДМТ (озмоишгоҳ) хатар меорад, ҳодисаҳои нохуше, ки дар раванди истеҳсолот рух медиҳанд, ҳамчунин ҳама гуна ҳодисаҳое, ки ба ҳифзи меҳнат, бехатарии истеҳсолот, сӯхтор ва ҳифзи муҳити зист алоқаманд мебошад.

Талаботҳои махсус:

Маълумоти олӣ, унвони илмии профессор (дотсент), дараҷаи лмии доктори (номзадӣ) илм ё собиқаи кори илмӣ на камтар аз 5 сол.

Доштани донишҳои зарурӣ оид ба:

– қарорҳо, фармонҳо ва дигар маводҳои дахл дорад

– усулҳои гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ ва эксперементҳо;

– усулҳои автоматикунонии равандҳои таҳқиқот, гузаронидани корҳои эксперементалӣ ва коркарди натиҷаи онҳо;

– тартиб ва усулҳои ба нақшагири ва маблағгузории таҳқиқотҳои илмӣ;

– тартиби тайёр намудани ҳуҷҷатҳо иод ба таҳқиқот;

– тартиби бастани шартомаҳо бо корҳонаҳои хоҷагӣ ва муасиссаҳо ва шаклои иҷрои онҳо;

– ташкили корҳои патентӣ ва илмию итилооти дар ИИТ ДМТ дар мамлакат ва хориҷ аз он;

– тартиби тайёр намудани арзномаҳо ба ихтироот ва кашфиё;

– асосҳои қонунгузории меҳнат;

– қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ санитарияи истеҳсолӣва муҳофизат аз сӯхтор.

## XXIII. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИИ ИНСТИТУТ

Бо мақсади таъмини фаъолияти илмӣ, таълимӣ ва дигар амалиёт тибқи қонунгузории ҶТ ва Оинномаи мазкур Институт ҳуқуқ дорад, ки аз замин, биноҳо, иншоот, таҷҳизот ва дигар моликияти ба он тааллуқдошта истифода барад.

Амволи марбутаи Институт моликияти Муассис маҳсуб буда, айни замон ба Институт барои идораи оперативӣ дода мешавад. Замин, аз ҷумла манотиқе, ки дар он амволи ғайриманқули Институт ҷойгир аст, ба Институт барои истифодаи бемуҳлати ройгон супорида мешавад.

Сарчашмаҳои ташаккули амволи Институт иборат аст аз:

– моликияти Муассис, ки бемуҳлат бо мақсади идораи фаврӣ ба Институт дода шудааст;

– маблағи буҷети ҷумҳуриявӣ, ки барои фаъолияти молиявии Институт ҷудо гардидааст;

– даромад аз истифодаи фаъолияти илмӣ, таълимӣ, хоҷагӣ ва хайрияҳо;

– якҷоя бо роҳбарони мавзуъҳои илмию таҳқиқотӣ муайян намудани ҳиссаҳои кории иҷрокунандагони мавзуи илмӣ оид ба иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ дар асоси қарордод;

– аз ҳисоби суратҳисоби махсуси Муассис;

– қарзи бонкӣ, маблағ аз фурӯши литсензия, иҷора додани таҷҳизоти зиёдатӣ, аз нашр ва фурӯши адабиёти илмӣ, монографияҳо, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, ҳуҷҷатҳои илмию техникӣ, асбобҳо ва маҳсулоте, ки кормандони Институт истеҳсол намудаанд ва ғайра.

## XXIV. ҲИСОБОТ ВА ҲИСОБОТДИҲӢ

Институт ҳисоби фаврӣ ва муҳосибиро аз натиҷаҳои фаъолияти кори худ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад, аз рӯйи шакли муқарраршуда, баҳисобгирии муҳосибӣ, оморӣ, коргузорӣ, амалиёти бойгонӣ бурда, дар ин хусус ба Муассис ҳисобот пешниҳод менамояд.

Вазифаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ инҳо мебошанд:

– ташкили ахбори комилан дурусти раванди хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои кор ҷиҳати идора ва роҳбарии фаврӣ;

– таъмини назорат аз болои мавҷудият ва гардиши пули накд, васоити молӣ, меҳнатӣ ва ғайра мувофиқи меъёр, ченакҳо ва харҷномаҳо (сметаҳо);

– сари вақт огоҳонидан аз зуҳуроти номатлуб дар фаъолияти молӣ – хоҷагӣ, ошкор ва сафарбар намудани захираҳои дохилии Институт.

Институт ба таври мустақим ба тариқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди мақомоти молия, андоз, омор ва дигар мақомоти марбута ҳисобот медиҳад.

Давраи ҳисоботӣ барои Институт соли тақвимӣ аз 1 январ то 31 декабр мебошад. Барои мавзуъҳои илмӣ 4 давраро - се моҳаи 1, 2,3 ва 4 - ро дар бар мегирад.

Институт маблағҳои буҷетиро дар Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, нигоҳ медорад.

Институт баҳисобгирии муҳосибавию омории худро дар асоси муқаррароти таъиншуда ба роҳ мемонад.

Директори Институт, мудири шуъбаи банақшагирӣ ва муҳосибот ва дигар шахсони мутасаддӣ барои вайрон кардани ҳисобот дар назди қонун масъулият ва ҷавобгарии шахсӣ доранд.

## XXV. МОЛИКИЯТ ВА ВОСИТАҲОИ МОЛИЯВИИ ИНСТИТУТ

Бино, иншоот, таҷҳизот, дастгоҳҳо, воситаҳои нақлиёт ва молу мулки дигар, ки ба Институт вобаста шудаанд, фонди воситаҳои асосиро ташкил медиҳанд.

Институт метавонад, ҳамчунин бо тартиби муқарраршуда ба ташкилоту корхонаҳои дигар таҷҳизот ва воситаҳои нақлиёти муваққатан истифодашавандаро ба иҷора диҳад.

Биноҳо, иншоот, таҷҳизоти корӣ ва воситаҳои асосии дигари вобастаи Институт метавонанд ба ташкилотҳои дигар ба тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, таҳвил дода шаванд.

Маблағҳои пулии Институт дар суратҳисобҳои ҷорӣ, махсус ва асъорӣ миллӣ дар бонки амалкунандаи Амонатбонки Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд.

Институт таҷҳизот, асбобҳо, маводу амволи куҳнашударо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фурӯш мегузорад, ҳамчунин, дар ҳолатҳои алоҳида дар асоси тартиб додани санад ба таври ройгон ба ташкилотҳои дигар медиҳад ва ё аз эътибор сокит мекунад. Маблағҳои аз фурӯши онҳо ҳосилшуда ба фонди рушди Институт таҳвил дода мешаванд.

Аз ҳисоби даромади маблағҳои бурсияҳо (грант), гурӯҳҳои илмӣ (лоиҳаҳои фармоишӣ), шартномаҳои хоҷагӣ ва барномаҳо 20%-и солонаи он ба суратҳисоби махсуси Институт гузаронида мешавад.

Низомномаи мазкур дар маҷлиси колективии умумии Институт бо се ду ҳиссаи овозҳои шумораи умумии дар ҷаласа ҳузурдошта, бо овоздиҳии ошкоро барои тасдиқ ба Шурои олимон пешниҳод карда мешавад.

## XXVI. ТАРТИБИ АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ ИНСТИТУТ

Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Институт бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Дар мавриди қатъ гардидани фаъолияти Институт, мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кормандони аз кор озодшуда кафолат дода мешавад.

## XXVI. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Низомномаи мазкур аз рӯзи қабул дар Шурои олимон ва тасдиқ гардидан аз ҷониби директори Институт қувваи ҳуқуқӣ пайдо мекунад. Иҷроиши қарорҳои дар асоси Низимномаи мазкур қабулгардида ҳатмӣ мебошанд.

Қисмати дигари вазифаҳои кормандони Институт дар доираи уҳдадориҳои вазифавии онҳо, ки дарҷ гардидаанд, иҷроиши он барои масъулин ҳатмӣ мебошад.

# НИЗОМНОМАИ
# СОМОНАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
(www.tnu.tj)

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) як ҷузъи сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, фаъолияти худро дар асоси Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи ВАО», «Оид ба иттилоот», амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», Низомномаи мазкур, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ мемонад.

2. Сомона ҳамкории худро бо тамоми сохторҳои донишгоҳ ба роҳ монда, таҳти **www.tnu.tj** фаъолият менамояд ва кори Сомона бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ роҳандозӣ шудааст. Ба роҳбарияти Сомона масъул дохил мешавад. Сомона дар назди нашрияи «Ба қуллаҳои дониш» фаъолият намуда, бевосита ба муовини ректор оид ба илм ҳисобот пешниҳод менамояд.

## II.СОХТОРИ СОМОНА

3. Саҳифаи аввали Сомона, саҳифаи асосӣ ба ҳисоб рафта, чунин бахшҳоро дар бар мегирад:

– номи пурраи донишгоҳ;
– логотип ва ё расм;
– лентаи хабарҳо;
– маълумоти умумӣ;
– таълим;
– илм;
– тарбия;
– робитаҳои байналмилалӣ;
– факултетҳо;
– суроғаҳо.

4. Саҳифаҳои сомона инҳоянд:

– довталаб;
– эълони дифои рисолаҳои илмӣ;

– ҳаёти ҳуқуқӣ;
– илм ва фановарӣ;
– китобхона;
– андешаҳо оид ба Паёми Президенти ҶТ;
– «Об барои рушди устувор, 2018 – 2028»;
– соли 2017 – «Соли ҷавонон»;
– саволномаҳои тестӣ;

Бо пешниҳоди сохторҳои донишгоҳ дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба илм дар бахш ва саҳифаҳои Сомона тағйиру иловаҳо ворид карда мешавад.

## III. УҲДАДОРИҲОИ МАСЪУЛИ СОМОНА

5. Уҳдадориҳои ассосии масъули Сомона иборатаст:
– роҳбарии умумӣ ва назорати иҷрои вазифаҳои кормандони Сомона;
– ҷобаҷо кардани ҳуҷҷатгузории Сомона;
– сари вақт баррасӣ намудани маводи ба Сомона воридшуда;
– таҳрир ва тасҳеҳи маводи воридшуда;
– иштирок дар ҷаласаҳо, вохӯриҳо ва дигар чорабиниҳои донишгоҳӣ;
– талаб намудани маводҳои зарурӣ аз кормандони ғайриштатии Сомона;
– қабули шакли электронии маводи ба Сомона воридшаванда ва маводи вориднамудаи кормандони ғайриштатии Сомона;
– ҳуруфчинӣ намудани факту далели хабару мақолаҳое, ки дар шакли коғаз ва ё сабтанд;
– тайёр намудани саҳифаҳо бо забонҳои русиву тоҷикӣ ва супоридани онҳо ба тарроҳи Сомона.

## IV. УҲДАДОРИҲОИ ТАРРОҲИ СОМОНА

6. Уҳдадориҳои асосии тарроҳи Сомона аз инҳо иборатанд:
– иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои масъули Сомона дар робита ба тағйиру иловаҳо ба Сомона;
– сари вақт ҷо намудани хабару гузоришҳо дар сомона;
– ҷобаҷогузории маводи таҳриршуда;
– интихоби дурусти аксҳо дар Сомона.

## V. УҲДАДОРИҲОИ КОРМАНДОНИ ҒАЙРИШТАТИИ СОМОНА

7. Мувофиқи фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз таърихи 05.11.2016 таҳти №245 – 09, кормандони зерини донишгоҳ ба ҳайати кормандони ғайриштатии сомона дохил мешаванд, ки барои омода намудани мавод ва хабар додан аз руйдодҳои гуногуни донишгоҳ ба масъули Сомона вазифадор шудаанд:

– мудири шабакаҳои компютерӣ, котиби техникии сайти донишгоҳ;

– саркотиби Шурои дессертатсионии донишгоҳ;

– муовини сардори раёсати таълим, масъул аз раёсати таълим;

– котиби илмии раёсати илм ва навовариҳои техникӣ, масъул аз раёсати илм ва навоварии техникӣ;

– мудири шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ, масъул аз шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ;

– сармутахассиси бахши ҷавонон, масъул аз шуъбаи тарбия;

– масъулони сайт аз хисоби ҷонишинхои декан оид ба илм ва дигар устодони факултетҳои донишгоҳ.

## VI. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

7. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи Сомонаи мазкур бо қарори Шурои олимони ДМТ ворид карда мешавад.

# ТАРТИБИ
# ГУЗАРОНИДАНИ КУРСИ «САРВАРОНИ СИЁСӢ»

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби гузаронидани курси «Сарварони сиёсӣ» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Тартиб) дар асоси «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2025», Консепсияи миллии сиёсати ҷавонони Тоҷикистон, Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон, тартиби мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия гардидааст.

2. Раиси созмони ҷавонон курси «Сарварони сиёсӣ» -ро дар Донишгоҳ роҳбари намуда, ҳар се моҳа ба ректори донишгоҳ ҳисобот пешниҳод намояд;

– тарҷибу ташвиқи ҳуқуи – кӯшиши ба маълумоти ҳар як хонанда ва донишҷӯёни донишгоҳ расонидани сиёсати ҳуқуқии давлат дар шакли фаҳмо ва дастрас, ки барои ҳама якхелқ ва фаҳмида шавад, то ки ӯ тавонад онро барои ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонуниаш истифода намояд.

– тарҷибу ташвиқи ҳуқуқӣ бояд яке аз воситаҳои мҳимми таъсирбахши мқсаднок ва ба таври оммавӣ баланд бардоштани таълиму тарбияи ҳуқуқи ва фарҳанги ҳуқуқии хонанда ва донишҷӯёни донишгоҳ гардад.

– донишгоҳ, ки дар таълим ва тарбияи ҳуқуқи мавқеи мҳвариро ишғол менамояд, бояҷиҳати амаӣ намудани корҳои тарҷиботӣ, ташвиқоти – ҳуқуқи бо дар назар доштани тақвияти шуури насли наврас дар онҳо талқин намудани моҳияти ҳуқуқу уҳдадорӣ, ростқавлӣ, некбинӣ, меъёрҳои этикӣ, арзишҳои миллӣ (дин, фарҳанг, таърих), ватандӯсӣ ва ҳисси ифтихори арзишҳои миллӣ, масъулияти назаррас дошта бошад.

– дар донишгоҳ, новобаста аз ихтисос ва шакли таълим ба донишҷӯён омӯзиши предмети соҳаи ҳуқуқ тақвият дода шавад;

– ҳамасола гузаронидани озмуни "Беҳтарин омӯзгор – ҳуқуқшинос" дар донишгоҳ бо ҳавасмандгардонии модӣ ба роҳ монда шавад;

– масъалаи тарбияи фарҳанги ҳуқуқӣ, муайян кардани роҳҳои ташаккулёфта ва таҳкими минбаъдаи он бояд самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмҳ – ҳуқуқи ҳисобида шуда, ба алоsамандии фарҳанги умумӣ ва ҳуқуқии шахс, инчунин, фарҳанги ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқ аҳамияти махсус дода шавад;

## II. МАҚСАД, ВАЗИФА ВА ПРИНСИПҲО

3. Мақсади асосии Твартиб аз инҳо иборатанд:

– риояи Конститутсия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстӣ;

– баланд бардоштани саҳҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон;

– таъмини дастрасии тарзу усулҳои қонунии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

– тарҷиби арзишҳои демократӣ, дарк намудани ягонагии ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, таъмини иштироки фаъоли аҳолӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисоӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он;

– баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва аз байн бурдани нигилизми ҳуқуқӣ;

– байни шаҳрвандон ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқи вайронкунӣ ва ногузирии масъулияти ҳуқуқӣ;

– баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

– ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектони тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ;

– ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон;

– ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониш ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон истифодаи иқтидори илмию фарҳангии ҷомеа.

4. Ҷиҳати ноил гардидан ба мақсадҳои Тартиб иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст:

– пешгирии ҳуқуқвайронкунҳо;

– баланд бардоштани самаранокии тарҷибу ташвиқи ҳуқуқ;

– баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти тарҷибу ташвиқи ҳуқуқ;

– ташаккули малакаи муайян намудани мавқеи ҳуқуқии шаҳрвандон барои ҳалли масъалҳои ҳуқуқии ба вуҷуд омада;

– таъмини мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мқомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, бахусус мқомоти ҳифзи ҳуқуқ бо маводи иттилоотӣ-ҳуқуқӣ;

– ба таври васеъ ба аҳолӣ дастрас намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулгардида;

– таъсис додани сомонаи ягонаи миллӣ бо ҷойгир кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи Ҷумҳурии Тҷикистон;

– такмил додани механизми коркарди муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун унсури муҳимми баланд бардоштани таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси ворид кардани дастовардҳои нави илму технология, пурзӯр кардани назорати ҷамъиятӣ;

– баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии роҳбарони ташкилоҳо новобаста аз шакли моликият, кормандони мақомоти давлатӣ ва иттиҳодиҳои ҷамъиятӣ;

– баланд бардоштани таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, аз ҷумла, кӯдакону наврасон, ҷавонону донишҷӯён, хизматчиёни давлатҳ ва шахсони ба оніо баробаркардашуда;

– истифодаи самараноки воситаҳои ахбори омма ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон;

– ба роҳ мондани таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон бо дар назар доштани хусусиятҳои таърихи, фарҳанӣ, миллӣ ва дигарҳо;

– ба таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ фаро гирифтани тамоми гурӯҳҳои аҳолӣ бо дар назар доштани синну сол, касб ва хусусиятіои дигар дар заминаи нақшҳои дарозмуддати чорабиниҳои ҳуқуқӣ;

– коркард ва татбиқи шаклҳои нави таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– коркард намудани барнома ва нақшаҳи нави таълим ва тарбияи ҳуқуқ дар муассисаҳои таълимӣ;

– амалӣ намудани сиёсати дарҳои кушод ҷиҳати дастрасӣ ба қонунгузории амалкунанда ва сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

5. Тартиб дар асоси принсипҳои зерин амалӣ карда мешавад:

– қонуният;

– адолат, инсондӯстӣ, баробарӣ ва ҳамкорӣ;

– муттаҳидӣ ва ягонагии таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ;

– мустаҳкамии фарҳанги ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, ки арзиши олӣ дониста мешавад;

– ватандӯстӣ;

– ба таври мунтазам ҷалб намудани доираи васеи донишҷӯён дар вохуриҳо бо чеҳраҳои сиёсии кишвар, мутахассисон ва таҳлилгарони масъалаҳои сиёсӣ;

– фаъолгардонии ҳаракати ҷамъиятии ҷавонон ба воситаи ташаккул ва рушди ҳаракати ихтиёрӣ дар донишгоҳ;

– рушди имконоти донишҷӯён ҷиҳати ба шуғл фарогирии онҳо баъд аз хатм ва рақобатпазирӣ он дар бозори меҳнат;

– ҳамоҳангии донишгоҳ бо мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон ҷиҳати амалишавии лоиҳа;

– фароҳам овардани шароит барои барои худтатбиқнамоии эҷодии ҷавонон;

– мусоидат оид ба баланд бардоштани маърифатнокии ҷавонон;

– баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир;

– баланд бардоштани фарҳанги маънавию сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва омӯзиши таърихи пурғановати миллати худ;

– тарбияи ҷавонон дар руҳияи пос доштани фарҳанги миллии либоспӯшӣ ва дур будан аз бегонпарастӣ;

## IV. НАТИҶАҲОИ НИҲОӢ

6. Натиҷаҳои татбиқ аз рӯи нишондиҳандаҳои муқарраршуда барои андешидани ин гуна чораҳо равона гардидааст:

– устувор гардидани фаъолияти ҳаракатҳои ҷамъиятии хонандагон ва донишҷӯён;

– фароҳам овардани шароит барои худтатбиқнамоии эҷодии ҷавонон;

– баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии хонандагон ва донишҷӯён дар шароити ҷомеаи муосир;

– дур шудани қисми муаяни ҷавонон аз хурофотпарастӣ, тундгароӣ ва терроризму экстремизм;

– паст ё муътадил гардидани сатҳи қоидавайронкунӣ дар байни донишҷӯён;

– баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон, тарғиби худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихории миллӣ дар байни ҷавонон;

– баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии хонандагон ва донишҷӯён дар самти пос доштан ва рушд додани фарҳанги миллии либоспӯшӣ;

– баланд бардоштани сатҳи маърифати фарҳангӣ ва маънавию ахлоқии донишҷӯён;

– ташаккул ёфтани заминаи илмию амалӣ ва иттиллоотии сиёсати давлатии ҷавонон;

– ҳавасманд намудани хонандагон ва донишҷӯёни фаъоли донишгоҳ дар амалӣ намудани корҳои муҳими тадқиқотӣ ва манфиатбахш ба ҷомеа.

– ба сифати яке аз вазифаҳои афзалиятноки донишгоҳ баргузор намудани чорабиниҳои бонизоми васеи тарҷиби ҳуқуқӣ дар заминаи ақидаи консептуалии "Сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ – кафолати рушди кишвар";

– ҳавасмандгардонии ба хонандагон ва донишҷӯён оид ба азхуд намудани донишҳои ҳуқуқӣ, риояи ҳатмии қонунҳо, рафтори эҳтиромона ба ҳуқуқ ва ҳавасмандгардонии шахсоне, ки барои паҳн намудани донишҳои ҳуқуқӣ, андешидани чораҳо барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ муваззаф шудаанд, зарур аст.

7. Ҳавасмандгардонӣ бо тарзу усулҳои зерин амалӣ шуда метавонад:

– стипендияҳо, мукофотҳои пулӣ, подошпулӣ, мукофотҳо (туҳфаҳо);

– ифтихорномҳо, ҷомҳо ва сертификат.

**ТАРТИБИ**

**ГУЗАРОНИДАНИ КУРСИ ОМӮЗИШИИ «ЗАН – САРВАР»**

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби гузаронидани курси омӯзишии «Зан – сарвар» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Тартиб) дар асоси «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо", «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду марҳила (солҳои 2011 – 2020 ва солҳои 2021 – 2030), «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017 – 2022, «Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», тартиби мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия гардидааст.

2. Раиси занон курси «Зан – сарвар»-ро дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Донишгоҳ) роҳбарӣ намуда, ҳар се моҳ ба ректори донишгоҳ ҳисобот пешниҳод намояд.

3. Тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ – кӯшиши ба маълумоти ҳар як хонанда ва донишҷӯёни донишгоҳ расонидани сиёсати ҳуқуқии давлат дар шакли фаҳмо ва дастрас, ки барои ҳама якхел қабул ва фаҳмида шавад, то ки ӯ тавонад онро барои ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонуниаш истифода намояд.

## II. МАҚСАДИ ГУЗАРОНИДАНИ КУРС

4. Мақсади гузаронидани курс:

– фароҳам овардани шароити мусоид ва имкониятҳои ҳамаҷониба ҷиҳати иштироки фаъоли занону духтарон дар самти таъмини ҳуқуқҳу имкониятҳо доир ба тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Донишгоҳ аз ҳисоби занону духтарони болаёқат;

– ҷалби бештари духтарон ба таҳсил дар зинаи бакалавр, магистратура ва докторанти Ph.D дар Донишгоҳ;

– омода намудани кадрҳои ҷавон аз ҳисоби донишҷӯдухтарони фаъол.

5. Бо дарназардошти ҳадафҳои муайяншуда гузаронидани курс мазкур иҷрои вазифаҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

– баланд бардоштани дараҷаи рақобатпазирии занҳо дар Донишгоҳ;

– мусоидат намудан дар болоравии маҳорату малакаи касбӣ, ҳисси масъулият ба вазифаи ишғолкарда, тарбияи ахлоқӣ ва ватандӯстиву ватанпарастӣ;

– такмили механизмҳои ҳамкорӣ байни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар масъалаи интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо аз ҳисоби занони лаёқатманд;

– ҳавасмандгардонии донишҷӯдухтарони лаёқатманд;

– бартараф намудани номувофиқатии таносуби касбӣ бо роҳи таҳия намудани механизмҳои мусоидаткунанда барои гирифтани ихтисосҳое, ки талабот ба онҳо зиёд аст;

– рушди ҳамкории сохторҳои давлатии соҳавӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар масъалаи баланд бардоштани неруи занон дар соҳаи хизмати давлатӣ;

– фаъол гардонидани нақши воситаҳои ахбори омма дар масъалаи бартараф намудани қолабҳои гендерии тақсими нақшҳои мардон ва занон дар ҷомеа, ташаккул додани имиҷи зан – роҳбар.

## III. САМТҲОИ АСОСИИ АМАЛИГАРДОНИИ ГУЗАРОНИДАНИ КУРС

7. Амалигардонии гузаронидани курси омӯзишӣ амалӣ намудани тадбирҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

– мунтазам нав ва пурра намудани махзани кадрӣ аз ҳисоби занону духтарон барои Донишгоҳ аз рӯи ихтисосҳо;

– гузаронидани таҳлили гендерии интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар ҳама сатҳи ихтисосҳои Донишгоҳ;

– баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, ҳуқуқӣ, малакаи касбӣ ва фаъолнокии худи занон;

– ташкили курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон роҳбарии зан Донишгоҳ;

– ҷалби занони роҳбарикунанда курсҳои бозомӯзии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

– амалӣ намудани нақшаҳои муштарак бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар самти тарбияи кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарон;

– таъмини иштироки занону духтарон дар курсҳои такмили ихтисос ва таҳсил дар хориҷи кишвар бо мақсади бозомӯзӣ ва табодули таҷрибаи онҳо;

– таҳияи барномаҳо, омода ва намоиши наворҳо доир ба мавзуи иҷтимоӣ дар шабакаҳои давлатии телевизион ва радио, чопи мавод дар рӯзномаву маҷаллаҳо дар бораи зарурати бартарафсозии қолабҳо оид ба нақши мардон ва занон дар ҷомеа;

– таҳияи барномаҳои телевизионӣ ва гуфторҳои радиоӣ оид ба муаррифии ҳаёт ва фаъолияти занони муваффақи роҳбар;

– баргузории чорабиниҳо бо иштироки занони фаъол ва муваффақ.

## III. ВАЗИФА ВА УҲДАДОРИҲО

6. Вазифаҳои курси омӯзишии «Зан – сарвар»:

– омӯзонидани маҳорати суханварӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва коргузорӣ дар идораи давлатӣ;

– пешбарии донишҷӯдухтарон ба вазифаҳои роҳбарикунанда бо назардошти қобилият, истеъдод ва ихтисос;

– ташаккули симо (имиҷ)-и мусбати зан – сарвар;

– таҳкими донишу малакаи сарварӣ ва рушди касбинтихобкунии занон;

– омӯзиши мактаби давлатдории Пешвои миллат оид ба ҷанбаҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа;

– баҳра бардоштан аз фаъолияти занони муваффақи кишвар;

– ҷалб намудани доираи васеи донишҷӯдухтарон ба маҳфилҳо бо иштироки роҳбарону ходимони давлатӣ;

– ҳамкорӣ бо ниҳодҳои дахлдор;

– андешидани тадбирҳо ҷиҳати аз байн бурдани бегонапарастӣ миёни донишҷӯдухтарон;

– бедор намудани ҳисси зебоипарастӣ, ифтихори ватандорӣ, хештаншиносӣ, одобу ахлоқӣ намунавӣ ва арзишҳои миллӣ дар вуҷуди донишҷӯдухтарон;

– такмил додани механизми коркарди мурочиати шахсони воезҳ ва ҳуқуқӣ;

– баланд бардоштани масъулияти донишҷӯдухтарон дар бартараф намудани омилҳои номатлуб.

– баланд бардоштани фарҳанги маънавию сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва омӯзиши таърихи пурғановати миллати худ;

– тарбияи занон дар руҳияи пос доштани фарҳанги миллии либоспӯшӣ ва дур будан аз бегонпарастӣ.

## III. НАТИҶАҲОИ ПЕШБИНИШАВАНДА

7. Дар доираи амалишавии курси омӯзишии «Зан – сарвар» натиҷаҳои зерин пешбинӣ шудааст:

– такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти баланд бардоштани мавқеи занон дар ҷомеа;

– бартараф гардидани қолабҳои шахшудаи хурофотӣ ҷиҳати таъмини ҳуқуқи озодонаи занону духтарон дар интихоби касб;

– баланд гардидани симо (имиҷ)-и зан – сарвар дар идоракунии мақомоти давлатӣ.

– камшавии тафовути гендерӣ дар масъалаи дастрасии мардону занон ба гирифтани таҳсилоти касбӣ, хусусан аз рӯи ихтисосҳои сатҳи идоракунӣ;

– таъмини мунтазами нав ва пурра гардонидани махзани маълумот оид ба захираи кадрҳои Донишгоҳ бо намояндагии баробари номзадҳо аз ҳисоби мардону занон аз рӯи соҳаҳо ва дараҷаҳои мансабҳои давлатӣ;

– ҷорӣ намудани курсҳои махсус оид ба масъалаҳои гендерӣ дар барномаҳои ДТИОМТОК назди ДМТ;

– сол ба сол зиёд намудани шумораи занҳо дар байни кормандони Донишгоҳ то 40 фоиз ва дар байни роҳбарон то 30 фоиз.

## ТАРТИБИ
## РЕҶАИ ЯГОНАИ ЗИДДИСӮХТОРӢ ДАР ДМТ

## XI. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби реҷаи ягонаи зиддисӯхторӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Тартиб) дар асоси «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», тартиби мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф бо мақсади таъмини амнияти бехатарӣ аз сӯхтор ва баланд бардоштани масъулияти шахси масъули воҳиди сохторӣ, кормандон дар самти таъмини чораҳои бехатарӣ ва пешгирӣ аз сӯхтор дар ҳудуди тамоми воҳидҳои сохтории донишгоҳ реҷаи ягонаи зиддисӯхторӣ таҳия гардидааст.

2. Сохтори ҳифзи меҳнат дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Донишгоҳ) масъули бехатарӣ дар сохтори мазкур баҳисоб рафта, барои назорат ва таъмини шароити бехатарӣ, нигоҳубини таҷҳизоти зиддисӯхторӣ, риояи талаботи бехатарӣ аз ҷониби зердастон, тарғиби қонунҳо, дастурҳо ва дастурамалҳо оид ба бехатарии меҳнат дар ҷои ба вай вобасташуда вазифадор мебошадонро роҳбарӣ намуда, ҳар се моҳ ба ректори донишгоҳ ҳисобот пешниҳод намояд.

3. Дар дохил ва ҳудуди воҳидҳои сохтории донишгоҳ, биноҳои маъ – мурӣ, таълимӣ, истеҳсолӣ, хизматрасонӣ, маишӣ, варзишӣ ва хобгоҳҳо истифода аз оташи кушода, кашидани тамоку ва сигор (ғайр аз ҷойҳои махсус ҷудошуда) қатъиян манъ аст.

4. Нигоҳ доштани маводҳои оташангез ва тарканда (сӯзишворӣ, равғанҳои техникӣ, баллони газ, маҳлулҳои кимиёвӣ, рангҳо, нитратҳо, петарда ва ғ.) ;

5. Дар утоқи корӣ, синфхона, толорҳо, китобхона, ҳуҷраи зист, боми биноҳо, таҳхонаҳо, роҳрав ва зинапояҳо қатъиян манъ буда, истифофодаи онҳо дар ҳолати зарурӣ (бо мақсадҳои таълимӣ, таъмир, тармим, коркард, чорабинӣ) тибқи тартиб ва муқаррарот ба роҳ монда мешавад.

6. Дар якҷой ҷамъ кардани боқимонда маводи сӯзиш, коркардҳои лабораторӣ, партовҳо, баргу шохчаи дарахтон, коғазпораҳо, мизу курсиҳои шикаста танҳо дар ҷойҳои махсус ҷудошуда, таҷҳизонидашуда ва сари вақт кашонида шаванда иҷозат дода шудааст.

7. Дар утоқҳо ҷойгиркунии мебел, таҷҳизот, асбоб ва маводи корӣ аз рӯи меъёр ва мутобиқи талаботи бехатарӣ ва санитарӣ иҷозат дода мешавад, ҷойгиркунии дигар таҷҳизот бояд мувофиқа карда шавад.

8. Нигоҳдории маводу амвол, асбобу олот ва дастгоҳу таҷҳизоти эҳтиётӣ ва захиравӣ фақат дар ҷойи мувофиқи махсус ҷиҳозонидашуда (амбор, анҷомхона, бойгонӣ) иҷозат дода мешавад.

9. Дар тамоми утоқҳои корӣ, аудитория, толор, ҳуҷра, коргоҳ, марказҳо, нуқтаҳои хизматрасонӣ , амборҳо баъди анҷоми вақти корӣ ё охирин шуда баромадан тамоми таҷҳизоти барқӣ (ғайр аз равшании навбатдорӣ) бояд хомӯш карда шаванд.

10. Барои анҷом додани корҳои амалӣ баъд аз анҷоми вақти корӣ иҷозати маъмурияти муассиса шарт аст.

11. Тамоми биноҳо ба воситаҳои аввалияи зиддисӯхторӣ, сипарҳои оташнишонӣ (бо маҷмуи маводу олот) мувофиқи меъёр ҳатман таъмин карда шаванд.

12. Низоми дар ҳолати омодагии доимӣ қарор доштани воситаҳои аввалия ва таҷҳизоти зиддисӯхторӣ дар тамоми воҳидҳои сохторӣ бояд таъмин карда шавад.

13. Азназаргузаронии даврии ҳолати техникии таҷҳизот ва восита – ҳои аввалияи зиддисӯхторӣ ва пурра намудани шумораи онҳо ба роҳ монда шавад.

14. Таъмин ба шумораи зарурии маводу воситаҳои зиддисӯхторӣ ва аз истифода хориҷ сохтани онҳо бо пешниҳоди шахси масъули воҳиди сохторӣ амалӣ карда мешавад.

15. Роҳҳои ворид шудан ба биноҳо ва даромадгоҳҳои он бояд дар ҳолатҳои омодагии доимӣ қарор дошта бошанд.

16. Бо ашё ва таҷҳизоти зиёдатӣ банд сохтани роҳрав, зинапояҳо ва майдончаҳои онҳо, таххона ва боми биноҳо манъ аст.

17. Ҳар як корманд, ҳамкор, устод, донишҷӯ вазифадор аст, ки ҳангоми ошкор намудани нуқсон, нишонаҳои хатар, манбаи пайдоиши сӯхтор фавран ба маъмурияти худ хабар диҳад.

18. Шахси масъули воҳиди сохторӣ аз ҷониби раёсат бо мавод, дастурот, дастурамалҳо, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнат, талаботи қонунгузории соҳа ва адабиёти зарурӣ таъмин карда мешавад.

19. Дар вақти рафтани корҳои таъмирӣ, сохтмонӣ, бартарафсозии садама талаботи бехатарӣ дар мувофиқа бо иҷрочӣ таъмин карда мешаванд.

20. Дар сохторе, ки шумораи кормандон ё бошандагони доимӣ аз 10 нафар зиёданд бояд дастаҳои ихтиёрии оташнишонон ташкил карда

шаванд ва барои фаъолияти онҳо аз ҷониби маъмурият мусоидат карда шавад.

21. Дастурдиҳии кормандон ва шахсони ба кор қабулшаванда оид ба қоидаҳои бехатарӣ тибқи барномаи тасдиқнамудаи раёсат ва тартиби муқарраргардида гузаронида шавад.

22. Доираи масъулияти кормандон ва мутахассисон дар дастури вазифавӣ оид ба ҳифз ва бехатарии меҳнат мушаххас карда мешавад.

23. Аз ҷониби раёсати маъмуриву хоҷагӣ барои ҳар соли хониш нақшаи гузаронидани чорабиниҳои омӯзишӣ, санҷишӣ ва пешгирикунанда (прфилактикӣ) доир ба риояи талаботи бехатарӣ таҳия ва роҳандозӣ карда шавад.

24. Нисбати шахсоне, ки ба талаботи муқаррарнамуда оид ба бе – хатарии меҳнат мунтазам беэътиноӣ мекунанд ва боиси ба вуҷуд омада – дани ҳолати садамавӣ мегарданд, дар асоси пешниҳоди шахси масъул чораҳои маъмурӣ ва интизомӣ андешида мешаванд.

25. Нусхаи ҳуҷҷати мазкур пас аз интишор ёфтан ба ҳамаи масъу – лини воҳидҳои сохторӣ дастрас ва чун дастури асосӣ барои фаъолият ва таҳияи дигар дастуроти коргузорӣ дар ин самт ҳисобида мешавад.

## II. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

26. Мафҳумҳои асосие, ки дар Тартиби мазкур истифода мешаванд:

– **бехатарӣ аз сӯхтор** – таъмини ҳифзи одамон, молу мулки онҳо, моликияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ аз сӯхтор;

– **сӯхтор** – оташи назоратнашаванда, ки ба ҳаёт ва саломатии одамон зарар ва ба ҷамъияту давлат зиёни моддӣ мерасонад;

– **талаботи бехатарӣ аз сӯхтор** – шартҳои махсуси техникие, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ ва қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор, мақомоти ваколатдори давлатӣ барои таъмини бехатарӣ аз сӯхтор муқаррар карда шудаанд;

– **риоя накардани талаботи бехатарӣ аз сӯхтор** – иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани талаботи меъёру стандартҳо, қоидаву дастурҳо оид ба таъмини бехатарӣ аз сӯхтор, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд;

– **низоми бехатарӣ аз сӯхтор** – қоидаҳои муқарраршудаи рафтори шаҳрвандон, тартиби ташкили фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагӣ, шароити нигоҳубини бинову иншоотҳо, иморат (ҳудуд), таҷҳизоти истеҳсолӣ ва махсус, ки риоя накардани талаботи бехатарӣ аз сӯхтор ва оташнишониро пешгирӣ менамоянд;

– **низоми махсуси бехатарӣ аз сӯхтор** – муқаррар намудани талаботи иловагӣ ҳангоми зиёд шудани хатари сӯхтор дар ҳудудҳои дахлдор;

– **чораҳои бехатарӣ аз сӯхтор** – амалҳо оид ба таъмин ва иҷрои талаботи бехатарӣ аз сӯхтор;

– **системаи таъмини бехатарӣ аз сӯхтор** – маҷмуи қувва ва воситаҳо ва ҳамчунин чораҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмию техникие, ки барои мубориза бо сӯхтор равона гардидаанд;

– **хадамоти оташнишонӣ (муҳофизат аз сӯхтор)** – бо тартиби муайян таъсис додани маҷмуи мақомоти идоракунӣ, қувваю воситаҳо, аз ҷумла воҳидҳои оташнишонӣ, ки барои ташкили пешгирии сӯхтор ва хомӯш намудани он, гузаронидани корҳои таъхирнопазири наҷотдиҳӣ аз фалокат таъин гардидаанд;

– **назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхтор** – намуди махсуси фаъолияти назорати давлатие, ки аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти идоракунӣ ва воҳидҳои хадамоти давлатии оташнишонӣ бо мақсади назорати риояи талаботи бехатарӣ аз сӯхтор ва роҳ надодан ба риоя накардани он анҷом дода мешавад;

– **тарғиботи бехатарӣ аз сӯхтор** – иттилоотонии ҷамъият оид ба масъалаҳо ва роҳҳои таъмини бехатарӣ аз сӯхтор аз тариқи воситаҳои ахбори омма, тавассути нашр ва интишор кардани адабиёти махсус ва маҳсулоти реклама, ташкил намудани намоишу бозбиниҳо, конференсияҳо ва чорабиниҳои оммавӣ;

– **пешгирии сӯхтор** – маҷмуи тадбирҳои бехатарӣ, ки барои истисНои имконияти сар задани сӯхтор ва маҳдуд сохтани оқибати он равона шудаанд;

– **тадбирҳои аввалияи бехатарӣ аз сӯхтор** – амалӣ намудани меъёру қоидаҳои бо тартиби маъмулӣ қабулгардида оид ба пешгирии сӯхтор, наҷот додани мардум ва молу мулк аз сӯхтор, ки ин як қисми маҷмуи чорабиниҳо оид ба ташкили оташнишонӣ мебошад;

– **маснуоти техникии оташнишонӣ** – маснуоти махсуси техникӣ, барои таъмини бехатарӣ аз сӯхтор, аз ҷумла техникаю таҷҳизот, лавозимоти оташнишонӣ ва маводи муҳофизат аз оташ, воситаҳои алоқаи махсус ва идоракунӣ, барномаҳои мошинҳои ҳисоббарори электронӣ ва манбаъҳои маълумот, ҳамчунин дигар воситаҳои пешгирии сӯхтор ва оташнишонӣ;

– гарнизони хадамоти давлатии оташнишонӣ – маҷмуи мақомоти ҷойгиронии ҳудуди муайяни идоракунӣ, воҳидҳои муҳофизат аз сӯхтор, муассисаҳои техникӣ – оташнишонӣ, тадқиқоти илмӣ ва муассисаҳои таълимии техникии оташнишонӣ ва дигар ташкилотҳо, новобаста аз тобеияти идоравии оташнишонӣ.

## III. ҲУҚУҚҲОИ РОҲБАРИ ҲИФЗИ МЕҲНАТ

27. Роҳбари ҳифзи меҳнат ҳуқуқ дорад:

– додани дастур ба кормандон оид ба қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва усулҳои бехатарии кор:

– корфармо уҳдадор аст ба кормандоне, ки ба кор қабул мешаванд ва ё ба кори дигар гузаронида мешаванд, оид ба ҳифзи меҳнат ва омӯзиши усулҳои бехатари кор дастур диҳад;

– барои кормандони дар истеҳсолоти шароити корашон махсусан хатарнок бояд таълими ҳифзи меҳнат ба роҳ монда, онҳо баъд аз хатми таълим имтиҳон супурда, минбаъд давра ба давра аз нав имтиҳон карда шаванд;

– дастурдиҳӣ, таълим ва санҷиши давра ба давраи дониши кормандон, аз ҷумла мутахассисон ва роҳбароне, ки барои ҳолати ҳифзи меҳнат масъуланд, бо тартиб ва дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи санади меъёрии дахлдор ба роҳ монда мешаванд;

– шахсоне, ки бо тартиби муқарраршуда аз ҳифзи меҳнат ва усулҳои бехатари кор дастур ва таълим нагирифтаанд, ба кор роҳ дода намешаванд;

– донистани қоидаю меъёрҳои бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат қисми таркибии талаботи ихтисосие мебошад, ки аз кормандон тақозо мешавад;

– муайян намудани вазифаҳои шахсоне, ки собиқ вазифа ҳисоб ба ташкил ва таъмини бехатарии зидди сӯхтор мебошанд;

– таъин намудани шахсони масъул барои бехатарии дар сурати оташе бар ҷузъҳои алоҳидаи объект;

– ҷорӣ намудани ҳолати муносиби сӯхтор мубориза мебаранд.

## IV. ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРӢ АЗ СӮХТОР

28. Вазифаҳои асосии таъмини бехатарӣ аз сӯхтор аз инҳо иборатанд:

– ҳифзи ҳаёт ва саломатии одамон, моликият, сарвати миллӣ ва муҳити зист дар соҳаи бехатарӣ аз сӯхтор;

– пешакӣ муайян кардани ҳадди хатари фаъолияти ташкилоту шаҳрвандон, таълими чораҳои пешгирӣ ва амалӣ гардонидани тадбирҳои пешгирӣ дар соҳаи бехатарӣ аз сӯхтор;

– зарурати оташнишонӣ, анҷом додани корҳои аввалияи садамавӣ – наҷотдиҳӣ аз фалокат ва дигар корҳои зарурӣ, расонидани ёрии тиббӣ, ҳимояи иҷтимоии шаҳрвандон ва кормандони осебдида, ҷуброни зиёне,

ки дар натиҷаи сӯхтор ба саломатӣ ва молу мулки шаҳрвандон, муҳити зист ва ба субъектҳои хоҷагидорӣ расидааст;

– таҳия ва амалӣ гардонидани чораҳои бехатарӣ аз сӯхтор;

– амалӣ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳо ва масъулият дар соҳаи бехатарӣ аз сӯхтор;

– гузаронидани тарғиботи бехатарӣ аз сӯхтор ва ба кормандон омӯзондани қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор;

– таъмини иттилоотӣ дар соҳаи бехатарӣ аз сӯхтор;

– ташкили иҷрои чораҳои бехатарӣ аз сӯхтор ва амалӣ гардонидани онҳо;

– қабул кардани қоидаҳои ҳатмӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарӣ ҳангоми сар задани сӯхтор, пешгирӣ ва рафъ намудани он;

– ташкили чораҳои пешгирӣ ва рафъ кардани сӯхтор;

## V. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ КОРМАНДОН ДАР СОҲАИ БЕХАТАРӢ АЗ СӮХТОР

29. Кормандон ҳуқуқ доранд:

– ба ҳимояи ҳаёту саломатӣ ва молу мулки худ дар мавриди сӯхтор;

– аз хатари сӯхторе, ки дар маҳалҳои муайяни будубоши худ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дучор шуда метавонанд ва ҳам аз чораҳои зарурии бехатарӣ огоҳӣ дошта бошанд;

30. Кормандон уҳдадоранд:

– талаботи бехатарӣ аз сӯхторро риоя намоянд;

– дар сурати ошкор кардани сӯхтор зуд ба Хадамоти давлатии оташнишонӣ хабар диҳанд;

– ба Хадамоти давлатии оташнишонӣ дар хомӯш намудани сӯхтор ёрӣ расонанд;

– амру дастур ва талаботи қонунии мақомоти Хадамоти давлатии оташнишониро иҷро намоянд;

## V. ҲУҚУҚҲОИ ДОНИШГОҲ ДАР СОҲАИ БЕХАТАРӢ АЗ СӮХТОР

31. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад:

– бо тартиби муайян, аз ҷумла дар асоси шартнома бо мақомоти Хадамоти давлатии оташнишонӣ бо тартиби муқarrаргардида воҳидҳои оташнишонӣ барпо намоянд, онҳоро аз нав ташкил кунанд ва барҳам диҳанд, ки таъминоташ аз ҳисоби худашон мебошад;

– ба мақомоти давлатӣ оид ба таъмини бехатарӣ аз сӯхтор таклифҳо пешниҳод намоянд;

– барои муқаррар намудани сабабу ҳолатҳои сӯхторе, ки дар иншооту ташкилотҳояшон сар задааст, чораҳо андешанд;

– чораҳои ҳавасмандии иҷтимоӣ ва иқтисодиро оид ба таъмини бехатарӣ аз сӯхтор дар ҳудуди муайянкардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намоянд;

– аз рӯи масъалаҳои бехатарӣ аз сӯхтор, аз ҷумла бо тартиби муқарраргардида аз мақомоти идоракунӣ ва воҳидҳои хадамоти оташнишонӣ маълумот гиранд.

## V. УҲДАДОРИҲОИ ДОНИШГОҲ ДАР СОҲАИ БЕХАТАРӢ АЗ СӮХТОР

32. Донишгоҳ уҳдадор аст:

– талаботи бехатарӣ аз сӯхторро риоя намоянд ва ҳамчунин амру дастур ва дигар талаботи қонунии мақомоти Хадамоти давлатии оташнишониро риоя намоянд;

– чораҳои таъминоти бехатарӣ аз сӯхторро таҳия ва амалӣ намоянд;

– тарғиботи пешгирии сӯхторро ба роҳ монанд ва ҳамчунин, ба кормандон чораҳои бехатарӣ аз сӯхторро таълим диҳанд;

– низом ва воситаҳои оташнишониро дар ҳолати коршоям нигоҳ доранд, ба ғайри таъинот истифода шудани онҳо роҳ надиҳанд;

– ба Хадамоти давлатии оташнишонӣ дар хомӯш кардани сӯхтор, муқаррар намудани сабабу ҳолати сар задан ва аланга гирифтани он ва ҳамчунин ошкор намудани шахсоне, ки ба риоя накардани талаботи бехатарӣ аз сӯхтор ва сар задани сӯхтор гунаҳкоранд, кӯмак расонанд;

– оид ба татбиқи воситаҳои автоматикии ошкор ва хомӯш кардани сӯхтор, барои ҳолати коршоямии техникии онҳо тадбирҳо андешанд;

– дар рафти хомӯш намудани сӯхторҳо барои Хадамоти давлатии оташнишонӣ қувваю воситаҳои зарурӣ муҳайё намоянд;

– ба намояндагони Хадамоти давлатии оташнишонӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳояшон барои ворид шудани онҳо ба Донишгоҳ аз рӯи тартиби муқарарнамудаи қонунгузорӣ шароиту имконият фароҳам оваранд;

– ба мақомоти Хадамоти давлатии оташнишонӣ дар бораи ҳолати бехатарӣ аз сӯхтор, аз ҷумла хатари сӯхтор доштани маҳсулоти истеҳсолшаванда, ҳамчунин, аз сӯхторҳои дар ҳудудашон рӯйдода ва аз оқибати онҳо маълумот ва далелу ҳуҷҷат пешниҳод намоянд;

– ба Хадамоти давлатии оташнишонӣ  аз сар задани сӯхтор, аз носозиҳои системаю воситаҳои муҳофизат аз сӯхтор, аз тағйир ёфтани ҳолати роҳу даромадгоҳҳо зуд хабар диҳанд.

# ТАРТИБИ
# ҚАБУЛИ ИМТИҲОНҲОИ НИҲОӢ ДАР ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАКЛИ ШИФОҲӢ, ХАТТӢ ВА ОМЕХТА

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1) Тартиби қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва омехта (минбаъд – Тартиб) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2) Тартиби мазкур раванди қабули имтиҳонҳои ниҳоиро дар Донишгохи миллии Тоҷикистон (минбаъд Донишгоҳ) ба танзим медарорад.

3) Имтиҳонҳои ниҳоӣ (ҷамъбастӣ) бо мақсади муайян намудани сатҳи дониш ва баҳо гузоштан ба сифату самараи донишандӯзии назариявию амалии донишҷӯ доир карда мешавад.

4) Имтиҳони ниҳоӣ дар асоси ҷадвали имтиҳонҳо барои донишҷӯёни шаклҳои таҳсилоти рӯзона ва фосилавӣ, ки аз тарафи раёсати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва тасдиқ мегардад, ба роҳ монда мешавад.

5) Омӯзгор вазифадор аст, ки зимни баргузории имтиҳонҳо ба сатҳи дониши назариявию амалии донишҷӯ дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ, эҷодиву маҳорат мутобиқи меъёрҳои муайянгардида баҳогузорӣ намуда, дар ин маврид, инчунин, ба роҳ ва усулҳои татбиқи амалии донишҳои азхуднамуда ва малакаю маҳорати мустақилона ҳал кардани корҳои амалӣ низ аҳамият диҳад.

6) Дар раванди қабули имтиҳонҳо сатҳи дониши донишҷӯ тибқи талаботи ҳадди ақали Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда мешавад.

7) Холи умумии донишҷӯён оид ба азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо, бо назардошти нишондодҳои миёнаи имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва 2) ва ниҳоӣ муайян карда мешавад.

8) Донишҷӯ ӯҳдадор аст, ки имтиҳонҳои пешбинишудаи ниҳоиро тибқи ҷадвали имтиҳонҳои аз ҷониби роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқгардида супорад.

9) Ҳар як донишҷӯ аз фанҳои факултативии омӯхтааш санҷиш ё имтиҳон месупорад. Баҳои аз фанни факултативӣ гирифташуда ба варақаи имтиҳонӣ ва замимаи диплом ворид карда мешавад.

10) Натиҷаи ниҳоӣ (холи умумӣ)-и фанҳо дар дафтарчаи имтиҳонотӣ дарҷ мегардад.

11) Имтиҳонҳои ниҳоӣ аз тарафи комиссияе, ки ҳайати он аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, қабул карда мешаванд. Ба ҳайати комиссия омӯзгори фан, намояндагони раёсат, шуъбаи таълим ва деканат шомил мешаванд.

## II. МАФҲУМ ВА ИБОРАҲОИ АСОСИЕ, КИ ДАР ТАРТИБИ МАЗКУР ИСТИФОДА ШУДААНД

– **апеллятсия** – амалест, ки бо мақсади муайян намудан ва ислоҳи баҳогузории ғайриобъективона ба дараҷаи донишандӯзии донишҷӯён гузаронида мешавад.

**– аттестатсияи хатм** – тартиби муқаррар намудани мутобиқати мазмун, сатҳ ва сифати тайёрии хатмкунандагони Донишгоҳ ба талаботи барномаҳои таҳсилотӣ;

– **бозпурсии омезишёфта** – ин вақти муайян барои бартараф намудани маводҳои азхуднашуда вобаста ба хусусияти фан дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва эҷодиву маҳорати донишҷӯён мебошад;

– **бозпурсии хаттӣ** – шакли хатии назорати сатҳи дониш, таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи рақамӣ, баиҷрорасонии вазифаҳои амалӣ оид ба бахшҳои алоҳидаи фан мебошад;

– **бозпурсии шифоҳӣ** – амалест, ки баъди ба анҷом расидани омӯзиши маводи таълимӣ дар як ва ё якчанд бахшҳои фан бо тарзи посух ба саволҳо ва муҳокимаи натиҷаҳои ноилгардида доир мегардад;

– **имтиҳон** – шакли назорати ҷамъбастии иҷрои барномаи таълимии фан дар доираи талаботи стандарти давлатии таҳсилот;

– **кредит** – меъёри ягонаи ченкунии ҳаҷми меҳнатталабии донишҷӯ ва омӯзгор мебошад;

– **кори мустақилонаи донишҷӯ** – ҳамчун амали донишҷӯ дар ҷодаи мустақилона азхуд намудани барномаи таълимии фан аз рӯи мавзуъҳо ва супоришҳои пешбинишуда ба шумор рафта, аз ҷониби Донишгоҳ

(кафедра) бо адабиёти таълимию методӣ ва дастурҳо пурра таъмин гардонида мешавад;

– **маълумотномаи академӣ (транскрипт) –** шакли муқарраршудаи ҳуҷҷатест, ки номгӯи фанҳои таълимии дар давраи муайяни таҳсил аз тарафи донишҷӯ омӯхташудаaро бо нишондоди миқдори кредитҳо, баҳо ва холҳои миёнаи бадастовардаи ӯ дарбар мегирад.

– **санҷиши ҷорӣ** – санҷиши мунтазами дараҷаи дониши таълимгиранда аз ҳар як мавзуъ ё боби фанни омӯхташаванда мебошад, ки аз тарафи омӯзгори фан гузаронида мешавад.

– **имтиҳони фосилавӣ (рейтинг)** –шакли назоратест, ки бо мақсади муайян намудани дараҷаи азхудкунии барномаҳои фанҳои таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён дар давоми ҳар як даври академӣ ду маротиба гузаронида мешавад.

– **имтиҳони ниҳоӣ (ҷамъбастӣ)** – ҳамчун шакли ниҳоии назорат аз рӯи дараҷаи азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо аз ҷониби донишҷӯён муайян карда шуда, тибқи талаботи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи Донишгоҳ барои ҳар як даври академӣ дар баробари ба охир расидани ҳафтаҳои таълимии назариявӣ, дар асоси фармоиши ректор оид ба тартиби ташкил ва гузаронидани сессияҳои имтиҳонӣ қабул карда мешавад.

– **холи миёнаи умумӣ (GPA) –** холи миёнаи арифметикии баркашидаи натиҷаи донишандӯзии таълимгиранда аз рӯи ихтисоси интихобкардааш мебошад, ки ҳамчун нисбати суммаи ҳосили зарби кредитҳо ва ифодаи ададии холҳои умумии аз фанҳои алоҳида бадастоварда ба миқдори умумии кредитҳои дар даври академӣ соҳибгаштаи донишҷӯ ҳисоб карда мешавад.

– **триместр** –ҳамчун семестри иловагии таълими назариявӣ барои баланд намудани холи миёнаи умумӣ ва бартараф намудани қарзҳои академӣ муайян карда мешавад.

## III. ТАШКИЛИ РАВАНДИ СЕССИЯИ ИМТИҲОНӢ

12) Имтиҳонҳои ниҳоӣ бо мақсади баҳогузорӣ кардан ба сатҳи дониш ва малакаю маҳорати донишҷӯ дар соли таҳсил (семестр) мебошад, ки тавассути ин раванд донишандӯзии назариявӣ ва дар амал татбиқ карда тавонистани донишҳои азхудкардаи донишҷӯёни Донишгоҳ муайян карда мешавад.

13) Номгӯи саволҳои имтиҳонӣ ҳар сол як моҳ қабл аз оғози сессияи имтиҳонӣ дар ҷаласаи кафедра баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад.

14) Донишҷӯе, ки бесабаб дар дарсҳо ширкат намеварзад, аз иштирок дар сессияи имтиҳонӣ маҳрум мегардад.

15) Ҷадвали имтиҳонӣ тибқи нақшаи таълимӣ таҳия мегардад. Масъулияти саҳеҳият ва иҷрои саривақтии талаботи ҷадвали имтиҳонҳо ба души декани факултет гузошта мешавад.

16) Дар раванди қабули имтиҳонот сатҳи дониши андӯхтаи мутахассиси оянда тибқи талаботи ҳадди ақали Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

17) Донишҷӯ уҳдадор аст, ки дар давраи сессияи имтиҳонӣ ва ё ҷадвали инфиродии аз тарафи декани факултет тасдиқшуда ҳамаи имтиҳонҳои пешбининамудаи талаботи ягонаи нақша ва барномаи таҳсилотиро саривақт супорад.

18) Имтиҳон мутобиқи ҷадвали аз тарафи раёсат ё шуъбаи таълими Донишгоҳ тасдиқгардида, қабул карда мешавад. Имтиҳонро омӯзгори фанни дахлдор бо ҳамроҳии ёвар (ассистент) қабул менамояд.

19) Дар ҳолати беморӣ ва ё дар сафари хизматӣ қарор доштани омӯзгори дахлдор, омӯзгори дигаре, ки мутахассиси ҳамин соҳа мебошад, метавонад бо пешниҳоди мудири кафедра ва мувофиқа бо қисми таълимӣ Донишгоҳ имтиҳон қабул намояд.

20) Омӯзгори фан тибқи талаботи зикргардида аз донишҷӯ дар давраи сессияи имтиҳонии фаъол танҳо як маротиба имтиҳон қабул менамояд.

21) Маротибаи дуюм қабули имтиҳонро аз донишҷӯе, ки дар давраи сессияи имтиҳонии фаъол баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтааст, пас аз триместр комиссияи махсуси таъсисдодаи қисми таълими муассиса, факултет ва кафедра бо иштироки омӯзгори фанни дахлдор амалӣ менамояд. Дар сурати дар триместр баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтан донишҷӯ аз Донишгоҳ хориҷ карда мешавад.

Ҳамчунин, иҷозат дода мешавад, ки имтиҳон маротибаи дуюм бо истифода аз технологияи иттилоотиву коммуникатсионии муосир тибқи тартиби муайяннамудаи раёсат ё шуъбаи таълими Донишгоҳ дар шакли тестӣ қабул карда шавад.

22) Ҷадвали имтиҳонро, ки салоҳияти тартиб ва таҳияи он ба зимаи муовини декани факултет оид ба таълим вогузор шудааст, муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим тасдиқ менамояд. Фосилаи байни имтиҳонҳо дар низоми кредитии таҳсилот дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ на камтар аз 1 – 2 рӯзро ташкил медиҳад. Ҷадвали имтиҳонӣ 2 ҳафта қабл аз оғози имтиҳонҳо тасдиқ гардида, мавриди таваҷҷуҳи омӯзгорону донишҷӯён қарор дода мешавад.

23) Санадҳои танзимкунандаи сессияи имтиҳонӣ иборатанд аз:

– варақаи имтиҳонӣ;
– варақаи имтиҳонии ҷамъбастӣ;
– варақаи имтиҳонии умумӣ;
– транскрипт;

24) Санади кории деканат варақаи имтиҳонӣ, замимаи умумӣ (маҷмуи варақаҳои имтиҳонӣ) ва имтиҳонии ҷамъбастӣ ба шумор меравад.

25) Варақаи имтиҳонӣ дар шуъбаи бақайдгирӣ ва машваратӣ (шуъбаҳои дахлдор) ва деканат сабту дарҷ карда мешавад. Шумораи донишҷӯёни гурӯҳҳои таълимии ба варақаи имтиҳонӣ воридшуда, бо имзои декани факултет тасдиқ карда мешавад. Варақаи имтиҳонӣ бевосита дар рӯзи имтиҳон ва қабл аз оғози имтиҳон ба ихтиёри омӯзгори имтиҳонгиранда вогузор карда мешавад. Омӯзгори дахлдор вазифадор аст, ки оид ба гирифтани варақаҳо дар китоби сабти варақаҳои имтиҳонӣ дар маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ имзо гузорад.

26) Варақаи имтиҳонӣ худи ҳамон рӯз, баъди итмоми имтиҳон ба маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ (шуъбаҳои дахлдор) баргардонида мешавад. Дар мухлати муайяншуда насупоридани варақаи имтиҳонӣ (дар рӯзи баргузории имтиҳон) аз тарафи маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ Донишгоҳ қабул карда намешавад.

27) Дар сурати тамдид кардани муҳлати сессия, барҳамдиҳии қарздорӣ ва ё фарқиятҳои академӣ ба донишҷӯ варақаи имтиҳонии алоҳида дода мешавад. Омӯзгори имтиҳонгиранда вазифадор аст, ки баъд аз анҷом додани қабули имтиҳон дар ҳамон рӯз варақаи имтиҳониро ба маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ баргардонад. Варақаи имтиҳонӣ дар деканат ва маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ сабт мегардад.

28) Дар варақаи имтиҳонӣ ҷиҳати сабт намудани натиҷаи супоридани имтиҳони такрории донишҷӯён, номи фан, ному насаби омӯзгор, ёвари ӯ ва таърихи рӯзи қабули имтиҳон дарҷ карда мешаванд.

29) Варақаҳои имтиҳонӣ, ҷамъбастӣ ва умумии гурӯҳҳои донишҷӯён ҳамчун ҳуҷҷати ҳисоботӣ то хатми Донишгоҳ дар маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ (шуъбаҳои даҳдор) нигоҳ дошта мешавад.

30) Дар сурати аз ҷониби омӯзгор ва ё шахси мутасаддӣ роҳ додан ба иштибоҳ, дар вақту замон ислоҳ накардан ва ба деканат пешниҳод накардани онҳо, ки сабабгори хориҷшавии донишҷӯ ё таъин нагардидани стипендия ва дигар омилҳои нохуш мегарданд, мутобиқи қонунгузории ҷорӣ чунин шахсон ба ҷазои интизомӣ кашида мешаванд.

31) Натиҷаи имтиҳонҳо барои муқаррар кардани стипендия, интиқол ба дигар курс ва додани ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти олии касбӣ асос шуда метавонад.

32) Дар ҳолати бо сабабҳои узрнок, ки бо пешниҳоди асноди тасдиққунанда асоснок карда мешавад (беморӣ, вазъи оилавӣ, даъват ба мақомоти маъмурӣ ва назоратӣ, дар мухлати напардохтани маблағи ҳаққи таҳсил, дар вақту замон барои супоридани имтиҳон имкон пайдо накардани донишҷӯ, декани факултет бо мувофиқаи муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим муҳлати иловагии супоридани имтиҳонҳоро барои чунин донишҷӯ муайян менамояд, ки он бо фармоиши ректор тамдид карда мешавад.

33) Ба раванди имтиҳон ба истиснои шахсони масъул роҳ ёфтани дигарон қатъиян манъ аст.

34) Донишҷӯи аз натиҷаи имтиҳон қаноат ҳосил накарда, ҳуқуқ дорад, ки дар давоми як рӯз баъд аз анҷоми имтиҳон ба комиссияи апеллятсионӣ муроҷиат намояд. Барои иҷрои ин амал вазифадор аст, ки ба декани факултет ва ё ректори Донишгоҳ бо ариза муроҷиат намояд. Дархости донишҷӯ дар асоси аризаи ӯ оид ба гузаронидани апеллятсия дар муддати 48 соат аз лаҳзаи эълон гардидани натиҷаи имтиҳони ниҳоӣ баррасӣ карда мешавад.

## IV. ИҶОЗАТДИҲӢ БА СЕССИЯИ ИМТИҲОНӢ

35) Донишҷӯ ба сессияи имтиҳонӣ дар ҳолате роҳ меёбад, ки агар иҷрои корҳои амалӣ, эҷодӣ, назоратӣ, курсӣ, маҷмуи дигар талаботи ҷойдошта ва дар давоми ҳамон семестр (даври академӣ) комилан супоридани имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳо)-ро, ки тибқи нақшаи таълимӣ муқаррар гардидааст, ба анҷом расонида бошад.

36) Натиҷаи дифои корҳои назоратӣ, лоиҳа ва корҳои курсӣ дар варақаҳои алоҳида, ки барои ҳамин фанни таълимӣ пешбинӣ шудааст, дарҷ мегардад. Аз натиҷаи дифои корҳои мазкур ба деканат 10 рӯз пеш аз оғози сессияи имтиҳонӣ варақаҳо пешниҳод карда мешаванд.

37) Декани факултет бояд донишҷӯёнеро, ки ба имтиҳон роҳ дода нашудаанд, зери назорат гирифта, барои бартараф намудани қарздории онҳо тадбирҳои зарурӣ андешад.

38) Мутобиқи талаботи мавҷуда барои донишҷӯёни ҳамаи курсҳо, ду сессияи имтиҳонӣ – сессияи имтиҳонии зимистона ва тобистона ба нақша гирифта шудааст.

39) Барои донишҷӯёни қарзи академидошта мувофиқи ҷадвали дарсӣ дар давраи таътил ба таври иловагӣ семестри иловагӣ (триместр) ташкил карда мешавад.

40) Дар сурати дар варақаи имтиҳонӣ мавҷуд набудани натиҷаи (баҳои) корҳои назоратӣ (контролӣ), лоиҳа ва корҳои курсӣ дар муқобили ному насаби донишҷӯ ибораи «иҷозат дода нашуд» сабт карда мешавад.

41) Дар сурате ки донишҷӯ доир ба ин ва ё он фанни таълимии дар нақшаи таълимӣ пешбинишуда лоиҳаву корҳои курсиро саривақт дифоъ накарда бошад, ӯ аз супоридани имтиҳони он фан маҳрум карда мешавад.

## V. ИМТИҲОН

42) Имтиҳон дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ, тестӣ ва эҷодиву маҳорат (барои ихтисосҳои санъат ва рассомӣ – графикӣ) вобаста ба қобилияти касбии донишҷӯ, дониш, малака, истеъдод ва маҳорат бо меъёри баҳогузории холҳои бадастовардаи донишҷӯ ва ифодаи ададию ҳуруфии баҳо муайян карда мешавад. Имтиҳонҳо дар шакли омехта метавонад қиман ва ё ҳама шаклҳои имтиҳонҳо (шифоҳӣ, хаттӣ, тестӣ ва эҷодиву маҳорат)-ро фаро гирад.

43) Имтиҳон дар асоси билетҳои имтиҳонӣ, ки дар заминаи барнома ва нақшаи таълимӣ таҳия шудаанд, қабул карда мешавад.

44) Билетҳои имтиҳонӣ ва ё саволномаҳо барои имтиҳони хаттӣ ва тестиро кафедраи дахлдор тартиб дода, дар ҷаласаи кафедра мавриди баррасӣ қарор медиҳад, сипас онҳоро тасдиқ карда, бо муҳри факултет ба расмият медарорад. Тасдиқи билетҳои имтиҳонӣ дар суратҷаласаи кафедра ҳатмӣ мебошад.

45) Билети имтиҳонӣ фарогири мазмун, мундариҷа, муҳтавои барномаи фаннӣ ва стандарти давлатии таҳсилот мебошад. Имтиҳон тибқи муқаррароти ҷадвали имтиҳонии тасдиқшуда, аз ҷониби омӯзгор ва ёвараш ба амал бароварда мешавад. Бе ёвар ё ёварон қабул кардани имтиҳон манъ аст.

46) Саволномаҳои имтиҳонӣ бояд дар сомонаҳои шабакаи интернетии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷой дода шаванд.

47) Имтиҳон тибқи муқаррароти Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад. Вобаста ба имконияти Донишгоҳ имтиҳонҳо дар синфхонаҳои дорои камераҳои назоратӣ ташкил ва гузаронида мешаванд.

48) Дар раванди имтиҳонҳо ба донишҷӯи Донишгоҳ истифода бурдани телефони мобилӣ иҷозат дода намешавад.

49) Имтиҳони ниҳоиро комиссияе, ки кафедра таъсис додааст, қабул менамояд. Дар ҳайати он омӯзгори фанни дахлдор низ шомил мебошад. Имтиҳони ҷамъбастӣ фарогири мавзуъҳои фанни дахлдор мебошанд.

## VI. ҶАРАЁНИ ИМТИҲОН

50) Раванди қабули имтиҳон дар гурӯҳҳои таълимӣ тибқи нишондодҳои Тартиби мазкур ба роҳ монда мешавад.

51) Омӯзгори имтиҳонгиранда ҳуқуқ дорад, ки дар пояи муқаррароти барномаи фанни таълимӣ ҷиҳати муайян кардани сатҳи дониши андӯхтаи донишҷӯ саволгузорӣ намояд. Дар раванди имтиҳон донишҷӯ ҳуқуқ дорад, ки аз барномаи таълимии фанни марбута истифода барад.

52) Дар рафти имтиҳон донишҷӯ метавонад аз воситаҳои техникӣ (ба истисной телефони мобилӣ), асбобҳои аёнӣ ва барномаҳои намунавӣ истифода намояд.

Дар варақаи имтиҳонӣ холҳои бадастовардаи донишҷӯ ва ифодаи ададию ҳуруфии баҳо дарҷ мегардад.

Агар фанни таълимӣ аз ҷониби якчанд омӯзгор таълим дода шуда бошад, дар имтиҳон ҳамаи онҳо ширкат меварзанд, вале ба донишҷӯ бо машварати умумӣ танҳо як баҳо (хол) гузошта мешавад.

53) Дар муқобили ному насаби донишҷӯе, ки дар имтиҳон ширкат наварзидааст, омӯзгори имтиҳонгиранда ибораи «ҳозир нашуд»-ро қайд карда, имзо мегузорад.

54) Донишҷӯ дар давраи сессияи фаъол аз се имтиҳон пайдарпай баҳои «ғайриқаноатбахш» гирад, аз Донишгоҳ хориҷ карда мешавад.

55) Ба давраи дуввум ва давраҳои минбаъдаи имтиҳони такрорӣ донишҷӯёне рухсат дода мешаванд, ки аз як ё ду имтиҳон қарзи академӣ доранд.

56) Дар низоми кредитии таълим донишҷӯ бояд дар ҳаҷми на камтар аз 30 кредит фанҳоро (аз ҷумла, 100% фанҳои ҳатмиро) дар як семестр (даври академӣ) азхуд намояд.

57) Агар донишҷӯ дар давоми семестр на камтар аз 30 кредитро соҳиб гардад ва дар баробари ин, 100% фанҳои ҳатмии барои ин семестр муқарраршударо супорида бошад, дар семестри оянда таҳсилро идома медиҳад.

58) Меъёрҳои баҳодиҳӣ дар низоми кредитии таҳсилот мутобиқи Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олиии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин тарз муайян карда мешавад:

| Баҳо дар шакли ҳарфҳо | Ифодаи ададии холҳо | Фоизи ҷавобҳои дуруст % | Ифодаи анъанавии баҳо |
|---|---|---|---|

| | | | |
|---|---|---|---|
| A | 4,0 | 95 – 100 | Аъло |
| A – | 3,67 | 90 – 94 | |
| B+ | 3,33 | 85 – 89 | Хуб |
| B | 3,0 | 80 – 84 | |
| B – | 2,67 | 75 – 79 | |
| C+<br>C<br>C –<br>Д<br>Д – | 2,33<br>2,0<br>1,67<br>1,33<br>1,0 | 75 – 74<br>65 – 69<br>60 – 64<br>55 – 59<br>50 – 54 | Қаноатбахш |
| Fx | 0 | $45 \leq Fx < 50$ | Ғайриқаноатбахш |
| F[1] | 0 | $0 \leq F < 45$ | |

## VII. РОҲҲОИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ ҚАРЗДОРИИ АКАДЕМӢ

59) Такроран супоридани имтиҳон аз фанне, ки донишҷӯ дар сессияи имтиҳонӣ баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтааст, ҳангоми идомаи сессияи фаъол иҷозат дода намешавад.

60) Ба донишҷӯёне, ки дар давраи сессияи имтиҳонии фаъол баҳои Fx гирифтаанд, ҳуқуқи дар триместр супоридани имтиҳони фанни мазкурро бе омӯзиши такрории фан ва бе пардохти маблағ дода мешавад.

61) Барои донишҷӯи шакли таҳсили фосилавӣ (ғоибона), муҳлати супоридани-имтиҳонҳо то 1 моҳ қабл аз оғози семестри оянда муқаррар карда мешавад.

62) Кафедра ва таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти донишгоҳ барои донишҷӯёне, ки давраи таҷрибаомӯзиро сипарӣ карда, вале дар давоми муҳлати муқарраргардида аз натиҷаи он бархурдор нагардидаанд, ҷиҳати бартараф кардани қарзи академӣ муҳлати ду ҳафтаро муқаррар менамояд.

63) Раёсати донишгоҳ барои донишҷӯёне, ки дар сессияи имтиҳонӣ аз як ва ё ду фан баҳои ғайриқаноатбахш мегиранд, муҳлати супоридани такрории чунин имтиҳонҳоро муқаррар менамояд. Аз ду маротиба бештар супоридани имтиҳонҳо иҷозат дода намешавад.

64) Такроран супоридани имтиҳон барои иваз намудани баҳо дар сурате иҷозат дода мешавад, ки агар 75% баҳои гирифтаи донишҷӯ «аъло» бошад ва ҳамзамон ба ин донишҷӯи довталаб на бештар аз як фан баҳои

[1]Fx – баҳои ғайриқаноатбахшест, ки ба донишҷӯ ҳуқуқи дар омӯзиши такрории фан иштирок накарда, дар триместр бе пардохти маблағ супоридани имтиҳони фанни мазкурро медиҳад.

«3» дошта бошад. Ин амал бо иҷозати ректори донишгоҳ дар курси охир, як моҳ қабл аз оғози аттестатсияи хатм ба амал бароварда мешавад.

## VIII. НАТИҶАИ СЕССИЯИ ИМТИҲОНӢ

65) Донишҷӯе, ки ба пуррагӣ сессияи имтиҳонии соли ҷориро супоридааст, бо фармоиши ректор аз курс ба курс гузаронида мешавад.

66) Тибқи муқаррароти Тартиби хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯёни донишгоҳ бо пешниҳоди декани факултет ва фармоиши ректори донишгоҳ донишҷӯёне, ки дар супоридани имтиҳонҳо ноком мондаанд, аз донишгоҳ хориҷ карда мешаванд.

67) Дар дарсҳои муқаддимаи ихтисос ва тарбиявӣ барои донишҷӯён моҳияти имтиҳонҳо шарҳу тафсир карда мешавад.

68) Барои риоя накардани уҳдадориҳое, ки дар Оинномаи донишгоҳ ва қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, донишҷӯро метавон бо гирифтани баёноти хаттии ӯ ба ҷазои интизомӣ кашида, ҳатто, аз донишгоҳ хориҷ намуд. Дар ҳолати аз донишгоҳ хориҷ намудани донишҷӯ қабл аз оғоз кардани ин амал гирифтани баёноти хаттии донишҷӯ ҳатмист.

69) Барои донишҷӯёне, ки дар гурӯҳҳои буҷетӣ таҳсил намуда, дар давраи сессияи фаъол имтиҳонҳоро бо баҳои хубу аъло месупоранд, тибқи муқаррароти «Андоза ва тартиби пардохти стипендия ба донишҷӯён, аспирантон ва докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантон ва посдокторантон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна олии касбӣ ва илмию таҳқиқотӣ» стипендия таъин карда мешавад. Шакли варақаҳои имтиҳонӣ дар замимаи Тартиби мазкур пешниҳод мегардад (Намунаи №1).

## IX. АПЕЛЛЯТСИЯ

70) Апеллятсия амалест, ки бо мақсади муайян ва бартараф намудани ҳолатҳои баҳсноки баҳогузорӣ ба сатҳи дониши донишҷӯён ба амал бароварда мешавад.

71) Апеллятсияро дар ҳолате таъин менамоянд, ки ҳадафи ниҳоии он аз таъсир расонидан ба ҷамъи рейтингҳо ва натиҷаҳо баландгардонии баҳои сатҳи дониши донишҷӯ иборат мебошад.

72) Апеллятсия бо ташаббуси донишҷӯ дар ҳолатҳои зерин доир карда мешавад:

– саволи гузошташуда ҷавоби мушаххас ва аниқ надошта бошад;
– саволи гузошташуда аз доираи барномаи таълимӣ берун бошад.

73) Апеллятсия дар асоси аризаи донишҷӯ як рӯз баъд аз эълон гардидани натиҷаи имтиҳон доир карда мешавад.

74) Апеллятсия бо тартиби зерин гузаронида мешавад:

– донишҷӯи даъвогар вазифадор аст, ки дар рӯзи эълон шудани натиҷаи имтиҳон, бо нишондоди фан ва рақами тартибии саволе, ки бояд аз ҷониби аъзои комиссияи апеллятсиони аз нав дида баромада шавад, ба номи сардори маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ ариза супорад;

– сардори маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ аризаи донишҷӯро мавриди баррасӣ қарор дода, бо назардошти талаботи Тартиби мазкур оид ба зарурати доир кардани апеллятсия қарор қабул менамояд;

– сардори маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ фармоишро ҷиҳати таъсиси ҳайати комиссияи апеллятсионӣ, ки ба он сардори раёсат (шуъбаи)-и таълим, мудири кафедраи дахлдор ва омӯзгори дахлдор шомил мебошанд, бо имзои проректор оид ба таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ омода месозад, ки дар навбати худ ин ҳайат раванди апеллятсияро ба амал мебарорад;

– натиҷаи апеллятсия ба варақаи апеллятсионӣ, ки мутахассиси маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ омода намудааст, сабт карда мешавад;

– дар раванди апеллятсия тағйир додани рейтинги пешазимтиҳонии донишҷӯ манъ мебошад.

## X. АЗ ЭЪТИБОР СОҚИТ ДОНИСТАНИ ТАРТИБИ МАЗКУР

75) Аз эътибор соқит донистани Низомномаи гузаронидани сессияҳои санҷишию имтиҳонӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз эътибор соқит дониста мешавад.

# АНДОЗА ВА ТАРТИБИ ПАРДОХТИ СТИПЕНДИЯ БА ДОНИШҶӮЁН, АСПИРАНТОН ВА ДОКТОРАНТОН АЗ РӮИ ИХТИСОС, ДОКТОРАНТОН ВА ПОСТДОКТОРАНТОН ДАР ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Андоза ва тартиби пардохти стипендия ба донишҷӯён, аспирантон ва докторантон аз рӯи ихтисос, докторантон ва постдокторантон дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд - Тартиб) тартиби пардохти стипендияи давлатии академӣ ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсиолоти миёна ва олии касбӣ ва стипендияи давлатӣ ба аспирантон ва докторантон аз рӯи ихтисос, докторантон ва постдокторантон дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро муайян менамояд.

2. Стипендияи давлатии академӣ барои донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва стипендияи давлатӣ ба аспирантон ва докторантон аз рӯи ихтисос, докторантон ва постдокторантони гурӯҳҳои буҷетии шуъбаи рӯзонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо мақсади ҳавасманд гардонидан ва дастгирии иҷтимоии онҳо дар давраи азхудкунии барномаи таълимӣ муқаррар карда мешавад.

3. Стипендияи давлатии академӣ барои донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва стипендияи давлатӣ ба аспирантон ва докторантон аз рӯи ихтисос, докторантон ва постдокторантон бо пешниҳоди садорати факултетҳо ва сохторҳои илмӣ аз ҷониби комиссияи стипендиядиҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

4. Комиссияи стипендиядиҳӣ барои донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспирантон ва докторантон аз рӯи  ихтисос, докторантон ва постдокторантон бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис дода мешавад. Ба ҳайати комиссия намояндагони қисми таълим, маркази бақайдгирӣ ва машварат, садорати факултетҳо, сохторҳои илмӣ, кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён, созмони ҷавонон ва муҳосибот дохил мешаванд.

5. Руйхати донишҷӯён, аспирантон ва докторантон аз рӯи  ихтисос, докторантон ва постдокторантон, ки ба онҳо стипендия таъин мегардад, дар асоси қарори комиссияи стипендиядиҳи бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

6. Донишҷӯён, аспирантон ва докторантон аз рӯи ихтисос, докторантон ва постдокторантоне, ки бо қарори комиссияи стипендиядиҳӣ ба фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба таъини стипендия дохил нагардидаанд ва аз қарор розӣ нестанд,

ҳуқуқ доранд ба ректори донишгоҳ бо ариза мурожиат намоянд. Комиссияи стипендиядиҳӣ бо супориши ректори донишгоҳ масъаларо баррасӣ намуда, қарори дахлдор қабул менамояд.

## III. ТАРТИБИ ПАРДОХТИ СТИПЕНДИЯИ ДАВЛАТИИ АКАДЕМӢ БА ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

7. Стипендияи давлатии академӣ дар асоси ҷамъбасти натиҷаҳои сессияҳои имтиҳонӣ (зимистона ва тобистона) дар як соли таҳсил ду маротиба (барои ҳар як давраи академӣ) бо дар назар доштани дастовардаҳои таълимии донишҷӯён ҳангоми азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо, соҳиб гардидани рейтинги баланди академӣ, натиҷаҳои назарраси илмию таҳқиқотӣ ва иштироки фаъолонаи ӯ дар корҳои ҷамъиятии донишгоҳ таъин ва пардохт карда мешавад.

8. Фонди стипендияи давлатии академӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба андозаи 60 фоизи шумораи умумии донишҷӯён муқаррар карда мешавад. Ин таносуб ба донишҷӯёне, ки аз ҳисоби буҷети давлат дар шуъбаи рӯзона таҳсил мекунанд, тааллуқ дорад.

9. Барои донишҷӯёне, ки дар гурӯҳҳои шартномавӣ таҳсил мекунанд, стипендия тибқи муқаррароти шартнома аз тарафи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъин ва пардохт карда мешавад.

10. Стипендияи давлатии академӣ барои донишҷӯёни курси 1 аз давраи академии (семестри) якум аз рӯи натиҷаи баҳои дар имтиҳони дохилшавӣ гирифтаи онҳо бо тартиби муқарраршуда таъин карда мешавад.

11. Дар давраи академии (семестри) дуюми курси 1 ва давраҳои минбаъдаи академии (семестрҳои) курсҳои болоии донишҷӯён ва курсҳои 2-4 (ё 2-5) – барои зинаи бакалавр (ё мутахассис) ва курси 2 барои зинаи магистратураи донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон стипендияи давлатии академӣ дар асоси натиҷаи сессияҳои имтиҳонӣ аз моҳи авали семестри минбаъда таъин карда мешавад.

12. Ба донишҷӯёни гурӯҳи буҷетӣ, ки барномаи таълимии ҳар як фанни таълимиро мутобиқи талаботи нақшаи таълимии самти (ихтисоси) амалкунанда дар ҳудуди на камтар аз 65 фоиз (дар вақти муайяншудаи сессияи имтиҳонӣ) аз худ менмоянд, стипендияи давлатии академӣ муқаррар карда мешавад. Дар ҳолати аз ҳадди ақалли фоизи таъин намудани стипендияи давлатии академӣ ба натиҷаи пасттар соҳиб гардидани аксарияти донишҷӯёни гурӯҳи буҷетӣ Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон метавонад ин нишондиҳандаро бо қарори шурои олимон камтар муқаррар намояд.

13. Ба донишҷӯёне, ки баҳои Ҷ (ғайриқаноатбахш) гирифтаанд, ё ин ки дар имтиҳонҳо иштирок накардаанд, баъди итмоми сессияи имтиҳонӣ, новобаста аз он кик адом баҳои мусбатро мегиранд, стипендияи давлатии академӣ дода намешавад. Натиҷаи баҳои таҷрибаомӯзӣ, фанҳои иловагӣ ва тахассусӣ зимни муқаррар намудани стипендия ба инобат гирифта намешаванд.

14. Барои донишҷӯёни ятиму бепарастор, маъюбони гурӯҳҳои I ва II стипендияи давлатии академӣ, новобаста ба натиҷаи таҳсил, пардохт карда мешавад.

Ба донишҷӯёни тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилкунанда, ки натиҷаи азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо аз ҷониби онҳо аз 65 фоиз паст мебошад, дар асоси қарори комиссияи стипендиядиҳӣ бо нишон додани вазъи таъминоти иқтисодию иҷтимоӣ стипендияи давлатии академӣ муқаррар карда мешавад.

15. Ба донишҷӯёне, ки аз дигар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ё аз як факултет ба факултети дигар интиқол шудаанд, аз таҳсилоти ғоибона ба таҳсилоти рӯзона гузоштаанд, баъд аз бартараф кардани тамоми қарзҳо мувофиқи нақшаи таълимӣ вобаста аз натиҷаи охирини сессияи имтиҳонӣ стипендияи давлатии академӣ амалӣ карда мешавад.

16. Дар давраи рухсатии академӣ ба донишҷӯён стипендияи давлатии академӣ пардохт карда намешавад. Баъди бозгашт аз рухсатии академӣ пардохти стипендия мувофиқи натиҷаи сессияи имтиҳонии охирин (то баромадан ба рухсатии академӣ) амалӣ карда мешавад.

17. Ба донишҷӯёне, ки бо сабабҳои гуногун ба курсашон такроран мондаанд, дар тамоми вақти соли таҳсили такрорӣ стипендияи давлатӣ таъин ва пардохт карда намешавад.

18. Ба донишҷӯёне, ки нафақапулӣ ё дигар намуди кумакпулӣ мегиранд, стипендияи давлатии академӣ аз рӯи талаботи умумӣ мувофиқи тартиби мазкур таъин ва пардохт карда мешавад.

## IV. ТАРТИБИ ПАРДОХТИ СТИПЕНДИЯИ ДАВЛАТӢ БА АСПИРАНТОН ВА ДОКТОРАНТОН АЗ РӮИ ИХТИСОС, ДОКТОРАНТОН ВА ПОСТДОКТОРАНТОН ДАР ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

19. Ба аспирантон ва докторантон аз рӯи ихтисос, докторантон ва постдокторантон шуъбаи рӯзонаи гурӯҳҳои буҷетӣ дар асоси қарори

шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон стипендияи давлатӣ таъин карда мешавад.

20. Ба аспирантоне, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил мекунанд, дар муддати рухсатӣ стипендияи давлатиро муассисаҳои мазкур пардохт менамоянд.

21. Таъмини постдокторантон бо стипендияи давлатӣ дар постдокторантураи мақсаднок ба зиммаи муассисае, ки онҳоро ба постдокторантура равон намудааст, вогузор гардида, ҳангоми мавҷуд будани созишномаҳои байнидавлатӣ амалӣ карда мешавад.

## V. АНДОЗАИ СТИПЕНДИЯИ ДАВЛАТИИ АКАДЕМӢ БА ДОНИШҶӮЁН, СТИПЕНДИЯИ ДАВЛАТӢ АСПИРАНТОН ВА ДОКТОРАНТОН АЗ РӮИ ИХТИСОС, ДОКТОРАНТОН ВА ПОСТДОКТОРАНТОН ДАР ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

22. Андозаи стипендияи давлатии академӣ ба донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, стипендияи давлатӣ аспирантон ба аспирантон ва докторантон аз рӯи ихтисос, докторантон ва постдокторантон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шуда, дар мавриди қабули фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба зиёдшавии стипендияҳои мазкур тағйир меёбад.

23. Стипендияи давлатии академӣ барои донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Точикистон ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

– ба дорандагони баҳоҳои А, А- («аъло») -150 сомонӣ дар як моҳ;

– ба дорандагони баҳоҳои В+, В, В («хуб») ва А, А- («аъло») 105 сомонӣ дар як моҳ;

– ба дорандагони баҳоҳои В+, В, В, С+, С, С- («аъло», «хуб» ва «қаноатбахш»), ки миқдори баҳои «қаноатбахш»-и онҳо аз 20 фоиз зиёд набоашад,  40 сомонӣ дар як моҳ.

24. Стипендияи давлатии академӣ барои донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Точикистон ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

– ба дорандагони баҳоҳои А, А- («аъло») -208 сомонӣ дар як моҳ;

– ба дорандагони баҳоҳои В+, В, В («хуб») ва А, А- («аъло») 150 сомонӣ дар як моҳ;

– ба дорандагони баҳоҳои В+, В, В, С+, С, С- «аъло», «хуб» ва «қаноатбахш», ки миқдори баҳои «қаноатбахш»-и онҳо аз 20 фоиз зиёд набоашад,  56 сомонӣ дар як моҳ.

25. Стипендияи давлатии академӣ барои донишҷӯёни магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

– ба дорандагони баҳоҳои А, А- («аъло») -250 сомонӣ дар як моҳ;

– ба дорандагони баҳоҳои В+, В, В («хуб») ва А, А- («аъло») 200 сомонӣ дар як моҳ.

26. Ба аспирантони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон стипендияи давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ давлатӣ дар як моҳ 490 сомонӣ пардохт карда мешавад.

27. Ба докторантон аз рӯи ихтисос ба андозаи стипендияи давлатии барои аспиратон муқарраргардида астипендия давлатӣ пардохт карда мешавад.

28. Ба докторантон ва постдокторантон ба андозаи на камтар аз маоши дотсент стипендияи давлатӣ пардохт карда мешавад. Стипендияи мазкур аз тарафи муассисае, ки докторант ва ё постдокторантро фиристодааст, ҷудо карда мешавад.

29. Ба аспирантон ва докторантон аз рӯи ихтисос, докторантон ва постдокторантон аз ҳисоби маблағҳои махсус тариқи озмун стипендияҳои иловагиро дар доираи имконияти донишгоҳ муқаррар кардан мумкин аст.

МУНДАРИҶА


| | | |
|---|---|---|
| 1. | Фармоиши ректори ДМТ «Дар бораи амалишавии қарори Шурои олимони ДМТ» | 2. |
| 2. | Фармоиши ректори ДМТ «Дар бораи тасдиқи Низомномаҳои раёсат, шуъба ва бахшҳои ДМТ» | 3. |
| 3. | Қарори Шурои олимони ДМТ Дар хусуси аз нав қабул намудани «Низомномаҳои раёсат, шуъба ва бахшҳои ДМТ» ва аз эътибор соқит намудани «Низомномаҳои раёсат, шуъба ва бахшҳои ДМТ» | 4. |
| 4. | Низомномаи Шурои олимон | 5 – 11 |
| 5. | Низомномаи Шурои илмию методӣ | 12 – 15 |
| 6. | Низомномаи раёсати таълим | 16 – 25 |
| 7. | Низомномаи Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус | 26 – 29 |
| 8. | Низомномаи раёсати илм | 30 – 34 |
| 9. | Низомномаи раёсати инноватсия | 35 – 38 |
| 10. | Низомномаи раёсати маъмурию хоҷагӣ | 39 – 43 |
| 11. | Низомномаи шуъбаи бақайдгирии ҳуҷҷатҳо | 44 – 47 |
| 12. | Низомномаи шуъбаи ҳуқуқ | 48 – 52 |
| 13. | Низомномаи Литсейи равияи табиӣ – риёзии назди ДМТ | 53 – 58 |
| 14. | Низомномаи шуъбаи магистратура | 59 – 63 |
| 15. | Низомномаи шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ | 64 – 73 |
| 16. | Низомномаи шуъбаи музди меҳнат | 74 – 84 |
| 17. | Низомномаи шуъбаи банақшагирӣ, ояндабинӣ ва тадбиқи буҷет | 85 – 86 |
| 18. | Низомномаи шуъбаи кор бо маблағҳои ғайрибуҷетӣ | 87 – 90 |
| 19. | Низомномаи шуъбаи молу мавод | 91 – 94 |
| 20. | Низомномаи шуъбаи стипендия | 95 – 97 |
| 21. | Низомномаи Маркази инноватсияи назди раёсати инноватсияи | 98 – 101 |
| 22. | Низомномаи Маркази табъу нашр, багардон ва тарҷума | 102 – 104 |
| 23. | Низомномаи Маҷаллаи илмии «Муҳаққиқи ҷавон» | 105 – 107 |
| 24. | Низомномаи силсиламаҷаллаҳои илмӣ («Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Илм ва фановарӣ» ва «Илм ва инноватсия») | 108 – 115 |

| | | |
|---|---|---|
| 25. | Низомномаи шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ | 116 – 121 |
| 26. | Низомномаи Докторантура (анъанавӣ), докторантураи Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос, унвонҷӯӣ, муҳаққиқ - коромӯз, ходими илмӣ ва қабули имтиҳони номзадӣ дар ДМТ | 122 – 143 |
| 27. | Низомномаи Маркази иттилоотӣ – таҳлилӣ | 144 – 145 |
| 28. | Низомномаи котиботи шуроҳои диссертатсионӣ | 146 – 148 |
| 29. | Низомномаи Маркази биотехнологӣ | 149 – 154 |
| 30. | Низомномаи китобхонаи илмии ДМТ | 155 – 159 |
| 31. | Низомномаи бахши дипломҳо | 160 – 163 |
| 32. | Низомномаи бахши бойгонии | 164 – 168 |
| 33. | Низомномаи шуъбаи кадри донишҷӯён | 169 – 172 |
| 34. | Низомномаи бахши хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ | 173 – 176 |
| 35. | Низомномаи шуъбаи хобгоҳҳо | 177 – 179 |
| 36. | Низомномаи хобгоҳи ҷумҳуриявии докторантони назди ДМТ | 180 – 188 |
| 37. | Низомномаи бахши таъминот | 189 – 190 |
| 38. | Низомномаи бахши ҳифзи меҳнат | 191 – 192 |
| 39. | Низомномаи шуъбаи мудофиаи шаҳрвандӣ | 193 – 195 |
| 40. | Низомномаи шуъбаи сохтмони асосӣ | 196 – 201 |
| 41. | Низомномаи сохтори бинои таълимӣ ва хобгоҳо | 202 – 204 |
| 42. | Низомномаи дастаи ихтиёрии оташнишонон | 205 – 209 |
| 43. | Низомномаи сохтори сехи дуредгарӣ | 210 – 212 |
| 44. | Низомномаи шуъбаи хӯроки умумӣ | 213 – 215 |
| 45. | Низомномаи шуъбаи тарбия | 216 – 221 |
| 46. | Низомномаи Ансамбли халқии «Наврӯз» | 222 – 225 |
| 47. | Низомномаи Осорхона | 226 – 229 |
| 48. | Низомномаи бахши кор бо духтарон ва занон | 230 – 233 |
| 49. | Низомномаи ассотсиатсияи волидайни донишҷӯён | 234 – 237 |
| 50. | Низомномаи Шурои сарпарастон (кураторон) | 238 – 243 |
| 51. | Низомномаи шуъбаи кор бо ҷавонон | 244 – 250 |
| 52. | Низомномаи Маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ | 251 – 261 |

| | | |
|---|---|---|
| 53. | Низомнома доир ба ташкили таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ, пешаздипломӣ, илмӣ-омӯзгорӣ ва илмӣ-таҳқиқотии бакалаврон ва магистрантон | 262 – 273 |
| 54. | Низомномаи Шурои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии назди ДМТ | 274 – 277 |
| 55. | Низомномаи шуъбаи назорати сифати таҳсилоти раёсати таълим | 278 – 281 |
| 56. | Низомномаи шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият | 282 – 291 |
| 57. | Низомномаи шуъбаи дуюм | 292 – 294 |
| 58. | Низомномаи Шурои машваратии парки технологии Донишгоҳи миллии тоҷикистон | 295 – 300 |
| 59. | Низомномаи факултет | 301 – 306 |
| 60. | Низомномаи факултети ҳуқуқшиносӣ | 307 – 318 |
| 61. | Низомнома оид ба бахши мушовирони академӣ (эдвайзерҳо) | 319 – 327 |
| 62. | Низомномаи кафедра | 328 – 335 |
| 63. | Низомномаи иштирок дар озмуни вазифаҳои ҳайати омӯзгорони ДМТ | 336 – 340 |
| 64. | Низомномаи неруҳои ғайриҳарбии мудофиаи граждани̇ | 341 – 353 |
| 65. | Низомномаи Маркази омӯзиши забонҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | 354 – 357 |
| 66. | Низомномаи Институти илмию таҳқиқотии ДМТ | 358 – 386 |
| 67. | Низомномаи Сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | 387 – 389 |
| 68. | Тартиби гузаронидани курси «САРВАРОНИ – СИЁСӢ» | 390 – 396 |
| 69. | Тартиби гузаронидани курси омӯзишии «ЗАН – САРВАР» | 397 – 401 |
| 70. | Тартиби реҷаи ягонаи зиддисӯхторӣ дар ДМТ | 402 – 410 |
| 71. | Тартиби қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва омехта | 411 – 419 |
| 72. | Андоза ва тартиби пардохти стипендия ба донишҷӯён, аспирантон ва докторантон аз рӯи ихтисос, докторантон ва постдокторантон дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | 423 – 426 |
| 73. | Мундариҷа | 427 – 430 |